Следует отметить, что внедрение системы грейдов при учете оплаты труда позволяет определить ценность и важность должности не только исходя из текущих требований предприятия, но и с учетом стратегии ее развития. Система грейдов также позволяет оптимизировать систему оплаты труда, в том числе на основе оценки соответствия работника занимаемой должности и на этой основе создания условий для профессионального и карьерного роста.

Как известно, на сегодняшний день на промышленных предприятиях Республики Таджикистан используется тарифная система оплаты труда. Тарифная система, как и система грейдов, определяет иерархическую структуру должностей, где оклады устанавливаются по нарастающему признаку. Отличие тарифной системы от грейдов заключается в том, что при тарифной системе используются утвержденные справочники, а при системе грейдов менеджмент предприятия самостоятельно определяет требования к разным профессиям и должностям.

Исследование теории и практики грейдирования показывает, что оно позволяет повысить экономическую обоснованность, ясность и прозрачность, обеспечить справедливость и однородность, а также рыночную конкурентоспособность промышленных предприятий, что особенно актуально в условиях рыночной экономики.

Наиболее существенные отличия между тарифной системой и системой грейдов отражены на рис. 1.

Как показано на рисунке, применение системы грейдов дает больше свободы и автономности при выборе методики определения вознаграждения и систематизации должностей при расчете оплаты труда. Кроме того, размещение должностей с учетом их значимости для предприятий позволяет повысить эффективность расходования средств на вознаграждение.




Источник: разработано автором

**Рисунок 1. - Основные отличия тарифной системы и системы грейдов при определении оплаты труда**

На наш взгляд, целесообразно было бы ввести грейдовую систему оплаты труда на промышленных предприятиях Республики Таджикистан. В данном исследовании нами обосновано применение системы грейдов в ООО СП «Анзоб». Для получения описания должностей нами использованы должностные инструкции предприятия, где содержится информация о должностях, требованиях к ним, а также уровне квалификации. В продолжении для каждой должности нами определены соответствующие количества баллов. Хотя на практике используются разные варианты построения оценочных шкал, нами при этом апробирована самая простая методика построения шкалы, т.е. пять уровней, и соответственно от 0 до 4 бала.

На практике при внедрении системы грейдов используются различные подходы к выбору критериев, но наиболее стандартизированной является методика Хея. Для установления факторов проводится оценка рабочего места, описание содержания работы, требования к должности, рабочему месту, а также критерии качественного выполнения работы. Важным при выборе факторов также является вид деятельности и стратегии развития хозяйствующего субъекта. При этом также учитываются ценности предприятия и интересы всех сторон. Согласно методике Хея, можно выделить следующие основные группы факторов, которые могут послужить основой для определения ценности и значимости рабочих мест: профессиональные знания, необходимые навыки; ответственность; сложность и новизна решаемых задач.

На практике промышленных предприятий фактор «профессиональные знания и необходимые навыки» используется для определения уровня технической подготовленности работника, знаний работником технологий и практических процедур, а

также теоретических знаний в области профессиональных дисциплин. Фактор «ответственность» определяет степень ответственности за результат деятельности, а фактор «сложность и новизна решаемых задач» включает в себя решение стандартных и нестандартных задач при выполнении работ или оказания услуг.

Следует отметить, что внедрение системы грейдов в системе информационного обеспечения учета вознаграждения требует применения оптимального по количеству и содержанию факторов, которые не должны пересекаться. В зарубежных компаниях, к примеру, используются от трех до двадцати одного фактора, а часто используемые факторные шкалы включают от трех до восьми уровней. На практике факторы ранжируются в зависимости от степени важности, значимости тех или иных факторов для организации, а их удельный вес в общем количестве факторов определяется в максимальных баллах (обычно это 100%).

Обзор зарубежной практики позволяет отметить, что они часто используют следующие группы факторов при оценке должностей: степень полномочий; масштаб действий (численность, оборот); степень влияния на результат; профессиональные знания; управленческие навыки; навыки взаимодействия и сложность принятия решений. Выбор факторов также связана со спецификой деятельности предприятия, так как особенности рабочего места и должности на разных предприятиях представляют разную значимость. К примеру, для промышленного предприятия важны профессиональные и технические навыки, для торговых ответственность и навыки в области коммуникации и взаимодействия.

На сегодняшний день используются два подхода к разработке факторных шкал с учетом веса и балльных значений интервалов между уровнями факторов. При использовании первого подхода максимальный балл умножается на вес данного фактора и делится на 100%. При втором подходе используются те же факторы, но здесь используются разные факторы разного количества уровней. В табличной форме рекомендуемый шаг и количество баллов по каждому фактору выглядит следующим образом (Табл. 1.).

**Таблица 1. - Балльно-факторная матрица**

| № | Измерение факторов | Весовой коэффициент % | Минимальное количество баллов | Количество баллов | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 1 | Свобода действий | 10 | 10 | 10 | 11 | 13 | 16 | 20 | 25 | 31 | 38 |
| 2 | Масштаб действий, величина действий | 20 | 20 | 20 | 23 | 27 | 32 | 38 | 45 | | |
| 3 | Степень воздействия на результат | 20 | 20 | 20 | 23 | 27 | 32 | 38 | | | |
| 4 | Профессиональные знания | 15 | 15 | 15 | 18 | 22 | 27 | 33 | 40 | 48 | |
| 5 | Управленческие навыки | 10 | 10 | 10 | 11 | 13 | 16 | 20 | | | |
| 6 | Навыки взаимодействия | 10 | 10 | 10 | 11 | 13 | 16 | 20 | | | |
| 7 | Сложность решаемых задач | 15 | 15 | 18 | 22 | 27 | 32 | | | | |

Источник: разработано автором

Необходимо подчеркнуть, что оценку производят только в отношении к рабочему месту или должности, а не к конкретному сотруднику, так как оно производится для всех уровней должностей и рабочих мест, например, от неквалифицированного рабочего до уровня топ-менеджеров. Суммарный результат оценки определяется на основе обобщения

суммы баллов по разным факторам. Кроме того, должности разбивают по грейдам и на основе суммирования баллов производится расчет грейдов. Здесь также определяется степень грейда, который отражает внутреннюю структуру грейда. После определения факторов и величины баллов по каждому из них определяется иерархия должностей (табл. 1).

Как показывают результаты исследования, именно степень грейда служит основой для установления размера оклада работника и отражается с помощью специального коэффициента. В системе грейдов оклад определяется на основе умножения данного коэффициента на минимальное значение, т.е. на базовую ставку. В случае индексации заработанной платы производится увеличение базовой ставки, т.е. после этого все ставки автоматический повышаются.

**Таблица 2. - Коэффициенты значимости факторов оценки в %**

| № | | Коэффициент значимости |
|---|---|---|
| 1. | Свобода действий | 10 |
| 2. | Масштаб действий, величина действий | 20 |
| 3. | Степень воздействия на результат | 20 |
| 4. | Профессиональные знания | 15 |
| 5. | Управленческие навыки | 10 |
| 6. | Навыки взаимодействия | 10 |
| 7. | Сложность решаемых задач | 15 |
| Всего | | 100 |

Источник: разработано автором

Следующим этапом выступает установление диапазона определения объема вознаграждения для каждой должности, который включен в систему грейдов. Диапазон включает квалифицированной коэффициент Kmin, т.е. нижнее значение в системе грейдов, коэффициент Kmax верхнее значение. Рассмотрим расположение баллов в системе грейдов по каждой должности (табл. 3).

**Таблица 3. - Таблица построения межквалификационных соотношений должностей**

| Грейд | Kmin | Kmax | Среднее значение диапазона $К_{средний}$ | Абсолютное рост $К_{средний}$ | Относительный рост $К_{средний}$ | Ширина диапазона | Конец диапазона |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | 3,6 | 5,0 | 4,4 | 0,8 | 18,1 | 1,6 | 0,8 |
| 6 | 2,8 | 4,4 | 3,6 | 0,8 | 22,2 | 1,6 | 0,8 |
| 5 | 2,4 | 3,6 | 2,8 | 0,8 | 28,6 | 1,6 | 0,8 |
| 4 | 2,0 | 2,8 | 2,0 | 0,4 | 20,0 | 0,8 | 0,4 |
| 3 | 1,6 | 2,0 | 1,6 | 0,4 | 25,0 | 0,8 | 0,4 |
| 2 | 1,4 | 1,8 | 1,2 | 0,4 | 16,7 | 0,8 | 0,4 |
| 1 | 1 | 1,6 | 1,0 | | | | |

Источник: разработано автором

В вышеприведенной таблице определены минимальный и максимальный коэффициенты, абсолютный и относительный рост, а также ширина и конец диапазона. На основе данной таблицы установим оклад работников по каждой должности на основе их умножения на минимальный размер оплаты труда (МРОТ), который в Республике Таджикистан с 1 июля 2022 г. установлена в размере 600 сомони [9].

**Таблица 4. - Пример установления диапазона должностных окладов в ООО СП «Анзоб» (сомони)**

| Грейд | Минимальный оклад, сомони | Максимальный оклад, сомони | Средний оклад, сомони | МРОТ | Kmin | Kmax |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **7** | 2160 | 3000 | 2580 | 600 | 3,6 | 5,0 |
| **6** | 1680 | 2640 | 2160 | 600 | 2,8 | 4,4 |
| **5** | 1440 | 2160 | 1800 | 600 | 2,4 | 3,6 |
| **4** | 1200 | 1680 | 1440 | 600 | 2,0 | 2,8 |
| **3** | 960 | 1200 | 1080 | 600 | 1,6 | 2,0 |
| **2** | 840 | 1080 | 960 | 600 | 1,4 | 1,8 |
| **1** | 600 | 960 | 780 | 600 | 1 | 1,6 |

Источник: расчеты автора

На завершающем этапе производится сравнение фактических должностных окладов работников промышленного предприятия с вилками должностных окладов, установленных для соответствующего грейда. Вилка – это диапазон оплаты труда для должностей грейда, диапазон, которой устанавливаемый для всего грейда. Также на основе предусмотренных вилок производится корректировка должностных окладов, в сторону их увеличения, так как не рекомендуется уменьшение должностных окладов, которые больше верхнего предела вилки по каждому грейду.

Из проведённого расчета следует, что преимущество использования системы грейдов в учете вознаграждения персонала обусловлено тем, что при улучшении индивидуальной результативности происходит рост дохода работника. В рамках данной системы размер основной заработанной платы устанавливается на основе их соответствия степеням грейда. Если в рамках классических подходов величина заработанной платы схожих рабочих мест определялись на основе принципа справедливой заработанной платы, то в системе грейдов это зависит от эффективности конкретного сотрудника, т.е. схожие рабочие места могут быть отнесены к разным степеням грейда.

Внедрение системы грейдов на промышленных предприятиях Республики Таджикистан позволяет совершенствовать систему установления и учета вознаграждения, так как с помощью данной системы определяется точность оценки, недооценки или переоценки должности. Однако, необходимо подчеркнуть, что резкое повышение значений окладов не рекомендуется, так как заработанная плата все-таки должна иметь мотивирующую роль. Поэтому переход к новой системе определения окладов и использование системы грейдов как информационную базу для учета затрат на вознаграждение должен осуществиться по определенной схеме.

Доказав необходимость внедрения системы грейдов в учетную политику предприятия нами разработан алгоритм внедрения данной системы с учетом реальной практики промышленных предприятий Республики Таджикистан. Суть предложенного алгоритма заключается в том, что в нем определены основные этапы внедрения системы грейдов на промышленных предприятиях Республики Таджикистан (рис. 2).




Источник: разработано автором

**Рисунок 2. - Этапы внедрения системы грейдов на промышленном предприятии**

Из рисунка следует заключить, что внедрение системы грейдов - это набор последовательных действий для структурированного сбора и обработки информации о содержании должности, ее функциональном наполнении, цели и задачах, а также для определения относительной ценности каждой должности в организационной структуре и ее реального вклада в достижение установленных целей и задач. Анализ и оценка должностей проводятся на этапе создания грейдинговой системы оплаты труда телерадиокомпании, а также в случае появления необходимости введения в штатное расписание новых наименований должностей.

Исходя из обобщенного материала и алгоритма внедрения системы грейдирования нами разработаны и апробировано на ООО СП «Анзоб» бухгалтерская модель грейдовой системы учёта вознаграждения персонала (рис. 3).

Переоценка должностей может происходить при возникновении такой необходимости в связи с изменением содержания работ и функционального наполнения должности, изменением организационной структуры, установлением новых стратегических задач и приоритетных направлений деятельности предприятия. Для осуществления анализа и оценки должностей, не проанализированных при создании грейдовой системы оплаты труда, а также переоценки должностей образуется оценочный комитет.

Таким образом, на основе вышеприведенного можно заключить, что внедрение системы грейдов позволяет существенно повысить эффективность расходов на оплату труда и совершенствовать систему информационного обеспечения учета вознаграждения персонала на промышленных предприятиях. В связи с этим, система грейдов обладает следующими преимуществами, которые представляют несомненный интерес современным промышленным предприятиям в деле повышения эффективности фонда оплаты труда и вознаграждений:

1. Внедрение системы грейдов позволяет разработать и на практике использовать единую унифицированную систему окладов для всех структурных подразделений промышленного предприятия;

2. С помощью системы грейдов устраняются несоответствия в объемах установленных окладов как в случае заниженных, так и завышенных;




**Рисунок 3.- Модель грейдовой системы учёта вознаграждения персонала промышленных предприятий**

3. Формируется понятная и прозрачная система профессионального и карьерного роста каждого работника, а также создается эффективная система удержания ценных специалистов на предприятии;

4. Создается эффективная система заинтересованности в результате деятельности, а также мотивация к профессиональному росту и развитию;

5. Повышается прозрачность и эффективность подбора персонала, так как с помощью методики грейдирования детально определяется соответствие претендента к вакантной должности;

6. Устраняются дублирование функций и дублирующие рабочие места, что позволяет оптимизировать численность и структуру штатного персонала.

Таким образом, обобщая вышеизложенное, можно сделать вывод, что для того чтобы справедливо оценить работу каждого работника, учесть его особенности, потребности и интересы, нужно применять на предприятиях грейдинговую систему оплаты труда, которая помогает оптимизировать фонд заработной платы. Данная система оплаты труда основывается на том, что работодатель награждает сотрудника за результат. Однако,

кроме, собственно, самого результата труда, обязательно учитывается квалификация работника, его профессиональный стаж, трудовая дисциплина, корпоративная культура и другое. По решению управленского персонала в факторы, формирующие грейды, могут включать даже поведение человека и его внешний вид. Система грейдов выполняет обширную мотивационную функцию. Работник даже сам может реально оценить свою работу по-своему грейду. Ведь у каждого уровня есть свой объем работы, уровень ответственности и характеристика профессиональных навыков. Сложившийся по результатам нашего исследования проект системы грейдовой оценки работников отдела бухгалтерского учета и отчетности позволяет практически доказать действенность данного метода. Внедрение данной системы позволит повысить мотивацию труда, устранить конфликты между работниками и улучшить управленческий механизм в целом.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Богунец, Е. А. Построение системы грейдов на примере компании Qwell group / Е. А. Богунец, Н. И. Решетько // Theoretical & Applied Science. – 2015. – № 1(21). – С. 156-163.
2. Низомов, С. Организация учета и управления затратами в строительных организациях / С. Низомов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 158 с. – ISBN 5-667-01525-8.
3. Низомов, С. Ф. Проблемы и пути совершенствования бухгалтерского учета и аудита в цифровой экономике / С. Ф. Низомов, Г. М. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2(41). – С. 168-179.
4. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С. Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. – № 2-1(9). – С. 216-221
5. Низомов, С.Ф. Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики / С. Ф. Низомов; С. Ф. Низомов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 181 с. – ISBN 5-667-01164-4.
6. Низомов, С.Ф. Развитие организационно-методических аспектов функционального калькулирования затрат / С.Ф. Низомов, С.И. Содиков, А.А. Мирзоалиев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2018. – № 2(45). – С. 164-176.
7. Низомов, С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С. Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. – № 2. – С. 73-76.
8. Низомов, С.Ф. Формировании элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С. Ф. Низомов, К. Х. Хушвахтзода // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2020. – № 3(30). – С. 206-210.
9. О мерах по усилению уровня социальной защиты населения, увеличению действующих должностных окладов государственных служащих, работников бюджетных организаций, размеров пенсий и стипендий / Указ Президента Республики Таджикистан от 13 января 2022 года №312.
10. Озерникова, Т.Г., Беркович Т.А. Развитие теоретических основ аудита вознаграждений//Известия Иркутской государственной экономической академии (Байкальский государственный университет экономики и права). 2011. № 6. С. 27-34. (28)
11. Сабырова, Г.Ж. Информационное единство экономического анализа и системы внутреннего аудита / Г.Ж. Сабырова, К. Орозбекова // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2019. – № 2(25). – С. 408-412.
12. Слипачук С. Система грейдов: методика определения должностных окладов / С. Слипачук [электронный ресурс]. - Режим доступа: profhressa.com.
13. Субхонкулов, И.А. Статистическое исследование системы материального стимулирования персонала (на материалах предприятий Союза «Таджикматлубот»). Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Специальность 08. 00. 12 – Бухгалтерский учет, аудит, статистика. Душанбе, 2020. –30 с.

14. Хочикосими, М. Х. Выбор метода распределения расходов в системе ABC / М. Х. Хочикосими, С. Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/5(141). – С. 216-219.
15. Яшкова, Е.В., Синева Н.Л., Бритова Ю.В., Дубкова В.С., Шкапова А.М. Аудит вознаграждений в организации: сущность, значение, алгоритм проведения // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. 2018. № 6 (32). С. 249-255. (250)

**УКД 336.7**

**Бобоев Ҷ.И.**

## РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МУОСИРИ НИЗОМИ БОНКӢ

Дар мақолаи пешниҳодшуда самтҳои асосии такмили хизматрасониҳои муосири низоми бонкӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун звенои асосии ин низом мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур нишон дода шудааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади такмили хизматрасониҳои муосир ба гардиш ё мубодилаи бевоситаи муносибатҳои пулӣ, нигаҳдории қурби пули миллӣ, ҳаҷм ва суръати гардиши пули дар муомилотбуда ба сиёсати фоизии дигар ташкилотҳои қарзӣ таъсир расонида, ин равандро танзим ва назорат менамояд. Бонкҳои тиҷоратӣ бошанд маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба сифати пасандоз ҷамъ намуда, муносибатҳои молиявии мамлакатро бо пешниҳод намудани қарз ба шахсони эҳтиёҷманд ва хизматрасониҳои муосири дигар пурра мегардонанд, ки бо ҳамин роҳ дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, муаллиф роҳи баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳаро бо таъмини истифодаи самараноки дастовардҳои илмӣ, технологияҳои муосир ва такмили сиёсати инноватсионӣ, аз ҷумлаи омилҳои асосии беҳтаршавии сифати хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти миллӣ нишон додааст.

**Вожаҳои калидӣ:** низоми қарзӣ, низоми бонкӣ, бонки марказӣ, назорати гардиши пул, асъор, бозори асъор, устувории молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосир, сатҳи донишу касбияти кормандон.

**Бобоев Дж.И.**

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СОВРЕМЕННЫХ УСЛУГ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ

В представленной статье анализируются и изучаются основные направления совершенствования современных услуг банковской системы в современных условиях экономики страны и правовая основа деятельности коммерческих банков как ее основного звена. В данной статье показано, что Национальный банк Таджикистана, совершенствуя свои современные услуги, влияет на обращение или прямой обмен денежных отношений, поддержание курса национальной валюты, объем и скорость обращения денежной массы в обращении, политику процентных ставок. банков, контролирует и регулирует этот процесс. Коммерческие банки собирают временно свободные средства населения и предприятий, завершает финансовые связи страны и тем самым играет важную роль в обеспечении развития народного хозяйства. В зависимости от текущего состояния экономики

Республики Таджикистан и необходимости расширения безналичного расчета, автор предлагает пути повышения уровня профессионализма работников отрасли, путем обеспечения эффективного использования научных достижений, современные технологии и совершенствование инновационной политики, включая основные факторы повышения качества услуг банковской системы и общего развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** кредитная система, банковская система, центральный банк, контроль денежных потоков, валюта, валютный рынок, финансовая устойчивость, Национальный банк Таджикистан, коммерческие банки, совершенствование безналичных расчетов, эффективное использование современных технологий, уровень знаний и профессионализм сотрудников.

**Boboev G. I.**

## WAYS TO IMPROVE MODERN BANKING SYSTEM SERVICES

The presented article analyzes and studies the main directions for improving modern services of the banking system in the modern conditions of the country's economy and the legal basis for the activities of commercial banks as its main link. This article shows that the banking system, improving its modern services, influences the circulation or direct exchange of monetary relations, maintaining the exchange rate of the national currency, the volume and speed of circulation of the money supply in circulation, and interest rate policy. banks, controls and regulates this process. It collects temporarily available funds from the population and enterprises, completes the country’s financial ties and thereby plays an important role in ensuring the development of the national economy. Depending on the current state of the economy of the Republic of Tajikistan and the need to expand non-cash payments, the author suggests ways to increase the level of professionalism of industry workers, by ensuring the effective use of scientific achievements, modern technologies and improving innovation policy, including the main factors for improving the quality of services of the banking system and the overall development of the national economy.

**Key words:** credit system, banking system, central bank, cash flow control, currency, foreign exchange market, financial stability, National Bank of Tajikistan, commercial banks, improvement of non-cash payments, effective use of modern technologies, level of knowledge and professionalism of employees.

Аз руйи нишондоди сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ, иҷрои аввалин амалиётҳои бонкӣ дар Юнони Қадим, Чин ва Миср ба қайд гирифта шудаанд. Оҳиста-оҳиста бо мурури замон ва дараҷаи пешрафти ҷомеа, махсусан рушди истеҳсолоту тиҷорат доираи амалиёти онҳо низ васеъ гардидааст. Дар шароити муосир рушду пешрафти фаъолияти молиявию иқтисодии дилхоҳ мамлакатро бе мавҷудияти муассисаҳои қарзӣ тасаввур намудан душвор гардидааст. Чунки бонкҳо доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ, сар карда аз таҳияи сиёсати пулию қарзӣ, танзиму назорати миқдори пул ва амалҳои дигари ба вазифаҳои қонунии худ алоқамандро мустақилона иҷро менамоянд. Аз ҳамин ҷост, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагидории ҷамъият ва самтҳои гуногуни фаъолияти самаранок тамоми корҳои вобаста ба истеҳсоли молу маҳсулот, тиҷорат, хизматрасонӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи хизматрасониҳои низоми бонкӣ амалӣ карда мешаванд.

Вазифаи асосии бонкҳои марказӣ эмиссия ва назорати гардиши пули миллӣ мебошад. Дар давраҳои аввали пайдоишашон ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ чунин ҳуқуқҳоро доштанд. Баъдан, вобаста ба зарурати гардиши пул ва аз байн бурдани таъсири манфии зиёдшавии бемайлони ҳаҷми пул ба нархҳо ин вазифа танҳо ба бонкҳои алоҳидаи давлатӣ (бонкҳои марказӣ) дода шуд [7].

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзиро дар бар мегирад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки эмиссионӣ вазифаи додани иҷозатнома барои фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дорад ва он ҳамчун мақоми пешбарандаи сиёсати пулию қарзии мамлакат вазифаи нигаҳдорию идораи захираҳои байналмилалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ иҷро менамояд. Дар самти таъмини рушди низоми бонкии мамлакат нақш ва мавқеи Бонки миллӣ назаррас ба ҳисоб меравад, чунки ин мақомоти молиявӣ ҳаҷми пули дар муомилотбударо назорат намуда, барои самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар доираи салоҳияти худ тадбирҳои судманд меандешад.

Ташкилотҳои қарзӣ:

1. Бонки марказӣ ё Бонки миллӣ;
2. Бонкҳои тиҷоратӣ;
3. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
4. Ташкилотҳои маблағгузории хурд:

а) Ташкилотҳои қарзии хурд;
б) Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд;
в) Фондҳои қарзии хурд.

**Расми № 1**

**Сохтори низоми бонкӣ**




**Манбаъ:** дар асоси омӯзиши адабиёти иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.

Ташкилотҳои қарзӣ – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузори хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд.[5].

Унсурҳои анъанавии низоми бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ, зерсохторҳои бонкӣ ва қонунгузории бонкӣ мебошанд. Ба унсурҳои низоми бонкӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои дигари

ғайрибонкӣ дохил мешаванд. Яъне дар таҷриба бонкҳои гуногун фаъолият менамоянд, ки вобаста аз меъёру нишондиҳандаҳои дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишондодашудаи кишварҳо аз якдигар фарқ мекунанд:

1. Аз рӯи шакли моликият;
2. Аз рӯи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ;
3. Аз рӯи таъиноти функсионалӣ;
4. Аз рӯи хусусияти амалиётҳои иҷрошаванда;
5. Аз рӯи самти соҳа;
6. Аз рӯи минтақаи фаъолият.

Аз рӯи шакли моликият ҷудо мешаванд: давлатӣ, саҳомӣ, хусусӣ, муштарак ва омехта. Бонкҳои давлатӣ бонкҳои марказӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои давлатӣ Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд.

Бонкҳои омехта бонкҳое мебошанд, ки бо шакли омехтаи моликият, яъне давлат бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ чунин ташкилоти қарзиро таъсис медиҳанд. Бонкҳои омехта қисман аз тарафи давлат назорат карда мешаванд ва ба воситаи онҳо сиёсати пулию қарзӣ таҳия мегардад, амалиёти молиявии онҳо барои ҳавасмандгардонии соҳаи муайяни иқтисодиёт нигаронида шудааст. Ба сифати бонки омехта Бонки Ҷопон, Бонки Австрия мисол шуда метавонанд.

Дигаргуниҳои куллие, ки дар ду даҳсолаи охир дар сохторҳои иқтисодии ҷаҳон ба амал омаданд ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири бевосита расониданд. Дар ҳамин замина, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 масъалаҳои муҳими молиявию иқтисодии фаъолияти муассисаҳои қарзиро барои истифодаи имкониятҳои мавҷуда, пешбинӣ намудааст[1]. Иҷрои корҳои пешбинигардида, сабаби бартараф гардидани камбудиҳои соҳа гардида, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол ба низоми бонкии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир наздиктар мегардад.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ, дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3% таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 млрд ба 115 млрд сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт [6].

Равандҳои замони муосир кормандони соҳаи молия, андоз, буҷет ва низоми бонкиро водор месозад, ки дар самаранок истифодабарии технологияҳои муосири инноватсионӣ ва самти такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ фаъол бошанд, ба ин восита дар иҷрои вазифаҳои худ ба мардуми кишвар содиқона хизмат намоянд. “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020 таҳти №175 қабул гардидааст, барои расидан ба нишондиҳандаҳои сифатан беҳтар дар самти такмил ва тақвияти механизми трансмиссионӣ, истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, истифодаи технологияҳои муосир, баланд бардоштани маърифати молиявии кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзиро зарур мешуморад.

Самаранок истифодабарии технологияҳои муосир ва зарурати такмил додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити кишвари мо аз он иборат аст, ки бо ин роҳ то андозае таъсири омилҳои субъективиро дар муносибатҳои молиявӣ аз байн мебарад. Аз рӯи ақидаи коршиносони соҳа, мавриди истифодаи чунин шакли ҳисоббаробаркунӣ, афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ таъмин мегардад. Дар сурати дигар, афзоиши касри буҷет ба амал омада, барзиёдии он дар навбати худ ба ноустувории макроиқтисодӣ, афзуншавии талабот ба пул ва фишорҳои таваррумӣ оварда мерасонад. Бо назардошти самаранок истифода бурдани имкониятҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, болоравии

сатҳи таваррум то андозае пешгирӣ карда мешавад, танзиму назорати миқдори пули дар муомилотбуда бо хароҷотҳои камтар (ин чунин маъно дорад, ки мавриди бештар истифодабарии пулҳои нақдӣ зарурати аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда ба вуҷуд меояд, ки он хароҷоти муайянро аз ҳисоби ҳукумат талаб менамояд) ва бо ин роҳ фаъолияти самарабахши низоми пардохти кишвар низ таъмин мегардад.

Дар иқтисодиёт ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ барои таъмини вазъи муътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мувозинатии сиёсати фискалӣ ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ, ки онҳо ба иқтидорҳои воқеии иқтисодиёт муносиб мебошанд, натанҳо барои нигоҳ доштани устувории низоми молияи давлатӣ, балки барои татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо мусоидат менамоянд. Бинобар ҳамин мавриди истифодаи таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва вобаста ба равандҳои замони муосир, такмил додани муомилоти ғайринақдӣ ҳамчун амалиёти мақсадноке, ки гузаронидани миқдори муайяни пулро аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар бе иштироки пули нақд таъмин менамояд, дар шароити кишвари мо бояд таҳким бахшида шавад.

Агар дар баробари кашфиётҳои беҳтарини инсоният яке пул бошад, дигаре қарз аст. Кашфу истифодаи пул имкон дод пайвастагии доимии истеҳсолот, муомилот ва истеъмолот, ки яке аз шартҳои асосии самаранокии иқтисодиёт мебошад, таъмин карда шавад. Рушди савдо, додугирифт миёни маҳалҳою мавзеҳои гуногун, боз шудани бозорҳои нав боиси пешрафти истеҳсолот ва такрористеҳсоли васеи воситаҳои истеҳсолоту истеъмолот гардид. Акнун рӯз то рӯз талабот ба воситаҳои пулӣ барои таъмини истеҳсоли маҳсулот меафзуд ва зарурати истифодаи қарз ба миён меомад[7].

Ҳукумати мамлакат ва Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ дар чорчубаи муайян бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ чораҳои заруриро андешида истодааст. Баъд аз қабули Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" 30 ноябри соли 2018, таҳти № 565 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22 июни соли 2023 таҳти № 586 Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба натиҷаҳои назаррас расиданд. Барои мисол мувофиқи маълумотҳои сомонаи расмии Бонки миллӣ, маълумот оид ба пардохтҳои амалигашта дар низоми бонкӣ давоми моҳҳои январ -сентябри соли 2023 дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути роҳҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ (дохилибонкӣ, муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва тавассути суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда) 265,1 млн. пардохтҳо ба маблағи 1 185,0 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд. Шумораи пардохтҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 38,4 фоиз ва ҳаҷми пардохтҳо 9,6 фоиз афзоиш ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ба ташаккулёбии муносибатҳои молиявию бонкӣ ва самаранокии соҳаҳои дигар заминаи воқеӣ гузошта метавонад.

Тибқи тадқиқоти олимони соҳаи иқтисод – Роберт Манделл ва Маркус Флеминг (impossible trinity) дар иқтисодиёти кишвар дар як вақт ба даст овардани самаранокии сиёсати қурби собит (fixed), мустақилияти сиёсати пулию қарзӣ ва ҳаракати сармоя имконнопазир мебошад[2].

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки барои ҳар яки мо маълум аст, озодӣ ва ҳассосияти ҳаракати сармоя ниҳоят зиёд гардидааст, дар чунини ҳолат давлатҳое, ки иқтисодиёти онҳо аз ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ вобастагӣ доранд, бонкҳои марказӣ (миллӣ) бояд яке аз ду роҳ – таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва ё пешбурди сиёсати қурби собитро интихоб намоянд. Дар шароити иқтисодиёти давлатҳое, ки қурби асъор бетағйир нигоҳ дошта мешавад ва сатҳи долларикунонӣ баланд аст, таъсирбахшӣ ва самаранокии сиёсати пулию қарзӣ барои таъмини мақсади асосӣ – муътадилии нархҳо вуҷуд надорад.

Муносибатҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ одатан ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат алоқаи ногусастанӣ доранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷорӣ намудан ва истифодаи самараноки технологияҳои муосир, имкониятҳои такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ташкили хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ба шарти муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллию низоми бонкӣ табдил ёфта истодааст. Хушбахтона баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои асосии ташкили низоми пулӣ, назорати гардиши он ва имкониятҳои такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шуданд. Аз рӯи ақидаи олимону мутахассисони соҳа, такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди низоми бонкии дилхоҳ давлатҳои ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ аз дуруст ба роҳ мондани онҳо суръати гардиши пул дар доираи иқтисоди миллӣ зиёд гардида, шаффофияти иқтисодиёти кишвар ва имконияти бо фоизҳои нисбатан пасттар пешниҳод намудани қарзҳои низоми бонкӣ ба аҳолию корхонаю ташкилотҳо ба вуҷуд меояд.

Имрӯз дар дунё амалан давлат ва соҳае нест, ки аз таъсири буҳрон эмин монда бошад. Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ, чунин буҳрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид[6].

Бояд зикр намуд, ки яке аз мушкилиҳои асосии расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ, дар баробари ҷойгиркунии технологияи муосир ва коркарди ашёи хоми ватанӣ дар самти маблағгузорӣ ба корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ баланд будани фоизи қарзҳои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Барои мисол аз рӯи маълумотҳои омори бонкӣ дар давоми соли 2022 фоизи қарзҳои додашудаи бонкҳо бо пули миллӣ ба 23,82 фоиз баробар гардида буд, ки албатта ин нишондиҳанда барои таъмини эҳтиёҷот ё талаботи аҳолию корхонаҳо баланд буда, ба натиҷаҳои фаъолияти молиявии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар ҳамин давра, фоизи қарздиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба меъёри фоизи қарздиҳии низоми бонкии дигар кишварҳои ҳамсоя низ балантар ба ҳисоб меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба таъсири омилҳои дохилию берунӣ, барои таъмини муътадилии қурби пули миллӣ, ҳаҷм ва суръати гардиши он як қатор фишангҳоро истифода намуда, дар ҳамин самт чораҳои зарурироо барои таъмини пардохтпазирии пули миллӣ дар доираи сиёсати пулию қарзӣ дар амал татбиқ менамояд. Воситаҳо ё фишангҳои сиёсати пулӣ ин нишондиҳандаҳои макроиқтисодие ба ҳисоб мераванд, ки одатан таҳти назорати мустақими мақомотҳои молиявӣ, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон қарор доранд ва барои назорати муътадилии ҳаҷми пул, амалиёти пулӣ, инчунин танзими тағйирёбии миқдорӣ истифода бурда мешаванд. Ташкилотҳои дигари қарзӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, ки қисми таркибии низоми бонкӣ ба ҳисоб мераванд, дар асоси иҷозатномаи Бонки миллӣ фаъолият менамоянд. Бонкҳои тиҷоратӣ маблағҳои муваққатан озоди аҳоливу корхонаҳоро ба сифати пасандоз ҷамъ намуда, дар навбати худ муносибатҳои молиявии мамлакатро такмил медиҳанд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар раванди таҳлилу тадқиқотҳо ва таҳия намудани дурнамои нишондиҳандаҳои мақсаднок пайваста моделҳои гуногуни сохтории макроиқтисодиро истифода менамояд. Бо мақсади боз ҳам тақвият додани иқтидору имкониятҳои истифодашаванда ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳо ташкил, коркард ва идораи пойгоҳи автоматии ягонаи маълумотҳоро аз рӯи бахшҳои иқтисодиёти дохиливу хориҷӣ муҳим мешуморад. Дар ҳамин самти фаъолият, густариш додани ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоотро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои хориҷӣ зарур мешуморад.

Сиёсати инноватсионӣ низоми чорабиниҳо мебошад, ки мақсади асосии он нигоҳдорӣ ва тараққии омилҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ мебошад, ки ҷамъият интихоб намудааст. Ба сиёсати инноватсионӣ ва илмию техникии давлат чорабиниҳое дохил мешаванд, ки сохтори иқтисодию сиёсии худи соҳаҳои илмӣ ва инноватсионии иқтисоди миллиро дар бар мегиранд. Фаъолияти илмию инноватсионӣ дар доираи моликияти давлатию хусусӣ, секторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва ғайрибозорӣ метавонад амалӣ карда шавад.

Интихоби фаъолияти иқтисодӣ ва инноватсионӣ асосҳои бунёдии илмию техникӣ ва сиёсати инноватсионии давлатро фаро мегирад[4].

**Диаграммаи №1**

**Тавсифи қарзҳои низоми бонкӣ аз рӯи шакли моликият дар давоми солҳои 2020 - 2022**

(бо фоиз)



| Қарзҳои низоми бонкӣ аз рӯй шакли моликият дар солҳои 2020 - 2022 | Корхонаҳои хусусӣ | Корхонаҳои давлатӣ | Шахсони воқеӣ | Соҳибкорон | Дигарҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 2020 | 031% | 023% | 024% | 019% | 003% |
| 2021 | 028% | 019% | 032% | 018% | 003% |
| 2022 | 027% | 016% | 036% | 020% | 003% |

**Манбаъ:** дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ декабр 2020 (305) саҳ. 66- 67., Бюллетени омори бонкӣ декабр 2021 (316) саҳ. 65- 66 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2022 (329) саҳ. 66-67 аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи №1 аён мегардад, ки қарздиҳии низоми бонкӣ дар давоми солҳои 2020-2022 бештар ба шахсони воқеӣ суръати афзоишро дорад. Ин нишондиҳанда соли 2020 ба 24 фоиз, соли 2021 ба 32,1 фоиз ва соли 2022 ба 35,7 фоиз расида, шаҳодат медиҳад, ки сол аз сол маблағгузории низоми бонкӣ ба шахсони воқеӣ афзоиш ёфта истодааст.

Раванди қарздиҳии низоми бонкӣ ба корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ бошад, дар давоми се соли охир кам гардида истодааст. Масалан ин нишондиҳанда соли 2020 ба корхонаҳои хусусӣ 31,2 фоиз, соли 2021 ба 27,5 фоиз ва соли 2022 ба 26,8 фоиз расида, сол аз сол маблағгузории низоми бонкӣ ба корхонаҳои хусусӣ кам гардида истодааст. Нисбати корхонаҳои давлатӣ низ чунин ҳолат ҷой дорад, масалан 2020 ба корхонаҳои давлатӣ 22,9 фоиз, соли 2021 ба 18,9 фоиз ва соли 2022 ба 15,5 фоиз расидааст, яъне давра ба давра маблағгузории соҳа ба корхонаҳои давлатӣ низ кам гардида истодааст.

Вобаста ба тағйирёбии қурби пули миллӣ аз таъсиру таконҳои дохилӣ ва берунӣ, сол аз сол ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ афзоиш ёфта истодаанд, ки тавассути диаграммаи №2 ин ҳолатро хубтар мушоҳида карда метавонем. Тағйирёбии муносиби қурби сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ивазкунандаи воридотро ба вуҷуд оварда, дар навбати худ ба афзоиши маҷмӯи содироти кишвар мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбӣ ба речаи қурбии "шинокунандаи танзимшаванда" асос ёфта, Бонки миллии Тоҷикистон қурби пули миллиро нисбат ба асъори хориҷӣ таҳти таъсири рукнҳои бозорӣ, яъне таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор муайян намуд.

**Диаграммаи №2**

**Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ дар давоми солҳои 2016 – 2022**

(бо фоиз)




**Манбаъ:** дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2018 (281) саҳ. 36-40., Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 41-43., Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2020 (305) саҳ. 35-36., Бюллетени омори бонкӣ 2021 (316) саҳ. 65-66 ва Бюллетени омори бонкӣ 2022 (329) саҳ. 66-67 тартиб дода шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи №2 ба хулоса омадан мумкин аст, ки сол аз сол ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ афзоиш ёфта истодаанд. Агар соли 2016 ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ нисбати маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида 38,4 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2021 ба 67,1 фоиз ва соли 2022 ба 71,7 фоиз расидааст. Афзоиш дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ба 28,7 фоиз ва дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 ба 33,3 фоиз расидааст.

Бинобар сабаби таъсири фишорҳои қурбӣ камшавии ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо асъорҳои хориҷӣ нисбати пули миллӣ дида мешавад. Масалан соли 2016 ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо асъорҳои хориҷӣ нисбати маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида 61,6 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2021 ба 32,9 фоиз ва соли 2022 ба 28,3 фоиз кам гардидааст. Камшавии ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо асъорҳои хориҷӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ба 28,7 фоиз ва дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 ба 33,3 фоиз расидааст.

Баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар, пешниҳод намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, таъмини ташкилотҳои қарзӣ бо пули нақд, аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда ва дуруст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки дар шароити имрӯза иҷрои босифати онҳо хеле зарур мебошанд. Дар ин самти фаъолият, пешниҳод намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба аҳолӣ ва идоракунии корпоративӣ, инчунин воситаҳои такмилдиҳии низоми қарздиҳӣ аз ҷумлаи усулҳое мебошанд, ки ҳам боварии мардумро ба низоми бонкӣ бештар менамоянд ва ҳам мавқеи бонкҳоро дар амалӣ намудани ҳадафҳои миллӣ устувор мегардонанд[3].

Дар ҳамин самт, васеъ гардонидани доираи муомилоти ғайринақдии пул дар дохили иқтисодиёт ба дараҷаи баланди касбияти кормандони соҳа ва сатҳи асосноку мукаммали қонунгузории ҳукумат, ки он ҳамчун воситаи муҳими такмили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад, зарур мебошад. Махсусан дар замони муосир таъмини фаъолияти самарабахши низоми пардохти кишвар ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои

ғайринақдӣ яке аз омилҳои калидии фаъолияти босуботу такмилдиҳандаи низоми бонкӣ маҳсуб меёбанд.

Асосгӯзори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои хеш таъкид намуда буданд, ки: «Дар шароити имрӯза самтҳои асосии такмили фаъолияти бонкҳои ҷумҳурӣ ба нигоҳ доштани сатҳи таваррум, беҳтар намудани хизматрасонии бонкӣ, такмили усулҳои дастгирии соҳибкорони хурду миёна, ташкили бозорҳои коғазҳои қиматнок, афзоиши муомилоти ғайринақдии пул, фаъолноксозии амалиёти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт равона карда мешавад».

Дар навбати худ беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои низоми бонкӣ ба яке аз чораҳои эҳтиётие, ки онро сиёсати макропруденсиалӣ меноманд вобаста мебошад. Мутобиқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", яке аз вазифаҳои асосии Бонки миллӣ - "Таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати иҷрои он" ба ҳисоб меравад. Аслан мазмуни сиёсати макропруденсиалӣ маҷмӯи чораҳои эҳтиётие мебошад, ки барои коҳиш додани таъсири хавфҳои низоми молиявӣ равона карда шудааст. Сиёсати макропруденсиалӣ бо роҳи назорат бурдан, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳо ҷиҳати пурзӯр намудани устувории молиявӣ ва баланд бардоштани мавқеи бонкҳо дар иқтисодиёти кишвар татбиқ мегардад. Таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати иҷрои он дар таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ низ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Бинобар ҳамин зарур аст, ки таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷиро дар ин самт омӯхта дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоем. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ташкили хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, афзоиши муомилоти ғайринақдии пул ва истифодаи технологияҳои муосир, инчунин фаъолноксозии амалиёти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт дар беҳтаршавии сифати хизматрасонии низоми бонкии кишварҳои пешрафта ва самаранокии молиявию иқтисодии онҳо заминаи воқеӣ гузоштааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити кишвари мо роҳи ҳалли мушкилиҳои низоми бонкӣ ва таъмини рушди инноватсионӣ ба истифодаи самараноки технологияҳои муосир ва сатҳи касбияти кормандон низ вобастагӣ дорад. Агар истифодаи самараноки технологияҳои муосир ва сатҳи касбияти кормандони соҳа дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад, бевосита ба беҳтаршавии сифати хизматрасонии низоми бонкӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ташаккули захираҳои асъорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишварамон замина мегузорад.

Таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ низ ҳаминро нишон медиҳад, ки барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ, пешгирии афзоиши бекорию таваррум, таъмин ва нигоҳ доштани ҳолати мувозинатии нишондиҳандаҳои тавозуни пардохт, баланд бардоштани қобилияти харидории пули миллӣ, бояд истифодаи самараноки технологияҳои муосир таъмин карда шавад, ки он дар навбати худ таъсири омили инсониро аз байн мебарад ва дар ҳамин радиф баланд бардоштани сатҳи донишу кордонӣ ё касбияти кормандони соҳа ниҳоят зарур мебошад.

Вобаста ба ин, баҳри таъмини устувории молиявии низоми бонкии кишвар ва рушди миёнаравии молиявӣ, пурра амалисозии тадбирҳои дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Нақшаи стратегии ислоҳоти низоми бонкӣ ва суғурта барои солҳои 2020- 2023" муайяншуда мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:

- идома додани ислоҳоти низоми бонкӣ, такмил ва таҳкими идоракунии босамари дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, вусъат додани миёнаравии молиявӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти онҳо;
- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои беҳтар намудани вазъи молиявии низоми бонкӣ ва пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо;
- татбиқи рукнҳои муосири бонкдории ба талабот ҷавобгӯ ва ба ин васила ҷалб намудани бештари муштариён тавассути ташвиқу тарғиб ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ;

- ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт[1].

Самаранокии механизми трансмиссионӣ тавассути сиёсати фоизӣ ва сиёсати инноватсионии амалишаванда аз таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ, сифати таҳлилу дурнамои таваррум, устувории молиявии низоми бонкӣ, инчунин аз рушди хизматрасониҳои бозори байнибонкии пул вобастагии зиёд дорад. Бинобар ҳамин маблағгузории низоми бонкӣ бо фоизи нисбатан паст барои корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорони истеҳсолӣ, аз ҷумлаи омилҳои муҳими расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи фоизи қарзи бонкҳо, ки он нисбатан балантар мушоҳида мегардад, ҳамчун мушкилии соҳа боқӣ мемонад. Агар қарзҳои низоми бонкӣ дар худуди 24 ё 28 фоизи солона ба муштариён, махсусан ба корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорони истеҳсолӣ пешниҳод карда шаванд, он гоҳ дар баробари хароҷотҳои истеҳсолӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ гарониҳои зиёдеро дар фаъолияти онҳо пеш меоранд. Одатан афзоиши хароҷотҳо ба арзиши аслии молу маҳсулоти истеҳсолшуда таъсир расонида, ба раванди истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда таъсири манфӣ мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми декабри соли 2016 бо № 636 тасдиқ шудааст. (банди 5.3 “Бахши молиявӣ”. саҳ.70-74.)
2. Mundell R.A. Capital turnover and stabilization policy under conditions of a fixed and freely floating exchange rate. Canadian Journal of Economic and Political Science, 1963, No. 29 (4). N'yu-York
3. Бобоев Ҷ.И. Усулҳои мукаммалгардонии низоми бонкии кишвар дар шароити муосир/ Бобоев Ҷ.И.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2019 № 2 (27)- 2019, С. 18-23.
4. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе: “Ирфон”, 2018. - 648с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ш. Душанбе, 19.05.2009. № 524.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 23 декабри соли 2022
7. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз.- Душанбе: “Эр-граф”, 2018.-516 с.


**УДК 339.5.336.24**

**Буриев Л.Ҷ.**

# МОҲИЯТИ СОДДАГАРДОНӢ ВА САРФА НАМУДАНИ ВАҚТ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ БО ДАРНАЗАРДОШТИ РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ

Дар мақола оиди гузаронидани расмиёти гумрукӣ нисбати соддагардрнӣ ва сарфа намудани вакт барои гузаронидани назорати гумрукӣ дар нуктаҳои гумрукии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти расмиёти гумрукӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад. Муаллиф масъалаи бардоштани соддагардонии барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ бо дарназардошти расмиёти гумрукӣ ва самаранокии вақт дар нуктаҳои гумрукиро яке аз сабабҳои муҳими зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ пешниҳод намуда, мӯҳтаво ва хусусиятҳои хоси ин технологияҳоро дар амалиёти гумрукӣ шарҳ додааст. Дар натиҷаи таҳлил таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта ба инобат гирифта шуда, самтҳои асосии татбиқи технологияҳои рақамӣ барои баланд бардоштани соддагардонӣ ва

сарфа намудани вақт оид ба гузаронидани назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ муайян карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** мақомоти гумрук, нуқтаи гумрукӣ, назорати гумрукӣ, вақт, соддагардонӣ, ихтисоркунӣ, расмиёти гумрукӣ, содирот, воридот, автомобил, иқтисодиёти рақамӣ.

**Буриев Л.Дж.**

**СУЩНОСТЬ УПРОЩЕНИЯ И СОКРАЩЕНИИ ВРЕМЕНИ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ В РАМКАХ ТАМОЖЕННЫХ ПРОЦЕДУР**

В статье о проведении таможенных процедур особое внимание уделено упрощению и экономии времени проведения таможенного контроля на автомобильных таможенных постах Республики Таджикистан с учетом таможенных процедур. Автор представляет проблему упрощения таможенного оформления и контроля с учетом таможенных процедур и экономии времени на таможенных постах как одну из важных причин необходимости внедрения цифровых технологий, а также объясняет содержание и особенности этих технологий в таможенном деле. операции. В результате анализа был учтен опыт развитых стран и определены основные направления применения цифровых технологий для повышения упрощения и экономии времени при проведении таможенного контроля и таможенного оформления.

**Ключевые слова:** таможенный орган, таможенный пост, таможенный контроль, время, упрощение, сокращение, таможенные процедуры, экспорт, импорт, автомобиль, цифровая экономика.

**Buriev L.J.**

**THE ESSENCE OF SIMPLIFYING AND REDUCING TIME WHEN CARRYING OUT CUSTOMS CONTROL WITHIN CUSTOMS PROCEDURES**

In the article on customs procedures, special attention is paid to simplifying and saving time in carrying out customs control at automobile customs posts of the Republic of Tajikistan, taking into account customs procedures. The author presents the problem of simplifying customs clearance and control, taking into account customs procedures and saving time at customs posts, as one of the important reasons for the need to introduce digital technologies, and also explains the content and features of these technologies in customs affairs. operations. As a result of the analysis, the experience of developed countries was taken into account and the main areas of application of digital technologies were identified to increase simplification and save time during customs control and customs clearance.

**Key words:** customs authority, customs post, customs control, time, simplification, reduction, customs procedures, export, import, car, digital economy.

Дар шароити муосир масъалаи муҳим баррасӣ намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкориҳои кору фаъолияти мақомотҳои танзимкунанда дар гузаргоҳҳои автомобилии ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тартиби «Равзанаи ягона (РЯ)» мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла дар нуқтаҳои сарҳадӣ асосан намудҳои зерини назорати давлатӣ ба монанди:

- назорати сарҳадӣ;
- назорати гумрукӣ;
- назорати санитарию эпидемиологӣ;
- назорати байторӣ;

- назорати фитосанитарӣ;
- назорати нақлиёт;
- ва дигар намудҳои назоратӣ истифода бурда мешаванд.

Таҳлили фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити имруза барои амалӣ намудани назорати гумрукӣ дар гузаргоҳҳо ё нуқтаҳои автомобилии кишвар баъзе нуқсонҳо дошта метавонад [2,3]. Барои ин чунин мисолҳо овардан мумкин аст:

- иҷроиши уҳдадориҳои назоратӣ дар дидбонгоҳҳо;
- такрор ёфтани амалиёти инфиродӣ аз ҷониби мақомоти танзимкунанда;
- ба таъхир гузоштани бор дар натиҷаи санҷиши такрорёбии расмии ҳуҷҷатҳо;
- набудани имконияти пурраи назорат ва ҳамоҳангсозии дастгоҳҳои марказии мақомоти танзимкунанда дар вақти воқеӣ;
- муттаҳид намудани самти мусофирону воситаҳои нақлиёт;
- тамоми роҳҳои ҳаракати нақлиётии сарҳадӣ дар як нуқта ҷойгир набудани мақомотҳои танзимкунанда ё назораткунанда;
- набудани фаъолият байни мақомотҳои батанзимдарорӣ.

Инро ба назар гирифта, мо ба максад мувофиқ мешуморем, ки технологияи мавҷудаи назоратро дар нуқтаҳои назорати роҳ омӯхта, барои беҳтар намудани онҳо тавсияҳо тартиб дода шуда пешниҳод менамоем [4].

Дар расми 1 мо технологияи мавҷудаи назорати мақомоти давлатиро бо мисоли гузаргоҳи роҳи «Дӯстӣ» нишон медиҳем.




Расми 1. Технологияи мавҷудаи назорати мақомоти давлатӣ дар мисоли гузаргоҳи гумрукии роҳи Дӯстӣ [2].

Ба фикри мо, ин ҷадвалро ба таври зерин мукаммал гардонидан мумкин аст: (расми 2).




Расми 2. Тартиби пешниҳодшудаи назорати муштарак. [2]

Ба фикри мо, истифодаи ҷадвали пешниҳодшуда (расми 2) имкон медиҳад:

- кутоҳ ва тезонидани муҳлати гузаштан аз назорати мол ва воситахои нақлиёт;
- афзоиши гардиши борҳои транзитӣ тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёдшавии онҳо бо давлатҳои ҳамсоя ва иқтидори интиқол;
- баланд намудани самаранокии назоратӣ аз рӯи самти молу воситаҳои нақлиёт;
- баланд намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба интиқолдиҳандагони савдои хориҷӣ тибқи стандартҳои ҷаҳонӣ;
- мутамарказ намудани тамоми назорати барасмиятдарории гумрукӣ;
- ба роҳ андохтани тартиби кории алоқаи миёни иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва корманди гумрук, ки ин декларатсиякунонии мол буда, робитаи байни иштироки ФИХ дур мекунад;
- аз байн бурдани алоқаи бевоситаи миёни иштирокчии ФИХ ва корманди гумрук;
- шафофият намудани расмиёти назоратӣ аз тарафи мақомотҳои давлатӣ устувор намудани мақоми ҷумҳурӣ, фаъолияти савдо, иқтисодӣ сиёсӣ бо давлатҳои ҳамсоя, ки ба тараққиёти ояндаи иқтисодии кишвар хизмат мекунанд.

Бо мақсади муқаррар намудани мӯҳлати миёнаи меъёрии назорати молу воситаҳои нақлиёт аз рӯи принсипи «Як равзана» дар давоми солҳои 2013-2023 мониторинг гузаронида шуданд. [2]. Натиҷаҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Вати миёна ҳангоми назорати молу воситаҳои нақлиёт аз рӯи принсипи «Як равзана»**

| № | Намудҳои воситаҳои нақлиёт | миёнаи стандартӣ, дақиқаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Мошин | 10-15 |
| 2. | Мошини боркаш бе бор | 25-30 |
| 3. | Мошини боркаш бо бор | аз 30 то 60 |
| 4. | Автобусҳо | 30 - 40 |

*Манбаъ: дар асоси натиҷаҳои мониторинг*

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мақомоти назорати давлатӣ дар гузаргоҳҳо фаъолияти муштаракро дар асоси риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарии ҳамаи иштирокчиён, мустақилияти ҳар як мақомоти назорати давлатӣ, масъулияти ҳар як мақомоти назорати давлатӣ ва мақомоти қабул кардан ва ба амал баровардани қарорҳои қабулшуда карорҳо ба роҳ мондаанд. Барои ин ҷалби маблағҳои буҷетӣ ё тағир додани қонунгузорӣ талаб карда намешавад [8]. Бо мақсади оптимизатсияи хароҷоти вақт ва пул, мо мониторингро пешниҳод кардем. Натиҷаҳо дар ҷадвали 2 нишон дода шудаанд. хангоми воридот ва содироти мол.

**Ҷадвали 2. Мӯҳлати сарф ва арзиши иҷрои расмиёти гумрукӣ ҳангоми воридоти мол.**

<table>
<tr><th>№</th><th>Номи амалиёти гумрукӣ</th><th colspan="2">Вақт барои равандҳо, рӯзҳо</th><th>Арзиши расмиёт, сомонӣ</th><th>Шарҳ</th></tr>
<tr><td rowspan="2">1.</td><td rowspan="2">Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо</td><td>Воридот</td><td>8</td><td>5470</td><td rowspan="10">Бино ба иттилои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ХТ)</td></tr>
<tr><td>Содирот</td><td>8</td><td>10940</td></tr>
<tr><td rowspan="2">2.</td><td rowspan="2">Назорати гумрукӣ</td><td>Воридот</td><td>4</td><td>1914.5</td></tr>
<tr><td>Содирот</td><td>3</td><td>1914.5</td></tr>
<tr><td rowspan="2">3.</td><td rowspan="2">Коркарди терминал</td><td>Воридот</td><td>2</td><td>1094.0</td></tr>
<tr><td>Содирот</td><td>3</td><td>1094.0</td></tr>
<tr><td rowspan="2">4.</td><td rowspan="2">Интиқол ва коркарди дохилӣ</td><td>Воридот</td><td>6</td><td>3555.5</td></tr>
<tr><td>Содирот</td><td>6</td><td>3555.5</td></tr>
<tr><td colspan="2" rowspan="2">Ҳамагӣ</td><td>Воридот</td><td>20</td><td>12034</td></tr>
<tr><td>Содирот</td><td>20</td><td>17504</td></tr>
</table>

*Манбаъ: дар асоси натиҷаҳои мониторинг.*

Ба андешаи мо, дар давраи то соли 2026 кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои убури мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок мебошад (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Камшавии миқдори ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои убури мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

<table>
<tr><th>Р/Т №</th><th>Нишондиҳандаҳо</th><th>Шартӣ бо ишора</th><th>2024</th><th>2025</th><th>2026</th></tr>
<tr><td rowspan="2">1.</td><td rowspan="2">Шумораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои аз сарҳади гумрукӣ гузаштани мол (дона)</td><td>В</td><td>10</td><td>6</td><td>4</td></tr>
<tr><td>С</td><td>8</td><td>4</td><td>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">2.</td><td rowspan="2">Давомнокии таҳияи ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додани тамоми расмиёти марбут ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ заруранд (рӯзҳо)</td><td>В</td><td>25</td><td>15</td><td>7</td></tr>
<tr><td>С</td><td>25</td><td>15</td><td>7</td></tr>
<tr><td rowspan="2">3.</td><td rowspan="2">Давомнокии амалиёти гумрукӣ ва расмиёти гумрукӣ нисбати молҳое, ки таҳти назорати давлатӣ қарор нагирифтаанд ва молҳои хавфнок муайян карда нашудаанд, ки азназаргузаронии иловагиро талаб мекунанд (соат).</td><td>В</td><td>96</td><td>24</td><td>2</td></tr>
<tr><td>С</td><td>72</td><td>24</td><td>2</td></tr>
</table>

*Сарчашма: дар асоси натиҷаҳои мониторинг (В-воридот, С-содирот).*

Тавре ки аз ҷадвали 3 дида мешавад, дар маҷмӯъ шумораи ҳуҷҷатҳое, ки барои аз сарҳади гумрукӣ гузарондани мол заруранд (дона) ҳангоми воридот 2,1 маротиба, ҳангоми содирот 2 маротиба, мӯҳлати таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гузаштан аз тамоми расмиёти марбут ба ҳаракат интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ (рӯзҳо) барои воридот ва содирот 3,6 маротиба, давраи гузаштани амалиёти гумрукӣ ва расмиёти гумрукӣ барои моле, ки таҳти назорати намудҳои иловагии давлатӣ қарор нагирифтаанд ва молҳои хавфнок муайян карда нашудаанд, ки санҷиши (соатҳои) иловагиро талаб мекунанд. воридот 48 баробар, содирот 36 баробар.

Ба андешаи мо, пас аз татбиқи низоми Равзанаи ягонаи бақайдгирии расмиёти содироту воридот ва транзит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои таҳияшудаи рушди назорати интегралӣ (Нигаред: Тавсияи UN/CEFACT № 33; Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозии шартҳои назорати сарҳадӣ; Миссияи ташхисии Созмони умумиҷаҳонии гумрук оид ба татбиқи стандартҳои чаҳорчӯбаи амният ва таъмини савдои байналмилалӣ; Моддаи 470-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон; Сархати 2 банди 2 Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011 № 153 «Дар бораи ҳисоботи Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 № 525 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Моддаи 22, 57 ва 63-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба соддагардонии монеаҳои маъмурӣ дар содирот ва воридоти мол, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008 № 487 тасдиқ шудааст») бояд инҳоро дар бар гирад:

- ташаккул додани намудани низоми «Равзанаи ягона» бо СИАЯ-и хадамоти гумрук;
- ҳамкории электронӣ бо вазорату идораҳо инчунин тасдиқи электронии ҳуҷҷатҳои коғазӣ дар ҳамаи марҳилаҳои барасмиятдарории гумрукӣ бо дурнамои аз байн бурдани васоити коғазӣ;
- автоматикунонии ҳар як зинаи гузаштан аз нуқтаҳои назоратӣ;
- тадриҷан гузарондани вазифаҳои назоратӣ дар ҷойҳои барасмиятдарории гумрукии гузаргоҳҳо.

Дар маҷмӯъ, татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ба беҳтар намудани расмиёти гумрукӣ дар постҳои гумрукӣ, гумрук ва ташкилотҳои гумрукии минтақавӣ мусоидат намуда, боиси афзоиши муносибатҳои содироту воридот мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Багриновский К.А., Матюшок В.М. Экономико-математические методы и модели (микроэкономика)/ К.А. Багриновский, В.М. Матюшок. - М.: РУДН, 1999.-216с.
2. Буриев Л. Дж. Совершенствование системы проведения таможенных процедур в условиях развития рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан) автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Буриев Лоикшох Джугиевич.- Душанбе, 2016.-167с.
3. Буриев Л.Дж. Совершенствование системы проведения и качества таможенных процедур в Республике Таджикистан / Л.Дж. Буриев // Вестник педагогического университета, - Душанбе: ТГПУ имени С.Айни, № 5(66), 2015. -С.116-127.
4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2016, тахти №678 тасдиқ шудааст.- Душанбе: Матбааи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.- 22 саҳ.
6. Международная конвенция об упрощении и гармонизации таможенных процедур (Конвенция Киото). Вступила в силу 25 сентября 1974 г., в редакции Протокола 1999 г.
7. Раджабов Р.К. Региональные особенности развития рынка таможенных услуг. Монография.- Душанбе: «Ирфон»,2014-152с.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе: ҶДММ «Контраст». -110с.


**УДК 338.436.33**

**Валиев З.Ҷ., Одинаев Ш.Т.**

## ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур коркарди баъзе масъалаҳои идоракунии равандҳои истеҳсолот дар доираи таъмини рақобатпазирии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ бӯҳрони навовариро аз сар мегузаронад, ки бо мавҷуд набудани шароитҳои зарурӣ ҷиҳати татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ барои рушди

кишоварзӣ алоқаманд аст. Дар солҳои охир, афзоиши назарраси сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бе навовариҳои заминавӣ, ки имконияти азхуднамоии технологияҳои навро имконнопазир мегардонад, самаранок буда наметавонад. Аз ин рӯ, равандҳоеро фаъол гардондан зарур аст, ки такмилдиҳии муттасили истеҳсолотро дар асоси дастовардҳои илм ва технологияҳои нав таъмин менамоянд. Вобаста ба беҳтар намудани фазои мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: идоракунӣ, рақобат, рақобатпазирӣ, коркард, навоварӣ, рушди илму техника, раванд, самаранокии истеҳсолот, соҳаи кишоварзӣ.

**Валиев З.Дж., Одинаев Ш.Т.**

**УПРАВЛЕНИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННЫМИ ПРОЦЕССАМИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ АГРОХОЗЯЙСТВЕННОГО СЕКТОРА ТАДЖИКИСТАНА**

В данной статье рассмотрена обработка некоторых вопросов управления производственными процессами в рамках обеспечения конкурентоспособности аграрного сектора Таджикистана. Аграрный сектор республики переживает инновационный кризис, который связан с отсутствием необходимых условий для реализации научно-технических достижений для развития сельского хозяйства. В последние годы значительный рост инвестиций в сельское хозяйство не может быть эффективным без базовых инноваций, позволяющих внедрять новые технологии. Поэтому необходимо активизировать процессы, обеспечивающие постоянное совершенствование производства на основе достижений науки и новых технологий. По поводу улучшения благоприятной среды для развития инновационной деятельности в сфере сельского хозяйства даны рекомендации.

**Ключевые слова:** управление, конкуренция, конкурентоспособность, переработка, инновации, развитие науки и техники, процесс, эффективность производства, аграрный сектор.

**Valiev Z.J., Odinaev Sh.T.**

**MANAGEMENT OF PRODUCTION PROCESSES IN ENSURING THE COMPETITIVENESS OF THE AGRICULTURAL SECTOR OF TAJIKISTAN**

In this article, the processing of some issues of production process management in the framework of ensuring the competitiveness of the agricultural sector of Tajikistan is considered. The agricultural sector of the republic is experiencing a crisis of innovation, which is associated with the lack of necessary conditions for the implementation of scientific and technical achievements for the development of agriculture. In recent years, a significant increase in investment in agriculture cannot be effective without basic innovations that make it possible to adopt new technologies. Therefore, it is necessary to activate processes that ensure continuous improvement of production based on the achievements of science and new technologies. Regarding the improvement of the favorable environment for the development of innovative activities in the field of agriculture, recommendations have been made.

**Keywords:** management, competition, competitiveness, processing, innovation, development of science and technology, process, production efficiency, agricultural sector.

Такмилдиҳии рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ аз коркади методҳои мониторинги равандҳои истеҳсолии корхонаҳо вобастагии зич дорад. Корхонаҳо як қисми дар ҷараёни тақсимоти меҳнат ҷудошуда мебошад, ки воҳиди хоҷагидориро ташкил намуда, ба таври ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ як қатор корхонаҳо ба рақобатпазирӣ шомил мебошанд. Рақобатпазирии маҳсулот имконияти

дастрасӣ ва истифодаи манбаъҳои бои табиӣ, аз қабили замин, иқлими мусоид, дарёҳо, манбаъҳои арзони меҳнатӣ ва инчунин дониш ва техналогияҳо асос меёбанд. Аммо манбаъҳои табиӣ маҳдуданд ва наметавонанд дар давраи дарозмуддат рақобатпазирии маҳсулотро дар базори ҷаҳонӣ таъмин намоянд. Донишу техонологияҳо истифодаи самараноки манбаъҳои табииро таъмин намуда, ҳосилнокии меҳнат, даромад ва дар натиҷа сатҳи зиндагиро баланд мекунад.

Ин нуқтаи назар махсусан барои субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити баромадан ба бозори ҷаҳонӣ зарур аст. Айни замон маълум мегардад, ки бартарияти рақобатии субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар дараҷаи пасти рақобатӣ мебошанд, яъне аз манбаъҳои бои табиӣ, қувваи кории арзон асос меёбанд. Аммо барои гузаштан ба бартарияти рақобатии дараҷаи баланд ба субъекетҳои хоҷагидории миллӣ навовариҳо дар шакли техналогияҳои нави истеҳсолӣ, усулҳои идоракунӣ ва ахборот зарур аст. Ба ғайр аз ин қайд кардан зарур аст, ки ба қобилияти рақобатии маҳсулот дар корхонаҳо як қатар омилҳои дохилию берунӣ таъсир мерасонанд.

Рақобатпазирии маҳсулот дар корхонаҳо ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ метавонанд доираҳои гуногуни рақобатро интихоб кунанд, яъне онҳо метавонанд рақобатро дар доираи васеъ ташкил диҳанд ва ё як сектори бозорро интихоб намояд. Ба бартарияти рақобати корхонаҳо танҳо дар сурати ташкил ва иҷро кардани намудҳои алоҳидаи фаъолият ноил мегарданд. Фаъолияти ҳама гуна корхона аз намудҳои гуногун иборат аст. Барои он ки корхона ба бартарияти рақобати ноил гардад, зарур аст, ки дилхоҳ маҳсулотро ба харидорон пешниҳод намояд дар баробари ин рақибони вай низ бо хароҷотҳои пасттарин ва ё бо арзишнокии нисбатан баланди мол пешниҳод мекунанд.

Маҳсулот дар корхонаҳо дар ҳолатҳои зерин ба бартарияти рақобат ноил мегарданд:

- дар натиҷаи кор карда баромадани усулҳои нави иҷроиши фаъолият;
- дар натиҷаи ҷорӣ кардани технологияҳои нав;
- дар натиҷаи истифодаи маҳсулноки компонентҳои асосии истеҳсолот.

Дар шароити муосир бартарияти рақобати маҳсулот мувофиқи ташкили тамоми системаи фаъолияти корхона ва алоқаи байни онҳо муайян карда мешавад. Корхонаҳо ба бартарияти рақобатӣ, пеш аз ҳама дар асоси навовариҳо муваффақ мешаванд. Навоварӣ ба маънои васеъ ҳам беҳтар кардани технология, такмил додани роҳҳо ва усули пешбурди корро дар бар мегирад. Навоварӣ метавонд дар дигаргун кардани мол ё раванди истеҳсол, истифодаи роҳҳои нави фурӯши маҳсулот ва афкори нави маркетингӣ ифода ёбад. Вай ҳамеша маблағгузориро ба инкишофи сармояи инсонӣ, ба фондҳои асосӣ ва саъю кӯшиши иловагӣ барои маркетинг дар назар дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шиддат ёфтани рақобати байналхалқӣ барои корхонаҳо зарур аст, ки сатҳи рақобатпазирии худро доимо баланд намоянд. Зеро ки ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ муҳити амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз шароитҳои иқтисодиёти миллӣ, ки аз таъсири рақобати байналхалқӣ тавассути ҳимояи давлатӣ қарор гирифта, фарқияти куллӣ дорад.

Дар бозори ҷаҳонӣ бошад корхонаҳои миллӣ танҳо ба бартариятҳои рақобатии худ такя карда метавонад.

Ба омилҳои асосии дар бозори ҷаҳонӣ барои корхонаҳои миллӣ муваффақиятро ҳангоми мубориза рақобатӣ таъминкунанда сифати баланд, эътимоднокӣ ва бехатарии маҳсулот, ки маҷмӯи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулотро ташкил медиҳанд, дохил мешаванд. Ба андешаи мо ғайр аз сифат, ба рақобатпазирии маҳсулот нарх, мӯҳлати таҳвил, кафолат, хизматрасонии баъди фурӯш ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар ҳам дохил шаванд, харидорон ва супоришдиҳандагон ҳангоми интихоби мол маҳз ба сифат таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Барои таъмини сифат бошад натанҳо бунёди моддӣ ва мутахассисони тахассуснок, балки шабакаи идоракунии сифат зарур аст. Бинобар ин дар шароити муосир ба усулҳои идоракунии сифат аз ҷониби корхонаҳо аҳамияти калон дода мешавад. Ҳангоми ҷори намудани идоракунии сифат бартарияти асосӣ дар фаъолияти корхона иҷрои ҳатмии

тамоми талабот оиди сифати маҳсулот дода мешавад. Чуноне қайд намудем, асоси таъминоти фаъолияти муътадил ва самараноки корхона дар шароити муносибатҳои бозори рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар навбати худ устувории сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи ба талабот мувофиқро таъмин мекунад.

Рақобатпазирии маҳсулот, рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунад, ки дар натиҷа ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, сифати маҳсулот аз масъали хусусии истеҳсолкунандагони алоҳида ба масъалаи умумимиллии сифат мубаддал мегардад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот корхонаҳо ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ стандартикунонӣ, сетрификатсияи маҳсулот ва мувофиқ намудани стандартҳои миллӣ ба талаботи стандартҳои сатҳи байналхалқӣ мебошад. Стандартикунонӣ ва сертификатсияи маҳсулот бо таъсири тамоилиҳои муосири таъмини бехатарии маҳсулоти таъиноти маишӣ, нигоҳдории саломатӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти рӯзафзунро пайдо карда истодааст. Агар сертификати мувофиқат барои тасдиқи сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда зарур бошад, онгоҳ барои соҳибкорон бартарияти иловагӣ дар муборизаи рақобатӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ҳамин аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодиёт, давлат бояд кӯшиш кунад, ки чунин восита ба монанди сертификатсия, аз як тараф беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва кафолати бехатарии онҳоро барои истеъмолкунанда таъмин намояд, аз тарафи дигар ҷараёни сертификатгирӣ ва арзиши гирифтани онро гарон нанамуда, садди роҳи инкишофи соҳибкорӣ нагардад.

Ба воситаи стандартикунонӣ, маҳсулот ҳамчун фаъолияти нақшавӣ оиди муқаррарнамоӣ, иҷрои қоидаҳо, меъёрҳо ва талаботҳо сифати ба таври иқтисодӣ оптималии маҳсулот, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истифодаи арзишоти моддӣ дар ҳолати риояи талабати бехатарӣ таъмин карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар чаҳорчубаи низоми давлатии стандартикунонии мақсади асосӣ ба воситаи стандартҳои нишондиҳандаҳо, маъёрҳо ва талаботи ба сатҳи баланди илмии ватанию хориҷӣ, техникаю истеҳсолот мувофиқ, мусоидат намудан ба таъминоти инкишофи мутаносиби ҳамаи соҳаҳои хоҷагии миллӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки роҳи дигари рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ аз методҳои мониторинги равандҳои истеҳсолӣ ин дастгирии давлатии иттилоотӣ буда, унсурҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1. Таъсиси системаи дастгирии давлатии иттилоотӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини фаъолияти он аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ки барои таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ масъуланд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон амалӣ карда мешавад.

2. Асоси системаи дастгирии давлатии иттилоотии соҳаи кишоварзӣ маълумот дар бораи ҳолат ва тамоюлҳои рушди он буда, дар системаҳои иттилоотии мақомотҳои давлатӣ ҷойгир карда шудаанд, ки вазифаҳои таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқиро иҷро мекунанд. Дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, мақомотҳои давлатии соҳа иҷрокунандаи вазифаҳои ташаккули иттилооти расмии оморӣ ва функсияҳои назоратро дар соҳа амалӣ менамояд.

3. Маълумоти зерин бояд ба системаи таъминоти давлатии иттилоотии соҳаи кишоварзӣ дохил карда шаванд:

1) татбиқи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ;
2) вазъи рушди соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ;
3) миқдор ва ҳолати техникаи кишоварзӣ, таъминоти сӯзишворӣ ва энергия;
4) оид ба кимиёкунонӣ ва мелиоративии замин дар соҳаи кишоварзӣ;
5) дар бораи мониторинги заминҳои кишоварзӣ;
6) ҳолати молиявию иқтисодии ташкилотҳои кишоварзӣ;

7) ҳолати фитосанитарии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҳои андешидашуда оид ба муайян, бартараф ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот ва зараррасонҳо ба растанӣ;

8) шумора ва ҳайати кормандони ташкилотҳои кишоварзӣ;

9) вазъи саноати хӯрокворӣ ва коркард;

10) ҳолати шикор, майдонҳои шикор ва истифодаи онҳо;

11) натиҷаҳои мониторинги нархи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ва захираҳои моддию техникӣ, ки ташкилотҳои кишоварзӣ дар бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ харидаанд. Низомномаи пешниҳоди иттилоотро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки масъули таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ мебошанд, муқаррар мекунад.

4. Маълумоте, ки бояд ҳатман ҳар як се моҳ дар вебсайти расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ масъули таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, дар интернет ва сайтҳои расмӣ ҷойгир карда ва аз нав коркард карда шавад, ки мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интернет, маълумотро бар ухда мегирад:

1) қарорҳое, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро масъули таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ қабул кардааст;

2) аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби татбиқи дастгирии давлатии рушди кишоварзиро муқаррар мекунанд;

3) сатҳи боҷҳои гумрукӣ, ҳаҷми квотаҳои тарифӣ ва татбиқи онҳо, ҳаҷми воридот ва содироти маҳсулоти асосии кишоварзӣ, ашёи хом ва маҳсулоти хӯрокворӣ;

4) нишондиҳандаҳои пешгӯишаванда ва воқеии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои кишоварзӣ (ҳисоботи моҳона дар бораи кишти зироатҳо, ҷамъоварии онҳо, чорво, дар бораи ҳаҷми шир ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ);

5) нархи миёнаи маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ, ки истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мефурӯшанд, барои маҳсулоти саноатии харидаи онҳо ва нархи баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ;

6) ҷамъбасти натиҷаҳои барӯйхатгирии умумиҷумҳуриявии кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ;

7) ҳолати фонди ҷумҳуриявӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ дар охири сол (солона) ва дар асоси натиҷаҳои дахолати давлатӣ дар хариди мол;

8) ҳаҷми захираҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва маҳсулоти хӯрокворӣ дар охири сол (солона) дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9) гузаронидани озмунҳо барои таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

10) дар бораи дигар маълумоте, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ масъули таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ муқаррар кардааст.

Бо назардошти аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ барои тамоми иқтисоди кишвар, солҳои охир дар ҷумҳурӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриро қабул кард, ки ҳадафҳои сиёсати аграрӣ, самтҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ дар бар мегирад. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз афзалиятҳои миллӣ мебошад ва бо амалисозии барномаҳои давлатӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, таъмин намудани суръати баланд ва рушди устувори кишоварзии минтақаҳо, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳа на танҳо аз асоснокӣ ва мутобиқати соҳаи кишоварзӣ вобаста аст. Идоракунии рушди кишоварзӣ дар минтақа як сиёсат аст, балки аз такмили усулҳои идоракунро дар сатҳи минтақа дорост. Такмили системаи идоракунӣ яке аз шартҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки омили ҳалкунандаи рақобатпазирии он мебошад.

Барои таъмини идоракунии самараноки бахши кишоварзӣ бо усулҳои нави идоракунӣ дар асоси таҳлили система ва воситаҳое ниёз доранд, ки на танҳо мушкилотро талаб мекунанд, балки чораҳои таъхирнопазирро афзоиш, барои ташхиси вазъи соҳа, муайян кардани дурнамо ва имконоти имконпазири рушдро назорат менамояд.

Технологияи мониторинг имкон медиҳад, ки самаранокии таъсири танзимкунанда, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ равона карда шуда, хусусияти тағироти сифатии он ва ба даст овардани маводи таҳлилӣ, ки рушди иқтисодии минтақаро ҳамаҷониба баҳо дода мешавад, тавсиф мекунанд.

Мониторинги пурраи миқёси иқтисодии соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи таҳқиқотро дар бар мегирад, ки тибқи нақшаи даврӣ ва дар асоси тағирёбии пай дар пайи иттилоот амалӣ карда мешаванд. Мониторинг таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи бахши кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, арзёбии сатҳи рушди онро дар шаҳрҳо бо мақсади муайян кардани "нуқтаҳои рушди иқтисодӣ", маҳдудият ва ташхис ҳамчун таъсиркунанда ба муайянкунандагон ва пешгӯиҳо таъсир мерасонад.

Дар робита ба ин, алгоритми идоракунии рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли зерин пешниҳод кардан мумкин аст (ниг. Расми 1.).

**Расми 1. - Алгоритми идоракунии рушди кишоварзӣ дар минтақа ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Алгоритми пешниҳодшудаи идоракунии рушди соҳаи кишоварзӣ пайдарҳамии тағирёбии иттилоотиро барои қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ барои таъмини иҷрои барномаҳои рушди кишоварзӣ дар минтақаро пешбинӣ мекунад.

Алгоритм ба мониторинги иқтисодӣ асос ёфтааст ва системаи ҷудонашавандаи воситаҳоро дар бар мегирад: таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи бахши кишоварзии минтақа, арзёбии сатҳи рушди он дар минтақа ва шаҳрҳо (муайян кардани нуқтаҳои рушди иқтисодӣ), блоки ташхисӣ, детерминантҳои таъсиррасон, тамоюлҳо ва дурнамои рушдро пешбинӣ мекунад.

Бояд қайд кард, ки рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ ба низоми муносибатҳои рентавӣ таъсир мерасонад, вобастагӣ дорад. Инчунин бо роҳи таъсири фаъоли давлат ба раванди ташкили рентавӣ ба воситаи низоми андоз, ки ба самти пардохти рентаи замин равона карда шудааст, метавонад шароитҳои такрористеҳсолиро дар баъзе қитъаҳои замин беҳтар намояд.

Аз ин рӯ, барои гузаронидани таҳлилиояндаи рақобатпазирӣ дар якчанд давраҳо пешниҳод кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо дар асоси таҳлилҳои қабулгардида дар назар дошта мешавад.

Вазифаи арзёбии оморӣ – тайёр кардани базаи маълумотӣ барои таҳлили омилҳо бо мақсади пешниҳоди алоҳида ба нишонаҳои натиҷавии истифодашуда, аз он ҷумла дар асоси татбиқи гузошташудаи сатҳи рақобатпазирии субъектҳои алоҳидаи фаъолияти хоҷагидорӣ, муайян кардани тамоюли қатъшавии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар давраҳои гузашта ба назар мерасад. Бинобар ҳамин яке аз роҳҳои асосии арзёбӣ ин муқоисакунӣ ба ҳисоб меравад.

«Ташкили рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ бояд мувофиқи технологияи инноватсионӣ асоснок ва аз назар гузаронида шавад» [3, С. 3].

«Вазифаи асосии давраи аввали гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин ғанӣ гардонидани бозор бо молҳои истеъмолӣ мебошад» [1, С. 68]. «Шароити ҳатми амал кардани низоми маркетингӣ дар ҷумҳурӣ ин ташкил кардани фазои ягонаи ахборотӣ, ки он метавонад мубодилаи ахбороти фавриро таъмин намояд. Макони ягонаи ахборотӣ дар базаи шабакаҳои компютерӣ ба вуҷуд оварда мешавад» [4, С. 25]. «Интихоби ахбороти аввалин, ки барои ташкил кардани макони ягонаи ахборотӣ зарур аст, аз тарафи мутахассиси хизматрасониҳои маркетингии ноҳиявӣ ба иҷро мерасад» [5, С. 9]. «Маълумоти ҷамъоваришуда оид ба корхонаҳои кишоварзӣ, коркардкунандаи махсулотҳои нонии ноҳия, корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, бозор ва ғайра ба компютер дохил карда мешавад ва бо ёрии таъминоти барномавӣ коркард карда мегардад. Инчунин аз тарафи мутахассисони ин соҳа ахбороти ҷамъоваришуда аз назар гузаронидашуда, коркард карда мешавад ва баъди ин амалиёт ахбороти систематикунондашуда ба маркази маркетинги ҷумҳуриявӣ супорида мешавад» [2, С. 70].

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар назди таҳлилкунанда дар давраи пешбинишуда – интихоби хусусиятҳои базавӣ мебошад, ки метавонад ҳамчун нишондиҳандаи объекти таҳлил муайян гардад. Дар ҷамбасти натиҷавӣ интихоб бояд аз рӯи мақсадҳои таҳлил, тамоюл, қонунияти инкишоф, мавқеи рақобат ва ғайра муайян карда шавад.

Истифодаи принсипҳо ва қабули таҳлили дурнамои рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ба ҳалли масъалаҳои коркарди низоми нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ наздик шаванд, ки онҳо дар худ тамоми хусусиятҳои махсуси шароитҳои соҳаи кишоварзиро нишон медиҳанд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи дар боло зикршуда, тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- хулосаи натиҷавӣ оид ба рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бе ҷамъбасткунии натиҷаи иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ғайри имкон аст. Ин хулосаҳо барои КАС хеле муҳим мебошад, ки дар он баҳисобгирии хусусиятҳои омилҳои иҷтимоӣ ва табиии фаъолияти хоҷагидорӣ нишон дода шудааст. Вале айни замон илми иқтисодӣ воситае надорад, ки натиҷаи истифодаи захираҳои моддӣ ва табииро чен кунад. Танҳо гуфтан

мумкин аст, ки чӣ қадаре эҳтимолияти фоидаи иқтисодӣ зиёд бошад, ҳамон қадар ҳолатҳои нишондодҳои иҷтимоӣ паст мегардад. Дар вобастагӣ бо мушкилоти зикрёфта танҳо арзёбии алоҳидаи нишондодҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рақобатпазирӣ зарур мебошад;

- низоми нишондодҳои рақобатпазирӣ дар худ бояд арзёбиро ҳамчун фаъолияти дурнамои субъект доро бошад;

- арзёбии давлатии рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзиро лозим аст: мисол, пур кардани қисми даромади буҷет ё ин ки имкониятҳои маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ.

## АДАБИЁТ


1. Абдуғаффор Рауфӣ Конкурентная экономика Душанбе «Дониш», 2014. 608 с.
2. Валиев З.Ҷ. Самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ №7 (Душанбе "Сино" 2019, саҳ. 67-71).
3. Кучуков Р. Роль государства в формировании инновационной экономики. // Экономист. – 2009. - №6. – С. 3.
4. Райзберг Б., Морозов Н. Государственное управление инновационными процессами. // Экономист. – 2008. - №1. – С. 25.
5. Рауфӣ А., Асроров И., Асророва З. От экономического роста к экономическому развитию. // Известия Ан РТ. – Сер. Экономика. – 2008. - №1-2. – С. 9.


**УДК 346.2**

**Валиев Н.Ш., Амонов С.С., Асрорзода А.С.**

## НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур нақш ва мафқеи фаъолияти соҳибкорӣ дар низоми саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун захирае, ки бояд дар раванди навсозии иқтисодиёти ватанӣ ва хусусан бахши саноатии он васеътар истифода шавад, омӯхта шудааст. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, соҳибкорӣ дар таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ саҳми назаррас дорад. Аз ин бармеояд, ки дастгирии соҳибкорӣ барои низоми саноатии ҷумҳурӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад, зеро барои рушди истеҳсолоти саноатӣ шароити иловагӣ фароҳам меорад ва воридоти сармоягузориро ба бахши воқеии иқтисодиёт ҳавасманд мекунад.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкор, саноат, саноатикунонӣ, бахши воқеӣ, ҳавасмандгардонӣ, стратегия**.**

**Валиев Н.Ш., Амонов С.С., Асрорзода А.С.**

## РОЛЬ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье изучена роль и значение предпринимательской деятельности в промышленной системе Республики Таджикистан как ресурса, который должен быть более широко использован в процессе модернизации отечественной экономики и особенно ее промышленного сектора. Несмотря на существующие проблемы, предпринимательство вносит значительный вклад в обеспечение социально-экономической стабильности и стимулирование инновационной деятельности в сфере промышленного производства.

Отсюда следует, что поддержка предпринимательства приобретает стратегическое значение для промышленной системы республики, поскольку создает дополнительные условия для развития промышленного производства и стимулирует приток инвестиций в реальный сектор экономики.

**Ключевые слова:** предпринимательство, предприниматель, промышленность, индустриализация, реальный сектор, мотивация, стратегия.

**Valiev N.Sh., Amonov S.S., Asrorzoda A.S.**

**THE ROLE OF ENTREPRENEURSHIP IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article examines the role and importance of entrepreneurial activity in the industrial system of the Republic of Tajikistan as a resource that should be more widely used in the process of modernizing the domestic economy and especially its industrial sector. Despite the existing problems, entrepreneurship makes a significant contribution to ensuring socio-economic stability and stimulating innovation in the field of industrial production. It follows that the support of entrepreneurship is of strategic importance for the industrial system of the republic, since it creates additional conditions for the development of industrial production and stimulates the inflow of investments into the real sector of the economy.

**Keywords:** entrepreneurship, entrepreneur, industry, industrialization, real sector, motivation, strategy.

Дар шароити муносибатҳои хоҷагидории бозорӣ рушду равнақи соҳибкорӣ дар ҳамаи бахшҳо ва намудҳои фаъолияти хоҷагидории иқтисодиёти кишвар яке аз роҳҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ мебошад, ки барои рушди рақобат, таъмин ва қонеъ кардани бозори дохилӣ бо молу хизматрасонӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва соҳибкорон мусоидат мекунад, махсусан рушди бахшидани соҳибкорӣ дар соҳаи саноат аҳамияти муҳиму аввалиндараҷа дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд намудаанд: “Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад. Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст”.

Дар баробари ин барои рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисоди кишвар баъзе нуқсонҳо мавҷуданд, ба мисоли: нисбатан дараҷаи баланди хавф; вобаста будан аз ширкатҳои калон; камбудиҳо дар ташкил ва идоракунии фаъолият; проблеми ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ ва дастрасии қарзи бонкӣ ва тиҷоратӣ ва ғ. буда метавонанд.

Бе баланд бардоштани самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи саноат ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар мамлакат имконнопазир мебошад.

Рушди шаклу намудҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ва ноҳияҳои он, аз ҷумла, татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодии бозорӣ дар соҳаи саноати Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дорад. Зеро яке аз ҳадафҳои милии рушд ин саноатикунонии босуръати иқтисодиёт маҳсуб мешвад. Аз ин хотир баррои баррасии масъалаҳои гуногуни соҳибкории санотӣ мо бояд аз нуқтаи назарӣ фаъолияти соҳибкориро таҳлил ва баҳодиҳӣ намоем.

Қобили зикр аст, ки масъалаҳои ташаккулёбӣ, таҳлили ҳолат ва рушди бемайлони соҳибкорӣ, хусусан асосҳои назариявӣ ва методологӣ, зарурат, мазмун ва аҳамияти рушди он аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар иртибот бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти

пешгирифтаашон баррасӣ шудаанд ва онҳо дар саҳифаҳои адабиёти илмӣ то андозае инъикоси худро ёфтаанд.

Ба андешаи мо, то ҳол ҳам маънидоди истилоҳои зерин ба монанди «Соҳибкор», «Фаъолнокии соҳибкорӣ», «Соҳибкории хурд», «Соҳибкории инфиродӣ» масъалаи поягии баҳсталаб буда, баъзан фикру андешаҳои норавшан ва зиддиятнок ҷой доранд.

Бинобар ин, бояд хотирнишон кард, ки дар таърихи афкори назарияи иқтисодии классикӣ аввалин бор иқтисоддони англис Ричард Кантилон дар асари илмиаш бо унвони «Очеркҳо оид ба табиати тиҷорат», соли 1755 навиштааст: “Соҳибкор –шахсе мебошад, ки ҳамеша дар фазои мавҷуд будани хавфу хатар фаъолият менамояд. Азбаски нархи бозории маҳсулот ҳанӯз дақиқ маълум нест, бо ин сабаб соҳибкор ногузир ба хавфу хатар рӯ ба рӯ мешавад. Сарчашмаи боигарӣ маҳз замин ва меҳнат буда, ин ду омили асосии истеҳсолот дар ҳақиқат арзиши неъматҳои моддиро муайян мекунанд.

Равишҳои консептуалии илми иқтисодӣ, ки ҳоло ба амал меояд, ба таҳияи ҳолати нави рушди соҳибкорӣ равона карда шудааст. Барои муайн ва аниқ ба даст овардани тафсири пурраи фаъолияти соҳибкорӣ, илова кардани он бо назардошти афзалиятҳо ва маҳдудияти ҳар як шахс талаб карда мешавад. Барои таҳияи равише, ки равандҳои муосири рушди соҳибкорӣ ва таъсири онро ба тағйироти фаъолияти иқтисодии одамон ба таври қаноатбахш тафсир мекунад, баргаштан ба муқаррароти бунёдии илми иқтисодӣ муҳим аст. Ҳамзамон, таҳаввулоти назарияҳои соҳибкорӣ дар ташаккули тасаввуроти гуногуни назариявӣ дар доираи консепсияҳои рақобатпазири иқтисодӣ зоҳир мешавад, ки тағйироти мураккабро дар раванди гузариш аз иқтисоди аграрӣ ба иқтисоди саноатӣ ба амал меоянд, инъикос мекунанд [11. С. 152].

Мо дар ин ҷо, хеле зарур меҳисобем, ки чор давра оид ба тафаккури консептуалии тасаввурот дар бораи соҳибкорӣ ҷудо карда мешаванд, ки бо таваҷҷӯҳи омӯзиши олимон ба ҷанбаҳои гуногуни он хос аст, дар расми 1 инъикос намоем.




**Расми 1. – Даврахои консептуалии тасаввурот дар бораи соҳибкорӣ**

Ин давраҳои консептуалӣ ба таври мураккаб ба ҳам мепайванданд. Дар ин ҳолат бисёр масъалаҳое, ки ҳанӯз ҳалли қаноатбахши назариявӣ наёфтаанд, нигоҳ дошта мешаванд.

Ин давраҳо на ҳамчун давраҳои бартарии мактабҳои иқтисодӣ, балки ҳамчун афзоиши таваҷҷӯҳ ба баъзе ҷанбаҳои нави соҳибкорӣ, ки аксар вақт дар оянда рушд мекунанд, баррасӣ карда мешаванд. Дар тафсири онҳо фарқиятҳои дигар низ ба вуҷуд омаданд.

Консепсияҳои аввалини соҳибкорӣ дар давраи асрҳои XVII-XVIII пайдо шуданд, вақте ки самти асосии тафаккури иқтисодӣ меркантилизм буд. Дар шароити пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ нақши махсус дошт, ки мавзӯи таваҷҷӯҳи фаъоли меркантилистҳо гардида буд ва як намуди хеле хатарноки соҳибкорӣ ба ҳисоб мерафт. Ба ин ҳолат намояндагони давраи аввал таваҷҷӯҳ зоҳир карданд, ки яке аз онҳо Ричард Кантилон буд. Вай аввалин олими назарияи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули равишҳои гуногуни назарияи классикии иқтисодӣ ҳамчун илм ва дар маҷмӯъ ба пайдоиши тафсири пурмазмунтар дар доираи давраи дуюми тафсири назариявии тасаввурот дар бораи соҳибкорӣ мусоидат кард. Баъдтар иқтисодчии машҳури фаронсавӣ Ж.Б. Сэй дар таърифи фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳам пайваст кардани се омилҳои истеҳсолот – замин, сармоя ва меҳнатро мухтасар ифода кард. Тавсияи асосии Ж.Б. Сэй дар эътирофи нақши фаъоли соҳибкорон дар истеҳсоли маҳсулот ифода мeёбад. Даромади соҳибкор ба ақидаи Ж.Б. Сэй подоши хизмати қобилияти ташкил намудани истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот мебошад.

Умуман Ж.Б.Сей хусусиятхои хоси зерини фаъолияти соҳибкориро пешниҳод менамояд [13. С. 148]:




**Расми 2. - Хусусиятҳои хоси соҳибкорӣ ба ақидаи Ж.Б. Сей**

Ба ақидаи Ж.Б. Сэй соҳибкор - ин шахсест, ки аз ҳисоби худ бо таваккал ва ба манфиати худ истеҳсоли ягон намуди маҳсулотро ба роҳ мемонад. Вазифаи асосии соҳибкорро олим на дар гирифтани фоида, балки дар моҳирона муттаҳид намудан, якҷоя кардани омилҳои истеҳсолот, ташкил ва идоракунии такрористеҳсолро дар чорчӯбаи фаъолияти хоҷагидории оддӣ медид.

Дар асоси инқилоби маржиналистӣ, самти неоклассикӣ дар илми иқтисодӣ марҳилаи нави тафаккури консептуалии соҳибкориро ба вуҷуд овард. Усулҳои нави маблағгузории корпоративӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба он оварда расонданд, ки шумораи ширкатҳо афзоиш ёфт, дар онҳо нақшҳои капиталистҳо ва соҳибкорон аксар вақт бо ҳамдигар тағйир меёфтанд. Зарурати фарқияти байни соҳибкор ва капиталист ба миён омад. Дар асарҳои илмии неоклассикҳо (А.Маршалл [1. С. 213], Л. Вальраса, К. Менгер) ба он диққат дода мешавад, ки соҳибкор ҳамчун менеҷере баромад мекунад, ки вазифаҳои муқаррарӣ ва ҳаррӯзаи худ - пайваст кардани сармоя ва меҳнат дар раванди истеҳсолот, банақшагирӣ ва назоратро дар мадди аввал мегузорад. Ба ақидаи онҳо, фаъолияти соҳибкорӣ меҳнати тахассуси муайян оид ба идоракунии корхона мебошад ва бо танзими истеҳсолот ба шароити тағйирёбандаи бозор, барқарор кардани мувозинат дар иқтисодиёт, таъмини

истифодаи оқилонаи захираҳо ва қонеъ кардани талаботи пайдошуда алоқаманд аст. Натиҷаи ин равиш тасаввуроти соҳибкорӣ ҳамчун омили чоруми истеҳсолот мебошад [11. С. 15].

Дар бобати рушди бомарому устувори иқтисодиёту фаъолияти соҳибкории самаранок олими барҷаста ва навовари иқтисоддон Йозеф Шумпетер (с. 1883 - 1950) дар асари машҳураш «Назарияи рушди иқтисодӣ» (с. 1911) нақши бузург гузоштааст ва соҳибкориро чун фаъолияти навгонӣ маънидод кардааст. Бино бар ақидаи воқеан инқилобии ӯ дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳама муҳимтар ва асоситар маҳз фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб мешавад, аммо ҳуқуқи моликият дар корхона нишонаи тақдирсози соҳибкорӣ ба шумор намеравад. Ӯ дар ин бобат гуфтааст: «Танҳо ҳамон шахс соҳибкор шуда метавонад, ки ҷоивазкунии нави омилҳои истеҳсолотро дар фаъолияти хоҷагидорӣ татбиқ намояд, ки ӯ корманди ҷамъияти саҳомӣ, хизматчӣ ва менеҷери корхонаи дорои шаклҳои мухталифи моликият бошад. Муҳимтар дар ин ҷо он аст, ки онҳо ба дигарон монанд на ба он тавре, ки одатан дигарон иҷро мекунанд. Фаъолияти соҳибкор бояд ҳамеша фаъолона бошад, зеро нақши шахси соҳибкор чун субъекти иқтисодӣ бозорӣ танҳо дар ҳамон ҳолат эътироф мегардад, ки агар ӯ вазифаи навоваронаро дар истеҳсолот амалӣ намояд ва ин мақомро метавонад боз бо осонӣ аз даст диҳад, гарчанде фаъолияти соҳибкориро бо роҳу раванди анъанавӣ, яъне кӯҳна идома диҳад» [19. С. 21].

Мо дар ин ҷо, хеле зарур меҳисобем, ки таҳавуллоти фикру андешаҳои пажӯҳишгарони мухталифи илму амали иқтисодиро нисбати мафҳуми «соҳибкорӣ» аз нигоҳи таърихӣ – хронологӣ дар расми 3 инъикос намоем. Ин назарияҳо дар тӯли зиёда аз дуюним аср аз ҷониби олимони гуногун дастгирӣ ва пешниҳод карда шуданд.




**Расми 3. - Марҳилаҳои рушди назарияи соҳибкорӣ**

Дар ҳақиқат, фикру ақидаи пажӯҳишгарони масоили иқтисодию иҷтимоӣ нисбати мавзӯи назарии таҳқиқоти баррасишуда хеле гуногун буда, дар байни онҳо нисбати субъекти соҳибкорӣ вобаста бо хурд ё бузург будани онҳо, то ҳоло таърифи ягона вуҷуд надорад ва ба фикри муаллиф то ҳол масъалаи пояҳои назариявии вожаҳои поягии “Соҳибкор” ва “Фаъолияти соҳибкорӣ” аслан серпаҳлӯ, мураккаб ва баҳснок мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар луғати калони иқтисодӣ мафҳуми соҳибкорӣ чунин маънидод карда мешавад: «Соҳибкорӣ - ин фаъолияти ташаббускорона, мустақилонаи шаҳрванд аст, ки барои ба даст овардани фоида ё даромади шахсӣ нигаронида шуда, аз номи худ, дар зери масъулияти амволи худ ё аз ном ва ё масъулияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад»

Ба фикри баъзе олимони иқтисоддони тоҷик ва қонуну санадҳои ҳуқуқӣ вобаста ба моҳияти иқтисодии истилоҳи "Соҳибкор", "Фаъолияти соҳибкорӣ", "Соҳибкории хурд" ва таҳавулоти он шинос шудан ба маврид аст.

**Ҷадвали 1. Таърифи мафҳуми соҳибкорӣ дар асарҳои олимон –муҳаққиқони ватанӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ**

| Муаллифон | Сол | Мафҳуми таъриф |
|---|---|---|
| С.Ҷ. Комилов | | Соҳибкорӣ-ин ташкили фаъолияти мустақилонаи иқтисодӣ, ки барои ба даст овардани фоида нигаронида шуда, ҳамчун раванди босуръати қобилияти соҳибкорӣ мебошад, ки онро ба сифати яке аз захираҳои иқтисодӣ, ки ба рушди фаъолияти иқтисодӣ, инноватсионӣ ва сармоягузорӣ метавон дохил намуд. [7] |
| Қ.Қ.Толибов | | Соҳибкорӣ ба худ завқ, ташаббускорӣ, мутақилият ва фаъолити навовариро дар субъектҳои хоҷагидорӣ, барои мақсади фоидаи зиёд ба даст овардан ва ноил шудан ба имкониятҳои нав аз натиҷаҳои имконпазир таҷассум менамояд. [14] |
| С. Хабибов, Д.К.Эшов | | Соҳибкорӣ-ин фаъолияти иқтисодии фаъолона, ташаббускорона, мустақилона, навоварона ва асосан дорои хавфу хатарест, ки ба гирифтани натиҷаи молиявӣ, яъне фоида нигаронида шудааст, аз ин рӯ, барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарони молу хизматҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ равона шудааст» [17] |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» | | Соҳибкорӣ - фаъолияте мебошад, ки дар заминаи таваккал ва хавфҳои худ аз ҷониби шахсоне амалӣ карда мешавад, ки онҳо дар асоси қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта шудаанд. Соҳибкорӣ барои танзими гирифтани даромад аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо амалӣ карда мешавад. [9] |

Дар мақолаи мазкур аҳамияти фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Тоҷикистон ҳамчун самти стратегии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони имрӯза мавриди омӯзиш ва таҳлил ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар ин замина мавқеи марказиро таҳлил ва баҳогузорӣ ба рушди пай дар пайи соҳаи саноати кишвар дар солҳои 2010-2020 ва пешгӯии он то давраи солҳои 2030 ишғол менамояд.

Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои бозаргонӣ аҳамияти шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро ҳам дар рушди кишвар ва ҳам дар маҷмӯъ, баланд гардонд. Соҳибкорӣ, чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, омили муҳими ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ, таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва рушди сектори хусусӣ чун унсури пешбари иқтисодиёти бозаргонӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки ҳамаи дигаргуниҳои бозаргонии дар давраи охир баргузоршаванда барои ташкили шароит ва заминаҳои иқтисодӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шуда

буданд. Бо мурури воридшавии тағйиротҳои бозаргонӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зарурати рушди босуръат ва ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ ба миён меояд.

Бо дарки амиқи ҳамаи ин омилҳо Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ эълон намудааст.

Саноат соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад ва он кишварҳое, ки ин соҳаро ҳамчун самти афзалиятдори рушд интихоб кардаанд, ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд, маҳсулоти рақобатпазири замонавӣ истеҳсол карда, аз фурӯши он даромади зиёд ба даст овардаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба ин соҳа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон рушди босуръати саноатро ҳадафи муҳими стратегӣ эълон намуданд ва дар тамоми ҷумҳурӣ ва маҳалҳои он корҳо дар ин самт тавсеа меёбанд.

Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҷузъи муҳими иқтисодиёти муосир мебошад. Он равандҳои мухталиферо дар бар мегирад, ки бо интиқоли молҳо ва хизматрасониҳо аз сарҳади кишварҳои мухталиф алоқаманд мебошад. Расмиятҳои гумрукӣ дар ин раванд нақши асосиро мебозанд, ки назорат ва танзими интиқоли молҳоро таъмин мекунанд. Марҳилаҳои асосии расмиёти гумрукӣ аз декларатсияи молҳо, пардохти боҷҳои гумрукӣ, гузаштан аз назорати гумрукӣ ва нигоҳдории мол дар анборҳои гумрукӣ иборатанд. Ҳуҷҷатҳои гумрукӣ дар бақайдгирӣ ва танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нақши муҳим доранд. Боҷҳои гумрукӣ ва маҳдудиятҳо метавонанд ба арзиш ва мавҷудияти мол таъсир расонанд. Тартиби гумрукӣ вобаста ба хусусияти моли интиқолшаванда ва мақсади интиқоли онҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад. Назорати гумрукӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ буда, амният ва риояи қоидаву қонунҳоро таъмин менамояд. Анборҳои гумрукӣ ва брокерҳо дар нигоҳдорӣ ва расмиёти мол тавассути гумрук нақши муҳим доранд.

Низоми гумрукии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо усулҳои зерини судманд тадбиқи худро амалӣ карда метавонанд:

- Таъсиси хадамоти гумрукӣ ҷиҳати таъмини риояи асноди ҷории қонунӣ ва меъёрии ҷумҳурӣ, қоидаҳои байналмилаллии савдо, конвенсияҳои бисёрҷониба ва шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ;
- Ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ, андозу пардохтҳо ва расму қоидаҳои анъанавӣ дар бораи содирогу воридоти молу хадамот ва инчунин тақвили муқарраргардидаи транзитии онҳо;

- Риояи монеаву маҳдудиятҳо дар шароити таҳвили намудҳои муайяни мол тавассути сарҳади гумрукӣ;
- Истифодаи низоми муваффақгардонидашудаи тасвир ва бо рамз ифода кардани мол, ба монанди феҳристи ягонаи эътирофгардидаи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- Арзёбии дурусти гумрукии мол, роҳ надодан ба расонидани зиён ба манфиатҳои давлат.

Инкишоф додан ва такмил додани савдои берунӣ ҳам барои тамоми мамлакат ва ҳам барои корхонаи алоҳида аҳамияти калон дорад. Дар айни замон фаъолияти ягон корхонаро бе иштироки он дар фаъолияти иқтисодии берунӣ тасаввур кардан номумкин аст. Айни замон Тоҷикистон бо зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон робитаҳои содиротӣ ва воридотӣ дорад. Умуман, тақрибан 60—80 фоизи ҳаҷми умумии муносибатҳои байналхалқии иктисодиро муносибатҳои содироту воридот ташкил медиҳанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли солҳои 2017-2021 динамикаи мусбати савдои берунӣ чунин ба роҳ монда шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2021 (млн. доллари ИМА)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба соли 2015, ба % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 1,60 маротиба |
| Мамлакатҳои ИДМ: | 1886,0 | 1876,0 | 2002,6 | 2199,9 | 3229,0 | 1,71 маротиба |
| Дигар кишварҳо: | 2086,0 | 2348,3 | 2521,1 | 2357,9 | 3120,1 | 1,49 маротиба |
| Содирот – ҳамагӣ: | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 3406,8 | 2179,6 | 1, 81 маротиба |
| Мамлакатҳои ИДМ: | 430,7 | 530,3 | 449,9 | 289,4 | 574,7 | 1,33 маротиба |
| Дигар кишварҳо: | 767,3 | 543,0 | 724,5 | 117,4 | 1574,9 | 2, 05 маротиба |
| Воридот – ҳамагӣ: | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 1,51 маротиба |
| Давлатҳои ИДМ: | 1656,2 | 1818,0 | 2071,2 | 2068,4 | 2545,4 | 1,53 маротиба |
| Дигар кишварҳо | 1118,7 | 1333,0 | 1278,1 | 1082,5 | 1664,1 | 1,48 маротиба |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2022. -саҳ.353.

Аз натиҷаи ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давоми солҳои 2017-2021 гардиши савдои хориҷӣ ба 1,61 маротиба зиёд шуда, нисбат ба мамлакатҳои ИДМ ба 1,71 маротиба ва нисбат ба дигар мамлакатҳо ба 1,49 маротиба афзудааст. Содирот дар маҷмуъ ба - 1,81 маротиба, бо мамлакатҳои ИДМ - 1,33 маротиба ва нисбат ба дигар кишварҳо - 2,05 маротиба афзудааст, воридот ба 1,51 маротиба зиёд шудааст, аз ҷумла, бо давлатҳои ИДМ ба – 1,53 маротиба ва бо дигар кишварҳо ба – 1,48 маротиба афзудааст.

Хадамоти гумруки Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароит барои ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ бояд ба вазифаҳои зерин диққати аввалиндараҷа диҳад:

- пешниҳоди маълумоти боэътимод дар асоси маълумоти омории мақомоти гумрук барои ташаккули дастурҳои асосии сиёсати макроиқтисодӣ;

– ба иштирокчиёни фаъолияти иктисоди хориҷӣ расонидани хизмати босифати гумрукӣ;

– ҳадди аксар рафъи монеаҳои гумрукӣ ва кам кардани маҳдудиятҳо барои интиқоли молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ дар бозори дохилӣ;
– тавсеаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо дар танзими гумрукӣ ва дигар соҳаҳои идоракунии давлатии иқтисодиёт;
– таҳияи пешниҳодҳо оид ба муттаҳидсозии қонунгузорӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ;
– иштирок дар таъмини самарабахштарин низоми институтсионалии кишвар, ташаккули механизмҳои ягонаи гумрукӣ;
– таъмини самараи мутобикати мутакобилан самарабахши равишхо ва амалияи гумрук дар татбики сиёсати иктисодии кишвар.

Ҳамзамон, заминаҳои афзалиятноки моддие, ки барои такмил ва рушди минбаъдаи иқтисоди миллии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, чунинанд:
- мавҷудияти шароити мусоиди табиӣ ва иқлимӣ, ки самаранокии баланди соҳаи кишоварзиро таъмин мекунанд, рушди ҳамаҷонибаи комплекси агросаноатӣ бо афзоиши назарраси нақши он дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва рушди истеҳсолот;
- захираҳои назарраси конҳои канданиҳои фоиданок (ангишт, нуқра, тилло, металлҳои ранга, намак ва бисёр дигарон), ки коркарди онҳо ба рушди истеҳсолот, барқарорсозии минбаъдаи иҷтимоӣ ва афзоиши тамоми иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад;
- захираҳои зиёди гидроэнергетика ва захираҳои об, ки қодиранд ҳалли масъалаҳои истиқлолияти энергетикӣ, обёрӣ, пешрафти илмӣ-техникиро дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва рушди як қатор соҳаҳои нави саноат таъмин кунанд;
- захираҳои меҳнатии назаррас ва босуръат афзоянда, ки омезиши мусоиди онҳо бо омилҳои дар боло зикршуда барои рушди самараноки маҷмӯи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад [3].

Аз ин рӯ, дурнамои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин на танҳо таъмини истиқлолият ва бехатарии иқтисодии мамлакат бо дарназардошти самтҳои дар боло таҳлилкардашуда, балки ба даст овардани самаранокии бештар дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани некуаҳолии шаҳрвандони ҷумҳурӣ паи татбиқи сиёсати давлатӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Нидоев Н.Ф., Наврӯзов Р.П., Файёзов Ҷ.Б. Танзими давлатии фаъолияти гумрукӣ. Комплекси таълимӣ - методӣ - Душанбе: «Ирфон», 2018. - 315 - саҳ.
2. Раджабов Р. К., Хикматов С. И. Таможенная система: проблемы и инновационное развития. Монография/ Р.К. Раджабов, С. И. Хикматов. – Душанбе: «Сумани Кудрат», 2012. – 184с.
3. Раҷабов Р.К., Хикматов С.И., Раҷабова Н.Р. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт. -Душанбе: Ирфон, 2021. -236 саҳ.
4. Раджабов Р.К., Алиев М.Б.Развитие внешней торговли и таможенной службы в условиях рыночной экономики// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино»,2016, №2/9(218). – С.26-32.

**УДК 330**

**Зуҳуров Б.И.**

## ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ МИНТАҚАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои танзими давлатии сарватҳои табиии минтақаҳои кишвар ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа дар шароити кунунӣ баррасӣ гаштааст. Танзими давлатӣ барои таъмини рушди босубот ва нигоҳ доштани устувории экологии минтақа аз нуқтаи назари истифодаи оқилона зарур мебошад. Қайд мегардад, ки танзими давлатии истифодаи бойгарии минтақаҳо имкон медиҳад, ки таъсири минтақа ба мушкилоти глобалии экологӣ танзим ва назорат шуда, тавозуни устувории экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин мегардад, ки унсури асосии рушди иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад. Дар мақола диққати махсус ба масъалаҳои ошкор намудани иқтидори бойи табиии минтақа, арзёбии иқтисодии онҳо ва инчунин истифодаи оқилона дар заминаи танзими давлатӣ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, танзими давлатии истифодабарии захираҳои табиӣ, таҳлили масъалаҳои назариявию таҷрибавии онҳо барои кишвар ҳамчун омили муҳим ва рузмарра дар рушди минбаъдаи фаъолияти хоҷагидорӣ боқӣ мемонад.

**Калидвожаҳо:** Танзими давлатӣ, захираҳои табиӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, истеҳсолот, иқтисодиёти минтақа, шуғли пурмаҳсул, рақобатпазирӣ, иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ, ҳамкориҳои судманд ва арзёбии иқтисодии иқтидори захираҳо.

**Зухуров Б.И.**

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ КАК ФАКТОР РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы государственного регулирования природных ресурсов регионов страны как фактор развития экономической деятельности в современных условиях. Государственное регулирование необходимо для обеспечения устойчивого развития и поддержания экологической стабильности региона с точки зрения рационального использования ресурсов. Отмечается, что государственное регулирование использования богатств регионов позволяет регулировать и контролировать влияние региона на глобальные экологические проблемы и обеспечивать баланс экологической, экономической и социальной стабильности, что считается основным элементом социального развития и охраны окружающей среды. Особое внимание в статье уделено вопросам освоение богатого природного потенциала региона, его экономической оценки, а также рационального использования в контексте государственного регулирования. С этой точки зрения государственное регулирование использования природных ресурсов, анализ их теоретических и практических вопросов остается для страны важным и повседневным фактором дальнейшего развития экономической деятельности.

**Ключевые слова:** государственное регулирование, природные ресурсы, макроэкономические показатели, производство, региональная экономика, производительная занятость, конкурентоспособность, национальная экономика, экономическая деятельность, инвестиции, взаимовыгодное сотрудничество и экономическая оценка ресурсного потенциала.

**Zuhurov B.I.**

**STATE REGULATION OF NATURAL RESOURCES AS A FACTOR OF REGIONAL DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article discusses issues of state regulation of natural resources in the country's regions as a factor in the development of economic activity in modern conditions. Government regulation is necessary to ensure sustainable development and maintain the environmental stability of the region in terms of rational use of resources. It is noted that state regulation of the use of regional wealth makes it possible to regulate and control the region's influence on global environmental problems and ensure a balance of environmental, economic and social stability, which is considered the main element of social development and environmental protection. Particular attention is paid to the issues of developing the rich natural potential of the region, its economic assessment, as well as rational use in the context of government regulation. From this point of view, state regulation of the use of natural resources, analysis of their theoretical and practical issues remains an important and everyday factor for the country in the further development of economic activity.

**Key words:** government regulation, natural resources, macroeconomic indicators, production, regional economy, productive employment, competitiveness, national economy, economic activity, investment, mutually beneficial cooperation and economic assessment of resource potential.

Яке аз омилҳои муҳими истифодаи оқилонаи бойгарии табиӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ танзими давлатии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шакли муҳайё намудани шароити мусоид ба ҳисоб меравад. Муҳимияти танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа аз якчанд омилҳои муҳим аз қабили таъмини устувории экологӣ, тараккиёти иктисодй, адолати иҷтимоӣ, пешгирии низоъ ва мушкилоти глобалӣ вобастагӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки танзими давлатӣ барои нигоҳ доштани устувории экологии минтақа аз нуқтаи назари истифодаи оқилона зарур мебошад. Ин пешгирӣ аз ифлосшавии муҳити зист, ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии захираҳои табииро бо роҳҳои кам кардани таъсири манфӣ ба экосистема, ки имруз барои ташаккулёбии иқтисодиёти сабз зарур аст дар бар мегирад. Идоракунии давлатии захираҳои табиӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа низ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Ин пеш аз ҳама идоракунии захираҳои табиӣ, таҳияи стратегияҳои самараноки истихроҷ ва коркард, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузориро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танзими захираҳои табиӣ инчунин ба таъмини адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аҳолии махаллӣ, пешгирии оқибатҳои манфии иҷтимоии фаъолият дар соҳаи истихроҷ ва истифодаи сарватҳои табииро дар бар мегирад. Инчунин танзими давлатӣ ба пешгирии низоъҳо дар истифодаи захираҳои табиӣ мусоидат мекунад. Меъёрҳо, қоидаҳо ва механизмҳои танзимкунанда барои ҳалли ихтилофот байни ҷонибҳои манфиатдор кӯмак намуда, барои истифодаи муштараки сарватҳои табиӣ тақвият мебахшанд.

Танзими давлатии истифодабарии сарватҳои табиӣ бо мушкилоти глобалӣ, аз қабили тағирёбии иқлим, устувории об ва ҳифзи табиат мубраммияти зиёдтарро пайдо мекунад. Танзими давлатии истифодаи бойгарии минтақаҳо имкон медиҳад, ки таъсири минтақа ба мушкилоти глобалии экологӣ танзим ва назорат карда шавад. Ҳамин тариқ, танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа тавозуни устувории экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд, ки унсури асосии рушди иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад.

Тибқи омор, дар солҳои охир дар Тоҷикистон беш аз 700 кони маъданӣ кашф шудааст, ки дар таркиби онҳо беш аз 50 намуди ашёи хоми маъданӣ: тилло, нуқра, сурб,

руҳ, сурма, симоб, мис, қалъа, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, намак ва дигар маъданхои нодир мавҷуд мебошад [9].

Аз ин лиҳоз таҳлили масъалаҳои назариявию таҷрибавии истифодабарии сарватҳои табиӣ барои ҳар як кишвар ҳамчун омили муҳим ва рузмарра дар рушди минбаъдаи фаъолияти хоҷагидорӣ боқӣ мемонад. Асосҳои назариявии танзими давлатии захираҳои табиӣ ба як қатор консепсияҳо ва принсипҳои асосӣ асос ёфтаанд, ки зарурати мувозинати устувории экологӣ, рушди иҷтимоӣ ва манфиатҳои иқтисодиро инъикос мекунанд. Омузиши адабиётҳои гуногуни иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки баъзе аз равишҳои асосии назариявӣ ба монанди принсипи эҳтиётӣ, принсипи самаранокии экологӣ, принсипи масъулият, принсипи иштироки омма, принсипи идоракунии маҷмӯии захираҳо, принсипи тақсими одилонаи сарборӣ,принсипи танзими бозор ба истифодаи оқилонаи бойгарии табиӣ таъсири бевосита доранд.

Яке аз принсипҳои асосӣ идеяи рушди устувор мебошад, ки дар "Ҳисоботи клуби Рим" соли 1987 ҷорӣ карда шудааст. Тибқи ин принсип, истифодаи захираҳои табиӣ бояд талаботи наслҳои имрӯзаро бидуни таҳдиди қонеъ кардани ниёзҳои наслҳои оянда конеъ гардонад. Принсипи эҳтиётӣ бошад маънои онро дорад, ки агар ягон далели илмӣ дар бораи таъсири пурраи фаъолият ба муҳити зист мавҷуд набошад, бояд барои пешгирии зарари эҳтимолӣ чораҳо андешида шаванд.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки танзими давлатии захираҳои табиӣ бояд барои ноил шудан ба таъсири ҳадди аксар ба муҳити зист бо хароҷоти камтарин кӯшиш кунад. Иштирокчиёни бозор аз ҷумла мақомотҳои соҳа бояд барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон масъул бошад. Дар кабули қарорҳо ва назорат аз болои истифодаи сарватҳои табиӣ иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ унсури муҳим дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад.

Идоракунии сарватҳои табий бояд одилона бошад, манфиатҳои ҳамаи табакаҳои ҷамъиятро ба назар гирифта, баробар тақсим кардани неъмату ухдадориҳоро таъмин намояд[8,112]. Дар ҳолатҳое, ки механизмҳои бозорӣ истифодаи самаранок ва устувори захираҳои табииро таъмин намекунанд, давлат метавонад барои танзим ва ислоҳи қувваҳои бозор дахолат кунад. Асосхои назариявии танзими давлатии сарватҳои табии ба таъмини муносибати мутавозин ва устувори истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ бо назардошти манфиатҳои ҷамъият ва наслҳои оянда нигаронида шудаанд.

Минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, аз ҳамдигар на танҳо аз рӯи мавқеъи ҷуғрофӣ, шароити табиӣ, иқтидори якхелаи иқтисодӣ, сохтори он, таркиби аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, балки аз рӯи анъана, намуди истеҳсолот, маданияти кишоварзӣ ва дигар шартхои тараккиёти куввахои истехсолкунанда низ фарқ мекунанд. Ҳамаи ин ба муайян кардани мавқеи хар як минтақа дар иқтисодиёти мамлакат таъсир нарасонда наметавонист[5,40].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ имруз шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Қонуни якум дар ин самт алаккай аз 27 декабри соли 1993 қабул гардида, бо мурури замон ба он тағироту иловаҳо ворид гаштаанд.

Қонуни мазкур асосҳои хуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолати ҳуқуқи инсон ба муҳити солиму мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба мухити зист, ташкили истифодаи окилонаи захираҳои табий ва таъмини бехатарии экологӣ ва дигар фаъолиятҳо нигаронида шудааст[3].

Бояд қайд кард, ки дар давоми чанд соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили низоми назорати давлатии таҷдид ва риояи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бешубҳа идома ёфт. Илова бар ин, маълум аст, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зист аллакай дар саросари ҷаҳон на танҳо ҳамчун дохилӣ, балки ҳамчун минтақавӣ баррасӣ мешаванд. Бо дарназардошти ин, низоми ягонаи минтақавии иҷозатдиҳии экологӣ баррасӣ ё таҳия ва таъсис дода мешаванд. Дар баробари ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити

экологӣ» низомҳои ташаккул, аудит ва мониторинг, қонунгузории экологӣ такмил дода шуда, дар доираи Конвенсияҳои байналмилалӣ ва Созишномаҳои байнидавлатӣ амалкунанда ба методологияи назорати давлатӣ ислоҳот ворид карда мешавад[1,101].

Инчунин бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 22 апрели соли 2003, № 20 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Қонуни мазкур тартиби умумии ташкил ва гузаронидани экспертизаи экологиро танзим намуда, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳои дар гузаронидани экспертизаи экологӣ иштирокдоштаро муайян намуда, ҳуқуқи шаҳрвандонро оид ба гирифтани маълумот дар бораи хатари экологии объектҳои тарҳрезишуда, сохташаванда ва истифодашавандаи дар асоси он қабулшуда муқаррар менамояд[2].

Ҳамин тариқ меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои минтақаҳои кишвар дар таъмини рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва шароити мусоиди хоҷагидори заминаи ҳуқуқиву инфрасохтори гузошт. Чумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ аз ҷумла иқтисодиёти минтақаҳо тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Танзими давлатии дастгирии минтақаҳои кишвар яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии шаҳрвандони минтақа дар шарои эълони урбанизатсия ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳим соҳаи истифодабарии сарватхои зеризаминӣ ва мухофизати муҳити зист мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлат барои иҷрои вазифахои экологӣ мухофизат ва идоракунии мухити зист дар соха ваколат медихад. Аз чумла, дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: «Замин, зеризаминии он, об, ҳаво, олами набототу хайвонот ва дигар сарватхои табий моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат ба манфиати халк самаранок истифода бурдани онхоро кафолат медихад[4,13].

Мавҷудияти манфиатҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонад боиси низоъҳо гардад, ки раванди қабули қарорҳо ва татбиқи тадбирҳои идоракунии захираҳоро душвор гардонад. Ҳалли ин мушкилотҳо муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани шаффофият, иштироки ҷомеа, истифодаи самараноки технология ва ҷудо кардани захираҳои кофӣ барои татбиқи стратегияҳои идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар минтақа тақозо мекунад.

Дар ҳоли ҳозир 62%-и шаҳру ноҳияҳои чумҳурӣ субвенсия (ёрии молиявӣ ва бучети давлатӣ мегиранд), аз чумла дар ВМКБ 89%, вилояти Хатлон (20 шаҳру ноҳия) 80%, вилояти Суғд (5 ноҳия) мебошанд. 28 фоиз ва НТМ (10 район) 77 фоиз. Аз ҳаҷми умумии субвенсияҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ ба минтақаҳо пардохта мешавад, 53,9 фоиз ба вилояти Хатлон, 21,6 фоиз ба ВМКБ ва 24,5 фоиз ба НТҶ рост меояд.

Моделсозии рушди минтақаҳо нишон дод, ки 1 фоиз зиёд шудани маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳо ба 1,2 фоиз тағйир ёфтани ММД мусоидат мекунад. Инчунин 1 фоиз зиёд шудани маблаггузорӣ 1 фоиз зиёд кардани МММ, 1% рушди саноат ба афзоиши 0,4% МММ мусоидат мекунад ва афзоиши 1% бахши хизматрасонӣ дар минтақаҳо боиси 1,2% афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад[7,165].

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба воситаи механизмҳои гуногун дар минтақа барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар Тоҷикистон танзими давлатии захираҳои табиӣ бо истифода аз усулу механизмҳои гуногун сурат мегирад. Баъзе аз воситаҳои асосии танзими давлатии захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон ба монанди мукаммалнамоии қонунгузорӣ ва қоидаҳо, литсензия ва иҷозатномаҳо, стандартҳо ва қоидаҳои экологӣ, минтақаҳо ва банақшагирӣ, мониторинг ва назорат, ҳавасмандкунӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ дар истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ шарти муҳим маҳсуб мeёбанд.

Қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ қоидаҳо ва талаботро нисбати фаъолиятҳои марбут ба захираҳои табиӣ додани литсензия ва ичозатнома барои ба амал баровардани фаъолияти вобаста ба истихроч,

истифода ва хифзи сарватхои табии муқаррар мекунанд. Иҷозатномадиҳӣ метавонад соҳаҳои гуногунро аз қабили истихроҷи маъдан, дарахтбурӣ, захираҳои об ва ғайраро дар бар гирад.

Муқаррар намудани стандартҳо ва қоидаҳо барои пешгирии ифлосшавии ҳаво, об ва хок дар минтақа низ аз самти муҳим дар ҳифзи муҳити зист арзёбӣ мегардад. Стандартҳои экологӣ бошад метавонанд талаботро нисбати партовҳои нерӯгоҳҳо, коркарди партовҳо ва дигар ҷанбаҳои амалиётҳое, ки ба муҳити зист таъсир мерасонанд, дар бар гиранд. Муайян намудани минтакахои истифодаи сарватхои табий, аз кабили минтакахои хифзи мухити зист, мамнуъгоххо, минтакахои истифодаи замини дехот ва шахр ҳадафи зарурӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷода масъалаҳои банақшагирӣ ба тақсимоти оқилонаи захираҳои табиӣ ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо низ аҳамияти калон дорад.

Афзоиши аҳолӣ ва фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар ва минтақаҳо талаботро ба захираҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ зиёд намуда, барои муносибатҳои тиҷоратии байниминтақаҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Эҷоди долонҳои иқтисодӣ, ки дар маркази онҳо коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ мегузарад, барои муносибатҳои тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Кордорҳои иқтисодӣ ҳамчун механизми рушди тиҷорат, сайёҳӣ ва дигар фаъолиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин дастрасии бозорҳои кишвар ва минтақаҳои он хизмат карда, дар беҳтар намудани татбиқи иқтидори минтақаҳои кишвар саҳми арзанда мегузоранд[7,171].

Ҷорӣ намудани системам назорат ва назорати истифодаи сарватҳои табиӣ дар шароити кунунӣ дар минтақаҳои кишвар басо муҳим мебошад. Ин метавонад таъсиси муассисаҳо ва лабораторияҳои махсусро барои назорати сифати об, саломатии хок, сатҳи ифлосшавӣ ва дигар параметрҳои муҳити зистро дар бар гирад. Истифодаи механизмхои иктисодӣ, аз қабили андозҳо, имтиёзҳо, ҷаримаҳо ва дигар имтиёзҳо барои танзими истифодаи сарватхои табиӣ зарур мебошанд. Масалан, додани имтиёзҳо ба корхонаҳое, ки технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар фаъолияти хоҷагидории минтақа ҷорӣ мекунанд.

Гузаронидани барномаҳо ва маъракаҳои таълимӣ барои аҳолӣ оид ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва принсипҳои рушди устувор шароити мусоид фароҳам меорад. Ин воситаҳо ба мақомоти минтақаҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои табииро муассиртар идора карда, истифодаи устувор ва ҳифзи онҳоро барои наслҳои оянда таъмин кунанд.

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот бояд қайд кард, ки иқтидори захиравии табиӣ шарти дастраси рушди иқтисодии минтақаҳост, вале худ ба худ рушди устувори онро кафолат намедиҳад. Мавҷудияти захираҳо, нархи маҳсулот, устувории афзояндаи муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ, роҳҳои ҷалби захираҳои табиӣ ба истеҳсолот ҳамчунон мавзӯи маркaзии бисёр тадқиқотҳо, бархӯрдҳо ва масъалаҳои баҳсбарангез боқӣ мемонанд.

Омили захираҳои табиӣ ба тақсимоти соҳаҳои саноат дар қаламрави худ таъсири назаррас мерасонад, таъсири захираҳои табиии истифодашаванда дар сохтори (тахассусии) истеҳсолот, инчунин тавассути ҷалби сармоя зоҳир мегардад. Захираҳои кашфшуда, вале азхуднашуда метавонанд барои сармоягузорон манфиатдор бошанд, ба шарте ки давлат рушди инфрасохтори ҳудудро ба ӯҳда гирад[6,45].

Бояд қайд кард, ки дар кишвар ва умуман дар минтақаҳо оиди истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ҳоло ҳам муаммоҳои зиёд мавҷуд мебошад. Аз тарафи дигар ин муаммоҳо имкониятҳои васеъро низ барои пешрафти ҷомеъа муҳайё менамоянд. Мушкилотҳо ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар Вилояти Хатлон метавонанд гуногун бошанд ва аз шароит ва хусусиятҳои хоси минтақа вобастаанд. Дурнамо ва мушкилотҳои асосии Вилояти Хатлон дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.-Мушкилот ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон**

| Мушкилот | Дурнамо |
|---|---|
| Зарари экологӣ | Ҷорӣ намудани технологияи нав |
| Маҳдудияти маблағгузорӣ | Мустаҳкам намудани заминаи институтсионалӣ |
| Манфиатҳои мухталиф | Омӯзиш ва огоҳии экологӣ |
| Иштироки ками омма | Ҳамкории байналхалқӣ |
| Истифодаи номутаносиби захираҳо | Эҷоди қонунгузорӣ ва стандартҳои мукаммал |

Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Бо иртибот ба мавҷудияти мушкилотҳо бояд қайд кард, ки танзими нокифояи мақомотҳои минтақа метавонад ба мушкилоти экологӣ, аз қабили ифлосшавии об ва ҳаво, буридани ҷангалҳо, таназзули хок ва аз даст додани гуногунии биологӣ оварда мерасонад. Инчунин маблағгузории нокифоя метавонад монеаи ҷиддӣ барои идоракунии самараноки захираҳои табиӣ бошад, ки боиси сӯиистифода аз захираҳо ва саркашӣ аз меъёрҳо гардад. Инчунин манфиатҳои гуногуни марбут ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонанд ихтилофҳоро ба вуҷуд оранд, ки таҳия ва татбиқи стратегияҳои мутавозини идоракуниро душвор гардонанд. Набудани иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар раванди қабули қарорҳо метавонад қонунӣ ва самаранокии танзими давлатиро коҳиш диҳад.

Мушкилоти дигар истифодаи ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ дар шароити кунунӣ ба шумор меравад. Истифодаи ғайриоқилона ва ноустувори захираҳои табиӣ метавонад боиси тамом шудани захираҳо, таҳдид ба экосистемаҳо ва оқибатҳои манфии иқтисодиёт ва ҷомеа гардад. Қайд кардан зарур аст, ки дар баробари мушкилотҳои истифодабарии сарватҳои табиии минтақа рушди дурнамо низ мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани он тараққиёти устувори соҳа таъмин мегардад.

Яке аз самти афзалиятноки рушди соҳа дар шароити муосир ҷорӣ намудани технологияи нав ба шумор меравад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ метавонад самаранокии идоракунии захираҳои табииро беҳтар гардонад, таъсири муҳити зистро коҳиш диҳад ва ба рушди устувор мусоидат кунад. Рушди институтҳои қавӣ ва шаффофи идоракунии захираҳои табиӣ метавонад ба беҳтар шудани системаҳои танзим ва коҳиш додани фасод мусоидат кунад.

Баланд бардоштани маърифати экологӣ ва огоҳии аҳолӣ дар рафтори масъулиятнок нисбат ба захираҳои табиӣ мусоидат намуда, татбиқи таҷрибаҳои устуворро дастгирӣ мекунад. Ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ метавонад мубодилаи таҷриба, захираҳо ва технологияҳоро барои самаранoктар идоракунии захираҳои табиӣ дар минтақа таъмин намояд.

Инчунин таҳия ва татбиқи қонунҳо ва стандартҳои қавии ҳифзи табиат метавонад идоракунии устувори захираҳоро таъмин кунад ва таъсири манфиро пешгирӣ кунад. Дар баробари ин таъмини идоракунии устувори захираҳои табиӣ саъю кӯшиши муштараки давлат, ҷомеа ва соҳибкорон, инчунин таваҷҷӯҳ ба рушди мутаносиби иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, истифодаи сарватҳои табиии минтақа ба бисёр ҷанбаҳо таъсир расонида умуман барои фаъолияти минтақа шарти муҳими рушди босуботи иқтисодӣ арзёбӣ мегарданд. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ метавонад бевосита на фақат ба рушди иқтисодии минтақа, балки барои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ мусоидат кунад. Аммо ғайрисамаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва истисмори беназорат метавонад ба камшавии захираҳо ва зарар ба иқтисодиёт оварда расонад. Истихроҷи захираҳои табиӣ метавонад оқибатҳои ҷиддии экологӣ аз қабили олудашавии об ва ҳаво, таназзули хок, аз байн рафтани гуногунии биологӣ ва тағирёбии иқлим дошта бошад. Барои

ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарин ниёзҳои иқтисодиро бо ҳифзи муҳити зист ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ пайваста кардан лозим меояд. Зарурати истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон ва умуман дар кишвар бо мақсади ноил шудан ба мувозинати байни талаботи имрӯза ва ҳифзи захираҳо барои наслҳои оянда масъалаи рузмарра боқӣ мемонад.

## АДАБИЁТ


1. Досиев М.Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства. М.Н. Досиев. дисс. к.э.н. 08.00.05. Душанбе 2018. С.171.
2. Закон Республике Таджикистан «Об экологической экспертизе» [Текст] // Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 апреля 2003 г., №20.
3. Закон Республики Таджикистан "Об охране окружающей среды" . Одобрен Постановлением Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 21 июля 2011 г., № 208. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., № 7-8, ст. 631.
4. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. С изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года.
5. Обидов Ф.С. Природно-ресурсный потенциал национальной экономики и проблемы его использования: на примере Республики Таджикистан Ф.С.Обидов. // Дисс. д-ра экон. наук.: 08.00.05. - Душанбе, 2006. - С.310.
6. Попова А.Р. Регион и его развитие на основе рационального использования природно-ресурсного потенциала. А.Р. Попов. // Стратегия устойчивого развития регионов России. - Волгоград, 2013. - № 16. - С.45.
7. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. Душанбе 2021. С. 165.
8. Содиқов, М. С. Иқтидори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай / М. С. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – с. 112-120.
9. Шабакаи электронӣ - https://www.google.com/search?client=firefox. Санаи мурочиат 06.01.2024.


**УДК 334.012**

**Имомёрбеков Ф.М.**

## ВЗАИМОСВЯЗИ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО И ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Одной из приоритетных целей большинства стран мира является обеспечение долгосрочного экономического развития. Имеется в виду производство большего количества товаров и услуг лучшего качества и, как следствие, повышение уровня жизни населения. Экономический рост является результатом успешной деятельности предприятий всех отраслей экономики и во многом зависит от инновационной активности предприятий. В современных условиях предпринимательская деятельность является одним из важнейших показателей развития экономической системы страны. Уровень развития национальной предпринимательской экономики оказывает решающее влияние на уровень конкурентоспособности страны, способствует достижению устойчивого экономического развития и является необходимым условием полноценного участия страны в международном разделении труда. В данной статье проанализирована взаимосвязь производственного и инновационного предпринимательства, в которой предложены направления развития инновационного и производственного предпринимательства.

**Ключевые слова:** предпринимательство, инновации, производство, доход, преимущество, инновационная продукция, инновационный процесс, экономическое развитие, рабочая сила, уровень жизни.

**Имомёрбеков Ф.М.**

**БАҲАМАЛОҚАМАНДИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ**

Яке аз ҳадафҳои афзалиятноки аксари кишварҳои ҷаҳон таъмини рушди дарозмуддати иқтисодӣ мебошад. Ин ба истеҳсоли бештару хушсифати молу хизмат ва дар натича баланд шудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ дахл дорад. Афзоиши иктисодиёт натиҷаи фаъолияти бомуваффақияти корхонаҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ буда, бештар ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳо вобаста аст. Дар шароити муосир фаъолияти соҳибкорӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои рушди низоми иқтисодии кишвар мебошад. Дараҷаи рушди иқтисодиёти соҳибкории миллӣ ба сатҳи рақобатпазирии кишвар таъсири ҳалкунанда расонда, ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад ва шарти зарурии иштироки пурраи кишвар дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Дар мақолаи мазкур ба ҳамалоқамандии соҳибкории истеҳсолӣ ва инноватсионӣ мавриди таҳлил гирифтааст, ки дар он самтҳои инкишофи соҳибкории инноватсионӣ ва истеҳсолӣ пешниҳод гардиданд.
**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, инноватсия, истеҳсолот, даромад, бартарият, маҳсулоти инноватсионӣ, раванди инновтсионӣ, рушди иқтисодӣ, қувваи корӣ, дараҷаи зиндагӣ.

**Imomorbekov F.M.**

**COMBINATION OF PRODUCTION AND INNOVATION ENTREPRENEURSHIP**

One of the priority goals of most countries in the world is to ensure long-term economic development. This refers to the production of more goods and services of better quality and, as a result, an increase in the standard of living of the population. Economic growth is the result of successful activities of enterprises in all sectors of the economy and largely depends on the innovative activity of enterprises. In modern conditions, entrepreneurial activity is one of the most important indicators of the development of the country's economic system. The level of development of the national entrepreneurial economy has a decisive influence on the level of competitiveness of the country, contributes to the achievement of sustainable economic development and is a necessary condition for the country's full participation in the international division of labor. This article analyzes the relationship between industrial and innovative entrepreneurship, in which directions for the development of innovative and industrial entrepreneurship are proposed.
**Key words:** entrepreneurship, innovation, production, income, advantage, innovative products, innovation process, economic development, labor force, standard of living.

Инновации и предпринимательство стали модными словами в мире бизнеса. Их часто используют как взаимозаменяемые, но это две разные концепции, которые работают вместе для достижения успеха в бизнесе. Инновации – это процесс создания чего-то нового, а предпринимательство – это способность превратить инновационную идею в успешное деловое предприятие. В этой статье мы исследуем взаимосвязь между инновациями и предпринимательством, их взаимодействие, преимущества и будущее этих двух концепций.

Важность продуктивности для стартапов инновации – это создание новых продуктов, процессов или услуг, а производительность – это эффективное использование ресурсов для производства товаров или услуг. Инновации необходимы для стартапов,

поскольку позволяют им создавать новые продукты или услуги, которые можно продавать клиентам.

Инновации являются движущей силой предпринимательства. Это предполагает создание чего-то нового, будь то продукт, услуга или процесс. Это также может относиться к улучшению существующих продуктов или услуг. Инновации могут быть разрушительными или постепенными, но они всегда подразумевают создание чего-то нового [11].

С другой стороны, предпринимательство – это способность превратить инновационную идею в успешное деловое предприятие. Это предполагает принятие рисков, управление ресурсами и создание команды для реализации инновационной идеи. Предпринимательство требует сочетания навыков, включая лидерство, креативность и способность выявлять возможности и извлекать выгоду из них.

Отношения между инновациями и предпринимательством являются симбиотическими. Инновации создают новые возможности для предпринимательства, а предпринимательство стимулирует инновации, выводя на рынок инновационные идеи. Предприниматели выявляют рыночные пробелы и создают инновационные решения для их заполнения, а новаторы создают новые продукты, услуги и процессы, на которых предприниматели могут извлечь выгоду.

Например, появление таких сервисов такси, как Uber и Lyft, является отличным примером взаимодействия инноваций и предпринимательства. Инновационная идея использования мобильного приложения для заказа поездки разрушила традиционную индустрию такси. Предприниматели, стоящие за Uber и Lyft, увидели возможность извлечь выгоду из этой инновации, создав новую бизнес-модель, которая связывает пассажиров с водителями. Эти симбиотические отношения между инновациями и предпринимательством выгодны обеим сторонам [8].

Однако стоит отметить, что инновации не всегда гарантируют успех. Даже самые инновационные идеи могут не завоевать популярность на рынке, и не все предприниматели обладают навыками и ресурсами для превращения инновационных идей в успешный бизнес. Это подчеркивает важность баланса между инновациями, исследованиями рынка и надежным бизнес-планом для обеспечения успешного вывода инновационных идей на рынок.

Преимущества инноваций и предпринимательства многочисленны. Они создают новые рынки, создают рабочие места и способствуют экономическому росту. Инновационные идеи могут перерасти в успешный бизнес, создающий ценность для клиентов и общества в целом. Предприниматели, которые используют инновации, могут создавать продукты и услуги, которые разрушают традиционные рынки и создают новые.

Например, инновационная идея Airbnb по аренде надувных матрасов в гостиной во время конференции превратилась в крупнейшую в мире платформу для совместного проживания. Компания создала новый рынок краткосрочной аренды, создала рабочие места для хозяев и способствовала экономическому росту в индустрии туризма. Это лишь один пример того, как инновации и предпринимательство могут принести пользу обществу в целом.

Однако также важно учитывать потенциальные негативные последствия инноваций и предпринимательства, такие как перемещение рабочих мест и воздействие на окружающую среду. Чтобы в полной мере воспользоваться преимуществами инноваций и предпринимательства, крайне важно решить эти проблемы и гарантировать, что они не перевешивают положительные последствияи[6].

Будущее инноваций и предпринимательства является захватывающим. Новые технологии, такие как искусственный интеллект, блокчейн и Интернет вещей, меняют наш образ жизни и работы и создают новые возможности для инноваций и предпринимательства. Предприниматели, которые примут эти изменения и используют их для создания ценности для своих клиентов, добьются успеха в будущем.

Например, Джек Ма, основатель Alibaba, понимает потенциал новых технологий. Он считает ИИ следующим большим достижением и вкладывает в него значительные средства, чтобы оставаться впереди конкурентов. Предпринимательское видение Джек Ма и готовность использовать новые технологии [5].

Кроме того, еще одной интересной тенденцией является рост социального и экологического предпринимательства. Эти виды предпринимательства направлены на создание предприятий, которые решают социальные и экологические проблемы, одновременно получая прибыль. Эта тенденция обусловлена растущим осознанием влияния бизнеса на общество и окружающую среду, а также желанием добиться позитивных изменений посредством бизнеса.

Например, такие компании, как TOMS и Warby Parker, построили успешный бизнес, одновременно принося пользу обществу. Компания TOMS стала пионером модели «купи одну, подари одну», согласно которой компания дарит пару обуви нуждающемуся ребенку за каждую купленную пару. Уорби Паркер жертвует пару очков нуждающимся за каждую проданную пару. Эти компании показали, что можно построить успешный бизнес, одновременно оказывая положительное влияние на мир.

Инновации и предпринимательство — это две концепции, которые тесно переплетаются и необходимы для достижения успеха в бизнесе. Инновации создают новые возможности для предпринимательства, а предпринимательство стимулирует инновации, выводя на рынок инновационные идеи. Симбиотические отношения между этими двумя концепциями приносят пользу обществу в целом, создавая новые рынки, создавая рабочие места и способствуя экономическому росту.

Когда мы смотрим в будущее, новые технологии, а также социальное и экологическое предпринимательство представляют собой две захватывающие тенденции, которые будут определять будущее инноваций и предпринимательства. Однако также важно устранить потенциальные негативные последствия и обеспечить, чтобы позитивное воздействие инноваций и предпринимательства перевешивало любые негативные последствия.

Инновации часто рассматриваются как источник жизненной силы предпринимательства. Без этого компании быстро устареют и станут неактуальными в постоянно меняющемся мире. Способность предлагать свежие, новые идеи и превращать их в успешные предприятия — вот что отличает предпринимателей от остальных. Однако роль инноваций в предпринимательстве не всегда однозначна. Некоторые предприниматели являются прирожденными новаторами, постоянно придумывают новые идеи и точно воплощают их в жизнь. Другие с трудом успевают за темпами перемен, всегда догоняя своих конкурентов. В этой статье мы углубимся в роль инноваций в предпринимательстве и рассмотрим различные способы, с помощью которых они могут способствовать успеху, а также некоторые проблемы, с которыми сталкиваются предприниматели, пытаясь оставаться на шаг впереди.

Инновации в предпринимательстве — это процесс появления новых творческих идей, превращения их в продукты или услуги и вывода их на рынок. Это способность выявить пробел на рынке и создать что-то, что заполнит этот пробел, или найти лучший способ сделать то, что уже делается [4].

Это то, что отличает предпринимателей от других и способствует их успеху. Это также то, что позволяет компаниям оставаться актуальными и конкурентоспособными в быстро меняющемся и постоянно меняющемся мире. Короче говоря, инновации — это ключ к тому, чтобы оставаться впереди в предпринимательстве, и они могут принимать самые разные формы: от создания нового продукта до улучшения существующего, до поиска нового способа привлечь клиентов и увеличить продажи.

Инновации необходимы для успеха в бизнесе, поскольку они позволяют компаниям выделиться среди конкурентов и предложить своим клиентам что-то новое и ценное. Это помогает компаниям оставаться актуальными в постоянно меняющемся мире, где клиенты

всегда в поиске новых важных событий. Компании, которые используют инновации, лучше подготовлены к адаптации к новым технологиям и рыночным тенденциям, что может дать им значительное преимущество перед теми, кто этого не делает.

Инновации также могут привести к повышению эффективности, снижению затрат и повышению удовлетворенности клиентов, что является важнейшими компонентами успеха бизнеса. Когда компании инвестируют в инновации, они инвестируют в свое будущее, настраиваясь на долгосрочный рост и успех.

Еще одним важным аспектом инноваций является то, что они стимулируют экономический рост. Компании, которые внедряют инновации, создают новые продукты, новые рынки и новые рабочие места. Это, в свою очередь, создает богатство и стимулирует экономическую активность, делая инновации важнейшим фактором процветания.

Инновации в предпринимательстве могут принимать самые разные формы, и понимание этих различных типов может помочь предпринимателям выявить возможности и сосредоточить свои усилия в нужных областях. К наиболее распространенным типам инноваций в предпринимательстве относятся:

***Инновация продукта:*** это относится к разработке новых или улучшенных продуктов, или внедрению новых функций продукта. Этот тип инноваций может быть, чем угодно: от нового продукта на существующем рынке до создания совершенно нового рынка. Внедрение гибкого управления проектами может значительно облегчить внедрение инноваций в продуктах, обеспечивая гибкость, быстрые итерации и непрерывную обратную связь.

***Инновации в процессах:*** это относится к разработке новых или улучшенных процессов, которые повышают эффективность, снижают затраты или обеспечивают лучшее качество обслуживания клиентов. Это может быть что угодно: от оптимизации производственного процесса до улучшения доставки товаров и услуг.

***Маркетинговые инновации:*** это относится к новым и творческим способам привлечения клиентов и продвижения продуктов или услуг. Оно может включать новые формы рекламы, новые стратегии ценообразования или новые каналы привлечения клиентов.

**Инновации бизнес-моделей:** это относится к разработке новых бизнес-моделей или модификации существующих моделей с целью создания новых источников дохода или повышения эффективности. Это может включать использование новых технологий, новых каналов сбыта или новых стратегий взаимодействия с клиентами.

***Социальные инновации:*** это относится к созданию новых решений социальных и экологических проблем. Социальные инновации часто предполагают сотрудничество и интеграцию множества дисциплин и отраслей, и они могут быть как коммерческими, так и некоммерческими.

Это лишь несколько примеров из многих типов инноваций, существующих в предпринимательстве. Понимание этих различных типов может помочь предпринимателям сосредоточить свои усилия и ресурсы, а также выявить возможности для роста и успеха.

В заключение отметим, что инновации – это не просто приятное явление в мире предпринимательства, это необходимость. Компании, которые не используют инновации, скорее всего, отстанут и будут изо всех сил пытаться оставаться конкурентоспособными в современной быстро меняющейся бизнес-среде.

Также надо отметить, что предпринимательство и инновации — две стороны одной медали. Предпринимательство – это выявление и использование возможностей, а инновации – это поиск новых и лучших способов ведения дел. Отношения между ними сложны, но по своей сути они связаны с созданием ценности на рынке. Предпринимательство – это создание и развитие бизнеса, а инновации – это поиск новых и лучших способов создания ценности для клиентов.

Инновации часто являются ключом к успеху в предпринимательстве. Предприниматели, способные постоянно предлагать новые и творческие идеи, лучше

подготовлены к тому, чтобы оставаться конкурентоспособными в быстро меняющемся мире. Они способны выявлять возможности и создавать новые продукты или услуги, которые заполняют пробелы на рынке, а также способны постоянно адаптироваться к новым технологиям и рыночным тенденциям.

С другой стороны, предпринимательство может стимулировать инновации, создавая культуру принятия риска и экспериментирования. Предприниматели, которые готовы идти на риск и пробовать что-то новое, часто находятся в авангарде инноваций и могут создавать новые рынки и стимулировать экономический рост.

Инновации являются ключом к успеху в предпринимательстве, но существует несколько препятствий, которые могут помешать предпринимателям проявлять инновации. К числу наиболее распространенных препятствий на пути инноваций в предпринимательстве относятся:

***Нехватка ресурсов.*** Многие предприниматели сталкиваются с ограниченностью ресурсов, таких как время, деньги и персонал. Это может затруднить им инвестирование в исследования и разработки, а также вывод на рынок новых продуктов или услуг. К счастью, бесплатные шаблоны управления проектами позволяют предпринимателям максимально эффективно использовать ограниченные ресурсы, эффективно планировать и эффективно реализовывать проекты, решая ключевые проблемы.

***Неприятие риска.*** Инновации часто требуют риска, и многие предприниматели не склонны к риску, предпочитая придерживаться того, что они знают и что работало в прошлом. Это может помешать им исследовать новые возможности и пробовать что-то новое.

***Отсутствие разнообразия.*** Однородная рабочая сила может привести к отсутствию разнообразия в мышлении и решении проблем, что может задушить инновации. Предприниматели, которые намерены создать разнообразную и инклюзивную рабочую среду, лучше подготовлены к внедрению инноваций.

***Бюрократия.*** Предприниматели, работающие в крупных организациях, могут бороться с бюрократическими процессами и волокитой, которые могут замедлить или помешать инновациям.

***Сопротивление переменам.*** Изменения — неизбежная часть инноваций, и некоторые люди могут сопротивляться изменениям, будь то клиенты, сотрудники или другие заинтересованные стороны. Это может затруднить предпринимателям реализацию новых идей и вывод их на рынок.

Отсутствие признания сотрудников. Отсутствие признания сотрудников препятствует инновациям, демотивируя сотрудников и способствуя самоуспокоенности. Внедрение платформы признания сотрудников восстанавливает моральный дух, способствует признательности и стимулирует инновации.

Это всего лишь несколько примеров барьеров на пути инноваций в предпринимательстве, и предпринимателям важно знать об этих барьерах и предпринимать шаги для их преодоления. Это может включать поиск новых ресурсов, сознательное отношение к разнообразию и инклюзивности или развитие культуры принятия риска и экспериментирования. Преодолевая эти барьеры, предприниматели могут раскрыть силу инноваций и добиться успеха в своих компаниях [9].

Роль правительства в содействии инновациям имеет решающее значение, поскольку оно может помочь создать среду, которая поддерживает и поощряет инновации. Правительства могут сделать это несколькими способами, в том числе:

***Инвестиции в исследования и разработки.*** Правительства могут инвестировать в исследования и разработки для поддержки создания новых технологий, продуктов и услуг. Это может помочь предпринимателям вывести на рынок новые идеи и создать новые отрасли.

***Предоставление налоговых льгот.*** Правительства могут предоставлять налоговые льготы компаниям, которые инвестируют в исследования и разработки, или

предпринимателям, открывающим новые компании. Это может помочь предпринимателям получить доступ к ресурсам, необходимым для инноваций и развития своих компаний.

***Содействие сотрудничеству.*** Правительства могут поощрять сотрудничество между университетами, исследовательскими институтами и компаниями, чтобы способствовать развитию инноваций и созданию новых возможностей. Это может включать в себя финансирование исследовательских партнерств или создание инновационных центров, которые объединяют различные группы для работы над общими проблемами.

***Содействие образованию и развитию навыков***. Правительства могут способствовать образованию и развитию навыков, чтобы гарантировать, что рабочая сила оснащена навыками, необходимыми для стимулирования инноваций и конкуренции на мировом рынке.

***Защита интеллектуальной собственности***. Правительства могут помочь защитить права интеллектуальной собственности, чтобы стимулировать инновации. Это включает в себя предоставление патентов, товарных знаков и авторских прав, которые дают предпринимателям и компаниям исключительные права на их идеи и продукты.

Инновации оказывают значительное влияние на создание рабочих мест и экономический рост. Когда предприниматели выводят на рынок новые продукты и услуги, они создают новые отрасли, рабочие места и возможности для роста. Вот некоторые из способов, которыми инновации могут способствовать созданию рабочих мест и экономическому росту:

***Создание рабочих мест.*** Предприниматели, которые внедряют инновации и создают новые продукты и услуги, могут создавать новые рабочие места в ряде отраслей: от производства и распределения до маркетинга и продаж. По мере роста этих компаний они также могут создавать рабочие места в смежных отраслях, таких как управление цепочками поставок и логистика.

***Экономический рост.*** Предприниматели, которые внедряют инновации и выводят на рынок новые продукты и услуги, могут стимулировать экономический рост, создавая новые отрасли и рынки. Это может привести к увеличению инвестиций, повышению уровня потребительских расходов и улучшению экономических показателей.

***Повышение производительности.*** Инновации могут привести к повышению производительности за счет улучшения существующих процессов и создания новых. Это может привести к повышению эффективности, снижению затрат и повышению конкурентоспособности, что может стимулировать экономический рост.

***Повышение уровня жизни.*** Инновации могут привести к повышению уровня жизни за счет создания новых продуктов и услуг, которые делают жизнь проще, удобнее и приятнее. Это может привести к увеличению потребительских расходов, что может стимулировать экономический рост.

В заключение отметим, что инновации являются ключевым фактором создания рабочих мест и экономического роста. Содействуя инновациям, предприниматели могут создавать новые отрасли, рынки и возможности для роста, а также способствовать повышению производительности, конкурентоспособности и качества жизни. Эти факторы могут способствовать экономическому росту и создать более процветающее будущее для всех [12].

Это лишь несколько примеров того, как правительства могут поддерживать инновации и предпринимательство. Создавая благоприятную среду и предоставляя ресурсы и стимулы, необходимые для инноваций, правительства могут помочь предпринимателям вывести на рынок новые идеи и стимулировать экономический рост.

Наконец, инновации и предпринимательство — это сложные концепции, требующие сочетания творчества, лидерства и деловой хватки. Понимая взаимосвязь между инновациями и предпринимательством, используя исследования, обеспечивая адекватное

финансирование и решая другие проблемы, предприниматели могут повысить свои шансы на успех и создать долговременную ценность для себя и общества в целом.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Алтухов А. Продовольственная безопасность как фактор социально- экономического развития страны // Экономист, 2008, № 5. С. 33-43.
2. Амосов А. Вопросы перехода к инновационному типу воспроизводства. // Экономист, 2008, № 5. С. 23-32.
3. Бест М. Новая конкуренция / М.: ТЕИС 2002. Artus R. La nouvelle economie, Editions La Decouverte Suros. Paris, 2001.
4. Дойников И.В. Государствен- ное предпринимательство: учебник // М.: Изд-во ПРИОР, 2000. 240 с.
5. Дзарасов С. Посткейнсианство и инновационная модель развития. // Эко- номист, 2008, № 4. С. 67-77. 5. Зелепугин А.Д., Бандурин Р.А., Рыбакова С.А., Русинова Г.М. Эконо- мический потенциал межотраслевого обмена в АПК региона / под общ. ред. А.Д. Зелепугина. Воронеж, изд-во «ИС- ТОКИ», 2008. 247 с.
6. Малое предпринимательство/под ред. Е.Г. Ясина – М.: Новое издательство, 2003 – 220 с. 4.
7. Хубиев К. О содержании «новой экономики» // Экономист, 2008, № 5. С. 63-70.
8. Bai, J., & Ng, S., (2004). A PANIC Attack on Unit Roots and Cointegration. Econometrica, 1127-1177.
9. Beyer, M., Czarnitzki, D., & Kraft, K. (2011). Managerial Ownership, Entrenchment and Innovation. Economics of Innovation and New Technology, 21(7), 679-699.
10. Bygrave, W. D. (2004). The Entrepreneurial Process. In W. D. Bygrave & A. Zacharakis (Eds.). The portable MBA in entrepreneurship. Hoboken, NJ: John Wiley & Sons.
11. Choi, I., (2002), Instrumental Variables Estimation of a Nearly Nonstationary, Heterogeneous Error Component Model. Journal of Econometrics 109: 1–32.
12. Dempere J, Qamar M, Allam H, Malik S. The Impact of Innovation on Economic Growth, Foreign Direct Investment, and Self-Employment: A Global Perspective. *Economies*.2023; 11(7):182.


**УДК 338.2 (575.3)**

**Искандаров Ҳ.Ҳ.**

## ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур идоракунии сармояи инсонӣ ва мазмуни он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт дида шудааст. Ба ақидаи муаллифон сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дорои саломатию зиндагиии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии ба фаъолият ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад. Инчунин фаҳмиши «ташаккулёбии сармояи инсонӣ», «нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ», «мақсаднокии равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» ва «механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» мушаххас шудааст. Сармояи инсонӣ ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ дар сатҳи иқтисодиёт дониста шуда, баландшавии сатҳи музди меҳнат, хубшавии шароитҳои корӣ ва дигар шароитҳое, ки ба ин сармоя таъсиргузор мебошад.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, назарияи сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ, инкишофёбӣ, иқтисодиёт, иқтисодиёти меҳнат, меҳнат, шароити меҳнат, маълумотнокӣ, дониш, ҳавасмандӣ.

**Искандаров Х.Х.**

## УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМ КАПИТАЛОМ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье рассматривается управление человеческим капиталом и его содержание в современных экономических условиях. По мнению авторов, Человеческий капитал - это совокупность врожденных способностей, накопленных знаний высокого уровня оздоровительно-жизненных ценностей высокого профессионального уровня, мотивации, высокой актуальности чувства ответственности к деятельности, целесообразность использования полученной прибыли. Также определены понятия «формирование человеческого капитала», «роль и значение человеческого капитала», «целенаправленность процессов формирования человеческого капитала» и «социально-экономические механизмы формирования человеческого капитала». Человеческого капитала предложила единую аналитическую рамку для объяснения таких, казалось бы, разнопорядковых явлений как вклад образования в экономический рост, спрос на образовательные и медицинские услуги, возрастная динамика заработков, повышение заработной платы, передача экономического неравенства из поколения в поколение и многое другое.

**Ключевые слова:** человеческих капитал, теория человеческого капитала, формирования, развития, экономика, экономика труда, труд, условия труда, образования, знания, мотивация.

**Iskandarov H.H.**

## HUMAN CAPITAL MANAGEMENT IN THE MODERN ECONOMY

This article considers the management of human capital and its content in modern economic conditions. According to the authors, human capital is a set of innate abilities, accumulated knowledge of a high level of health -living values of a high professional level, motivation, high relevance of a sense of responsibility to activity, the feasibility of using profit. The concepts of “the formation of human capital”, “the role and significance of human capital”, “the purpose of the processes of the formation of human capital” and “socio-economic mechanisms of the formation of human capital” are also defined. Human capital has proposed a single analytical frame to explain such seemingly differential phenomena as a contribution of education to economic growth, demand for educational and medical services, age dynamics of earnings, increasing wages, transferring economic inequality from generation to generation and much more.

**Key words:** human capital, theory of human capital, formation, development, economics, labor economics, labor, working conditions, education, knowledge, motivation.

Идоракунии сармояи инсонӣ бо мақсади истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ ва расидан ба афзалиятҳои рақобатнокӣ, таъмини сифатҳои баланди маҳсулот ва бахусус рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд. Имкониятҳои ин рушду инкишофёбӣ дар асри XXI ба таври дақиқ бо сармояи инсонӣ ҳамчун интиқолдиҳанда ва азхудкунандаи донишҳо алоқаманд аст.

Механизмҳои инноватсионӣ-бозаргонии иқтисодиёти муосир бо дарназардошти қонунҳо, функсияҳо ва принсипҳои асосии он, омили инсонӣ нақши захираи асосии

истеҳсолотро гирифтааст, ки ин унсур имрӯзҳо дар асоси худташаккулёбӣ рушд ёфта истодааст.

Вобаста ба ин масоил Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017 оид ба ин масъалаи муҳими иқтисодӣ чунин қайд намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд»[1]

Масъалаи идоракунӣ ва рушду инкишофдиҳии сармояи инсонӣ дар асарҳои олимон, файласуфон, ва муҳақиқон, ки дар замонҳои гуногун зиндагӣ намудаанд, яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, онҳо оид ба ин масъала, фикру ақидаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд.

Тавре устод Комилов С.Ҷ. қайд мекунад. «Хусусияти сармояи инсонӣ бо қобилияти эҷодӣ сарватест, ки бе иштироки сармояи табиӣ ва моддӣ бо назардошти иқтисодиёти навъи ноосферии такрористеҳсол тавсиф мешавад. Ин гуна неъматхо, пеш аз хама, донишҳои наве мебошанд, ки барои инкишофи инсон на камтар аз гуногунии сарватҳои моддӣ заруранд. Дониш, малака, таҷрибаи истеҳсолии инсон, маданияти ташкилотро метавон ҳамчун хусусиятҳои мушаххас ё салоҳиятҳои асосӣ тавсиф кунад. Дониш, ки дар айни замон захира, натиҷаи фаъолияти инсон буда, ҷузъи ҷудонашавандаи моҳияти инсонӣ дониста мешавад. Рушди равандҳои инноватсионӣ бошанд, зарурати чен кардани донишҳоеро, ки ба равандҳои ташкилӣ дохил менамоянд ва мутобиқати онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои инсонӣ тақвият медиҳанд. Аз истифодаи максадноки донишҳои инсонӣ, сифати инкишофи истеҳсол ва такрористеҳсоли молу маҳсулотҳои навин асосан муайян карда мешавад»[6].

Олими иқтисодон Ғаниев Т.Б., низ оид ба ин мафҳум чунин қайд менамоянд, «Сармояи инсонӣ дар асоси истеъдоди ҳунарии нотакрори модарзодӣ инчунин хароҷоти муайяни молиявию пулӣ ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ ва муҳити таъсиррасони касбиву ҳунарӣ, инчунин фаъолияти созандаи касбиву эҷодиву кашфиётӣ бозташаккулёбиву пурқувватшавӣ дорад. Дар навбати худ ин ганҷинаи бузурги ташаккули фарҳанги навини рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад»[3].

Устод Ҳодиев Д.А., низ оиди ин мафҳум чунин ақида доранд, «Сармояи инсонӣ – ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва таълими кӯдакон ҷамъ оварда шуда, бо мақсади даромад дар оянда фаҳмида мешавад»[12].

Аз нуқтаи назари муаллифон «Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии зиёд ба фаъолият ва зеҳнияти хуби масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад».

Оғози ташаккули назарияи сармояи инсонӣ дар асарҳои илмии намояндагони мактаби классикӣ, А.Смит, В.Петти, Д.Рикардо оварда шудааст. Онҳо зарурияти муайян кардани хислатҳои инсон ва қобилияти меҳнатии онро нисбат ба меҳнат ва таҳсилот, ки дар баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва афзудани даромаднокии сарвати давлат зоҳир мегардад, ба миён гузоштаанд.

Олими иқтисодон В.Петти аввалин шуда дар асари худ «Арифметикаи сиёсӣ» дар бораи сармояи инсонӣ ёдовар шуда, Ӯ мафҳуми «қувваҳои инсонии амалкунанда»-ро ба муомилоти илмӣ ворид намуда, категорияи «сармояи инсонӣ»-ро таҳқиқ намудааст[9]. В. Петти дар асарҳои худ ин категорияи иқтисодиро ҳамчун сарчашмаи афзоиши сарвати миллӣ ифода кардааст.

Адам Смит омӯзиши сармояи инсониро идома дода, дар робита ба дигар омилҳои истеҳсолот ба қобилиятҳои инсон низ нақши асосиро додааст. Ин олим қайд кардааст, ки «баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, пеш аз ҳама, ба маҳорат ва итеъдоди коргар вобаста буда, дар ҳолате, ки ҷои кории коргар бо беҳтарин техникаю техналогияҳои муҷаҳаз

гардонида шуда бошад»[10]. А.Смит инчунин чунин ақида дорад, ки хароҷоти барои маълумотнокӣ ва тандурустӣ маблағгузорӣ ба рушди қобилиятҳои оянда шахсоне мебошанд, ки даромад ба даст меоранд. Ӯ дар асари худ «Тадкиқот дар бораи моҳият ва сабабҳои сарвати халкҳо» қайд кардааст, ки «дар истеҳсоли машина ҳаҷми вақти кори он муайян карда мешавад, маблағи ба он сарфшуда чӣ тавр баргардонда мешавад ва чӣ фоида меорад маълум аст ва шахсе, ки касбу ҳунарро омухтааст, агар меҳнаташ бо ин дастгоҳ муқоиса карда шавад, пас маълум мешавад, ки илмомӯзии нисбати меҳнаташ тамоми он хароҷотҳояшро бо фоидаи зиёд иваз мекунад»[10]. Дар асоси ин гуфтаҳо А.Смит ба хулосае меояд, ки байни музди кори коргарони ихтисоснок (маълумотдор) ва коргарони оддӣ бояд тафовут вуҷуд дошта бошад. Ин ақидаи А.Смит асоси назарияи сармояи инсониро дар бар мегирад.

Д.Риккардо зарурати тарбияро, ки аз ҳар як инсон талаб карда мешавад шарҳу эзоҳ медиҳад, инчунин «нақши ҷомеаи маълумотдорро дар рушди равандҳои иқтисодии давлат таъкид мекунад» [2].

Баъдтар тадқиқоти илмии асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ ҳамчун омили тараққиёти иқтисодии ҷамъият аз тарафи олими иқтисодон К.Маркс пешбари карда шуд, Ӯ «қувваи кориро маҷмуи муайяни қобилиятҳои чисмонӣ ва маънавии кормандоне, ки дар ҷараёнҳои истеҳсолот истифода мешаванд, медонист» [2]. К.Маркс инчунин аҳамияти сармоягузориҳоро дар ташаккули қувваи коргарӣ асоснок карда, инсонро сармояи асосии ҷамъият медонист.

Олими иқтисодон Манкю Н.Г. оид ба дониш, ва ихтисосмандӣ, ки паҳлуҳои асосии сармояи инсонӣ дониста мешавад, чунин мефармояд: «Сармояи инсонро дониш ва ихтисосмандии корманд ташкил менамояд, ки инро ӯ дар натиҷаи азхудкунии маълумот, аз омӯзиши барномаҳои таълимии мактабҳо, азхудкунии дониш аз барномаҳои таълимии касбӣ-тахассусӣ ва андӯхтани таҷриба аз ҷараёни истеҳсолот ба даст меоварад»[8].

Иқтисодшиносони рус Устинова К.А., Губанова Е.С., Леонидова Г.В., дар ин маврид, чунин мешуморанд, ки «вақте ки дар фаъолияти корхонаю ташкилотҳо меҳнат бо дониш иваз карда мешавад, вазифаи асосӣ таъсис ва паҳн намудани иттилооте мегардад, ки барои рушди сармояи инсонӣ истифода мешавад» [11].

Олими иқтисодон Ф.Лист чунин мешуморид, ки «дараҷаи некуаҳволии халқ на ба микдори аҳолӣ, балки ба кувваҳои истеҳсолкунанда, ки ин сармояро ба вуҷуд меоранд, вобаста аст [14]. Яъне маълумотнокии аҳолӣ ҳарчиқадар рушду инкишофёфта бошад, қувваи асосии рушду инкишофёбии иқтисодиёт дониста мешавад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ аз рушд ва инкишофёбии элементҳои асосии он вобаста аст. Яъне ҳамон вақт сармояи инсониро рушд ва инкишофёфта гуфтан мумкин аст, ки элементҳои асосии он ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонии инкишофёбӣ буда, барои истеҳсоли беҳтарин молу маҳсулоти ниёзи мардум ҷавобгӯ бошанд. Чуноне ки олимони рус Хрипнова М.Л. ва Соболева Е.Н., мефармоянд: «Зери мафҳуми сармояи инсонӣ - андухти донишҳои касбӣ ва навоварӣ, истеъдодҳои модарзодӣ (табиӣ), иқтидори соҳибкорӣ, ҳавасмандӣ, қувва ва саломатии инсонҳо фаҳмида шуда, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ истифода бурда мешаванд»[13].

Мувофиқи ақидаи баъзе таҳлилгарони хориҷию ватанӣ дар зери мафҳуми сармояи инсонӣ мафҳумҳои иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ ва дигар мафҳумҳое, ки ин захираи асосии истеҳсолотро пурра менамоянд, фаҳмида мешаванд.

Паҳлуҳои зиёди сармояи инсонӣ мавҷуданд, аммо то ба ҳол таърифи дақиқи онҳо вуҷуд надорад ва ҳангоми таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ ба мо имкон дод, ки элементҳои асосии сармояи инсониро бо қадри имкон дар шакли расм тасвир намоем (расми 1).




**Расми 1. Сармояи инсонӣ ва элементҳои асосии он**

Аз ин расм бармеояд, ки муҳимтарин элементҳои сармояи инсонӣ инҳо дониста мешванд: иқтидори инсонӣ (маҷмӯи маълумотҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, истеъдодҳо, маҳоратҳо ва умуман ҳама он чӣ, ки дар якҷоягӣ як чизи мукамалро меофаранд фаҳмида мешавад ва ягона қувваест, ки сифати фаъолияти инсониро дар рафти ҷараёни меҳнат баҳогузорӣ менамояд); дараҷаи маълумотнокӣ (бо раванди ташаккул ва истифодаи дониш ва малакаҳои касбӣ алоқаманд аст); сатҳи саломатӣ (сармояи биологӣ, яъне сармояи меросӣ ва сармояи таъмини ҳаёт, ки дар давоми ҳаёти шахс ба даст оварда шудааст); дарки фарҳангӣ (системаи арзишҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва маданиятро муайян мекунад); қувваи ҷисмонӣ ё ин ки қобилияти инсон ба меҳнат (маҷмӯи қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии организми инсон, ки ба ҷараёни истеҳсолот ворид гардида, маҳсулоти арзиши истеъмолӣ доштаро истеҳсол менамояд); маҳорати ташкилӣ (маҷмӯи донишҳои ташкилӣ, қобилият ва истеъдодҳои инсонӣ). Инчунин қобилиятҳои модарзодии инсон (маҷмӯи маълумотҳо, донишҳо, истеъдодҳо, маҳоратҳо ва умуман ҳама он чӣ, ки инсоният табиатан дар худ дорад); таҷрибаи истеҳсолӣ (сармояи инсонӣ ҳамчун омили истеҳсолот); сатҳи ҳавасмандии инсон (дӯстдорӣ, шавқмандӣ, завқмандӣ, ирода, хоҳишмандӣ, майлдорӣ, таваҷҷуҳ, рағбат ва ҳама он ҳиссиётхое, ки қувваи инсонро барои фаъолият намудан водор менамояд); сармояи зеҳнии инсон (дониш, таҷриба, малака, дороиҳои ғайримоддӣ), сармояи оилавӣ (тарбия ба истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар оянда тавассути механизми меросӣ таъсир мерасонад); ва сармояи соҳибкорӣ (сармоягузорӣ ба корхона, тиҷорат ва дигар фаъолиятҳои инсонӣ).

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки механизми асосие, ки барои рушд ва инкишофдиҳии ин элементҳои муҳимми сармояи инсонӣ, бахусус маълумотнокӣ, саломатӣ ва ҳавасмандӣ истифода карда мешавад, ин сармоягузорӣ ба ин унсурҳо махсуб меёбад.

Ҷ. Гэлбрейт дар ин хусус чунин қайд менамояд: «Доллар гузоштан дар зеҳни инсон фоидаи зиёдтар меоварад ба сармоягузор ва даромади миллӣ, нисбат ба дигар сармоягузориҳое, ки моҳияти худро дар шароити муосир тез гум менамоянд»[13].

Дар асри XX омӯзиши сармояи инсонӣ бо ёрии арзёбии миқдории самаранокии истифодаи он ба роҳ монда шуд. Оид ба чунин масъалаҳо, ба монандӣ: дараҷаи сифати таълим ва такмили ихтисоси кормандон, арзиши меҳнати корманд, хароҷотҳо ба баланд бардоштани арзиши иқтисодии кормандон алоқаманд буда, афзоиши ҳаҷми маблағгузории давлатӣ, ки ба тарбия ва таълими аъзоёни ҷамъият истифода мешавад, дониста мешуд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, ки ҳаёти инсонҳо зуд-зуд тағйир ёфта истодаанд, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагӣ низ тағйирёбанда гашта истодааст. Ин тағйирёбандагиро ба инобат гирифта, соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба рафти

шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯза мутахассисонро омода карда истодааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар шароити имрӯза соҳаи маълумотгирии олии касбӣ пеш аз ҳама ду вазифаи иҷтимоию иқтисодиро иҷро намуда истодааст: 1) инкишофёбӣ ва ҷомеашиносии шахсият, дар баробари инҳо инкишофдиҳии рӯҳӣ, дӯстдорӣ ва меҳнатӣ; 2) омоданамоии мутахассисони баландихтисоси касбӣ ва қувваи пешбарандаи ҷомеа баҳри рушд ва инкишофдиҳии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт.

Сатҳи пешрафти иҷтимоиёти ҳар як давлат дар тарзи гузоштани вазифа ва иҷрои ин вазифаҳо вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки барои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шароити зарурии захиравӣ барои рушд ва инкишофёбии онҳо андешида шавад.

Ҷамъияти иттилоотии касбии имрӯза дар назди соҳаи маълумотдиҳандаи олии касбӣ ва мақомоти олии идоракунандаи давлат як қатор вазифаҳои муҳими ҷамъиятӣ ва ҳаётиро гузошта истодааст, ки онҳоро ба таври зайл овардан мумкин аст: нигоҳдорӣ ва таҳкими вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки барои тақдиди нерӯи зеҳнӣ масъуланд; фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти самаранокии донишгоҳ ҳамчун муассисаи ҷамъиятӣ дар шароити ояндаи муносибатҳои бозаргонӣ.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ унсури асосии такмили ихтисоси оммавӣ, сармояи инсонӣ, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон, инчунин паҳн намудани донишҳои нав ба ҳисоб меравад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун ниҳоди иҷтимоии дорои таъсири мусбати берунӣ, бояд дар мадди аввал инҳоро ба назар гирифт: ӯ субъекти ҷамъият, давлат ва иқтисодиёти кишвар, соҳаю минтақаи алоҳида аст; маркази тамаркузи фардҳо ва гурӯҳҳо; идоракунандаи ҳамаҷонибаи зеҳнҳои фардҳо ҳисобида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат ва талаботи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ як қатор донишкадаю донишгоҳҳои олии касбӣ ташкил ёфтаанд, ки шумораи онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо дар солҳои хониши 1991-2022 (дар оғози соли хониш)**

| | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| Дар оғози соли хониш | Адади муассисаҳо, воҳид | Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар | Аз он ҷумла, ба 10000 аҳолӣ, нафар |
| 1991-1992 | 13 | 69,3 | 124 |
| 2000-2001 | 30[1] | 77,7 | 127 |
| 2010-2011 | 33[1] | 151,7 | 202 |
| 2016-2017 | 39[1] | 186,9 | 214 |
| 2017-2018 | 39[1] | 195,7 | 219 |
| 2018-2019 | 39[1] | 209,8 | 232 |
| 2019-2020 | 40[1] | 229,6 | 249 |
| 2020-2021 | 41[1] | 245,9 | 261 |
| 2021-2022 | 41[1] | 239,5 | 245 |
| **2021-2022 бо маротиб ба солҳои 1991-1992** | **3,15** | **3,74** | **1,9** |

**[1] Эзоҳ - дар якҷоягӣ бо филлиалҳо.**

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022. - С.52-53.

Таҳлили ҷадвали 1 аз он далолат медиҳад, ки баъди соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи донишгоҳҳо ва шумораи донишҷӯёни онҳо рӯз аз рӯз зиёд гардидааст. Чи тавре ки аз ҷадвал дидан мумкин аст, шумораи донишгоҳҳо дар солҳои аввали истиқлолият, агар 13 донишгоҳро ташкил намояд, он дар соли хониши 2000-2001-ум ба 30 донишгоҳ, дар солҳои 2010-2011-ум 33 донишгоҳ ва дар солҳои 2021-2022-ум ин

нишондиҳанда ба 41 донишгоҳ расидааст, ки нисбат ба солҳои аввали истиқлолият 3,15 маротиба зиёд гардидааст.

Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои 1991-2022 дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол шумораи донишҷӯён дар ҳама соҳаҳои асосии иқтисодиёт зиёд гардидааст. Масалан, агар дар соли хониши 1991-1992 дар соҳаи саноат шумораи донишҷӯён 7200 нафарро ташкил намояд, пас он дар соли 2021-2022 ба 30500 нафар донишҷӯ рафта расидааст, ки 23300 нафар донишҷӯ зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2. - Тағйирёби (динамика)-и шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 1991-2022, ҳазор нафар**

| Нишонди-ҳандаҳо | 1991-1992 | 2010-2011 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 | 2021-2022 | 2022-1991 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи донишҷуён дар МТОК** | 69,3 | 151,6 | 186,9 | 195,7 | 209,7 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | +170,2 |
| **бо %** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| **Аз он ҷумла, дар соҳаҳои** | | | | | | | | | |
| **Саноат** | 7,2 | 18,1 | 25,2 | 26,3 | 29,1 | 27,7 | 33,7 | 30,5 | +23,3 |
| **бо %** | 10,3 | 11,9 | 13,4 | 13,4 | 13,8 | 12,0 | 13,7 | 12,7 | +2,4 |
| **Хоҷагии қишлоқ** | 6,3 | 9,8 | 11,1 | 12,5 | 15,5 | 10,0 | 11,3 | 11,6 | +5,3 |
| **бо %** | 9,0 | 6,4 | 5,9 | 6,3 | 7,3 | 4,3 | 4,5 | 4,8 | -4,2 |
| **Иқтисодиёт ва ҳуқуқ** | 0,7 | 43,7 | 53,6 | 55,4 | 58,4 | 59,6 | 66,5 | 62,4 | +61,7 |
| **бо %** | 1,0 | 28,8 | 28,6 | 28,3 | 27,8 | 25,9 | 27,0 | 26,0 | +25,0 |
| **Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** | 8,3 | 9,3 | 17,0 | 19,0 | 19,2 | 20,9 | 23,8 | 23,8 | +15,5 |
| **бо %** | 11,9 | 6,1 | 9,0 | 9,7 | 9,1 | 9,1 | 9,6 | 9,9 | -2,0 |
| **Маориф** | 44,7 | 66,2 | 72,5 | 74,4 | 78,9 | 102,3 | 101,0 | 102,0 | +57,3 |
| **бо %** | 64,5 | 43,6 | 38,7 | 38,0 | 37,6 | 44,5 | 41,0 | 42,5 | -22,0 |
| **Фарҳанг ва санъат** | 1,8 | 2,2 | 3,7 | 4,0 | 4,3 | 4,7 | 5,2 | 4,9 | +3,1 |
| **бо %** | 2,5 | 1,4 | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 2,0 | -0,5 |
| **Дигар соҳаҳо** | - | 2,1 | 3,4 | 3,8 | 4,1 | 4,4 | 4,5 | 4,4 | +4,4 |
| **бо %** | - | 1,4 | 1,8 | 1,9 | 1,9 | 1,9 | 1,8 | 1,8 | +1,8 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022. - С.54.

Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, дар солҳои аввали истиқлолият дар ин соҳа 6300 нафар донишҷӯ таҳсили илм намуда, дар соли хониши 2021-2022 ин нишондиҳанда ба 11600 нафар омада расида, 5300 нафар донишҷӯ зиёд гардидааст.

Комилан маълум аст, ки неруи асосии истеҳсолӣ (захираҳои инсонӣ) дар ин ё он кишвар ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва уҳдадории иҷтимоии ширкатҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва умуман корфармоён вобастагӣ дорад. Дар кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ сиёсати иҷтимоӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Агар дар кишварҳои мутараққӣ сиёсати иҷтимоӣ барои ноил гаштан ба сатҳи баланди сифати зиндагӣ, таъмини шуғл ва ҳаёти шоиста равона шуда бошад, пас дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ паст намудани

сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум ҳадафи асосӣ гардидааст. Дар байни ин гурӯҳҳои кишварҳо фарқият дар сохтори соҳавии шуғл низ назаррас аст, ки ба сохтори такрористеҳсолии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и ин кишварҳо таъсир мерасонад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои охир чунин таносуб ба назар мерасад: 60,9% шуғлдоштагон дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (аз ҷумла хоҷагиҳои ёрирасон), 3,4% дар саноат, 4,1% дар сохтмон ва боқимонда дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла хизматрасонӣ банд мебошанд.

Ҳамаи ин вобастагиҳо аз эҳтиёҷоти аҳолӣ, аз талаботи бозори меҳнат ва аз омоданамоии мутахассисон иборат аст, ки мо онро дар шакли расм бо чунин шакл овардаем. (ниг. ба расми 2).




РАСМИ 2. ДОИРАҲОИ АСОСИИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОНҲО ТАЪСИРРАСОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар шароити иқтисодиёти муосир корфармо ҳолати бозори истеъмолии аҳолиро хуб омӯхта, эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи онҳоро аз худ менамояд ва мувофиқ ба онҳо мол ва маҳсулот истеҳсол намуда, талаботи онҳоро қонеъ менамояд. Ин қонеънамоиро корфармо ба воситаи беҳтарин мутахассисе, ки дорои дониши баланди касбӣ мебошад, иҷро менамояд.

Доираҳое, ки дар расм тасвир шудаанд, боиси доим дар омӯзиш қарор гирифтани ҳам коргарон ва ҳам корфармоён мегардад. Баъди оне, ки бозори истеъмолии аҳолӣ омӯхта мешавад, ба мо муайян мегардад, ки мо бояд кадом намуди молу хизматрасониҳоро ба воситаи зеҳн ва малакаи кадом мутахассис истеҳсол карда метавонем. Ин боис ба он мегардад, ки ҳамкори байни корфармо ва донишкадаю донишгоҳҳо ва муассисаҳои бозомӯзии касбӣ то андозае рушд ва равнақ менамояд. Корфармо аз муассисаҳои таълимии касбӣ беҳтарин мутахассисро талаб менамояд. Ин таваҷуҳнамоӣ боис ба он мегардад, ки беҳтарин мутахассисон омода карда шаванд.

Омилҳои дохилие, ки ба ин доираҳо таъсиргузор мебошанд, ин пеш аз ҳама он муҳите, ки ин доираҳоро аз нуқтаи назари сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ иҳота кардаанд, бахусус, касбиятнокӣ ва қадршиносии мутахассисони касбӣ дар ин доира, муносибат ва ҳамкориҳои дутарафаи ин доираҳо ва дигар муносибатҳое, ки дар дохил ба ин доираҳо таъсир мегузоранд, ба шумор мераванд.

Омилҳои берунии ба доираи истеъмоли аҳолӣ таъсирасон истеъмоли молу маводи воридотии аз хориҷа овардашавандаро дар бар мегиранд. Ин истеъмолнамоӣ боиси аз фаъолият мондани корхонаҳои истеҳсолии кишвар гардида, фаъолияти доираи дуюм, яъне бозори меҳнатро дар дохили кишвар коста мегардонад.

Омоданамоии мутахассисон ё худ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти имрӯза, вобаста аст аз талаботи бозори меҳнат. Талаботи бозори меҳнат муайянкунандаи ояндаи салоҳиятҳои инсон буда, дар кадом сатҳ ва бо кадом дараҷаи маълумотнокӣ омодашудани инсонро муқаррар менамояд.

Дар охир қайд намудан ҷоиз аст, ки дар амал ҷорӣ намудани он маълумоту донишҳое, ки инсон дар рафти омӯзиш, таҳлилнамоӣ ва таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ аз худ намудааст, ба инсон рӯҳияи нав бахшида, ӯро ба эҷоду навовариҳо дар фаъолияти касбӣ-тахассусӣ водор менамояд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва таҳлили маводи мавҷуда аз рӯйи муайяннамоии нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба сифати хулоса инҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дорои саломатию зиндагиии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии ба фаъолият ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад. Инчунин фаҳмиши «ташаккулёбии сармояи инсонӣ», «нақш ва аҳамияти сармояи инсонӣ», «мақсаднокии равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» ва «механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» мушаххас шудааст.

2. Дар ҳама давру замон дониш ҳамчун нерӯи инсонӣ молиягузорӣ карда мешавад ва давлатдорону сиёсатмадорон, соҳибкорону соҳибмулкон, падару модарон барои донишомӯзию ҳунаромӯзӣ маблағҳои зиёдеро сарф карда, умед ба натиҷагирии пурсамар доранд. Аз рӯйи ҳисобҳои иқтисоддонҳо ва хулосаи илмии мо фоидаоварии он 7-8 маротиба нисбат ба маблағгузориҳо дар соҳаҳои дигар зиёдтар аст. Агар мо як ба атрофи хеш назар афканем, ҳамаи он неъматҳо ва маводҳое ки майлу рағбати моро қонеъ мегардонанд, ҳатман маҳсули меҳнати кадом донишманде мебошад, ки мутаассифона на ҳама вақт ба худи ӯ муяссар мегардад, ки аз натиҷаи он баҳра барад.

3. Маълумотнокии инсон сармояест, ки ӯро доим аз хавфҳои гуруснагӣ, ноамнӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дигар таҳдидҳо эмин нигоҳ дошта, саломатӣ, хушҳолӣ, маълумотнокӣ ва умуман зиндагонии бекамбу-диро ба инсон муҳайё месозад. Инсони маълумотдор мутахассиси арзандаи соҳаи фаъолияти худ мебошад. Таълимгирии доимии инсон бояд муфовиқ ба талаботи зудтағйирёбандаи истеъмолии аҳолӣ ва талаботи асосии бозори меҳнат ба роҳ монда шавад. Ин бароҳмониҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки маълумот ё донише, ки инсон дар рафти омӯзиши илм ҳамчун касб ва тахассус аз худ менамояд дархӯрди ҷомеа мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771.
2. Антология экономической классики. Т. 1. – М.: 1993.
3. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.166.
4. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. -№2-4 (204). -С. 18
5. Искандаров Х.Х., Давлатов С.Н. Мировой опыт формирования и развития конкурентоспособности работников//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2017. - № 2/5. - Ч.2. – С.54.

6. Комилов С.Дж. Особенности формирования экономики знаний на современном этапе// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/8 (125). - С.15.
7. Корчагин Ю.А. Человеческий капитал – интенсивный социально-экономический фактор развития личности, экономики, общества и государственности. материалы научного семинара «человеческий капитал как междисциплинарная область исследований». / Корчагин Ю.А. – Режим доступа: https://www.hse.ru/data/2011/04/29/1210692190/doklad.doc.
8. Манкию Н.Г. Макроэкономша: пщручник для Украши. - К.: Основи, 2000. – С.144.
9. Петти В. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с.
10. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М.: Соцэкгиз, 1956. – 490 с.
11. Устинова К.А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография. – Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. – 195 с.
12. Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан) // дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05–Ходиев Дадахон Абдуллоевич. - Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. – С.27.
13. Хрипунова М.Л., Соболева Е.Н. Формирование человеческого капитала предприятия//Энергия молодых - экономике России. Режим доступа: www.lib.tpu.ru/fulltext /c/2012/C23/V1/096.
14. Человеческого капитала теория [Электронный ресурс] // Словарь.ru. – Режим доступа: http://tfile.ru/forum/viewtopic.php?t=161538.

**УДК 330**

**Исматуллоев И.У., Мухторзода С.С., Маҳмадуллоев З.Н., Кодиров А.В.**

## ИНКИШОФИ НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ САВДОИ ШАБАКАВӢ ДАР ШАРОИТИ РАКАМИКУНОНИИ ИКТИСОДИЕТ

Дар мақола инкишофи назария ва методологияи савдо ва савдои шабакавӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт маврид омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки дар шароити имрӯза атрофи мафҳуми савдо, хизматрасониҳои он таърифҳои гуногун ҷой доранд ва аз ҷониби муаллифон таърифи илмии раванди мазкур пешниҳод карда шудааст. Чунин масъалагузорӣ ба он вобаста аст, ки вақтҳои охир савдо ба шарофати пайдоиши шаклҳои нави хизматрасониҳо, аз ҷумла пайдоиши савдои шабакавӣ ҳамчун як намуди муосир ба бахши муҳимтарини фаъолият табдил ёфтааст. Дар ҷараёни таҳияи мавод аз ҷониби муаллифон як қатор тавсияҳои ба хотири рушди минбаъдаи савдои шабакавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** савдои шабакавӣ, рақамикунонӣ, назария, методология, инкишоф, технологияҳои рақамӣ, иттилооот, равандҳои иттилоотӣ, хизматрасониҳо.

**Исматуллоев И.У., Мухторзода С.С., Махмадуллоев З.Н., Кодиров А.В.**

## РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ И МЕТОДОЛОГИИ СЕТЕВОЙ ТОРГОВЛИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИЯ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается развитие теории и методологии торговли и сетевой торговли в условиях цифровизации экономики. Отмечается, что в современных условиях существуют различные определения понятия торговли, ее услуг, а авторами предложено свое определение этого процесса. Такая постановка вопроса этот связана с тем, что в

последнее время торговля стала важнейшим сектором деятельности благодаря появлению новых форм торговых услуг, в том числе появлению сетевой торговли как нового и современного вида. В ходе подготовки материала авторы предоставили ряд научно обоснованных рекомендаций по дальнейшему развитию сетевой торговли.

**Ключевые слова:** сетевая торговля, цифровизация, теория, методология, развитие, цифровые технологии, информация, информационные процессы, услуги.

**Ismatulloev I.U., Mukhtorzoda S.S., Makhmadulloev Z.N., Kodirov A.V.**

## DEVELOPMENT OF THE THEORY AND METHODOLOGY OF NETWORK TRADE IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

The article discusses the development of the theory and methodology of trade and networking trade in the context of digitalization of the economy. It is noted that in modern conditions there are different definitions of the concept of trade and its services, and the authors have proposed a scientific definition of this process. That is because that recently trade has become the most important sector of activity due to the appearance new forms of trade services, including the networking trade as a new and modern type. During the preparation of the material, the authors presented a number of recommendations for further development of the networking trade.

**Keywords:** networking trade, digitalization, theory, methodology, development, digital technologies, information, information processes, and services.

Социально-экономическое развитие Республики Таджикистан связано с углублением новых видов и форм услуг населению, переходом на новые формы обслуживания в сфере торговли, которые являются необходимым и важным шагом в условиях глобализации экономики и использования новых технологических процессов.

Переход к рыночной экономике и новые методы управления тесно связаны с торговым предпринимательством, что, прежде всего, подразумевает формированию и развитию современных форм торговли, в том числе торговые сети, которые выступают в различных формах и видах и обеспечивают необходимые и современные услуги для своих клиентов или покупателей. В то же время они обеспечивают взаимное сотрудничество производственных и коммерческих организаций.

С периода обретения национальной независимости и до сегодняшнего дня одной из наиболее реформированных отраслей народного хозяйства Таджикистана была торговля. Сегодня в Республике Таджикистан стали очень популярными современные торговые структуры и сети, в том числе «Пайкар», «Ёвар», «Вольна» и другие. В принципе сетевая торговля уже функционирует успешно, ее структура уже создана, и фактически период их формирование и развитие уже состоялся. Исходя из этого, мы считаем, что изучение вопроса становления и развития сетевой торговли в условиях рыночной экономики имеет важное теоретическое и практическое значение для ознакомления характеристики инновационных процессов и содержания новых явлений в развитии торговли как важной сферы национальной экономики Республики Таджикистан. Этот вопрос становится более весомым в условиях цифровизации экономики. Такой подход связан с тем, что в последнее время торговля стала более значимой отраслью деятельности цифровой экономики, благодаря появлению новых форматов торговых услуг, в том числе появлению сетевой цифровой торговли как нового и современного вида розничной торговли. Именно цифровизвция даёт сетевой торговле возможность быстро увеличить количество потребителей и клиентов через глобальную сеть, объединяться и взаимодействовать с различными и многочисленными партнерами.

В настоящее время, исследование данной проблемы приобретает актуальное значение для развития торговли и достижения устойчивого роста экономики. Исходя из этого в будущем, чтобы узнать состояние сетевой торговли в нашей республике, следует более подробно изучить сущность, содержание сетевой торговли и теоретические основы перехода к сетевой организации бизнеса в условиях рыночной экономики. В то же время следует оценить современные форматы розничной сетевой торговли их параметры, а также проанализировать современное состояние развития розничной сетевой торговли в Республике Таджикистан.

По своей сути организационная форма сетевого объединения близка типу функциональной организации, которая разработана для обслуживания рынка путем консолидации ресурсов партнеров. Вместе с тем, стабильная сеть изменяет некоторых составляющих предприятия, каждый из которых поддерживает свою конкурентоспособность посредством высококачественного сервиса вне сети.

Наглядно отличительные свойства сетевых организаций от других организационных форм представлены в табл. 1.

**Таблица 1. Отличительные свойства сетевых организаций от единичных хозяйствующих субъектов**

| Критерии | Единичная организация | Сетевая организация |
|---|---|---|
| Договорные отношения | Простые | Сложные |
| Использующиеся современные технологии и программные продукты | Минимальное применение | Максимальное применение |
| Форма собственности | Один или несколько собственников у одной организации | Один или несколько собственников на всю сеть |
| Стиль и метод управления | Частный подход | Корпоративный подход |
| Отраслевая принадлежность | Разнообразные | Определенные |

**Источник: таблица** составлена авторами.

По данным табл. 1. видно, что сетевые организации отличаются от единичных организаций рядом признаков, среди которых можно выделить: единоличное распоряжение ресурсами, участвующими в процессе производства; ориентация на рыночные приемы управления; активный информационный обмен.

В качестве внешних угроз эффективности работы организационных сетей можно отметить общую ценовую политику, единообразие качества выпускаемой продукции или однотипные приемы оказания услуг.

Данные аспекты могут влиять на рыночную позицию сетевых организации, снизить их конкурентоспособность и динамичность развития в сравнении с независимыми от сетевого объединения субъектов.

Функционирование и развитие сетевой торговли тесно взаимосвязаны с такими понятиями как экономика, социология, организационное поведение, и социальная психология.

Теоретические аспекты сетей и межфирменного сотрудничества, формирование и развитие сетевых структур, подробно исследованы в научных трудах зарубежных авторов. Они ты считают, что развитие сетевой торговли сопровождается такими факторами как глобализации предпринимательской деятельности, развитием информационно-коммуникационных технологий, способствующих информационному обеспечению розничных торговых сетей.

На современном этапе научной мысли подходы к обоснованию возникновения сетей,

значительно варьируются и отличаются по особенностям. В этом плане встречаются взаимоисключающие друг другу точек зрения относительно сетевой торговли. В связи с этим экономисты солидарны проталкивание определении сетевой торговли.

Первый подход заключается в равноценности сетевой структуры с организационной структурой организации (В. Б. Акулов, Б. З. Мильнер, М. Янг, М. Н. Рудаков, Л. Н. и Тэпман и др.). В соответствии с таким подходом торговые сети рассматриваются в рамках теории организации эволюционные и эволюционно-синергетические теории. Они возникли в процессе определений инновационных организационных форм розничного торгового обслуживания.

Второй подход предусматривает исследование составляющих сети и взаимоотношений, между участниками торгового процесса (А. Чандлер, О. Уильямсон, С. Боргатти, Х. Хакансон, В. В. Радаев и др.).

Вместе с тем в качестве составляющих можно рассмотреть институты, партнеры, экономические агенты или иные участники рынка, а также организационная структура, сетевой организации.

Одним из принципов сетевого подхода к развитию торговли является развития структуризация торговли, что показывает взаимодействий организации бизнеса и различных форматов розничной торговли.

В экономической литературе применительно к термину «формат розничной торговли» установилось понимание «совокупности определенных параметров для торгового объекта с целью идентификации его принадлежности данному торговому формату». В то же время следует отметить, что в настоящее время в теории и практике управления торговлей, отсутствует единый подход к определению формата розничной торговли, а, следовательно, не выработаны и четкие подходы к параметрам, его составляющим [15, С. 1352 - 1365]. Наличие терминологической определенности существенно затрудняет принятие управленческих решений в торговой сфере и требует своего разрешения.

В некоторых работах под определением «формат сетевой торговли» в условиях цифровизации, понимается совокупность параметров, в соответствии с которой определяется принадлежность торговой сети к определенному виду или формы (например, супермаркет, магазин у дома или другой вид объекта торговли). Об этом говорят и пишут Воронина О.В., Мосалов И.Е., Мошкина Н.А., Смирнов Е.Н., Черняков М.К., Мухторзода С.С., Тулиев М.С. и другие исследователи [3, С. 78 – 84, 8, С. 47 – 60, 9, С. 117 – 119; 10; 11, С. 89 - 93]. Мы вполне согласны, что такой подход приемлем, но относительно того, что в данной определений не учтены другие характеристики сетевой торговли также важны, ведь не только формат определяет суть сетевой торговли, есть и другие важные параметры. Как известно, существуют и другие факторы, которые так или иначе определяют структуры торговой сети. Торговая сеть как основной объект сетевой торговли также зависеть от месторасположения, количества населения данного района и качество предоставляемых услуг. Исходя из этого, некоторые авторы просто начали монополизировать «формат» в качестве основного признака торговой сети и розничной торговли и ссылаются только на одного фактора сетевой торговли. сетевая торговля [1, С. 20 - 25].

Понятно, что в результате развития розничной торговли появились торговые сети, а затем появились разнообразные форматы сетевой торговли. Не зря Брагин Л.А. проанализирует факты из исследования американского ученного М. Зимермана «Супермаркет и изменение структуры розничной торговли» и считает, что супермаркет является первым и основным форматом современной торговли. Этот формат как раз и являлся первым и основным форматом сетевой торговли, а в большинстве случаях основоположником торговых сетей стал именно супермаркет [2, С. 1307 - 1310]. Специфическими характеристиками супермаркета, как объекта розничной торговли при любом виде торговли были универсализация ассортимента товаров, дополнительные услуги для покупателей и система самообслуживания.

Когда появился супермаркет, существовали традиционные магазины, вдруг он начал отвечать стандартам массового обслуживания по-другому, предлагал, прежде всего, низкие цены, чем у соседнего магазина за счет увеличение объема продаж и улучшение качество обслуживания. Такой подход по сути дела стал предпосылкой для появления новых форматов и совершенствования современной торговли и трансформации к переходу новой структуры в соответствии с требованиями сетевой торговли. Кроме того, другие факторы и показатели сетевой торговли, прежде всего увеличение количества торговых точек способствовали формированию и развитию такого нового вида торговых отношений в современном мире.

Далее, другие характеристики сетевой торговли обогащали новую систему. Их можно перечислить в качестве следующих признаков:

- более точная ориентация на запросы покупателей
- определение точной целевой группы покупателей
- улучшение качества сервисов
- внедрение системы самообслуживание и самостоятельной оплаты без участия продавца
- низкие цены и изобилие товаров
- унификация и однообразие установок в разных торговых точках с целью привлечение покупателей и повышение рейтинга бренда
- внедрение новейшей технологии, способствующие облегчению труда покупателей и их комфортабельности

Как отмечает исследователь Икрамов Р.А. «…торговый формат есть продукт оптимизации таких параметров, как цена и ассортимент товаров, торговая площадь, предоставляемые услуги с учетом характеристик местоположения, поведения потребителей и конкурентов» [4, 214 - 216]. Он далее отмечает «каждый параметр, определяющий торговый формат формируется под влиянием целой совокупности факторов, обусловливая их различные варианты».

Позже некоторые ученные - исследователи делали фокус на взаимосвязи различных форматов с конкретной группой покупателей. В частности, таких взглядов придерживаются Казачёнок А.О. и Батраева Э.А. По их точки зрения «организационная форма может быть охарактеризована как торговый формат, ориентированный на определенную целевую группу покупателей (например, элитный бутик, супермаркет для представителей среднего класса или дискаунтер для менее обеспеченных слоев населения)» [5, С. 199 - 204]. При этом Малахова В.С. рассматривает организационную форму «как самостоятельную и целостную хозяйственную структуру, характеристики которой тесно связаны с внешней средой и отвечают ее принципиальным требованиям» [7, С. 457 - 463].

Другие исследователи как Литвинов Н.А., и Изотова А.Г., Радаев В.В., придерживаются мнением, что торговые сети обеспечивая связь с покупателями, поддерживают тесную связь и договоренности с поставщиками продукции, чтобы снизить закупочную цену и обеспечит баланс низкой цены и потребности большого числа покупателей. Это означает, что владельцы торговых сетей всегда должны поддержать многосторонние связи и сотрудничества как с потребителями, так и с поставщиками, то есть учесть уровень спроса и предложения одновременно. Исходя из этого, «…торговый формат можно рассматривать как временную совокупность взаимодействий деловых сетей» [6, С. 18 - 20].

Исследователи Чернухина Г.Н. и Чан Н.А. считают, что взаимосвязь торгового формата только с внешними параметрами деятельности не в полной мере соответствуют пониманию его сути. А Утиров Б.Б. увязывает сущностную характеристику категории «формат розничной торговли» с ориентацией на факторы со стороны спроса. Чернухина Г.Н., Ермоловская О.Ю. отождествляют формат розничной торговли с организационным поведением торговых бизнес-структур на потребительском рынке в условиях усиления

глобализации и усложнения характера конкуренции, формирования торговых интеграций [12, С. 224 – 227; 13, С. 310 – 318; 14, С. 96 - 103].

На наш взгляд, определение формата розничной торговли Литвинова Н.А. и Изотова А.Г. более подходит к сути дела и соответствует нашему пониманию:«Формат сочетает тип и функциональное назначение магазина. Формат – более расширенное понятие торгового предприятия, включающее дополнительные признаки и интегрирующие в себе формы торгового обслуживания, ориентированные на определенный контингент покупателя, ценовую, ассортиментную политику, типоразмерные характеристики, использование современных инструментов торговли (новых техник и технологий), широкое применение средств автоматизации в технологических процессах и управление ими» [5, С. 199 - 204].

Аз ин рӯ, маблағгузории давлатӣ воситаи хеле муҳими баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори инноватсионии иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз давлат субъекти асосии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб мешавад, ки иқтидори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ  бештар аз он вобаста аст. Кайд кардан зарур аст, ки маблаггузории давлатии тадкикоти илмӣ раванди мураккаб буда, механизми возеҳи маблағгузориро талаб мекунад, ки ба истифодаи максадноки маблағҳои буҷет нигаронида шудааст. Барои ин зарур аст, ки маблағҳои буҷетӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ҷузъҳои сохтории иқтисоди миллӣ дақиқ тақсим карда шаванд. Ин равиш на танҳо имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян карда шавад, балки шарти муҳими муайян кардани талабот ба инноватсия низ мебошад. Бояд гуфт, ки маблағгузории давлатӣ мутобиқи эҳтиёҷоти инноватсионии иқтисодиёт ҳамеша ба истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ба манфиати рушди инноватсионии соҳаҳои саноат мусоидат мекунад.

Дар баробари ин ба корхонаю ташкилотхое, ки бо корхои тадкикотию конструкторй машгуланд, ёрии максаднок расондан зарур аст. Чунин дастгирӣ аз таъмини субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи инноватсия бо моликияти давлатӣ иборат аст. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки татбиқи самараноки иқтидори ин субъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, ба ин васила ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намояд. Дар баробари ин давлат бояд дар ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии ин корхонаҳо дар системаҳои иқтисодии минтақавӣ нақши калидӣ бозад. Барои ин зарур аст, ки инфрасохтори инноватсионии ҳудудҳои кишварро инкишоф дод, ки имкон медиҳад ғояҳои инноватсионӣ ба манфиати иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар сари вақт амалӣ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ варианти оқилонаи ҳалли масъалаҳои ҳавасмандгардонии давлатии истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии соҳаи саноат рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи инноватсионист. Чунин механизми ҳамкорӣ, бахусус дар шароити набудани маблағгузории давлатӣ барои лоиҳаҳои инноватсионии соҳаи саноат воситаи муассир маҳсуб мешавад. Маълум аст, ки дар айни

замон яке аз сабабҳои асосии ҳалли мушкилоти рушди инноватсионии соҳаи саноат норасоии захираҳои молиявӣ мебошад. Дар ин маврид механизми ШДБХ ҳамчун воситаи ҷалби манбаъҳои нав, ҳам сармоягузориҳои миллӣ ва ҳам хориҷӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии соҳаҳои саноат аз мавҷудияти захираҳои молиявии зарурӣ вобаста аст.

Дар Тоҷикистон механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз 28 декабри соли 2012, № 907» фаъолона мавриди истифода қарор гирифт. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян намуда, манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя мекунад.

Аммо, чунон ки амалияи ватанӣ нишон медиҳад, принсипҳо ва механизмҳои асосии рушди ШДБХ дар кишвари мо дастгирии дурусти ҳуқуқӣ пайдо накарданд. Илова бар ин, бисёре аз лоиҳаҳои сармоягузории ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба соҳаи инноватсия алоқаманд нестанд ва таваҷҷуҳи сохторҳои тиҷоратии хусусиро ҷалб намекунанд. Мушкилоти асосӣ номукаммалии заминаи қонунгузорӣ ва набудани механизми возеҳи равобити давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарурати такмили низоми ҳавасмандгардонии давлатӣ барои истифодаи иқтидори инноватсионии минтақа дар асоси модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба миён меояд. Бояд ба назар гирифт, ки самаранокии баланди истифодаи шарикии давлат ва бахши инноватсионӣ ба омилҳои зерин асос ёфтааст:

- заминаи устувори институтсионалии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;
- таъмини ҳуқуқии шартҳои асосии иҷрои қарордодҳо ва созишномаҳо дар доираи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;
- тақсими одилонаи имкониятҳо ва хатарҳо дар лоиҳаҳои татбиқшавандаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар асоси шартномавӣ муттаҳидсозии ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва соҳаҳои масъулият байни иштирокчиён;
- воситаҳои самараноки идоракунии давлатии бахши инноватсия ва ғайра.

Дар Точикистон як катор мушкилоте мавҷуданд, ки ба фаъолияти муътадили корхонаҳои саноатӣ халал мерасонанд, аз чумла:

- таъмини нокифояи шароит барои пешбурди соҳибкорӣ, гаронии аз ҳад зиёди андоз ва мураккабии маъмурияти андоз, сатҳи баланди инҳисорӣ, заифии ҳифзи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи соҳибкорон;
- рушди сусти муассисаҳои дастгирии соҳибкорӣ. Ҳарчанд дар солҳои охир мавқеъи байналмилалии Тоҷикистон дар гузориши «Рушди соҳибкорӣ» аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо беҳтар шуда бошад ҳам, кор дар самти соддагардонии расмиёти бақайдгирӣ/қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурд ва дастрасӣ ба қарз беҳбудиро тақозо мекунад;
- ҳаҷми зиёди воридоти молу маҳсулот аз кишварҳои хориҷӣ. Мушохидахо нишон доданд, ки имруз дар кишвари мо талаботи аҳолиро ба молҳои саноатӣ истеҳсолкунандагони хориҷӣ қариб пурра қонеъ мегардонанд. Ин вазъият, бешубха, дар тамоми соҳаҳо ба пешравии фаъолияти соҳибкорӣ монеа эҷод мекунад;
- мунтазам афзудани шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ намуда, мақоми шахси ҳуқуқӣ доранд. Агар ин вазъият, аз як тараф, барои таъмини тараккиёти иқтисоди миллӣ монеа ба вучуд оварад, аз тарафи дигар, ба индустрикунонии босуръати мамлакат, ки ҳадафи чоруми миллӣ эълон шудааст, таъсири манфӣ мерасонад.
- дар сатҳи зарурӣ гузаронида нашудани семинарҳои омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани маданияти соҳибкорӣ, сатҳи дониши иқтисодӣ ва молиявии соҳибкорон, таҳияи нақшаҳои бизнес, дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ ва молиявӣ, ҷустуҷӯи бозор, рақобатпазирии фаъолият ва рафъи иқтидори таҳдидҳо ва хатарҳо;

- миқдори зиёди гарав ва миқдори ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани қарз, инчунин ба сифати гарав қабул накардани таҷҳизот ва иншооти сохташаванда ва мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ ҳангоми гирифтани қарз;

- фоизи баланди қарзҳои пешниҳодшаванда ва кутоҳ будани муҳлати баргардонидани қарз ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти тадқиқот қайд кардан лозим аст, ки дар шароити кунунӣ барои рушди иқтидори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ чораҳои мунтазам андешидан зарур аст. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи нерӯи инноватсионии соҳибкории саноатӣ дар минтақа тақвияти тадбирҳоро дар бар мегирад, ки ба фароҳам овардани заминаи инфрасохтории фаъолияти устувори сохторҳои соҳибкорӣ бо назардошти ташаккули фазои мусоиди институтсионалӣ нигаронида шудаанд. Масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, қарздиҳӣ, дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷети вилоятӣ, соддагардонии муносибатҳои содироту воридот ва ғайра бояд дар маркази таваҷҷӯҳи мақомоти давлатӣ бошанд. Ҳалли масъалаи таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ бевосита ба сармоягузорӣ ба корхонаҳои инноватсионӣ ва саноатӣ алоқаманд аст. Аз ҷиҳати мазмуни иқтисодӣ сармоягузории соҳибкорӣ раванди интихоби самтҳо ва шаклҳои фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Дар навбати худ, истифодаи сармоягузориҳои соҳибкорӣ ба принсипҳои оқилона ва оптималӣ асос меёбад. Дар баробари ин, сармоягузории соҳибкорӣ аз сатҳи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст, ки ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти соҳаи саноат бо дарназардошти принсипҳо ва механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Балашов А.М. Новосибирская модель территории инновационного развития и предпринимательство//Известия высших учебных заведений. Серия: Экономика, финансы и управление производством. 2017. № 4 (34). С. 14-21.
2. Давлатзода Қ.Қ., Ниёзӣ С.Р., Қодиров Н.Ҳ. Нақши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии ҷумҳурии тоҷикистон//Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. 2020. № 4 (52). С. 58-65.
3. Закон Республики Таджикистан от 16.04. 2012 год № 4, «Об инновационной деятельности». – Душанбе, №4 ст. 272.
4. Комилов С. Дж. Теория инновационного развития//Монография. - Душанбе: «Шарки озод», 2019. - С.200.
5. Мизробов С.С. Хусусиятҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. № 4-1 (43). С. 131-137.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г.//Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года № 354. - Душанбе, 2016. - С.16.
7. Титов Д.Д. Инновационный потенциал. оценка инновационного потенциала региона//Стратегия устойчивого развития регионов России. 2015. № 29. С. 44-49.
8. Тюменцева А.И. Кадровый инновационный потенциал в структуре инновационного потенциала организации//Аллея науки. 2018. Т. 2. № 6 (22). С. 652-656.
9. Низамова Т.Д. Разработка стратегии развития предприятия//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. - № 3. - С.60.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023, ш. Душанбе.
11. Петров А.М. Инновационное развитие экономики регионов России в современных условиях: институциональный аспект//Вестник Кемеровского государственного

университета. Серия: Экономика и экономические науки. - Кемерово, 2014. - № 4(60) Т.1. - С. 253.
12. Фозилова М.И. Тенденции развития инновационно-промышленного предпринимательства в современном мире// Экономический журнал. Экономика: вчера, сегодня, завтра. – Ногинск: Издательство «АНАЛИТИКА РОДИС», 2022. - Том 12, № 9А. - С.512-519.
13. Хамидуллин Ф.Ф. Проблемы функционирования субъектов малого предпринимательства в институциональной среде//Ученые записки Российской Академии предпринимательства. – М., 2011.- № 27. - С. 274.

**УДК 336.7**

**Қурбонов В.Н.**

## ОҚИБАТҲОИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАВАРУРУМ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН

Дар сатҳи иқтисодиёти ҳар як давлат падидаҳои гуногуни иқтисодӣ, ки ҳамеша муаммоҳои дигари макроиқтисодиро ба мувҷуд меоранд бисёр мебошад. Дар баробари буҳронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва молияви таваррум низ яке аз падидаҳои номатлуби иқтисодӣ мебошад, ки бо роҳи аз байн бурдани талабот ва ҳавасмандӣ сатҳи зиндагиро паст ва иқтисодиётро ноустувор мегардонад. Аз ҳамин лиҳоз дар мақолаи мазкур вобаста ба як қатор масъалаҳои макроиқтисодӣ, ки бо таваррум ҳамбастагӣ доранд таҳқиқот анҷом шудааст. Ғайр аз ин дар ин мақола муаллиф ба як қатор масъалаҳои таваррумӣ ва таъсиррасон ба он аҳамият дода таркиби таваррумро дар алоҳидаги вобаста ба омилҳои дохила ва беруна, омилҳои ғизоӣ ва ғайри ғизоӣ, хизматрасонӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо.** таваррум, иқтиссодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, таъсир, макроиқтисодиёт, омилҳои дохила, омилҳои беруна, бекорӣ, сиёсати пулию қарзӣ, барномаҳои давлатӣ.

**Курбонов В.Н.**

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ, ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ИНФЛЯЦИИ И МЕХАНИЗМЫ СНИЖЕНИЯ ИНТЕНСИВНОСТИ ЕЕ НЕГАТИВНЫХ ВОЗДЕЙСТВИЙ

На уровне экономики каждого государства существует множество различных экономических явлений, которые всегда создают другие макроэкономические проблемы. Наряду с экономическими, политическими и финансовыми кризисами, инфляция также является одним из нежелательных экономических явлений, которое, устраняя спрос и мотивацию, снижает уровень жизни и дестабилизирует экономику. С этой точки зрения в данной статье проведено исследование ряда макроэкономических вопросов, связанных с инфляцией. Кроме того, в данной статье автор уделил внимание ряду вопросов инфляции и факторов, влияющих на нее, а также рассмотрел состав инфляции отдельно в зависимости от внутренних и внешних факторов, продовольственных и непродовольственных факторов, услуг и других влияющих факторов.

**Ключевые слова.** инфляция, экономика, социология, политика, влияние, макроэкономика, внутренние факторы, внешние факторы, безработица, денежно-кредитная политика, государственные программы.

**Kurbonov V.N.**

**POLITICAL, ECONOMIC AND SOCIAL CONSEQUENCES OF INFLATION AND MECHANISMS FOR REDUCING THE INTENSITY OF ITS NEGATIVE IMPACTS**

At the level of the economy of each state, there are many different economic phenomena that always create other macroeconomic problems. Along with economic, political and financial crises, inflation is also one of the undesirable economic phenomena, which, by eliminating demand and motivation, reduces living standards and destabilizes the economy. From this point of view, this article examines a number of macroeconomic issues related to inflation. In addition, in this article the author paid attention to a number of issues of inflation and factors influencing it, and also examined the composition of inflation separately depending on internal and external factors, food and non-food factors, services and other influencing factors.

**Keywords.** inflation, economics, sociology, politics, influence, macroeconomics, internal factors, external factors, unemployment, monetary policy, government programs.

Падидаҳои номатлуби раванҳои ҷаҳоинишавӣ хусусиятҳои иқтисодӣ дошта, онҳо ҳамеша ба иқтисодиёти ин ё он давлатҳо таъсир мерасонанд. Дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ таваррум ҳамчун падидаи иқтисодӣ доираи фарогирии васеъ дошта, он вобаста ба таркиби иқтисодиёти ҳар як давлат метавонад таъсири манфии худро ба таври шадид ва ё нарм расонад . Аз ин лиҳоз дар аксар давлатҳои рӯ ба таррақи масъалаи нигоҳ доштани мувозинати таваррум ва нигоҳ доштани як меъёри муаяни он дар барномаҳои давлатии худ дар доираи барнома ва дурнамои сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ меборад. Барномаи иқтисодии нигоҳ доштани сатҳи тавваррум дар сиёсати макропридунсиалӣ ҳамчун масъалаи асосӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии таваррум баъд аз соли 1991 ба худ аҳамияти хосаро пайдо намуда, ба ҷанбаҳои манфии он баъд аз соҳибистиқлолӣ аҳамият дода мешавад[2.68]. Сабабҳои ба вуҷуд омадани таваррумро дар сатҳи иқтисодиёт вобаста ба омилҳои гуногун тавсиф намудан мумкин аст. Зеро дар иқтисодиёте, ки таркиби онро воситаҳои гуногун ташкил медиҳанд, дар чунин ҳолат масъалаҳои танзими таваррум ва омилҳои таварруми ба инобат гирифта ба ин ҷараён аҳамияти авалидараҷа дода мешавад. Дар таҷриба омлҳои пулӣ ва омилҳои ғайрипулии таваррум ҷанбаҳои гуногуни пулию молӣ доранд, ки дар ин ҳолат таъсири омилҳои субъективӣ ва обективӣ нақши асосиро доро мебошанд.

Ба ин хотир дар сатҳи муносибатҳои ҷадиди иқтисодӣ баҳодиҳии таъсири омилҳои таваррумиро, ки метавонад оқибатҳои ногувори иқтимоӣ ва иқтисодӣ дошта бошад, баҳо медиҳанд. Дар таркиби иқтисодиёти ҳар як давлат таваррум ба монанди бекорӣ алоқаманд ҳамчун мушкилоти дигари асосии макроиқтисодӣ буда, хосиятҳои ногувори иқтисодӣ дорад. Дар давраи гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ ва иқтисодиёти муосир таваррум дар натиҷаи як қатор маҷмӯи сабабҳо ба вуҷуд меояд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваррум аслан ҳангоми зоҳршавӣ хусусиятҳои хоси пулӣ надошта, он ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ низ мебошад ва заминаи зоҳиршавии онро омилҳои ғайрипулӣ низ ташкил медиҳанд. Илова бар ин дар ҷомеа таваррум ба хусусиятҳои психологияи иҷтимоӣ ва эҳсосоти умумӣ вобаста буда, он дар аксар маврид ҳамчун ҷараёни сунъии таъсири таваррум мебошад. Дар таркиби худ таваррум ба агентҳои иқтисодӣ таъсири шадид расонида, баъзеҳо аз он мувафақ мешаванд, баъзеҳо бошанд зарари ҷиддӣ мебинанд, аммо аксарият таваррумро мушкилоти ҷиддӣ дар сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ медонанд.

Таваррум дар шароти имрӯза бо сабабҳои пулию сохторӣ аз ҳисоби масъалаҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- дар сатҳи талаботҳои пулӣ пеш аз ҳама: номутобиқатии байни талаботи пулӣ ва пешниҳоди мол, ҳангоми зиёд шудани талабот ба мол ва хизматрасонӣ ва зиёд шудани ҳаҷми фурӯш, зиёд шудани даромад аз хароҷоти истеъмолӣ, набудани буҷети давлатӣ,

маблағгузории барзиёд аз ҳаҷми сармоягузорӣ аз эҳтимолияти иқтисодиёт зиёд аст, суръати афзоиши музди меҳнат назар ба афзоиши истеҳсолот ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат;

- сабабҳои сохторӣ ё иқтисодии таваррум инҳоро дар бар мегирад: тағйир ёфтани сохтори хоҷагии халқ, ки дар кашол ёфтани ташаккули соҳаҳои истеъмолии саноат зоҳир мегардад, паст шудани самаранокии сармоягузорӣ ва боздоштани афзоиши истеъмол, набудани системаи идоракунии иқтисодиёт, номутаносибии байнисоҳавӣ.

Дар шароити имрӯза ба андешаи Селезнев А.З. байни сабабҳои институтсионалии таваррум омилҳои марбут ба бахши пулию қарзӣ ва сабабҳои ба сохтори ташкилии бозорҳоро ҷудо кардан мумкин аст[3, с.304]. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза омилҳои сохтории таваррумро омилҳои ғайрипулӣ низ мегуянд, ки онҳо аз таркиби истеҳсолот ва дигар омилҳои ба иқтисодиёт ва истеҳсолот нигаронидашуда бар меоянд. Дар таҷриба таъсири таваррум ба нишондиҳандаҳои макроиқтисод вобаста ба сохтори иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодии ҳар як давлат гуногун мебошад. Чи тавре, ки қайд гардидааст таваррум бо назардошти қобилияти харидории он нисбат ба асъори хориҷӣ ё баланд будани арзиши номиналии молу маҳсулотҳо, болоравии таваррум таъсири гуногун дорад. Қайд кардан зарур аст, ки дар баъзе давлатҳое, ки зиёда аз 50%-и ММД онҳо аз ҳисоби захираҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои мавҷудаи дохилӣ таъмин мегарданд ва дар чунин давлат аҳамияти идоракуни хусусияти ками иқтисодиро доро мебошад.

**Диаграммаи 2.1. Нишондиҳандаи меъёри таваррум дар баъзе кишварҳои ҷаҳон дар соли 2021 бо %**




Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои электронии сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj

Аз таҳлили маълумотҳои дигармmаи мазкур бар меояд, ки сатҳи таваррум дар сатҳи кишварҳои ҷаҳон аз меъёри интизорӣ зиёд буда, мутаносибан нисбат ба солҳои қаблӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон тамоили зиёдшавӣ дорад. Чунин ба назар мерасад, ки сатҳи таваррум дар таркиби иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон, ки дар диаграммаи оварда шудааст аз ҳама баланд Туркия 36,1% ва аз ҳама паст дар Хитой 1,5%-ро ташкил медиҳад, ки таркиби иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодиии давлатҳои номбурда куллан фарқ менамояд. Ғайр аз ин сатҳи таваррум дар Молдавия 13,9, Гурҷистон 13,9, Қирғизистон 11,2, Узбекистон 10, Белорусия 10, Украина 10, Қазокистон 8,4, Русия 8,4, Точикистон 7,1, Арманистон 7,7, ИМА 7,7, Озарбойчон 7, Аврупо 5%-ро ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили болоравии сатҳи таваррум хусусиятҳои гуногуни сохторию иқтисодӣ дошта ҳамасолаи тамоили манфии он аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки сатҳи тағйирёбии онро дар диаграммаи 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар таркиби рушди иқтисодиёти ин ё он двалати алоҳида ҳамавақт сатҳи таваррум ҷой дошта, вобаста ба сатҳи тағйирёбӣ ва рушди он аҳамияти аввалиндараҷа дода, вобаста ба шиддат ва таъсири он муҳити идоракунашро тағйир медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили тағйирёбии сатҳи таваррум аз 3 самт ё соҳаи асосӣ вобаста буда, дар доираи ин чораҳои зарурӣ андешида мешавад. (нигар. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Ҷараёни тағйирёбии сатҳи таваррум вобаста ба соҳа ва сохторҳо дар солҳои 2017-2022 бо %**

| Тағйирёбии таваррум нисбат ба охири давраи қаблӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| | 6,7% | 5,4% | 8,0% | 9,4% | 8,0% | 4,2% |
| Хӯрокворӣ | 7,5 | 5,0 | 10,9 | 13,0 | 7,3 | 5,1 |
| Ғайрихӯрокворӣ | 4,4 | 6,0 | 4,2 | 5,8 | 7,5 | 3,2 |
| Хизматрасонӣ | 7,7 | 4,9 | 5,5 | 4,0 | 11,3 | 2,0 |

**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон. Сомонаи https://www.nbt.tj, Шарҳи таваррум, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳиятҳои худ ҷиҳати рушди ҳамтарафаи иқтисодиёт ва танзими омилҳои таъсирасонанда дар такия ба мақомотҳои дахлдор ба ин масъала расидагӣ намуда, онро зери назорати доимӣ қарор медиҳад. Танзими равандҳои таваррумиро дар шароити имрӯз Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи сиёсати пулию қарзӣ ба роҳ монада, вобаста ба салоҳиятҳои худ аз рӯи соҳаҳо таварумро идора менамояд. Дар сатҳи иқтисодиёт идоракунӣ ва таъсири равандҳои манфии таваррум гуногун буда, он аз самт ва соҳаҳои гуногун иборат мебошад, ки то як андоза муаммодор будани онро инъикос менамояд. Таҳлиҳо нишон медиҳад, ки сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номгӯи маҳсулотҳои пешниҳодшуда бештар ба маҳсулотҳои хурокворӣ рост меояд ва дар ин самт нисбат ба дигар самту соҳаҳо сатҳи таваррум балантар мебошад.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки сатҳи таваррум дар сатҳи маҳсулотҳои хурокворӣ соли 2017 7,5%-ро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 4,2 % баробар гардидааст. Ҳоло он ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 9,4% ва дар соли 2021 8,0%-ро ташкил медод. Сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои ғайрихурокворӣ бошад агар дар соли 2017 4,4%-ро ташкил дода бошад, ин меъёр дар соли 2022 3,2%-ро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 1,2 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Ҳоло он ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 7,5%-ро ташкил менамуд.

Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи таваррум аз ҳисоби хизматрасонӣ тамоили манфӣ дошта, он дар муқоиса ба соли 2017 5,7 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2017 7,7% ва дар соли 2022 2,0%-ро ташкил медиҳад. Ҳоло он, ки аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин дар соли 2021 11,3%-ро ташкил медиҳад. Сатҳи умумии таваррум бошад дар соли 2017 6,7% ва дар соли 2022 4,2%-ро ташкил медиҳад, ки ин тамоюл дар соли 2021 9,4% ва дар соли 2021 8,0%-ро ташкил намудааст.

Муҳимияти соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ аввалиндараҷа буда, дар ҷоийи аввал таъминоти ғизоии онҳо муҳим ва зарур мебошад ва сатҳи таваррум дар маҳсулотҳои хурокворӣ низ ҳамасола тамоили болоравӣ дорад, ки он ҳиссаи бештари таваррумро дар маҷмӯи умуми таваррум ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2. Таркиби таваррум вобаста ба номгӯи маҳсулотҳои ниёзи аввал дар солҳои 2017-2021 бо%**

| Номгӯи маҳсулотҳо | Меъёр | Солҳо 2017 Афзоиш % | Сахм дар | 2018 Афзоиш % | Сахм дар | 2019 Афзоиш % | Сахм дар | 2020 Афзоиш % | Сахм | 2021 Афзоиш % | Сахм | 2022 Афзоиш % | Сахм дар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хӯрокворӣ** | | **7,5** | **4,3** | **5,0** | **2,8** | **10,9** | **5,8** | **13,0** | **7,0** | **7,3** | **3,8** | **9,3** | **4,8** |
| **Орди навъи якум** | | 0,3 | 0,0 | 9,9 | 1,1 | 21,0 | 2,0 | 16,4 | 1,5 | 8,0 | 0,7 | 38,3 | 3,3 |
| **Меваҷот** | | -1,8 | -0,1 | 4,0 | 0,2 | -2,2 | -0,1 | 4,7 | 0,2 | -6,7 | -0,3 | -6,1 | -0,3 |
| **Равғани офтобпараст** | | 1,6 | 0,0 | | | -0,1 | -0,0 | 42,6 | 0,5 | 24,0 | 0,4 | 2,4 | 0,0 |
| **Равғани пахта** | | -0,5 | -0,0 | 11,9 | 0,2 | | | 50,7 | 1,5 | 25,1 | 0,6 | 4,8 | 0,1 |
| **Шакар** | | -6,6 | -0,1 | 2,7 | 0,1 | -5,1 | -0,1 | 40,8 | 0,9 | 4,4 | 0,1 | 22,0 | 0,4 |
| **Биринҷ** | | -6,9 | -0,23 | 19,5 | 0,56 | 7,6 | 0,20 | | | -7,5 | -0,2 | -1,2 | -0,0 |
| **Картошка** | | 49,3 | 0,91 | | | | | 19,8 | 0,4 | 7,1 | 0,1 | 15,4 | 0,3 |
| **Сабзӣ** | | -8,1 | -0,1 | 51,8 | 0,4 | -25,1 | -0,3 | 12,8 | 0,1 | 17,2 | 0,1 | -65,1 | -0,5 |
| **Тухм** | | 0,9 | 0,01 | 3,2 | 0,0 | | | 18,9 | 0,3 | -14,4 | -0,2 | -12,1 | -0,2 |
| **Себ** | | | | | | | | | | -21,5 | -0,3 | -20,6 | -0,2 |
| **Гушт ва маҳсулотҳои он** | | 13,8 | 1,2 | 8,6 | 0,7 | 21,8 | 1,8 | 5,7 | 0,5 | 15,1 | 1,1 | 0,2 | 0,0 |
| **Гушти гов** | | 14,7 | 0,9 | 8,9 | 0,5 | 25,9 | 1,5 | 6,2 | 0,3 | 14,9 | 0,6 | -4,9 | -0,2 |
| **Гушти мурғ** | | 11,7 | 0,1 | 1,4 | 0,0 | 2,9 | 0,0 | 8,7 | 0,1 | 12,0 | 0,1 | 6,1 | 0,1 |
| **Гушти гусфанд** | | | | 8,0 | 0,1 | 28,4 | 0,2 | 8,5 | 0,1 | 24,6 | 0,2 | 2,2 | 0,0 |
| **Дигарҳо** | | | 1,1 | | -0,2 | | 2,4 | | 1,7 | | 0,8 | | 2,0 |
| **Ҳамагӣ** | | | **4,3** | | **2,9** | | **5,8** | | **7,0** | | **3,8** | | **4,8** |

Манба. Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум 2017-2022.

Дар айни замон тамоили тағйирёбии сатҳи таваррум аз номгӯи маҳсулотҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ вобаста буда, дар он ҳиссаи як қатор маҳсулотҳое, ки аҳамияти баланди истеъмолӣ доранд назаррас мебошад. Дар таркиби маҳсулотҳои кишоварзӣ ҳиссаи бештари таваррум ба маҳсулотҳои ордӣ ба назар мерасад, ки он мутаносибан 3,3%ро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин ҳиссаи дигари он ба шакар, 0,4%, картошка 0,3, сабзӣ 0,5% ва 0,3% ба меваҷот рост меояд. Қисми дигари таваррум бошад ба дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ рост меояд. Афзоиши сатҳи нархҳо дар таркиби таваррум ба солҳои 2019-2021 рост меояд, ки ин афзоиш дар маҳссулотҳои болозикр ба назар мерасад. Вобаста ба таҳлили маъумотҳои ҷадвали мазкур қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза ҷиҳати гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум зарурияти рушди соҳаи кишоварзӣ ва дар заминаи ин баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда ва корхонаҳои саноатии соҳавӣ шарти зарӯӣ мебошад. Аз ин лиҳоз андешидани чораҳои зерин манфиатҳои умумииқтисодӣ дорад:

- баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили боғу токзорҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар, ки дорои шароити баланди иқлмию табии доранд;

- дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани шароит ҷиҳати дастрасӣ доштан ба захираҳои пулӣ, ки ба истеҳсолот мусоидат менамоянд;

- дарёфти механизмҳои фаъолгардонии бахши бонкӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ;

- ташкили корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар митақаҳои дорои имконият;

- ба роҳ монадни шарикии давлат дар бахши воқеии иқтисодиёт бо ин роҳ ҳавасманд гардонидани бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;

- додани имтиёз ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароити фурӯш ва боркашонӣ ба минтақаҳои алоҳида.

Вобаста ба пешниҳоди дар боло зикргардида қайд кардан зарур аст, ки фароҳам овардани шароити заруӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва бо ин роҳ нигоҳ доштани сатҳи муътадили таваррум боиси он мегардад, ки таъсири омилҳои берунаи таваррумӣ дар сатҳи иқтисодиёти Тоҷикистон коҳиш дода шаванд.

Таҳлилҳои таъсиррасон ба сатҳи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳисси омилҳои берунитаваррруми низ зиёд мебошад ва ин то як андоза ба нархи маҳсулотҳои дохилӣ метавонад таъсири манфии хуро расонад. (нигар ҷадвали 3)

**Ҷадвали 3 Сатҳи таваррум аз ҳисоби омилҳои алоҳида барои солҳои 2017-2022 бо фоиз (%)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Маҳсулотҳои воридотӣ | 1,7 | 3,2 | 1,0 | 2,2 | 8 | 1,8 |
| Маҳсулотҳои дохила | 3,8 | 2,2 | 2,8 | 2,0 | 2,5 | 2,4 |

Манба. Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ, сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум 2017-2022.

Новобаста аз оне, ки таваррум дар заминаи балаанд шудани сатҳи талбот аз ҳисоби нарасидани захираҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд дар ин замина таъсири омилҳои беруна вобаста ба воридоти маҳсулотҳои хурокворӣ ва ғайрихурокворӣ аз берун низ назаррас мебошад. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки тамоили таъсири омилҳои берунаи таваррруми ҳамасола тағйирёбанда буда, ба ҳисоби на он қадар баланд дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Агар хиссаи омилҳои берунаи таваррумӣ дар соли 2017 ба 1,7% баробар бошад, ин меъёр дар соли 2022 1,8% ё 0,1 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ҳоло он ки ин меъёр дар соли 2021 8,0%-ро ташкил менамуд.

Аз таҳлилҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки ҳамоно дар таркиби таваррум ҳиссаи омилҳои дохилии таваррум зиёд мебошад. Зеро агар дар соли 2017 сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ 3,8%-ро ташкил намуда бошад ин меъёр дар соли 2022 2,4% ро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2017 1,4 банди фоизӣ кам мебошад.

Вобаста ба паст кардани ҳисссаи таварум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ ба андешаи мо дар айни замон андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- бо роҳи додани афзалият ба маҳсулотҳои серталаби хориҷӣ дар дохили кишвар маҳдуд кардани ҳиссаи онҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохила;

- додани бартарӣ ба маҳсулотҳои воридотивазкунанда дар номгӯи маҳсулотҳои сабати истеҳмолӣ мавҷудбуда;

- ҷорӣ намудани омилҳои маҳдудкунӣ ба маҳсулотҳои воридотӣ бо истифода аз фишангҳои дар салоҳияти давлат мавҷудбуда;

- ташкил намудани равзани қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон.

Дуруст аст, ки тамоюлҳои доимотағйирёбандаи авзои иқтисодӣ ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ тамоми сохторҳои иқтисодиро водор менамояд, ки стратегияи бехатарии фаъолияти худро таҳия намуда, амалиётҳои иқтисодиро дар сатҳи дуруст пеш баранд [1,198]. Бо туфайли соҳибистиқлол гардидани Ҷумхурии Тоҷикистон бо фароҳам овардани шароитиҳои рушд дар самти такмил ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, густариши заминаҳои истеҳсолот, дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт, тақвияти робитаҳои беруна, рушди сатҳи манетизатсия, устувворииии қобилияти харидории пули миллӣ ва таъмини суботи нархҳо бо нигоҳ доштани мувозинати сатҳи таваррум пайваста чораҳои заруӣ андешида мешавад. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки дар самти таъмини суботи нархҳо ва нигоҳ доштани мувозинати сатҳи таваррум ҷараёнҳои содирот ва воридот низ таъсир мерасонад. Чи тавре, ки аз таҳлилҳои ҷадвали 3 бар омад сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ дар таркиби умумии таваррум назаррас буда, ба ҳисоби миёна 2,9%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоби кассри тавозуни воридот нисбат ба содирот мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ касри тавозун дар сатҳи содирот ва воридот ба нишондиҳандаи баланд ба ҳисоби миёна ҳамасола дар давраи таҳлилшаванда - 3,3 милиард сомониро ташкил медиҳад. (нигар ҷадвали 4)

**Ҷадвали 4 Таркиби иқтисодиёт вобаста ба саҳми содирот ва воридот дар солҳои 2017-2022 (млн.сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Тағйирёбӣ нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Воридот | 9,7 | 3,1 | 3,3 | 3,2 | 4,2 | 5,2 | - 4,5 млн.сом |
| Содирот | 1,1 | 1,07 | 1,17 | 1,4 | 2,1 | 2,1 | 1 млн.сом |
| Касри тавозун | **-8,6** | **-2,03** | **-2,13** | **-1,8** | **-2,1** | **-3** | |

Сарчашма. Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ, сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум 2017-2022.

Дар шароити бамаротиб баланд гардидани талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳо мутаносибан талабот ба воситаҳои пулӣ низ афзоиш меёбад, ки ин агар аз як тараф ба болоравии сатҳи нархҳо мусоидат намояд аз дигар тараф ба додани афзалият ба молҳои хориҷа ва кам кардани ҳавасмандии истеҳсолкунандагони молҳои ватанӣ оварда мерасонад. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки бо сабаби таъсири ҷаги шаҳрвандӣ ва таъсири омилҳои беруна ба рушди иқтисоди миллӣ, дар як давраи муаян аз кор боз мондани қисми зиёди корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамоно ҳиссаи воридот дар таркиби иқтисодиёти давлат зиёд мебошад. Чунин тамоил агар аз як тараф вобастагии иқтисодиёти моро ба омилҳои беруна нишон диҳад аз дигар тараф он метавонад як қатор мушкилотҳои дигарро низ ба вуҷуд оварад. Таҳлиҳо нишон медиҳад, ки агар дар соли 2017 воридот дар Ҷумхурии Тоҷикистон 9,7 милиард сомониро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 5,2 милиард сомониро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2017 4,5 милиард сомонӣ кам гардидааст.

Новобаста аз оне, ки ҳиссаи воридот дар муқоиса ба соли 2017 кам гардидааст ҳамоно касри тавозун дар соли 2017 – 8,6 милиард сомонӣ ва дар соли 2022 3 милиард сомниро ташкил медиҳад, ки барои сатҳи вафҳои иқтисоди нишондиҳандаи баланд мебошад. Тибқи таҳлилҳо ҳиссаи содирот дар нигоҳ доштани мувозинати таваррум ва коҳиш додани

омилҳои асъорӣ ва ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагони дохилӣ нақши назаррас дорад. Лекин дар таносуби содирот бар воридот ҳамасола каср мебошд, ки метавонат дар нигоҳ доштаи мувозинати нишондиҳандаҳои рушд кам таъсир расонад.

Содироти Ҷумуҳурии Тоҷикистон агар дар соли 2017 1,1 милиард сомниро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 2,1 милиард сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2017 1 милиард сомон зиёд мебошад, ки ин зиёдшавӣ дар шароити имрӯза ва талаботҳои мавҷуда қаноатмандкунанда нест. Вобаста ба таҳлил ва натиҷаҳои маълумотҳои мазкур қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, нигоҳ доштани мувозинати сатҳи таваррум, устувории қобилияти харидории пули миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва зиёд намудани ҳиссаи содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- Фароҳам овардани шароити рушд ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои соҳаҳои гуногуни воридотивазкунанда;
- Таҳияи мадели рушди индустриалӣ-инноватсионии фарогир дар ҳама самту соҳаҳои алоҳида ва муҳими ҷомеа;
- Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулотҳои ба содирот нигаронидашуда дар заминаи назорати пайвастаи давлатӣ;
- Ташкили хати махсуси боракшони ба давлатҳои алоҳида дар заминаи низоми марказонидашудаи корхонаҳои истеҳсолӣ бо иловаи истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ;
- Бо мурури замон дар натиҷаи нақшаи дурнамо маҳдуд кардани молҳои воридотӣ бо роҳи додани имтиёз ба номгӯи молҳои айнан дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда;
- Дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ташкил намудани марказҳои ҷамъовариии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва сафарбарсозии онҳо дар асоси шартномаҳои қаблан басташуда;
- Дарёфти сарчашмаҳои арзони молиявӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзию саноатӣ бо фоизи паст ва муҳлати нисбатан дароз то 10 сол ва ғайра.

## АДАБИЁТ


1. Махшулов С.Ҷ., Сафаров Қ.С., Шарифзода Г.М.Хатари қарзӣ ва оқибатҳои ичтимоию иқтисодии он. Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 4-1 (33). с. 198
2. Нурализода А.Н., Махшулов С.Дж .Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты/ А.Н.Нурализода. С.Дж. Махшулов / Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 8. с. 67-72.
3. Селезнев А.З. Контроль финансовых потоков: учебное пособие / А.З. Селезнев; под ред. В.Ю. Катасонова. - М.: ИНФРА-М. - 2010. - 304 с.
4. Шабакаи электрони - https://www.nbt.tj.

**УДК 658.8**

**Лутфулоев М.Д.**

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ МАРКЕТИНГА: ПРОБЛЕМЫ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ

В статье рассматриваются проблемы и перспективы развития маркетинга в условиях внедрения цифровых технологий. В нем рассматриваются проблемы цифрового маркетинга и их особенности. Отмечено, что маркетинг, как и все отрасли, сталкивается с определенными трудностями в процессе цифровизации. Автор обосновал тенденцию развития маркетинга в условиях цифровой экономики. Обоснована необходимость цифровых технологий в маркетинге, показана их универсальность и адаптивность в маркетинге, а также необходимость их интеграции. Особое внимание уделяется развитию искусственного интеллекта, совместимости с социальными сетями, технологиям видеоконтента и мобильным технологиям. Отмечено, что, несмотря на существующие проблемы, цифровизация маркетинга является важным процессом для компаний и очень важна для привлечения и удержания клиентов.

**Ключевые слова:** цифровые технологии, цифровизация маркетинга, мобильный маркетинг, социальные сети, мобильные технологии, искусственный интеллект, технология видеоконтента.

**Лутфулоев М.Д.**

## РАҚАМИКУНОНИИ МАРКЕТИНГ: МУАММОҲО ВА ТАМОЮЛИ РУШД

Дар мақола муаммоҳо ва дурнамои рушди маркетинг дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он муаммоҳои рақамикунонии маркетини мавриди таҳқиқ қарор гирифта, махсусиятҳои онҳо шарҳ дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки мисли ҳамаи соҳаҳо маркетинг низ дар раванди рақамикунонӣ душвориҳои муайян рӯ ба рӯ мешавад. Аз ҷониби муаллиф тамоюли рушди маркетинг дар шароити иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст. Зарурати технологияҳои рақамӣ дар маркетинг асоснок карда шуда, ҳамалоқамандӣ ва мутобиқшавии онҳо дар маркетинг ва зарурати ҳамгироии онҳо нишон дода шудааст. Диққати махсус ба рушди зеҳни сунъӣ, мутобиқат ба шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияи видео-контент ва технологияҳои мобилӣ дода шудааст. Зикр карда шудааст, ки новобаста аз муаммоҳои ҷойдошта рақамикунонии маркетинг раванди муҳим барои ширкатҳо буда, барои ҷалб ва нигоҳдории мизоҷон хеле муҳим аст.

**Вожаҳои калидӣ**: технологияҳои рақамӣ, рақамикунонии маркетинг, маркетинги мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ, технологияи видео-контент.

**Lutfuloev M.D.**

## DIGITIZATION OF MARKETING: PROBLEMS AND DEVELOPMENT TRENDS

The article discusses the problems and prospects for the development of marketing in the context of the introduction of digital technologies. It examines the challenges of digital marketing and explains their features. It is noted that marketing, like all industries, faces certain difficulties in the digitalization process. The author substantiated the trend in the development of marketing in the digital economy. The need for digital technologies in marketing is substantiated, their versatility and adaptability in marketing are shown, as well as the need for their integration. Particular attention is paid to the development of artificial intelligence, compatibility with social networks, video content technologies and mobile technologies. It is noted that, despite existing problems, digitalization of

marketing is an important process for companies and is very important for attracting and retaining customers.

**Keywords:** digital technologies, digitalization of marketing, mobile marketing, social networks, mobile technologies, artificial intelligence, video content technology.

С возрастанием значимости цифровых технологий и проникновением интернета во все сферы нашей жизни, неудивительно, что они оказали большое влияние на маркетинг. Цифровизация маркетинга, или диджитализация, представляет собой процесс применения цифровых инструментов и технологий для создания, развития и управления маркетинговых стратегий и кампаний[2].

Однако, как и любая другая сфера, цифровизация маркетинга сталкивается с определенными проблемами[4]. Рассмотрим некоторые из них (Рис. 1).

1. Большое количество данных: В цифровом маркетинге генерируется огромное количество данных, включая информацию о поведении потребителей, эффективности рекламных кампаний и т.д. Анализ этих данных может быть сложным и требовать значительных усилий.

2. Конкурентность: В связи с популярностью цифрового маркетинга, конкуренция среди брендов и компаний на цифровом рынке значительно возросла. Это означает, что необходимо разработать и реализовать уникальные и качественные маркетинговые стратегии, чтобы привлечь внимание клиентов.

3. Быстрота изменений: Цифровые технологии и инструменты постоянно развиваются и обновляются. Вероятность того, что одна и та же стратегия будет успешна в течение длительного времени, невысока. Маркетологи должны быть готовы к быстрым изменениям и адаптироваться к новым требованиям рынка.




**Рисунок 1. Проблемы цифровизации маркетинга**

Тем не менее, несмотря на эти проблемы, цифровизация маркетинга продолжает развиваться и создавать новые возможности для брендов и компаний. Рассмотрим некоторые из основных тенденций в цифровом маркетинге[5] (Рис. 1).




**Рисунок 2. Основные тенденции в цифровом маркетинге**

1. Искусственный интеллект (AI): Использование искусственного интеллекта в маркетинге может значительно улучшить эффективность и точность рекламных кампаний. AI позволяет анализировать большие объемы данных, определять интересы и потребности клиентов и предлагать персонализированные рекомендации.

Также AI может автоматизировать процессы маркетинга, такие как сегментация аудитории, оптимизация контента и размещение рекламы. Это снижает риски человеческих ошибок и повышает эффективность работы маркетологов.

AI также может улучшить взаимодействие с клиентами, используя различные каналы коммуникации, такие как чат-боты, голосовые помощники и персонализированные рассылки. Он может анализировать поведение пользователей в реальном времени и предлагать им наиболее подходящие товары или услуги.

Использование AI в маркетинге также помогает создавать более релевантные и эффективные рекламные кампании. AI может анализировать данные о поведении клиентов и их предпочтениях, а затем предлагать им наиболее подходящие рекламные материалы. Это позволяет маркетологам достигать более высокой конверсии и ROI.

Однако, в использовании AI в маркетинге есть и некоторые ограничения, и риски. Например, некорректно обученная система AI может давать неправильные рекомендации или показывать нежелательную информацию. Также важно учитывать этические вопросы, связанные с использованием личных данных клиентов для целей маркетинга.

В целом, использование искусственного интеллекта в маркетинге предоставляет множество возможностей для улучшения результатов рекламных кампаний и углубления взаимодействия с клиентами. Однако требуется тщательное планирование и анализ, чтобы гарантировать эффективность и этичность использования AI в маркетинге.

2. Социальные медиа: Популярность социальных медиа продолжает расти. Маркетологи активно используют платформы, такие как Facebook, Instagram и LinkedIn для продвижения товаров и услуг, привлечения потенциальных клиентов и укрепления взаимодействия с аудиторией[1].

Социальные медиа стали неотъемлемой частью повседневной жизни многих людей. Их популярность продолжает стремительно расти, превращаясь из простых средств общения в мощные инструменты бизнес-маркетинга. Маркетологи успешно используют платформы, такие как Facebook, Instagram и LinkedIn, для расширения своей аудитории и увеличения узнаваемости бренда.

Facebook, с миллиардами активных пользователей, стал основным средством коммуникации, где компании могут не только представить свой продукт или услугу, но и установить прямую связь с потенциальными клиентами. Instagram, с его визуальной ориентацией, идеально подходит для продвижения модных брендов, ресторанов и путешествий. LinkedIn, в свою очередь, является отличной платформой для бизнес-сетевых отношений, взаимодействия с профессионалами и поиска новых возможностей для развития карьеры.

Привлечение потенциальных клиентов через социальные медиа основано на создании интересного и релевантного контента. Маркетологи умело используют различные форматы публикаций, такие как фотографии, видео, опросы и истории, чтобы привлечь внимание публики и вызвать эмоциональную реакцию. Активное взаимодействие с аудиторией через комментарии, лайки и сообщения помогает укрепить отношения и повысить лояльность клиентов.

Социальные медиа также позволяют получить обратную связь от своей аудитории. Компании могут проводить опросы, запускать конкурсы и даже получить прямые отзывы от клиентов. Это позволяет узнать о своих слабостях и улучшить свою продукцию или услуги.

В целом, социальные медиа стали мощным инструментом для бизнеса. Они позволяют маркетологам достичь широкой аудитории, установить прямую коммуникацию с клиентами и дать возможность развиваться и прогрессировать. Однако, важно помнить о

необходимости стратегического подхода и анализа результатов, чтобы добиться максимальной пользы от использования социальных медиа в бизнесе.

3. Видео контент: Видео контент продолжает быть популярным среди потребителей. Видеоролики на YouTube, стриминг на Twitch и Instagram Stories предоставляют возможности для брендов создавать привлекательный контент, который может привлечь внимание и вызвать интерес у потребителей[6].

Кроме того, многие компании используют видеоконтент, чтобы рассказать историю своего бренда или продемонстрировать свои продукты или услуги в действии. Видеореклама также стала очень популярной среди мобильных пользователей, так как они могут просмотреть рекламу в любое время и в любом месте. Большинство социальных медиа-платформ также предлагают возможность прикреплять видеоролики к постам, что позволяет компаниям достигать более широкой аудитории и вызывать больший интерес у своих подписчиков. Кроме того, с развитием технологий и появлением онлайн-стриминга, компании также могут использовать живые трансляции для взаимодействия с потребителями в режиме реального времени. Возможности, которые предоставляет видео контент, делают его невероятно полезным инструментом для маркетинга и продвижения бренда.

4. Мобильный маркетинг: Смартфоны и планшеты стали неотъемлемой частью нашей жизни. Поэтому, маркетологи стремятся адаптироваться к мобильным платформам и разрабатывать мобильные рекламные кампании, чтобы достичь большего количества потенциальных клиентов[3].

За последние годы мобильные устройства стали неотъемлемой частью нашей повседневной жизни. Смартфоны и планшеты используются не только для связи, но и для доступа к информации, развлечения, покупок и других сервисов. Быстрая эволюция мобильной технологии открыла новые возможности для маркетологов, которые понимают важность адаптации своих стратегий под мобильную аудиторию.

Мобильный маркетинг сегодня – это не просто разработка адаптивных веб-сайтов и приложений, но и создание эффективных мобильных рекламных кампаний. Мобильные устройства предоставляют маркетологам уникальные возможности для достижения большего числа потенциальных клиентов. Благодаря геолокации и константной связи социальных медиа, маркетологи могут создавать геотаргетированные рекламные кампании, которые будут показываться пользователю исходя из его местоположения. Это позволяет предлагать более релевантную информацию и значительно повышает шансы на успешную конверсию.

Кроме того, мобильная реклама может быть персонализированной и интерактивной. Маркетологи могут собирать информацию о предпочтениях и поведении пользователей через мобильные приложения, чтобы предлагать им релевантные предложения и учитывать их индивидуальные потребности. Использование мобильных уведомлений, опросов, конкурсов и других интерактивных элементов позволяет создавать вовлекающий контент и удерживать внимание потенциальных клиентов.

Однако, необходимо учитывать, что мобильная аудитория имеет свои особенности и ожидания. Пользователи мобильных устройств ожидают быстрой загрузки и удобной навигации на веб-сайтах и приложениях. Поэтому, маркетологи должны уделить особое внимание оптимизации своего контента под мобильные устройства, чтобы обеспечить лучший опыт пользователей.

В целом, мобильный маркетинг становится все более значимым для бизнеса. Находиться рядом с потенциальными клиентами на их мобильных устройствах – это ключевой момент, чтобы быть осознанным и доступным в любое время и в любом месте. Поэтому, маркетологам необходимо постоянно развиваться и адаптироваться к изменяющимся требованиям мобильной аудитории, чтобы эффективно использовать мобильные платформы в своих рекламных кампаниях.

В заключение, цифровизация маркетинга представляет собой важный процесс для брендов и компаний, который позволяет им привлекать и удерживать клиентов в цифровой эпохе. Несмотря на проблемы, такие как большое количество данных и конкурентность, цифровой маркетинг продолжает развиваться и создавать новые возможности, используя технологии, такие как искусственный интеллект, социальные медиа, видео контент и мобильные платформы.

В заключение, можно сказать, что цифровизация маркетинга является неотъемлемой частью современного бизнеса. Она предоставляет компаниям огромные возможности для достижения целей и привлечения целевой аудитории.

Однако, на пути к цифровой трансформации стоят определенные проблемы. Во-первых, это быстрая смена технологий и появление новых трендов, которые требуют от маркетологов постоянного обучения и адаптации. Во-вторых, данный процесс требует значительных финансовых и временных вложений.

Тем не менее, тенденции развития цифрового маркетинга обещают быть интересными и перспективными. Они включают в себя автоматизацию маркетинговых процессов, использование искусственного интеллекта и машинного обучения, а также применение Big Data и аналитики для принятия взвешенных решений.

Таким образом, компании, которые готовы адаптироваться к цифровым изменениям и смело использовать новые технологии, будут иметь преимущество перед конкурентами и находиться на передовой в маркетинге. Цифровизация маркетинга – это путь к эффективной коммуникации с потребителями и повышению общей эффективности бизнеса.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Архипов А.Е. Маркетинг в условиях цифровизации экономики: дизайн-коммуникации, тренды, эффективность / А.Е. Архипов, В.Д. Еськов, А.Я. Потемкин // Интеграция и дифференциация науки и практики в контексте приоритетных парадигм развития цивилизации : сб. науч. ст. по итогам науч.-практ. конф. – Санкт-Петербург, 2020. – С. 188-191.
2. Занина Е.А. Трансформация маркетинга в условиях цифровизации экономики // Цифровая экономика: стратегические цели и перспективы в современной России : материалы XXVII ежегод. науч.-практ. конф. – Санкт-Петербург, 2019. – С. 41-45.
3. Колчанов В.Б. Цифровизация маркетинга: тренды и перспективы // Государство и бизнес. Экосистема цифровой экономики : материалы XI Междунар. науч.-практ. конф. – Санкт-Петербург, 2019. – С. 44-49.
4. Красюк И.А. Направления и формы организации маркетинга в условиях цифровизации / И.А. Красюк, М.В. Кольган // Практический маркетинг. – 2019. – № 7 (269). – С. 3-9.
5. Полищук Н.В. Тенденции развития маркетинга в цифровой экономике / Н.В. Полищук, Н.В. Кирюшкина // Транспортное дело России. – 2020. – № 1. – С. 24-26.
6. Смирнова Е.А. Тенденции развития маркетинговых коммуникаций в 2020-2022 гг. / Вестник Челябинского государственного университета. – 2020. – № 10 (444). – С. 203-209.

УДК 93.930

**Мақсадов Ҳ.И. Назарамонова Ҳ.**

## ГУРӮҲБАНДИИ ИЛМҲО ДАР ОСОРИ ХОҶА НАСИРИДДИНИ ТУСӢ

Дар мақола оиди гурӯҳбандии (классификатсияи) илмҳо сухан меравад. Инчунин дар мақола оиди саҳми муттафакирони халқи тоҷик дар классификатсияи илмҳо ва ҷойу мақоми онҳо дар ин ришта нишон дода шудааст. Муайян карда шудааст, кӣ олимони тоҷик дар асрҳои миёна дар гурӯҳбандии илмҳо осори зиёд ва арзишманде аз худ ба мерос гузоштаанд.Дар мақола муалиф нишон додааст,ки муттафакирони халқи тоҷик аз қабили Абубакр Муҳаммад ибн Закариё ибни Яҳё ар-Розӣ, Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Фаробӣ, Абуали Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино, Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф ал-Котиби Хоразмӣ, ва махсусан Насириддини Тӯсӣ дар радабандии илмҳо саҳми босазое гузоштаанд.

**Калидвожаҳо:** илм**,** гурӯҳбандӣ, табиатшиносӣ, Насириддини Тусӣ, геометрия, астрономия, математика.

**Максадов Х.И., Назарамонова Х.**

## КЛАССИФИКАЦИЯ НАУК В ТРУДАХ ХОДЖИ НАСИРУДДИНА ТУСИ

Разработка политики: понимание экономического воздействия технологии NFC помогает политикам принимать обоснованные решения относительно регулирования, стимулов и инвестиций в инфраструктуру. Всесторонне оценивая его вклад, политики могут сформулировать политику, которая будет способствовать инновациям, способствовать финансовой доступности и обеспечивать стабильность и эффективность платежных систем.

Бизнес-стратегия. Для предприятий, работающих в секторах финансовых услуг и технологий, понимание экономического вклада технологии NFC имеет важное значение для стратегического планирования и принятия решений. Понимание экономических выгод и рыночных возможностей, связанных с внедрением NFC, позволяет предприятиям определять области роста, разрабатывать инновационные продукты и услуги и получать конкурентные преимущества на рынке.

Приоритизация инвестиций. Инвесторы и венчурные капиталисты полагаются на анализ экономического вклада для оценки потенциальной рентабельности инвестиций в технологию NFC и смежные отрасли. Оценивая экономическую жизнеспособность и перспективы роста решений с поддержкой NFC, инвесторы могут более эффективно распределять капитал, способствуя дальнейшим инновациям и расширению в этом секторе.

Поведение потребителей: изучение экономического вклада технологии NFC дает ценную информацию о потребительских предпочтениях, поведении и моделях внедрения. Понимая факторы, способствующие освоению потребителями платежей с поддержкой NFC, компании могут адаптировать свои маркетинговые стратегии, предложения

продуктов и пользовательский опыт для лучшего удовлетворения потребностей и предпочтений клиентов.

Социально-экономическое воздействие. Экономический вклад технологии NFC выходит за рамки финансовых показателей и охватывает более широкие социально-экономические результаты, такие как создание рабочих мест, распределение доходов и борьба с бедностью. Изучая его влияние на занятость, получение доходов и доступ к финансовым услугам, исследователи могут оценить его потенциал в содействии инклюзивному росту и социально-экономическому развитию.

Глобальная конкурентоспособность. Во все более взаимосвязанном и цифровом мире страны и регионы соперничают за лидерство в новых технологиях, таких как платежи с поддержкой NFC. Изучение экономического вклада технологии NFC позволяет политикам и заинтересованным сторонам отрасли сравнивать свои показатели с мировыми аналогами, определять области для улучшения и повышать свою конкурентоспособность на мировом рынке[8; 7; 9].

Исторический контекст безналичных платежей, включая развитие таких технологий, как NFC, дает ценную информацию об эволюции современных платежных систем.

На протяжении всей истории общества полагались на различные формы безналичных платежей, включая бартер, счетные палочки и векселя. Эти методы ранней оплаты облегчали торговлю и экономический обмен, но зачастую были громоздкими и ограниченными по своим возможностям.

Изобретение бумажной валюты в Китае во времена династии Тан (7-10 века) стало важной вехой в развитии безналичных платежей. Бумажные деньги представляли собой более удобную и портативную альтернативу физическим товарам, облегчая коммерцию и торговлю на огромных расстояниях.

Возникновение банковских учреждений в средневековой Европе заложило основу для современных безналичных платежей. Банки начали выпускать бумажные банкноты как форму репрезентативных денег, обеспеченных резервами драгоценных металлов или других активов. Это позволило физическим лицам совершать транзакции с использованием бумажных инструментов, а не физической валюты.

В 20-м веке появились системы электронных платежей, начиная с появления кредитных карт в 1950-х годах. Эти карты ранней оплаты, такие как Diners Club и American Express, позволили потребителям совершать покупки в кредит, открыв путь к широкому распространению безналичных методов оплаты.

Появление цифровых технологий в конце 20-го века произвело революцию в сфере платежей. Появление Интернета, мобильных телефонов и электронных банковских систем облегчило переход от физических платежей к цифровым, что позволило потребителям проводить транзакции онлайн и по электронным каналам.

Развитие технологий бесконтактных платежей, включая NFC, представляет собой новейшую эволюцию безналичных платежей. Технология NFC обеспечивает безопасные и удобные транзакции, позволяя устройствам обмениваться данными по беспроводной сети на коротких расстояниях. Это нововведение способствовало росту мобильных платежей, бесконтактных карт и носимых устройств, меняя способы проведения финансовых транзакций потребителями и предприятиями [13, 14, 15].

Таким образом, в условиях инновационной экономики безналичные платежи стали повсеместными в современном обществе, и люди полагаются на широкий спектр электронных и цифровых способов оплаты для повседневных транзакций.

## ЛИТЕРАТУРА

1. БМТ: Нишасти матбуотӣ баргузор мегардад. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/news/559862/ (санаи муроҷиат: 25.02.2024).

2. Дробышевская, Л.Н. Роль криптовалют и технологии NFC в платежной системе / Л. Н. Дробышевская, А. И. Агабеков // Современные тенденции развития науки и мирового сообщества в эпоху цифровизации: Сборник материалов xii международной научно-практической конференции (шифр -МКСТР), Москва, 28 февраля 2023 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью "Издательство АЛЕФ", 2023. – С. 266-271.
3. Исследование. Безналичный расчет — самый быстрый и удобный способ оплаты, который способствует устранению теневой экономики и искоренению коррупции. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: https://khovar.tj/rus/2023/07/issledovanie-beznalichnyj-raschet-samyj-bystryj-i-udobnyj-sposob-oplaty-kotoryj-sposobstvuet-ustraneniyu-tenevoj-ekonomiki-i-iskoreneniyu-korruptsii/ (санаи муроҷиат: 25.02.2024).
4. Кадырова, З. Х. Пути активизации инновационной деятельности в вузах республики Таджикистан / З. Х. Кадырова, З. Х. Ибодова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2017. – № 1(62). – С. 158-162. – EDN YFUAJV.
5. Мавлоназарзода, О. Правовые вопросы Международно-правовых актов в защите человеческого капитала / О. Мавлоназарзода, Н. И. Муминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 10-1. – С. 224-232. – EDN DIGXRN.
6. Матвеев Е.А. Перспективы развития технологии nfc / Е.А. Матвеев, В.В. Золотухин // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. – 2019. – №. 1. – С. 476-478.
7. Муминзода Ҳ.И. Нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар мубориза бар зидди коррупсия: ҷанбаҳои иқтисодии масъала / Ҳ.И. Муминзода, М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/2. – С. 257-265.
8. Муминзода, М. Н. Механизмҳои дастгирии давлатии бахши соҳибкорӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / М. Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 11. – С. 82-88. – EDN BDCCMQ.
9. Муминзода, Н. И. Замимаҳои ҳуқуқии муайян намудани нақши маориф дар низоми иқтисодиёт / Н. И. Муминзода, М. Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – No. 2(30). – P. 122-136. – EDN BIWIFL.
10. Муминзода, Н. И. Мушкилоти ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар соҳаи маориф / Н. И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 4-1. – P. 234-243. – EDN QFSZXF.
11. Постников, Р.С, Сидоров Павел Андреевич. Технология nfc в современном мире / Р.С. Постников, П.А. Сидоров // StudNet. – 2020. – №6. – С. 90-95.
12. Стратегия развития платёжной системы Республики Таджикистан на 2015-2025 годы от 31 октября 2014 года, №679. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: https://adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).
13. Султонов, З.С. Истифодаи таҷрибаи пешқадами бонкҳои ҷаҳонӣ дар низоми бонкии кишвар / З.С. Султонов, С. Озодаи // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 2(41). – P. 304-307. – EDN WJSCGA.
14. Титкова, Э.Р. Динамика бесконтактных платежей и связанных с ними налоговых поступлений в период пандемии / Э.Р. Титкова // Вестник Томского государственного университета. Экономика. – 2023. – № 61. – С. 152-162.
15. Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по расширению безналичных расчётов» от 22 июни соли 2023 №586 – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).

**УДК 338.001.36**

**Муминзода Ҳ.И.**

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНАЛӢ ДАР РУШДИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Дар ин кор нақши муҳими технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар рушди муосири пардохтҳои ғайринақдӣ баррасӣ мешавад. ТИК барои системаҳои пардохтҳои электронӣ замина фароҳам оварда, роҳат ва дастрасиро барои корбарон фароҳам меорад. Интернет ва барномаҳои мобилӣ ба каналҳои асосии муомилоти ғайринақдӣ табдил меёбанд ва технологияҳои амниятӣ ва аутентификатсия ба пешгирии қаллобӣ ва таъмини амнияти пардохтҳо мусоидат мекунанд. Таҳлилҳо ва идоракунии додаҳо ба ширкатҳо имкон медиҳанд, ки хидматҳоро оптимизатсия кунанд ва пешниҳодҳои фардӣ эҷод кунанд. Дар маҷмӯъ, тадқиқот аҳамияти ТИК-ро дар баланд бардоштани самаранокӣ ва роҳати пардохтҳои ғайринақдӣ барои ҳамаи иштирокчиёни раванд таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, низоми пардохтҳои электронӣ, кортҳои бонкӣ

**Муминзода Х.И.**

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ БЕЗНАЛИЧИХ ПЛАТЕЖЕЙ

Данная работа рассматривает важную роль информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в современном развитии безналичных платежей. ИКТ представляют собой основу для электронных платежных систем, обеспечивая удобство и доступность для пользователей. Интернет и мобильные приложения становятся основными каналами для проведения безналичных транзакций, а технологии безопасности и аутентификации помогают предотвращать мошенничество и обеспечивать безопасность платежей. Аналитика и управление данными позволяют компаниям оптимизировать услуги и создавать персонализированные предложения. В целом, исследование подчеркивает важность ИКТ в улучшении эффективности и удобства безналичных платежей для всех участников процесса.

**Ключевые слова**: информационные технологии, информационные технологии, искуственный интелект, развития информационных технологий, безналичные платежи, электронные платежные системы, банковские карты

**Muminzoda H.I.**

## THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE DEVELOPMENT OF NON-CASH PAYMENTS

This work examines the important role of information and communication technologies (ICT) in the modern development of non-cash payments. ICT provides the basis for electronic payment systems, providing convenience and accessibility to users. The Internet and mobile apps are becoming the primary channels for cashless transactions, and security and authentication technologies are helping to prevent fraud and ensure payment security. Analytics and data management allow companies to optimize services and create personalized offers. Overall, the study highlights the importance of ICT in improving the efficiency and convenience of cashless

payments for all participants in the process.

**Keywords:** information technology, information technology, artificial intelligence, information technology development, non-cash payments, electronic payment systems, bank cards

Аз оғози солҳои 1980-ум дар технологияҳои иттилоотӣ (IT), ки ҳоло дар идоракунии системаҳои мураккаб мавқеи муҳимро ишғол мекунад, пешрафти босуръат ба назар мерасад. Ин таҳаввулоти IT бебозгашт гардид ва боиси пайдоиши пайвастаи системаҳои идоракунии мустақили аз онҳо гирифташуда гардид ва имкон медиҳад, ки иктишофи мустақил ва идоракунии равандҳои физикӣ дар дохили системаҳои мураккабро фароҳам оварад. Нақши IT дар ҳатмӣ будани ҷалби онҳост; идоракунии системахои мураккабро хозир бе онхо тасаввур кардан мумкин нест. Пешгӯии равандҳо, рӯйдодҳо табиатан ба нақши калидии иштироки IT алоқаманд аст.

Дар айни замон воситаҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мавҷуданд. Воситаи асосии ҳама гуна системаи таълими ТИК компютери фардӣ мебошад.

Аввалан, тағирот дар динамикаи рӯҳӣ ва иҷтимоӣ ба амал меояд, ки қаблан ба мафҳумҳои устувори шаъну шараф, вазифа, виҷдон ва инчунин дастурҳои эстетикӣ ва ахлоқӣ такя мекард, ҳоло барои дарёфти субот дар доираи итминони аз ҷониби технология дар заминаҳои ҷомеаи муосир мутобиқат мекунад. Сониян, ҳувият, ки бо фарҳанги иттилоотӣ ташаккул ёфтааст, ба як унсури бисёрҷанбаи инсонӣ табдил меёбад, ки тавассути технология идора карда мешавад, пароканда ва ба интихоби афзалиятҳои аксиологии он вобаста аст. Сеюм, технология дар оғоз ва дар ниҳоят ҳалли мушкилоти мураккаби ахлоқӣ, ба таври возеҳ муайян кардани доираи ҳамкории одамон байни фард ва коллектив нақши муҳим дорад. Тағйироти ҷамъиятие ҷараён дорад, ки дар он сифатҳои ахлоқии шахсон дар зери сояи ба истилоҳ омили инсонӣ қарор мегиранд. Фарқ кардани шахсияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва омили инсонӣ муҳим аст; ҳувият дар муҳити дохилӣ парвариш карда мешавад, ки аз ҷониби фарҳанг шакл гирифта, дороии муштарак мегардад, дар ҳоле ки омили инсонӣ дар муҳити беруна, яъне системаҳои иҷтимоӣ-техникӣ ташаккул меёбад. Табиист, ки одамон аксар мушкилоти ахлоқиро ба таври худкор ва гуногунранг паймоиш мекунанд. Намунаи барҷаста ин сенарияи маъмул дар байни донишҷӯён аст, ки дар он насли наврас аксар вақт аз посуххои ҷиддӣ ба манфиати истифодаи эмотиконҳои смартфонҳо канорагирӣ мекунанд. Аз ин рӯ, идораи самараноки захираҳои зеҳнӣ дар замони муосир яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад [1, с. 179].

Н.И. Муминзода ҳолати имрӯзаи низоми таълим ва вазъи воридсозии тахнологияи иттилоотию коммуникатсиониро чунин тасвир намудааст:

Вазъияти имрузаи системаи маорифи республикаи мо барои пурра конеъ гардондани роли он хамчун захираи аввалиндарачаи пешрафти ичтимоию иктисодии мамлакат ва баланд бардоштани дарачаи некуахволии шахрвандон намерасад. Фарогирии таҳсилоти олии касбӣ дар байни шаҳрвандон нисбатан маҳдуд буда, тақрибан 18% аҳолии қобилиятнок таҳсилоти олӣ мегиранд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо давлатҳои рӯ ба инкишоф дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки 2,5 маротиба зиёдтар аст, хеле паст аст. Ғайр аз он, дар соҳаи таҳсилоти олӣ тафовути назаррас вуҷуд дорад, ки аксарияти (52%) донишҷӯён ба илмҳои гуманитарӣ, илмҳои иҷтимоӣ ва санъат майл доранд, дар ҳоле ки 16% дигар ба илмҳои табиатшиносӣ машғуланд. Танҳо 15% донишҷӯён дар барномаҳои муҳандисӣ ва сохтмон таҳсил мекунанд. Илова бар ин, нарасидани муаллимони баландихтисос ба назар мерасад, ки касби омӯзгорӣ ҳамагӣ 5% донишҷӯёни мактабҳои олиро ташкил медиҳад [7, с.284]. Дурнамои иқтисодии давлатро бе баҳисобгирии самаранокии сармояи инсонӣ ғайри имкон аст [9, с. 117].

Ҷаҳонишавии муосир ҷанбаи субъективиеро дар бар мегирад, ки ба пояҳои сиёсӣ ва маънавии тамаддун таъсир мерасонад. Ин ҷабҳа равандҳои ҷориро ба таҳкими бартарияти давлатҳои ғарбӣ дар саросари ҷаҳон, ташаккул додани тартиботи нави ҷаҳонӣ, ки бо қудрати яккутбӣ хос аст, бармеангезад. Усулҳое, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо истифода мешаванд, аз поймол кардани истиқлолияти давлатӣ, барҳам додани ҳувияти

миллии афрод ва гурӯҳҳо, аз байн бурдани чораҳои протекционистӣ ва дигар монеаҳо дар манзараи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, ташкили назорати ҳамаҷониба аз болои системаҳои соҳибихтиёрии энергетикӣ, каналҳои иттилоотӣ ва дигар захираҳо иборатанд.

Алтернативаи ҷаҳонишавӣ аз нуқтаи назари пешрафти истеҳсолӣ, техникӣ ва ташкилию технологӣ вуҷуд надорад, пас роҳҳо, инчунин, натиҷаҳои ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли пешбарандаи ҷомеа-рушди фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ, баръакс, алтернативаи баланд ба назар мерасад. Мо потенсиал ва зарурати воқеии интихоб байни ду модели ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ мекунем: маърифатӣ, таълимӣ ва фароғатӣ. Ҳар яке аз ин моделҳо иддао доранд, ки антропогенӣ буда, тамаддунеро ифода мекунанд, ки аз рӯи ақли инсон таҳия шудааст.

Ин дурнаморо метавон самимона тасдиқ кард, зеро таъсири амиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба пояҳои маънавии ҷаҳонишавии муосир дар коҳиши мушоҳидашуда дар ҷомеаҳои муайяне, ки дар зери «майдони яхбандии ғарбии ҷаҳонишавӣ» ғарқ шудаанд, ба таври равшан зоҳир мегардад. Гузашта аз ин, дар зери фишори бесобиқаи ҷаҳонии фарҳангӣ, ки тавассути васоити ахбори омма, Ҳолливуд ва платформаҳои муосири баландтехнологӣ анҷом дода мешавад, аз даст додани шахсияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки бо коҳиши шуури ахлоқӣ ва мавҷудияти барқасдона ҳамроҳӣ мекунанд, мушоҳида мешавад.

Торафт бештар инстинктҳои ибтидоӣ, ки ба истеъмол ҳамчун ҳадафи ниҳоии онҳо асос ёфтаанд, бартарӣ доранд. Ин пайгирӣ кардани хоҳишҳои гедонистист, ки ба таблиғи доимии кишварҳои ғарбӣ барои пасттарин инстинктҳои инсонӣ, масалан, тарғибот барои қонунигардонии издивоҷҳои якҷинсон асос ёфтааст.

Аз дидгоҳи Н.И. Муминзода дар системаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот мутобиқат ба талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ ба мушоҳида мерасад. Баҳогузорӣ ба хизматрасониҳоро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар ниҳоят корфармоѐни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ амалӣ месозанд, ки на танҳо ба ҷиҳати назариявии омодагии сатҳи тахассусии кормандоне, ки ба кор қабул кардаанд, балки ба донишҳо ва малакаи амалии онҳо, ки дар стандартҳои таълимии насли саюум дар ифодаи масъулиятшиносии касбӣ, ки бояд муҳассилин биомӯзанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд [8, с.374].

Х.А. Рустамова ва Г.А. Хоҷабекова ба он ақидаанд, ки хусусияти вазъи кунунии системаи ҳавасмандгардонии меҳнат дар соҳаи маориф ин тағйироти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ дар ҷомеа мебошад, ки сарфи назар аз гуногунии захираҳои дастраси ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тағйироти шабеҳро дар системаи маориф тақозо менамояд [15, с.39-40].

Ба назари Р.М. Давлатов дар шароити дигаргуниҳои босуръати ҷаҳони муосир, ноил шудан ба ин ҳадаф бидуни истифодаи воситаҳо, усулҳо ва равишҳои махсус ғайриимкон аст. Дар шароити афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеа, зарурати азхудкунӣ, таҳлил, коркард, дарк ва дарки босуръати он мавқеъҳои пешбарандаро воситаҳои таснифшавандаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ишғол мекунанд [2, с. 209].

Рисолаи пешниҳодшуда ба ақидаи коршиносони ЮНЕСКО асос ёфтааст, ки онҳо қайд мекунанд, ки дар шароити муосир барои ба даст овардани мутахассисони баландихтисос бояд усулҳои таълим дар асоси ТИК татбиқ карда шаванд. Дар айни замон, пешрафтҳои технологӣ боиси тағирот ва тағирот дар кори ташкилотҳо мегарданд, ки ин дар талабот ва салоҳияти кадрҳои касбӣ инъикос меёбад. Имрӯз барои мутахассис дорои малакаҳои зерин муҳим аст: тафаккури интиқодӣ, дониши умумӣ (васеъ), малакаҳои ТИК, ки кори мутахассисонро таъмин мекунанд, қобилияти қабули қарорҳо, қобилияти паймоиш дар ҳолатҳои динамикӣ тағйирёбанда, кор кардан ба сифати мутахассис. узви даста, қобилияти муошırати муассир.

Баррасии таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба пояҳои маънавии ҷаҳонишавии муосир онро ҳамчун воқеияти раднашаванда ва паҳлӯи муҳими бӯҳрони системавӣ дар доираи тамаддуни техногенӣ ошкор месозад. Механизми иҷтимоие,

ки гузариш аз тамаддуни техногенӣ ба шаклҳои инноватсионии созмони иҷтимоиро танзим мекунад, ки то ҳол ба таври мусбӣ муайян карда нашудааст, ба системаи арзишҳои бунёдӣ вобаста аст.

Қобили зикр аст, ки норавшанӣ дар атрофи равандҳои глобалӣ аз таҳмил кардани арзишҳои ғарбӣ аз ҷониби агентҳои ҷаҳонишавӣ ҳамчун «универсалӣ» сарчашма мегирад, сарфи назар аз он ки бисёре аз кишварҳо намехоҳанд, ки ба объектҳои ҷаҳонишавӣ табдил ёбанд. Ба ҷои ин, ин миллатҳо мекӯшанд, ки чаҳорчӯбаи аксиологии худро ҳамчун аломатҳои асосии ҳувияти ҷомеа нигоҳ доранд. Нигоҳ доштани ҷомеаҳое, ки дар системаҳои арзишҳо ва кодексҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ реша мегиранд, принсипи асосии консепсияҳои алтернативии ҷаҳонишавии муосири ғарбиро ташкил медиҳад.

Натиҷаи барҷастаи ҷаҳонишавӣ аз байн рафтани идеалҳои ахлоқии анъанавӣ ва классикӣ дар тӯли садсолаҳо дар ҷомеаҳост, ки ин раванд бо таассуф ҳатто дар ҷомеаҳои анъанавӣ ба мисли Ҷопон мушоҳида мешавад. Ин падида бештар ба дарки давлати миллӣ ҳамчун як ниҳоди кӯҳна марбут аст, ки ба ақидаи идеологияҳои ғарбӣ бояд аз байн равад. Аз ин рӯ, сарҳадҳои миллӣ дар шароити воридшавии иттилоот ва сармояи ҷаҳонӣ ба урфу одатҳои хориҷӣ ҳарчи бештар тобовар мешаванд, ки боиси аз даст додани соҳибихтиёрӣ на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки маънавӣ мегардад ва дар шароити муайян барои ҷомеаҳои мушаххас хатарҳои эҳтимолӣ эҷод мекунанд.

Масъалаи дигари мубрам ин набудани нуфузи назарраси ахлоқӣ дар кишварҳои сарватманд барои намунаи намунавӣ дар шароити фишорҳои ҷаҳонишавӣ мебошад. Ин ба он оварда мерасонад, ки муҳоҷирон ба ин миллатҳои сарватманд пеш аз ҳама барои манфиатҳои иқтисодӣ кӯчида, дар аввал арзишҳои ахлоқии ғарбиро рад мекунанд ва дар дохили пойтахтҳои Аврупо анклавҳои худро таъсис медиҳанд.

Камбудии бисёр кӯшишҳои ислоҳоти нек дар он аст, ки онҳо ба ҳисоб нагирифтани лоиҳаҳои "берунӣ" ва мушкилоти амалии тағир додани воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва давлатӣ. Чунин кӯшишҳо аксар вақт торикии "ботинӣ" ва ҳавасҳои ибтидоии инсониро, ки ҳисобҳои оқилонаро бо роҳҳои беназири худ нишон медиҳанд, сарфи назар мекунанд.

Ҷанбаи дигари муҳими таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба пояҳои маънавии ҷаҳонишавии муосир таваҷҷуҳи хоса дорад. Дар доираи ҷаҳонишавӣ, таърих нақши наверо ба худ мегирад, ки дар соҳаи гуманитарӣ бартарият дорад, ки онро равшан муайян кардан мумкин аст. Таърих, ки ба таҳлили дақиқи илмӣ асос ёфтааст, ки ангезаҳои бегона надорад, дорои потенсиали таъсири назарраси "маърифатӣ" мебошад, ки фарҳангҳо ва тамаддунҳои муайянеро равшан мекунад, ки ҷаҳонишавиро бидуни азхудкунии он равон мекунанд. Хам олимон ва хам тачриба-чиён як хел тасдик мекунанд, ки «...назарияи арзишхои умумибашарй дар баробари ба идеалхои чамъиятии индивидуалистй ва дарачаи зиндагонй бештар диккат додан, камбудихои хоси худро торафт бештар ошкор мекунад».

Ҳамин тариқ, паҳншавии иттилооти ҷаҳонӣ ва стандартизатсияи объективӣ ба эрозияи ҳувияти этникӣ-сиёсие, ки дар чаҳорчӯбаҳои мушаххаси ахлоқӣ реша давондаанд, мусоидат мекунад. Ин таъсири хатарноки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба пояҳои маънавии ҷаҳонишавии муосирро таъкид мекунад.

Оид ба нақши IT дар идоракунӣ, он ҷалби одамонро дар назорати системаҳои мураккаб дар бар мегирад, сарфи назар аз он, ки бисёр равандҳои физикӣ дар дохили чунин системаҳо автоматӣ карда мешаванд. Системаҳои автоматии идоракунӣ системаҳое мебошанд, ки қобилияти худтанзимкунӣ ва худидоракунии равандҳои мураккаби технологиро доранд. Бо вуҷуди ин, назорати ниҳоӣ аз болои идоракунии системаҳои мураккаб маъмулан дар дасти одамон боқӣ мемонад, гарчанде на ҳамеша аз сабаби мавҷуд набудани дастрасии мустақим ба ҳама системаҳои мураккаби идоракунӣ дастрас аст. Ин махсусан ба объектҳои идоракунӣ, ба монанди нерӯгоҳҳои барқи атомӣ (АЭС) дахл дорад, ки дар он системаҳои назорати муҳофизатӣ барои пешгирии садамаҳо, ҳарчанд бо дастгирии технологияҳои иттилоотӣ барои операторҳо кор мекунанд.

Нақши IT дар идоракунии системаҳои мураккаб берун аз нерӯгоҳҳои барқи атомӣ ба

дигар соҳаҳо, аз қабили аэронавтика, аэродинамика, кайҳон, истеҳсолот ва саноат, ки дар он IT пеш аз ҳама дар идоракунии иттилоот ва равандҳои ҳисоббарорӣ нақши ҳалкунанда мебозад, паҳн мешавад. Аслан, системаҳои мураккаби идоракунӣ компютерӣ шудаанд ва иштироки IT барои фаъолияти ҳама гуна системаи мураккаби идоракунӣ, ки дар он равандҳои физикӣ рух медиҳанд, ҳатмист.

Ба гуфтаи А.Ҷӯраева ва Х. Рустамова, менеҷменти хадамоти инноватсионии таълимӣ дар доираи менеҷменти маориф масъалаҳои марбут ба рушди иқтисодро дар бар мегирад. Талаботи навсозии системаи маориф ҳамоно боқӣ мемонад ва коҳиш меёбад.

Пайвастшавӣ ва назорат захираҳои муҳими системаро ифода мекунанд. Кибернетика ҳамчун илми универсалии идоракунӣ ва иртиботи ташкилӣ дар соҳаҳои гуногун татбиқ мешавад ва илми ташкилӣ яке аз самтҳои муҳими таваҷҷӯҳи он мебошад. Дар байни тамоюлҳои кибернетика гузариши равишҳо ва татбиқи онҳо аз системаҳои техникӣ ба контекстҳои дохилиташкилӣ мебошад. Мисоли ин татбиқи идоракунии оптималии идоракунӣ дар асоси моделҳои динамикии система мебошад, ки бо муодилаҳои дифференсиалии система муайян карда мешавад.

Аз назари И.С. Шамсов тафриқаи хароҷоти буҷети давлатӣ ва захираҳои молиявии ғайрибуҷетӣ барои рушди рақамикунонии системаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи муосири бозори ҷаҳонии меҳнат бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ дар рушди рақамикунонӣ технологияҳо дар соҳаи маориф, таҳлил карда мешавад. Тамоюли маблағгузории рушди ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад [16, с.15].

Ҳамин тариқ, кибернетика инчунин масъалаи тавлиди тавсияҳоро ҳал мекунад ва ба ҷустуҷӯи принсипҳои асосии идоракунӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, ҳарчанд камтар бошад ҳам, он вазифаҳои пешгӯӣ, шарҳ ва ҳатто тавсифро иҷро мекунад.

Дар идоракунии амалӣ, зарурати татбиқи тавсияҳои назарияи меъёрӣ тавассути автоматикунонии равандҳои дахлдори идоракунӣ мубориза бо масъалаҳои татбиқи компютер, аз ҷумла алгоритмҳои ададӣ ва мураккабии онҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, истилоҳот ба монанди "ҳисобкунӣ" ё "алгоритмӣ" яке аз соҳаҳои илмии дар боло зикршударо бо математикаи ҳисоббарорӣ ва информатика дар асоси усулҳои истифодашуда мувофиқат мекунанд. Раванди алгоритмизатсия ва оптимизатсияи равандҳои техникӣ ва технологӣ бо технологияи иттилоотӣ тавассути математикаи ҳисоббарорӣ мепайвандад. ТИ аз сабаби мураккабии равандҳои техникӣ ва технологӣ, ки нақши онро дар идоракунии системаҳо, равандҳо ва падидаҳои мураккаб пешакӣ муайян мекунад, дар идоракунӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Эволютсияи технологияи иттилоотӣ пешрафтҳоро дар идоракунии системаҳои мураккаб ба пеш ҳаракат карда, имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби физикиро пешгӯӣ ва назорат кунанд. Идоракунии системаҳои мураккаб аз доираи идоракунии объектҳои мураккаб фаротар буда, алгоритмҳои иҷрои амалҳоро дар дохили системаҳои мураккаби идоракунӣ дар бар мегирад ва IT ҳамчун воситаи идоракунӣ хизмат мекунад.

Доираи рушди муосири IT хеле бузург аст, ки бо қадамҳои инқилобӣ нишон дода шудааст. Аз ин рӯ, идоракунии системаҳои мураккаби идоракунӣ бо IT муосир умуман имконпазир аст, ҳарчанд истисноҳо боқӣ мемонанд. Сарфи назар аз суръати ҳисоббарории суперкомпьютерҳои муосир, ба монанди онҳое, ки дар илми кайҳонӣ ё равандҳои нерӯи ҳастаӣ истифода мешаванд, ҳисобҳои муайяни мураккаби равандҳои физикӣ ҳанӯз ҳам вақти зиёдро талаб мекунанд. Ҷорӣ намудани компютерҳои квантӣ бо суръати ба таври экспоненсиалӣ баландтари ҳисобкунии онҳо барои бартараф кардани чунин маҳдудиятҳо дарояндаи наздик ваъда медиҳад.

Мафҳумҳои «субот» ва «ноустуворӣ» дар дохили системаҳои иҷтимоии ҷомеа ба пешрафти технологӣ вобастаанд, зеро пешрафти технологӣ ҳамзамон хатарро зиёд мекунад.

Истифодаи потенсиали ҷамъшуда, пешбинииояндаи рушди технологияҳои иттилоотӣ душвор нест. Интегратсияи зеҳни сунъӣ ба барномаҳои гуногуни низомӣ ба дурнамои рушди минбаъда ва татбиқи онҳо дар ниёзҳои истеъмолии граждани ишора

мекунад [6, с. 140; 5, с. 29].

Истифодаи захираҳои давлатӣ монеа барои тасаввур кардани ояндаи рушди технологияҳои иттилоотӣ нест. Интегратсияи зеҳни сунъӣ ба категорияҳои гуногуни пешрафтҳои ҳарбӣ фаҳмишро дар бораи траекторияи эҳтимолии рушд ва оқибатҳои он барои барномаҳои шаҳрвандӣ фароҳам меорад.

Мошинҳои муосири идорашаванда аллакай ба истифода дода шудаанд, смартфонҳо, камераҳои касбӣ, IT-и замонавӣ, ки бо худтанзимкунӣ ва худтанзимкунӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Дар корхонаҳо аз ҳоло контролерҳо бо қувва ва асосӣ истифода бурда мешаванд, ки ин имкон медиҳад, ки узелҳо, хатҳои алоҳида автоматӣ кунонда шавад ва одам танҳо дар вақти ба амал омадани вазъияти фавқулодда дар конвейеру хатҳои истеҳсолӣ душвориҳои хурдро бартараф мекунад. Ҳама чизро ва ҳатто бештар аз он метавон ба нақши IT дар идоракунӣ рабт дод. Вазифаи IT дар менеҷмент нав нест, ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри XX дар идоракунии равандҳои ташкилӣ ва соҳаҳо ғояҳои нав пайдо шуданд. Ва худи IT хеле пештар пайдо шуд. Аз ин рӯ, назарияи идоракунии системаҳои фаъол дар сохтори ташкилӣ ва идоракунии идора ҷойгоҳро ишғол мекунад.

Қонунгузории давлат метавонад асоси рушди технологияҳои иттилоотӣ гардад, аммо зарур аст, ки санадҳои меъёри ҳуқуқии дахлдор қабул карда шавад [9, с. 237].

Имрӯз дуруст аст, ки технологияҳои иттилоотӣ бо суръат тараққӣ карда истодаанд, аммо ин маънои онро надорад, ки нақши СМИ коста мегардад, балки он дар баробари дигар хизматрасониҳо мавқеи худро дар фазои маҷозӣ мустаҳкам хоҳад кард [8, с. 133].

Дар баробари рушди технологӣ аз таъсири он ба руҳияи ҷавонон набояд фаромӯш кард, қабули санади дахлдори стратегӣ хело муҳим аст [4, с. 255]. Дар рушди фарҳанги техникӣ нақши маориф хеле калон аст, ташкил низоми муосири таълим омили рушди соҳа ва ҷамъият хоҳад гардид [7, с. 198] ва дар баробари ин истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар соҳаи таълим омили рушди иқтисодӣ низ мегардад [6, с. 210]. Яке аз сабабҳои барҳамхурии иттиҳоди шуравӣ ин ақибмондагии технологӣ мебошад [5, с. 238].

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар рушди пардохтҳои ғайринақдӣ нақши асосиро мебозанд. Инҳоянд чанд роҳе, ки онҳо ба ин раванд таъсир мерасонанд:

- Системаҳои пардохтҳои электронӣ: ТИК барои густариши системаҳои пардохтҳои электронӣ, аз қабили кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои мобилӣ, интиқоли электронӣ ва ғайра замина фароҳам меорад. Ин системаҳо ба корбарон имкон медиҳанд, ки бидуни зарурати ҳузури ҷисмонӣ муомилоти ғайринақдӣ анҷом диҳанд.
- Интернет ва замимаҳои мобилӣ: Интернет ва барномаҳои мобилӣ ба каналҳои асосии пардохтҳои ғайринақдӣ табдил ёфтанд. Бо кӯмаки онҳо корбарон метавонанд хариди онлайн, пардохт, интиқоли пул ва ғайра анҷом диҳанд. Бароҳатӣ ва дастрасии ин технологияҳо пардохтҳои бидуни нақдро барои истеъмолкунандагон ҷолибтар мегардонад.
- Амният ва аутентификатсия: ТИК дар таъмини амнияти пардохтҳои ғайринақдӣ нақши муҳим мебозад. Технологияҳои аутентификатсия, аз қабили биометрия, паролҳои якдафъаина ва аутентификатсияи ду-омилӣ ба пешгирии қаллобӣ ва бехатар нигоҳ доштани транзаксия кӯмак мекунанд.
- Самаранокӣ ва роҳати беҳтар: Ба шарофати ТИК раванди коркарди пардохт ҳам барои истеъмолкунандагон ва ҳам барои соҳибкорон самараноктар ва қулайтар мешавад. Автоматикунонии равандҳо ва соддагардонии расмиёт метавонад вақти гузаронидани транзаксияҳоро кам кунад ва хароҷотро кам кунад.

Дар маҷмӯъ, ТИК дар рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, таъмини амният, дастрасӣ ва роҳати онҳо барои ҳамаи иштирокчиёни раванд нақши марказӣ мебозад.

## АДАБИЁТ

1. Гоибназаров, С. М. Стратегия эффективного управления человеческими ресурсами в

условиях кризисного развития / С. М. Гоибназаров, Н. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. – № 2/3(86). – С. 175-180. – EDN VWKYQL.
2. Давлатов, Р. М. Использование информационно-коммуникационных технологий в системе управления качеством образования в учреждениях высшего профессионального образования / Р. М. Давлатов, М. Х. Мухиддинова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – Т. 1. – № 3-7. – С. 209-214.
3. Джураева, А. Анализ состояния рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан / А. Джураева, Х. Рустамова // Развитие системы непрерывного образования в условиях Индустрии 4.0 : Материалы Международной научно-практической конференции, Екатеринбург, 11 апреля 2019 года. – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет, 2019. – С. 45-49.
4. Кадырова, З. Х. Дуальное обучение: от концепции к практике / З. Х. Кадырова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 4-2(44). – С. 369-374. – EDN MMCOGK.
5. Муминов, А. И. Ҷомеаи иттилоотӣ ва бехатарии он дар таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарбӣ / А. И. Муминов, Г. Г. Нодирхонов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – No. 1(262). – P. 29-34. – EDN FHKCCO.
6. Муминов, А. Мафҳуми "субот" ва "носуботӣ" дар системаҳои иҷтимоии ҷомеа / А. Муминов, Г. Нодирхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – No. 4. – P. 140-144. – EDN DUSWUC.
7. Муминов, Н. И. Качественное обслуживание в период глобализации - основной и правовой фактор прогресса современного общества / Н. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 284-289. – EDN YTEAUX.
8. Муминов, Н. И. Сравнение между понятиями информация, СМИ, массовая информация и их национальная сущность / Н. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – Т. 1, № 3-11. – С. 130-133. – EDN VBXRMZ.
9. Муминов, Х. И. Прогнозирование экономического роста на основе временных рядов и многофакторной модели / Х. И. Муминов // Научные вести. – 2020. – № 4(21). – С. 117-128. – EDN EYQJDJ.
10. Рустамова, Х. Р. Особенности и проблемы мотивации и стимулирования труда профессорско-преподавательского состава (ППС) в новых условиях рынка Республики Таджикистан / Х. Р. Рустамова, Г. А. Ходжабекова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 39-44.
11. Шамсов, И. С. Факторы, влияющие на рынок труда и систему профессионального образования в условиях цифровой экономики / И. С. Шамсов // Таджикистан: экономика и управление. – 2021. – № 1. – С. 15-26.

**УДК: 338.45**

**Назарматов А.А.**

## АСОСНОККУНИИ ИҚТИСОДИИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАН ДАР МИНТАҚА

Сатҳи самаранокии иқтисодии фаъолияти ҳар як корхона, махсусан корхонаҳои истихроҷи маъдан, рушди ояндаи онҳо ва дигар ҳолатҳо бевосита аз макони ҷойгиркунии он вобастагӣ дорад. Оқилона ҷойгир намудани корхонаҳои истихроҷи маъдан ва рушд додани онҳо дар миқёси минтақа ба рушди иқтисодиёти минтақаи мазкур таъсири назаррас

мерасонад. Аз ин лиҳоз асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақа аҳамияти хоса дошта, ҳангоми он ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси соҳаи истихроҷи маъдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар мақола хусусиятҳои хоси асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан, марҳилаҳои гузаронидани асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Омилҳое, ки ба интихоби варианти ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан таъсир мерасонанд, нишон дода шудааст. Модели назариявию методии асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои нав ва рушди корхонаҳои амалкунанда оварда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ**: ҷойгиркунӣ, минтақа, асосноккунии иқтисодӣ, корхона, истихроҷи маъдан, омилҳои соҳавӣ, канданиҳои фоиданок, рушди соҳа, оптималигардонӣ, самаранокӣ.

**Назарматов А.А.**

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ОБОСНОВАНИЕ РАЗМЕЩЕНИЯ ГОРНОРУДНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕГИОНЕ

Уровень экономической эффективности деятельности каждого предприятия, особенно горнорудных предприятий, перспектива их развития и другие моменты непосредственно зависят от места размещения этих предприятий. Рациональное размещение горнорудных предприятий и их развитие на уровне региона оказывает значительное влияние на экономическое развитие того же региона. В связи с этим, экономическое обоснование размещения горнорудных предприятий в регионе имеет особое значение, при этом, целесообразно учитывать отличительные особенности горнорудной отрасли. В статье рассматриваются особенности экономического обоснования размещения горнорудных предприятий, этапы проведения экономического обоснования горнорудных предприятий в регионе. Показаны факторы, влияющие на выбор вариантов размещения горнорудных предприятий. Приведена теоретическо-методическая модель экономического обоснования размещения новых предприятий и развития действующих предприятий.

**Ключевые слова**: размещение, регион, экономическое обоснование, предприятие, добыча руды, отраслевые факторы, полезные ископаемые, развитие отрасли, оптимизация, эффективность.

**Nazarmatov A.A.**

## ECONOMIC JUSTIFICATION FOR LOCATING MINING ENTERPRISES IN THE REGION

The level of economic efficiency of the activities of each enterprise, especially mining enterprises, the prospects for their development and other aspects directly depend on the location of these enterprises. The rational placement of mining enterprises and their development at the regional level has a significant impact on the economic development of the same region. In this regard, the economic justification for locating mining enterprises in the region is of particular importance, and it is advisable to take into account the distinctive features of the mining industry. The article discusses the features of the economic feasibility study for the location of mining enterprises, the stages of conducting an economic feasibility study of mining enterprises in the region. The factors influencing the choice of options for locating mining enterprises are shown. A theoretical and methodological model for the economic justification for the placement of new enterprises and the development of existing enterprises is presented.

**Key words**: location, region, economic justification, enterprise, ore mining, industry factors, minerals, industry development, optimization, efficiency.

Ҷойгиркунии оқилонаи саноат, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан масъалаи муҳим ва аҳамиятноки ҳар як минтақа ба шумор меравад, ки бевосита ба рушди устувори минтақа таъсири босазои худро мегузорад. Барои вазъи муосири рушди иқтисодии минтақа ҷойгиркунии оқилонаи истеҳсолот аҳамияти назаррасро дорад, ки имконияти таъмини сатҳи баланди самаранокии истеҳсолот, ба даст овардани фоида ҳангоми оқилона истифода намудани иқтидори табиӣ-захиравӣ, нигоҳдорӣ ва беҳтаргардонии шароитҳои экологии зисти аҳолиро медиҳад. Махсусан, аҳамияти калонро истифодабарии комплексии захираҳои табиӣ, ҷорикунии технологияҳои бепартов ҳангоми коркарди ашёи хом ва сӯзишворӣ дорад. Бо дар назардошти сатҳи гуногуни рушди саноатии минтақаҳо, хусусиятҳои тибиӣ-иқлимӣ ва ҷуғрофии онҳо, мавҷудият ва сатҳи азхудкунии бойигариҳои табиӣ ва ғайраҳо ҳалли масъалаҳои асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои кӯҳӣ, арзёбии геологӣ-иқтисодии конҳои канданиҳои фоиданок барои ба таври оқилона ҷойгиркунии корхонаҳои накши муҳимро дорад.

Ҳангоми асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан ва эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақа ба намудҳои мазкури истеҳсолот ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, омилу заминаҳои рушди иқтисодии зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

– суръати рушди иқтисодии мамлакат, ки давраи дарозмуддатро дар бар мегирад ва баҳогузории он дар асоси тағйирёбии маҷмӯи маҳсулоти дохила ба роҳ монда мешавад;

– дигаргунсозиҳои дар соҳа амалишаванда, ки ҳам дар асоси дигаргунсозиҳои таркибии маҷмӯи маҳсулоти дохилаву маҳсулоти хусусияти саноатидошта ва ҳам дар асоси суръати афзоиши соҳаҳои гуногуни минтақа баҳо дода мешаванд;

– тағйирёбии интизории талабот дар бозори ҷаҳонӣ барои намудҳои асосии захираҳои минералӣ-ашёвӣ;

– амалигардонии чорабиниҳо оид ба таъминоти захираҳову энергия дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти минтақа ва коҳишёбии нисбии истеъмолоти намудҳои асосии захираҳои минералӣ-ашёвӣ;

– пешгӯикунии истифодабарии технологияҳои пешқадами истихроҷ ва ғанигардонии захираҳои ашёвӣ дар соҳаҳои истихроҷкунанда, ки имконияти аз нав барқарорсозии конҳои кӯҳнаи канданиҳои фоиданок ва барқарорсозии истифодабарии онҳоро медиҳанд. Ҳамин васила, имконияти сарфакории сармоягузориҳо ва азхудкунии конҳои нави канданиҳои фоиданок ба вуҷуд меояд;

– зарурияти арзёбии иқтисодии захираҳои истихроҷшаванда бо дар назардошти хароҷотҳои ҳамлу нақли онҳо то марказҳои асосии истеъмолот ва ё коркард, ки барои муайян намудани конҳои ғайрисамараноки канданиҳои фоиданок мусоидат мекунад;

– мақсаднокӣ ва имкониятҳои вариантҳои алтернативии рушди минтақа бо дар назардошти паст намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист.

Конҳои канданиҳои фоиданок ҷойгиршавии географии муайян ва андозаҳои миқёсан тағйирнопазирро доранд. Яъне азхудкунии объектҳои кӯҳӣ ва коркарди ашёи минералии дар он ҷо мавҷудбуда бевосита дар наздикии макони хобиши маъдан роҳандозӣ карда мешавад. Дар навбати худ, ин зарурияти ташаккулдиҳии шабакаҳои пайвасткунанда ва локалии роҳҳо, иқтидорҳои энергетикӣ ва дигар объектҳои истеҳсолӣ-инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меоварад. Имкониятҳои рушди коркарди конҳои канданиҳои фоиданок дар бисёре ҳолатҳо бо омилҳои иқтисодӣ-географӣ, ки шароитҳои нақлиётиву энергетикӣ, мавҷудияти захираҳои обӣ, наздикии истеъмолкунанда, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва азхудкунии минтақа, сатҳи талабот ба ашёи хом ва ғайраҳоро дар бар мегиранд, муайян карда мешаванд. Хароҷотҳои чорабиниҳои болозикр дар баъзе минтақаҳои дурдаст дар сохтори хароҷотҳои сохтмони корхонаҳои истихроҷи маъдан вазни қиёсии зиёдро доранд. Масъалан, ҳиссаи хароҷотҳои нақлиётӣ дар хароҷотҳои амалиётии корхонаҳои истихроҷи маъдан бо ҳисоби миёна то 10 %-ро ташкил менамояд [2, с.11], ки бо тақсимоти нобаробари географии канданиҳои фоиданок, мутобиқат накардани макони истихроҷ ва истеъмолоти

онҳо шарҳ дода мешавад. Сатҳи баланди хароҷотҳои ҳамлу нақл на танҳо ба баланд гаштани нархи захираҳои ашёвӣ меоварад, балки омили маҳдудгардии талабот низ маҳсуб меёбад.

Ба сатҳи хароҷотҳои нақлиётӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан намуди захираҳои истихроҷшаванда ва сатҳи баромади маҳсулоти ниҳоӣ таъсири назаррас мегузоранд. Дар корхонаҳои истихроҷ ва коркарди тилло, ки маҳсулоти ниҳоии онҳо консентрати тилло ё сабиқаи тилло ба шумор меравад, бо дар назардошти вазни ками сабиқаи тилло хароҷотҳои нақлиётӣ нисбат ба корхонаҳои истихроҷ ва коркарди дигар металлҳо ва конхонаҳои истихроҷи ангишт хеле кам мебошанд. Яъне, ҳароҷотҳои нақлиётии ангишт, ки ҳаҷми калонро дорад, дар сохтори арзиши аслии он вазни қиёсии назаррасро доранд.

Тибқи ақидаҳои Самсонов Н.Ю. ва Яголнисер М.А. ташаккулёбӣ ва фаъолияти корхонаҳои истихроҷ ва коркарди ашёи минералӣ аз принсипҳои ҷойгиркунии минтақавии корхонаҳои саноатии хусусияти истеҳсолкунии маҳсулотҳои истеъмолоти умум, ки барои истеҳсолоти онҳо ҳамлу нақли мунтазами ҳаҷми зиёди ашёҳои ибтидоӣ ва нимсохтаҳо, инчунин маҳсулотҳои ёрирасон зарур аст, фарқ мекунад. Чунин намудҳои корхонаҳо дар маҳалҳое, ки дар он ҷо инфрасохторҳои истеҳсолии инкишофёфта ва объектҳои таъминоти энергетикӣ мавҷуд мебошанд, ҷойгир карда мешаванд [3, с.383].

Саноати истихроҷи маъдан нисбати базаи моддию техникии истеҳсолии пурқувват ва сармояталаби истеҳсолоти азимро хизматкунанда ниёз дошта, барои бунёди он ҳаҷми зиёди захираҳои моддиву молиявӣ зарур аст. Дар шароити ноустувории бозори захираҳои ашёвӣ ва дар натиҷа мураккаб гаштани рушди технологӣ, сатҳи баланди хӯрдашавии таҷҳизот ва техникаи дар соҳаи истихроҷкунанда амалкунанда нисбатан сатҳи меъёрӣ ба шумор меравад. Дар ин маврид, ду самти ба ҳам муқобили тамоюл мушоҳида карда мешавад, ки дар расми 1 оварда шудааст.




**Расми 1. Самтҳои бо ҳам мутақобили тамоюл дар корхонаҳои истихроҷи маъдан**

Сатҳи гуногунии сифатнокии корҳои ҷустуҷӯи геологӣ, банақшагирии корҳои кӯҳӣ, сохтмон ва ғайраҳо бо бузургии гуногун ва тақсимоти нобаробарии даромаду хароҷотҳо шарҳ дода мешавад. Бо баробарии истифодабарии сикли технологии нисбатан соддаи корхонаҳои истихроҷи маъдан барои истифодабарии захираҳои меҳантӣ талаботҳои сатҳи баланд гузошта намешаванд. Вале, бо дар назардошти шароитҳои махсуси корӣ, хатарҳои баланди касбӣ ва зарурияти идоракунии техника ва таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда, корхонаҳои истихроҷи маъдан дар бисёре ҳолатҳо барои ҷалби кормандони салоҳиятноку пуртаҷриба мубориза мебаранд, панҷяки даромади корхонаҳои азими истихроҷи маъдан ба кормандон тақсим карда мешаванд [1, с.114].

Асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар шароити амалигардонии стратегияи саноатикунонии босуръат унсури муҳимтарини асосноккунии стратегияи рушди устувори минтақа ба шумор меравад. Бояд дар назар дошт, ки як қатор минтақаҳо аз лиҳози мавҷудияти канданиҳои фоиданок бой буда, ташаккул додани корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақаҳои мазкур имконпазир мебошад. Дар

минтақаҳои хусусияти саноатидошта асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва баҳодиҳии миқдориву сифатии канданиҳои фоиданок имконияти муқаррар намудани таъсири омилҳои гуногунро ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии он медиҳад. Дар натиҷаи ҷорабиниҳои мазкур имконияти баҳодиҳии робитаҳо ва таъсири ҳамдигари омилҳои гуногун ба рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, баррасии вариантҳои гуногуни баҳодиҳии арзишии захираҳои минералӣ-ашёвӣ, муайян намудани афзалиятҳо, баҳодиҳии мавҷудияти (ва ё имконияти ҷалби) нерӯҳои меҳнатӣ, инвеститсионӣ ва истеҳсолии барои ҷойгиркунии корхона зарурбуда ба вуҷуд меоянд.




**Расми 2. Хусусиятҳои хоси асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан**

Асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан бо дар назардошти ҳамгироии соҳаи истихроҷкунанда, ки бевосита раванди истихроҷ ва ғанигардонии канданиҳои фоиданокро дар бар мегирад, ба роҳ монда мешавад. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки раванди ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар асоси сатҳи оқилонаи тамаркузкунӣ, махсусгардонӣ ва якҷоякунии намудҳои гуногуни истеҳсолот (истихроҷ, ҳамлу нақл, ғанигардонӣ ва ғайраҳо) суръат мегирад.

Оқилона ҷойгир намудани корхонаҳо чунин шакли ташаккулдиҳии ҳудудии онҳоро дар бар мегирад, ки ҳангоми он хароҷотҳои умумии ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот сатҳи минималиро дорад.

Ба ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан ғайр аз мавҷудият ва хусусиятҳои кӯҳӣ-геологии конҳои канданиҳои фоиданок усул ва тарзи амалигардонии истеҳсолот (усули кушоди коркарди конҳои канданиҳои фоиданок, усули зеризаминии коркарди конҳои канданиҳои фоиданок), таркиби маъдан, миқдори захираҳои коркардшаванда ва ғайраҳо таъсир мерасонанд.

Асосноккунии илмӣ ва ба таври оқилона ҷойгир намудани корхонаҳои соҳаи истихроҷи маъдан омили муҳими афзоиш додани ҳосилнокии меҳнат, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба шумор меравад.

Асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои соҳаи истихроҷи маъданро тибқи марҳилаҳои мазкур амалӣ гардонидан ба мақсад мувофиқ мебошад:

– баҳодиҳии иқтисодии конҳои канданиҳои фоиданок бо ҷудокунии захираҳои мувозинавӣ ва ғайримувозинавӣ;

– интихоби усули коркарди конҳои канданиҳои фоиданок: усули кушод, усули зеризаминӣ;

– муайян намудани иқтидори корхона ва технологияи истеҳсолот оид ба коркарди маъдан (фарбикаҳои ғанигардонии маъдан);

– муайян намудани талабот ба иқтидори коргоҳҳои иловагӣ ва ёрирасон;

– муайян намудани нуқтаи ҷойгиркунии корхона бо дар назардошти ҳамаи талаботҳои мавҷудбуда;

– асосноккунии андозаи корхона ва фабрикаи ғанигардонии маъдан;

– асосноккунии сатҳи махсусгардонӣ ва тамаркузкунии корхона;

– ҳисобкунии самаранокии иқтисодии маблағгузориҳо ва ғ.

Интихоби минтақаи сохтмони корхона ва коргоҳҳои ёрирасони он дар асоси маҳаки хароҷотҳои минималӣ барои сохтмон ва муҳлатҳои камтарини азхудкунии иқтидори лоиҳавӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми муайян намудани нуқтаи ҷойгиркунии корхонаи соҳавӣ ба инобат гирифтани омилҳои он низ муҳим мебошад.

Дар асоси муқоисакунии вариантҳои асосноккунии ҷойгиркунии корхонаҳои кӯҳӣ ва дигар соҳаҳои коркардкунанда қайд кардан мумкин аст, ки дар саноати коркардкунанда корхонаҳо бо дар назардошти ҳаҷми бозори фурӯш, сатҳи даромади аҳолӣ дар минтақа, масофа ба сарчашмаҳои захираҳои истеҳсолӣ ва бозори фурӯш, анъанаҳои маҳаллӣ ва дигар омилҳо ҷойгир карда мешаванд. Ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақа бевосита бо дар назардошти мавҷудияти конҳои канданиҳои фоиданок суръат мегирад. Яъне дар минтақаҳое, ки дар он ҷо конҳои канданиҳои фоиданок вуҷуд надоранд, имконияти ҷойгир намудани корхонаҳои истихроҷи маъдан ғайриимкон мегардад.

Вобаста ба хусусияти хобиш ва ҷойгиршавӣ захираҳову шароитҳои табиӣ суръати рушди иқтисодии минтақаро суст ё суръатнок мегардонанд. Дастрасӣ ва сатҳи пасти мураккабии азхудкунии конҳои канданиҳои фоиданок ба рушди суръатноки истеҳсолоти неъматҳои моддӣ мусоидат менамояд. Баръакс, сатҳи баланди меҳнатғунҷоиши азхудкунии конҳои канданиҳои фоиданок ва ё дурдастии онҳо аз марказҳои рушд ва саноат суръати рушди минтақа ва самаранокии истеҳсолотро коҳиш медиҳад.

Корхонаҳои истихроҷи маъдан як қатор хусусиятҳои хоси худро доранд:

– предмети меҳнати захираҳои табиӣ, ки аз қаъри замин аз ҷониби корхонаи мазкур истихроҷ карда мешаванд, ба шумор мераванд;

– муҳлати амали корхонаҳои кӯҳӣ вобаста ба муҳлати коркарди кон муайян карда мешавад;

– хусусияти истеҳсолоти кӯҳӣ дар бар мегирад: мунтазам тағйир ёфтани ҷойҳои корӣ (корҳои кушодан, истихроҷкунӣ, ҷои ковиши маъдан, гузаргоҳҳо, нуқтаҳои боркунӣ ва ғ.) ва дар натиҷа тағйирёбии шароити кории марҳилаҳои гуногуни технологии корхона. Хусусияти мазкур раванди мутобиқаткунӣ ва ташкили фаъолияти истихроҷкуниро дар сатҳи назаррас мураккаб мегардонад.

– корхонаҳои кӯҳӣ бо шароитҳои мураккаб, вазнин ва хавфноки истеҳсолоту меҳнат фарқ мекунанд.

Бевосита хусусиятҳои мазкур ва дигар омилҳо ба интихоби усули коркарди кон ва иқтидори истеҳсолии корхонаи истихроҷи маъдан таъсир мерасонанд. Чӣ тавре қайд менамоянд, «… сохтори хароҷотҳои шахтаҳои анъанавии зеризаминӣ аз сохтори хароҷотҳои конҳои кушоди сатҳи баланди механиконидашуда куллан фарқ мекунад» [2, с.11].

Дар шароити муосир барои ҷойгиркунӣ корхонаҳои соҳаи истихроҷи маъдан дар минтақаҳо се хусусиятҳои хоси зарурияти рушди технологии онҳо исботи худро ёфтаанд,

ки дар навбати худ бо баъзе муаммоҳои дар соҳаи мазкур мавҷудбуда алоқаманд мебошанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Асосноккунии зарурияти ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақа**

| № б/т | Сарчашмаи ташаккулёбии масъалаҳои соҳавӣ дар минтақаҳо | Масъалаҳои бо ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои истихроҷи маъдан алоқамандбуда |
|---|---|---|
| 1 | Камшавӣ ва ё тамомшавии захираҳои канданиҳои фоиданок дар ноҳияҳои аз лиҳози соҳаи истихроҷи маъдан рушдкарда | Дигаргунсозиҳо дар азхудкунии конҳои нави канданиҳои фоиданок дар минтақаҳое, ки шароитҳои мураккаби табиӣ ва кӯҳию геологӣ доранд, инчунин сатҳи пасти рушди инфрасохтор, норасогии кадрҳо, сарчашмаҳои энергия ва истеҳсолоти ашёи минералии ибтидоӣ коркардкунанда |
| 2 | Пастшавии сифати канданиҳои фоиданок, ки дар натиҷаи барои истеҳсоли 1 тонна консентрат ҳаҷми зиёди маъдан истифода мешавад | Ҷамъ шудани ҳаҷми зиёди партовҳои ғанигардонӣ ва металлургӣ. Таъсири манфӣ ба вазъи экологии минтақа |
| 3. | Афзоиши чуқурии хобиши маъдан дар конҳои канданиҳои фоиданок | Рӯйпӯш намудани афзоиши энергоғунҷоиш ва захираӯунҷоиши истеҳсолоти кӯҳӣ дар асоси азнавсозии таҷҳизотҳои моддӣ ва маънавӣ хӯрдашуда, технологияи омодасозии маъдан ва ғанигардонӣ, инчунин такмилдиҳии параметрҳои равандҳои технологӣ, тарҳи корҳои кушодан ва модели коркард намудани кон |

Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои хоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои истихроҷи маъдан модели зерини назариявию методии масъалагузорӣ дар самти ҷойгиркунии корхонаҳои нав ва рушди корхонаҳои амалкунандаро ташаккул додан мумкин аст.

**Ҷадвали 2. Модели назариявию методии асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои нав ва рушди корхонаҳои амалкунанда**

| | |
|---|---|
| I. Таҳияи стратегияи дарозмуддат оид ба ҷойгиркунӣ ва рушди инноватсионӣ-технологӣ | Таҳлили маълумотҳои кӯҳию геологӣ оид ба ҳаҷм, сифат ва ҷойгиршавии фазоии кандаҳои фоиданоки асосӣ ва ҳамроҳ |
| | Асосноккунии сифат бо дар назардошти нишондиҳандаҳои муқаррарграштаи сифатии канданиҳои фоиданок ва талаботи бозори ватаниву хориҷӣ ба маҳсулоти молӣ |
| | Муайян намудани сарҳади корҳои кушоди кӯҳӣ ва корҳои зеризамии куӯҳӣ; муайян намудани истифодабарии пасеҳам, мувозӣ ва ё якҷоя |
| | Асосноккунии ҳаҷми истихроҷ ва номенклатураи маҳсулоти молӣ ҳамчун замина барои коркард ва қабули қарорҳои идоравӣ ҷиҳати рушди технологӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ дарояндаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат |
| II. Коркарди модели ҷоргиркунии фазоӣ ва рушди корхонаи кӯҳӣ | Татқиқи реҷаи корҳои кӯҳӣ дар робита бо ташаккулёбии ҳудуди корӣ ва рушди корҳои кӯҳӣ, ки барои идоракунии сифати ашёи истихроҷшаванда замина муҳайё месозад |
| | Аудит ва таҳлили сохтори парки таҷҳизотҳо ва дар асоси онҳо азнавсозии мошину механизмҳои амалкунанда, инчунин воридкунӣ ва истифодабарии мошину механизмҳои нав |

<table>
<tr><td></td><td>Оқилонагардонии маҳакҳои равандҳои технологӣ ва таъсири мутақобили онҳо дар шароити муайяни фаъолияти истихроҷи маъдан</td></tr>
<tr><td rowspan="3">III. Коркарди маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию техникӣ ва идоравӣ бо мақсади раҳо ёфтан аз ҳолатҳои бӯҳронӣ ва ё пешгирии онҳо</td><td>Асосноккунии усулҳои ҷамъоварӣ ва идоракунии тамоми намудҳои захираҳои корхона (маҳсулоти молӣ, молия, таҷҳизотҳо, маводҳо ва ғайраҳо)</td></tr>
<tr><td>Таҳлили техникӣ-технологии сохтори ташкилии истеҳсолоти кӯҳӣ ва дарёфти омилҳои ба коҳишдиҳии хароҷотҳои ҷорӣ ва ё даромаднокӣ монеагикунанда, инчунин бехатарии бурдани корҳоро таъминкунанда</td></tr>
<tr><td>Таҳлили умумии қарорҳои идоравӣ ва мувофиқаткунии силсилавии унсурҳо ва зерсилсилаҳои корхонаҳои кӯҳӣ ҳамчун силсилаи ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ ва ғайраҳо</td></tr>
</table>

Ҳангоми интихоби варианти ҷойгиркунии корхонаи истихроҷкунанда хусусиятҳои хоси соҳавӣ ба назар гирифта мешаванд, ки дар бар мегиранд:

– ҷойгиршавии минтақавии конҳои канданиҳои фоиданок, ки дар минтақаи мазкур ҷойгиркунии корхонаи нав ба назар гирифта мешавад;

– омилҳои кӯҳию геологӣ: ҳаҷми захираҳо, чуқурии хобиш, мавҷудияти об, сахтии ҷинсҳои кӯҳӣ, иқтидори қабатҳо, хусусияти ҷойгиршавии онҳо, сифати маъдан ва монанди онҳо;

– имкониятҳои энергетикӣ ва нақлиётии минтақаи ҷойгиркунии корхонаи истихроҷи маъдан;

– масофа дар байни корхонаи истихроҷи маъдан ва таъминкунандагони захираҳои молию моддӣ;

– масофа дар байни макони ҷойгиршавии корхона ва макони истеъмоли пешбинишудаи маҳсулоти он, инчунин сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти мазкур дар макони фурӯши он;

– самаранокии иқтисодии эҳтимолпазири кори корхонаҳои истихроҷи маъдан;

– самаранокии эҳтимолпазири воситаҳои молиявӣ, ки барои ташкили корхонаҳои кӯҳӣ ва фаъолияти онҳо зарур мебошанд.

Ҳамин тавр, асосноккунии иқтисодии ҷойгиркунии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар минтақа барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти онҳо таъсири худро гузошта, рушди ояндаи онро нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Мелешко Ю. В. Специфика горной промышленности как вида экономической деятельности // Экономическая наука сегодня. 2020. Выпуск 11. С. 105-116.
2. Обзор горнодобывающей промышленности. 2018. Время соблазнов [Электронный ресурс] // PricewaterhouseCoopers. – Режим доступа: https://www.pwc.ru/ru/industries/mining-and-metals.html. – Дата доступа: 02.02.2023.
3. Чжан Чи, Заернюк В.М. Экономическое обоснование подхода к формированию механизма устойчивого развития предприятий золотодобычи // Историко-экономические исследования //.2020. Т. 21, № 3. С. 380–404.

УДК: 165.1;657.01

**Неъмонов Ҷ.М., Мирзоалиев А.А.**

## ҚОНУНҲОИ ФАЛСАФА ВА РУШДИ НАЗАРИЯИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ: ДАЛЕЛИ РОБИТА

Дар мақола мавҷудияти заминаи фалсафии ташаккул ва рушди илми муҳосибӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, амали қонунҳои фалсафӣ дар амалияи баҳисобгирӣ равшан карда шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки баҳисобгирӣ ҳамчун илми алоҳида ва махсуси иқтисодӣ инчунин дар рушди афкори фалсафӣ дар раванди инкишофи худ таъсири муҳим расонида, бо ин васила далели муносиби воқеъияти объективии қонунҳои фалсафа мебошад. Дар мақола инчунин, далелҳои ҳаёти иқтисодӣ дар диалектика ва дар асоси қонунҳое, ки дар низоми баҳисобгирӣ амал мекунанд, баррасӣ карда мешаванд.

**Вожаҳои калидӣ**: қонун, фалсафа, диалектика, баҳисобгири муҳосибӣ, адолат, шаффофият, рушди зеҳнӣ.

**Неъмонов Дж.М., Мирзоалиев А.А.**

## ЗАКОНЫ ФИЛОСОФИИ И РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА: ДОКАЗАТЕЛЬСТВА СВЯЗИ

В статье рассматривается существование философской основы становления и развития бухгалтерской науки, а также выясняется применение философских законов в бухгалтерской практике. Установлено, что бухгалтерский учет как отдельная и особая экономическая наука также оказывает важное влияние на развитие философской мысли в процессе ее развития, тем самым являясь подходящим доказательством объективной реальности законов философии. В статье также рассматриваются аргументы экономической жизни в диалектике и на основе законов, действующих в системе учета.

**Ключевые слова:** право, философия, диалектика, бухгалтерский учет, справедливость, прозрачность, интеллектуальное развитие.

**Nemonov J.M., Mirzoaliev A.A.**

## LAWS OF PHILOSOPHY AND DEVELOPMENT OF ACCOUNTING THEORY: EVIDENCE OF CONNECTION

The article examines the existence of a philosophical basis for the formation and development of accounting science, and also clarifies the application of philosophical laws in accounting practice. It has been established that accounting as a separate and special economic science also has an important influence on the development of philosophical thought in the process of its development, thereby being a suitable proof of the objective reality of the laws of philosophy. The article also examines the arguments of economic life in dialectics and on the basis of laws operating in the accounting system.

**Key words:** law, philosophy, dialectics, accounting, justice, transparency, intellectual development.

**Гузориши масъала.** Фалсафаи баҳисобгирии муҳосибӣ асоси консептуалии таҳия ва аудити ҳисоботи молиявӣ ва ҳисобҳо мебошад. Масъалаҳое, ки ба миён меоянд, мушкилоти эҷоди арзиши ҳақиқӣ ва одилонаи сифати корхона ва дороиҳои он; асоси ахлоқии ошкор ва ихтиёр; стандартҳо ва қонунҳое, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои сиёсати сармоягузорон, кормандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор заруранд, дарбар мегиранд.

Интизоми баҳисобгирӣ таъкид мекунад, ки шаффофият имконпазир аст. Адолат дар амалияи муҳосибӣ нақши калон мебозад. Аз ин рӯ, дуруст ба назар мерасад, ки фалсафа ҳамчун як роҳи муносиби дарки ҳақиқат ва адолат дар муҳосибот мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бархе аз муаллифон аллакай нақши калидии фалсафаро дар баҳисобгирии муҳосибӣ, аз қабили адолати иҷтимоӣ, шуури ахлоқӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва ғайра таъкид кардаанд. Ҳамин тариқ, мафҳумҳое чун ростқавлӣ, инсоф, адолат ва ростӣ дар илми муҳосибӣ мавқеи муносиб доранд.

Назарияи универсалии муосири инкишофи ҳама чиз (вуҷуд, материя, шуур ва ғайра), ки эволютсияи онро дар қонунҳо, категорияҳо ва принсипҳои худ ба таври кофӣ инъикос менамояд, диалектика (санъати сӯҳбат - юнонӣ) мебошад.

Диалектика фаҳмиши ҷаҳон ва тарзи тафаккурест, ки ба туфайли он падидаҳо, ашёҳо, чизҳои гуногун тавассути гуногунии робитаҳо, таъсири мутақобилаи хосиятҳо ва майлҳои ба ҳам мухолиф, дар равандҳои тағйирот ва рушд баррасӣ мешаванд [2, с. 210]. Он дар қонунҳои худ ифода меёбад. Аз ин ҷост, ки ҳамаи далелҳои ҳаёти хоҷагӣ, ки дар баҳисобгирӣ инъикос ёфтаанд ва робитаҳои гуногун доранд, дар раванди муомилоти сармоя тағйир ва инкишоф меёбанд. Далелҳои ҳаёти иқтисодӣ дар диалектика ва дар асоси қонунҳое, ки дар низоми баҳисобгирӣ амал мекунанд, баррасӣ карда мешаванд.

Қонун робитаи объективӣ, умумӣ ва муҳими байни падидаҳо ва ашёҳо мебошад, ки ба он устуворӣ ва такроршавандагӣ хос аст [1, с.16]. Беназирии қонунҳои фалсафӣ дар имконияти татбиқи онҳо ба ҳар як объект ва самарабахшии он ҳо дар ҳар як соҳа ва илми мушаххас, азҷумла дар баҳисобгирӣ зоҳир мегардад. Мазмуни қонунҳои фалсафӣ ба категорияҳои фалсафӣ асос ёфтааст, ки онҳо мафҳумҳои умумии фардии тафаккур буда, умумият ва универсалии сохти онҳоро муайян мекунанд. Аммо на ҳама қонунҳои фалсафа ин хусусиятҳоро доранд. Дар фалсафа қонунҳоро аз рӯи доираи онҳо ба қонунҳои мушаххас тасниф мекунанд, ки танҳо ба шаклҳои муайяни ҳаракати материя хосанд (қонунҳои механика, химия, биология ва ғайра); қонунҳои умумие, ки ба ҳама ё бисёр шаклҳои ҳаракати материя хосанд (қонунҳои математика, кибернетика, қонунҳои бақошавӣ); қонунҳои умумибашарӣ (қонунҳои диалектика). Қонунҳои умумиро фалсафа меомӯзанд, ки ба ҳамаи соҳаҳо, ашё ва падидаҳои воқеият дахл доранд. Се чунин қонун мавҷуд аст ва онхо ба саволхои мухимтарини тараққиёт пайваста ҷавоб медиҳанд: Чаро? Чӣ хел? Дар кадом самт рӯй медиҳад?

Диалектика ба се қонуни асосии универсалӣ – қонуни гузариши ҳамҷояи тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ, қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо ва қонуни инкори инкор такия менамояд. Онҳо ҳамчун қонунҳои универсалии диалектикӣ маълуманд, зеро дар табиат, ҷомеа ва тафаккур амал менамоянд. Қонунҳои диалектикӣ мазмуни объективӣ дошта, вазифаи гносеологиро иҷро менамоянд: ба сифати зинаҳои воридшавӣ ба моҳияти инкишоф, такрористеҳсоли он дар умумияти объективии мушаххас аз инъикоси рушд ҳамчун тағйирёбии сифатӣ то тавзеҳи зиддияти моҳият ҳамчун равандаи ягонагии тағйирот ва ҳифзи он ҳамчун зиддият, ки дар шакли болоравии муттассил аз поён ба боло ҳал мегардад, баромад менамоянд [2, с .212].

Итоат ба қонунҳои аз ҷумла эътирофшудаи фалсафа имконияти иҷроиши доираи муайяни вазифаҳои соҳибмулкро ба туфайли баҳисобгирӣ фароҳам меоварад, аз ҷумла:

– қобилияти савол додан, баррасии парадоксҳо, алтернативаҳо, зиддиятҳо (таърифи мушкилотсозӣ);

– қобилияти ташкили таванди тафаккур;

– амалисозии гузариш аз тахлили семантикӣ ба консептуалии мафҳумҳо (имконияти таъриф) [1, с. 49].

Ҷудо кардани доираи муайяни вазифаҳо ба он асос ёфтааст, ки баҳисобгирӣ на ҳамеша ба саволҳои алоҳидае, ки одам дучори он мегардад, ҷавобҳои тайёр дода наметавонад, балки шаклу усулҳо ва тарзҳои тафаккурро мисол меорад, ки ба ӯ барои мустақилона ҳал намудани ин масъалаҳо имконият медиҳад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқ ташаккули заминаи иловагии назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷиҳати дарки ҳавасмандӣ ва усулҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо роҳи лоиҳабандии қонунҳои асосии диалектика дар он иборат аст.

**Вазъи таҳқиқи мушкилот.** Бисёре аз олимон, азҷумла Соколов Я.В., Пятов М.Л., Плотников В.С., Хендрексен Э.С. ва дигарон кӯшиш карда буданд, ки алоқаи қонунҳои диалектикиро бо низоми баҳисобгирӣ муайян кунанд. Саҳми муаллифонро дар ин ҷода кам накарда, дар ин таҳқиқот зарурати ба низом даровардани натичахои ба даст овардашуда ва ҷустуҷӯи мувофиқатҳои навро барои васеъ намудани заминаи назариявии илми баҳисобгирӣ зарур мешуморем.

**Муаррифии маводи асосии тадқиқотӣ.**

***Қонуни ягонагӣ ва мубориза ба ҳам зидҳо***. Гераклит инчунин қайд кардааст, ки ҳама чиз дар ҷаҳон аз муқобил иборат аст. Муборизаи онҳо маънои ҳар чизе ё равандро муайян мекунад. Ин зиддиятхо дар як вакт амал карда, холати шиддатнокро ташкил медиханд, ки он мувофиқати дохилии ашёро муайян мекунад. Гераклит ин тезисро бо мисоли машҳури камон шарҳ медиҳад.

Ҳарду нӯги камоншакли камон кӯшиш мекунанд, ки рост шаванд, аммо риштаи камон онҳоро мустаҳкам мекунад ва ин шиддати мутақобила ягонагии баландтарро ташкил медиҳад. Гегел дар як вакт таъкид карда буд, ки хар як чизи олам факат хамон вакт хаётбахш аст, ки агар вай зиддиятхоро дарбар гирифта, ба онхо тоб оварда тавонад.

Маълум аст, ки зиддиятхо тамоми сохахои мавҷудиятро (табиат, ҷамъият, соҳаи маънавӣ) фаро мегиранд, гарчанде, ки дар ҳар кадоми онҳо ба таври махсус зоҳир мешаванд. Ин қонун дар асосҳои заминавии баҳисобгирии муҳосибӣ низ зоҳир мегардад, ки он ҳам ба зиддиятҳо асос ёфтааст.

Азҷумла, зуҳуроти қонуни мазкур дар баҳисобгирӣ бо амали принсипи навишти дутарафа, ки дорои табиати мутақобила буда, дар зиддияти дебет ва кредит ҳамчун инъикоси далелҳои ҳаёти хоҷагии корхона дар баҳисобгирӣ тавсиф меёбад, баръало зоҳир мегардад. Онҳо амалиётҳои комилан ба ҳам мутақобил (дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳоро аз рӯи ҳисоб) сабт намуда, на танҳо ҳамдигарро истисно менамоянд, балки боз мавҷудияти ҳамдигарро далелнок месозанд (зеро бе қайди дохилшавӣ хориҷшавӣ ҷой нахоҳад дошт).

Профессор М.Л. Пятов зуҳуроти ин қонунро дар баҳисобгирӣ исбот намуда, чунин мешуморад, ки барои ноилшавӣ бар ягонагии баҳисобгирӣ, яъне иҷроиши сифатноки вазифаҳо баҳодиҳӣ бояд бо усулҳои ягона амалӣ гардонида шуда, натиҷаҳои мувофиқ ба даст оянд. Бо сабаби ақидаҳои субъективии мутахассиси алоҳида ин ҳамаро ба даст овардан ғайриимкон аст, аз ин рӯ, субъекти баҳисобгирӣ бояд ба асосҳои танзими он муроҷиат намояд [7, с. 172].

Қонуни ягонагӣ ва мубориза ба ҳам зидҳо дар ин маврид дар он зоҳир мегардад, ки манфиатҳои моддии соҳибмулк ва манфиатҳои андозии давлат дар баҳисобгирӣ заминаи рушди назария ва амалияи онро ташаккул медиҳанд, чи гунае, таърихи муҳосибот шаҳодат медиҳад. Маҳз талаботи рушди тиҷорат дар асрҳои XV-XVI аввалин таълимоти умумии иқтисоди сиёсӣ (сатхи макро) - меркантилизм ва аввалин асари мукаммали баҳисобгирии муҳосибии Лука Пачоли «Рисола оид ба ҳисобҳо ва навиштҳо»-ро ба вуҷуд овард. Ин қонуни диалектикӣ бо тағйир додани самтҳои мақсадӣ ва муносибати истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирӣ тадриҷан, вале устуворона ба мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташаккули методологияи он таъсир расонд.

Ҳамин тавр, ҳамаи баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз), ки низоми ягонаи баҳисобгирӣ буда, ба инъикоси далелҳои ҳаёти иқтисодӣ нигаронида шудааст, дар як вақт ҳамчун зиддиятҳо нисбат ба ҳамдигар амал мекунанд. Охир, асоси пешбарии баҳисобгирӣ ҳифзи молу мулки соҳибмулк мебошад, ки барои ин соҳибмулк баҳисобгирии муҳосибиро ташкил менамояд, ва баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкуниҳои андозӣ аз як тараф хориҷшавии моликият ва аз тарафи дигар муҳофизатро аз

зарар (дар ҳолати ҳисобкунии ҷаримаҳо ва ноустувориҳо) пешбинӣ менамоянд. Ин боиси ихтилофи дохилии низоми муҳосибот мегардад, ки ба рушди он мусоидат менамояд. Дар ин ҷо истилоҳи «мубориза» таъсири мутақобилаи зиддиятҳоро дар назар дорад, ки натиҷаи он пайдоиши манбаъи имманентии инкишофи он мебошад. Дар акси хол инкишофи минбаъдаи низоми баҳисобгирӣ катъ мегардид.

Мисоли дигари зоҳиршавии қонуни ягонагӣ ва ба мубориза ба ҳам зидҳо ҳамзистии моликият (дороиҳо) ва манбаъҳои пайдоиши онҳо (сармоя) мебошад, ки моҳиятан ба ҳам мухолиф буда, танҳо аз ҷиҳати ягонагӣ низоми мукаммали баҳисобгириро ташкил дода, дар як вақт ба таври иттилоотӣ мавҷудияти тағйирёбии вазъи хоҷагидориро дар сатҳи корхона таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ, ҳамаи маҷмӯи объектҳои баҳисобгирӣ аз категорияҳои аз ҷиҳати мазмун ва моҳият ба ҳам зид – моликияти корхонаи ба он тааллуқдощта ва муносибатҳои иқтисодӣ бо шахсон оид ба манбаъҳои дохилшавии моликияти мазкур иборат аст. Ягонагии ин зиддиятҳо асоси тамоми низоми баҳисобгирй ё ду зернизомро ташкил медиҳад, ки онҳо бе ҳамдигар кор карда наметавонанд ва таъсири мутақобилаи онҳо ҷараёнҳои иқтисодиеро ба вуҷуд меоваранд, ки инкишофи худи корхонаро тақозо мекунад.

Дар мувозинат бо мисоли боло қонуни ягонагӣ ва мубориза ба ҳам зидҳо боз дар чунин категорияҳо ба мисли даромад ва хароҷот зоҳир мегардад.

Натиҷаи молиявӣ зиддияти диалектикие мебошад, ки дар он муносибати муҳими лаҳзаҳои ба ҳам муқобил (даромад ва хароҷот) дар дохили объект ҳамчун низоми инкишофёбанда ифода ёфтааст. Ва дар он ягонагии хоси ин лаҳзаҳо ба амал омада, ин низомро як кулли худмуҳаррик месозад. Мутобиқати мазкур дар заминаи принсипи баҳисобгирӣ – ҳисобузамкунӣ ва мувофиқати даромад ва хароҷот амалӣ мегардад. Ва ҳеҷ кас рад карда наметавонад, ки даромад мафҳуми муқобилмаъно бо хароҷот мебошад, ва дар як вақт дохилшавии даромад бе баамалбарории хароҷот ғайриимкон аст (ба ҷуз ҳолатҳои алоҳидае ба мисли ройгон воридшавии масолеҳ, ё аз бешае ба пода ҳамроҳ шудани говмеше), ва корхона хароҷотеро бо мақсади бадастоварии даромад амалӣ менамояд. Яъне, ин зиддиятҳо ҳамдигарро муайян мекунанд ва ба ҳамдигар таъсир карда, якҷоя натиҷаи молиявиро ташкил медиҳанд.

Низоми ягонаи баҳисобгирӣ низ аз ду соҳаи ба ҳам комилан мутақобил вале ҷудонашавандаи фаъолият – назария ва амалия ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ назарияи «хушк»-и дар амалия истифоданашаванда маъное надорад, ва дар як вақт амалияи пешбарии баҳисобгирӣ бе истифодаи донишҳои назариявӣ ва коркардҳои илмӣ ғайриимкон аст. Назария равшанкунандаи роҳи амалия аст, ва ин фарзия ҳақиқати бедалел хоҳад монд. Дар ин маврид рушди назария ва амалияи баҳисобгирӣ зуҳур меёбад: бо ҳамдигар омезиш ёфта, зиддиятҳои мазкур рушди минбаъдаи баҳисобгириро ҳосил менамоянд – амалия мушкилоти баҳисобгириро ба миён меоварад, ки бо шарофати таҳқиқоти назариявӣ ҳалли худро меёбанд, ва натиҷаҳои чунин таҳқиқот ба амалияи баҳисобгирӣ барои такмили он татбиқ мегарданд.

Ба ҷуз ин, баҳисобгириро ҳамчун ягонагӣ ва муборизаи ҷанбаҳои илмӣ ва бадеӣ метавон арзёбӣ кард, зеро он ҳамзамон ҳамчун як соҳаи фаъолияти илмӣ, низоми дақиқ танзимшаванда амал карда, аз тарафи дигар ба муҳосиб имкон медиҳад, ки тавассути истифодаи тафаккури касбӣ, сиёсати баҳисобгирӣ ва муносибгардонии андозӣ ҳамчун наққош ё меъмор (ақидаи шодравон Шобеков М.) баромад кунад. Дар ягонагӣ ин тарафҳои ба ҳам зид моҳияти баҳисобгириро ташаккул медиҳанд.

Амали қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳоро дида истода, дар баҳисобгирии муҳосибӣ бояд принсипи саривақтиро зикр кард. Принсипи саривақтӣ сифати муҳими иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро, ки бо муфид будани он барои қабули қарор, то аз байн рафтани қобилияти таъсири он алоқаманд аст, ошкор менамояд. Агар маълумот барои қабули қарор муфид бошад, он бояд сари вақт пешниҳод гардад. Саривақтӣ кафолати муфидиятро намедиҳад, вале муфидият бе саривақтӣ имконнопазир аст [6, с. 361]. Ҳамин тариқ, дар баҳисобгирии муҳосибӣ категорияҳои «саривақтӣ» ва «муфидият» бо ҳам

мухолифанд, вале танҳо дар якҷоягӣ низоми баландсифати пешниҳоди иттилоотро ташкил медиҳанд.

Сифати иттилооти гирифташуда низ бояд бо воситаҳои ба даст овардани он муқоиса карда шавад. Ҳамин тавр, принсипи баҳисобгирӣ- оқилият иҷрои қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳоро низ пешбинӣ мекунад. Охир, баҳисобгирӣ бояд ба истифодабарандагони худ маълумоти саҳеҳтаринро пешкаш намояд, аммо ноил шудан ба амиқияти мутлақ бо ду сабаб имконнопазир аст [3, с. 174]:

– аввалан, хароҷоти ба даст овардани он дар лаҳзаи муайян аз самараи истифодаи чунин маълумот дар оянда зиёд мешавад;

– дуюм, фаъолияти иқтисодӣ яке аз ҷиҳатҳои сохтори дунёст, ки онро аз рӯи мафхум бо амиқияти мутлақ наметавон донист, тавсиф намуд ва ифода кард, зеро он гоҳ беканории олам ва ҷузъҳои алоҳидаи он инкор карда мешавад. Ҳамин тариқ, сифати иттилооти муҳосибӣ ва ҳадалимкон ихтисор намудани хароҷоти бадастории он ба ҳамдигар мухолиф буда, дар ягонагӣ низоми муносиби баҳисобгириро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, ягонагии зиддиятҳо амалан дар ҳамаи падидаҳои ҳаёти иқтисодӣ, ки аксарияти мутлақи онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ инъикос ёфтаанд зоҳир меёбад, ки аз ҷониби илм истифода шудани категорияҳои ҷуфтиро нишон медиҳад. Яъне зиддиятҳо фишанги дохилии инкишофи баҳисобгирӣ дар оянда мегарданд.

***Қонуни гузариши ҳамҷояи тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ***. Тағйироти сифатии дар олами объективӣ бавуҷудоянда танҳо дар заминаи тағйироти миқдорӣ амалӣ мегарданд. Миқдор нест- сифат ҳам буда наметавонад – чунин аст принсипи баҳисобгирӣ. Аммо ин гузариш ҳамҷоя аст. «Тағйирёбии ҳастӣ, чӣ хеле Гегел навиштааст, - ин на танҳо гузариши як бузургӣ ба дигар, балки боз гузариши сифатӣ ба миқдорӣ ва баръакс». Ҳамаи ин дар илми муҳосибӣ низ баръало зоҳир мегардад.

Барои муайян кардани моҳияти зуҳурот ва амали қонуни ба ҳамдигар гузаштани тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ категорияҳои асосии онро ошкор кардан лозим аст. Миқдор категорияи фалсафӣ мебошад, ки параметрҳои ашё, падида ё равандро инъикос мекунад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо воҳидҳои ченак (натуралӣ, пулӣ, меҳнатӣ) мебошанд. Сифат ин итминони дохилии ашё ва ходисаҳо, маҷмӯи хусусиятҳо ва ҷиҳатҳои асосии онҳо мебошад, ки онҳоро предмету ҳодисаҳои муайян месозад [1, с. 65]. Масалан, 100 грамм шароби аълосифат.

Қонуни гузариши тавсифоти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ таъсири тадриҷии илмро ба амалияи пешбарии баҳисобгирӣ пешбинӣ менамояд. Яъне, ҳар қадаре корҳои илмии босифат ва мубрам оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ зиёд нашр гарданд, ҳамон қадар тағйирот дар методология ва ташкили пешбарии баҳисобгирӣ назаррас мегардад.

Боз як мисолеро дар сатҳи расмиётии илми алоҳида бо тасвири усули баҳисобгирӣ ба мисли барӯихатгирӣ овард. Ҳар қадаре барӯихатгириро корхона бештар гузаронад, ҳамон қадар иттилооти ҷамъбастӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ босифат ва муфид мегардад.

Зуҳуроти ин қонунро дар баҳисобгирӣ метавон дар мисоли тағйирёбии гардишҳо дар ҳисоби муҳосибӣ, ки дар охир ба тағйирёбии сифатии бақия оварда мерасонанд, нишон дод (Расми 1.).

Ҳамин тавр, тасвири миқдори амалиёт дар баҳисобгирии муҳосибӣ нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти онро ташаккул медиҳад. Ва нишондиҳандаҳои нави сифатиро, дар навбати худ, ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ тақсим кардан мумкин аст. Яъне бо таҳлилу синтез қиёс вуҷуд дорад.

Назари ҳамаҷонибаи амали қонуни мазкурро бо таваҷҷӯҳ ба мутақобилаи гузариш метавон дар раванди ҷамъшавии хусусиятҳои микдорӣ, ки якҷоя ба сифатӣ табдил меёбанд, мушоҳида кард. Баъд аз ин, нишондиҳандаҳои сифатӣ, ки дар миқдори муайян ҷамъ мешаванд, ба нишондиҳандаи нави сифат мубаддал мешаванд (агар онро методологияи баҳисобгирии захираҳои корхона пешбинӣ карда бошад).




**Расми 1. Қонуни гузариши ҳамҷояи тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирӣ**

Аз ҷумла, самараи тавсифшудаи ин конунро дар раванди ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти тайёр мушоҳида кардан мумкин аст. Бо доштани миқдори муайяни нишондиҳандаҳои хароҷот барои истеҳсоли он нишондиҳандаи сифатӣ – арзиши аслӣ ташаккул меёбад.

Хамин тавр, мо дар раванди хариду фурӯши захираҳо ҳамин намуд нишондиҳанда дорем.

Ва маҷмӯи тавсифномаҳои якхелаи сифатии даромаду хароҷоти дигар нишондиҳандаи нави сифатӣ — маҷмӯи пулиро ба миён меоваранд. Зиёда аз он, дар ин марҳила амали қонун ба охир намерасад, зеро мумкин аст, ки шумораи натиҷаҷои молиявии корхонаро дар давраи муайян ё натиҷаҳои молиявии корхонаҳои соҳаҳои алоҳида барои ба вуҷуд овардани нишондиҳандаҳои нави сифатӣ, ки тамоюли муайян ё таносуберо тавсиф менамоянд, мусоидат намоянд. Аммо дар ин ҷо мо бояд муҳокимаи субъективии шахсеро, ки маълумотро дар бораи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ тавлид мекунад, ба назар гирифт.

Таъсири қонуни мазкур дар баҳисобгирии муҳосибӣ инчунин принсипи мутаассилияти истифодаи сиёсати баҳисобгирииро дар назар дорад, ки чунин хусусияти сифатии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, ба монанди муфидияти онро таъмин менамояд. Баъд аз ҳама, муфидияти иттилоот вақте меафзояд, ки он дар шакли муқоисавӣ пешниҳод карда мешавад. Яъне, шумораи давраҳои ҳисоботӣ, ки дар он сиёсати ягонаи баҳисобгирӣ татбиқ карда мешавад, боиси сифати иттилооти пешниҳодшуда мегардад, ки пешгӯиҳо ва қабули қарорҳоро имкон медиҳад.

Ҳисоботдиҳӣ ҳамчун унсури усули баҳисобгирӣ инчунин ба сифати намунаи татбиқи қонуни ба ҳамдигар гузаштани конфигуратсияҳои миқдорӣ ба конфигуратсияҳои сифатӣ хизмат карда метавонад. Худи ҳисоботдиҳӣ дар ин ҳолат ҳамчун нишондиҳандаи сифатӣ баромад мекунад, ки дар асоси миқдори муайяни амалиёти хоҷагӣ, ҳуҷҷатҳои аввалия, гардиши ҳисобҳо ва сабтҳо дар китобҳои муҳосибӣ ташаккул меёбад.

Чунин мисолҳоро бисьёр овардан мумкин аст: маҷмӯи воситаҳои истехсолот нишондиҳандаи сифатии моликияти моддиро ташкил дода, миқдори муайяни ин гуна нишондиҳандаҳои дараҷаи олӣ дар маҷмӯъ нишондиҳандаи нави сифатӣ- дороиҳоро ташкил медихад. Ғайр аз ин, қонуни мазкур дар таҳлили омилҳои маълумоти муҳосибӣ низ зуҳур менамояд. Аз ҷумла, тағйироти миқдорӣ дар даромад нишондиҳандаи сифатии фоидаи умумиро ташкил медиҳад. Яъне, ҳар як нишондиҳандаи самарабахше, ки бо ҷамъбасти нишондиҳандаҳои миқдорӣ ташаккул меёбад, метавонад нишондиҳандаи сифатӣ бошад. Ҳамин тариқ, тамоми раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ба амали ин қонун асос ёфтааст.

***Қонуни инкори инкор***. Агар қонуни ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи ба ҳам зидҳо - сарчашма, сабаби тағйирот, ҳаракат, инкишоф, конуни гузариши ҳамҷояи тағйироти

миқдорӣ ва сифатӣ - механизми инкишофи ходисахо, механизми аз як сифат ба сифати дигар гузаштанро ошкор намояд. конуни инкор ба саволи самти инкишоф ва тавсифи он, усули робитаи дохилии дараҷаҳо, марҳилаҳои он ҷавоб медихад.

Инкор лаҳзаи раванди рушд аст, ки дар доираи он дар асоси муносибатҳои дохилӣ аз як марҳилаи инкишофи низом ба марҳилаи дигар ё гузариш аз як низом ба низоми дигар ба амал меояд. Инкор инкишофро ҳамчун раванде тавсиф мекунад, ки дар он нав кӯҳнаро инкор намуда, азз як тараф, мавҷудияти одами кӯҳнаро қатъ менамояд, аз тарафи дигар, чизи мусбат, қобили ҳаётро аз пир нигоҳ дошта, онро нигоҳ медорад, давомнокии рушд, робитаи байни гузашта, ҳозира ва ояндаро муайян мекунад. Инкор ҳамчун муносибати ирсият ва тағйирёбӣ амал мекунад, муносибате, ки самти муайян, пешравӣ ва пайдарпайии инкишофро муайян мекунад [9]. Хамин тавр, дар баҳисобгирӣ қонуни мазкур дар зери таъсири принсипҳои пайгирӣ ва муттасилии фаъолият амалӣ мегардад.

Мисоли чунин амал дар он зоҳир мегардад, вақте қонуни инкор инкор инкори бақияи ибтидоиро бо бақияи охирӣ ба қайд мегирад.

Дар назарияи баҳисобгирӣ қонуни мазкур инчунин дар он ҳувайдост, кия гон муҳаққиқ чизе карда наметавонад, агар ба дастовардҳои афкори илмии пешина ва ҳозира такия насозад. Ҳама як кашфиёти нав дорои мазмуни муайяни донишҳои илмии аз ҷониби инсоният тавлидшуда мебошад. Муваффакиятхое, ки бо мехнати бисьёр наслхо ба даст оварда шудаанд, меросе мебошанд, ки онхо донишҳои наверо тавлид менамоянд. Бидуни дониши гузашта имрӯзро паймоиш кардан ва ояндаро пешбинӣ кардан ғайриимкон аст.

Ин қонунро дар П-М-П' –и марксистӣ хеле равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, дар баҳисобгирии муҳосибӣ мо мебинем, ки пуле, ки ба фаъолият гузошта шудааст, ба маҳсулоти тайёр табдил меёбад, ки аслан пули гузошташударо рад мекунад. Аммо дар рафти фурӯш ин маҳсулот ба пули нав табдил меёбад, ки дар навбати худ маҳсулотро инкор мекунад. Дар ин ҷараёни эътироз хусусияти хосе мушоҳида мешавад - он як навъ такрор, бозгашт ба гузашта, гуё даврагардӣ ба амал меояд. Вале ин такрори оддй не, балки такрори он чӣ ки руй дода буд, бо назардошти тағйироти мазмуни раванди тараққиёт ва шароити берунӣ мебошад. Ҳаракат шакли спиралро мегирад, ки дар он ҳар як гардиши нав бозгашт ва дар айни замон пешравист.

Қонуни инкори инкор инчунин дар ҷодае ба назар мерасад, ки онро профессор Е.В. Соколов ва шогирди ӯ профессор М.Л.Пятов ҳамчун сеҳрангезии (мистификатсияи) баҳисобгирӣ муаррифӣ намудаанд. Падидаи қабули иттилооти муҳосибиро аз ҷониби корбарон олимон ҳамчун мистификатсияи баҳисобгирӣ шинохтаанд. Сухан дар бораи забони махсуси баҳисобгирӣ меравад, ки бе донистани он ва омодагии мувофиқ дарки иттилооти он ғайриимкон аст. Мистификатсия дар мисоли истифодаи мафҳумҳои махсус-доройӣ, ӯҳдадорӣ, сармоя, фурӯш, харид, даромад, хароҷот, фоида, истеҳлок, ҳисобузамкунӣ, молҳо, маҳсулоти тайёр, дебиторон, кредиторон ва ғ., инчунин методологияи махсус- тавозун, ҳисобҳо, навишти дутарафа ва ғайра меравад [7, с. 324-325]. Яъне, шахсе, ки бо мафҳумҳои муҳосибӣ ошно нест, зери мафҳуми фоида мавҷудияти воситаҳои пулӣ, ва зери мафҳуми хароҷот- хориҷшавии воситаҳои пулиро дар назар хоҳад дошт, ки ба ҳақиқат наздик нест.

Муҳосиб ҳангоми тавсифи далелҳои ҳаёти хоҷагӣ маълумотро ба таври муайян рамзбандӣ намуда, воқеияти объективӣ ва дарки ахборотро аз ҷониби ашхоси бехабар аз баҳисобгирӣ инкор мекунад. Ва ҳангоми истифода аз иттилооти аслӣ дар назди корбарон масъала оид ба рамзкушоии он, ё бо забони фалсафӣ ифода кунем- инкори инкори пешина ба миён меояд.

**Хулоса.** Ҳамин тавр, дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки баҳисобгирӣ ҳамчун яке аз низомҳои бунёдии олам зери таъсири амиқи қонунҳои асосии диалектикӣ қарор дорад. Фаҳмиши зуҳуроти онҳо дар ҳисобгирӣ заминаи иловагиро барои рушди назарияи баҳисобгирӣ аз ҷиҳати дарки ангеза ва усулҳои инкишофи баҳисобгирии муҳосибӣ ба вуҷуд меорад.

## АДАБИЁТ

1. Александров Н.Н. Философия экономики. Рыночный период. — М.: Издательство Академии Тринитаризма, 2011 — 230 с.
2. Канке В.А. Философия экономической науки: Учеб. пособие. — М.: ИНФРА-М, 2009. - 384 с.
3. Кутер М.И. Введение в бухгалтерский учет: учебник. Краснодар: Просвещение-ЮГ, 2012. 512 с.
4. Ненашева И. А. Бухгалтерский учет и право, как философия жизни // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2013. – Т. 3. – С. 2571–2575. – URL: http://e-koncept.ru/2013/53517.htm.
5. Плотников, В. С. Философия бухгалтерского учета как экономической науки / В. С. Плотников, О. В. Плотникова // Учет. Анализ. Аудит. – 2017. – № 3. – С. 7-21. – EDN ZBNDRZ.
6. Пятов, М. Л. Логико-философские основания бухгалтерского баланса / М. Л. Пятов // Аудиторские ведомости. – 2016. – № 3. – С. 38-59. – EDN VPHZXD.
7. Пятов М.Л. Бухгалтерская мистика и демистификация бухгалтерского учета в работах Я.В. Соколова / М.Л. Пятов // Соколовские чтения “Взгляд из прошлого в будущее”: доклады международной научной конференции 10-11 февраля 2011 г. Том 2. – СПб.: Нестор-История, 2011. – 476 с.
8. Соколов Я.В. Основы теории бухгалтерского учета. М.: Финансы и статистика, 2000. 495 с.
9. Терентьева Т.О. Принципы бухгалтерского учета в работах профессора Я.В. Соколова / Т.О. Терентьева // Соколовские чтения “Взгляд из прошлого в будущее”: доклады международной научной конференции 10-11 февраля 2011 г. Том 2. – СПб.: Нестор-История, 2011. – 476 с.
10. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: пер с англ. / под ред. проф. Я.В. Соколова. М.: Финансы и статистика, 1997. 574 с.

**УДК: 165.1;657.01**

**Неъмонов Ҷ. М.**

## МАСОИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи масъалаҳои асосии иқтисодиву инноватсионӣ таҳлил гардида, нишонаҳои асосии сиёсати инноватсионии давлатӣ, принсипҳо, барномаҳо ва стратегияҳо баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон баъзе масъалаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақола мавқеъ ва нақши сиёсати инноватсионӣ ҳамчун самти муҳими сиёсати давлат асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, иҷтимоиёт, давлат, инноватсия, сиёсати инноватсионӣ, модернизатсия, стратегия, танзими давлатӣ, рушди иқтисодиёт, корхона.

**Неъмонов Дж.М.**

## ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируются основные экономические и инновационные проблемы, а также обсуждаются основные признаки инновационной государственной политики, принципы, программы и стратегии. При этом исследованы некоторые вопросы

инновационного развития экономики. В статье обосновано положение и роль инновационной политики как важного направления государственной политики.

**Ключевые слова**: экономика, общество, государство, инновации, инновационная политика, модернизация, стратегия, государственное регулирование, экономическое развитие, предприятие.

**Nemonov J.M.**

## ISSUES OF INNOVATIVE ECONOMY DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The main economic and innovative issues are analyzed in the article, and the main signs of innovative state policy, principles, programs and strategies are discussed. At the same time, some issues of innovative development of the economy have been investigated. The position and role of innovation policy as an important direction of state policy is justified in the article.

**Keywords:** economy, society, state, innovation, innovative policy, modernization, strategy, state regulation, economic development, enterprise**.**

Мавриди зикр аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муҳити мураккабу тағийрпазир ва душворидорашаванда масоили навовариҳо ва навгониҳо ба мисли иқтисодиёти инноватсионӣ ё ин ки иқтисоди рақамиву иқтисоди “сабз” рӯи кор меоянд. Мушкилоти асосӣ ин дар мутобиқшавист. Бояд зикр кард, ки зери мафҳуми инноватсия ҷараёни мутобиқшавии давлатҳо ба воқеиятҳо ва дастовардҳои ҷаҳони муосир фаҳмида мешавад, вақте, ки номукамалии низоми сиёси-иқтисодии мавҷудаи мамлакати муаян эҳсос мегардад ва ин низом норасоиҳо пайдо намуда, дар рушдёбӣ аз дигар давлатҳо ақиб мемонад, чунин ҳолат зарурияти ворид намудани ислоҳотҳо ва тағйиротҳо ба вуҷуд меояд.

Дар замони муосир дар бисёр мавридҳо маҳаки асосии рушди иноватсионии мамлакат ҳокимияти давлатӣ мебошад, чунки маҳз давлат стартегияҳои муҳимтарини рушди иҷтимои –иқтисодииро коркард ва амалӣ менамояд.

Баяд қайд намуд, ки вобастагӣ иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои дигар аз ҷумла дар соҳаи энергетика, дар заминаи хароб гаштани захираҳои ҷаҳонии энергетикӣ, зарурияти рушди соҳаи инноватсиониро ба вуҷуд овардаанд.

Барои рушди самти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин механизми самараноки амалисозии сиёсати инноватсионие дар тамоми самтҳои фаъолияти давлат зарур аст, ки он барои аҳоли фаҳмо бошад ва аз тарафитамоми шаҳрвандони давлат пазируфта шаванд. Инноватсия танҳо дар он маврид натиҷа хоҳад дод, ки агар он асоси идеологии устуворе дошта бошад, ки ба ананаҳо, арзишҳои таърихива фарҳангӣ миллат такя намуда, моҳият ва зарурияти рушди иноватсионии давлатро иникос кунанд.

Иқдомҳои давлати доир ба инноватсия дар таҳияи механизмҳои сиёсати инноватсионӣ ва тартиби амали намудани онҳо зоҳир мегардад. Бо ҳамин мақсад 16 апрели соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» қабул гардид[1], ва 30 май соли 2015 стратегия рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2020[2]аз тарафи давлат тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки имруз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонба самти инноватсионӣ аҳамияти махсус медиҳад, аммо бояд қайд намуд, ки танҳо тавасути усулҳои идоракунӣ муҳити иноватсиониро ташакул ва рушд додан гайриимкон аст. Вазифаи асосии давлат дар самти инноватсия дар он аст, ки тавасути воситаҳои инноватсионӣ муҳити инноватаисониеро ташакул диҳад, ки дар он тамоми тарафҳои манфитадор имконияти иштирок намудан дар амалисозии як мақсади умуми дошта бошанд.Аммо чи тавре таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад фаъолияти иноватсионии дар тиҷорат ва сармояҳои соҳибкоронӣ алоҳида барои ташаккули самтҳои илмҳои технологӣ бе натиҷаанд, чунки бе

иштироки фаъоли давлат ташакули иқтисодиёти инноватсиони ғайримикон аст. Ғайр аз ин дар рушди инноватсия бунёди сохторҳои инноватсионӣ аҳамияти калон доранд.

Бояд қайд намуд, имруз чунин омилҳои манфӣ дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошанд:

1. Мавҷуд набудани идеологияи милли ташакулёфтае, ки арзишҳои таърихи, фарҳангӣ, ананаҳо, маросимҳои халқи тоҷикро дар бар гирифта, барои ҳар як фарди ҷомеъа фаҳмо буда, қуваву неруи ҳар як шаҳрвандро баҳри расидан ба мақсадҳои ягонаи равона гардонад. Заминаи асоси барои ташакули чунин идеология ин мавҷуд будани соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти давлат мебошад, ки манбаҳои сиёсӣва иқтисодиро мустаҳкам мегардонад.

2. Мавҷуд набудани стратегияи ягонаи байни идоравии рушдӣ инноватсия ва набудани мақомоти марказии давлатие, ки салоҳияти ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионии вазоратҳо ва идораҳои давлатиро дошта бошад. Ҳар як вазорат ва идораи давлати бароромаҳои инноватсионии худро дошта онҳоро дар алоҳидагӣ амалӣ менамоянд, ҳолати мазкур ташакули низоми таъмини сиёсати ягонаи инноватсиониро мушкил гардонда, ҳам ба исрофи вакт ва ҳам ба исрофи воситаҳои молиявӣ оварда мерасонад. Масалан дар Иёлоти муттаҳидаи Амрико чунин маркази ҳамоҳангсози сиёсати инноватсионӣ идораи сиёсати илмӣ- техникӣ мебошад, ки дар кори омода намудани буҷети илмӣ ва ҳамоҳангсозии иштирокчиёни барномаҳои асосии иноватсионӣ салоҳиятҳои васеъ дорад. Чи тавре, ки таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, таъсиси маркази ягонаи ҳамоҳангсозӣ барои амалисозии босамарӣ сиёсати иноватсионии давлат дар қисмати интихоби барномаҳои пешрафта зарур мебошад. Айни замонбошад де-юре чунин мақомоти ҳамоҳангсоз Вазорати рушти иқтисодии Тоҷикистон мебошад, аммо де-факто фаъолияти он ба саривақт супоридани ҳисоботҳои «дуруст» анҷом меёбад.

3. Аз тиҷорат ва бозор қариб пурра ҷудо будани илму инноватсия ва танҳо (барои илм) мавҷуд будани татқиқотҳои илмӣ. Набудани алоқаманди байни илм ва иқтисодиёти воқеи бинобар сабаби мавҷуд набудани шумораи зарурии тахқиқотҳои илмӣ, ва байни таҳқиқотҳои илмӣ ва амалия мавҷуд набудани робита ки ҳолати мазкур ба бозор ворид гардидани маҳсулотҳои иноватсиониро мушкил мегардонад. Низоми таълимоти Шуравӣ алалхусус бахшҳои техникӣ ва илмӣ-табии талаботҳои таъминоти кадрии самтҳои гуногунро пурра қонеъ менамуд.

4. Самаранок истифода набурдани захираҳои зеҳнӣ ва буҷавӣ. Дастгирии давлатии барномаҳое дар назар дошта мешавад, ки дар бештари давлатҳои дунё аз тарафи ташкилотҳои хусусӣва ё аз ҳисобӣ бозори ҷаҳонии иноватсия амалӣ мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои амали намудани ин бароромаҳо манбаҳои буҷавӣ хароҷот карда мешаванд.

5. Норасоии маблагузории соҳаи илм, чи аз буҷаи давлатӣ ва чи аз ҳисоби сармояҳои хусусӣ. Кам намудани сармоягузории аз буҷаи давлатӣ ба кам гаштани самаранокии корҳои ташхисгоҳҳо ва марказҳои илмӣ – таҳқиқотӣ оварда мерасонад. Чунин раванд хоси сиёсатӣ давлатҳои пешқадам намебошад.

6. Норасоии кардҳои илмӣ: пиршавии кадрҳои илмӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар фарқияти калони сину соли байни мактаби куҳна ва олимони ҷавони нав дар ҳолати мавҷуд набудани «зиннаи миёна», ки бешари онҳо бадигар давлатҳо рафтаанд. Синни миёнаи бештари олимон ба синни нафақа наздик аст ва дар бисёр самтҳо аз синни нафақа низ гузаштааст. Дар мавриди таъмин нагардидани маблагузории зарурӣ илмро бо кадрҳое, ки донишгоҳоро нав хатм намудаанд таъмин намудан мушкил мегардад. Ғайр аз ин норасои мутахасисони техники ба назар мерасад, ки он бештар ҳангоми истифодаи коркардҳо ва дастовардҳои техникӣ ҷаҳони муосир аён мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ҳал намудани проблемаҳои гуногуни давлат донишҳои куллан дигар ё навро талаб намекунад, истифодаи таҷрибаи бадаст омадаи дигар давлатҳо барои расидан ба ҳадафҳои банақшагирифта кофи мебошад. Масалан дар ин самт бояд сиёсати Хитойро ба роҳбари гирифт, ки он барои иҷрои вазифаҳоиислоҳотии худ дар саноат ва хоҷагидории қишлоқ таҷрибаи пешқадами давлатҳои ҷаҳони муосирро самаранок истифода

мебарад, ки ин ба он имконият медиҳад то сохтори иқтисодии ҷаъмиятро бе ягон такони ҷидии сиёсӣ ва ҷаъмиятӣ тағир диҳад.

Хусусияти комплексии рушди инноватсионӣ мувофиқи мақсад мебошад. Чунки тағийр додан ва сифатан нав намудани техника маънои онро надорад, ки проблема пурра ҳал мегардад ё ин ки тағиротҳои сохтори дар иқтисодиёт ба вуҷуъ меоянд. Сохтори иқтисодии ҷомеа баъзе тарзҳои технологиро инъикос намуда натанҳо ба технологияҳо ва маҳсулотҳо маҳдуд мегарад, балки ҳамчунин ташкил ва идоракунии ҷузъҳои рушди инноватсиониро низ дар назар дорад.

Давлат намунаи иқтисоди иинноватсиониеро бояд интихоб намояд, ки барои сохторҳои давлатӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ ва умуман ҷомеа дар кисмати шаффофият ва шарҳи якхелаи чорабиниҳои асосии инноватсионӣ дар қисмати ягонагии натиҷаи онҳо мувофиқ бошад. Барои истеҳсоли маҳсулотҳои замонавӣ корхонаҳоро бо таҷҳизот ва технологияи муосир таъмин намудан зарур аст, ин барои тиҷорати хурд ва миёна, ки қобилияти харидории таҷҳизоти муосирро аз ҳисоби захираҳои маҳдуди молиявиашон надоранд ва ҳаҷми хурди истеҳсоли маҳсулоти хуроквори доранд хеле муҳим мебошанд. Маҳз корхонаҳои хурди инноватсионӣ бояд сарчашмаи асосии пешравии саноат бошанд.

Дар ҷамъбаст, бояд гуфт, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ комплекси буда дар як вақт якчандвазифаҳоимуҳимроҳал намояд.

Якум лоиҳаҳои инноватсионӣ бояд рушди мунтазами иқтисоди ватаниро таъмин намоянд, ки дар навбати худ омили устувории иҷтимоӣ ва сиёсиро таъмин хоҳанд кард.

Дуввум, дар онҳо бояд ҳамаи табақаҳои ҷаъмиятӣ ширкат карда тавонад – ин ба фаъолияти инноватсионӣ мазмуни "идеяи миллӣ асри XXI" хоҳад дод

Сеюм, лоиҳаҳои инноватсиони бояд барои шарикони эҳтимолии мамлакат дар хориҷӣ дур ва наздик ҷолиб бошанд ва имконияти баланд бардоштани симои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд.

Чорум, татбиқи чунин лоиҳаҳо бояд зери назорати қатъии давлат қарор дошта бошанд ва давлат бояд ҳамчун «фармоишгар»-и асосии навовариҳо амал кунад.

Самаранокии амалисозии фаъолитяи инноватсионӣ мамлакат пеш аз ҳамма аз механизмҳои сиёсӣ-иқтисодӣ вобастагӣзиёд доранд аз ҷумла: танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликияти хусусӣ махсусан натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳо; ташкил намудани сохторҳои иҷтимоӣ дар назди Ҳукумат, ки назоратро аз болои амалисозии стратегияи инноватсионӣ амалӣ меанамояд; тақсимоти салоҳиятҳои инноватсионӣ байни мақомотҳои гуногуни давлатӣ; дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷори намудани чорабиниҳои самараноки мубориза бар зидди коррупсия: маҳдуд намудани монеаҳои бюрократӣ барои тиҷорати хусусии инноватсионӣ; фаъол ва самаранок гардонидани ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо бо мақсади омузиш ва мутобиқгардонии сиёсатӣ инноватсионии давлатии беҳтарини хориҷӣ (механизмҳо, стратегияҳло, интситутҳо) нисбат ба давлати Тоҷикистон ва ғайра.

Хамин тавр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф муаян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии мамлакат ва аз тарафи дигар интихоб намудани сиёсати дуруст ва чораҳои ҳавасмандии зарурӣ барои тағйиротҳои иноватсионии бо ананаҳои милли ҳамоҳанг бисёр мубрам мебошад. Бо вуҷуди ин дарроҳи ҷустуҷи роҳи хоси миллии иноватсионӣ, дар бораи дастовардҳои инноватсионии дигар давлатхо фаромуш набояд кард. Дар ин маврид бояд ҳаматарафа таҷрибаи давлатҳои рушдёфта аз ҷумла ИМА, Олмон, Фаронса, Хитой ва ғайра омхта шаванд.

**АДАБИЁТ**

1 Абдугафаров А. Проблемы формирования национальной инновационной системы//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: ТНУ, 2013. - № 2/3(111). - С.265-267.

2. Комилов С. Д., Файзуллоев М. К. Оценка инновационного потенциала социально - экономического развития региона//Проблемы современной экономики. - СПб, 2013.- №3 (47). - С.26.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. №4.М. 272.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи барномаи рушди инноватсионии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2011-2020" аз 30 апрели соли 2011 № 227.
5. Мирзоалиев А.А. Арзёбии рушди рақамии сармояи инсонӣ /А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2023 №4/1(49) – С. 289-294
6. Нурдинов Б.Х. Государственная поддержка инновационной деятельности как приоритетное направление инновационного развития страны (зарубежный опыт)// Вестник Таджикского национального университета № 2/5(172). Серия экономических наук. Душанбе: Сино, 2015. с. 158.
7.Неъмонов Дж.М., Нуриддинов Б.Х. Инновационная культура как основа формирования и развития её потенциала в регонах Республики таджикистан.. Вестник филиала МГУ в г Душанбе.// Научный журнал.серия гуманитарных и экономических наук.2.(1) 2017 стр.54-60.

**УДК 338 332.2**

**Нидоев Н.Ф.**

## МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИДОРАКУНӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИҶОРАТИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола масъалаҳои муҳими иқтисодӣ-идоракунӣ ва хизматрасонҳои тиҷоратӣ ҷиҳати таъмини амнияти кишоварзӣ аз нуқтаи назари ҳозира таҳлил карда шудаанд. Инчунин, моҳияти ҷузъҳо ва сатҳҳои ташаккули амнияти кишоварзӣ бо назардошти дурнамои таҳкими навгониҳои илмӣ баррасӣ карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** кишоварзии бехатар, нишондиҳандаҳои нисбӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, кишоварзии «кӯҳна» ва «нав», таҷрибаи пешқадам, имкониятҳои кишоварзӣ, моделҳои рушд, риояи меъёрҳои иқтисодӣ, қарорҳои идоракунӣ.

**Нидоев Н.Ф.**

## ЭКОНОМИКО-УПРАВЛЕНЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ И КОММЕРЧЕСКИЕ УСЛУГИ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье анализируются важные экономико-управленческие вопросы и коммерческие услуги по обеспечению сельскохозяйственной безопасности с современной точки зрения. Также рассмотрена сущность компонентов и уровней формирования аграрной безопасности с учетом перспективы усиления научных инноваций.

**Ключевые слова:** безопасное сельское хозяйство, относительные показатели, экономические реформы, «старое» и «новое» сельское хозяйство, передовой опыт, сельскохозяйственные возможности, модели развития, соответствие экономическим стандартам, управленческие решения.

**Nidoev N.F.**

## ECONOMIC-MANAGERIAL RELATIONS AND COMMERCIAL SERVICES TO ENSURE AGRICULTURAL SECURITY

The article analyzes important economic - managerial issues and commercial services to ensure agricultural security from a modern point of view. The essence of the components and levels of formation of agricultural security is also considered, taking into account the prospect of strengthening scientific innovation.

**Key words:** safe agriculture, relative indicators, economic reforms, “old” and “new” agriculture, best practices, agricultural opportunities, development models, compliance with economic standards, management decisions.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 омадааст: «…солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад. Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуда, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд. Аз ҷумла соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд» [3].

Дар ҳақиқат масъалаҳои вобаста ба мушкилоти таъминоти маводи озуқа моро водор месозад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ба ояндаи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дурбинона ва бисёр ҷиддӣ муносибат намуда, фаъолияти соҳаро бо татбиқи дастовардҳои илмӣ ва технологияи навтарин таъмин намоем.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ, дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти ҷумҳуриро ба ҳисоби миёна ҳамасола дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардонида, маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш дода, ҳаҷми умумии он аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расонида шудааст [3].

Дар ҳақиқат, суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҷумҳурӣ сол ба сол тамоили болоравӣ дошта, ин нишондиҳанда соли 1992 нисбати соли 1991 агар 67,7 фоизро ташкил дода бошад, соли 2008 дар қиёс ба соли 2007 ба 110,9 фоиз расид. Аммо бояд гуфт, ки ин нишондиҳандаҳо нисбӣ буда, дар тӯли солҳои 1992-2008 ба дараҷаи истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли 1991 нарасидаст ва аз 40 то 78 фоизи онро ташкил медиҳанду халос. Аз соли 1998 то 2008 тараққиёти солонаи ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 7-8 фоизро ташкил дода, ба ақидаи баъзе аз мутахассисону олимон бо чунин суръат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавлиди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ танҳо дар нимаи дуюми солҳои 20-уми асри XXI ба ҳадди соли 1991 расида метавонад [8, саҳ. 272-274].

Дар ҳақиқат, дигаргуниҳои босуръат ва куллӣ дар ташкил ва фаъолияти хочагии халк, аз ҷумла дар хоҷагии қишлоқ ва тамоми комплекси агросаноатӣ ба воситаи амалӣ намудани концепцияҳои хоҷагии халқ ва хоҷагии қишлоқ бо назардошти тағйирёбӣ ва ба вуҷуд омадани иқтисоди миллии нави дорои соҳаҳои гуногуни инфрасохтори коркунанда

ва инкишофи технологияҳои истеҳсолӣ барои дар давоми сол парвариш намдани зироат, ташкили навъҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии самаранокии замин, меҳнат ва дигар сарватҳои табиию иқлимӣ, боиси пайдо ва паҳн шудани чунин истилоҳҳо ё мафҳумҳо, ба монандӣ: «иқтисодиёти нав», «иқтисодиёти институтсионалӣ», «иқтисодиёти рақамӣ», «хочагии кишлоки нав», «кишоварзии бехатар» ва дигар намудхои гуногуни он гардидаанд.

Онҳо, ҳар кадом бо маъноҳои илмӣ пур карда шуда, кӯшиши таърифҳои зиёди мушаххасе нисбати мазмуни онҳо дода шудааст. Масалан, дар адабиёти хориҷӣ мазмуни ин истилоҳотҳо пайдоиши технологияҳои нав, молу маҳсулот, хизматрасониҳои муосир ва паҳншавии онҳоро дар соҳаҳои истеҳсолот, дар рушди соҳибкорӣ умуман ва соҳибкории агросаноатӣ бо назардошти истифодабарии шаклҳои гуногуни кооперативҳо, иттиҳодияҳо, ширкатҳо, инфрасохтори корӣ ва ғайраҳоро дар бар гирифтаанд.

Аз таҳилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки яке аз ин истилоҳҳо “кишоварзии бехатар” буда он сарчашмае ҳаст, ки на танҳо даромади баландтарин ва доимӣ медиҳад, балки он воситаест, ки аҳолии кишварро дар ҳар фасли сол ва ба дилхоҳ масофа бо озуқаворӣ таъмин менамояд. Вале, ба ҳар ҳол, таъмини озуқаворӣ ба масофаҳои дур ва ба даст овардани фаровонии маҳсулоти хоҷагии кишлок дар шароити куҳсори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо душвориҳои хеле калон ба даст оварда мешавад. Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои муҳими стратегӣ ва вазифаҳои аввалиндараҷаи дигаргунсозии иқтисодӣ дар шароити ташкилёбӣ ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ, ин ҳарчи зудтар гузарониданиислоҳот ва комёб шудан ба ташкили кишоварзии бехатар мебошад.

Мафҳуми «кишоварзии бехатар»-ро бори аввал дар асарҳояш профессор Х. Ғафуров ба муомилоти илмӣ ворид кардааст [3]. Ба фикри ӯ, кишоварзии бехатар як навъ ва шакли «навоварӣ» дар назарияи иктисодиёт ва амалияи хоҷагидорӣ мебошад. Ин тезис бо он асоснок карда мешавад, ки кишоварзии бехатар таърихи ҳазорсола дошта, қисмати «тарзи истеҳсоли Осиёгӣ» мебошад. Дар ин ҷо, меҳвар ё асоси мушкилот ин масъалаи шаклҳои истифодабарии обу замин дар Шарқ буда, асоси зуҳуроти хусусиятҳои табиию иқлимии минтақа ва таҷрибаи андухтаи аҳолӣ дар ташкили навъи кишоварзии бехатар аст.

Дар чор ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати дар преамбулаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ, якеи онҳо таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошад [10, саҳ. 5].

Афзалиятҳои махсус дар комплекси агросаноатӣ барои давраи то соли 2030 мутобиқи СМР-2030 инҳо қабул карда шудаанд:

- тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи пешгирикунандаи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот;
- таҷдид ва барқарор намудани инфрасохтори обёрӣ ва ҷорӣ кардани технологияи обёрии муосири сарфакунандаи неруи барқ [10, саҳ. 63-64].

Дар солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ шумораи корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатие, ки фаъолияташон ба шароити иқтисоди бозорӣ тадриҷан мутобиқ гардидаанд, афзудан доранд. Барои мисол, шумораи корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ дар солҳои 2017-2021 аз 129 то 161 ва шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 164631 то 167009 воҳид афзудаанд [8, саҳ. 272-273].

Бинобар ин, муҳимтарин масъалаи стратегии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рушди иқтисодиётест, ки мамлакат тавассути имкониятҳои зиёд, аз

қабили шароитҳои табиӣ, захираҳои меҳнатию ашёвӣ қодир бошад болоравии иқтисодии солонаро ба 111-115 фоиз расонида, ба пешрафти босубот ноил гардад. Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бошад, дар навбати худ зарурати такмили истифодабарии дигар падидаҳо, аз қабили баланд бардоштани сатҳи ихтисоснокии кормандон, дараҷаи муҷаҳҳазсозии техникии истеҳсолот, пешрафти илмӣ-техникӣ ва болоравии ҳосилнокии меҳнатро талаб менамояд, ки он тавонад боиси таъмини тараққиёти индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ гардад. Аз ин лиҳоз, гузаронидани ислоҳот дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ дорои аҳамияти махсус буда, ба яке аз масъалаҳои рӯзмарра табдил ёфтааст.

Бинобар ин, барои ноил шудан ба пешравиҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии наслҳои ҳозира ва оянда дар шароити камзаминӣ ва барзиёдии кувваи меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили кишоварзии бехатар амри воқеӣ буда, самара ва натиҷаи он ба даст овардани амнияти озуқаворӣи кишвар аст. Ва ин бошад, гузариши марҳала ба марҳала, бунёди шаҳрҳои хурду миёна ва бузурги ояндадор, марказҳои саноатию истеҳсолӣ, деҳаҳои нав ва ҷойҳои истиқоматӣ дар мавзеъҳои ба куҳистон наздиктар, бо нигоҳ доштани ҷойҳои нотакрор ва захираҳои ғании табиат (заминҳои ҳосилхез, захираҳои обиву ҷангалӣ, куҳиву лалмӣ ва ғ.) барои истифодаи самаранок дар ҳамаи фаслҳои сол бо мақсади ба даст овардани худтаъминкунии озуқавориро дар ҷумҳурӣ тақозо дорад.

Дарояндаи наздик муносибатҳои иқтисодию идоракунӣ ва хизматрасониҳои тиҷоратии таъмини бехатарии кишоварзиро аз нав дида баромадан лозим аст, зеро рушди кишоварзии ҷумҳурӣ аз давлатҳои тараққикарда хело қафо мондааст. Сабабҳои асосии ин қафомонӣ бинобар пурра таъмин набудани заминаҳои моддию техникӣ ва энергетикӣ, пешрав нагардидани хоҷагиҳо, мавҷудияти хусусиятҳои хоси табиию иқлимии маҳалҳо ва тамоми ҷумҳурӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар ин соҳа ба истифодаи усулҳои гуногун ва таҷрибаи пешқадами дигар кишварҳо таваҷҷуҳи зиёд намудан мувофиқи мақсад нест. Таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ танҳо марбут ба хоҷагиҳои ватанӣ, яъне ба соҳаи кишоварзии худист. Эҳтимол, имрӯз вақти он расидааст, ки бештар на ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар бораи ташкили кишоварзии бехатар мулоҳиза ронем, зеро кишоварзии бехатар метавонад асоси таъмини амнияти озуқаворӣ шуда, бо ёрии олимон, мутахассисони ҷумҳурӣ, дастгирии дигар мамлакатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, кишварҳо ва минтақаҳои манфиатдор рушди кишоварзӣ ва иқтисодии ҷумҳуриро таъмин намоянд.

Таҳқиқу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои ташкил намудани кишоварзии бехатар бо дарназардошти камзаминии ҷумҳурӣ ва барзиёдии захираҳои меҳнатӣ як қатор тадбирҳоро амалӣ гардонида, камбудиҳои зиёди маъмурию идоракуниро аз байн бурдан даркор аст. Мувофиқи таҷрибаи мавҷудаи ҷаҳони муосир амнияти озуқаворӣ ҳангоме таъмин мегардад, ки ҳиссаи воридоти молу маҳсулот ба ҷумҳурӣ аз 25% беш набошад. Аммо ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 80-85%, дар бархе аз маҳсулот бошад, аз 90 то 100%-ро солҳои қаблӣ ташкил медоданд. Ин аз он далолат мекунад, ки ҷумҳуриву минтақаҳои он дар мавқеи хатарнок ҷойгиранд. Пас дар ин ҷо таҳия ва татбиқи ғояҳои илмии муносибатҳои иқтисодию идоракунӣ ва хизматрасониҳои тиҷоратии таъмини бехатарии кишоварзӣ заруранд.

Барои ояндаро ба нақша гирифтан бояд ҳолати ҳозираи иқтисодиёти соҳаи кишоварзиро оқилона баҳо дод. Зарур аст, ки роҳҳои имконпазири барпо намудани замина барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ бо озуқавории худӣ аз ҳисоби худтаъминкунии пураи озуқавории хоҷагиҳо, ноҳияҳо, минтақаҳо ва ҷумҳурӣ ёфта шаванд. Истеҳсолкунандаҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ бошанд, ҳоло занон, кӯдакон ва пиронсолон буда, базаи моддӣ-техникии он ниҳоят заиф аст. Бинобар ин соҳаро қабл аз ҳама бо кувваи солими корӣ ва техникаи ҳозиразамон таъмин намудан зарур аст.

Ташкили кишоварзии бехатар бояд самти махсуси иқтисодиёти миллӣ ва илми агроиқтисодӣ шавад. Дар ҷумҳурӣ бояд дар баробари парвариши навъҳои сермасраф ва баландҳосили зироатҳои ғаллагӣ ва донагии боғӣ, боғчакориву сабзавоткорӣ, токпарварӣ, инчунин бештар ба парвариши зотҳои чорвои ватанӣ, рушди қутоспарварии кӯҳӣ, бузпарварии зотӣ, парвариши чорвои ёбоӣ ва ҷайра аҳамият дода, онҳоро ривоҷу равнақ диҳем, зеро ки аз як тараф талабот ба гӯшти онҳо дар бозори ҷаҳонӣ рӯз ба рӯз афзоиш ёфта истодааст, аз тарафи дигар, онҳо на маблағи зиёдатӣ ва на нигоҳубинӣ ҳаматарафаи одамон эҳтиёҷ доранд.

Имрӯзҳо кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таваккалан рушд меёбад. Дар хоҷагиҳо ва ҳатто дар ноҳияҳо коргоҳ ё заводҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулот қариб, ки вуҷуд надорад. Маводи бастабандиву куттикунонӣ мавҷуд набуда, доир ба расонидани маҳсулот ба бозорҳои аграрӣ дар шакли маҳсулот ва моли тайёр ҳоҷати сухан рондан нест. Соҳибкорон бо ин корҳо машғул нестанд, гарчанде ин корҳо метавонанд ба фаъолияти сердаромади кишоварзӣ таъсири зиёд расонанд. Инфраструктураи деҳот суст рушд меёбад ва заминаи энергетикии хоҷагиҳои кишоварзии кӯҳӣ хело заифанд. Дар ташкили хоҷагиҳо гармхона ва инфрасохтори агроиқтисодии гирдишаҳрӣ таҷрибаи кофӣ андӯхта нашуда, хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда бо таҷҳизоти одитарин муҷаҳҳаз набуда, бештар захираҳои тухмии пастсифат истифода мебаранд.

Ҳамаи ин ҳолатҳоро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқа ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти хӯроквори, барои беҳсозии вазъи соҳаи кишоварзӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар солҳои баъди пандемияи КОВИД-19 таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида ва заҳмати софдилонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ мутобиқи далелҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 омада, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулотҳои асосии ғизоӣ беҳтар гардида, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтаанд.

Гузашта аз ин, дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор 2 баробар (ҳоло шумораи он ба 2,6 миллион сар расидааст), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст. Воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар сол ба сол кам гардида, аз 10,7 ҳазор тонна дар соли 2014 ба 144 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Яъне ҳоло талаботи аҳолии мамлакат бо гӯшту шир пурра аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин шуда истодааст. Хулоса, дар соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаврии истеҳсоли худӣ дар ҷумҳурӣ ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад [4].

Дар робита ба ин, имрӯзҳо бе ташкил ва рушди кишоварзии бехатар пешравии ҷиддӣ на дар илм, на дар фарҳанг, на дар маориф, на дар иқтисодиёт ва на дар батанзимдарории муносибатҳои иқтисодию идоракунӣ ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ имкон надорад.

Дар сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои кишоварзӣ аз қадимулайём хеле зиёд буданд ва табиат барои онҳое, ки заҳмат мекашанду ҳосил ба даст овардан меҳоҳанд, тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст. Беш аз 950 дарёи хурду бузург заминҳои ҷумҳуриро шодоб мекунаду қариб 300 рӯзи офтобӣ дар давоми сол барои гирифтани ду ва аз ин ҳам зиёда ҳосил имконият медиҳанд.

Дар ҳақиқат, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи об дар байни мамлакатҳои ИДМ, баъди Русия, ҷои дуюмро ишғол менамояд. Манбаи асосии об пиряхҳо буда, системаи бузургтарини онҳо дар Помир қарор доранд. Масоҳати яхбандии пиряхҳо дар ҳудуди ИДМ ба 8041 км мураббаъ расида, дар Помир 1085 пирях ба қайд гирифта шудааст. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дарё ва кӯлҳо бой буда, сатҳи обии кӯлҳо 1005 км мураббаъро ишғол намуда, тақрибан ба 1 фоизи ҳудуди ҷумҳурӣ баробараст. Аз ҷумла

масоҳати 22 кӯл 625 км мураббаро ишғол менамояд. Дарёҳои асосӣ бошад, дарёи Сир, Ому-Дарё ва Зарафшон мебошанд [9, саҳ. 8-9].

Замоне аз назарҳо дур нест, ки дар мо низ минтақаҳои агроиқтисодӣ ва агрошаҳрҳо барпо шуда, дар ҳудуди онҳо навъҳои нави иқтисодии деҳоти ҷумҳурӣ («кӯҳӣ», «лалмӣ», «наздишаҳрӣ», «водигӣ») рушд карда, комплекси агросаноатӣ дорои иқтисодиёти бисёрсоҳаву ҳамафасла хоҳад шуд.

Сохтори мавҷудаи тиҷоратӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ наметавонад рушди доимии онро ба дӯш дошта, ба ташхиси бунёдӣ ва ояндабинӣ дар ташкил ва рушди кишоварзии бехатар машғул бошад. Яъне бояд роҳҳои нави таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣи худӣ дар ҷумҳурӣ пайдо карда шавад, ки он тавонад ҳамчун асоси шакли коркунанда ва истеҳсолкунандаи деҳот ба воситаи ташкили кишоварзии бехатар фаъолият намояд. Танҳо чунин тарзи ташкил метавонад дар худтаъминкунии пураи озуқаворӣи кишвар бо нерӯи худӣ саҳмгузор бошад.

Бинобар ин, ба сифати модели таҷрибавӣ ё пилотии ташкили кишоварзии бехатарро чун асоси таъмини амнияти озуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он интихоб намудан ба мақсад мувофиқ аст. Таъмини амнияти озуқаворӣ бе пойдории ташкили кишоварзии бехатар ҷой дошта наметавонад. Чунки бе ташкили кишоварзии бехатар ба таъмини амнияти озуқаворӣ расидан ғайриимкон аст [6, 59-61].

Ташкили кишоварзии бехатарро мо ҳамчун шакли хоҷагии қишлоқ муқобили шаклҳои мавҷудаи иқтисодии кишоварзӣ ва заминаи расидан ба фаровонии озуқаворӣ дар хоҷагии халқ мепиндорем. Зеро имрӯз масъалаи азнавсозии илм ҷой надорад, балки иқтисодиёти кишварҳоро дар асоси илм аз нав сохта, тадқиқоти илмиро дар ҷое тадбиқ намудан лозим аст, ки натиҷаи беҳтар диҳад.

Масъалаи аввалиндараҷаи фаъолияти устувор ва босамари кишоварзии бехатар ин мавҷуд будани шароитҳо барои тайёр намудани кадрҳо - мутахассисони кишоварзии типи бозаргонӣ мебошад. Бо ин мақсад, аз тарафи давлат, соҳибкорони сарватманд, мактабҳои олӣ, ташкилотҳои академӣ тайёр намудани кадрҳоро дар асоси муайян намудани стратегияи тараққиёти иқтисодиёти деҳот ба муддати 20-50 сол бо назардошти супоридани роҳбарии лоиҳаҳои инвеститсионии рушди кишоварзӣ ва рушди минтақаҳои деҳот ба дасти мутахассисон, олимони ҷавони соҳаи кишоварзӣ дода, бюрократияи илмӣ ҳамчун омили махсуси садди роҳи рушди кишоварзӣ буда, аз масъалаҳои муҳими рӯзмарра ба ҳисоб рафта, ҳарчӣ зудтари аз байн бурдани он мувоқи мақсад аст.

Гузашта аз ин, модели ташкил ва рушди кишоварзии бехатар ба лоиҳаҳои аз боло барои поёниҳо таҳияшуда ниёз надорад ва зиндагии мардуми ҷумҳуриро ба он мувофиқ кунонидан низ, лозим нест. Яъне модели кишоварзии бехатар, бояд дар асоси фаъолнокӣ ва таҷрибаи худи аҳолӣ тарҳрезӣ шуда, ҳамчун қувваҳои асосии истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ дорои руҳияи амалӣ ва созандагӣ бошанд. Зеро ҷомеаи дар асоси ташкили кишоварзии бехатар сохташаванда ҷомеаи хаёлӣ набуда, ҳақиқати реалиест, ки бо баробари ташкили панҷ типи модели он рушди пурарзиши мақсаднок ба даст оварда мешавад [6, 62-73]. Танҳо дар ин ҳол, кишоварзии бехатар ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳими иқтисоди миллӣ, асоси расидан ба худтаъминкунии пураи озуқаворӣи ҷумҳурӣ хизмат намуда, ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва манфиати бештари мардуми одии кишвар равона карда шуда, ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлат эҳтиёҷ дорад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои мустақилу соҳибихтиёр, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991), тамоми ҳаёту мамоти мардум, падидаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дигаргун шуданд. Бо баробари гузаштан ба иктисоди бозорӣ ва соҳиби Истиклолияти давлатӣ шудан, Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа ва функсияҳои соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла кишоварзиро васеъ гардонид. Аз тарафи дигар, иқтисоди бозоргонӣ дар шароити истиқлолияти ҷумҳурӣ ба таври объективӣ интихоби роҳи рушди худро дар ҳар давру замон талаб мекунад.

Дар ин бора, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он солҳо возеҳу равшаш қайд карда будаан, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон асолат ва таҷрибаи

нотакрорро доро буда, аз таҷриба ва модели давлатҳои дигар кӯр-кӯрона нусхабардорӣ намекунад. Халки мо роҳи худ, модели тоҷикии тараккиётро интихоб кардааст» [9, 128]. Яъне, бо мурури замон, маҷмӯи сифатҳои ташкилкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ-идоракунӣ ва хизматрасонҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла тарзи истеҳсолот, истифода ва тақсимоти захираҳо, моликият, шаклҳои азнавистеҳсолкунӣ, моҳияти меҳнати кишоварзӣ дар шароити гуногуншавии муҳит, истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулотнокии хоҷагиҳо бо назардошти муҳити рақобатнокӣ дигаргун шудаанд. Ин ва як қатор проблемаҳои дигар тадқиқотҳои ҷиддии илмӣ ва ҷӯстуҷӯи роҳҳои самарабахши инкишофи муносибатҳои аграриро, ки ба хусусиятхои истиклолият ва муносибатҳои бозорӣ мувофиканд, талаб мекунанд.

Проблемаи мазкур, инчунин баланд бардоштани роли нави кишоварзиро дар тараққиёти мамлакат ҳамчун проблемаи асосии сохтмони давлатӣ талаб карда, ба таври объективӣ гузаштан ба муносибатҳо кишоварзии «нав»-ро талаб мекунад, ки мо онро «кишоварзии бехатар» меномем. Барои ҳамин тамоили моҳиятии кишоварзии бехатар ҳамчун асоси ба даст овардани амнияти озуқавории кишвар дар муносибат бо технологияҳои ҷадиди иқтисодиёти кишоварзӣ, муносибати нави эҷодӣ ба меҳнат, базаи моддӣ - техникии муосир, вусъати муносибатҳои шаклҳои иҷоравӣ, истифодаи самараноки фаъолияти аҳолии деҳот, махсусан ҷавонони он ифода меёбад.

Аз рӯи гуфти ҷоизадори нобелӣ дар соҳаи физика дар соли 2000 (барои таҳияи нимноқилҳои гетеропайвандӣ барои оптоэлектроника) академик Жорес Алфёров, тамоили моҳиятии кишоварзии бехатарро «на дар тақлиди кӯр-кӯрона ва нусхабардории моделҳои рушди ғарбӣ, балки дар дараҷаи муайяни дастгирӣ ва танзими давлатӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифзи иқтидори илмии ҳар як давлат, шарҳ медиҳад» [1, саҳ. 36-72].

Бо мақсади беҳтар истифода бурдани сарватҳои заминӣ, куҳӣ, наздикуҳӣ ва байникуҳии ҷумҳурӣ (аз ҷумла мавзеъҳои Бадахшон, Ҷиргатол, Тоҷикобод, Ромит, Кӯлоб, Ҳисор, Панҷакент, Куҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ) лозим аст, ки хоҷагиҳои махсуси зироаткорӣ, чорводорие, ки метавонанд аз як ҷой ба ҷойи дигар (ба тарзи кӯчманчигӣ) кӯчонида шаванд, ташкил кард. Бинобар ин, аз рӯи имконият намунаи кӯчманчигии соҳаи чорводориро дар ҷумҳурӣ равнақ бояд дод, ки он дар навбати худ аз иқтидори қитъаҳои мавҷудбудаи мамлакат вобастагӣ дорад.

Ҳамаи далелҳои мазкурро мо ба ин мақсад овардем, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ масъалаи асоситарин ва проблемаи муҳимтарин бояд инкишофи тамоми соҳаҳои кишоварзӣ, тамоми комплекси агросаноатӣ, хулоса ташкили кишоварзии бехатар бошад.

Дар ин маврид далелҳои назариявӣ ва амалӣ дар бораи он, ки истифодаи имкониятҳои тараққиёти соҳаҳои анъанавии кишоварзӣ ба қафоравӣ ҳидоят менамояд, беасосанд. Сухан дар бораи он меравад, ки байни кишоварзии «кӯҳна» ва «нав» алоқамандӣ, пурракунӣ, таъсиррасонӣ ба ҳамдигар бояд боқӣ монад, чунки эҷодгари иқтисоди аграрӣ худи халқ аст, истеъдоди ӯ ба оқилона истифода бурдани марз, қитъаи замин, заминҳои фоидаовар, истифодабарии боигариҳои рӯи замину зери замин ва фарҳанги ташкил намудаи худ мерасад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар шароити истиқлолият мо бояд кишоварзии самаранок дошта бошем, чунки иқтисоди кишоварзӣ сароғози ҳамаи иқтисодёти мавҷуда маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, бояд эътироф кард, ки инкишоф додани шаклхои гуногуни кооперацияи кишоварзӣ, аз ҷумла дар мисоли минтақаҳои мушаххаси иқтисодӣ барпо намудани кишоварзии бехатар ҷуз ба рӯйхати «навоварӣ» дохил намудан, чораи дигаре нест. Аз ин рӯ, эътирофи он, ки бунёди кишоварзии бехатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, метавонад ба як раванди навоварона табдил ёфта, ба нафъи рушди бемайлони назарияи агроиқтисодӣ ва амалияи иқтисодиёти ватанӣ равона бошад, чунин далелҳо шаҳодат медиҳанд:

- шароити нодири табиию иқлимие, ки ба кормандони соҳа тамоми фаслҳои сол ба корҳои кишоварзӣ машғул буданро имконият медиҳад;

- таҷрибаи бои аҳолии маҳаллӣ, ки аз насл ба насл асрори ташкил ва инкишоф додани истифодабарии хоҷагиҳои самараноки замину обро барои тараққӣ додани соҳаҳои барои ин ҷойҳо анъанавӣ, роҳандозӣ менамоянд;

- инкишоф додани шаклҳои ҳозиразамони моликият ва ҳамаи намудҳои фаъолияти сохибкорӣ, соҳибкории кишоварзӣ, анъанаҳои аҳолӣ, ҳамчун заминаҳои бехатарии иктисодии деҳот [7, саҳ. 86-87].

Албата ин рӯйхати пурраи хусусиятҳои «кишоварзии бехатар» аз рӯи далелҳои пешниҳод намудаи мо набуда, мушкилоти асосӣ дар низомдарории онҳост. Бо дарназардошти он, ки то имрӯз масъалаҳои асосӣ ва проблемаҳои кишоварзии бехатар нокифоя таҳқиқ шудаанд, корҳои зиёдеро нисбати тадқиқотҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ анҷом расонидан мувофиқи мақсад аст. Барои дарк кардани проблемаҳо ва интихоб намудани роҳи ҳалли онҳо, ҳадди аққал, аввал ба чунин ҳолат ва хусусиятҳои асосии «кишоварзии бехатар» равшанӣ андохтан лозим аст [6, саҳ. 8-10]:

1. Зери таъсири марҳилаи нави прогресси илмию техникӣ шакл ва хусусиятҳои мушаххаси меҳнат ва истеҳсолот дар микьёси ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ аз кадом зинаҳо иборат мебошанд;

2. Чаро афзоиши сохтори органикии капитал (афзоиши арзиши сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, ҷойҳои корӣ, мошину асбобҳои гуногуни кишоварзӣ аз афзоиши музди меҳнат зиёд аст) ба афзоиши мутавозинии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ, кам шудани маблағи афзоиши бекорӣ ва муҳоҷирати аҳолии деҳот берун аз ҷумҳурӣ созгор нест.

3. Муайян намудани тағйирёбии назарраси шаклҳои нави ташкил ва фаъолияти кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкории кишоварзӣ, инчунин фаъолгардонии корхонаҳои хурд, миёна ва муштарак вобаста ба зарурат;

4. Дигаргунсозии сохтор, мавқеъ ва сифати корҳо, ҳамчун омилҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва тамоми комплекси агросаноатӣ;

## АДАБИЁТ


1. Алфёров Ж.И. Физика и жизнь. Полупроводниковые гетероструктуры и приборов на их основе. - М.: Наука, 2001. 288 с.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2024. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537.
3. Гафуров Х. Таджикская модель развития: вопросы теории.- Душанбе, 1996.- 76 с.; Модель аграрной экономики Таджикистана в XXI-веке.-Душанбе, 2010.-213 с.; Таджикистан в XXI веке: Президент Эмомали Рахмон и национальная экономика (на таджикском языке).- Душанбе, 2000.- 94 с.
4. Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. [Сарчашмаи элекронӣ] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 23 декабри соли 2022 /Низоми дастрасӣ /http: // president. tj /node/29823/ (санаи мурочиат:
5. Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. [Сарчашмаи элекронӣ] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 28 декабри соли 2023 /Низоми дастрасӣ /http: //president.tj /node/ 32191/ (санаи мурочиат:
6. Нидоев Н.Ф. Модель безопасного сельского хозяйства Таджикистана. -Душанбе: “Ирфон”, 210. - 144 с.
7. Нидоев Н.Ф. Роль сельского хозяйства в устойчивом развитии экономики Таджикистана. Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. - 2014. - № 3 (235).- Стр. 82-89.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: ООО “ЭР-граф”, Р. Набиев, 218. - 414 с.

9. Рахмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Ҷилди II. - Душанбе: "Ирфон", 2006.- 424 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636.-Душанбе, 2016.-104 саҳ.

**УДК 338.2**

**Нидоев Ш.Н.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ АНТИКОРУПЦИОННЫЕ МЕРЫ, КОТОРЫЕ ИГРАЮТ ВАЖНУЮ РОЛЬ В ПРЕОТВРАЩЕНИИ КОРРУПЦИИ В ПЕРЕОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ФАКТОРЫ И ПРИЧИНЫ

В данной статье исследованы основные причины и факторы проявления коррупции в современном обществе. По мнению автора статьи, коррупция отрицательно влияет на социально-экономическую сферу, сдерживает развитие рыночных отношений и формирует неблагоприятную конкурентную среду. Кроме того, коррупционные явления способствуют росту уровня цен путем формирования дополнительных издержек на распределение товаров. Кроме того, автором заключено, что коррупционные явления поражают как экономические, так и неэкономические условия. В результате, вышеприведенные факторы и условия становятся угрозой, поскольку негативные эффекты коррупции приведут не только к отрицательным экономическим последствиям, но и к недовольству населения.

**Ключевые слова:** структуру законов, государственной деятельности, правовые реформы. органы правопорядка, силовые структуры и суды, обретения независимости Республики Таджикистан, коррупция, экономическая коррупция, индикаторы корупции, коррупционные явления, экономические последствия коррупции.

**Нидоев Ш.Н.**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЧОРАҲОИ ЗИДДИ КОРРУПСИЯ, КИ ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НАҚШИ МУҲИМ ДОРАНД: ОМИЛҲО ВА САБАБҲО

Дар мақолаи мазкур сабабҳо ва омилҳои асосии зухур намудани коррупсия дар ҷомеаи муосир таҳқиқ карда шудаанд. Ба андешаи муаллифи мақола коррупсия ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври манфӣ таъсир расонида, инкишофи муносибатҳои бозориро боз медорад ва муҳити рақобатии номусоидро фароҳам месозад. Ғайр аз ин, зуҳуроти коррупсионӣ тавассути фароҳамсозии харҷоти изофа барои тақсимоти молҳо ба афзоиши сатҳи нархҳо мусоидат менамоянд. Ғайр аз ин, муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки зуҳуроти коррупсионӣ ҳам шароитҳои иқтисодӣ ва ҳам ғайрииқтисодиро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа, омилҳо ва шароитҳои болозикр таҳдидкунанда мегарданд, зеро самараҳои манфии коррупсия на танҳо ба оқибатҳои манфии иқтисодӣ, балки ба норозигии аҳолӣ низ оварда мерасонад.

**Вожаҳои калидӣ:** сохтори қонунҳо, фаъолияти ҳукумат, ислоҳоти ҳуқуқӣ. мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо, ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, коррупсия, коррупсияи иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои коррупсия, падидаҳои коррупсионӣ, оқибатҳои иқтисодии коррупсия.

**Nidoev Sh.N.**

**THEORETICAL BASICS OF ANTI-CORRUPTION MEASURES WHICH PLAY AN IMPORTANT ROLE IN THE FIGHT AGAINST CORRUPTION DURING THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: FACTORS AND CAUSES**

There is in the article explored the main causes and factors of manifestation of corruption in modern society. According to the author of the article, corruption negatively affects the socio-economic sphere, hinders the development of market relations and forms an unfavorable competitive environment. In addition, corruption contributes to increase in the price level by creating additional costs for the distribution of goods. In addition, the author concluded that corruption affects both economic and non-economic conditions. As a result, the above factors and conditions become a threat, since the negative effects of corruption will lead not only to negative economic consequences, but also to public discontent.

**Keywords:** structure of laws, government activity, legal reforms. law enforcement agencies and courts, independence of the Republic of Tajikistan, corruption, economic corruption, indicators of corruption, phenomena of corruption, economic consequences of corruption.

«…Вот уже почти два десятилетия мы строим новое государство, демократическое и правовое государство, в котором защита прав и свобод стоит на первом плане, и в этом контексте уровень правового образования населения повышается увеличивается…объявить 2024 год «Годом правового просвещения».

«Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Олии Республики Таджикистан»от 20.04.2012,28.12.2023 годов»

Основатель национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, достопочтенный Эмомали Рахмон, с первых дней независимости страны, в целях укрепления основ новой государственности, мира и стабильности, и национального единства, старалась более чем когда-либо предпринимать уверенные шаги к большим достижениям и влиянию, повышать репутацию страны на международной арене.

В период независимости наш древний народ, обладая опытом и опытом государственности, прошел судьбоносный этап достижения мира и национального единства, сделал твердые шаги на пути к реализации огромных созидательных планов, целью которых является непосредственно связанных с судьбами нынешнего и будущих поколений. Благодаря независимости и свободе, миру и спокойствию, политической стабильности и национальному единству мы создали все необходимые основы для реализации наших национальных стратегических целей [3].

Поэтому для каждого гражданина таджикской нации Независимость является священным и самым дорогим даром, символом счастья и самобытности нации, честью патриотизма и признаком стабильности и выживания государства. С первых дней обретения независимости Таджикистан сделал борьбу с другими сферами преступности, особенно с коррупцией, приоритетным направлением государственной политики, приступил к созданию правовых и структурных основ и укреплению международного сотрудничества в этой сфере.

Под руководством Президента страны, уважаемого Эмомали Рахмона предпринимались последовательные усилия по принятию и реализации законов и нормативно-правовых документов, отвечающих национальным интересам, и их совершенствованию. Принятие новой Конституции Республики Таджикистан, разделение власти на законодательную, исполнительную и судебную, создание института президента, двухпалатного парламента и Конституционного суда, а также многие другие процессы

государственного устройства, считаются наиболее передовыми элементами государственности нашей страны.

Кроме того, похвалы заслуживает ряд принятых решений по переходу к рыночным отношениям. Примеры включают разгосударствление и приватизацию государственной собственности, экономическую либерализацию, признание и гарантии защиты различных форм собственности и т.д. С другой стороны, ежегодные послания Главы государства Маджлиси Оли являются руководящим и судьбоносным программным документом, определяющим основные направления деятельности всех государственных органов во взаимодействии с неправительственными организациями и гражданским обществом, а также их конкретные задачи.

Полные социально-экономические и политические реформы начались в Таджикистане после распада Советского Союза. Последовавшая за этим гражданская война вызвала появление и влияние на все сферы общественной жизни экономических, социальных, политических и правовых факторов, определяющих коррупцию.

Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Верховному Собранию Республики Таджикистан 22 декабря 2017 года отметил, что «Мы постоянно призываем государственные структуры и органы и общественность усилить борьбу с коррупцией, ибо несмотря на предпринятые в этом направлении мер Правительство все еще немало случаев коррупционных действии».

Так, постоянный внимание великого лидера нации в его ежегодных посланиях на предотвращение и борьбу с коррупцией, особенно на получении и даче взяток, растрате государственных средств, использовании служебного положения, превышении пределов служебных полномочий и т.д. со стороны служащих различных секторов государственного управления, включая органы правопорядка, силовые структуры и суды, чтобы уменьшить препятствия для развития бизнеса, внедрить простую систему, правовые реформы и урегулировать структуру законов в соответствии с международными нормами для борьбы с коррупцией, риска возможной коррупции во многих сферах государственной деятельности и формах общественной жизни[1].

Реализация этих мер в борьбе с коррупцией в нашей стране очень важна, поскольку в условиях перехода к эффективному демократическому управлению одной из важных задач государства является обеспечение доверия граждан к существующим государственным институтам и это считается важным условием возрождения демократического государства.

Как отмечается в научной литературе, «реализация последовательной и скоординированной антикоррупционной политики является одной из наиболее актуальных задач государственного строительства». антикоррупционные меры, которые играют важную роль в предотвращении коррупции. Подобные меры в основном закреплены в ряде нормативно-правовых документов Республики Таджикистан, создавших правовую основу для борьбы с коррупцией в стране.

Благодаря созданию этих документов специализированный орган – Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан смог добиться положительных результатов в предупреждении и борьбе с коррупцией. Конечно, не скрывается, что коррупционные действия, нарушающие стабильное экономическое и социальное развитие страны, вызывают беспокойство у граждан страны. С этой точки зрения коллективное сопротивление этому нежелательному фактору может помочь предотвратить, устранить и снизить уровень коррупции в стране. Поэтому гражданское общество не должно быть нейтральным в этой борьбе, чтобы коррупция в стране снизилась.

Важно отметить, что в ходе деятельности Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан по направлению обеспечения защиты прав и свобод человека и гражданина, политической и экономической безопасности государства, защиты законных прав и интересов субъектов

предпринимательства, общества и государства, борьба с преступностью, особенно коррупцией, и устранение любых факторов, вызывающих ее негативные результаты и стал одним из самых влиятельных авторитетов страны. Излишне говорить, что есть ночные усилия и важную роль играют конструктивные инициативы Главы государства, уважаемого Эмомали Рахмона.

В этой связи постоянный внимание великого лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона является свидетельством того, что «коррупция считается нежелательным и опасным явлением для общества, и что коррупция является очень опасным явлением для любого государства, поскольку связана с совершением профессиональных и служебных преступлений, что является основной задачей государственных органов, институтов гражданского общества и каждого гражданина страны». опасен для национальной государственности. По этой причине эксперты рассмотрели коррупцию как одно из негативных явлений современного мира и оценили ее негативное влияние на стабильное функционирование и социально-экономическое развитие каждого государства. Фактически этот вид преступлений посягает на верховенство закона, права и свободы человека, подрывает обеспечение социальной справедливости, препятствует конкуренции и экономическому развитию, подрывает правильное функционирование рыночной экономики и подрывает стабильность демократических институтов.

Из этого следует, что коррупция является социальным явлением и она распространилась по всему миру как в развивающихся странах, так и в развивающихся странах независимо от их структуры государственного управления. Причина в том, что коррупция является явлением не только национальным, но и международным, формы ее проявления зачастую зависят от самосознания нации, и это, безусловно, отражается в действующем законодательстве. Поэтому необходимо, чтобы каждый человек не был неспособен признать свою страну, полностью осознавал историю, цивилизацию, перипетии и перипетии пути своей нации, не забывал своего национального самопознания и самобытности. В этой связи великий лидер нации Эмомали Рахмон отметил, что «Для нас самосознание – это взвешивание приобретений и потерь государственности, культурных и духовных ценностей, определение будущих перспектив и созидательных целей». Вот почему благочестие и самосознание направляют молодое поколение в духе патриотизма и национальной гордости, верности исконным традициям и обычаям, отдавая дань уважения историко-культурным ценностям предков и общечеловеческим достижениям, делают их зрелыми как настоящие и достойные защитники своего народа [2].

В этом году почтенный народ Таджикистана отмечает свое величайшее и священное национальное достижение – 33-ю годовщину государственной независимости Республики Таджикистан, благодаря чести, стараниям, стараниям, жертвам и жертвам основателя мира и национального единства. Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон. Празднование этого славного праздника свидетельствует о мирной атмосфере, мире и стабильности в стране. Сегодня уважаемый народ Таджикистана хорошо знает, что основоположник национального мира и единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон смог за короткий период выполнить великую миссию государственности. время, то есть возглавить независимое государство Таджикистан, защитить мир и спокойствие, политическую стабильность, национальное единство, обеспечение упорядоченной и эффективной деятельности основ государственности, общественной и государственной безопасности, верховенства закона, бесперебойной экономической деятельности. и социального развития страны и, самое главное, дальнейшего улучшения условий жизни жителей страны.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Маҳмадов Қ.Ф., Юсупов С.Ш.- Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ оиди мубориза бар зидди коррупсияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе : Матбуот 2008, с-126-193.
2. Официальный сайт: Агентства государственного финансового контроля и борьбы с коррупцией Республики Таджикистан https://www.anticorruption.tj.
3. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона аджлиси Олии Республики Таджикистан от 20.04.2012 г. [электронный ресурс]. Режим доступ: http://www.president.tj.

**УДК 330**

**Низомов С.Ф., Қобилова Ш.Т.**

## ОИД БА МАСОИЛИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШД ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақола масоили татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллифон ҷанбаҳои назариявӣ амалии баҳодиҳии татбиқи онро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Қайд гардидааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин иҷроиши саривақтии стратегияи рушд ба шумор рафта, сифати татбиқи он асоси пешрафти бонкро таъмин менамояд. Вобаста ба баҳодиҳии татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби муаллифон як қатор тавсияҳо пешниҳод карда шудааст, ки дар ин самт заминаи илмиро фароҳам меоварад.

**Калидвожаҳо:** бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ, стратегияи рушд, баҳодиҳӣ, банақшагирӣ, даромаднокии бонкҳо, пардохтпазирӣ.

**Низомов С.Ф., Кобилова Ш.Т.**

## К ВОПРОСУ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

В статье исследованы вопросы реализации стратегии развития коммерческих банков, а также рассмотрены теоретические и практические аспекты оценки ее реализации. Отмечается, что одним из важнейших вопросов в деятельности коммерческих банков является своевременная реализация стратегии развития, а качество ее реализации является основой развития банка. Относительно, оценки реализации стратегии развития коммерческих банков авторами предложен ряд рекомендаций, обеспечивающих научную предпосыльку в данной области.

**Ключевые слова:** коммерческие банки, кредитные организации, стратегия развития, оценка, планирование, рентабельность банков, ликвидность.

**Nizomov S.F., Kobilova Sh.T.**

## ON THE ISSUE OF IMPLEMENTATION OF THE DEVELOPMENT STRATEGY OF COMMERCIAL BANKS

The article examines the implementation of the development strategy of commercial banks, and also examines the theoretical and practical aspects of assessing its implementation. It is noted that one of the most important issues in the activities of commercial banks is the timely

implementation of the development strategy, and the quality of its implementation is the basis for the development of the bank. Regarding the assessment of the implementation of the development strategy of commercial banks, the authors proposed a number of recommendations that provide a scientific background in this area.

**Key words:** commercial banks, credit organizations, development strategy, assessment, planning, bank profitability, liquidity.

Самаранокии стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ аз сатҳи табиқи он вобастагӣ дорад. Танҳо дар асоси роҳандозии босамар ва баҳодиҳии саривақтии иҷроиши стратегияи рушд, бонки тиҷоратӣ метавонад, ки фаъолияти густурдаро татбиқ намояд. Банақшагирии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар доираи имкониятҳои молиявии бонк таҳия гардида, роҳу усулҳои татбиқи он коркард карда шаванд. Дар ҳолати фаъолияти бесамар ва баҳодиҳии ғайриҳирфавии иҷроиши стратегияи рушд, бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳолати бади молиявӣ гирифтор гардида, метавонанд, ки пардохтпазирӣ ва бозоргирии худро аз даст диҳанд. Дар робита ба ин, татбиқи самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ аз баҳодиҳии он вобаста мебошад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ масъалаи муҳим ва бунёдӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ин баландбардории самаранокии фаъолият ва афзоиши сифати идоракунӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон менеҷменти бонкӣ мавқеи асосиро касб намудааст ва заминаи муҳими рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аз сифати он вобаста мебошад [2 с.33]. Зеро бухрони молиявии солҳои 2008-2009 нишон дод, ки идоракунии корпоративӣ ва сифати баланди менеҷмент дар бонкҳо метавонад, ки садди роҳи ҳолатҳи бухронӣ гардад ва фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ бидуни нуқсон татбиқ карда шавад. Баъзе аз коршиносони соҳа ба он назаранд, ки таъсири бухрони молиявӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ назаррас буд ва онҳо натавонистанд, ки тибқи стратегияи рушди муайянгардида фаъолияти худро ба роҳ монанд. Махсусан, коҳишёбии ҳаҷми сандуқи қарзии ҶСК “Агроинвестбонк” дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 аз таъсири бухрони молиявӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2011-ум 14,1% кам гардидааст. Илова ба ин сатҳи қарзҳои батаъхирафтодаи ҶСК “Агроинвестбонк” соли 2014 нисбат ба соли 2011 афзоиш ёфта, 63%-ро ташкил дод [6с.121]. Аз инҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки бухронҳои молиявӣ на танҳо ба менеҷменти молиявии бонкҳо, балки ба даромаднокӣ, сатҳи пардохтпазирӣ ва бозоргирии бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфӣ мерасонад. Коршиносони соҳа ба он назаранд, ки иҷроиши стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ зимни бухронҳои молиявӣ аз омилҳои зиёде вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, коркарди заминаи техникӣ ва истифодаи технологияи муосир метавонад, ки аз ҳолатҳои бухронӣ пешгирӣ намуда, сифати менеҷменти бонкиро баланд бардорад ва самаранокии амалиёти бонкиро таъмин созад.

Ҷиҳати тақвияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ истифодаи мақсадноки менеҷменти бонкӣ зарур шуморида мешавад. Махсусан, баъд аз бухронҳои молиявии пай дар пай (2008-2009, 2014-2016) дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон қайд намуд, ки менеҷменти бонкӣ заминаи калидии татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро фароҳам меорад [3с.222]. Яъне бидуни ташкили низоми муассири идоравӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мо наметавонем, ки фаъолияти густурда ва низоми самараноки кори бонкҳои тиҷоратиро роҳандозӣ намоем.

Мушкилоти истифодаи менеҷменти бонкӣ ва ташкили он зимни татбиқи стртегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо янчанд омилҳо вобастагӣ дорад, ки садди таъмини сифатноки он гардида истодааст. Ба гуруҳи чунин мушкилот метавонем, ки масъалаҳои зеринро ворид намоем: -вуҷуд надоштани ихтисосмандони ҳирфаӣ дар низоми бонкии кишвар; -зиёд будни хароҷотҳои ҷорӣ; -тағйирёбии пайвастаи муҳити соҳибкорӣ.

Бояд зикр намуд, ки бинобар сабаби болоравии рақобат ва тақвиятёбии ҷараёни фаъолияти субъектони иқтисодӣ ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки усулҳо ва роҳҳои нави

баландбардории сифати маҳсулотҳо ва хизматрасониҳоро коркард намуда, фаъолияти худро ба таври нав ва мутобиқ ба шароити муосир татбиқ намоянд. Махсусан, дар шароити муосири иқтисдӣ барои таъмини рақобатпазирӣ ва баландбардории сифати маҳсулотҳои бонкӣ тақвияти ҷанбаи инноватсионӣ дар пешрафти кори ташкилотҳои қарзӣ аҳамияти беандоза дорад. Коркарди стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти ҷанбаи инноватсионӣ аз самтҳои муҳим арзёбӣ гардида, метавонад, ки рақобатпазирии устуворро дар бозор таъмин созад. Айни замон, ки вазъи иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон пешгӯинашаванда мебошад, бояд механизми муътадили баҳодиҳии тағйирёбии ҳолати бозор ва муҳити соҳибкорӣ коркард гардад. Зеро фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо тағйирёбии бозор алоқамандии зич дошта, дар ҳолати баҳогузории бесамар онҳо наметавонанд, ки иҷрои саривақтии стратегияи рушдиро таъмин созанд. Бояд механизме мавриди истифода қарор гирад, ки дар ҳолати зарурӣ тавонад, ки нақшаи фаъолияти ташкилоти қарзиро куллан иваз намояд. Яъне, дар ҳолати ба вуқуъ пайвастани ҳолати буҳронӣ ва ноустувории иқтисодӣ механизми коркардгардида самти фаъолияти бонкро тағйир дода, даромаднокӣ ва ҳолати молиявии бонкро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта тавонад. Таҷриба нишон медиҳад, ки на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳатто дар кишварҳои пешрафта, ин мушкилиро танҳо дар асоси татбиқи менеҷменти стратегӣ метавон роҳандозӣ намуд. Такмилдиҳии низоми менеҷменти стратегӣ аз ҷанбаҳои асосие арзёбӣ мегардад, ки мушкилоти молиявии бонкҳо бо истифодаи мақсадноки он ҳал карда мешавад. Агар низоми мазкур ба таври муосир такмилёфта бошад ва самаранок бошад. Дар робита ба ин, татбиқи менеҷменти стратегӣ аз роҳандозии низоми мукаммали он вобастагӣ дорад.

Шароити муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҷараёни татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ аз сатҳи таъсири омилҳои гуногун вобастагии беандоза дорад. Чӣ тавре, ки дар адабиёти иқтисодӣ дарҷ шудааст, маҷмӯи омилҳое мавҷуданд, ки татбиқи самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро боз медоранд, агар бонк ин омилҳоро ба таври самаранок баҳогузорӣ накарда бошад. Бояд қайд намуд, ки омилҳои гуногун ба ҳар як соҳаи иқтисодӣ, махсусан низоми бонкӣ таъсири муайяни худро мерасонанд ва дорои вижагиҳои хос мебошанд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд ба назар гиранд, ки омилҳои таъсиррасон ноустувор мебошанд ва доимо дар тағйирёбӣ қарор доранд.

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки айни замона низоми ягона ва коркардгардида вобаста ба татбиқи самараноки стратегия рушди дар ташкилотҳои қарзӣ вуҷуд надорад. Яъне, маҷмӯъан низоми мушаххасе мавҷуд нест, ки татбиқи комили стратегияи рушдро баҳогузорӣ намояд ва кафолати пурра диҳад. Доир ба ин, Пашкова Р.В. таҳлил гузаронида, дарҷ менамояд, ки низоми такмилёфта, ва ё низоме, ки бевосита тамоми паҳлуҳои татбиқгардии пурраи стратегияи рушдро фарогир бошад, мавҷуд нест [5]. Аммо дар таҷриба як қатор низомҳои баҳодиҳӣ вуҷуд доранд, ки имкониятҳои татбиқи стратегияи рушдро пешгӯӣ менамоянд. Дар робита ба ин, қайд намудан мумкин аст, ки низомҳои баҳодиҳии мавҷуда яке аз омилҳои барои низоми бонкӣ зарур-инноватсияро ба инобат нагирифтаанд. Аз ин падида метавонад, ки мушкилоти дигар ба миён ояд. Масалан, ба инобат нагирифтани омили инноватсионӣ зимни татбиқи стратегияи рушд метавонад, ки ба самаранокии стратегия таъсири манфӣ расонида, иҷроиши онро мушкил мегардонад. Аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани низоми мушаххасе, ки тибқи он иҷроиши стратегияи рушд дар кулли ташкилотҳои қарзӣ баҳогузорӣ карда мешавад, ба коҳишёбии фаъолияти пурсамари низоми бонкӣ оварда мерасонад. Яъне бояд низоми мушаххаси баҳодиҳӣ дар низоми бонкии ҳар як кишвари алоҳида вобаста ба хусусиятҳои он таҳия карда шавад ва мувофиқи он сатҳи татбиқгардии стратегияи рушд дар ташкилотҳои қарзӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зимни пажӯҳиши татбиқи саривақтӣ ва самараноки стратегияи рушд зарур аст, ки шароит, муҳити дохилӣ ва сатҳи тағйирёбии муҳити беруна ба назар гирифта шавад. Яъне бо тағйирёбии вазъ дар бозор, коҳишёбии талаботи муштариён ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ метавонад, ки татбиқи стратегияи рушд ба мушкилӣ рӯ ба рӯ гардад. Дар робита ба ин, шароити муосири иқтисодӣ тақозо мекунад,

ки стратегияи рушд тарзе тахия гардад, ки имконияти коркарди усулҳои нав, таҳлили амиқи иттилоот, роҳандозии менеҷменти босифат ва таҷҳизонидани амалиёти ташкилотҳои қарзӣ бо технологияи навинро фарогир бошад. Имрӯз ба таври анъанавӣ фаъолият намудани бонкҳои тиҷоратӣ ва қабули стратегияи рушд бе назардошти ҷанбаҳои инноватсионӣ наметавонад, ки самараи дилхоҳ диҳад. Айни замон дар низоми бонкӣ ҳамон стратегияҳое пурсамар буда метавонанд, ки ҷанбаи инноватсиониро бештар баназар гирифтаанд ва фаъолияти бонкҳо ба технологияи инноватсионӣ такя менамояд.

Ҳангоми арзёбии самаранокии стратегия, бояд меъёри мураккабии хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳо барои муқоиса ба назар гирифта шаванд, ки аз рӯи онҳо баҳогузорӣ анҷом дода мешавад. Дар ин ҷо душвориҳо ба миён меоянд, далел дар он аст, ки аз шумораи зиёди онҳо критерия интихоб кардан душвор аст, гарчанде ки тибқи таҳлили рақобат шумораи онҳо маҳдуд мебошад. Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои мушаххасе вуҷуд надоранд, ки бевосита рушди инноватсионии ташкилоти қарзиро муайян намоянд. Аз ин ҷост, ки зимни арзёбии рушди инноватсионии ташкилоти қарзӣ дигар нишондиҳандаҳо, ки дар зер оварда шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд:

- коэффисиенти сифат;
- рушди босуботи нишондиҳандаҳои молиявӣ;
- мутобиқшавӣ;
- қобилияти ба тағйиротҳо тобоварӣ;
- қобилиияти тағйирдиҳии самти фаъолияти бонк;
- сифати менеҷмент;
- усулҳои идоракунӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, қайд кардан зарур аст, ки азбаски андозаи даромад на ҳама вақт ба ҳисобу китоби дақиқ мувофиқ аст, пас дараҷаи зиндагонии аҳолиро аз рӯйи нишондиҳандаҳои хароҷоти хоҷагии хонавода, ки хислати муҳими рафтори истеъмолии онҳо мебошад, низ муайян кардан мумкин аст. Тибқи таҳқиқи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020 дар кишвар 62,7%-и хонаводаҳо даромади миёнаи моҳонаи то 400 сомонӣ доштанд, аз ҷумла даромади миёнаи моҳонаи 17,9%-и онҳоро то 200 сомониро ташкил медод. Ин маълумотҳо сатҳи хеле пасти хароҷоти аҳолиро тавсиф мекунанд ва нишон медиҳанд, ки зиёда аз 60% онҳо дорои даромади 50%-и даромади ҳадди аксар мебошанд [7, с. 19-20]. Аз рӯйи ингуна маълумотҳо на танҳо табақаҳои доро, инчунин табақаҳои миёнаро ҳам ҷудо кардан имконнопазир мебошад. Мушкилот дар он аст, ки табақаҳои дорои даромади зиёд, на танҳо дар бораи даромад, инчунин дар бораи хароҷоти худ низ намехоҳанд маълумот диҳанд. Аз ин рӯ, маълумоти дар натиҷаи таҳқиқ бадастомада на ҳамеша воқеияти мавҷударо инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои иҷтимоии дарбаргирандаи самтҳои асосноки равандҳои иҷтимоии дар байни ҷомеа бамалоянда, дар омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар чунин маврид, тадқиқи буҷети оилаҳо, ҳамчун асоси баррасӣ намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Инчунин, усули баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ, имкон медиҳад, ки ба сифати зиндагии мардум бо назардошти нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии онҳо, аз қабили сатҳи даромад, сохтори иҷтимоӣ-демографӣ, суботи сиёсӣ, солимӣ, таълимӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ баррасӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Александрова Г.М. Качество жизни населения, как показатель экономической безопасности государства. Монография / Г.М. Александрова // Краснодар, 2017. – 160с.
2. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг. - М . : Дело-Лтд, -1994.-543с.
3. Васиев Ф.М. Формирование эффективной занятости населения Таджикистана/ Монография / Ф.М. Васиев // Душанбе. - 2016. –С.255-256.
4. Грабко В.В. Качество и уровень жизни населения РБ. - Минск: Амалфея, 207. - 23 с.
5. Гранберг А.Г. Региональная политика в программах экономических реформ / А.Г. Гранберг // Федерализм и региональная политика: проблемы России и зарубежный опыт. Вып. 10 - Новосибирск. - 2007. - С. 343
6. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -№5222 аз 11.07.2015. Душанбе. 2015.147с.С.4
7. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 19-21.
8. Нурализода А.Н., Асоев И.З. Роль государства в повышении урвня жизни населения села / А.Н. Нурализода, И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ш. Кӯлоб, 18 апрели соли 2015)-Кӯлоб, 2015.-С. 103-113.
9. Нурализода А.Н. Афзалиятҳо ва рушди соҳаи хизматрасонӣ дар баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Н.Н.Нурализода, Ш.Ф.Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2019. - № 2 (18). - С. 21-26.
10. Панкратьева Н. Методы оценок доходов различных групп населения в динамическом и региональном разрезах /Н. Панкратьева // Вопросы статистики. - 1995. - №5. - С. 8-10.

УДК: 325/327 (575.3)

Одиназода К.С.

## ТАКМИЛИ КОНСЕПСИҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ ЗЕҲНӢ АЗ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур такмили консепсиҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати зеҳнӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди усулҳои такмили танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар рушди бозори меҳнати кишвар ва ҳамзамон баланд бардоштани некӯаҳволии одамон саҳмгузор мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки татбиқ ва таҳияи барномаҳои танзими давлатии муҳоҷирати байналмилалии олимон ва мутахассисон, ки ба ҷилавгирӣ аз хуруҷи захираҳои баландихтисос равона шудаанд, афзалиятнок нисбат ба самтҳои муҳимтарини тадқиқоти илмӣ ва ташкилотҳои илмие, ки фаъолияти онҳо барои нигоҳ доштани пояҳои нерӯи илмии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар арсаи ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад пешниҳод карда шудааст.

**Калид вожа:** муҳоҷират, меҳнат, раванд, иқтисодиёт, мағзҳо, самараи мағзҳо, гардиши мағзҳо, норасоии мағзҳо, мутахассисони, зеҳнӣ, касб, дониш

Одиназода К.С.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ И ПРАКТИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЙ РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ МИГРАЦИИ ИЗ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье совершенствование теоретических и практических концепций регулирования интеллектуальной миграции из Республики Таджикистан и представление методов совершенствования ее регулирования в Республике Таджикистан могут способствовать развитию рынка труда страны и в то же время повысить благосостояние людей**.** Автор отмечает, что реализация и развитие программ государственного регулирования международной миграции ученых и специалистов, направленных на предотвращение оттока высококвалифицированных ресурсов, имеют приоритет над важнейшими направлениями научных исследований и научных организаций, деятельность которых направлена при поддержании основ научной мощи страны и ее высоком значении. Высказано предположение, что повышение ее конкурентоспособности на мировой арене имеет большое значение.

**Ключевые слова:** миграция, рабочая сила, процесс, экономика, мозги, эффект мозга, оборот мозгов, нехватка мозгов, профессионалы, интеллект, профессия, знания.

Odinazoda K.S.

## IMPROVEMENT OF THEORETICAL AND PRACTICAL CONCEPTS REGULATION OF INTELLECTUAL MIGRATION FROM THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the improvement of theoretical and practical concepts of intellectual migration regulation from the Republic of Tajikistan and the presentation of methods of improvement of its regulation in the Republic of Tajikistan can contribute to the development of the country's labor market and at the same time increase the well-being of people**.** The author notes that the implementation and development of state regulation programs for the international migration of scientists and specialists, which are aimed at preventing the outflow of highly qualified resources, are prioritized over the most important areas of scientific research and scientific organizations whose activities are aimed at maintaining the foundations of the country's

scientific power and high It is suggested that increasing its competitiveness in the world arena is of great importance.

**Keywords: migration,** labor, process, economy, brains, brain effect, brain turnover, brain shortage, professionals, intelligence, profession, knowledge

Таърихи рушди инсоният як раванди доимии муҳоҷирати сармояи инсонӣ тавассути сарҳадҳои гуногун, аз ҷумла этникӣ ва миллӣ буда, шиддатёбии ин раванд дар ҷаҳони муосир то рафт бештар мушоҳида мешавад[1]. Дар раванди ҷаҳонишавӣ, бинобар афзоиши аҳамияти ҷузъи зеҳнии сармояи инсонӣ шумораи ҳарчи бештари кишварҳо ба дониш ва иттилоот таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

Муҳоҷирати зеҳнӣ яке аз омилҳои нави таъсиррасон ба бозори меҳнат буда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш меёбад. Ин ба он алоқаманд аст, ки дониш ва омили асосии рақобатпазирӣ мубаддал гардидааст, ки дар хориҷи мамлакат тақозо ба мутахассисонро зиёд гардонидааст.

Сармояи воқеии иқтисоди пешрафта, ба ақидаи олими амрикоӣ П.Дракер, дониш ба ҳисоб меравад ва кормандони меҳнати зеҳнӣ ба гурӯҳе табдил ёфтаанд, ки арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеаро муайян мекунанд. [2, 53—58].

Аз ин рӯ аз нуқтаи назари мо мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои консепсияҳои назариявии муҳоҷирати зеҳнӣ ва пешниҳоди усулҳои такмили танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар рушди бозори меҳнати кишвар ва ҳамзамон баланд бардоштани некӯаҳволии одамон саҳмгузор бошад.

Шиносоӣ бо асосҳои назариявии таҳқиқи равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ нишон дод, ки дар илми иқтисод як қатор назарияҳо ҳангоми арзёбии ин раванд истифода карда мешаванд, ки онҳо дар шакли назарияҳои «мубодилаи дониш ва таҷриба», «самараи мағзҳо», «норасоии мағзҳо», «ихроҷи дохилии мағзҳо», «гардиши мағзҳо» маъруф ҳастанд. Ҳамин ин назарияҳо ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии таъсиррасони раванди муҳоҷирати зеҳниро баррасӣ мекунанд.

Тамоюлҳои шабеҳ дар соли 1998 консепсияи навро ба вуҷуд оварданд - «гардиши мағзҳо». Дар зери мафҳуми «гардиши мағзҳо» ҳаракатҳои даврӣ – муҳоҷират барои таҳсил ва кори минбаъда дар хориҷа ва баъдан ба ватан баргаштан ва баланд бардоштани мавқеи касбии худ аз ҳисоби бартариятҳои дар хориҷа ба даст омадаро дар назар дорад. Тарафдорони мафҳуми «гардиши мағзҳо» бар ин назаранд, ки ин шакли муҳоҷират дар оянда, бахусус дар сурати коҳиш ёфтани тафовути иқтисодӣ миёни кишварҳо афзоиш хоҳад ёфт.

«Мағзҳо» аксар вақт ба ватанашон аз ҷиҳати молиявӣ кӯмак мекунанд. Ин кӯмак метавонад бевосита — масалан, дар шакли интиқоли пул ва бору маҳсулот ба оила ва дӯстон пешниҳод карда шавад. Масалан, барои баъзе давлатҳои рӯ ба рушд метавон гуфт, ки тавозуни пардохти онҳо аз ҳисоби маблағҳои калоне, ки мутахассисони дар хориҷа фаъолиякунанда, ба ватан фиристода мешаванд, беҳтар мегардад. Хазинаи байналхалқии тараққиёти хоҷагии қишлоқ ҳисоб кардааст, ки дар соли 2006 тақрибан 150 миллион муҳоҷире, ки дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ кор мекунанд, беш аз 300 миллиард доллар ба кишварҳои худ интиқол додаанд. Барои муқоиса, донорҳои байналмиллалие, ки ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ кӯмак мекунанд, дар соли 2006 барои барномаҳои байналмилалии кӯмакрасонӣ 104 миллиард доллар харҷ кардаанд ва сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ин кишварҳо 167 миллиард долларро ташкил додааст. Аз рӯи арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ зодагони баъзе кишварҳои ҷаҳон, ки дар дигар кишварҳо вазифаҳои баландро ишғол мекунанд, аксар вақт ба кушодани филиалҳои ширкатҳои байналмилалӣ дар кишварҳои худ кӯмак мекунанд.

Солҳои 1960 - 1970 чунин мешумориданд, ки аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба кишварҳои саноатӣ рафтани олимон, муҳандисон ва мутахассисони соҳаи тиб барои кишварҳои тавлидкунандаи он оқибатҳои комилан манфӣ дошта, ба таъминоти кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ дар донишгоҳҳо ва дастрасии кадрҳо дар саноати онҳо таъсир мерасонад.

Аммо, ахиран раванди бозгашти донишу малака ва пуле, ки муҳоҷирон ба ватан мефиристанд, суръат гирифт. Он чизе ки, як вақтҳо «фирори мағзҳо» номида мешуд, ҳоло ҳамчун «гардиши мағзҳо» ба чашм мерасад.

Дар ибтидо дар равиши «гардиши мағзҳо» баҳсҳое бартарӣ доштанд, ки ба ангезаҳои шахсии муҳоҷирон нигаронида шудаанд. Сабабҳои муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос асосан бо ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, дурнамои эҷодиёти муваффақ дар муҳити нави иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҷҳизоти пешрафтаи истеҳсолӣ, хоҳиши шароити бароҳати зиндагӣ, сатҳи баланди амнияти шахсӣ, таҳсилоти шоиста шарҳ дода шуданд, барои кӯдакон ва ғайра асоснок карда мешаванд. Дар як давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ кишварҳое, ки муҳоҷирони зиёӣ мефиристанд, бахусус Аврупои Шарқӣ ё ИДМ метавонанд ба болоравии сатҳи зиндагии мардум ноил шаванд ва бозгашти муҳоҷирони зеҳнии худро аз хориҷи кишвар таъмин кунанд. Аммо, алакай дар охири солҳои 90-ум маълум гардид, ки ангезаи шахсӣ воқеияти вусъати муҳоҷирати зеҳниро пурра инъикос намекунад ва ин раванд на бештар бо шароити кӯтоҳмуддат ё субъективӣ, балки шароити объективӣ муайян карда мешавад. Рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ байналмилаликунонии ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ ва ташаккули фазои ҷаҳонии иқтисодиёти донишбунёдро суръат бахшид. Самаранокии ҳамкории байни ширкатҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва муассисаҳои давлатӣ, ки ба равандҳои инноватсионӣ машғуланд, зиёд шуд. Ҳамзамон, механизмҳои нави шарикии фаромиллӣ, масалан, фондҳои байналмилалӣ, ки мубодилаи зеҳнӣ дар бозори баландихтисоси меҳнатро ҳавасманд мекунанд, пайдо шуданд. Илова бар ин, паҳншавии технологияи иттилоотӣ имкон дод, ки раванди байналмилаликунонии дониши инсонӣ хеле тезонида шавад ва дар ин замина муҳити нави иҷтимоӣ ба вуҷуд ояд, ки аз ҳудуди давлатӣ берун меравад. Аз ин рӯ, ҷонибдорони бархӯрд ба муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун як раванди «гардиши мағзҳо» бар ин боваранд, ки он на танҳо боқӣ мемонад, балки дарояндаи наздик боз ҳам шадидтар хоҳад шуд.

Дар илми иқтисодиёт маъмулан се равиши калидии консептуалии категорияи «муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ» маъмул аст, ки равиши «табодули дониш ва таҷриба», «воридшавии мағзҳо» ва «фирори мағзҳо»-ро дар бар мегирад. Дар доираи консепсияи якум муҳоҷирати зеҳнӣ пеш аз ҳама ҳамчун ҳаракати табиии сармояи зеҳнӣ дар бозори байналмилалии меҳнат, ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ баррасӣ карда мешавад ва сарфи беҳуда ё ғайрисамараноки мағзҳоро инкор менамояд. Дар доираи консепсияи дуюм муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун талафоти умумии қувваи кории баландихтисос барои кишвари содиркунанда баррасӣ карда мешавад. Ин консепсия собит менамояд, ки дар натиҷаи фирори мағзҳо сатҳи зиндагонӣ ва қобилияти иқтидорӣ ба худрушдкунӣ паст шуда, мавқеи рақобатии мамлакат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат осебпазир ва имкониятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ заиф мегарданд. Ҳамзамон дар ин раванд консепсияи нисбатан бетараф бо истилоҳи «секунҷа» ҳой дорад, ки таъсири муҳоҳирати зеҳниро дар алоҳидагӣ ба кишвари содиркунандаи қувваи коргарӣ, кишвари вордкунандаи қувваи коргарӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар умум арзёбӣ менамояд. Дар консепсияи мазкур моделҳои талафот ва манфиатҳои мубодилаи мутақобилаи кадрҳои баландихтисоси зеҳнӣ дар сатҳи макро ва микро таҳия карда шудааст. Ҳамзамон инкишофи «гардиши мағзҳо» дар асоси давра ба давра «ба хориҷи кишвар ба таҳсил рафтан - гирифтани касб - баргаштан ба ватан»-ро таъкид менамояд. Чунин нуқтаи назар ба раванди муҳоҳирати зеҳнӣ нисбатан самаранок аст, зеро ҷаҳонишавӣ бо ташаккули фазои ягонаи бозори меҳнат мусоидат менамояд. [3, 93].

Муносибатҳои номбаршуда оид ба муайян кардани мазмуни муҳоҷирати байналхалқии зеҳнӣ, ба андешаи мо, ҳамдигарро пурра мекунанд. Бо чунин муҳоҷират, интиқолдиҳандагони сармояи зеҳнӣ табодули таҷриба ва донишро амалӣ карда, даромад ба даст меоранд, ки метавонад сатҳи баланди зеҳнии онҳоро низ дар бар гирад.

Дар адабиёти нашрӣ теъдоди олимон ва мутахассисони баландихтисосе, ки муддати тӯлонӣ бидуни маҳрумият аз шаҳрвандии Тоҷикистон дар хориҷ кор мекунанд нишон дода нашудааст ва аз ин рӯ ба даст овардани маълумоти дақиқ дар ин самт хело душвор аст.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки маълумоти омори расмӣ вазъи воқеии ҳаракати муҳоҷирати сармояи зеҳнӣ дар кишвари моро пурра инъикос намекунад Аз рӯи таҳқиқотҳои сотсиологӣ шумораи чунин муҳоҳирон даҳҳо ҳазор нафарро ташкил менамояд. Тибқи таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ ба ҳисоби миёна камтар аз 10% шаҳрвандони давлатҳои рӯбатараққӣ, ки маълумоти олӣ доранд, ба ҳиҳрати мағзӣ рӯ овардаанд. Олимон ва дигар намояндагони касбҳои илмию техникӣ, ки хоҳиши тарк кардани кишварро доранд, аз тариқи шабакаҳои дар ихтиёрашон буда, аз қабили интернет кор ёфтанро афзал медонанд. Аз ин рӯ, ба истилоҳ муҳоҷирати зеҳнии соягӣ ҷой дорад, ки мутахассисони баландихтисос бидуни тағйири шаҳрвандӣ ва бидуни огоҳӣ ба мақомоти сабти муҳоҷирати кишвари худ барои истиқомати доимӣ ба хориҷа мераванд.

Тадқиқоти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд низ дар самти муҳоҷрати зеҳнӣ «самараи домино»-ро ошкор кардааст, ки мувофиқи он ҳангоми «фирори мағзҳо» дар мамлакат ҷойи онҳоро муҳоҷирон аз давлати дигар соҳиб мегарданд. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи доминоро дар бахши сохтмон мушоҳиа намудан мумкин аст, ки ҷойҳои холишудаи кории мутахассисони ватаниро дар ин бахш мутахассисони чинӣ соҳиб мегарданд.

Аз замони эълони истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оқибатҳои нохуши хуруҷи аҳолӣ рӯ ба рӯ шуд. Раванди муҳоҷират аз ҷумҳурӣ (аз ҷумла муҳоҷирати зеҳнӣ)-ро метавон ба чанд мавҷ ҷудо кард. Марҳилаи аввал дар солҳои аввали пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, вақте рух дод, ки кадрҳои баландихтисоси асосан русзабон кишварро тарк карданд. Дар мавҷи дуюм, ки ба давраи фаъоли задухӯрдҳои дохилӣ рост омад, дар баробари аҳолии русзабон аҳолии маҳаллӣ ба муҳоҷират шурӯъ кард. Мавҷи сеюм дар давраи пас аз низоъ рух медиҳад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ ва кишварҳои ғарбӣ рафтанро оғоз карданд, яъне «фирори мағзҳо» аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бисёрҷониба шудааст. Дар сохтори он низ тағйирот ба амал омад: имрӯз мутахассисони дорои унвонҳои илмӣ ва ҷавонони умедбахш барои гирифтани маълумоти олӣ ба хориҷ аз кишвар ҳиҷрат мекунанд.

Дар айни замон Русия ба як макони аслии муҳоҷирини зиёии тоҷик табдил ёфтааст, ки инро метавон бо чанд омил шарҳ дод. Аввалан, барои аксари мутахассисон забони русӣ забони корӣ аст ва онҳо метавонанд дар ҷомеаи русӣ ва бозори меҳнат ба осонӣ ҷойгоҳи худро пайдо кунанд. Дуюм, барои мутахассисони техникӣ, табибон ва омӯзгорон барномаҳои махсуси кӯчонидани аҳолӣ ба қаламрави Федератсияи Русия вуҷуд доранд. Танҳо дар давраи солҳои 2007-2014. 123 номзади илм ва 92 доктори илм аз Тоҷикистон ба Федератсияи Русия барои истиқомати доимӣ кӯчиданд. Дар ҷумҳурӣ аз сабаби аз даст додани мутахассисони бомаҳорат дар соҳаҳои илм, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, саноат ва дигар соҳаҳо нарасоии кадрҳо ба амал меояд.

Таҳлили нашрияҳои мавҷуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии яке аз муаллифони ин асар аз 17 июн то 5 августи соли 2019 дар шаҳрҳои бузурги Тоҷикистон нишон дод, ки иқтидори муҳоҳирати зеҳнӣ барои рушди кишвар бо сабабҳои объективӣ, нодида гирифта мешавад. Имконият дар он аст, ки мутахассисони ҷумҳурӣ ҳангоми кор дар мамлакатҳои мутараққӣ таҷрибаи бебаҳо андӯхта, дар оянда барои инкишофи илм, истеҳсолот ва тарбияи мутахассисони ҷавон истифода бурда метавонанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши мунтазами захираҳои «диаспораи зеҳнӣ»-и тоҷик ба миён омадааст, ки дақиқ кардани маълумот дар бораи шумора ва ихтисоси муҳоҷирони баландихтисос аз ҷумҳуриро тақозо мекунад. Дар ҳамин ҳол, дар ояндаи наздик мушкилоти иқтисодӣ ба Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки таҷрибаи кишварҳои дигар дар мавриди ҳавасмандгардонии бозгашти мутахассисони ватаниро амалӣ созад. Агар дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ сухан ронем, бояд қайд кард, ки дар илми маонӣ ва баён ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ин мушкилот дар қатори авлавиятҳо қарор надорад. Ҳарчанд дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» эътироф шудааст, ки сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии берунӣ аз кишвар кадрҳо ва мутахассисони соҳибихтисосро «шуста» мекунад ва ин метавонад ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Ҳамчун

механизми ҳавасмандгардонии муҳоҷирати зеҳнӣ, мо метавонем кӯшишҳои кишварро барои таҳияи барномаҳои мобилии академӣ дарҷ кунем. Мисоли равшан Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» мебошад, ки тавассути он дар донишгоҳҳои пешрафтаи хориҷӣ мутахассисони серталаб омода мешаванд. Дар солҳои таҳсили 2014-2018 103 нафар донишҷӯёне, ки ин стипендияро гирифтаанд, донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмии хориҷиро, аз ҷумла 69 нафар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ ва 34 нафар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва тибро хатм кардаанд. Аксари хатмкунандагони «Дурахшандагон« алакай дар мақомотҳои давлатии ҷумҳурӣ кор мекунанд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти «фирори мағзҳо» рӯбарӯ аст.

Дар айни замон барои ҷумҳурӣ таҳияи омори боэътимод дар бораи шумораи муҳоҷирони зиёӣ ба назар мерасад. Кадами навбатӣ бояд бо онҳо ба вуҷуд овардани маҳрои доимии алоқа, ба сифати шарикон барои ширкат дар тараққиёти ҷумҳурӣ ҷалб намудани онҳо бошад.

Мутобиқи ин натиҷаҳо, муҳоҷирати мағзҳои мо ба ангезаҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, ки бо хоҳиши беҳтар кардани вазъи молиявии худ, талош барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуси худ, дарк намудани имкониятҳои худ, манфиатҳои касбии худ ва ғайра алоқаманд аст. Инро буҳрони имрӯзаи илм шарҳ медиҳад, ки сабабҳои он: кам шудани маблағҳои давлатӣ ба илм, таваҷҷӯҳ надоштани сохторҳои соҳибкорӣ ба мусоидат ба рушди илму техника, паст будани музди меҳнат, бад шудани шароити меҳнат, набудани талабот ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, мунтазам паст шудани обрӯи илм ва ғайра.

Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи кормандони ташкилотҳое, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкториро анҷом медиҳанд, дар соли 2021 4446 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1991 4055 нафар ва нисбати соли 2010 1310 нафар кам аст. Гарчанде, теъдоди докторони илм дар соли 2021 нисбати 1991 зиёд аст, дар муқоиса бо солҳои 2000-2020 нособаста аз зиёдшавии ҳимояҳои докторӣ ба дараҳаи назаррас кам гардидаст. Теъдоди номзадҳои илм дар мамлакат дар муқоиса ба соли 1991 969 нафар кам аст. Камшавии доктори илм, номзади илм ва шумораи кормандони фаъолитяи илмӣ техникӣ дошта дар мамлакат гувоҳи он аст, ки онҳо ё ба ҳиҷрати зеҳнӣ рӯ овардаaанд ва ё дар дохили мамлакат истифодаи носамарии "мағзӣ"-и онҳо ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали 1. Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ)**

| **Солҳо** | **1991** | **1995** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ,нафар | 8501 | 3062 | 5376 | 4891 | 5756 | 3704 | 4269 | 4446 | 4496 |
| доктори илм | 226 | 105 | 351 | 415 | 334 | 328 | 337 | 322 | 320 |
| номзади илм | 1835 | 551 | 967 | 1245 | 896 | 748 | 849 | 866 | 913 |

***Сарчашм**а*: Оморои солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023 с.68 [4]

Дар соли 2022 173 ҳазор нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандии Федератсияи Россияро қабул намудаанд, ки нисбати соли 2021 40% зиёд мебошад. Аз ин теъдод миқдори муайян ба ҳиҷрати мутахасисон рост меояд, ки тариқи барномаҳои кӯчонидани аҳолӣ ҳиҷрат намудаанд. Ҳамасола зиёда аз 1500 оила тариқи чунин барномаҳо ҳиҷрат менамоянд, ки ба сохтори бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикитсон бе таъсир нахоҳад буд.

Яке аз соҳаҳое, ки дар он бештар муҳоҷирати меҳнатӣ ба чашм мерасад ин соҳаи тандурустӣ мебошад, ки ба сатҳи пасти даромад ва шароити душвори корӣ алоқаманд аст. Ҳиҷрати зеҳнии мутахассисони бахши тандурустӣ бештар ба Федератсияи Россия, Ҷумҳурии арабии Яман ва як қатор ҷумҳуриҳои минтақаи Африқо рост меояд. Тибқи маълумоти Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар 6 моҳи соли 2020 674 табибон ва 1350 ҳамшираҳои шафқат ба кишварҳои мазкур ҳиҷрат кардаанд. Мавҳудияти имтиёзҳои зиёд дар хориҳи кишвар ва имкониятҳои нав сабаби асосии ҳиҷрати зеҳнии табибон мегардад.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар мамлакат норасогии 3021 табибон, 1701 ҳайати миёнаи кормандони тиббӣ, ба мисли табибони оиавӣ ба назар мерасад.

Дар баробари ин тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳамасола аз 100 то 1600 табибон тарқи вазифа менамоянд, ки эҳтимолияти рӯ ба ҳиҷрати мағзӣ намудани онҳо вуҳуд дорад. Махсусан дар соли 2021 1656 нафар табибон бо хоҳиши худ аз кор озод карда шудаанд, ки нисбати соли 2015 64,44% зиёд аст.

**Ҷадвали 1.2. Теъдоди табибоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарки вазифанамуда,**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, нафар | 1007 | 1229 | 1381 | 1425 | 1501 | 820 | 1656 | 649 |

***Сарчашма***: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ [5]

Ҳамин тариқ, барои ҷамъбаст хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳоҷирати мутахассисон тақрибан ҳамон сабабҳои муҳоҷирати меҳнати беихтисосро дорад: маоши паст, набудани шароити зарурӣ барои кор, талабот ба натиҷаҳои илмӣ ва паст будани нуфузи илм дар ҷомеа, хеле кам кардани хароҷоти дохилӣ барои тадқиқот ва лоиҳакашии фондҳо, инчунин набудани дурнамо.

Рушди сифатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаштан ба модели саноатӣ-аграрӣ шарти асосии кам кардани муҳоҷират ва татбиқи муҳоҷирати дохилии имконпазир мебошад. Барои таъмин намудани суръати кофии тараққиёти иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолоти баландтехнологиро тараққӣ додан лозим аст. Ин ба таъсири синергетикӣ ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам дар ҷомеа оварда мерасонад. Таҳия ва татбиқи сиёсати тағйирпазири давлатӣ ҷиҳати ташаккули ҳавасмандии ҷавонон ба фаъолияти илмӣ коркард ва амалӣ карда шавад.

Яке аз сабабҳои асосии он ки муҳоҷирони баландихтисос аксар вақт аз бозгашт ба ватан худдорӣ мекунанд, ин тарс аз он аст, ки муҳити фарҳангӣ, илмӣ ё тиҷоратие, ки барои нигоҳдорӣ ё такмил додани заминаи малакаи худ заруранд, аз даст дода шаванд. Аксари хатмкунандагони донишгоҳҳои хориҷӣ аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ метарсанд, ки ҳангоми бозгашт ба ватан бо сабаби мушкилоти маъмурӣ ва маҳдудиятҳои раводид аз мубодилаи дониш маҳрум мешаванд.

Кӯшиши боздоштани муҳоҷирати одамони соҳибмаълумот ва соҳибихтисос, чун қоида, самарае намедиҳад. Вобаста ба таҷрибаи ҷаҳонӣ як қатор усулҳои танзими раванди ҳиҷрати мутахассисонро ба хориҷи мамлакат арзёбӣ менамоем.

Дар ҳалли масъалаи фирори мағзҳо ва таъмини нигоҳдории захираҳои зеҳнӣ ҳеҷ гуна «натиҷаи зуд» дида намешавад ва ин умуман ба талошҳое дахл дорад, ки барои ҷалби насли ояндаи олимон, муҳандисон ва мутахассисон ба илм ва технология нигаронида шудаанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ танзими муҳоҷирати зеҳнӣ дар заминаи се мафҳуми сиёсати танзими ҳиҳрати қувваи коргарӣ ба хориҷа ва аз хориҷ ба дохил ба амал меояд, ки ба принсипҳои се самти асосии танзими микро- ва макро иқтисодӣ асос ёфтааст. Истифодаи ин ё он мафҳуми мушаххас аз ҷониби давлат бештар аз он вобаста аст, ки он донор ё гирандаи сармояи зеҳнӣ аст. Мафҳуми «дахолат накардан», ки аз ҷониби кишварҳои пешрафта васеъ истифода мешавад, ба эҳтироми манфиатҳои кишварҳои қабулкунанда нигаронида шудааст. Он ба радди куллии дахолати давлат ба раванди муҳоҷирати байналхалмилалии зеҳнӣ, ки бо татбиқи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҷаҳони муосири ҳамгирошаванда номувофиқ аст, асос ёфтааст. Ҳама гуна шаклу усулҳои танзими давлатии ин ҳуқуқҳо озодии шахсро маҳдуд мекунанд ва аз ин рӯ, қобили қабул нестанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба паҳншавии мафҳуми «тамоюли оянда» мусоидат мекунанд ва ба он ақида доранд, ки мушкилоти танзими муҳоҷирати зеҳнӣ танҳо дар оянда ва дар сатҳи касирулмиллӣ, дар ҳоле ки ҳамеша эҳтироми манфиатҳои шахсият ва давлати содиркунанда

метавонад ҳал шавад. Минбаъд давлат бо фароҳам овардани шароити хеле мусоиди корӣ онҳоро ба Ватан бармегардонад.

Мафҳуми «танзими фаъол», ки аз тарафи кишварҳои содиркунандаи сармояи зеҳнӣ ба таври васеъ истифода мешаванд, ба имкони бунёдӣ ва имконпазирии танзими мақсадноки давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ бо истифода аз васоит иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва дигар воситаҳо ва ҷорӣ намудани механизмҳои нигоҳдории сармояи зеҳнӣ дар мамлакат асос ёфтааст. Ҳамзамон, таваҷҷӯҳи зиёд ба сиёсати муҳоҷират маҳз дар заминаи таҳияи барномаҳои муҳоҷирати дубора ва ҳадди ақал ҷалби «мақсаднок»-и мутахассисони баландихтисос дода мешавад.

Равишҳо ба муҳоҷирати зеҳнӣ ва моделҳои танзими ин равандро баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро баровардан лозим аст: Якум, бозори ҷаҳонии қувваи кории баландихтисос васеъ шуда, нисбатан раванди фаррохтар ва байналмилалишударо ифода менамояд. Тамоюлҳое, ки рушди онро тавсиф мекунанд, хусусиятҳои ҳам «фирори мағзҳо» ва ҳам «гардиши мағзҳо»-ро муттаҳид мекунанд. Ҳамзамон равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ на танҳо дар хати байни кишварҳои давраи гузариш ва рӯ ба тараққӣ, балки дар сатҳи як гуруҳи кишварҳои мутараққӣ низ асимметрӣ мебошанд.

Давлатҳои аврупоӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои рафъи норасоии кадрҳои баландихтисос тавассути дастгирии вуруди муҳоҷирони зеҳнӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд, аммо барномаҳои махсуси давлатӣ, ки фаъолона дар хориҷа амалӣ мешаванд, ҳанӯз натиҷаҳои дилхоҳ надодаанд. Норасоии мутахассисон, бахусус дар соҳаи илмҳои дақиқро аксари кишварҳои пешрафта ҳанӯз бартараф накардаанд. Талаботи зиёди муҳоҷират ба кадрҳои баландихтисос аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ вуҷуд дорад, ки ба ҷалби мутахассисони на танҳо олӣ, балки миёнаи тахассусӣ манфиатдоранд ва дар баъзе мавридҳо мутахассисони соҳаи технологияҳои истифодаи «дугона» талаботи махсус доранд.

Барои кам кардани хатарҳои ба вуҷуд омада, бояд аз ҷониби тамоми аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои муштарак андешида шаванд, ки ба ҷуброни мутавозини зарари «кишварҳои ирсолкунанда» аз талафоти мутахассисони баландихтисос дар натиҷаи муҳоҷирати берунии онҳо расонида шудааст.

Набудани танзими самараноки равандҳои муҳоҷирати зеҳнии беруна метавонад боиси зиёд шудани номутавозунии сохторҳои касбӣ ва тахассусии кормандони баландихтисос, афзоиши миқёси талафоти моликияти зеҳнии миллӣ, кам истифода шудани дониши касбие гарданд, ки зиёиён дар дохил ва хориҷ аз кишвар ба мақсадҳои миллӣ ба даст овардаанд. Ба андешаи мо танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ бояд ба ҳалли афзалиятҳои миллӣ дар давраи дарозмуҳлат нигаронида шуда бошад.

Дар шароити пурзӯр шудани робитаҳои илмии байни кишварҳо, рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷилавгирӣ аз муҳоҷирати олимон душвор аст. Пеш аз ҳама, давлатро зарур аст, ки барои фаъолияти касбии олимон шароити мусоид фароҳам орад, то фаъолияти онҳо бо фаъолияти беҳтарин донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ҷаҳон муқоиса карда шаванд. Ба раванди муҳоҷирати олимон аз Тоҷикистон сиёсати давлатӣ, ки ба таваҷҷӯҳи афзалиятноки соҳаҳои илми ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, мусоидат карда метавонад, ки илми ватанӣ дар солҳои наздик алакай рақобатпазир аст ё метавонад рақобатпазир бошад. Ба боз доштани раванди муҳоҷирати олимон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории давлат барои олимоне, ки дар кишвари худ кор мекунанд, бахусус ҷавонон, метавонад мусоидат кунад, зеро онҳо ояндаи илми мамлакатро дар асри XXI муайян мекунанд.

Дар асоси таҳқиқи гузаронидашудаи асосиҳои назариявӣ ва вазъи амалии муҳоҷирати зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо зарур мешуморем чораҳои натиҳанок дар самти табдили муҳоҷирати мағзҳо ба гардиши мағзҳо андешида шавад. Зеро истилоҳи «гардиши мағзҳо» бештар ҳаракатҳои даврии мутахассисонро ба хориҷа барои таҳсил ва кор, пас аз бозгашт ба ватан ва баланд бардоштани мақоми касбии онҳо аз ҳисоби салоҳиятҳои наве, ки дар давоми будубош дар хориҷа ба даст овардаанд, муайян мекунад. Бо дарназардошти он ки дар маҷмӯъ, Ҷумҳурии Тоҷкистон метавонад мавқеи кунунии худро аз ҳисоби гардиши ақлҳо дар бозори ҷаҳонии меҳнат мукаммал гардонад ва

таваҷҷӯҳи асосии мутахассисони ҳиҷраткардаро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар оянда ҷалб кунанд, бахусус дар сурати мавҷуд будани имкони ҷойгиркунии барномаҳое, ки ба муҳоҷирати дубораи мутахассисон вобаста ба марҳала ҳавасманд мекунанд.

Зуҳуроти нисбатан равшани он бо тамоюли ба ватан баргаштани мутахассисоне, ки дар хориҷа муддати дароз таҳсил ва ё кор кардаанд, алоқаманд аст. Ин муҳоҷирони зеҳнӣ ба муҳити иҷтимоии мамлакат таъсири мусбат расонида, ба он салоҳият ва таҷрибаи иловагӣ меоранд. Вале раванди «гардиши мағзҳо»-ро ходисаи табиӣ, ки ба шарофати вазъияти басо объективӣ ба ҳаёт дохил мешавад, хисоб кардан нодуруст мебуд.

Таҷрибаи «гардиши мағзҳо» на танҳо дар заминаи бозгашти муҳоҷирони зиёӣ ба ватани таърихии худ ва дурнамое, ки барои онҳо дар ин ҷо мақоми баланд боз мекунад, инкишоф меёбад. Шаклҳои гуногуни фаъолияти якҷояи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо олимони мамлакатҳои гуногун, ки бо тағйийр додани ҷойи кор ё истиқомат алоқаманд нестанд, торафт бештар маъмул шуда истодаанд. Нашрияҳои муштараки илмӣ, иштирок дар грантҳои илмӣ ва шартномаҳои кӯтоҳмуддат барои хондани лексияҳо, гузаронидани аудит ё машваратҳои тиббӣ ба як шакли маъмули мубодилаи интеллектуалӣ байни мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа, эҷоди маҳсулоти нави фаъолияти интеллектуалӣ, ки аз рӯи хусусиятҳои худ байналхалқӣ мебошанд, табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, шарикии дурдаст, ки тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ миёнаравӣ мекунанд, ҳанӯз ҳам наметавонанд робитаҳои мустақими касбиро иваз кунанд. Муҳоҷирати олимон ба афзоиши ҳамкориҳо, ҳам байни муҳаққиқони кишварҳои гуногун ва ҳам байни илми саноатӣ ва академикӣ мусоидат мекунад.

Боз як ҷиҳати манфиатноки «гардиши мағзҳо» дар он аст, ки шаҳрвандон дар хориҷа таҳсил мекунанд, таҷриба мегиранд, бо хатми таҳсил кадрҳои соҳибтахассуси рақобатнок шуда даромад ба даст меоранд, нахуст хонаводаҳои худро дар Тоҷикистон таъмин мекунанд, баъдан дар ватани худ ширкатҳо мекушоянд ва ё ин ё он соҳаро сармоягузорӣ карда, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳм мегиранд. Ба ғайр аз сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ боз манфиатҳои маънавиро низ ба инобат бояд гирифт, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ чӣ қадар маънавиёт ва боғочи маърифатӣ ба кишвар ворид мешавад.

Дар заминаи зарурати мувозинати ҷараёни муқобили муҳоҷират аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҳа ва аз хориҳа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳоҷирати зеҳнӣ ба мамлакатро омили ҷуброни муҳоҷират донистан лозим аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо як кишвари фиристанда, балки кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони таҳсилотӣ низ мебошад.

Тавсеаи танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қабули барномаҳои махсус бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ амалӣ намудан мумкин аст. Онҳо бояд дар асоси принсипҳои муносибати тафриқа ва мақсаднок ба муҳоҷирони зеҳнӣ, мониторинги муассир ва низоми самарабахши «алоҳида» ҳангоми татбиқи қарорҳо бунёд карда шаванд. Инчунин, маблағгузории илми ватаниро, ҳам тавассути лоиҳаҳои мақсаднок ва ҳам тавассути пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорони доништалаб зиёд кардан лозим аст.

Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки тамоми шароитҳои мусбӣ дар самти сафарбаркунии ихтиёрии ҳамватанони соҳибихтисос аз хориҷа ба минтақаҳои саноатии мамлакат, фароҳам овардани имкониятҳои мусоид барои бозгашти кормандони илмӣ аз хориҷа, фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ин барои муҳоҷирони соҳибтахассусе, ки ба ватан баргаштаанд, зарур аст чораҳои ҳавасмандӣ аз қабили ҷорӣ намудани суратҳисобҳои махсуси депозитӣ, фурӯши қитъаҳои замин барои сохтмон, ташкили фонди манзили алтернативӣ, кушодани суратҳисоби асъорӣ барои ҳамлу нақли бебоҷи автомобилӣ ва молҳои мавриди ниёзи мардум, ташкили фонди махсуси нафақа андешида шавад.

Ҳамин тавр дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда чунин тавсияҳои илмӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати зеҳнӣ пешниҳод менамоем:

Фароҳам овардани шароит барои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии зиёиён, баланд бардоштани обрӯю эътибор ва мақоми иҷтимоии олим, коргари соҳибихтисоси муҳандисию техникӣ дар ҷамъият. Ин як раванди хеле мураккаб ва тӯлонӣ буда, иштироки фаъоли мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои молиявии давлатро талаб мекунад.

Баланд бардоштани дараҷаи музди кори зиёиёни илмӣ, корпуси муҳандисӣ, коргарони ихтисоснок.

Таъсиси агентӣ дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди робита бо ҳамватанони муҳоҳиршуда ба хориҷа ва дастгирии онҳо бо роҳи таъсиси барномаҳои муштараки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ, таҳкими робитаҳои касбӣ ва фароҳам овардани шароит барои бозгашти онҳо ба Ватан.

Таҳия ва татбиқи сиёсати миллӣ ба маблағгузории афзалиятноки таҳқиқотҳое, ки ба манфиатҳои илмии кишвар ҷавобгӯ мебошанд, дастгирии мактабҳои илмӣ, олимони лаёқатдор, махсусан ҷавононе, ки ояндаи кишвар бо онҳо алоқаманд аст, нигаронида шудаанд.

Татбиқи мунтазами шарти афзалиятнок нисбат ба самтҳои муҳимтарини тадқиқоти илмӣ ва ташкилотҳои илмие, ки фаъолияти онҳо барои нигоҳ доштани пояҳои нерӯи илмии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар арсаи ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад.

Дарёфти имкониятҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи илмию техникӣ дар асоси ҳамкориҳои байнидавлатии мутақобилан судманд, то ки кишварҳои манфиатдор дар маблағгузории як қисми иқтидори илмии мамлакат бар ивази дастрасӣ ба захираҳои зеҳнии он иштирок намоянд.

Рушди робита бо олимони муҳоҷир ва барқарор кардани робита бо онҳо ҳамчун манбаи муҳими берунии кишвар.

Таҳия ва татбиқи барномаҳои танзими давлатии муҳоҷирати байналмилалии олимон ва мутахассисон, ки ба ҷилавгирӣ аз хуруҷи захираҳои баландихтисос равона шудаанд.

Ҳамин тавр дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андешаи мо истифодаи консепсияи илмии «гардиши мағзҳо» дар раванди арзёбии ҳиҳрати зеҳнӣ вазъи воқеии равандҳои муҳоҳиратро инъикос хоҳад кард. «Гардиши мағзҳо» механизмест, ки ҳамчун суръатбахши пешрафти илму техникӣ хизмат мекунад ва ба шарофати он ҷиҳатҳои мусбии «фирори мағзҳо» нигоҳ дошта шуда, ҷиҳатҳои манфии он то андозае бартараф карда мешавад. «Гардиши мағзҳо» таҷрибаомӯзии донишҷӯён, аспирантҳо ва олимони ҷавон дар хориҷи кишвар, пас аз бозгашт ба Ватан ва паҳн кардани донишҳои андӯхтаро дар назар дорад. Ба эътиқоди анъанавӣ, ин раванд танҳо вақте имконпазир аст, ки дар кишварҳо сатҳи некӯаҳволии иқтисодӣ тақрибан баробар бошанд, аммо мо чунин мешуморем, ки ин мубодила дар байни кишварҳои дорои пиқтидори муқоисашавандаи рушди илмӣ оқилона аст.

**АДАБИЁТ**


1. Партхасаратхи Ашок Превращение утечки мозгов в циркуляцию умов // Бюллетень Магатэ 48/1 С.68-70
2. Танги де А. Российские ученые и специалисты: сотрудничество с Западом / А. Тинги де, М. Лебедева // Миграция студентов и специалистов. М., 2000.С. 5–33.
3. Б.Х. Бахриев, Ш.Ш. Ризоён центральная азия передвызовами интеллектуальной миграции: тенденции и перспективы // Мировая экономика и международные отношения 2022 том 66 № 7 с.122-с.117-126
4. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2023.С – 68
5. Ҳисоботи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

УДК 330.150+339.13:669.14 (55)

**Pejman Jafari**

## EVOLUTION OF THE POVERTY LINE

This article deals with the comprehensive review of the poverty line, its measurement and presenting a new comprehensive theory as the poverty threshold (poverty classification). This article aims to present a comprehensive model, gather the definitions of poverty, poverty line, poverty gap ... and related words and terms in one place. The purpose of presenting this model is to challenge the poverty line in terms of mathematics and geometry. On the other hand, the new theory should be able to be measured with precise mathematical tools and be able to provide a comprehensive analysis of the poverty situation in a society. This article first reviews 14 articles and their achievements in the field of poverty line. Then it presents 14 valid methods of measuring the poverty line. Next, the main speech of the article begins. First, objections to the traditional poverty line are presented, which are generally based on geometric and economic concepts. In conclusion, the conceptual model of the article is presented under the title of poverty threshold versus the traditional poverty line. The classification of the model and its advantages are briefly stated. At the end of the article, in addition to proposing a fuzzy method for measuring the poverty threshold, a practical example of the model with the resulting result is presented.

**Key words:** Progressive Poverty, Backwards Poverty, Poverty Measurement, Poverty threshold.

**Пежман Джафари**

## ЭВОЛЮЦИЯ ЧЕРТЫ БЕДНОСТИ

Эта статья занимается всесторонним обзором проблемы черты бедности, ее измерения и представляет новую комплексную теорию в качестве порога бедности (классификации бедности). Целью этой статьи является представление всесторонней модели, собрание определений бедности, черты бедности, разрыва бедности... и связанных слов, и терминов в одном месте. Целью представления этой модели является вызов черты бедности с точки зрения математики и геометрии. С другой стороны, новая теория должна быть измерима с помощью точных математических инструментов и способна предоставить всесторонний анализ ситуации с бедностью в обществе. Эта статья сначала рассматривает 14 статей и их достижения в области черты бедности. Затем она представляет 14 действительных методов измерения черты бедности. Далее начинается основная часть статьи. Сначала представляются возражения против традиционной черты бедности, которые в основном основаны на геометрических и экономических концепциях. В заключение, концептуальная модель статьи представлена под названием "порог бедности против традиционной черты бедности". Классификация модели и ее преимущества кратко изложены. В конце статьи, помимо предложения нечеткого метода измерения порога бедности, представлен практический пример модели с полученным результатом.

**Ключевые слова:** Прогрессивная бедность, обратная бедность, измерение бедности, порог бедности.

**Пежмон Ҷафарӣ**

**ЭВОЛЮТСИЯИ ХАТТИ КАМБИЗОАТӢ**

Ин мақола баррасии ҳамаҷонибаи мушкилоти хатти камбизоатӣ, андозагирии он ва назарияи нави фарогирро ҳамчун ҳадди ниҳоии камбизоатӣ (таснифи камбизоатӣ) ҷорӣ мекунад. Ҳадафи ин мақола пешниҳоди модели фарогир, маҷмӯаи таърифҳои фақр, хатти фақр, фосилаи фақр.ва вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба он аст. Мақсад аз пешниҳоди ин модел ин мубориза бо хатти камбизоатӣ аз ҷиҳати математика ва геометрия мебошад. Аз тарафи дигар, назарияи нав бояд бо истифода аз абзорҳои дақиқи математикӣ ченшаванда бошад ва қодир ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи камбизоатӣ дар ҷомеа бошад. Дар ин мақола нахуст 14 мақола ва дастовардҳои онҳо дар соҳаи сатҳи камбизоатӣ баррасӣ мешавад. Сипас вай 14 усули дурусти ченкунии хатти камбизоатиро пешниҳод мекунад. Минбаъд қисми асосии мақола оғоз меёбад. Аввалан, эътирозҳо ба хатти анъанавии камбизоатӣ оварда мешаванд, ки асосан ба консепсияҳои геометрӣ ва иқтисодӣ асос ёфтаанд. Ниҳоят, модели консептуалии мақола таҳти унвони «ҳадди камбизоатӣ нисбат ба хатти анъанавии камбизоатӣ» оварда шудааст. Таснифи модел ва афзалиятҳои он ба таври мухтасар тавсиф карда шудаанд. Дар охири мақола, ба ғайр аз пешниҳоди усули номуайяни ченкунии ҳадди камбизоатӣ, намунаи амалии модел бо натиҷаи бадастомада оварда шудааст.

**Калидвожахо:** Камбизоатии прогрессивӣ, камбизоатии баръакс, андозагирии камбизоатӣ, ҳадди ниҳоии камбизоатӣ.

### *Introduction*

Poverty is a term that refers to the state or condition of lacking enough money or material possessions to meet one's basic needs. The poverty line is a value that is used to determine whether a person or a household is living in poverty or not. It is usually based on income, but it can also include other factors such as consumption, access to basic needs, or possession of necessities. The poverty line can vary depending on the context, such as the country, the region, or the time period. The poverty line can be used for different purposes, such as:

- Measuring and monitoring the extent and the depth of poverty in a population
- Evaluating the impact and the effectiveness of poverty reduction policies and programs
- Identifying the most vulnerable and the poorest groups and individuals who need assistance
- Comparing and contrasting the poverty situation across different countries or regions.

However, the international poverty line may not capture the diversity and the complexity of poverty in different contexts. Therefore, many countries also use their own national poverty lines, which are based on their specific standards of living, costs of living, and social and economic conditions. National poverty lines can be defined using absolute or relative criteria. Absolute poverty lines are based on the minimum amount of income or consumption needed to meet the basic needs of a person or a household, such as food, clothing, shelter, health, and education. Relative poverty lines are based on the average or median income or consumption of a population, and reflect the social norms and expectations of a society. For example, a person or a household may be considered poor if their income or consumption is below a certain percentage of the national average or median [2].

Poverty lines are useful tools for understanding and addressing poverty, but they also have some limitations and challenges. For example, poverty lines may not capture the multidimensional aspects of poverty, such as the lack of opportunities, capabilities, freedoms, rights, dignity, and security. Poverty lines may also be affected by measurement errors, data quality issues, and methodological choices, such as how to adjust for inflation, exchange rates, purchasing power parity, and household size [3].

Poverty lines should be complemented by other indicators and methods that can provide a more comprehensive and nuanced picture of poverty.

In studying and examining the poverty line, we realize that in addition to shortcomings and defects from the point of view of economic concepts, there are also problems from the point of view of mathematics and geometry. Some of the defects found are,

- The poverty line is a numerically defined border where the upper space means wealth and the lower space means poverty. But those spaces are not defined or are not limited.
- In the boundless space of poverty and wealth between the minimum wealth and the richest and the minimum poverty and the poorest, there is no definition or a criterion for separation has not been defined.
- There are two basic questions in the poverty line theory. According to the measurement criteria of the poverty line, if a person is only one unit above the poverty line, is he considered rich? And vice versa, if a person is only one unit below the poverty line, is he considered poor? The complexities of social conditions, measurement criteria defects, may dictate conditions that violate the poverty line theory.
- During the recent years, various researches have created new concepts, such as hidden poverty, relative poverty, absolute poverty, etc., which have no place for these concepts in the poverty line theory.
- From the point of view of geometry, the poverty line is only a separator and border between the two infinite spaces of wealth and poverty. This line has a fundamental flaw in defining and separating the groups of wealth and poverty in society, not more.

***Previous researches***

In this section, 14 selected articles from 1981 to 2011 are presented along with their findings as follow;

| Row | Author | year | Research Results |
|---|---|---|---|
| 1 | ***Amartya Sen*** | 1981 | Sen's work highlighted the role of entitlements and capabilities in understanding poverty and famines, contributing to the development of the capability approach to poverty measurement [1]. |
| 2 | ***Michael Lipton*** | 1988 | Lipton's research provided insights into the heterogeneity of poverty and the characteristics of the poorest populations, contributing to the understanding of extreme poverty and deprivation [2]. |
| 3 | ***Jean Dreze, Amartya Sen*** | 1989 | Dreze and Sen's work emphasized the role of public action and social policies in addressing hunger and poverty, contributing to the discourse on the political economy of hunger [3]. |
| 4 | ***Martin Ravallion*** | 1994 | Ravallion's research focused on the measurement and comparison of poverty across different countries, contributing to the development of international poverty lines and global poverty measures [4]. |
| 5 | ***Angus Deaton*** | 1997 | Deaton's work provided methodological insights into the analysis of household surveys for poverty measurement, emphasizing the importance of understanding consumption behavior and welfare indicators [5]. |
| 6 | ***Muhammad Yunus*** | 1999 | Yunus's work focused on microfinance and its impact on poverty reduction, highlighting the potential of financial inclusion for empowering the poor [6]. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7 | ***Thomas Pogge*** | 2002 | Pogge's work examined the ethical dimensions of global poverty and human rights, contributing to the debate on justice, inequality, and international obligations [7]. |
| 8 | ***Ha-Joon Chang*** | 2002 | Chang's work examined historical perspectives on development strategies and their implications for poverty reduction, contributing to the discourse on industrial policy and economic development [8]. |
| 9 | ***Tony Atkinson*** | 2002 | Atkinson's research provided insights into different methods of measuring poverty across countries, contributing to the development of international poverty measures and comparative analysis [9]. |
| 10 | ***Shubham Chaudhuri*** | 2003 | Chaudhuri's research focused on evaluating the effectiveness of social investment funds in reducing poverty in Latin America, providing insights into targeted poverty interventions [10]. |
| 11 | ***Peter Edward*** | 2006 | Edward's research focused on the relationship between poverty and economic development in the contemporary era, providing insights into the challenges and opportunities for poverty reduction [11]. |
| 12 | ***Abhijit Banerjee*** | 2007 | Banerjee's research addressed the challenges and effectiveness of foreign aid in poverty reduction, contributing to the discourse on aid policies and development outcomes [12]. |
| 13 | ***Nancy Birdsall*** | 2010 | Birdsall's work examined the role of economic structures and institutions in shaping poverty and development outcomes, contributing to the discourse on structural transformation and inclusive growth [13]. |
| 14 | ***Esther Duflo*** | 2011 | Duflo's work focused on randomized control trials and behavioral economics in the context of poverty alleviation, providing insights into effective interventions and policies [14]. |

These additional examples showcase a diverse range of influential authors, articles, and research results that have contributed to the field of poverty line measurement.

***Poverty line calculation methods***

There are several methods used to calculate the poverty line, each with its own strengths and limitations. It's important to note that each method has its own advantages and drawbacks, and the choice of approach depends on the specific context and objectives of poverty measurement. Each of these methods offers a unique perspective on poverty measurement, taking into account different dimensions of well-being and deprivation. Some common approaches include:

Таркиби ҷонибҳои манфиатдор дар арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт дар сатҳи миллӣ ба интихоби субъектҳои арзёбӣ мустақиман таъсир намерасонад. Субъектҳои арзёбӣ метавонанд ҳам сармоягузорони эҳтимолӣ ва ҳам ҳукуматҳои кишварҳо бошанд. Дар ҳолати охир, натиҷаҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиётии иқтисоди кишвар худ аз худ нақши омилеро мебозад, ки сатҳи ҷолибияти сармоягузории ин соҳаро афзоиш медиҳад, зеро чунин натиҷаҳо дорои хусусияти зерин мебошанд: аввалан, дорои тарҳ ва таҳияи мувофиқ мебошанд; дуввум, ҳатто агар ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёти давлат нокифоя бошад ва мушкилоти объективӣ мавҷуд бошанд, онҳо барои сармоягузорон афзалиятнок ба ҳисоб мераванд; сеюм, чунин арзёбиҳо ба доираи имконпазири иттилооти объективӣ дар бораи вазъи бахши нақлиёти давлат асос меёбанд: заминаи ҳуқуқӣ, шароити иқтисодӣ, дурнамои рушди соҳа ва дастгирии давлатии он, шароити иҷтимоӣ, рушди технологӣ [2].

Арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт дар сатҳи минтақавӣ дорои аудиторияи мақсадноки сармоягузорон ва ҷонибҳои манфиатдори васеътар мебошад, зеро чунин арзёбӣ одатан ба хусусияти минтақаи нисбатан хурд вобастагӣ дорад. Дар муқоиса бо арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёти кишвар, ки метавонад блокҳои иттилооти гуногунро дар бар гирад, ки аксар вақт мухолифанд; арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт дар минтақа аз ҷиҳати мундариҷаи маълумоти арзёбишаванд нисбатан якхела аст [3]. Ҷонибдороне, ки ба арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт манфиатдоранд, инҳоянд:

- мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ки онҳоро на танҳо ҳамчун сармоягузорони пуриқтидор, балки ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои сармоягузорӣ, ки дар рушди ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт ширкат меварзанд, ҳисобидан мумкин аст;

– мақомоти минтақавии ҳокимияти маҳаллӣ, ки ба рушди ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёти минтақа манфиатдоранд;

- сармоягузорони калони институтсионалии байналмилалӣ ва ватанӣ;

- агентиҳои рейтингӣ, дигар муассисаҳои тадқиқотӣ ва ғайра.

Дар сатҳи соҳавӣ зерсохторҳои алоҳидаи бахши нақлиётӣ баҳо дода мешаванд:

- нақлиёти автомобилӣ;
- нақлиёти роҳи оҳан;
- нақлиёти обӣ;
- нақлиёти ҳавоӣ;
- нақлиёти қубурӣ.

Тафовут дар мундариҷаи методология, вобаста аз сатҳи арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт, чунин хоҳад буд:

- амалиёти пайдарпайи субъектҳои арзёбӣ;
- мундариҷаи маҷмӯи нишондиҳандаҳои арзёбишаванд;
- афзорҳои истифодашавандаи арзёбӣ.

2. Вазифаҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт.

Натиҷаҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт, новобаста аз ҳадафҳои арзёбӣ, бояд барои натиҷаи объективӣ майл кунанд. Аммо, ҳадафҳои арзёбӣ ба мундариҷаи методология, интихоби нишондиҳандаҳо ва афзорҳои арзёбӣ таъсир мерасонанд. Ҳамин тавр, агар субъектҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ бо мақсади рушди минбаъдаи ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт тадқиқот гузаронанд, он гоҳ методология метавонад на танҳо тафсири натиҷаҳоро барои истифодаи «дохилӣ», балки тафсир ва пешниҳоди натиҷаҳо барои истифодаи «беруна» ё доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор фаро гирад.

Дар асоси назарияи пешниҳодшуда шароитҳое, ки ба мундариҷаи методологияи арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт, хусусияти ин бахш ва омилҳои ба ҷолибияти сармоягузории он таъсир мерасонанд, метавон маҷмӯи принсипҳо ва талаботеро ҷудо намуд, ки ҳангоми ҳалли масъалаи баррасишаванда ба назар гирифта мешаванд.

Самтнокии методикаи арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ ба натиҷаи объективӣ. Мувофиқи ин талабот, субъектҳои арзёбӣ бояд аз муносибати ғаразнок ва пеш аз ҳама аз истифодаи маълумоти нодуруст дар бораи мавзӯи арзёбӣ худдорӣ кунанд. Дар акси ҳол, натиҷаҳои беэътимод ва ғаразноки арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ, хулосаҳои нодурусти дахлдори таҳлил боиси коҳиш ёфтани ҷолибияти сармоягузории субъекти арзёбӣ ва гум шудани эътимоди ҷонибҳои манфиатдор ба субъектҳои арзёбӣ мегарданд [4].

Маҷмӯъии арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ. Ин талабот маънои онро дорад, ки барои таҳияи натиҷаҳои объективии таҳлили ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт маҷмӯи иттилооти пурраи дастрас дар бораи объекти арзёбӣ зарур аст [5].

Баҳисобгирии хусусияти сатҳҳо ва объектҳо барои арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт. Ба назар гирифтани хусусияти хоси ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт дар ҳар яке аз сатҳҳои дар боло зикршуда (миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ-инфиродӣ), инчунин хусусияти объектҳои арзёбӣ (зербахшҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ, авиатсия ва қубурӣ) талаб карда мешавад.




**Расми 2.– Мазмуни умумии алгоритми арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.

Пуррагӣ ва таҳлилнокии нишондиҳандаҳои ҳангоми арзёбӣ истифодашаванда. Нишондиҳандаҳое, ки ҳангоми арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт истифода мешаванд, бояд дар шакли барои омӯзиш мувофиқ ва бидуни коркарди минбаъдаи таҳлил, пешниҳод карда шаванд.

Алгоритми арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро метавон ҳамчун пайдарпаии амалҳои дар шакли умумӣ ба таври зерин муаррифӣ кард (расми 2.). Алгоритми овардашуда, ки ҷузъи методологияи арзёбии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт дар минтақа мебошад, нӯҳ марҳилаи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи аввал, сатҳи арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ муайян карда мешавад: миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ё маҳаллӣ-инфиродӣ. Сатҳи интихобшуда ҳадафҳои арзёбӣ, субъектҳои арзёбӣ, манбаъҳои иттилоот ва системаи нишондиҳандаҳои арзёбишавандаро муайян мекунад.

Тавре ки дар боло қайд кардем, арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт бештар аз рӯйи ҳадафҳои ин чорабинӣ муайян карда мешавад. Ҳадафҳое, ки аз ҷониби субъектҳои арзёбӣ ба таври алтернативӣ интихоб карда мешаванд, бояд инҳоро дар бар гиранд:

1. Омодасозии иттилоот барои қабули қарори оқилонаи сармоягузорӣ дар бахши нақлиётӣ.
2. Баланд бардоштани рейтинги ҷолибияти сармоягузории соҳаи нақлиёт.
3. Рушди ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт.

4. Таҳлили мушкилоти сармоягузорӣ ва имкониятҳо барои рушди бахши нақлиёт.

Интихоби субъектҳо барои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт аз рӯи вазифаҳо ва сатҳи арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ муайян карда мешавад (ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. Доираи субъектҳои имконпазир барои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт**

| Ҷонибҳои манфиатдор | Сатҳҳои арзёбӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Миллӣ | Минтақавӣ | Соҳавӣ | Маҳаллӣ-инфиродӣ |
| Сармоягузорони байналмилалии институтсионалӣ | + | + | + | - |
| Ташкилотҳои байналмилалии ғайридавлатӣ | + | - | - | - |
| Мақомоти миллии ҳокимияти давлатӣ | + | + | + | + |
| Мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатӣ | - | + | + | + |
| Сармоягузорони дохилии институтсионалӣ | - | - | + | + |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст

Ба сифати арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт манбаъҳои иттилоотӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Дар доираи методологияи баррасишаванд блокҳои зерини иттилоотро фарқ кардан мумкин аст:

1. Маълумоти расмии мақомоти масъули нигоҳдории маълумоти оморӣ.

2. Натиҷаи тадқиқотҳои иқтисодии вазъи бахши нақлиёт, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ гузаронида мешаванд.

4. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ гузаронида мешаванд.

4. Натиҷаи мушоҳидаҳо ва пурсишҳои намояндагони соҳаи нақлиёт.

Системаи нишондиҳандаҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт бояд ба ду блок тақсим карда шавад:

- нишондиҳандаҳое, ки имконияти сармоягузориро барои рушди бахши нақлиёт тавсиф мекунанд;
- нишондиҳандаҳое, ки хавфҳои сармоягузориро барои бахши нақлиёт тавсиф менамоянд.

Дар ҳар як ҳолати мушаххас нишондиҳандаҳо метавонанд фарқ кунанд. Ғайр аз ин, нишондиҳандаҳо бояд самтҳои асосии арзёбиро дар бар гиранд ва омилҳои ба ташаккули имконияти сармоягузорӣ ва хавфҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт таъсирбахшро ба назар гиранд:

- дар доираи блоки таҳлили имконият ва хавфҳои сиёсӣ;
- дар доираи блоки таҳлили имконият ва хавфҳои ҳуқуқӣ;
- дар доираи блоки таҳлили имконият ва хавфҳои иқтисодӣ;
- дар доираи блоки таҳлили имконият ва хавфҳои инноватсионӣ ва технологӣ;
- дар доираи блоки таҳлили имконият ва хавфҳои иҷтимоӣ.

Нишондиҳандаи интегралии арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт имкон медиҳад, ки маҷмӯи маълумоти гуногун бо меъёри ягонаи арзёбӣ ҷамъбаст карда шавад. Ҳангоми таҳияи меъёрҳои интегралии ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт,

усули меъёри иловагӣ тавсия дода мешавад, ки барои ба меъёр овардани маҷмӯи нишондиҳандаҳои дорои андоза воҳиди ченаки гуногун, истифода бурда мешавад. Қимати интегралии ҳосилшуда дар асоси ҳудуди муайяни тағйирёбии он баҳо дода мешаванд, ки дар навбати худ барои ҳар як ҳолати мушаххаси арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт муқаррар карда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Азимов П.Ҳ. Самтҳои методии таҳлил ва баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории корхона / П.Ҳ. Азимов, Х.Д. Мирзобеков, Э.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. №10. Қисми I. – Душанбе, 2019. – С. 38-42.
2. Раҷабов Э.Д. Таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Д. Раҷабов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN-2413-5151) №9 саҳ.123-128. 2020с
3. Анискин Ю.П. Инвестиционная активность и экономический рост / Ю.П. Анискин // Проблемы теории и практики управления. 2012. № 4 – С. 77-86.
4. Бобоев К.О. Развитие транспортной инфраструктуры в регионах республики Таджикистан: анализ и оценка состояния. Часть II // Региональные проблемы преобразования экономики. - 2015. - №11. - С. 196-210.
5. Азизкулов Д.М. Цыфровая экономика: понятие, особенности и перспективы на Российском рынке. Экономист, выпускник Таджикский Национальный Университет. г. Душанбе, Республика Таджикистан.
6. Александра Энговатова. «Иқтисодиёти инноватсионӣ»- учебные пособые. М-2020- стр 234.
7.Сомонаи электронии: https://ru.citaty.net/tsitaty/618394-bill-geits.
8.Тербов А.С. Цифровая экономике. Учебный пособие, Москва-2019, стр 148.


**УДК 331.108**

**Рустамов Ф.М.**

## МОДЕЛИРОНИИ ВОБАСТАГИИ АРЗИШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ АЗ ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ОН

Дар мақолаи мазкур вобастагии арзишҳи сармояи инсонӣ аз ҳаҷми сармоягузорӣ ба он дар асоси маделҳои гуногун баррасӣ гардидааст. Хусусиятҳои мушаххаси арзиши сармояи инсонӣ аз ҳаҷми сармоягузорӣ муайян карда шуда, ба зиёд гардидани фоида ва ба баланд шудани сифати сармояи инсонӣ дар корхона оварда мерасонад. Ташаккули пайдарпайи сармояи инсонӣ ва баланд бардории самаранокии истифодаи он рақобатпазирии корхонаро ба таври назаррас баланд бардошта, рушди минбаъдаи онро метавонад таъмин намояд. Вобастагии ҳаҷми сармояи инсонии барои корхона арзишманд аз сармоягузорӣ ба он мебошад, бинобар ин дар мақолаи илми вазифаи сохтани модели назариявӣ гузошта шудааст, ки вобастагии суръати тағйирёбии сармояи инсониро аз ҳаҷми маблағҳои гузошташударо инъикос менамояд. Асоси модели мазкурро муқаррароте ташкил медиҳад, ки тибқи он миқдор ва сифати сармояи инсоние, ки дар фаъолияти корхона иштирок мекунанд, бевосита аз сатҳи сармоягузорӣ ба он вобаста аст.

***Вожаҳои калидӣ:*** сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, фоида, моделҳои гуногуни сармоягузорӣ.

**Рустамов Ф.М.**

## МОДЕЛИРОВАНИЕ ЗАВИСИМОСТИ СТОИМОСТИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА ОТ ОБЪЕМА ЕГО ИНВЕСТИЦИЙ

В данной статье на основе различных моделей рассматривается зависимость стоимости человеческого капитала от размера инвестиций в него. Конкретные характеристики стоимости человеческого капитала определяются размером инвестиций, что приводит к увеличению прибыли и повышению качества человеческого капитала на предприятии. Последовательное формирование человеческого капитала и повышение эффективности его использования позволяют значительно повысить конкурентоспособность предприятия и обеспечить его дальнейшее развитие. Зависимость количества ценного для предприятия человеческого капитала от инвестиций в него, поэтому в научной статье ставится задача создания теоретической модели, отражающей зависимость скорости изменения человеческого капитала от объем вложенных средств. В основу этой модели положено положение, согласно которому количество и качество человеческого капитала, участвующего в деятельности предприятия, напрямую зависит от уровня инвестиций в него.

**Ключевые слова:** человеческий капитал, инвестиции, инвестиции в человеческий капитал, выгода, различные модели инвестирования.

**Rustamov F.M.**

## MODELING THE DEPENDENCE OF THE VALUE OF HUMAN CAPITAL ON THE AMOUNT OF INVESTMENT IN IT

This article, based on various models, examines the dependence of the value of human capital on the amount of investment in it. The specific characteristics of the cost of human capital are determined by the size of investments, which leads to increased profits and improved quality of human capital in the enterprise. Consistent formation of human capital and increasing the efficiency of its use can significantly increase the competitiveness of the enterprise and ensure its further development. The dependence of the amount of valuable human capital for an enterprise on investments in it, therefore, the scientific article sets the task of creating a theoretical model that reflects the dependence of the rate of change of human capital on the amount of invested funds. This model is based on the proposition that the quantity and quality of human capital participating in the activities of an enterprise directly depends on the level of investment in it.

**Keywords:** human capital, investments, investment in human capital, benefit, various investment models.

Тибқи назарияи сармояи инсонӣ, одамон имкониятҳои худро тавассути сармоягузорӣ ба худ зиёд намоянд ва корхонаҳо бошанд бо сармоягузорӣ дар рушди сармояи инсонӣ даромаднокии худро баланд намоянд. Далели асосӣ ба манфиати ин гуна маблағгузорӣ аз он иборат аст, ки маблағи сарфшуда аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва инкишоф додани қобилияти азхуд кардан ва кор карда баромадани технологияҳои нав ба ҳисоб меравад ва ба ин васила онро асоснок кардан мумкин аст. Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ дар корхона ба зиёд шудани фоидаи корхона ва ба баланд шудани сифати сармояи инсонӣ оварда мерасонад. Ташаккули пайдарпайи сармояи инсонӣ ва баланд бардории самаранокии истифодаи он рақобатпазирии корхонаро ба таври назаррас баланд бардошта, рушди минбаъдаи онро метавонад таъмин намояд.

Дар ин ҷо, лаҳзаи муҳимтарин ин дарк намудани вобастагии ҳаҷми сармояи инсонии барои корхона арзишманд аз сармоягузорӣ ба он мебошад, бинобар ин дар мақолаи илмии мазкур вазифаи сохтани модели назариявӣ гузошта шудааст, ки вобастагии суръати

тағйирёбии сармояи инсониро аз ҳаҷми маблағҳои гузоштташударо инъикос менамояд. Асоси модели мазкурро муқаррароте ташкил медиҳад, ки тибқи он миқдор ва сифати сармояи инсоние, ки дар фаъолияти корхона иштирок мекунанд, бевосита аз сатҳи сармоягузорӣ ба он вобаста аст.

Ба чунин сармоягузориҳо:




**Расми 1 – Намудҳои гуногуни сармоягузорӣ**

Музди меҳнати баланд, имтиёзҳо ва ҳавасмандкунии молиявии дигар эҳтимолияти беҳуда сарф нашудани ҳама гуна сармоягузорӣ ба малакаҳои тахассусӣ ва техникиро зиёд мекунанд, чунки онҳо хавфи аз ширкат рафтани кормандро хеле паст мекунанд. Илова бар ин, онҳо ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд, чунки омили муҳимтарини ҳавасмандкунанда мебошанд.

Сармоягузориҳо ба соҳаи тандурустӣ, ба ғайр аз таъсири ҳавасмандгардонӣ ба мисли музди меҳнат, метавонанд маблағҳои барои рухсатии беморӣ сарфшударо сарфа карда, талафотро аз ҳисоби ҳозир набудани кормандон дар ҷои кор (ва мутаносибан иҷро нашудани ҳаҷми зарурии кор) ва пардохтҳо барои суғурта аз бемориҳои касбӣ коҳиш диҳад.

Модели пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки сохтори вобастагии сармояи инсонӣ аз сармоягузорӣ ва аҳамияти сармоягузорӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ дарк карда шавад. Дар асоси модели сохташуда ҳаҷми сармояи инсонии дар корхона ҷамъоварда шударо ҳисоб кардан мумкин аст.

Барои таҳияи модел фарз менамоем, ки функсияе мавҷуд аст, ки вобастагии арзиши сармояи инсониро дар корхона аз вақт нишон медиҳад, онро ҳамчун HC(t) ифода менамоем. Боз функсияе вуҷуд дорад, ки ҳаҷми маблағгузории солонаро ба сармояи инсонӣ аз вақти I(t) нишон медиҳад. Он гоҳ фарз кардан мумкин аст, ки суръати тағйирёбии сармояи инсонӣ ифода карда мешавад.

**Ҷадвали 1 – Сурати тағирёбии арзиши сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $\frac{dH\,(t)}{dt} = I\,(t)$ | dH (t) - бузургии сармояи инсонӣ дар лаҳзаи вақти t мебошад;<br>I(t) - сармоягузории ҳарсола ба сармояи инсонӣ;<br>$\frac{dHC\,(t)}{dt}$суръати тағирёбии арзиши сармояи инсонӣ дар вақт (ҳосилаи аввалин аз функсияи сармояи инсонӣ нисбат ба вақт); |

Формулаи (1) ба фарзияи вобастаги бевоситаи байни сармоягузорӣ ва суръати зиёдшавии арзиши сармояи инсонӣ ташкил карда шудааст. Дар ин ҷо далелеро ба назар гирифтан лозим аст, ки тибқи он байни маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ва лаҳзаи иштироки бевоситаи он дар раванди истеҳсолии корхона аксаран давраи муайян мегузарад, ки барои он вобастагиҳо тавассути формулаи (1) ифодаёфта таҳрир кардан лозим меояд.

Масалан, омӯзише, ки дар аввали сол пардохт шуда буд, танҳо дар охири сол натиҷаи мусбат медиҳад. Сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустӣ танҳо пас аз чанд вақт ба бизнес-натиҷаҳои мусбӣ оварда мерасонад.

Вақти t*-ро дохил мекунам, ки он вақти миёнаи ақибмонӣ байни ба роҳ мондани маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ва вақти омодагии он барои овардани даромадро ифода менамояд, яъне вақти зиёдшавии арзиши он. Дар ин ҳолат формулаи (1) ба шакли (2) мубаддал мегардад.

**Ҷадвали 2 – Вақти миёни ақибмонӣ ба сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $\frac{dH\ (t)}{dt} = I\ (t - t^{*})$ | dH (t) - бузургии сармояи инсонӣ дар лаҳзаи вақти t мебошад;<br>I (t) - сармоягузории ҳарсола ба сармояи инсонӣ;<br>$t^{*}$-вақти миёнаи ақибмонӣ байни ба роҳ мондани маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ва вақти омодагии он барои овардани даромадро ифода менамояд |

Аз курси таҳлили математикӣ маълум аст, ки агар ҳосилаи функсия бузургии мусбат бошад, он гоҳ худи функсия калон мешавад. Ҳамин тариқ, аз формулаи (2) маълум мешавад, ки ҳангоми мусбат будани қимати тарафи рост, яъне ҳангоми сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ миқдори он дар корхона зиёд шудан мегирад.

Бо мавҷуд будани функсияе, ки ҳаҷми сармоягузориро дар давраи аз 0 то 10 нишон медиҳад ва бо назардошти давомнокии он ва ҳамгиро шудани он, миқдори сармояи инсонии корхонаро дар давраи додашуда ҳисоб кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 3 – Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $\int_{0}^{t_0} I\ (t - t^{*})dt = HC\ (t_0) - HC\ (0)$ | *HC(0) = const,* яъне доимист, чунки агар сармоягузориҳо дар лаҳзаи вакти t=0 иҷро шуда бошад, пас онҳо аз лаҳзаи вакти t* таъсири мусбӣ хоҳад дошт ва дар лаҳзаи нулӣ захираи ибтидоии сармояи инсонӣ вуҷуд дорад. |

ки дар он *HC(0) = const,* яъне доимист, чунки агар сармоягузориҳо дар лаҳзаи вакти t=0 иҷро шуда бошад, пас онҳо аз лаҳзаи вакти t* таъсири мусбӣ хоҳад дошт ва дар лаҳзаи нулӣ захираи ибтидоии сармояи инсонӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, модели (3)-ро метавон дар шакли (4) аз тарафи нав навишта шавад.

**Ҷадвали 4 – Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $\int_{0}^{t_0} I\ (t - t^{*})dt = HC\ (t_0) - c$ | *HC(0) = const,* яъне доимист, чунки агар сармоягузориҳо дар лаҳзаи вакти t=0 иҷро шуда бошад, пас онҳо аз лаҳзаи вакти t* таъсири мусбӣ хоҳад дошт ва дар лаҳзаи нулӣ захираи ибтидоии сармояи инсонӣ вуҷуд дорад. |

Агар нишондиҳандаи сармояи инсониро дар натиҷаи фарсудашавӣ (ба нафақа баромадан, кӯҳна шудани дониш ва малакаи бадастовардашуда), ҳамчунон ҷойивазкунии кадрҳо (якҷоя бо сармояи инсонии онҳо) ба назар гирифта шавад, он гоҳ метавон захираи сармояи инсониро дар лаҳзаи вакти Ю муайян намуд ва модел (5)-ро соҳиб шуд.

**Ҷадвали 5 – Захираи сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $HC\ (t_0) = \int_0^{t_0} I\ (t - t^*)dt - U\ \ (t_0) + c$ | $(t_0) + c = const$, яъне қимати функсияи сармояи инсонӣ дар вақти $t_0$ бо баҳисобгирии баромади он. |

Истифодаи формулаҳои (4)-(5) имкон медиҳад, ки бо баҳодиҳии назариявии сармояи инсонии корхона дар асоси сатҳи сармоягузорӣ амалӣ карда шаванд.

Маънои геометрии формулаи (5) нишон медиҳад, ки бузургии сармояи инсонии дар корхона дар лаҳзаи вақти $t_0$ ҷамъшуда ин масоҳати майдони шаклест, ки бо функсияи *I(t-t*)*, кунҷҳои координатӣ ва хати рости *t=t* ташаккул ёфтааст. (расми 2).

Тасвири геометрӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки коҳишёбии функсияи *L=1 (t-t*)* масоҳати шакли зери онро хурд мекунад, яъне суръати афзоиши сармояи инсонӣ дар корхона кам мешавад. Ва баръакс, афзоиш ин масоҳатро калон мекунад ва аз ин рӯ суръати рушд низ зиёд мешавад. Ин бори дигар алоқамандии зич доштани ҳолати сармояи инсониро дар корхона ва сармоягузориҳо ба онро нишон медиҳад.




**Расми 2 - Маънои геометрии модели (5), бо истифода аз мисоли функсияи камшаванда ва афзоишёбанда**

Ҳамин тариқ, баъзе тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи ҳолати сармояи инсонии корхона метавонад дар асоси ҳаҷми сармоягузорӣ сохта шавад. Суръати тақрибии тағирёбии сармояи инсонии нав воридшударо низ ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар асоси тақсимоти мавҷудаи сармояи инсонӣ ба чор ҷузъе, ки дар расми 2 нишон дода шудааст, модели (5)-ро такмил додан мумкин аст ва дар он элементҳои зеринро қайд намудан мумкин аст:

1. Малакаҳои умумӣ – тайёрии ибтидоӣ, маҳорати ҷустуҷӯи иттилоот, инчунин истифода ва коркарди он дар ҳалли масъалаҳо, ки бо қобилиятҳои табиӣ ва сатҳи таҳсилот хос аст.

2. Малакаҳои махсус – онҳое, ки бо амалҳо ва малакаҳои муайяни технологӣ ё истеҳсолӣ алоқаманд мебошанд (аз ҷумла имкониятҳои физикӣ), ки бо таҷрибаи корӣ ва қобилияти табиӣ тавсиф мешаванд;

3. Малакаҳои техникӣ – қобилиятҳои таҳлилӣ, ки боиси рушди технологияҳои мавҷуда ё ташкилшавии технологияҳои нав мегардад.

4. Саломатӣ.

Корхона метавонад ба ин ҷузъҳои сармояи инсонии худ тавассути сармоягузорӣ таъсир расонад. Малакаҳои умумӣ бештар аз ҷониби шахс ё мустақилона пардохт карда мешаванд, ё онҳо аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда мешаванд, аммо ширкат барои дарёфти кормандони дорои сатҳи баланди маълумот маблағгузорӣ мекунад ва ба онҳо

маоши баландро пешниҳод мекунад. Инро метавон сармоягузорӣ ба ҷузъи умумӣ ҳисоб кард.

Саломатӣ асосан аз вазъи табии инсон вобаста аст, аммо корхона тавассути сармоягузорӣ ба ҳифзи меҳнат ва чораҳои пешгирикунанда ба нигоҳ доштани он дар сатҳи зарурӣ кӯмак менамояд. Илова бар ин, сармоягузорӣ ба тандурустии кормандон хароҷоти рухсатии беморӣ, инчунин хароҷотро дар натиҷаи набудани корманд кам мекунад, ки ин дар навбати худ даромади сармоягузорӣ ба тандурустӣ ҳисобида мешавад.

Сармоягузорӣ ба ҷузъҳои техникӣ ва махсус ҳамчун хароҷотҳо ба дарёфти кормандоне, ки дорои ин унсурҳои сармояи инсонӣ мебошанд ва ҳам рушд ва нигоҳдории онҳоро дар бар мегирад. Ин метавонад хароҷоти омӯзиш ва такмили ихтисос, музди меҳнати муносибе, ки метавонад коргарро дар корхона нигоҳ дорад ва дигар имтиёзҳо, ҳавасмандиҳо ва ҷубронҳоро дар бар гирифта бошад.

Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки ақибмонии барои модели (2) ҷорӣ шударо низ ба се нишондиҳанда тақсим кардан лозим аст, зеро вақти миёнаи таъхир байни татбиқи сармоягузориҳои гуногун ба сармояи инсонӣ ва вақти омодагии он барои тавлиди даромад дар ин ҳолат аз ҳамдигар фарқкунанда аст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло модели (6) чунин шаклро соҳиб мешавад:

**Ҷадвали 6 – Вобастагии сармоягузорӣ ба рушди малакаҳои техникӣ ва тандурустӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $\frac{dHC(t)}{dt} = \frac{d}{dt}(OK(t) + SK(t) + TK(t) + HE(t)) = I_{OK}(t-\tau_2) + I_{TK}(t-\tau_3) + I_{HE}(t-\tau_4)$ | *HC(t)* - вобастагии арзиши сармояи инсонӣ аз вақт;<br>*OK(t)* - вобастагии вақт аз арзиши дониш ва малакаҳои умумӣ;<br>*SK(t)* - вобастагии вақт аз арзиши дониш ва малакаҳои махсус;<br>*TK(t)* - вобастагии вақт аз арзиши дониш ва малакаи техникӣ;<br>*HE(t)* - вобастагии вақт аз таркиби саломатӣ;<br>*IoK (t-Tj)* - вобастагии сармоягузориҳо ба бахши малакаҳои махсус аз вақт бо назардошти қафомонии Т) барои ҳамин намуди сармоягузорӣ; |

Ҳамин тавр: *ISK(t-x2), ITK(t-z3), IHE(t-x4)* - вобастагии сармоягузорӣ ба рушди малакаҳои техникӣ ва тандурустӣ бо назардошти ақибмониҳои дахлдор.

Ҳама функсияҳои сармоягузорӣ бо сомонӣ/сол чен карда мешаванд, мувофиқан, арзёбии сармояи инсонӣ бо воҳидҳои пулӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар асоси ифодаи математикӣ (6) модели (7) бо чунин тарз такмил дода мешавад:

**Ҷадвали 7 - Функсияҳои сармоягузори ба сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $$HC(t_0) = \int_0^{t_0} \big(OK(t) + SK(t) + TK(t) + HE(t)\big)dt = \int_0^{t_0} I_{OK}\,(t-\tau_1)dt + \int_0^{t_0} I_{SK}\,(t-\tau_2)dt + \int_0^{t_0} I_{TK}\,(t-\tau_3)dt + \int_0^{t_0} I_{HE}\,(t-\tau_4) + c$$ | Ҳамин тариқ, арзиши сармояи инсонӣ аз ҳаҷми сармоягузорӣ ба ҳар як ҷузъи он вобаста аст, ки ба онҳо корхона метавонад, таъсир расонад. |

Тасвири геометрии модели (7) нишон медиҳад, ки ҳаҷми сармояи инсонӣ, ки ба ҷузъҳо тақсим шудааст, ба суммаи масоҳатҳои дар доираи вазифаҳои дахлдори сармоягузорӣ дар лаҳзаи вақт дар фосилаи аз 0 то Ю баробар мешавад. Камшавӣ ё зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ ба ин ё он ҷузъи масоҳати мувофиқ хурд ё зиёд шуда, ба вазъи умумии сармояи инсонии корхона таъсир мерасонад.

Модели (7) характери назариявиро соҳиб аст, зеро баҳодиҳии амалии ҳамаи тағйирёбандаҳоии дохилшуда хеле душвор аст. Бо вуҷуди ин, қимати вобастагии бадастомада хеле баланд аст, зеро онҳо равандҳои бо сармояи инсонӣ ва ҷузъҳои он ба амаломадаро равшан нишон медиҳанд. Ҳамзамон, ин модел ба имкон медиҳад, ки сохтор ва хусусиятҳои сармояи инсонӣ, инчунин вобастагии мустақими онро аз равандҳои сармоягузорӣ беҳтар фаҳмида шавад.

Барои анҷом додани таҳлили модели сохташуда боз як нишондиҳандаи дигарро пешниҳод менамоем. Барои ин, мафҳуми сармоягузориҳои самаранокро ба сармояи инсонӣ ҷорӣ менамоем - инҳо сармоягузориҳое мебошанд, ки ба ғункунии сармояи инсонии фоиданок, ки фоиданокии сармоягузорӣ дар равандҳои рушд ва афзоиш, яъне сармоягузорӣ ба таҳсилот ва дониши рақобатпазирро таъмин мекунанд, оварда мерасонад. Дар сатҳи корхона, мо сармоягузориро ба малакаҳои рақобатпазири умумӣ, тахассусӣ, техникӣ ва дониши мутаносибан ЮК, ISK ва 1ТК интихоб мекунем. Самаранокии маҷмӯии сармоягузориҳоро дар доираи модели назариявӣ метавон тавассути табдил додани омили сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар муддати муайян, масалан дар як сол чунин муайян кард :

**Ҷадвали 8 – Сармягузории самаранок ба сармояи инсонӣ**

| Формула | Шарҳ |
|---|---|
| $$HC = k_1 I_{OK} + k_2 I_{SK} + k_3 I_{TK} = k I_{HC}$$ | *НС*- сармояи инсонии умумӣ;<br>*kj* – коэффисиенти табдилдиҳии ҷузъи і-уми сармояи инсонӣ, *i=l,2,3;*<br>*1нс* ~ маблағгузории умумии сармояи инсонӣ;<br>А: - коэффисиенти умумии табдилдиҳӣ мебошад. |

Бузургии *k* метавонад ҳам қиматҳои манфӣ ва ҳам мусбатро қабул кунад. Қиматҳои манфӣ ё пасти ин коэффитсиент метавонад аз чунин сабабҳо бошад:

- сармоягузори, ба шахсҳое, ки барои омӯхтан ва дарк кардани донишҳои муосир қодир нестанд, самараи паст ё ночизро медиҳанд;
- раванди таълим самаранок нест;
- маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои санҷиданашуда, хавфнок ва коркардҳои илмию таҳқиқотӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, на ҳар як сармоягузорӣ метавонад ба натиҷаи мусбӣ оварда расонад. Инро бо он шарҳ дода мешавад, ки қобилияти кормандон метавонанд гуногун бошанд, илова бар ин, омӯзиш аз сабаби бесамар будани он, нодуруст расонидани иттилоот, нодуруст интиқоли додани он метавонад ба натиҷаҳои мусбати дилхоҳ оварда нарасонад.

Инчунин, диққати худро ба хусусияти махсуси сармояи инсонӣ равона кардан зарур аст. Агар дар корманд маҳорат ва донише, ки ба талаботи ҳозираи илм, техника, истеҳсолот, идоракунӣ мувофиқ набошад, пас барои бозомӯзии ӯ назар ба аз сифр тайёр кардани корманди дахлдор маблағи зиёдтар масраф мешавад.

Хулосаро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ на танҳо дар ташаккули он нақши мусбат мебозад, балки характери ҳатмиро соҳиб аст. Агар корхона кӯшиш кунад, ки маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол кунад ва доираи фаъолияти худро тавассути технологияҳои инноватсионии истеҳсолот васеъ кунад, маҳсулнокии худро тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ зиёд намояд, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ хеле зарур аст. Бе сармояи муносиби инсонӣ ноил шудан ба натиҷаҳои баланди мусбӣ қариб ғайриимкон аст. Соҳаи нави фаъолияти корхона ё фарохгардонии соҳаи мавҷуда, ҳамчунин такмилдиҳии истеҳсолот бояд ҳатман бо иқтидори баланди кадрӣ, яъне сармояи инсонӣ пайгир бошад.

Вобаста ба ин масъалаи мӯҳтаво ва сохтори раванди фаъолияти сармоягузорие, ки ба рушди сармояи инсон нигаронида шудааст, ба миён меояд. Зарур аст, ки шаклбандии марҳилаҳои асосии он бо тавсифи муфассали ҳар яки онҳо таҳия карда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Бураншина, Н.А. Человеческий капитал в современных междисциплинарных исследованиях / Н.А. Бураншина // Креативная экономика. – 2011. – Т. 5, № 10. – С. 74–79.
2. Капелюшников, Р.И. Сколько стоит человеческий капитал России? / Р.И. Капелюшников. – М. :Изд. дом ВШЭ, 2012. – 76 с.
3. Национальная стратегия устойчивого социально-экономического развития Республики Беларусь на период до 2030 г. / ГНУ «Научно-исследовательский экономический институт». – Мн., 2015. – 143 с.
4. Хоконов, А.А. К вопросу о значении фактора человеческий капитал в инновационном развитии страны / А.А. Хоконов // МИР (Модернизация. Инновации. Развитие). – 2015. – № 1. – С. 76–80.
5. Цели в области устойчивого развития [Электронный ресурс]. – Режим доступа : https://www.un.org/sustainabledevelopment/ru/sustainable-development-goals. – Дата доступа : 21.02.2019.

**УДК 338.4**

**Саломова У.Т., Абдуллоев З.А.**

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ДАР МЕҲМОНХОНА

Дар шароити кунунии иқтисодии рушди сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ, ба арзёбии рафтори истеъмолкунандагон ҳамчун нишондиҳандаи рақобатпазирии меҳмонхонаҳо беш аз беш таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Дар мақола раванди ташкили системаи идоракунии муносибатҳои муштариён барои маҷмааҳои меҳмонхона баррасӣ карда мешавад. Системаи идоракунии муносибатҳои муштариён стратегияи тиҷорӣ мебошад, ки ба даст овардани бартарии рақобатии ширкат тавассути эҷоди муносибати ба мизоҷ нигаронидашуда ба хизматрасони, маркетинг ва фурӯш равона шудааст, ки фалсафа ва фарҳанги махсусро дар назар дорад, ки меҳмон ва афзалиятҳои ӯ барои ширкат дар ҷои аввал меистанд. Аҳамияти ин масъала дар баланд бардоштани самаранокии тиҷорати меҳмонхонаҳо муайян карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** сайёҳӣ, меҳмонхона, кормандон, идоракунӣ, муносибати муштариён, сифати хизматрасонӣ, муносибати инфиродӣ, бартарии рақобат.

**Саломова У.Т., Абдуллоев З.А.**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ В ОТЕЛЕ

В современных экономических условиях развития туризма и гостеприимства все больше внимания уделяется оценке потребительского поведения как индикатору конкурентоспособности гостиниц. В статье рассматривается процесс создания системы управления взаимоотношениями с клиентами гостиничных комплексов. Система управления взаимоотношениями с клиентами – это бизнес-стратегия, направленная на получение конкурентного преимущества компании за счет создания клиентоориентированного подхода к обслуживанию, маркетингу и продажам, что предполагает особую философию и культуру, ставящую клиента и его предпочтения на первое место для компании. Определена важность данного вопроса в повышении эффективности бизнеса гостиниц.

**Ключевые слова**: туризм, гостиница, персонал, менеджмент, взаимоотношения с клиентами, качество обслуживания, индивидуальный подход, конкурентное преимущество.

**Salomova U.T., Abdulloev Z.A.**

## IMPROVEMENT OF THE MANAGEMENT SYSTEM IN THE HOTEL

In the current economic conditions of tourism and hospitality development, more and more attention is paid to the evaluation of consumer behavior as an indicator of the competitiveness of hotels. The article discusses the process of creating a customer relationship management system for hotel complexes. A customer relationship management system is a business strategy aimed at gaining a company's competitive advantage by creating a customer-oriented approach to service, marketing and sales, which implies a special philosophy and culture that puts the customer and his preferences first for the company. The importance of this issue in increasing the business efficiency of hotels has been determined.

**Key words:** tourism, hotel, staff, management, customer relationship, service quality, individual approach, competitive advantage.

Дар шароити ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, ба хусус рақамикунонии фаъолиятҳо такмилдиҳии низоми идоракунии кормандон хеле муҳим аст, зеро муштариёни меҳмонхона бодарназардошти сатҳу сифати хизматрасонии кормандон ва масъулин муассисаҳоро баҳодиҳӣ ё арзёбӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз барои рақобаттавонӣ дар соҳаи фаъолияти меҳмонхонаҳо унсурҳо ва омилҳоеро бояд ба инобат гирифт, то ин ки дар соҳа мавқеи хосаро соҳибӣ карда тавонанд. Ин гуна омилҳо хусусиятҳои ба худ хос ва фарққунандаро доранд.

Мавриди зикр аст, ки баҳри муайян намудани дараҷа ё сифати ҳаргуна хизматрасониҳо, дар навбати аввал ба эътибор гирифтани хусусиятҳояшон зарур аст, зеро онҳо сарчашмаи асосӣ ё манбаи ҳамагуна хизматрасониҳо мебошанд.

Мусаллам аст, ки кормандони маҳорати иртибот ё муошират дошта, ба таври мустақиман бо муштариён робитаи тарафайн доранд, ки он албатта дар таъмини сифати олӣ ва ташаккули сатҳи қаноатмандшавии муштариён нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин ҷост, ки ингуна ҳамкориҳо бо истеъмолкунандагон дар фаъолияти дилхоҳ объети соҳаи хизматрасони нақши ҳалкунандаро дорад.

Хизматрасонии сатҳи баланди меҳмонхонаҳо дар саноати меҳмоннавозӣ афзалияти рақобаттавониро дар бозор нишон дода, хизматрасониҳои инфиродӣ ба ҳар як меҳмон ё муштарӣ ҳавасмандӣ ё қаноатмандшавро таҷҷасум менамояд[1].

Низоми идоракунӣ дар меҳмонхонаҳо бояд батадриҷ такмил дода шавад. Дар ин ҷода нақши калидиро кормандони соҳибкасб ва соҳибтаҷриба касб намуда метавонанд. Ҳамзамон барои меҳмонхонаҳо шарт ва зарур аст, ки бо муштариён ҳамкории судманду манфиятбори тарафайнро дар ҳар як марҳилаи фаъолият ба роҳ монда тавонанд. Робитаҳои тарафайн ҳамчун маркетинги интерактивӣ бояд пайваста такмил дода шавад. Дар набати худ мо метавонем барои арзёбии фаъолияти дилхоҳ корманд аз нигоҳу андешаҳои муштариён огоҳӣ пайдо намоем. Ва баръакс аз нигоҳи кормандони меҳмонхона, таасуроти онҳоро нисбати қаноатмандшавии меҳмон ё муштарии ташрифоварда эҳсос намудан мумкин аст. Ин гуна усули кор бароиояндаи фаъолият, шуҳрату мавқеи меҳмонхона, ҳомкориҳои давомдор ва рушди стратегияи меҳмонхонаҳо заминаи мусоид фароҳам хоҳанд овард. Бояд қайд намуд, ки манбаи ягона ё базаи иттилоотиро нисбати ҳама гуна меҳмонон ё муштариён роҳандозӣ намуд, дар дораи низоми автоматикунонида маълумотҳоро метавон дар пойгоҳи додаҳо маҳфуз нигоҳ дошт. Дар ин сурат новобаста аз вақт ё муҳлати будубош ҳар як фарди ташрифоварда бояд маълумотҳои хешро джар ин система ҷойгир намояд. Муштарии ташрифоварда аз хотироти дарҷнамудаи пешомадагон нисбати хусусиятҳои хос ва сатҳи сифати хизматрасониҳо иттилоот гирифта метавонад ва ин дар диққатҷалбиву рақобаттавонии меҳмонхона заминаи ҷиддӣ хоҳад гузошт[5].

Ҳамзамон то андозае қонеъ шудани эҳтиёҷоти муштариён барои муштариёни содиқи шумо метавонад кофӣ набошад. Албатта собабҳои зиёде ҷой доранд, кӣ бо кадом хотир дидаю дониста муштариён ба дигар объектҳо таваҷҷӯҳи гузаштанро доранд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои ташаккули садоқат ва вафодории истеъмолкунандагон шумо бояд ҳадафҳои худро аниқ тартиб диҳед. Ин ба рушди босамари нақшаҳои ташаккули вафодорӣ ва интихоби каналҳои иртиботӣ мусоидат мекунад.

Як қатор нақшаҳои ташаккули садоқат дар шароити муайян самара ё манфиятборанд(расми 1).




**Расми 1. Самаранокии эҷодӣ садоқат**

***Нақшаҳои самараноки эҷоди вафодорӣ мавқеъҳои зеринро дар бар мегиранд:***

- ***арзишҳо:*** ҳар як истеъмолкунанда мунтазам ба як ширкати вафодор аст, ки арзишҳои онро бебаҳо медонад. Албатта, эҳсоси садоқати муштариён тавассути мурочиат ба арзишҳои барои онҳо муҳим бренд таъмин карда мешавад ва реклама воситаи асосии расидан ба ҳадаф дар ин ҳолат мебошад. Таввасути арзишҳо диққатҷалбии муштариёнро эҳсос намудан мумкин аст;
- ***муаррифӣ:*** истеъмолкунандагон ба ширкат ё объекте содиқанд, ки молу маҳсулот ё хадамот дар баланд бардоштани эътибори онҳо кӯмак карда бошад. Дастрасӣ ба маҳсулоти маъруфи соҳиббренд эътибори онро дучанд меафзояд. «Агар атрофиёни шумо ин ширкатро эътироф кардаанд, пас ман дар интихоб саҳв накардаам». Аз як нигоҳ метавон пай бурд ва худро қаноатманд эҳсос кард. Тавзеҳ ё ҷозибият он қадар ба реклама эҳтиёҷ надорад. Он чизе аён аст ҳоҷат ба баён нест;
- ***робитаҳои доимӣ:*** истеъмолкунандагон ба ширкатҳо - ташкилотҳое, ки бо онҳо робитаи некбин доранд, умедвории зиёд ба ҳамкориҳои стратегиро эҷод мекунанд. Маҳз муносибати байни мизоҷон ва кормандони меҳмонхона дурнамои дарозмуддати фаъолияти корхонаро метавонад таъмин намояд [2];

Дар ин ҷода таҳқиқотҳо хеле зиёданд, аз ҷумла тибқи як таҳқиқот бо Accenture машваратӣ, зиёда аз 60% -и соҳибкорон дар саноати меҳмонхонаҳо афзалияти аввалиндараҷаи фаъолияти худро дар нигоҳ доштани муштариён ва бахусус муштариёни доимӣ мебинанд. Ширкатҳо аз сиёсати ҷалби ҳарчи бештари муштариён то андозае даст кашида, ба сиёсати баланд бардоштани садоқати муштариён таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ташаккули системаҳои идоракунии муносибатҳои мизоҷони меҳмонхонаҳои бузурги кишварҳои Россия, Аврупо ва Амрико аз маҷмааҳои меҳмонхонаҳои Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ фарқ намекунанд, зеро дар аксари ҳолатҳо талабот ва принсипҳои корӣ қариб ягона аст. Аввалин маҳсулоти CRM соли 1947 дар ИМА ба қайд гирифта шудааст. CRM барои тиҷорати ҳама, яъне - автоматикунонии равандҳо барои аз байн бурдани такрори вазифаҳо ва содда кардани раванди пешбарӣ мебошад. Воқеан ин навоварӣ имконият медиҳад, то ки ҳар як натиҷаҳои кори иҷрошуда, нақшаҳо, чорабиниҳои мухталиф мавриди назорати пайваста қарор мегирад. Таҷриба нишон медиҳад, аввалин омӯзиши системаҳои идоракунии муносибатҳои муштариён пеш аз ҳама соли 1911 дар ИМА ба вуҷуд омадааст. Таҳаввулоти таърихӣ нишон медиҳад, ки то солҳои 80-уми асри 20 тақрибан 10 технологияи CRM мавҷуд буд, аммо бинобар рушди технологияҳои компютерӣ шумораи онҳо таъҷилан афзуда истода буд. Қайд кардан зарур аст, ки соли 1987, Пат Салливан аввалин нармафзори махсуси ҷаҳонро барои пурра таҳлил ва идора кардани тамосҳои муштариён ва фурӯшандагон эҷод кард.

Ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз 1000 системаи марбут ба синфи CRM ва Идоракунии тамос мавҷуданд[3].

Мавриди баён аст, ки рушди технологияҳои CRM-и дар мо то андозае суръатбахш нест, зеро то аввали солҳои 90-ум ба ин гуна навовариҳо умуман эҳтиёҷот мавҷуд набуд. Бо рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва ҳамгироиҳо дар замони муосир, дар бозори дохилӣ миқдори зиёди маҳсулот ва хизматрасониҳои нав пайдо шуда истодаанд, ки ҳеҷ гоҳ дар он гӯши хаёли касе ҷой надоштанд. То ҳанӯз, аксарияти кормандони ширкатҳо тахассуси технологияи рақамӣ надоштанд ва профили онҳо аксар вақт дар давоми сол тағйир меёфт. Ҳамаи ин ба он замина мегузошт, ки масъулин ва кормандони роҳбарикунанда барои таҳияи системаи идоракунии муносибатҳои муштариён диққати зарурӣ зоҳир наменамуданд. Ягон намуд ё шакли барномаҳо барои баланд бардоштани садоқати муштариён ва барқарор кардани муносибатҳои дарозмуддат умуман вуҷуд надоштанд.

Дар нн гуна шароит меҳмонхона бо ин тарзе кор мекард, ки ҳадафҳои умумии он бо манфиатҳои менеҷерони асосӣ ва ҳамзамон кормандон ва умуман коллоективи меҳнатӣ мувофиқат намекарданд. Масалан, роҳбарияти ширкат дар назди менеҷер вазифаҳои нав гузоштааст, ки ҷойҳои нави бозори мақсаднокро пайдо кунад, аммо менеҷери ин бахш ба

ин масъала беаҳмиятӣ зоҳир намуд ва ақидаҳои муқобили ҳамдигар ё гуногунии андешаҳо дар тарзи роҳбарӣ мушоҳида мегардид. Дар натиҷаи фарқияти ҳадафҳо боис ба он гашт, ки дар ниҳоят боиси аз кор рафтани менеҷери асосӣ бо мизоҷонаш ба ширкати рақиб шуд. Яъне талафоти кадрӣ сурат гирифт. Аммо то имрӯз, ба ин масъала кам таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад.

Айни замон, дар ин марҳилаи рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамгироиҳову ҳамоишҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми афзудани рақобаттавонӣ идоракунии муносибатҳои муштариён аҳамияти хосаро касб менамояд. Таваҷҷӯҳи муштариён ба дилхоҳ муассиса унсури асосии мубориза дар бозори рақобатпазиро шудааст. Дар навбати худ бешубҳа дар оянда наздик талабот ба системаҳои CRM меафзояд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо ҳоло шумораи лоиҳаҳои татбиқи CRM беш аз якчанд ҳазор ба қайд гирифта шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи ин мавӯъ муайян гардид, ки соҳаи меҳмоннавозии Тоҷикистон ба такмил ва таҳавулоти саноативу технологӣ беш аз пеш эҳтиёҷ дорад. Барномаи болизикр дар кишварҳои Ғарб, ҳамчун асоси тиҷорати меҳмонхонаҳо, яъне кори дақиқи муносибатҳои инфиродӣ бо меҳмононро нишон медиҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷалби муштарии нав барои ширкат аз нигоҳ доштани пойгоҳи муқаррарии меҳмонон гаронарзиш аст. Рушди технологияҳои рақамӣ ва муносибатҳои муштариёну менеҷерон дар заминаи «инсони рақамӣ» бо маром ташаккул меёбад. Ин гуна ҳолат моро водор месозад, ки баҳри такмил додани низоми идоракунӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва муносибатҳои маҷозӣ ва фазои иттилоотӣ чораҳои зарурӣ андешида бошем. Зеро ҳама гуна тағйироту ивазшавиҳо метавонад натиҷабахш бошад, агар низоми идоракунӣ ба он мусоидат намояд[4].

Хулас стратегияи соҳибкорӣ ин идоракунии муносибатҳои аст, яъне ки он барои ҷалб ва ҳамкории устувор бо муштариён дар раванди ҳамкориҳои стратегӣ пешбинӣ шудааст. Мавриди зикр аст, ки яке аз шарти асосии ташкили бомуваффақияти системаи идоракунии муносибатҳои муштариён дар соҳаи меҳмондорӣ ҷой доштани фалсафаю фарҳанги соҳибкорӣ мебошад. Дар ин сурат барномаҳои махсус ба шумо имкон медиҳанд, ки самаранокии ҳамкорӣ бо мизоҷро эҷод ва такмил дода, муносибатҳоро вусъат бахшида, идоракунии стратегии фаъолият ва фарҳанги хизматрасониро ба самти дуруст равона карда бошед [6]. Такмили низоми идоракунӣ аз майлу хоҳиш ё диду назари роҳбар вобастагӣ надорад, ин раванд пайваста аз навовариҳо ва талаботҳои муносибатҳои нави иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Пас бояд дар ин кор шитоб кард ва дар бозор рақобаттавон буд.

Пас аз таҳқиқи ин масъала хотиррасон бояд кард , ки баланд бардоштани сатҳ ё дараҷаи қаноатмандшавии муштариёнро дар низоми менеҷменти муносибатҳо принсип ва ҳадафи асосӣ номидан мумкин аст, зеро ки дар ниҳоят таваҷҷӯҳи муштариён ба хизматрасонӣ ва меҳмонхона афзоиш меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев З.А.,Ташаккули системаи идоракунии кормандон/А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ,-Душанбе, - 2024, №1(51 )

2. Мирзоалиев А.А. Арзёбии омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсирасон / А.А. Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023 №1(45)-С.27-35,

3. Осипов В.С. Государство, бизнес и общество: дисфункции взаимодействия // Экономика и предпринимательство, 2015. № 10-1 (63- 1). С. 38-41.

4. Омодагии кадрҳо дар шароити рақамикунонии саноати сайёҳӣ/ А.А. Мирзоалиев, Ё.К. Худойқулова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2/2(47) Душанбе, 2023 -С.26-33

5.Рақамикунонӣ ва рушди иқтидорӣ кадрӣ / Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №1, 2/2(47) -С. 248 – 253.

6.. Управление персоналом. Энциклопедия / Под ред. А.Я. Кибанова. М.: Инфра-М, 2009. С. 345.

**УДК 330.3**

**Содиқов М.С., Сафаров И.Н.**

## БЕҲТАРСОЗИИ (ОПТИМИЗАТСИЯ) НИЗОМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

Дар мақола масъалаҳои илмӣ ва беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Қайд мегардад, ки гуногунии манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ доираи васеи имкониятҳоро барои ҷалби маблағ барои мақсадҳои сармоягузорӣ фаро мегирад. Идоракунии самараноки маблағгузории сармоягузорӣ як раванди мураккабест, ки таҳлили доимӣ ва мутобиқсозии стратегияро мувофиқи шароити бозор ва ҳадафҳои ширкат талаб мекунад. Вобаста ба масъалаи мазкур зикр шудааст, ки манбаъҳои гуногуни маблағгузории сармоягузорӣ якчанд манбаъҳои асосиро, аз қабили маблағҳои худӣ маблағгузории қарзӣ, бозорҳои сармоя, фондҳои сармоягузорӣ, маблағгузории давлатӣ, сарчашмаҳои инноватсионӣ, сарчашмаҳои байналмилалӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Исбот гардидааст, ки беҳтарсозии сохтори сармоя, яке аз самти муҳими фаъолияти сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад маънои дарёфти тавозуни оптималии байни сармоя ва қарзро дорад, ки арзиши ҳадди аксарро таъмин намуда, харoҷоти маблағгузориро кам менамояд.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти сармоягузорӣ, манбаҳои маблағгузорӣ, арзёбии самараноки сармоягузорӣ, дастгирии молиявӣ, идоракунии хавфҳо, устувории молиявӣ, андоз, сармоягузории давлатӣ, сармоягузории хориҷӣ ва шарикии давлат.

**Содиков М.С., Сафаров И.Н.**

## ОПТИМИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЫНОЧНЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются научные вопросы и оптимизации системы финансирования инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан. Отмечается, что разнообразие источников финансирования инвестиций охватывает широкий спектр возможностей привлечения средств на инвестиционные цели. Эффективное управление финансирование инвестициями – сложный процесс, требующий постоянного анализа и адаптации стратегии в соответствии с рыночными условиями и целями компании. В связи с этим вопросом отмечается, что различные источники финансирования инвестиций включают в себя несколько основных источников, таких как собственные средства, кредитные финансирование, рынки капитала, инвестиционные фонды, государственное финансирование, инновационные источники, международные источники и тому подобное. Доказано, что оптимизация структуры капитала является одним из важнейших направлений инвестиционной деятельности, а это означает нахождение оптимального баланса между капиталом и кредитом, обеспечивающего максимальную стоимость и снижающего затраты на финансирование.

**Ключевые слова:** инвестиционная деятельность, источники финансирования, эффективная оценка инвестиций, финансовая поддержка, управление рисками, финансовая устойчивость, налог, государственные инвестиции, иностранные инвестиции и государственное партнерство.

**Sodikov M.S., Safarov I.N.**

**OPTIMIZATION OF THE SYSTEM OF FINANCING INVESTMENT ACTIVITIES IN MARKET CONDITIONS**

The article discusses scientific issues and optimization of the system of financing investment activities in the Republic of Tajikistan. It is noted that the variety of sources of investment financing covers a wide range of possibilities for raising funds for investment purposes. Effective management of investment financing is a complex process that requires constant analysis and adaptation of the strategy in accordance with market conditions and company goals. In connection with this issue, it is noted that the various sources of investment financing include several major sources, such as equity funds, debt financing, capital markets, investment funds, government financing, innovative sources, international sources and the like. It has been proven that optimizing the capital structure is one of the most important areas of investment activity, which means finding the optimal balance between capital and credit, ensuring maximum value and reducing financing costs.

**Key words:** investment activity, sources of financing, effective investment assessment, financial support, risk management, financial stability, tax, public investment, foreign investment and public partnership.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол аз нуқтаи назари худтаъминкунӣ ва истиқлолияти молиявӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мисли дигар давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ тамоми шароитҳои мусоид амалӣ гашта истодааст.

Дар кишвар имрӯз қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар баробари ин дигар қонунҳое, ки дар самти рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар қабул гардиданд, барои ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ гузоштаанд.

Мукаммалнамоии қонунгузории кишвар дар самти рушди гуногуншаклии моликият ва муносибатҳои бозоргонӣ аз қабили моликият, иҷора, фаъолияти соҳибкорӣ, бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, хусусигардонии амволи давлатӣ, бозори хизматрасониии суғуртавӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва монанди инҳо барои иштирокчиёни бозор ва сармоягузорон шароити мусоид фароҳам овард.

Ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои қобили қабули рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои аввали истиқлолият боиси интихоби модели дарҳои кушод гардид, ки ба гуфтаи Саидмуродов Л.Ҳ., имкон медиҳад, ки «... фазои мусоиди сармоягузорӣ ва шароити зарурӣ барои суръат бахшидан ба суръати рушди иқтисодӣ дар давраҳои дарозмуддат, то чӣ андоза он ба тақсимоти самараноки (бозори) захираҳо, истифодаи сарфаи миқёс ва дастрасии васеъ ба технологияҳои хориҷӣ мусоидат мекунад»[6, с. 4].

Таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар тамоми кишварҳо маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ хусусияти таъсири нишондиҳандаҳоро доро мебошад, ки ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Хусусияти таъсири нишондиҳандаҳо ба фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳосилнокии меҳнат, устувории муҳити тиҷорат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, ҳавасманди ба кор дар бахши воқеии иқтисодиёт, мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ, самаранокии низоми судӣ, самаранокии механизмҳои ҳифзи сармоягузорон, сатҳи сарбории андозӣ, рушди инфрасохтори нақлиёт, рушди нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, дастрасии хизматрасониҳои лизингӣ ва суғурта ва монанди инҳо ба ҳисоб меравaнд.

Мавҷудияти чунин омилҳо барои рушди устувори фаъолияти сармоягузорӣ заминаи устувор гузошта, дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳо

мусоидаткунанда мебошад. Яке аз ҳадафҳои кишвар дар таъмини ҷалби сармоягузории хориҷӣ беҳтарсозии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити кунунӣ ба шумор меравад. Дастгирии молиявӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ шарти муҳими инкишофи равандҳо ва худтаъминкунӣ арзёбӣ мегардад.

А.А.Михайлинов таъкид мекунад, ки дастгирии молиявиро метавон ҳамчун шарики маҷмӯи усулҳо ва принсипҳои маблағгузорӣ ҳисобид. Дастгирии молиявии фаъолияти сармоягузорӣ раванди ҷалби сармояи хориҷӣ барои сармоягузорӣ мебошад[3, с.6]. Аз ин лиҳоз, беҳтарсозии маблағгузории сармоягузорӣ барои гузаштан аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ саривақтӣ мебошад. Беҳтарсозии маблағгузории сармоягузорӣ метавонад ҷузъи асосии стратегияи муваффақ бошад. Барои беҳтар кардани маблағгузории сармоягузорӣ усулҳои зиёд мавҷуд мебошанд.

**Ҷадвали 1. - Усулҳои беҳтарсозии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ**

| Усулҳои беҳтарсозӣ | Тавсиф |
|---|---|
| Гуногунии манбаъҳои маблағгузорӣ | Манбаъҳои гуногуни маблағ имкон медиҳанд, ки сатҳи хавфҳо паст шавад. Сарчашмаҳои эҳтимолӣ маблағҳои худӣ, маблағҳои қарзӣ аз бонкҳо, вомбаргҳо ё саҳмияҳо мебошанд. |
| Арзёбии самаранокии сармоягузорӣ | Даромади пешбинишуда ва хавфҳои ҳар як сармоягузорӣ таҳлил мегардад. Ин мусоидат мекунад, ки ба лоиҳаҳои дорои иқтидори бештар мебошанд, диққат дода ва хатарҳои сармоягузориҳои нокомро кам мекунад. |
| Банақшагирии молиявӣ ва буҷет | Таҳияи нақшаи стратегии сармоягузорӣ дар асоси ҳадафҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати молиявии ширкат амалӣ мегардад. Ин имкон медиҳад, ки захираҳо самараноктар истифода бурда шаванд. |
| Оптимизатсияи сохтори сармоя | Барои кам кардани хароҷоти молиявӣ ва кам кардани хатарҳо таносуби оптималии сармояи худӣ ва қарзҳо истифода бурда мешаванд. |
| Истифодаи воситаҳои инноватсионии молиявӣ | Истифодаи технологияҳо ва воситаҳои нави молиявӣ, аз қабили краудфандинг, маблағгузории сармояи венчурӣ ё технологияҳои блокчейн. |
| Диверсификатсияи портфели сармоягузорӣ | Паҳн кардани сармоягузориҳо дар саросари дороиҳо ё бахшҳои гуногун ба коҳиш додани хатар ва афзоиши даромади эҳтимолӣ кӯмак мекунад. |
| Идораи хавфҳо | Таҳияи стратегияи идоракунии хавфҳо барои кам кардани талафоти эҳтимолии сармоягузорӣ мусоидат мекунад. |
| Мониторинг ва таҳлили натиҷаҳо | Натиҷаҳои сармоягузорӣ мунтазам арзёбӣ гардида, самаранокии онҳо таҳлил мегардад ва дар ҳолати зарурӣ ба стратегия ислоҳот ворид карда мешавад. |
| Ҳамкорӣ ва шарикӣ | Ба назар гирифтани ҳамкорӣ бо дигар ширкатҳо ё сармоягузорон барои сармоягузориҳои муштарак ё дастрасӣ ба захираҳои нав. |

| | |
|---|---|
| Нигоҳ доштани устувории молиявӣ | На танҳо сармоягузорӣ, балки таъмини қудрати молиявии ширкат дар шароити вазъи бозор ба инобат гирифта мешавад. |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гуногунии манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ доираи васеи имкониятҳоро барои ҷалби маблағ бо мақсадҳои сармоягузорӣ фаро мегирад. Идоракунии самараноки маблағгузории сармоягузорӣ як раванди мураккабест, ки таҳлили доимӣ ва мутобиқсозии стратегияро мувофиқи шароити бозор ва ҳадафҳои ширкат талаб мекунад.

Манбаъҳои гуногуни маблағгузории сармоягузорӣ якчанд манбаъҳои асосиро, аз қабили маблағҳои худӣ, маблағгузории қарзӣ, бозорҳои сармоя, фондҳои сармоягузорӣ, маблағгузории давлатӣ, сарчашмаҳои инноватсионӣ, сарчашмаҳои байналмилалӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Маблағгузорӣ аз ҳисоби захираҳои шахсии ширкат ё шахси воқеӣ метавонад аз сармояи соҳибкорон, фоидае, ки дар ширкат боқӣ мемонад ва дигар манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ ва гирифтани маблағ дар шакли қарз аз бонкҳо, муассисаҳои молиявӣ ё дигар қарздиҳандагон сарчашмаи иловагии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ба шумор меравад. Бозорҳои сармоя ҳамчун манбаи маблағгузорӣ тавассути барориши коғазҳои қиматнок дар бозори озод, барориши саҳмияҳо ё вомбаргҳоеро дар бар мегирад, ки сармоягузорон мехаранд ва фондҳои сармоягузорӣ аз сармоягузорон барои сармоягузории минбаъда ба дороиҳои гуногун масалан, фондҳои венчурӣ, фондҳои нафақа ва ғайра маблағ ҷамъ мекунанд.

Дар тараққиёти иқтисодиёти кишвар ҳалли масъалаи зиёд кардани маблағгузории умумии асосӣ аҳамияти калон дорад. Баромадан аз бӯҳрони сармоягузорӣ ба васеъ шудани захираҳои сармояи кишвар ҳамчун манбаи муҳими рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Шарти асосии ба даст овардани дастовардҳо тағйири мусбати захираҳои сармоя мебошад[9, с. 41].

Маблағгузории давлатӣ ҳамчун сарчашмаҳои маблағгузории аз ҷониби ҳукумат пешниҳодшаванда, ба монанди субсидияҳо, грантҳо ё қарзҳои имтиёзнок барои дастгирии лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ё бахшҳои иқтисодиёт заминаи калони молиявӣ мегузоранд. Инчунин, дар шароити рушди илму технология сарчашмаҳои инноватсионӣ яъне сарчашмаҳои нав ва пайдошавандаи маблағгузорӣ, аз қабили краудфандинг, қарздиҳӣ бо шартҳои муосир, сармоягузории дубора ва дигар механизмҳои маблағгузории инноватсионӣ шарти муҳими таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ ба шумор меравад.

Сарчашмаҳои байналмилалӣ бошад, маблағгузорӣ тавассути ниҳодҳои байналмилалӣ, бонкҳои байналмилалӣ, сармоягузорони хориҷӣ ё маблағҳое, ки дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути сарҳад фаъолона иштирок мекунанд ҳамчун омили муҳими таҳкими муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба дар заминаи рушди фаъолияти сармоягузорӣ арзёбӣ мегарданд. Бояд қайд кард, ки манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ ба ширкатҳо ва сармоягузорони инфиродӣ имкон медиҳанд, ки вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо, афзалиятҳои хавф, мавҷудияти маблағҳо ва хусусиятҳои лоиҳаи сармоягузорӣ манбаи мувофиқро интихоб кунанд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқот масъалаҳои арзёбии самаранокии сармоягузориро баррасӣ намудан сари вақтӣ ба ҳисоб меравад. Арзёбии самаранокии сармоягузорӣ раванди таҳлил ва андозагирии бомуваффақияти сармоягузории даромад ё эҷоди арзиш барои сармоягузор мебошад. Он як қатор ҷанбаҳоро ба мисоли нишондиҳандаҳои молиявӣ, таҳлили муқоисавӣ, хавфҳо ва устуворӣ, арзиши иҷтимоӣ ва экологӣ, дурнамои дарозмуҳлат ва нишондиҳандаҳои асосии муваффақиятро дар бар мегирад. Арзёбии самаранокии сармоягузорӣ имконият медиҳад, ки қарорҳои огоҳона қабулкардашуда, сармоягузорӣ ба

лоиҳаҳо ё дороиҳои мушаххасро идома додан ва дар кадом шароит онҳо фоидаи бештар медиҳанд, пешбинӣ мегардад.

Яке аз самти муҳиме, ки барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ замина мегузорад банақшагирӣ ва маблағгузорӣ маҳсуб меёбад. Банақшагирии молиявӣ ва буҷетикунонӣ раванди таҳияи нақшаи стратегии хароҷот ва даромади ширкат барои як давраи муайян (одатан як сол ё якчанд сол) мебошад. Он якчанд ҷанбаҳои муҳимро аз қабили муайян кардани ҳадафҳо ва стратегияҳои молиявӣ, пешгӯии даромад ва хароҷот, таҳияи буҷетҳо, идоракунии пардохтпазирӣ ва гардиши пули нақд, мониторинг ва назоратро дар бар мегирад.

Банақшагирии молиявӣ ва буҷет воситаи муҳими идоракунии молияи ширкат буда, барои сармоягузорон имкон медиҳад, ки имкониятҳои молиявии худро дарк кунанд, қарорҳои асоснок қабул кунанд ва захираҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ самаранок назорат баранд.

Беҳтарсозии сохтори сармоя, яке аз самти муҳими фаъолияти сармоягузорӣ арзёбӣ гардида, маънои дарёфти тавозуни оптималии байни сармоя ва қарзро дорад, ки арзиши ҳадди аксарро таъмин намуда, хароҷоти маблағгузориро кам менамояд. Беҳтарсозии сохтори сармоя якчанд ҷанбаҳои муҳимро ба монанди омезиши сармоя ва қарз, таносуби оптималии сармояи худӣ ва қарзӣ, идоракунии хавфҳо ва арзиши сармоя, таъмини чандирии молиявӣ, оптимизатсияи оқибатҳои андозро дар бар мегирад.

Аз адабиётҳои илмии иқтисодӣ бармеояд, ки сармояи худӣ ин пулест, ки аз ҷониби соҳибмулкон ё саҳмдорон ба ширкат сармоягузорӣ карда мешавад. Он пардохти фоизҳоро талаб намекунад, аммо сармояи қарзӣ маблағест, ки дар шакли қарз аз бонкҳо, вомбаргҳо ва ғайра гирифта мешавад. Онҳо метавонанд нисбат ба сармоя арзонтар бошанд, аммо онҳо ӯҳдадориҳои молиявӣ доранд. Бояд қайд кард, ки ҳардуи онҳо барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ муҳим мебошанд.

Бо иртибот ба масъала таносуби оптималии сармояи худӣ ва қарзиро таҳлил намудан лозим меояд. Таносуби қарз муайян кардани сатҳи оптималии қарз нисбат ба сармоя барои кам кардани хароҷоти молиявӣ ва хавфҳо мебошад, сохтори сармоя бошад, ин муайян кардани тарзи тақсими сармояи худӣ ва қарзӣ дар байни намудҳои гуногуни қарз ва фондҳо мебошад. Таҳлили дурусти онҳо барои истифодаи самараноки маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ басо муҳим мебошад.

Беҳтарсозии сохтори сармояи ширкат як раванди стратегӣ мебошад, ки ба ширкат дар баланд бардоштани арзиши он, истифодаи самараноки сармоя ва кам кардани хатари молиявӣ кӯмак мекунад. Вай таҳлили бодиққати омилҳои молиявию иктисодӣ, инчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои соҳа ва корхонаро талаб мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир истифодаи воситаҳои инноватсионии молиявӣ татбиқи технологияҳо, усулҳо ва моделҳои навро дар соҳаи молия барои баланд бардоштани самаранокӣ, беҳтар кардани дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва кам кардани хароҷотро фаро мегирад. Ҷанбаҳои асосии истифодаи чунин механизмҳо краудфандинг, маблағгузории венчурӣ, технологияи молиявӣ, навовариҳо дар таҳлили молиявӣ, маҳсулот ва платформаҳои нави молиявӣ ва маблағгузории устувор мебошанд.

Дар таъмини фаъолияти пурсамари низоми иқтисодӣ ва тамоми таҷдиди иҷтимоӣ маблағгузорӣ нақши марказиро мебозад, зеро онҳо ба имкони рушди иқтисодӣ дар давраҳои дарозмуддат бевосита таъсир мерасонанд. Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои динамикаи иқтисодӣ мебошад ва шиддатнокии онҳо вазъияти иктисодиётро муайян мекунад. Давлат бо ёрии сиёсати сармоягузорӣ метавонад ба суръати ҳаҷми истеҳсолот бевосита таъсир расонад, сохтори истеҳсолоти ҷамъиятиро тағйир диҳад ва бисёр масъалаҳои иҷтимоиро ҳал кунад[2].

Аз нуқтаи назари предмети таҳқиқот бояд қайд кард, ки дар шароити рушди инноватсия ва иттилоот истифодаи миқдори зиёди маълумот барои пешгӯии тамоюлҳои бозор, хатарҳо ва қабули қарорҳо зарур мебошад. Дар баробари ин, зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинсозӣ маънои истифодаи алгоритмҳо барои беҳтар кардани пешгӯӣ ва

автоматикунонии равандҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Истифодаи воситаҳои инноватсионии молиявӣ ба ширкатҳо ва сармоягузорон имкон медиҳад, ки ба захираҳои нави маблағгузорӣ дастрасӣ пайдо кунанд, равандҳоро беҳтар ва хароҷотро коҳиш диҳанд, имкониятҳои сармоягузорӣ ва рушди тиҷоратро васеъ намоянд.

Яке аз самти муҳими таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ин гуногунсамтии сандуқи сармоягузорӣ ба шумор меравад. Диверсификатсияи сандуқи сармоягузорӣ стратегияи тақсимоти маблағгузорӣ дар байни намудҳои гуногуни дороиҳо бо мақсади паст кардани сатҳи умумии хавф мебошад. Ҷанбаҳои аосии он аз гуногунии дороиҳо, бозорҳо ва минтақаҳои гуногун, дороиҳо бо таносуби гуногун, идоракунии хатарҳо ва беҳтарсозии даромаднокӣ иборат мебошад.

Паст кардани хавфи сармоягузорӣ тавассути тақсимоти сармоя дар байни дороиҳои гуногун барои кам кардани таъсири сармоягузориҳои инфиродӣ ба сандуқи умумӣ замина мегузорад. Ҷустуҷӯи мувозинат байни сатҳи хавф ва даромади пешбинишуда барои ноил шудан ба сатҳи дилхоҳи даромад бо сатҳи ҳадди ақали хавф мусоидат мекунад. Диверсификатсияи сандуқи сармоягузорӣ ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки сатҳи умумии хавфи марбут ба тағйирёбии нарх дар бозорро коҳиш дода, даромади устувор ва мутавозинро дар муддати тӯлонӣ таъмин кунанд.

Инчунин, идоракунии хавфҳо раванди мунтазами муайянкунӣ, арзёбӣ ва идоракунии хатарҳое мебошад, ки метавонад ба ноил шудан ба ҳадафҳои сармоягузор таъсир расонанд. Идоракунии хавфҳо ҷанбаҳои асосиро аз қабили муайян кардани хатар, арзёбӣ ва таҳлили хатар, таҳияи стратегияҳои идоракунии хавфҳо, мониторинг ва назорат, идоракунии фарҳанг ва равандҳоро дар бар мегирад. Идоракунии хавфҳо ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии тиҷорат ё сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, оқибатҳои манфии хавфҳоро кам мекунад ва инчунин фаъолияти устувори сандуқи сармоягузориро таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки нигоҳ доштани устувории молиявӣ як қатор усулҳо ва стратегияҳоеро дар бар мегирад, ки ба таъмини суботи молиявӣ ва қобилияти созмон ё соҳибкор барои мубориза бо мушкилоти молиявӣ ё тағйирот дар муҳити иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Барои нигоҳ доштани устувории молиявӣ якчанд усулҳо ба монанди эҷоди захираҳо ва болиштҳои молиявӣ, идоракунии самараноки қарзҳо ва ӯҳдадориҳои кредитӣ, гуногунии манбаъҳои даромад, таҳлил ва банақшагирӣ, сарфа ва идоракунии самараноки хароҷот, идоракунии ӯҳдадориҳои андоз ва таъмини масъулияти иҷтимоӣ мавҷуд мебошанд. Устувории молиявӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст ва муносибати ҳаматарафаро талаб мекунад. Ҳар яке аз ин усулҳо барои таъмини субот ва муҳофизат аз мушкилоти молиявӣ дар ҳолатҳои гуногун муҳим мебошад.

Албатта, татбиқи ҳамаи ин усулҳо бе танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ номумкин мебошад. Танзими давлатии маблағгузории сармоягузорӣ маҷмӯи тадбирҳо ва сиёсатҳоеро дар бар мегирад, ки ҳукумат барои назорат ва дастгирии раванди сармоягузорӣ дар иқтисодиёт қабул кардааст. Ин тадбирҳо вобаста ба кишвар ва сиёсати иқтисодии он метавонанд фарқ кунанд, вале дар маҷмуъ онҳо ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, таъмини суботи молиявӣ ва ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон нигаронида шудаанд.

Ҷанбаҳои асосии танзими давлатии маблағгузории сармоягузорӣ аз имтиёзҳои андоз, сиёсати молиявӣ, заминаи ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ, банақшагирии стратегӣ, назорати сармоягузории хориҷӣ иборат мебошанд. Пешниҳоди имтиёзҳо ё ҳавасмандии андоз барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба соҳаҳои муайян ё лоиҳаҳо заминаи устувор мегузорад. Инчунин, вобаста ба масъалаи мазкур бонкҳои марказӣ ва мақомоти молиявӣ метавонанд ҳаҷми пул, меъёрҳои фоизӣ ва дигар нишондиҳандахои молиявиро танзим кунанд, то шароити мусоид барои сармоягузорӣ таъмин карда шаванд.

Ҷорӣ намудани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ, ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон ва таъмини шаффофият дар ин раванд низ метавонад омили муҳими рушди раванди сармоягузорӣ гардад. Дар ин ҷо, сухан дар бораи пешниҳоди маблағҳои давлатӣ ё кафолати мусоидат ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ низ меравад.

Банақшагирии стратегӣ таҳияи стратегияҳои рушди иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузориро дар бар мегирад ва танзим аз болои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар кишвар метавонад сифати хизматрасонии сармоягузориро баланд бардорад. Танзими давлатии маблағгузории сармоягузорӣ дар фароҳам овардани фазои мусоид барои инкишоф ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Аммо самаранокии ин тадбирҳо тавозуни байни ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таъмини суботи молиявиро тақозо мекунад.

Қодиров Ф.А., дар кори диссертатсиони худ се модели асосии танзими давлатии сармоягузории хориҷиро баррасӣ намудааст, ки нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз унсурҳои алоҳидаи ҳар се модел истифода кардан зарур аст: шарикии фаъоли давлат ва бахши хусусӣ, низоми рушдёфтаи бонкӣ ва бозори фондӣ, дастрасии баробари ташкилотҳои содироткунанда ба коркардҳои илмӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, сиёсати миллии сармоягузорӣ маҷмӯи қоидаҳо ва воситаҳоро барои танзими фаъолияти сармоягузорон ба манфиати иқтисодиёти ватанӣ дар бар мегирад, аммо бояд манфиатҳои сармоягузоронро ба инобат гирифт, вагарна онҳо барои маблағҳои молиявии худ макони дигар пайдо мекунанд. Барои ноил шудан ба созиши байни манфиатҳои иқтисодиёти ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ чунин воситае, ба монанди низомҳои сармоягузорӣ истифода мешавад[1, с. 24]. Сармоягузории хориҷии ба Тоҷикистон воридшаванда аз қарзҳои хориҷӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт иборат мебошад.




**Расми 1. - Ҳаҷми маблағгузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, % аз ММД**
Сарчашма: Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қодиров Ф.А. Автореферати дисс...д.и.и. 08.00.13. Душанбе 2023. с. 45.

Тавре аз расми 1 бармеояд, сармоягузории нисбати ММД аз соли 2017 то соли 2021 қариб тағйир наёфта дар сатҳи миёна 5,6 %-ро ташкил намудааст. Таҷрибаи фаъолияти хоҷагидории кишвар нишон медиҳад, ки ҳаҷми сармоягузории портфелӣ барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ кофӣ намебошад. Сабаби асосии афзоиш наёфтани ин нишондиҳанда ба бозори коғазҳои қиматнок марбут мебошад. Аз ин лиҳоз, барои тақвияти ин намуди сармоягузорӣ мавҷудияти рушдёфтаи бозори коғазҳои қиматнок зарур меояд.

Албатта, сармоягузории хориҷӣ дар сурати истифодаи оқилона ва мақсаднок метавонад иқтисодиёти Тоҷикистонро аз марҳилаи барқароршавӣ то ба рушди минбаъда расонад. Ҳамзамон, тавре Саидмуродов Л.Ҳ. қайд мекунад: "...воридшавии аз ҳад зиёд фаъоли сармоягузории хориҷӣ ба кишвари ретсипиент (қабулкунанда) метавонад, бо баъзе оқибатҳои манфӣ алоқаманд бошад: вобастагии номатлуби иқтисодӣ ва сиёсӣ аз кишварҳои донор, ташаккулёбии муносибати туфайлихӯрӣ ба сарчашмаҳои дохилии сармоягузорӣ ва ғ."[7, с. 90].

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, академик Раҳимов Р.К., қайд мекунад, ки кишвар бояд сиёсати сармоягузориро бо фазои нисбатан мусоиди сармоягузорӣ таҳия кунад. Чунин

мавқеъ бо далели он шарҳ дода мешавад, ки бо механизмҳои молиявии мавҷуда пасандозҳои аҳолӣ ба сармоя табдил дода намешавад [5, с. 43].

Ҳукумати мамлакат дар сиёсати сармоягузорӣ метавонад норасоиҳои мазкурро ба назар гирад. Барои бартараф гардидани онҳо анҷом додани чорабиниҳои зерин ба мақсад мувофиқ дониста мешавад:

- тақвияти ҳифзи ҳуқуқи моликият, ихтисори монеаҳои маъмурӣ дар соҳаи пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми муносибати маъмурии лоиҳаҳои миёнаву азими сармоягузории бахши хусусӣ дар асоси "равзанаи ягона";
- татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёт ва таҳияи механизми кушоди пешниҳоди лоиҳаҳо ба сармоягузорон;
- такмили механизми ҷалби мақсадноки кӯмаки берунӣ барои амалӣ гардонидани афзалиятҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар асоси вусъат додани такмили низоми иттилоотии идоракунӣ ва истифодаи самараноки он;
- мукаммалгардонии омилҳои меъёрию ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ), истифодаи механизми он, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, инфрасохтори роҳи оҳан, навсозии фурудгоҳҳо, маориф ва тандурустӣ;
- таҳияи шаклу тартиби ба ҳисоб гирифтани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ), мониторинги нишондиҳандаҳои тахминии онҳо[8, с. 137-138].

Таҳқиқотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда, нишон доданд, ки дар иқтисодиёти заиф ва таҳрифшуда, сармоягузориҳо самараи баланди фузунсозӣ (мултипликатсионӣ) доранд, нисбат ба иқтисодиёте, ки он дар ҳолати пурра ба кор андохтани захираҳо қарор дорад. Ҳамин тариқ, академик Раҳимов Р.К., қайд мекунад, ки «Ҳар як воҳиди сармоягузории мустақил ба иқтисодиёти Тоҷикистон боиси баланд шудани суръати афзоиши даромади миллӣ мегардад ва аз ин рӯ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои зарурӣ (маҷбурӣ), яъне сармоягузориҳое, ки аз андозаи даромади миллӣ вобастагӣ доранд»[4, с. 52].

Ҳамчун тадбирҳое, ки давлат барои дастгирии рушд метавонад муҳити сармоягузориро дар соҳаҳои хоҷагии халқ имконпазир гардонад аз инҳо иборат мебошанд:

– беҳтарсозии расмиёти дастрасӣ ба инфрасохтор (таъмини сифати коммуналӣ, ташкили самтҳои иловагии нақлиёт, расондани хизмати алоқа);

– навсозии низоми андозбандӣ (такмили қонунгузории андоз, додани имтиёзҳои андоз ва қарзҳои андози сармоягузорӣ, эҷоди махсус, минтақаҳои андоз дар дохили кишвар ё минтақа);

– дастгирии иловагии иҷтимоию иқтисодии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт (таъмини купонҳо, субсидияҳо, шаҳодатномаҳои патронажӣ, ҳавасмандкунии давлатӣ таъсиси ҷойҳои корӣ, ташкили фондҳои сармоягузории идораҳои соҳавӣ ва вазоратҳо);

– таъсиси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ташкили сармоягузории сомонаҳо, аз ҷониби давлат додани имконияти пурра ё қисман хусусигардонии ширкатҳои давлатӣ, ташкили ҳавзҳои сармоягузорӣ, мусоидат ба рақобатпазирӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ);

– таъмини низоми кафолатҳо ва баргардонидани сармоягузориҳо (ҳуқуқи ҷуброн ҳангоми мусодираи молу мулк ва милликунонии онҳо, мавчудияти банди муътадилгардонӣ ва суғуртаи сармоягузорӣ)[10, с. 6-12].

Ҳамин тариқ, беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор шарти муҳими рушди равандҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Гуногунии манбаъҳои маблағгузорӣ, арзёбии самаранокии сармоягузорӣ, банақшагирии молиявӣ ва буҷет, беҳтарсозии сохтори сармоя, истифодаи воситаҳои инноватсионии молиявӣ, диверсификатсияи сануқи сармоягузорӣ, идораи хавфҳо, мониторинг ва таҳлили натиҷаҳо, ҳамкорӣ ва шарикӣ, нигоҳ доштани устувории молиявӣ усулҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор маҳсуб меёбанд.

Дастгирии давлатӣ дар шакли маблағгузорӣ ба монанди субсидияҳо, грантҳо ё қарзҳои имтиёзнок барои дастгирии лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ё бахшҳои иқтисодиёт заминаи калони молиявӣ мегузоранд. Дар шароити рушди илму технология сарчашмаҳои навро аз қабили краудфандинг, қарздиҳӣ бо шартҳои муосир, сармоягузории дубора ва дигар механизмҳои маблағгузории инноватсионро ба роҳ мондан зарур меояд. Ҷанбаҳои асосии танзими давлатии маблағгузории сармоягузорӣ аз имтиёзҳои андоз, сиёсати молиявӣ, заминаи ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ, банақшагирии стратегӣ, назорати сармоягузории хориҷӣ иборат мебошанд ва мукаммал намудани онҳо дар шароити кунунӣ барои фаъолияти хоҷагидории кишвар рӯзмарра боқӣ мемонад.

## АДАБИЁТ


1. Қодиров Ф.А. Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қодиров Ф.А. Автореферати дисс...д.и.и. 08.00.13. Душанбе 2023. с. 45.
2. Лещукова И.В. Источники финансирования инвестиций // Инновационная наука. 2018. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/istochniki-finansirovaniya-investitsiy (дата обращения: 02.01.2024).
3. Михайлинов А. А. Основные тенденции инвестиционной деятельности депрессивного региона Российской Федерации // Экономика и предпринимательство. – 2020. – №6. – С. 335-338.
4. Рахимов Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2004. – №1. – С.52.
5. Рахимов Р.К. О проблемах экономического роста в условиях перехода к рыночным отношениям / Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2008. №1 С.43
6. Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы развития малой открытой экономики в условиях переходного периода на примере Республики Таджикистан // Саидмуродов Л.Х. Дисс. на соискан. учен. степен. д-ра экон. наук. - Душанбе, 2005. - С.4.
7. Саидмуродов Л.Х. Внешнеэкономическая деятельность и интересы Республики Таджикистан: первые шаги независимого развития. / Саидмуродов Л.Х. Сборник научных трудов НПИ. №2, 2000г. С. 90.
8. Сафаров А.А. Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. дисс...н.и.и. 08.00.13. Душанбе 2022. с.137-138.
9. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан) // Солиев А.А. дисс...к.э.н. 08.00.01. Душанбе 2004. С. 41.
10. Тарасов, М. Ю. Инвестиции как источники финансирования отраслей экономики: проблемы, подходы и направления совершенствования / М. Ю. Тарасов // Слово в науке. – 2022. – № 8. – С. 6-12.


**УДК 332.334.4 (470)**

**Султон Бахтиёр**

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАҲОИ САМАРАНОКИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

Дар мақола вазъи низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Масъалаи арзёбии баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна ва механизми татбиқи амалии он, ҷори намудани низоми махсуси андозбандӣ ва назорату санҷишҳои

андозӣ дар рушди соҳибкории мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин, нишондиҳандаҳои асосии баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна ва фаъолияти мақомоти андози кишвар мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода шуда, пешниҳодҳои мушаххас оиди такмили маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити иқтисоди муосир оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** маъмурикунонии андоз, рушди соҳибкории хурду миёна, низоми андозӣ, самаранокии маъмурикунонии андоз, механизми андозбандӣ, меъёру шаклҳои махсуси андозбандӣ, назорату санҷишҳои андозӣ, мақомоти андоз.

**Султон Бахтиёр**

## ПОКАЗАТЕЛИ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В статье рассматривается системы налогообложения и ее администрирования в развитие малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан. Изучены проблемы оценки эффективности налогового администрирования в развитие малого и среднего предпринимательства, механизма ее реализации, внедрения специальной системы налогообложения и налоговый контроль и проверки. Предложены основные показатели эффективности налогового администрирования в развитие малого и среднего бизнеса, а также конкретные выводы для совершенствования налогового администрирования в развитие малого и среднего предпринимательства в нынешних условиях.

**Ключевые слова:** налоговые администрирование, развитие малого и среднего предпринимательства, эффективность налогового администирования, налоговая система, механизмы налогообложения, специальные виды и ставки налогообложения, государственное поддержки малого и среднего предпринимательства, налоговый контроль и проверки, налоговые органы.

**Sulton Bakhtiyar**

## INDICATORS FOR ASSESSING THE EFFECTIVENESS OF TAX ADMINISTRATION IN THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTERPRISE

The article examines the taxation system and its administration in the development of small and medium-sized businesses in the Republic of Tajikistan. The problems of assessing the effectiveness of tax administration in the development of small and medium-sized businesses, the mechanism for its implementation, the introduction of a special tax system and tax control and audits have been studied. The main indicators of the effectiveness of tax administration in the development of small and medium-sized businesses are proposed, as well as specific conclusions for improving tax administration in the development of small and medium-sized businesses in the current conditions.

**Klyuchevyye slova:** tax administration, development of small and medium-sized businesses, efficiency of tax administration, tax system, taxation mechanisms, special types and rates of taxation, government support for small and medium-sized businesses, tax control and audits, tax authorities.

Ҷамъоварииии маблағҳои андозӣ яке аз масъалаҳои муҳими таъмини қисмати даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, он аз такмили низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва идоракунии самараноки фаъолияти мақомоти андоз манша мегирад. Мақомоти андоз дар ин раванд «...ҳамчун ниҳоди таъмини ҷамъоварии андоз, ҷузъи расмиёти идоракунии низоми андоз дар доираи сиёсати андозӣ, ки

муносибатҳои ташкилию ҳуқуқии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад...» [4, 92]. Аз ин хотир, натиҷаи ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андоз аз фаъолияту ухдадориҳои андозии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкорони хурду миёна ва кормандони мақомоти андоз вобастагӣ дорад. Ин раванд, зарурати такмили сиёсати андозӣ ва шаклу меъёрҳои низоми андозбандии соҳибкорони хурду миёна ва маъмурикунонии онро тақозо менамояд.

Методология асосии баҳои маъмурикунони андоз дар механизми татбиқи амалии назорату санҷишҳои андозӣ инъикос ёфта, он омӯзиши паҳлуҳои гуногун дошта, муқоисаи натиҷаи он барои идоракунии самараноки мақомоти андоз хеле муҳим буда, хусусияти хоси низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна, махсусан таҳқиқи назорату санҷишҳои андозӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ин ҷо,«...натиҷаи асосии амалкарди механизми маъмурикунонии андоз ин воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷетҳои сатҳои гуногун мебошад...» [2, 18], ки он воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозиро ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз, ки тавассути нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, бахусус, самараи бадастовардашуда нисбати сарфи хароҷотҳои хизматрасониҳои андозӣ муайян карда мешавад.

Аз нигоҳи услуби баҳои самаранокии низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он, натиҷаи самараи рушди соҳибкории хурду миёна барои чунин ҳадафҳо равона карда мешавад:

- таъмини даромади буҷети давлатӣ бо захираҳои молиявӣ ва танзими давлатии рушди соҳибкории хурду миёна;
- бартараф намудани камбудиҳо дар маъмурикунонии андоз, бахусус шаклу меъёрҳои махсуси андозбандӣ ва такмили бахши қонунгузории андозӣ (масалан, таҳияи Кодекси нави андоз);
- амали намудани чорабиниҳои дастаҷамъонаи назорату санҷишҳои андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна ва ғайра.

Баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна аз нишондиҳандаҳои умумӣ, ба мислӣ: даромад ва хароҷотҳои мақомоти андоз дар раванди назорату санҷишҳои андозӣ, воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, идоракунии самараноки мақомоти андоз ва ғайра манша мегирад. Ин ченакҳо «...баҳои самаранокии маъмурикунонии андозро аз руйи таъмини иқтидори андозӣ ва воридшавии ҳақиқии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ нишон медиҳад...»[3,18]. Ин ҷо, баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз таҳқиқи имкониятҳои пардохти саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, бақияпулҳои андозии иловаошкоргардида, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва ғайраро низ муҳим мешуморад.

Самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна, ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва самараноки мақомоти андоз равона гардида, ҳамчун нишондиҳандаи асосии инъикоскунандаи сатҳу сифати ҳизматрасониҳои андозӣ, аз ҷумла натичаи назорату санҷишҳои андозӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ин ҷо, «...баҳои сатҳи маъмурикунонии андоз аз як ҷониб имконияти баҳои сифатии чораҳои андешидашударо барои таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ таъмин намояд, аз ҷониби дигар самаранокии натиҷаи назорату санҷишҳои андозиро муайян ва истифодаи низоми махсуси андозбандиро баҳогузорӣ мекунад...»[1,24]. Аз ин хотир, механизми амалкарди маъмурикунонии андоз аз фаъолияти дурусти кормандони мақомоти андоз ва дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна манша мегирад.

Шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз ин истифодаи технологияи пешқадами хизматрасониҳои андозӣ дар раванди назорату санҷишҳои андозӣ ба ҳисоб рафта, он тавассути амали намудани сиёсати андозии давлат пиёда сохта мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки новобаста аз кӯшишҳои мақомоти андоз ва зерсохторҳои он дар минтақаҳои кишвар, раванди маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла рушди соҳибкории хурду миёна ба такмил ниёз дорад.

Натиҷаи таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна аз усулу тарзи баҳои самаранокии он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ вобастагӣ дошта, аз нишондиҳандаҳои зерин, ба мисли самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ манша мегирад (ҷадвали 1 ).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна**

| БАҲОИ САМАРАНОКИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА | | |
|---|---|---|
| ЧЕНАКҲОИ БАҲОИ ТАЪСИРИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ | | |
| - тамоюли воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби назорату санҷишҳои андозӣ;<br>- вазни қиёсии санҷишҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёна;<br>- динамикаи шумораи соҳибкорони хурду миёнаи дар қайди мақомоти андоз буда;<br>- ҳиссаи санҷишҳои андозии мақомоти андоз дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ ва ғайра. | - ҳаҷми воридоти маблағҳои андозии иловаошкоршуда, аз ҳисоби назорату санҷишҳои андозии соҳибкорони хурду миёна;<br>- ҳиссаи маблағҳои андозии воридшуда аз ҳисоби назоратҳои камералӣ;<br>- таносуби маблағҳои андозӣ аз ҳисоби назорату санҷишҳои соҳибкорони хурду миёна;<br>- ҳаҷми маблағҳои иловаги рӯёнидашудаи назорату санҷишҳои андозӣ;<br>- тамоюли маблағҳои ҷаримаҳои аз ҳисоби назорату санҷишҳои андозӣ воридшудаи маблағҳои андозӣ;<br>- баҳои самаранокии фаъолияти мақомоти андозӣ ва ғайра. | - вазни қиёсии умумии воридоти маблағҳои андозӣ аз ҳисоби назорати камералӣ ошкоршуда;<br>- ҳиссаи умумии санҷишҳои андозӣ дар раванди инвентаризатсияи молу амвол, азназаргузаронии анборҳо, марказҳои савдо ва макони ҷойгиршавии онҳо;<br>- ҳиссаи умумии санҷишҳои андозӣ, ки аз ҷониби кормандони мақомоти андоз<br>дар раванди санҷишҳои такрории соҳибкорон ошкоршуда ва ғайра. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз маълумоти омории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, нишондиҳандаҳои овардашуда баҳои самаранокии низоми маъмурикунониро дар рушди соҳибкори хурду миёна, раванди назорату санҷшҳои андозиро дар шакли дастаҷамъона баҳогузорӣ намуда, ба ҳарҷӣ бештар воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ муосидат менамояд.

Чунин шакли баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна барои идоракунии самаранокии низоми андозбандӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварда, тавассути он низоми андозбандии соҳибкорони мазкур, афзалиятҳои соҳибкорони истеҳсолӣ, самараноки истифодаи захираҳои молиявӣ ва натиҷаҳои ниҳоии онҳо таъмин мегардад.

Вобаста ба хусусиятҳои хосу низоми махсуси андозбандӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна се услуби баҳодиҳиро ҷудо менамоянд:

- нишондиҳандаи самаранокии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар сатҳи давлат (низоми андозӣ-буҷетӣ);
- нишондиҳандаи самаранокии такрористеҳсолии молу маҳсулотҳои соҳибкорони мазкур;
- нишондиҳандаи самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна ва ғайра.

Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми андозӣ-буҷетӣ имконият медиҳад, ки сатҳи таъсири меъёри андозбандӣ ба натиҷаи фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна кам гардида, коэффисенти самаранокии низоми андозбандӣ ва андозғунҷоиши

истеҳсоли молу маҳсулотҳо, кор ва хизматрасониҳо ва назорату санҷишҳои андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна кам гардад. Ин ҷо "...самаранокии низоми андозӣ низ аз ҳавасмандии молиявӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ вобастагӣ дошта, он дар раванди истеҳсоли молу маҳсулотҳо, кору хизматрасониҳо роли муҳим мебозад...» [5,26].

Коэффисенти умумии самаранокии низоми андозбандӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна ($К_{уса}$) бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад:

$$К_{уса} = \frac{ФС}{ҲМА} \times 100\ \% \qquad (1);$$

Дар ин ҷо:

$К_{уса}$ - коэффисенти умуми самаранокии низоми андозбандӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна, %; ФС - фоидаи софӣ субъектҳои соҳибкории мазкур, сомонӣ; ҲМА - ҳаҷми воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорони хурду миёна, сомонӣ.

Усули мазкур, нишон медиҳад, ки коэффисенти самаранокии умумии низоми андозбандӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна, аз таносуби пастшавии гаронии андоз ва зиёдшавии ҳаҷми даромадҳои соҳибкорони хурду миёна вобастагӣ дошта, он ба самаранокии иқтисодии низоми андозӣ ва иқтидори андозӣ мусоидат менамояд.

Коэффисенти самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна бошад бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{АН} = \frac{ХХД}{ҲМБ} \times 100\ \% \qquad (2);$$

Дар ин ҷо:

$К_{СМА}$ - коэффисенти самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна, %; РНА - ҳаҷми хароҷотҳои давлатӣ барои хизматрасониҳои андозӣ, сомонӣ.

Афзоиши коэффисенти самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна аз он гувоҳи медиҳад, ки хароҷотҳои давлатӣ барои маъмурикунонии андоз ба як сомонии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ баробар мебошад, ки он аз самаранокии пасти низоми андозӣ-буҷетӣ гувоҳӣ медиҳад.

Коэффисенти умумии самаранокии маъмурикунонии андоз инъикоси таносуби байни фоида ё даромад, ки дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ мемонад, ҳаҷми маблағҳои воридшудаи андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории мазкур нишон медиҳад. Ба сифати ченаки асосии баҳодиҳӣ коэффисенти 1,0 қабул карда шудааст, ки натиҷаи даромади софи соҳибкорони хурду миёна ба ҳаҷми маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ воридгардидаро нишон медиҳад.

Дар таҳқиқоти худ мо услуби баҳои самаранокии маъмурикунонии андозро дар рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ки аз ченакҳои иқтисодӣ (андозӣ-буҷетӣ) дар сатҳи давлат ва худи рушди соҳибкории хурду миёна баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад. Услуби баҳои мазкур имконият медиҳад, ки зиёдшавии ҳаҷми бештари мабалағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби назорату санҷишҳои андозӣ таъмин мегардад.

Ин ҷо, нишондиҳандаи ҷамъоварии саривақтии мабалағҳои андозӣ бо назардошти бақияпулиҳои андозӣ дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна муҳим мебошад. Дар ин раванд, афзоиши бақияпулиҳои қарзҳои андозӣ ченаки асосӣ ба ҳисоб рафта, коҳиши он ба туфайли пардохти маблағҳои иловаошкоргардидаи санҷишҳои андозӣ муайян карда мешавад.

Дар асоси услуби пешниҳоднамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз ба ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби фоизи андозу пардохтҳои дар ҳар як се моҳа ҳисоб карда мешавад. Ин ҷо, ҷамъоварии маблағҳои андозӣ мувофиқи услуби зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

$$С_{ч.а} = \frac{В_{в.м.х.}}{М_{у.х.}} \times 100\ \% \qquad (3);$$

Дар ин ҷо,

$С_{ч.а}$ - сатҳи ҷамъоварии маблағҳои андозӣ аз ҳисоби субъектҳои соҳибкории хурду миёна; $В_{в.м.х.}$ - воридоти ҳақиқии маблағҳои андозӣ аз ҳисоби соҳибкоронии мазкур; $М_{у.х.}$ - уҳдадориҳои маблағҳои андозии иловаошкоргардидаи субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини иқтидории андозӣ дар кишвар.

Дар раванди баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна, чуноне, ки аз таҳлилҳои мазкур бар меояд тамоюли пастшавии самаранокии низоми андозбандӣ ба назар мерасад, ки он дар ниҳояти кор ба пастшавии коэффисенти умумии андозбандии соҳибкорони хурду миёна ва андозғунҷоиши молу маҳсулотҳои ватанӣ, кору хизматрасониҳо, мувофиқат намуда, ҷараёни маъмурикунонии андозро дар рушди соҳибкории мазкур ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ таъсири худро мерасонад. Ин раванд зарурати чораҳои дастаҷамъонаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёнаро дар заминаи риояи принсипи самаранокӣ ва адолатнокии низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии онро тақозо менамояд.

Чунин тарзи баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз имконият медиҳад, ки сатҳи иқтисоди пинҳонӣ коҳиш дода шавад. Тамоюли афзоиши воридшавии маблағҳои андозӣ бо истифода аз усули интенсивӣ ҳисоби татриби пардохти маблағҳои андозиро ба буҷети давлатӣ ва як қатор чораҳои махсусро дар амали намудани низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он такмил дода шуда, он имконияти пардохти саривақтии маблағҳои андозиро ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна таъмин менамояд.

Баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сиёсати андозии давлат амалӣ мегардад. Татбиқи барномаи давлатии маъмурикунонии андоз ҳам барои давлат ва ҳам субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намуда, боиси самаранокии рушди соҳибкории хурду миёна, саривакт ҳисоб ва пардохт намудани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва раванди дурусти баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, самараноки назорату санҷишҳои андозӣ ба зиёд кам намудани хароҷотҳои маъмурикунонии андоз ва таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна бояд шаффофият ва адолатноки низоми андозбандӣ ва фаъолияти мақомоти андоз ва риояи қонунгузориҳои бахши андозиро таъмин намояд. Ин ҷо, масъалаҳои бақияпулиҳои андозӣ, гаронии андоз, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна таъмин гардад, ки барои амали намудани ин мақасадҳо чораҳои зерин лозим мебошад:

- таъмини пардохти саривақтии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ва риояи бахши қонунгузории андозӣ аз ҷониби соҳибкорони хурду миёна;

- баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла назорату санҷишҳои андозӣ дар раванди ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатии сатҳои гуногун;

- дар қонунгузории бахши андозӣ ҷой додани муқаррарот оид ба пешниҳоди бе маҳдудияти маълумотҳои суратҳисобҳои бонкии оид ба субъектҳои соҳибкорӣ, қарзҳои дар назди буҷет мавҷудбуда, манъ накардани амалиётҳои бонкии соҳибкорони хурду миёна ва ҳабси молу мулки онҳо;

- дар асоси санадҳои муқоисавӣ ва ҳисоботҳои даврии соҳибкорони хурду миёна аз суратҳисоби дебитории онҳо ситонидани бақияпулҳои қарзӣ ва иловаошкардашудаи кормандони мақомоти андоз;

- бо мақсади таъмини саривақтии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ҳиссаи андозҳои соддакардашуда ва маъмурикунонии онҳо ба воситаи такмили бахши қонунгузории бахши андозӣ, аз ҷумла ҷой додани мақоми соҳибкории хурду миёна дар Кодекси нави андоз;

Хулоса, самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна бояд ба принсипи шаффофият ва адолатноки низоми андозбандӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти андоз, ки риояи қонунгузориҳои бахши андозиро таъмин намуда, ба зиёд ворид

гардидани ҳаҷми маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, сарфаи вақт ва хароҷотҳои хизматрасониҳои андозӣ, беҳшавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва суботи молиявии кишвар мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ

1. Карташова Г.Н. Об оценке эффективности функционирования налоговых органов, или концептуальный подход к некоторым аспектам аналитической работы в сфере налогообложения//Налоговый вестник - 2019, №2. - С. 23-28.
2. Nasyrova V. Estimation of the quality of tax administration in the Russian federation// Mediterranean Journal of Social Sciences. 2015. № 6 (1S3). - P. 16-19.
3. Проскура Е.П. Эффективность налогового администрирования: понятие и содержание // Современные технологии управления. - 2013. - № 7. -С. 34-43.
4. Ҷумабоев, Х. Қ., Маъмуров А. М. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа //Паёми молия ва иқтисод. -№4 (28). -2021. -С. 91-101.
5. Шералиев Э.Н. Шомуродов А. М. Ҷанбаҳои аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон /Э.Н.Шералиев, А.М.Шомуродов // Идоракунии давлатӣ. Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2023. -№ 2 (61). - С. 25-31.

**УДК 36.1/5(575.3)**

**Sultonbii Rakhmatzoda**

## IMPACT OF TAX ADMINISTRATION IN THE SYSTEM OF ENSURING FINANCIAL SECURITY OF THE STATE

This article examines the influence of tax administration on the level of tax collection. In the process of implementing tax policy, the state relies on the principles and functions of taxes and through them regulates taxation in modern conditions. According to the author, it is for this reason that during the implementation of reforms aimed at increasing the efficiency of tax administrators, similar tasks are put forward every year. This emphasis was made in connection with the desire to raise the tax administration system to a qualitatively new level.

**Key words:** tax, encumbrance, market economy, state budget, influence, assessment, administration.

**Султонбии Раҳматзода**

## ТАЪСИРИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР НИЗОМИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТ

Дар мақолаи мазкур таъсири маъмурикунонии андоз ба сатҳи ҷамъоварии андоз дида мавриди тадқиқот қарор гирифтааст. Дар ҷараёни амалигардонии сиёсати андоз, давлат ба принсипу функсияҳои андозҳо такя намуда, тавассути онҳо андозбандиро дар шароити муосир ба танзим медарорад. Ба ақидаи муаллиф маҳз аз ҳамин сабаб, ҳангоми гузаронидани ислоҳот, ки ба баланд бардоштани самаранокии маъмурикунони андоз нигаронида шудааст, ҳамасола вазифаҳои ба ҳам монанд ба миён гузошта мешаванд. Ин таъкид дар робита ба хоҳиши ба сатҳи сифатан нав баровардани низоми идоракунии андоз дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** андоз, гаронӣ, иқтисоди бозорӣ, буҷети давлатӣ, таъсирбахш, баҳодиҳӣ, маъмуриятқунонӣ.

**Султонбии Рахматзода**

## ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В СИСТЕМЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА

В данной статье исследовано влияние налогового администрирования на уровень собираемости налогов. В процессе реализации налоговой политики государство опирается на принципы и функции налогов и через них регулирует налогообложение в современных условиях. По мнению автора, именно по этой причине в ходе реализации реформ, направленных на повышение эффективности работы налоговых администраторов, подобные задачи выдвигаются ежегодно. Такой акцент сделан в связи со стремлением поднять систему налогового администри- рования на качественно новый уровень.

**Ключевые слова:** налог, обременение, рыночная экономика, государственный бюджет, влияние, оценка, администрирование.

Taxes are one of the most important economic foundations of the state. It is thanks to them that the state ensures social and economic stability, and also maintains the uninterrupted operation of government bodies. Thus, the share of tax revenues in the total revenues of the state budget of the Republic of Tajikistan in 2022 amounted to 60.05%, which is 5.4% less than in 2021 [18, p.19-20]. Based on this, it is necessary to consider such an element of ensuring the financial security of the state as tax administration. Taxation is one of the oldest and prominent issues in the economic life of the state. Perhaps the beginning of taxation is connected with the activity of the state. Even the most ancient states usually had common expenses, which needed to be covered by some source or sources. In the same way, taxation as a way of generating income for the state exists[12, p.113]. It is impossible to imagine the modern economy without taxation policy, which is the main driver of the state's interests. An effective taxation system can be ensured by solving a number of issues and ensuring the appropriate connection of the chosen taxation mechanism with the goals and objectives that the state sets before itself when managing the country's economy[3, p.193].

In Tajikistan, in the context of the transition to a market economy, in order to develop the economy and increase the gross domestic product, there was a need for a complete restructuring of tax relations through tax reforms aimed at creating an effective tax system. Currently, the main measures to improve the taxation system, from its simplification, to increase the economic justification of tax collection and payments, and to reduce the tax burden on the economy, have been taken. In the orbit of financial relations, the main phenomenon is the implementation of types of taxes in the system of economic relations. So, in center of a market economy is an important factor through which the fluctuating level between direct and indirect taxes is determined[5, p.142].

The concept of "tax collection" is considered as an indicator of the efficiency of implementation of the fiscal function of the tax system. In this case, this concept should be considered as the full degree of fulfillment of tax obligations, as the ratio of the amount of tax payments in a certain period to the amount of tax obligations that must be fulfilled and calculated in the same period according to the current legislation[1, p.17].

In the context of Tajikistan's transition to a market economy, the need arose for a complete restructuring of tax relations through tax reforms aimed at creating an effective tax system, developing the economy and increasing the gross domestic product.Currently, basic measures have been taken to improve the taxation system: from simplifying it to increasing the economic feasibility of collecting and paying taxes, and reducing the tax burden on the economy.

The market form of taxation contributed to the creation of a powerful tax mechanism that could support the financial stability of the state. Accordingly, the tax has become a regulatory

indicator of the development of a market economy[15, p.193]. Thus, with the dominance of a tax in a market economy system, it is possible to determine its characteristics and socio-economic features, and, accordingly, quantitative and qualitative interpretations and meaning, methods, functions and about its other elements. [14, p.144].

In the process of implementing the tax policy, the state relies on the principles and functions of taxes and through them regulates taxation in modern conditions. Taking into account the specific nature of tax in the market system, the Leader of the Nation Emomali Rahmon, in a meeting with the employees of the finance, tax, customs and banking sectors of the country on May 10, 2019, notes that "as a result of ensuring the stable development of the national economy and phased reforms of public finance management during the last ten years, the income of the state budget has increased from 6 billion somoni since 2009 to 23.8 billion somoni in 2019, that is, it has increased almost four times" [16, p.3].

An effective tax system (including the main elements of taxation and tax administration procedures) must meet the following basic requirements:

From this point of view, reforms are carried out every year to increase the efficiency of tax administrators, and similar tasks are put forward. This process is carried out in connection with the purpose of raising the tax administration system to a qualitatively new level.

1. It is worth noting that more than 60% of the budget income of the Republic of Tajikistan is made up of tax revenues, and this system should ensure the stable formation of budget revenues in the direction of the implementation of the expenses of the country, its entities, as well as localities by the Tax Committee and its regional structures for implementation the main tasks of administration of revenues of the respective budgets;

2. The tax rate and burden should not create problems for the development of the economy and the sphere of competition, and at the same time hinder the attraction of investments;

3. The tax administration system should be based mainly on reducing costs and business through improving tax accounting and reporting, internal problems and contradictions in tax legislation, eliminating uncertainty, formally simplifying the cooperation between taxpayers and tax authorities, and increasing transparency.

In the modern conditions of economic development, the administration of taxes in accordance with the goals and tasks defined by the state policy in the field of the tax system is generally considered as a possible resource for reducing the tax burden, the basis for increasing tax collection, and at the same time the basis for the development of international economic flows. These indicators reflect the essence of the concept of "tax administration".

This indicator is calculated by multiplying the amount of actual tax payments by their final amount during the review period. The level of tax collection, which is calculated in this way, is an indicator of the quality and efficiency of the activity of both tax authorities and the entire tax management system [7, p.228].

According to the information of the Independent Committee of the Republic of Tajikistan, the average level of collection and implementation of tax revenues to the state budget in 2020-2021 was 102%, in 2022-106.5%. Of course, during the last years this number is more than 100 corruptions.

In the system of market relations, tax, like nature and weather, which creates an attribute, is in the center of special attention of the state. It, as a source of constant income in different ways depending on the state of the economic situation, is constantly being researched. It is considered a priority issue for the economic structure and appropriate measures must be taken to improve it and increase efficiency. At the same time, it reflects the dialectics of the market at the local level, and it is considered problematic to implement it where conditions do not meet the requirements. It is precisely this combination that can create a difficult situation, the elimination of which will require fundamentally new and completely legally acceptable solutions.

Proportionality and effectiveness of the tax system depends more on the economic capacity of the state. As a rule, when implementing economic changes, the tax system is the first to be reformed. Only the logically constructed tax system goes a long way in the implementation of the

tax policy and mechanism, and the further development of all sectors of the national economy depends on them.

For the stable operation of the tax system, motivational reasons and predictability play a very important role, which are ultimately determined by the factors and forms of their application. What is the factor? - to clarify this socio-economic category, we used the "Dictionary of the Russian language" compiled by S. I. Ozhegov. "... the semantics of the word factor in this form is explained as a driving force, the reason for the occurrence of this or that process or phenomenon" [10, p. 154-155].

Experience shows that these emerging reasons do not always have a favorable effect on the economic process, therefore, the factors of negative influence change the direction, purpose and strategy of the organization[2, p. 24]. The organization's strategy and purpose are implemented as a comprehensive plan in phases. Achieving the intended goals of the organization creates serious difficulties in solving the tax issues of the organization. Therefore, in such organizations, the only way is to evade taxes, which does not lead to anything good. In our opinion, the reasons for evasion or refusal to pay taxes do not depend on the forms of economic entities and completely change the direction of the accounting policy.

In such a situation, certain difficulties arise for the introduction of the correct tax accounting policy at each stage of the organization and enterprise. Here, the organization's doctrine is aimed at reducing taxes, but since it does not have an exceptionally convincing and reasonable and economically justified goal, it cannot be recognized as effective for tax purposes. The determination of the presence of reasonable economic or other reasons in the actions of a taxpayer is carried out taking into account the assessment of thoroughness, indicating his intentions to obtain an economic effect and the result of entrepreneurial activity with economic benefits. The commercial activity of the organization is aimed at making a profit, and this is the meaning of doing business. Practice shows that any transaction should always be aimed at making a direct profit. Sometimes the commercial goal of profit can be achieved in a chain of transactions, some links of which may even be planned as unprofitable.

The set of causes and conditions, stages and determining forms of taxpayers' activities are usually divided into the following groups: "general social, economic-political, legal and moral-psychological" [17, p.238].

Thus, changing the flow of tax payments leads to the formation of a large source of shadow profit. Investigating this situation in the system of market relations, A.M. Yakovlev writes that "... the main reason for this, on the one hand, is the need of economic entities for unaccounted money, and on the other hand, the weakness of the mechanism for determining such schemes" [20, p. 256].

In our opinion, the negative action causes great harm, which stimulates the demand for unaccounted monetary resources, which, as a rule, are formed by violating the tax legislation, and, accordingly, theft makes it easier for unscrupulous entrepreneurs to evade responsibility for taxes.

The realization of the economic feasibility of shadow activities is influenced by a complex set of factors. The degree of influence of each subject has a relative influence, and it affects in an individual form and depends on its characteristics of psychological perception, available capabilities and resources, but each of them increases its profit.

In regulating the factors related to the budget policy in the national economic system, the state can influence to achieve its goals, the basis of which are supplementing the budget income and generally ensuring the fiscal policy of the state.

Even in the last century, researchers of taxation and taxation, in particular D. Kissel, studying the role of the state and its impact on the system of economic relations, identified three main factors of state pressure - these are “state regulation, government taxes and directed (from the point of view of citizens) use of collected taxes, i.e. The more actual practice differs from citizens’ expectations, the stronger the shadow economy” [8. p.301].

This is how tax administration affects the development of the country's economy as the basis of tax collection.

In crisis conditions, it is necessary to constantly study and adjust the economic policy to prevent the formation of a shadow economy.

When tax control by the government is reduced or weakened, taxpayers pay less tax, then serious loopholes are created in the tax system at various levels.

The reasons can be solved as follows: first, the gradual increase in illegal economic activity allows to ignore the calculation of financial resources.

It is difficult for companies that conduct business properly in unstable economic conditions to compete in the market of goods and services. Problems in the business always push the shadow format of doing business and tax evasion.

Second, the significant volume of negative transactions creates conditions for attracting resources to shadow transactions. Fraudulent operations in the economic process especially create conditions for the evasion of all taxes and duties.

Another aspect that interests us is the quantitative assessment of factors. In order to determine it, it is necessary to combine two results: this "...hidden economic activity and the indirect nature of information. Here, in order to correctly determine the assessment of the quantity of factors, the traditional method of summary and grouping should be used" [19, p. 352].

Thus, it is necessary to consider a set of indicators in relation to each other, to select indicators and those that affect the variable values of their parameters. Tax administration is more important for the national tax system today.

Therefore, the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in his next message to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, emphasized that "in order to simplify the taxation process and make it transparent, the Government of the country should take measures to improve the tax administration system" [11, p. 2-8]. This question was raised by the head of the country because, despite the fact that the annual tax payment plan was implemented in general, some types of taxes, especially the social tax plan, were not implemented in 2017, this indicator was 400 million somoni.

Regarding tax offenses, the leadership of the Tax Committee under the Government of the Republic of Tajikistan was instructed to take important and necessary measures to eliminate existing shortcomings and ensure revenues to the state budget.

Tax violations are common. However, in order to minimize any types of illegal acts in the tax system, it will be necessary to constantly improve the process of state national tax administration.

What is tax administration? Some researchers interpret from this perspective that “tax administration is an institution of public administration in the field of tax legal relations, the purpose of which is to implement the state function of achieving and maintaining the state of tax security and law and order in the tax sphere” [4. p.53].

All concepts around tax administrations are distinguished by the identity of tax administration; As such, tax belongs to the state structure, and therefore it cannot be divided into state and non-state spheres, and only through tax administration can a stable level of tax administration be achieved. In general, tax administration at the state level requires that the upper hierarchies of power structures of tax authorities perform two complementary functions in the tax sphere: control and law enforcement[13. p.75].

Once again we return to the fact that it is as a result of the control activities of the tax administration system that factors of non-standard, deviant behavior of tax subjects are identified. In practice, based on the results of control activities, one can only conclude whether facts of insufficient behavior of the tax entity were identified.

Another function is the law enforcement activity of the tax administration system, which consists of a comprehensive analysis of available information indicating possible problematic behavior of the tax entity and taking appropriate measures to re-establish illegal activities.

The discovery of some shortcomings or individual problems of tax and industry legislation in the process of tax administration may ignore a number of tax benefits.

Nikitin A.A. writes that "the complex structure of tax rates and numerous tax exemptions (benefits) narrow the tax base" [9. p.38-39].

To prevent such vagueness from appearing in the tax system in practice, in our opinion, it will be necessary to improve the administration of each individual type of tax. For example, for the last two years, national tax authorities have not implemented the social tax plan. Especially in 2022, the social tax was not implemented. One type of tax is social tax, which is withdrawn from the wage fund of workers and subjects of a market economy in the amount of 20%.

Another social tax is a type of tax that is collected in the amount of 2% of the wages of workers, subjects of a market economy, which is directly calculated in the department of social protection and pensions of the Republic of Tajikistan.

In general, the "Tax Administration Development Program in the Republic of Tajikistan for 2020-2025" was adopted:

1. General provisions

1.1. The Tax Administration Development Program for 2020 - 2025 (hereinafter - the Program) is a medium-term action program based on the priorities of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, taking into account the achievements of world experience, with a simple and accessible purpose. providing services to taxpayers and increasing tax discipline of taxpayers, ensuring regular development of tax administration, introduction of digital economy and further improvement of tax relations between taxpayers and tax authorities.

1.2. The development of tax administration as an important part of economic reforms in the Republic of Tajikistan is aimed at improving the working environment and investment climate, strengthening the competitiveness of the national economy and forming a digital economy [6, p.1-2].

**2. The current state of tax administration in the Republic of Tajikistan**

2.1. In recent years, a number of reforms have been carried out in the Republic of Tajikistan within the framework of the implementation of the Tax Administration Development Program for 2011-2019 in order to improve tax administration, to facilitate the sustainable development of various sectors of the country's economy. In particular, as a result of the implementation of this Program, the following results were achieved:

- in order to restructure and improve the duties of tax authorities, the new version of the Regulation of the Tax Committee was developed and approved by the decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated August 31, 2012, No. 456. In this regard, in order to improve and modernize services for citizens and taxpayers, changes have been made to the structure of the Taxpayer Services Department, the tax departments of Badakhshan Mountain Autonomous Region, Sughd Khatlon Regions, Dushanbe City, and tax inspectorates of cities and districts under the republic, and their structure includes service departments. were established to economic entities and citizens;
- an information processing center was established in order to increase the efficiency of the work of the Tax Committee, improve its management and provide the regional tax authorities with the necessary information;
- a single network was established between the Ministry of Finance and the Tax Committee, through which information on tax revenues to the budget is transmitted to the tax authorities through protected communication lines and other lines [6, p.1].

Therefore, one of the main goals of administration is timely control of tax affairs, services and tax transactions. It is control that creates favorable conditions for the performance of the functional duties of the Tax Committee employees. To manage the further efficiency of the state tax system, it is necessary to regulate the market sector, develop all entities that are involved in entrepreneurship and business, and it is also necessary to create conditions for those individuals who really try to work on the basis of the legal forms of the Tax Code of the Republic of Tajikistan.

## LITERATURE


1. Абрамчик Л. Я. Налоговое администрирование в системе финансового контроля // Финансовое право. - 2009. № 6.С. 17.
2. Асроров, З. У. Содержание произведения Абуали ибн Сина "Тадбири манзил"("О домоводстве") / З. У. Асроров, Р. Султонбии // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2014. – № 4(30). – С. 22-24. – EDN TNQHKT.
3. Гулов, Ш. М. Муаммоҳои андозбандӣ дар шароити муосир / Ш. М. Гулов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – No. 2(82). – P. 193-200. – EDN KLXNTO.
4. Кваша, Ю.Ф. Харламов, М.Ф. Налоги и налогообложение: конспект лекций. — 4-е изд., испр. и доп // Ю.Ф. Кваша, М.Ф. Харламов, А.П. Зрелов – М.: Высшее образование, 2008 - 158с.
5. Курбонов, А. К. Фискальные аспекты и эффективность рыночных форм налогообложения / А. К. Курбонов, Р. Султонби // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2017. – № 3(18). – С. 142-145. – EDN ZRTBIT.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025” аз 30 декабри соли 2029 №643. С.1-2. https://andoz.tj/
7. Наимов Б.Қ. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ таввассути низоми бонкӣ. [Матн] / Наимов Б.Қ., Раҷабов М.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2022. - №1/1(95). - С.228-234.
8. Налоговые реформы. Теория и практика: монография / И.А. Майбуров и др.; под ред. И.А. Майбурова, Ю.Б, Иванова – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2010. - 463с.
9. Никитин, А.А. Администрирование налогов в условиях финансово – экономического кризиса // Финансы Украины 2010. №1, – С. 38-45.
10. Оймахмадов, Г.Н. Налоговый фактор в решении социально -экономических проблем//Сборник научных трудов налогово-правового института. – Душанбе: 2000. - С.154-155.
11. Послание Основателя мира и национального единства -Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2017г. URL: www.president.tj/ru.(Дата обращения: 25.01.2018 г.).
12. Рахматзаде, С. Этапы становления и развития налогов и налогообложения//С.Рахматзаде//Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2016. – № 1-2(37). – С. 113-116. – EDN WWBRWF.
13. Рахматзода, С. Роль налогообложения в промышленной индустриализации / С. Рахматзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 8. – С. 74-80. – EDN DSVWBT.
14. Султонби, Р. Трактовка налога и налогообложения в системе рыночной экономики / Р. Султонби // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С. 144-146. – EDN ZSGTKB.
15. Султонби, Р. Упорядочение землепользования налоговых платежей в средней Азии в IX - XX вв / Р. Султонби, А. К. Курбонов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2016. – № 5(17). – С. 190-193. – EDN XQUDZR.
16. Султонбии Раҳматзода. Такмилдиҳии муносибатҳои андозӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ/ Султонбии Р. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе-2020., С.-3.
17. Улыбин, К.А. Теневая экономика. // К.А. Улыбин – М.: Экономика,1991. – 238с.
18. Финансы Таджикистана: статистический сборник/ Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в 2023 году – Душанбе, 2023. - С. 19-20.

19. Шеремет, А.Д. Теория экономического анализа. // А.Д. Шеремет, – М.: Финасы, ЮНИТИ., 2011. - 352с.
20. Яковлев, А.М. Социология экономической преступности // А.М. Яковлев – М.: Наука,1988. – 256с.

**УДК 656.0**

**Тоҷев М.Н.**

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ БОРКАШОНИИ КОНТЕЙНЕРИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии боркашонии контейнерии автомобилӣ аз нигоҳи илмӣ бо факту далелҳои раднашаванда таҳқиқ карда мешавад. Муаллифи мақола боркашонии контейнерии автомобилиро яке аз самтҳои афзалиятноки боркашонӣ намуда бо далелҳои раднашавандаи илмӣ таъкид менамояд, ки пешравии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро бе ташкили боркшонии контейнерии автомобилӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

**Калидвожаҳо:** нақлиёт, боркашонӣ, контейнер, автомобил, воситаҳои техникӣ, ҷаҳонишавӣ.

**Тоджев М.Н.**

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ОРГАНИЗАЦИИ АВТОМОБИЛЬНЫХ КОНТЕЙНЕРНЫХ ПЕРЕВОЗОК В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье на основе фактов и неопровержимых доказательств анализируется основные направления организации контейнерных перевозок автомобилем в Республике Таджикистан. Автор статьи обоснованно высказывает мнение о том, что ныне развитию Таджикистана нельзя представить без организации контейнерных перевозок автомобилем.

**Ключевые слова:** транспорт, перевозка, контейнер, автомобиль, технические средства, глобализация.

**Tojev M.N.**

## THE MAIN AREAS OF ORGANIZATION OF AUTOMOBILE CONTAINER TRANSPORTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article, based on facts and irrefutable evidence, analyzes the main directions of organizing container transportation by car in the Republic of Tajikistan. The author of the article reasonably expresses the opinion that today the development of Tajikistan cannot be imagined without the organization of container transportation by car.

**Key words:** transport, transportation, container, car, technical means, globalization.

Чуноне, ки дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 таъкид мегардад «Барои пурра ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бунёди марказҳои логистикӣ, тақсимоти яклухт ва афзоиш додани шумораи нақлиёти боркаш, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти яхдондор муҳим мебошад»[1] .

Аз гуфтаҳои Пешвои миллат чунин бармеояд, ки масъалаи истифодаи контейнерҳо дар нақлиёти автомобилӣ дар замони муосир аҳамияти хосса пайдо кардааст, зеро дар

ҳақиқат ин намуди боркашонӣ дар бозори ҳамлу нақл, ҳам барои мизоҷони хусусӣ ва ҳам барои ширкатҳои бузург бештар дастрас мебошад. Ин намуди хизматрасонӣ саривақтӣ ва беназир буда, ҳамлу нақли бор танҳо тавассути нақлиёти автообилӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ҳамлу нақли контейнерии автомобилӣ ҳиссаи зиёдеро аз ҳаҷми умумии ҳамлу нақли автомобилӣ ташкил медиҳад.

Ин пеш аз ҳама бо раванди глобалии контейнерикунонии ҷараёнҳои борӣ алоқаманд мебошад. Имрӯзҳо ҳамлу нақли контейнерӣ аз ҳама намуди нисбатан самарабахши ҳамлу нақли бор дар масофаҳои калон ва муддати кутоҳ ба шумор меравад[3].

Ҳамлу нақли контейнерӣ қобилияти дастраскунии тамоми намудҳои бор аз маҳсулоти хӯрока сар карда то таҷҳизотҳои саноатиро доранд, зеро контейнерҳо ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати тайинот аз якдигар фарқ мекунанд. Ба ғайр аз контейнерҳо ичунин ҳамлу нақли лифофавӣ (пакетӣ) васеъ истифода бурда мшавад, яъне борҳо дар халтаҳо, қуттиҳо ва анҷомҳои дигари нақлиётӣ дар падонҳои махсус бо бандҳои чандир маҳкам карда мешаванд, ки он корҳои боркунӣ ва борфарориро метезонад.

Ҳамин тавр, байни системаи контейнерии нақлиётӣ ва ҳамлу нақли лифофавӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад. Ин алоқамандӣ ба он асос ёфтааст, ки ҳардуи ин намуди ҳамлу нақл ташкилдиҳандаи раванди нақлиётӣ ба ҳисоб рафта, миқдорӣ зиёди борҳо ҳам тавассути контейнер ва ҳам лифофа интиқол дода мешаванд. Табиист, ки ин барои интихоби воситаи техникӣ ва ташкили ҳамлу нақл талаботҳои муайянро пеш меорад.

Мувофиқи муқаррароти Кумита оид ба контейнерҳои боркашонӣ (ТК-104) ташкилоти байналхалқии стандартизатсия (ИСО), контейнери боркашонӣ элементи таҷҳизоти нақлиётӣ ба шумор рафта дорои хусусиятҳои зерин мебошад[4]:

- тавсифи (сифати) доимии техникӣ ва коршоями барои истифодаи бисёркарата ;
- конструксияи махсусе, ки ҳамлу нақлро тавассути як ё якчанд намуди нақлиёт бе борфарории фосилавӣ аз контейнер таъмин мекунад;
- мувофиқате, ки таъминкунандаи зуди борфарорӣ, боркунӣ ва аз як намуди нақлиёт ба намуди дигари нақлиёт фавран кӯчонидани борҳоро таъмин кунад;
- коструксияе, ки имкон медиҳад боркунӣ ва борфарориро осон ва таъмин намояд;
- ҳаҷми дохилии 1 $м^3$ ва зиёда аз он.

Истилоҳи контейнери боркашонӣ маънои воситаи ҳамлу нақл ё борбандии оддиро надорад. Зарфҳои нақлиётии ҳаҷмашон аз 1 $м^3$ камтар ё ба яке аз талаботҳои дар боло зикршуда ҷавобгӯ набуда, ба қатори контейнер не, балки ба қатори қутиҳо (болопӯшида ё кушода) ё шаклҳои дигар дохил карда мешаванд. Ин муқаррарот дар асоси ГОСТ 20231 - 74 мебошад.

Контейнерҳои боркашонӣ аз рӯи чунин хусусиятҳо тавсиф карда мешаванд: Шакли алоқа доираи муомилот, тайинот, сохтори умумӣ, масолеҳи тайёргардида, вазни ғайрихолис.

Аз рӯи шакли алоқа контейнерҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

- байниқитъавӣ;
- қитъавӣ;
- дохили заводӣ (технологӣ).

Контейнерҳои дар нақлиёти магистралӣ истифодашаванда метавонанд дорои муомилоти васеъ ва маҳдуд бошанд. Истифодаи контейнерҳои дорои мумилоти васеъ дар ду намуди нақлиёт ва зиёда аз он бе маҳдудияти маҳалли истифодабарии он иҷозат дода шудааст.

Истифодаи контейнерҳои дорои муомилоти маҳдуд танҳо дар як намуди нақлиёт ё дар ҳамлу нақли омехта, вале дар самтҳои муайян иҷозат дода мешавад.

Аз рӯи тайинот контейнерҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- тайиноти умумӣ (универсалӣ);
- тайиноти махсус (махсусгардонидашуда).

ИСО/ТК – 104 чунин муқаррарот оиди шакли контейнерҳо қабул шудааст.

Контейнерҳои боркашонии тайиноти умумӣ (универсалӣ) ин намуди контейнерҳои боркашонӣ барои интиқол, нигоҳ доштан ва фиристонидани борҳои донабайъ ва ё масолеҳҳои (молҳои) пошхӯранда хидмат мекунанд ва борҳоро аз талаф шудан ё зарар дидан дар ҳама гуна боду ҳаво ҳифз мекунанд. Контейнерҳоро мешавад, ки аз ҳайати сайёр ҷудо карда фиристонем.

Контейнерҳои таиноти махсус барои борҳои намудҳои ҷудогонаи пошхӯранда, моеъ, зудвайроншаванда ва хатарнок пешбинӣ шудаанд [2]. Новобаста аз таъинот ҳамаи контейнерҳо аз рӯи вазни холис, андозаҳо, андозаҳои пайвастшаванда, инчунин сохти таҷҳизотҳои пайвасткунанда ба нақлиёти ҳаракаткунандаи роҳи оҳан, автомобилӣ, қисмҳои қапандаи мошинҳои борбардор ва борфароваранда стандартӣ гардонида шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки бо харҷи ками вақт ва меҳнат ҳамлу нақли омехта аз рӯи принсипи «аз дар ба дар» амалӣ гардонида шавад.

Намудҳои асосии контейнерҳои истифодашаванда - контейнерҳои андозаи 1 С ва 1 СС, инчунин 1 А ва 1 АА мебошанд. Контейнерҳои андозаи 1 СС ва 1 АА бо баландии 2591мм (8,5 фунт), контейнерҳои андозаи 1 С ва 1 А бо баландии 2438мм (8,0 фунт) мебошанд. Параметри муҳимтарини истифодабарандагии контейнерҳо андозаҳои дохилии онҳо, ба монанди паҳноии дари он (2286мм), баландӣ барои 1 СС ва 1 АА 2261мм, барои 1 С ва 1 А 2134мм ва ҳаҷми дохилӣ, инчунин вазни бори нақлшаванда, ки дар якҷоягӣ бо вазни контейнер вазни умумиро ташкил медиҳад мебошад.

Фарқияти асосии берунаи контейнерҳо, ки сафарбаркунанда ва қабулкунандаи бор онро бояд донад инҳо мебошанд. Контейнерҳои вазни умумии 20 ва 24 тоннага (1 С ва 1 СС) дарозии якхела (20 фут, ки аз 6 метр зиёд), контейнерҳои вазни умумии 30,5 тоннага (1 А ва 1 АА) ду баробар зиёд дарозӣ доранд. Ҳамаи маълумот оид ба параметрҳои контейнер дар деворҳои паҳлӯӣ, дари контейнер ва шифти он дар шакли код гузошта мешавад.

Сохтори коди тамғави аз ду сатр ва 17 аломат: 6 ҳарфи лотинӣ ва 11 рақами арабӣ иборат мебошад. Маълумотҳои ададӣ, ки ба сатри дуюм дохил шудаанд, аз 4 рақам иборат буда, андозаҳо ва шакли контейнерро ифода менамоянд. Ду рақами аввал андозаҳои контейнерро ба дарозӣ ва баландии он нишон медиҳад. Рақами якум дарозӣ: 1 – 10 фут (2991 мм), 2-20 фут (6058мм), 3- 30 фут (9125мм), 4- 40 фут (12192мм) - ро ифода мекунад.

Рақами дуюм баландиро ифода мекунад: 0 ва 1 - 2438мм; 2 ва 3 - 2591мм; 4- 5 зиёда аз 2591мм, мавҷудияти ҳарфи Г вуҷуд доштани ядакро ифода менамояд. Вобаста ба он ки контейнер таҷҳизоти нақлиётӣ барои ҳамлу нақли бор на дар ҳудуди фақат як давлат, балки байни давлатҳо мебошад, вай бояд на танҳо стандартӣ аз рӯи андоза, балки бехатар барои кормандони хизматрасон бошад. Ин бо ёрии истифодаи масолеҳҳои мустаҳкам дар сохтори контейнер ба даст оварда мешавад. Барои тасдиқи он дар контейнер лавҳачаи ККБ овехта мешавад. Лавҳача дар қисми поёнии дари чапи контейнер часпонида мешавад. Дар лавҳача чунин маълумотҳо бо тартиб оварда шудаанд:

1 – мамлакат ва рақами иҷозатдиҳанда;

2 – санаи барориш (сол ва моҳ);

3 – рақами ҳаммонанд кардашудаи контейнер, ки аз тарафи заводи истеҳсолкунанда дода шудааст;

4 – вазни максималии якҷояи истифодабарандагӣ (кг. фунт);

5 – вазни иҷозатдодашуда 1,8 g, ки дар инҷо g – қувваҳои вазнинии шитобдор;

6 – ҳаҷми таъсир ҳангоми озмоиши кӯндаланг ба сахтии сохтор (кг, фунт);

7 – мустаҳкамии девори ёнӣ;

8 – мустаҳкамии девори паҳлӯӣ;

9 – саҳнаи аз назаргузаронии аввалаи контейнер.

Контейнерҳои тайиноти махсус (махсусгардонидашуда):

- махкамгардида ( тавассути як ё якчанд сурохии девораҳои бар бор карда мешаванд);
- Бо болопӯши кушодашаванда;
- Шакли кушод (аз боло кушода, девораҳои паҳлӯи ва асос иборат мебошад);

- бо деворахои кушодашаванда (як ё зиёда аз он деворахо пурра метавонанд кушода шаванд);

- бо девораи кушода (бе як ё ду девори паҳлӯӣ, вале дорои асос ва чорчӯбаҳои баргӣ ва болоӣ);

- бо винтелятсияи табии (ғайр аз сурохиҳои боркунию борфарорӣ дар деворҳои паҳлӯӣ сурохиҳои иловагӣ доранд);

- бо винтелятсияии иҷборӣ (контейнери маҳкам бо таҷҳизоти хунуккунанда ҷиҳозониашуда);

- изотермӣ (бо деворахои маҳками дорои коэффисиенти пасти гузаронандагӣ бе истифодаи сарчашмаи гармидиҳӣ ё хунуккунанда);

- контейнер- пирях (контейнери маҳкамгардида дорои дару девор, фаршу шифти изотермӣ: бо сарчашмаи хунукидиҳандаи ғайримеханикӣ ҷиҳозонидашуда);

- контейнер – рефрижератор бо хунуккунандаи механикӣ (контейнери маҳкамгардида дорои дару девор, фаршу шифти изотермӣ: дастгоҳи яхдондори хунуккунандаи ҳаво ва дар як дараҷаи муайян онро нигоҳдоранда);

- гармшаванда (контейнери маҳкамгардида дорои дару девор, фаршу шифти изотермӣ:дастгоҳи гармидиҳандаи баландбардорандаи ҳаво ва дар як дараҷаи муайян нигоҳдорандаи он);

- контейнер- систерна ( маҳкам барои таҳвили газу моеъҳо);

Контейнер барои борҳои чошидашаванда (резанда, гарду чангӣ ва донагӣ).

Контейнери боркашонӣ - воситаи серистифодаи боркашонии худногард, ки барои нигоҳдорӣ ва интиқоли борҳои донагию болоиҳам пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи стандарти ИСО, ҳар як контейнер рамзи иборат аз чор ҳарф ва рақами иборат аз ҳафт адад дорад (масалан, ABCU - 1234567). Илова бар ин, ҳарфҳои ABC (ё шояд ҳама гуна ҳарфҳои дигари алифбои лотинӣ) рамзи соҳиби контейнерро ифода намуда, ҳарфи U, тибқи стандарти ИСО, аз “контейнери боркаш” будани ин таҷҳизоти нақлиётӣ дарак медиҳад. Ҳафт адад - рақами силсилаи контейнер. Контейнер сатри дуюми рамзи тамғагузориро иборат аз ду қисм – ҳарфӣ ва рақамӣ ҳам дошта метавонад. Қисми ҳарфӣ, ки рамзи мамлакат – соҳиби контейнерро ифода мекунад, аз ду ҳарфи алифбои лотинӣ иборат аст. Ду рақами минбаъда рамзи андозаи контейнер ва ду рақами охирин рамзи тинаи контейнер мебошанд.

## АДАБИЁТ

1. Рӯзномаи Нававари ҷавонон, №10(76), декабри соли 2023.
2. Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ-аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. - № 4. – С.24-31/
3. Рауфӣ А. Сиёсати нақлиёти Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иктисодиёти индустриалӣ-аграрӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. - №2. – С.42-51.
4. Шералиев А.А. Пути развития транспортных средств Республики Таджикистан / А.А. Шералиев. // Вестник ТНУ: № 2\5(92). – Душанбе, «СИНО», 2012. - С.167-169.

УДК 330

**Толибов Қ.Қ., Абдуллоев А.Б.**

## РУШДИ СОҲИБКОРИИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ гаштааст. Аз ҷониби муаллиф мафҳуми рақамикунонӣ, зарурати татбиқи технологияҳои

рақамӣ ва инноватсионӣ, омилҳое, ки боиси зарурати воқеии татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, муайян карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкорӣ, тиҷорат, савдои чакана, технологияи рақамӣ, рақамикунонӣ, инноватсия, хизматрасонии савдо.

**Толибов К.К., Абдуллоев А.Б.**

## РАЗВИТИЕ ТОРГОВОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается развитие торгового предпринимательства в условиях цифровой экономики. Автор определил понятие цифровизации, необходимость внедрения цифровых и инновационных технологий, факторы, которые приводят к реальной необходимости широкого применения цифровых технологий в розничной торговле Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** предпринимательство, бизнес, розничная торговля, цифровые технологии, цифровизация, инновация, торговые услуги.

**Tolibov K.K., Abdulloev A.B.**

## DEVELOPMENT OF TRADE ENTREPRENEURSHIP IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

The article examines the development of trade entrepreneurship in the digital economy. The author defined the concept of digitalization, the need to introduce digital and innovative technologies, factors that lead to the real need for widespread use of digital technologies in retail trade of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** entrepreneurship, business, retail trade, digital technologies, digitalization, innovation, trade services.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити муосир пешрафти илмию техникӣ, инноватсияҳо, технологияҳои рақамӣ ва нанотехнологияҳо ба заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишварҳои рушдёфтаи дунё табдил ёфтаанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки талаботи ҷомеа ва аҳолӣ ба намудҳои гуногуни молу хизматрасонӣ бо сарфаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ қонеъ гардонида шавад.

Бояд зикр намуд, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа дар ҷаҳони муосир ва зудтағйирёбанда хеле муҳим арзёбӣ мегардад, чунки маҳз такя намудан ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самаранок боқӣ мемонад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки ҷаҳони муосир бо суръати зиёд бемайлон тағйир ёфта истодааст. Технологияҳои инноватсионӣ ба аксари соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ворид шуда истодаанд.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст, омадааст, ки “рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад” [1].

Зери мафҳуми рақамикунонӣ автоматикунонии пурраи равандҳо ва зинаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ фаҳмида мешавад. Дар шароити рушди баландсуръати илм ба аксари корхонаҳо кормандоне заруранд, ки бо технологияҳои навтарин дар ҳамаи сатҳҳои истеҳсолот кор карда тавонанд ва зарурат ба он кормандоне, ки чунин малакаи кориро надоранд аз байн меравад. Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми рақамикунонӣ эҳтиёҷ ба гурӯҳи вазифаҳо ва ихтисосҳо аз байн меравад. Ин аз паси худ метавонад ба ихтисори бештари кормандон дар соҳаҳои гуногун оварда расонад.

Дар шароити имрӯза рақобатпазирӣ дар бозор бештар аз маҳсулот ва технологияҳое, ки асоси онҳоро донишҳои нав ташкил медиҳад, вобаста аст. Мутаассифона, аксари корхонаҳои ватанӣ молҳоеро истеҳсол менамоянд, ки онҳо аз рӯйи хосиятҳои сифатӣ аз ҳамтоҳои хориҷӣ нисбатан паст ва ба рақобат дар бозори ҷаҳонӣ тобовар намебошанд. Ин бо он асос меёбад, ки дар ин корхонаҳо технологияҳои кӯҳна истифода бурда шуда, дастовардҳои навтарини илм ва идоракунӣ камтар татбиқ мешаванд. Бинобар ин барои иқтисодиёти муосир муҳим аст, ки технологияҳои рақамӣ ҳамчун омили пурқуввати баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо истифода бурда шаванд. Маҳз рушди инноватсионӣ ба ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ки татбиқи васеи технологияҳои нав ва ташаккули бозорҳои нави фурӯш таъмин карда шаванд.

Зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ барои иқтисодиёти кишвар аз инҳо иборат мебошад:

1. Технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ ба пайдоиши истеҳсолоти нави самарааш баландтар мусоидат намуда, аз бозор корхонаҳои бо технологияҳои ақибмонда мусаллаҳбударо берун мебароранд, ки ба беҳтар гардидани сохтори иқтисодиёт мусоидат менамояд.
2. Рушди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби баландшавии самаранокии истеҳсолот, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ташкили ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати баланд беҳтар карда шуда, сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоии кишвар баланд бардошта шавад.
3. Гузариш ба самти инноватсионии рушд ба густариши ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ мусоидат менамояд. Дар миқёси муосири пешрафти илмию техникӣ аксари лоиҳаҳои инноватсиониро дар доираи як давлат амалӣ кардан ғайриимкон аст ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба рушди инфрасохтори ин соҳа кӯмак мерасонад.
4. Истифодаи васеи технологияҳо ва равандҳои рақамӣ рақобатпазирии ҳам иқтисоди миллиро дар умум ва ҳам корхонаи мушаххасро баланд мебардорад.
5. Технологияҳои рақамии навтарин ба ташкили фазои ягонаи бозорӣ мусоидат менамоянд. Масалан, истифодаи шабакаи Интернет, аз ҷумла пайдоиши интернет-мағозаҳо, ки дар он харидории молро дар дилхоҳ нуқтаи ҷаҳон амалӣ кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, бозори ягонае ташкил мешавад, ки сарҳадҳои онро андозагирӣ кардан ғайриимкон аст.

Қайд кардан зарур аст, ки зарурати татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ на фақат барои соҳаҳои истеҳсолот ва саноат, балки ҳамчунин барои соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла тиҷорат низ мубрам аст.

Табиист, ки раванди рақамикунонӣ соҳибкории тиҷоратиро низ фаро гирифтааст. Тиҷорати муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Соҳаи тиҷорат яке аз соҳаҳоест, ки ба навгониҳои гуногун мутобиқшаванда аст. Сол то сол рақамикунонӣ суръати навро соҳиб шуда истодааст. Дар шароити муосир субъектҳои соҳибкории тиҷоратиро зарур аст, ки вазифаҳои дигарро низ барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нави дар пеши онҳо истода, ҳал кунанд. Ҳангоми саривақт ва дуруст қабул намудани ҳолат дар бозори муосир, дар баъзе аз субъектҳо бартарият дар назди рақибонашон пайдо мешавад.

Дар навбати худ, истеъмолкунандагон низ ҳарчи бештар технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд. Барои бо афзалиятҳои онҳо мутобиқат шудан ва дар бозор рақобатпазир будан аз субъектҳои соҳибкории тиҷоратӣ воридкунӣ ва истифодабарии

технологияҳои муосир талаб карда мешавад. Дар масъалаи татбиққунии технологияҳои рақамӣ бошад, бозор бо навгониҳои худ фарқ менамояд.

Технологияҳои рақамӣ ба яке аз шаклҳои маъмулии соҳибкории тиҷоратӣ, яъне савдои чакана низ таъсири назаррас мерасонанд. Савдои чаканаи муосир яке аз бахшҳои инноватсионӣ ва зудрушдёбандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, сатҳи баланди татбиқи технологияҳои рақамиро доро аст, ки он ба харидори ниҳоӣ ва дараҷаи баланди хизматрасонии савдо дар тамоми зина ва шабакаҳои фурӯш нигаронида шудааст. Соҳаи савдои чакана мавҷи бесобиқаи инноватсияҳоро аз сар гузаронида истодааст. Албатта технология нақши зарурро мебозад, аммо ин нерӯи ягонае намебошад, ки кор мекунад. Моделҳои нави бизнес пайдо мешаванд ва онҳо ба тамоми зина ва ё занҷири тиҷорати электронӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар баробари ин, дар рафтори истеъмолгарон низ тағйирот дида мешавад[4].

Ҳамин тавр, технологияҳои рақамӣ ба тағйирёбии рушди савдои чакана, гузариши савдои чакана ба технологияи рақамӣ сабаб мешаванд. Моҳияти нави савдои чакана ба фардикунонии фурӯш дар асоси технологияҳои рақамии муосир оварда мерасонад, ки вай дар сатҳи ҳадалимкон консепсияи мизоҷмеҳвариро татбиқ менамояд, равандҳои савдою технологиро самаранок намуда, ба ғояҳои иқтисодиёти рақамӣ ҷавобгӯ мебошад [5].

Яке аз шаклҳои технологияи рақамии муосир ва муҳаррики рушди фурӯши онлайн савдои мобилӣ ба ҳисоб рафта, тавассути таҷҳизоти рақамии мухталиф, ба монанди гадҷетҳо, смартфонҳо, планшетҳо ва пайвастшавии беноқил ба шабакаи ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Коршиносони ширкати машваратии Deloitte рушди босуръати фурӯши мобилиро қайд намудаанд. Харидорон таҷҳизоти рақамии мобилиро истифода бурда, ба ҳисоби миёна ду маротиба зиёдтар маблағро барои харид нисбат ба харид дар мағозаҳои анъанавӣ сарф мекунанд[3].

Лозим ба ёдоварист, ки таҳти таъсири рақобат технологияҳои рақамӣ ба омили муҳимтарини таъминкунандаи рушди устувори корхонаҳои савдо табдил ёфта истодаанд. Татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро медиҳад.

Дар шароити муосир савдои чакана яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад, ки дар он навгониҳои рақамӣ фаъолона татбиқ шуда истодааст. Тибқи ақидаи коршиносон васеъшавии маҳсулоти рақамӣ дар раванди савдою технологӣ савдои чаканаро дар қатори бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва саноати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳаи пешбари рақамикунонӣ наздик мекунад[2].

Омилҳоеро, ки боиси зарурати воқеии татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана мешаванд, таҳлил менамоем.

Пеш аз ҳама, зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана бо масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана вобаста аст. Маҳз татбиқи васеи технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки истифодаи оптималии масоҳатҳои савдо, таҷҳизот ва кормандони савдо ба даст оварда шуда, самаранокии баланди фаъолияти корхонаҳои савдо дар умум таъмин карда шавад.

Аммо дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин технологияҳо фақат аз тарафи баъзе аз шабакаҳои савдои чакана истифода бурда мешаванду халос. Агар оид ба корхонаҳои савдои чаканаи дигар сухан равад, пас дар аксари онҳо технологияҳои рақамие, ки истифодаи самараноки масоҳатҳо, таҷҳизот ва кормандони савдоро таъмин менамоянд, амалан истифода бурда намешаванд ва ё дар сатҳи хеле паст қарор доранд.

Ин ҳолат асосан бо он вобаста аст, ки аксари корхонаҳои савдои чакана дар биноҳое ҷойгир шудаанд, ки онҳо ба талаботи муосир оид ба муҷаҳҳазгардонӣ, банақшагирӣ, таъминоти техникӣ ва ғайра ҷавобгӯ нестанд. Аксар ҳолат онҳо на дар ҷойҳои махсуси бо ин мақсад сохташуда, балки дар ошёнаҳои аввали биноҳои истиқоматӣ фаъолият доранд,

ки барои сатҳи баланди хизматрасонӣ монеа эҷод мекунанд (масалан гузаргоҳҳои танг, миқдори бисёри сутунҳо ва ғайраҳо).

Дар чунин шароит масъалаи бозсозии бисёре аз корхонаҳои савдои чакана бо мақсади такмили фаъолияти онҳо дар асоси татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ мубрам мегардад, ки вай ба баландшавии назарраси самаранокии истифодаи масоҳати савдо, таъмини сарфаи меҳнат ва афзоиши ҳосилнокии он имкон медиҳад.

Афзалиятнокии навсозӣ ва азнавмусаллаҳгардонии техникӣ дар афзоиши ҳаҷми гардиши мол бо хароҷоти камтарин ва суръати баланд нисбати сохтани объектҳои нав асоснок мегардад. Ҳангоми бозсозӣ сатҳи техникии корхона (бо хароҷотҳои нисбатан кам ва дар мӯҳлати кӯтох) баланд шуда, технологияҳои нав тезтар ворид ва фондҳои асосӣ беҳтар истифода бурда мешаванд.

Навсозӣ бояд ба самтҳои асосии истифодаи самараноки заминаи моддию техникии корхонаҳои савдо табдил ёбад. Масоҳатҳои холишударо метавон ҳамчун қаҳвахона, бар ва дигар объектҳои хизматрасонӣ истифода бурд. Ин бошад ба ҷалби аҳолӣ, хусусан ҷавонон мусоидат намуда, барои гузаронидани вақтҳои фориғи фарҳангӣ метавонад шароит ташкил намояд. Дар баробари ин, натиҷаи бозсозии заминаи моддию техникӣ на фақат самараи иқтисодӣ дар шакли даромад аз фаъолияти корхонаҳо, балки ҳамчунин самараи иҷтимоӣ низ шуда метавонад, ки он дар шакли беҳтаршавии хизматрасонӣ ва дар заминаи он баландшавии нуфузи корхонаи савдо зуҳур меёбад.

Ҳамин тариқ, масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана яке аз омилҳои муҳими зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии кори мағоза низ хеле муҳим мегардад, ки меъёри асосии он сифати хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин метавон зикр намуд, ки бе истифодаи васеи технологияҳои муосир дар ташкили раванди савдою технологӣ дараҷаи муосир ва рақобатпазирии хизматрасонии савдоро таъмин кардан ғайриимкон аст. Сухан дар бораи татбиқ ва такмили чунин технологияҳои рақамии дар таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ истифодашуда, ба монанди истифодабарии стандартҳои хизматрасонӣ, мерчендайзинг, менеҷменти категориявӣ, интернет-технологияҳо, брендинг ва ғайраҳо меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди инноватсионии савдои чакана ҳамчунин сатҳи касбияти баланди кормандон ва муносибатҳои инноватсиониро ба ташкили меҳнат талаб мекунад. Сатҳи пасти омодагии кормандонро ба қатори сабабҳои асосии монеъшавӣ ба татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана дохил кардан зарур аст. Барои он, ки таҷҳизоти нав ва технологияҳои рақамӣ самаранок истифода бурда шавад, кормандони корхонаҳои савдо бояд дониш ва касбияти махсусро доро бошанд.

Аммо барои рушди инноватсионии савдои чакана фақат мавҷудияти кормандони баландтахассус кофӣ нест. Зарур аст, ки ташкили меҳнат ва ҳавасмандкунии кормандонеро, ки бо татбиқи технологияҳои рақамӣ машғуланд, бо истифода аз таҷрибаи пешқадами хориҷӣ мунтазам такмил дода шуда, усулҳои идоракунии нисбатан самаранок амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, масъалаи рушди босуръати фаъолияти рақамии соҳибкории тиҷоратӣ ва савдои чакана дар Тоҷикистон нақши махсусро соҳиб гашта истодааст. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар зинаи муосир ба шарти муҳимтарини тараққиёти корхонаҳои савдои чакана ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо табдил ёфта истодааст. Ин раванд тағйиротҳои назаррасро дар ташкили таблиғ ва усулҳои фурӯши мол, такмилдиҳии усулҳои идоракунии кормандон ва технологияҳои рақамӣ, истифодаи муносибатҳои навро дар ташкили хизматрасонии харидоронро дар назар дорад.

Ба вуҷуд омадани муҳити баланди рақобат корхонаҳои савдоро водор месозад, ки технологияҳои рақамиро барои нигоҳдории мавқеашон дар бозор ва соҳибшавӣ ба афзалиятҳои рақобатпазирӣ таҳлил ва татбиқ намоянд.

Раванди ташкил ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана ба афзоиши самаранокии иқтисодию иҷтимоии фаъолияти онҳо равона карда шудааст, ки он дар беҳтаршавии назарраси сифати хизматрасонии савдо ва нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ инъикос меёбад.

## АДАБИЁТ

1. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642.
2. Куприяновский В.П. Розничная торговля в цифровой экономике/ В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский // International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.
3. Тарасова Е.Е. Инновации в коммерческой деятельности [Текст] / Е.Е. Тарасова, Е.В. Матузенко, Ю.А. Наплекова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2018. - №. 2(69). - С. 198-209.
4. Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори истеъмолгарони савдои чакана / Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ -Хуҷанд, 2020 -№ 4 (55). - С. 119-123.
5. Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика: сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

**УДК 330**

**Толибов Қ.Қ., Муртазозода О., Султонов З.С.**

# САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ – ЗАМИНАИ БОЭЪТИМОДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Дар шароити муосир яке ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии мамлакат рушди босубот ва таъмини амнияти иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Зимнан дар мақолаи мазкур саноатикунонии босуръат – заминаи боэътимоди таъмини амнияти иқтисодӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар ин росто муаллиф ифроз медорад, ки сарфи назар аз душвориҳои ҷойдошта, роҳбарияти олии кишвар ҷиҳати паст кардани сатҳи вобастагии мамлакат аз таъсири омилҳои берунӣ ва ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегияи миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар тавассути ба истифода додани миқдори зиёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат намуд. Воқеан ҳам, вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон ва бархӯрди давлатҳо баҳри ҳимояи манфиатҳо таъмини рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии дилхоҳ мамлакат кори саҳлу осон набуда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот пешбурди сиёсати ҳадафмандона ҳамеша масъалаи муҳимму ҳалталаб боқи мемонад. Аз ин лиҳоз, дар самти таъмини стратегияи амнияти иқтисодӣ омилҳои гуногун таъсиргузор буда, дар шароити носозгории иқтисодиёти ҷаҳон, татбиқи барномаву стратегияи саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди иқтисоди миллӣ ташкил медиҳад.

**Калидвожаҳо:** амнияти иқтисодӣ, саноати миллӣ, иқтидори истеҳсолӣ, афзалият, рушд, сармоягузорӣ, самаранокӣ.

**Толибов К.К., Муртазозода О., Султонов З.С.**

## СТРЕМИТЕЛЬНАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ – НАДЕЖНАЯ ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

В современных условиях одной из основных целей экономической политики страны является развитие стабильности и обеспечение экономической безопасности. Кроме того, в данной статье рассматривается и оценивается быстрая индустриализация – надежная основа обеспечения экономической безопасности. В связи с этим авторы высказывают мнение, что, несмотря на существующие трудности, высшее руководство страны способствует снижению уровня зависимости страны от влияния внешних факторов и достижению одной из целей национальной стратегии - быстрого индустриализация страны за счет использования большого количества фабрик и производственных предприятий. Действительно, современное состояние мирового сообщества и столкновение государств в целях защиты интересов и обеспечения политического, экономического, социокультурного развития любой страны является непростой задачей, и для Республики Таджикистан проведение целенаправленной политика в атмосфере мира и стабильности всегда остается важным и решающим вопросом. С этой точки зрения на обеспечение стратегии экономической безопасности влияют различные факторы, а в условиях дисгармонии мировой экономики она формирует реализацию программы и стратегии быстрой индустриализации страны и развитие национальной экономики.

**Ключевые слова:** экономическая безопасность, национальная промышленность, производственная мощность, приоритет, развитие, инвестиции, эффективность.

**Толибов Қ.Қ., Муртазозода О., Sultonov Z.S.**

## RAPID INDUSTRIALIZATION IS A RELIABLE BASIS FOR ENSURING THE COUNTRY'S ECONOMIC SECURITY

In modern conditions, one of the main goals of the country's economic policy is to develop stability and ensure economic security. In addition, this article discusses and evaluates rapid industrialization - a reliable basis for ensuring economic security. In this regard, the authors express the opinion that, despite the existing difficulties, the country's top leadership is helping to reduce the country's dependence on the influence of external factors and achieve one of the goals of the national strategy - the rapid industrialization of the country through the use of a large number of factories and manufacturing enterprises. Indeed, the current state of the world community and the clash of states in order to protect the interests and ensure the political, economic, socio-cultural development of any country is a difficult task, and for the Republic of Tajikistan, pursuing a targeted policy in an atmosphere of peace and stability always remains an important and decisive issue. From this point of view, various factors influence the provision of an economic security strategy, and in conditions of disharmony in the world economy, it shapes the implementation of the program and strategy for the rapid industrialization of the country and the development of the national economy.

**Key words:** economic security, national industry, production capacity, priority, development, investment, efficiency.

Вазъи кунунии ҷаҳони имрӯз ба раванди иқтисодиёти ҷаҳон таъсири худро бевосита мерасонад, ки рӯз то рӯз ба бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва ниҳоят ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим бе таъсир нахоҳад монд. Дар ин пасманзари сиёсат ва ларзишҳои дар ҷаҳон ба вуқуъ омада, иқтисодиёт ва вазъи бозори тамоми кишварҳо ва қитъаҳои ҷаҳон тағйиротҳои ҷиддиро эҳсос менамоянд. Маҳз инҳо омилҳои калидие ба

ҳисоб мераванд, ки ба носозгории иқтисодиёт таъсир расонида, боз пайомад ва оқибатҳои манфии дигареро ба бар хоҳанд овард. Чунки дар лаҳзаҳои ниҳоят ҳассоси сиёсӣ ва вазъи мураккаби иқтисодии ҷаҳон ҳар низои ба амал омада, мутаассифона, хавфи сар задании зиддиятҳо ва мунокишаҳои бардавом мегардад.

Мусаллам аст, ки дар чунин шароити мураккаби ҷаҳони муосир ва бархӯрди давлатҳои абарқудрат воқеан ҳам таъмини рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҳар як кишвар кори саҳлу осон набуда, ҳифзи фазои сулҳу субот ва пешбурди сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат ҳамеша масъалаи муҳимму ҳалталаб боқи мемонад [4].

Дар Тоҷикистон ҷиҳати таъмини раванди рушди устувори иқтисоди миллӣ низоми маҷмӯйи банақшагирии стратегӣ фаъол гардида, тамоми соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар бо барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ фаро гирифта шуданд. Дар ин давра консепсияҳо, стратегияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ қабул гардида, дар таъмини рушди бемайлони иқтисодиёти миллӣ дар асоси дурнамосозии макроиқтисодӣ бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ ва барномарезии миёнамуҳлат ва дарозмуддат заминаи устувор гузошта шуд [3, 13 с.]. Аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати амалисозии тадбирҳои саривақтии зиддибуҳронӣ чораҳои зарурӣ андешида шуд, ки дар натиҷа новобаста ба муносибатҳои пуртазоди сиёсӣ ва таъсири он ба муҳити микро- ва макроиқтисодӣ, рушди босуботи иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 дарсад таъмин карда шуд.

Баҳри расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати кишвар дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки Сарвари давлат даҳҳо адад корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бо садҳо ҷои корӣ ифтитоҳ гардиданд [6]. Зимни ироаи Паёми Пешвои миллат 23-уми декабри соли 2022 яке аз масъалаҳои асосии матраҳгардида, доир ба имтиёзу боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ватанӣ таъкид карда шуд. Инчунин, дар Паём таъкид гардид, ки: «…ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд» [1]. Дарвоқеъ, иқдому дастурҳои зиндагисози Пешвои миллат боис гардид, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои қаблӣ тамоюли мусбат доранд. Масалан, ММД нисбати соли гузашта 8,3 дарсад афзуда, ба беш аз 130 млрд. сомонӣ расонида шуд.

Сарфи назар аз душвориҳои ҷойдошта, роҳбарияти олии кишвар ҷиҳати паст кардани сатҳи вобастагии мамлакат аз таъсири омилҳои берунӣ ва ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегияи миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар тавассути ба истифода додани миқдори зиёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат намуд. Дар натиҷа, барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, танҳо дар ибтидои соли 2023-юм 179 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо 800 ҷойи корӣ ба истифода дода шуд. Дар ин самт, факту далелҳои ояндабинӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ҳаҷми содироти кишвар тамоюли зиёдшавии дошта, имкон дорад, ки қариб ба 2,5 млрд. доллари амрикоӣ то соли 2030 расонида шавад ва дар ин замина ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои беруна нишондиҳандаи воридот ба кишвар аз 3,2 млрд. то 2,9 млрд. доллари амрикоӣ коҳиш ёбад. Воқеан ҳам, зиёд гардидани содироти кишвар дар муқоиса нисбат ба воридот аз зиёд намудани маҳсулотҳои содиротии ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ вобаста мебошад, ки дар ин сурат ягона омили асосӣ маҳз саноатикунонии кишвар дида мешавад.

Бо такя ба нуктаҳои асосии Паёми ироагардидаи Пешвои миллат дар санаи 28-уми декабри соли 2023, дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода

шудааст. Бо дарназардошти ин, суръати рушди иқтисоди миллӣ тайи ҳафт соли охир ба ҳисоби миёна 7,5 дарсадро ташкил намуда, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардидааст. Ҳамзамон, дар ин муддат даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 млрд. сомонии соли 2017 дар соли 2023-юм ба 112,7 млрд. сомонӣ расонида шуд.

Нишондиҳандаи асосие, ки рушди иқтисодии кишварро тавсиф мекунад, нишондиҳандаи рушди устувори истеҳсоли ММД ба ҳар сари аҳолӣ мебошад, ки нисбати солҳои қаблӣ онро қиёс намоем, ба куллӣ фарқ намуда, заминаи моддии таъмини амнияти иқтисодӣ, қонеъгардонии манфиатҳои ҷомеа ва аъзои он маҳсуб меёбад.

Боиси хушнудӣ аст, ки дар раванди татбиқи стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо иқдоми шоистаи Пешвои миллат эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 – “Солҳои рушди саноат”, саноати ватанӣ ҳамчун неруи азими пешбаранда ва иқтидори калидии тараққиёти иқтисодӣ дар мамлакат ба ҳисоб рафта, корхонаҳои саноатӣ дар роҳи рушди инноватсионӣ мунтазам талош варзида истодаанд. Истифодаи технологияи рақамӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии онҳо дар муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ нақши калидӣ гузорад. Аммо барои расидан ба ин ҳадаф онҳоро лозим аст, ки ба омӯзиш ва азхуд кардани донишҳои нав ва баланд бардоштани сатҳи бозомӯзии касбии кормандон мувофиқи талаботи бозори меҳнат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд [5]. Мантиқан ин маънои онро дорад, ки ин боиси коҳиши нархҳо мегардад, зеро бо афзоиши истеҳсолот рақобат шиддат мегирад ва онҳоро маҷбур мекунад, ки дар муқоиса бо молҳои воридотӣ, ки бозорро пур кардаанд, маҳсулоти сифатан баландтар ва арзонтарро истеҳсол кунанд. Дар чунин шароит корхонаҳои савдо молтаъминкунандагони боэътимодро интихоб мекунанд, ки ин боиси рушди бозори истеъмолӣ мегардад [7, – С. 10-14].

Зимнан, масъалаи амнияти иқтисодӣ имрӯзҳо вобаста ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад. Бо дарназардошти хусусияти гузариши иқтисодиёт ба рушди устувор ва хадафҳои стратегии кишвар, албатта ба шиддат гирифтани низоъҳои сиёсӣ ва дигар хавфу хатарҳои ҷойдошта низ вобастагӣ дорад.

Имрӯзҳо рушди иқтисоди миллиро бидуни саноат тасаввур кардан низ ғайриимкон буда, бо иқдоми шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ давра ба давра амалӣ менмоем, ки ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва саноатӣ иҷрои вазифаҳои хеле муҳимро тақозо менамояд. Бинобар сабабе, ки беш аз 70 дарсади аҳолии мамлакат дар деҳот зиндагӣ менамоянд ва Тоҷикистон кишвари аграрӣ ба ҳисоб меравад, дар ин самт имкониятҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо назардошти ташкили корхонаҳои агросаноатии ватанӣ дар дохили кишвар маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшаванда сараввал коркард ва сипас ба маҳсулоти тайёри саноатии дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир табдил дода шавад. Албатта, омили мазкур имкон дорад, ки дар самти гузаштан аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ ба таври зарурӣ нақши хоссаро иҷро намояд.

Рамзист, ки дар бештари ҳолатҳо таъмини амнияти иқтисодӣ ва бехатарии озуқаворechoии ҷумҳурӣ аз самаранокӣ ва устувории рушди кишоварзӣ низ вобастагии калон дорад. Хусусан, дар доираи дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бо нуриҳои минералӣ таъмини талаботи хоҷагидорону кишоварзон ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироат корхонаи бузурги кимиёвии “Азот” мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Боиси сарфарозист, ки бо саҳми соҳибкорони ватанӣ ба кор андохтани ин зарфияти азими истеҳсолӣ, зиёда аз 1000 нафар соҳибтахассусон бо ҷойи кор ва маоши баланд таъмин карда шуд. Дар ин росто бешубҳа, баъд аз таҷдиду навсозӣ бо тавоноии 39 МВт ба кор даровардани гидроагрегати рақами 1-и НБО-и “Сарбанд” дар шаҳри Леваканд аз зумраи ташаббусҳои бунёдкоронаи Пешвои миллат мебошанд.

Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳои беназир, зимни ироаи Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ба муҳиммияти сармоягузорӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ таъкид карда қайд намуданд, ки: «…то соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 83 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад».

Ногуфта намонад, ки бо иқдомҳои шоиста ва сиёсати комили Пешвои миллат пайи ҳам ҳадафи стратегии Тоҷикистон татбиқ гардида, ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди миллӣ, дурнамои таъсири омилҳои беруна, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум ва бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта мунтазам талошу корҳои пурмашаққатро талаб менамояд. Дар ниҳоят, барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ тавассути афзалиятҳои муайян шуда, натанҳо вусъат бахшидани суръати рушд, балки ба сифати рушд диққати хоса додан лозим аст.

Мусаллам аст, ки дар самтҳо ва соҳаҳои муҳими давлатӣ пай дар пай амалӣ гардидани ислоҳоти сохторӣ, бахусус таҳия ва татбиқи як қатор барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва амалисозии тадбирҳои муассир барои дар сатҳи зарурӣ рушди иқтисоди миллӣ заминаи мусоид гузошт. Бо дарназардошти ин, дар шаш моҳи соли 2023 суръати афзоиши ММД кишвар хеле назаррас гардида 54,2 млрд. сомонро ташкил намуда, рушди воқеии он ба 8,3 дарсад баробар гардид. Сатҳи таваррум бошад, дар давраи ҳисоботӣ 2,3 дарсадро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 банди фоизӣ кам буда [8], аз сиёсати созанда ва бунёдгузорӣ роҳбарияти олии кишвар ва қадамҳои устувор дар рушди иқтисоди кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Аз ин лиҳоз, дар рафти таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ муайян гардид, ки воқеан ҳам аз мушкилоти ҷойдоштаи солҳои қаблӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кофӣ дар таҳия ва татбиқи барномаву дурнаморо андухтааст. Барои пешгирии таъсири манфии омилҳои беруна ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум диққати хосса дода мешавад. Дар натиҷа, рушди иқтисоди миллӣ таъмин, буҷети давлати иҷро, гардиши тиҷорати хориҷӣ муътадил ва қурби асъори миллӣ нисбати шарикони тиҷорат муътадил қарор дорад.

Ҳамин тавр, бо ба инобат гирифтани афзалиятҳо дар низоми фаъолияти муштараки амнияти иқтисодии давлат, дар ҳолати ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намудан, ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

– татбиқи дурусти барномаҳои қабулгардидаи давлатӣ, зеро сатҳи зиндагии мардум аз татбиқи ҳадафҳои рушди устувор вобастагии калон дорад;

– ҷалби сармоя ва бештар ташкил намудани корхонаҳои муштарак. Дар шароити муосир вақте ки муносибатҳои иқтисодии мамлакат дар зери таъсири қонунҳои бозор шакл мегирад, ҳамчун зарурати объективӣ иқтисоди миллӣ ба ин қонуниятҳо бояд мутобиқ карда шавад. Дар натиҷа, шаклҳои нави ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд, ки дар миёни онҳо корхонаҳои муштарак мақоми намоёнро ишғол менамоянд. Бинобар ин, корхонаҳои муштарак бо шарикони хориҷӣ як шакли ҳамкории хориҷиро дар доираи санадҳои меъёри ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Махсусан, дар Ҷумҳури Тоҷикистон якчанд корхонаи муштараки азим барои рушди иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ фаъолият менамоянд, ки дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва бо молҳои рақобатпазир таъмин намудани бозори дохилӣ, саҳми назаррас доранд;

– мунтазам татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, бо мақсади баланд бардоштани мавқеи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ва расидан ба ҳадафҳои асосии иқтисоди миллӣ;

– боз ҳам самаранок истифода бурдани неруи барқ ҷиҳати расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – истиқлоли энергетикӣ;

– ба таври зарурӣ коҳиш додани воридоти бархе аз маҳсулоти озуқаворӣ, барои солимии ҷомеа. Мусоидат дар истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои хушсифатро зарур мешуморем, ки нақшаҳо барзиёд иҷро карда шаванд. Сипас барои бозори ҷаҳонӣ зиёд намудани содироти маҳсулоти ватанӣ;

– дастрасӣ ба сарчашмаҳои қарзии дарозмуддат ва ҳимояи манфиатҳои онҳо. Дар ин самт, ташкилотҳои қарзӣ дар таъмини молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба қарзҳои дарозмуддат ва фоизҳои нисбатан пасттар нақши асосӣ доранд;
– бо имтиёзҳои гуногун суръатбахшии саноатикунонии босуръати кишвар. Дарвоқеъ, имтиёзҳо яке аз воситаҳои муҳими васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад;
– тақвият бахшидани истеҳсоли нуриҳои маъданӣ барои бахши кишоварзӣ. Барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, омилҳои дар боло овардашуда ба вазъи амнияти иқтисодӣ ва суръати истеҳсоли молҳои ватанӣ таъсиррасон мебошанд. Воқеан, солҳои охир зиёда аз 90 самти истеҳсолот, ки бахши саноати кишварро муаррифӣ менамояд, махсусан ба соҳаи истихроҷи ашёи хоми маъданию ғайримаъданӣ ва соҳаи коркарди маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти кишоварзӣ мунтазам равона гардидааст.

Аз ин рӯ, доир ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ба таври зарурӣ самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ барои иқтидори истеҳсолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар ин самт боз ҳам корҳо ҷоннок карда шаванд. Ҳамзамон, истифодаи имконияту иқтидорҳои истеҳсолиро дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар назорати қатъӣ бурда, ба ин васила дар муҳлати кӯтоҳтар имкони ба ҳадафҳои стратегӣ расиданро зиёд менамояд, ки ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз вусъат мебахшад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://www.president.tj/node/29823
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191
3. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 аз «2» сентябри 2021, № 358. 13 с. [Захираи электронӣ] https://medt.tj/images/29.07.2023-4.pdf
4. Муртазоев О.Қ. Носозгории иқтисодиёти ҷаҳон ва таъмини амнияти иқтисодӣ/ Сомонаи расмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//[Захираи электронӣ] https://mts.tj/nosozgorii-i%d2%9btisodiyoti-%d2%b7a%d2%b3on-va-tamini-amniyati-i%d2%9btisod%d3%a3/
5. Муртазоев О.Қ. Нақши иқтисоди рақамӣ дар таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ [Захираи электронӣ] https://mts.tj/na%d2%9bshi-i%d2%9btisodi-ra%d2%9bam%d3%a3-dar-tamini-ra%d2%9bobatpazirii-i%d2%9btisodi-mill%d3%a3/
6. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Эмомалӣ Раҳмон ва 30-соли истиқлоли давлатӣ. [Захираи электронӣ] https://mfa.tj/tg/main/view/9955/emomali-rahmon-va-30-soli-istiqloli-davlati
7. Толибов Қ.Қ. Нақши соҳибкории тиҷоратӣ дар рушди истеҳсолоти ватанӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. №4/2. – С. 10-14. [Захираи электронӣ] http://payom.ddtt.tj/ arhive_exploler/0.%20%D0%92%D0%B5%D1%81%D1%82%D0%BD%D0% B8%D0%BA%20-%204-2-2018.pdf
8. Ҷамъбасти вазъи низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2023 [Захираи электронӣ] https://www.nbt.tj/tj/news/549959/

**УДК 339.37(575.3)**

**Урунова С. А.**

## КОНСЕПСИЯҲОИ МУАРРИФӢ ВА ҚОИДАҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ МОЛҲО ДАР ТОЛОРИ ФУРӮШИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА

Дар мақола сухан оид ба аҳамияти муаррифӣ ва ҷойгиркунии молҳо дар толори фурӯши корхонаҳои савдои чакана меравад. Муаррифии мол дар толори фурӯш, яке аз воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии фурӯш мебошад. Ба чорабиниҳои муаррифии мол амалиётҳои технологию тиҷоратӣ оид ба ҷойгиркунӣ ва намоиши молҳо дар толори фурӯш дохил мешаванд. Ин амалиётҳо ҷузъиёти илми муосири мерчендайзинг мебошад, ки чаканафурӯшони ҷаҳон васеъ истифода мебаранд. Инчунин оид ба намуд, тарз ва принсипҳои муаррифию ҷойгиркунии молҳо маълумоти саҳеҳ дода шуда, натиҷаи назарсанҷии истеъмолкунандаҳо, барои муайян намудани омилҳое, ки ба қарори хариди истеъмолгарон таъсир мерасонанд, оварда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** савдои чакана, толори фурӯш, муаррифии молҳо, ҷойгиркунӣ ва ҷобаҷогузории молҳо, мерчендайзинг, таҷҳизоти тиҷоратӣ.

**Урунова С. А.**

## КОНЦЕПЦИИ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ И ПРАВИЛА ВЫКЛАДКИ ТОВАРОВ В ТОРГОВОМ ЗАЛЕ ПРЕДПРИЯТИЙ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ

В статье речь идёт о значении представления и размещения товара в торговом зале предприятий розничной торговли. Представление товара в торговом зале является одним из основных средств стимулирования сбыта. Мероприятия по представлению товаров включают технологические и коммерческие операции по размещению и демонстрации товара в торговом зале. Эти операции являются составной частью современной науки мерчандайзинга, которая широко используется ритейлерами по всему миру. Также дана информация о виде, способе и принципах представления и размещения товара, а также представлены результаты опроса потребителей для определения факторов, влияющих на решение покупателей о покупке

**Ключевые слова**: розничная торговля, торговый зал, представление товаров, размещение и выкладка товаров, мерчендайзинг, торговое оборудование.

**Urunova S.A.**

## CONCEPTS OF PRESENTATION AND RULES FOR DISPLAYING GOODS IN THE SALES AREA OF RETAIL ENTERPRISES

The article deals with the importance of presentation and placement of goods on the sales floor of retail enterprises. Presentation of goods on the sales floor is one of the main means of sales promotion. Activities for the presentation of goods include technological and commercial operations for the placement and demonstration of goods on the sales floor. These operations are an integral part of the modern science of merchandising, which is widely used by retailers around the world. Information is also provided on the type, method and principles of presentation and lacement of goods, as well as the results of a consumer survey to determine factors influencing customers' purchasing decisions

**Key words:** retail trade, sales floor, presentation of goods, placement and display of goods, merchandising, retail equipment.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти тиҷоратӣ ҳамчун шакли инкишофёфтаи мубодила, ки молро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мерасонад, савдои чакана мебошад.

Мақсади асосии савдои чакана таъмини талаботи истеъмолгарон ба молу хизматрасонӣ дар вақти барои харидор мувофиқ, миқдору номгӯи моли зарурӣ, сифати баланди молҳо ва пешниҳоди хизматҳои басо гуногун мебошад.

Мақсади асосии дилхоҳ корхонаи савдои чакана ба даст овардани фоида ва баъдан зиёд кардани он мебошад. Рақобати пуршадид чаканафурӯшонро водор месозад, ки рақобатпазироии корхонаҳои худро баланд бардоранд. Барои он, ки нуқтаҳои фурӯш аз рақибон бо хусусиятҳои хос фарқ кунанд ва харидоронро ҷалб намоянд, бояд натанҳо фишангҳои муқарарии таъсир ба истеъмолкунандагон моҳирона истифода шавад, балки усулҳои нави онро бояд ёфт. Яке аз чунин фишангҳо дар корхонаҳои савдои чакана ин муаррифии мол мебошад.

Муаррифии эҷодкоронаю диққатҷалбкунанда ташрифгарони бисёрро ҷалб намуда, онҳоро барои харид водор месозад ва бо ҳамин корхонаро бо фоида таъмин менамояд.

Муаррифии мол дар толори фурӯш, яке аз воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии фурӯш мебошад. Ба чорабиниҳои муаррифии мол амалиётҳои технологию тиҷоратӣ оид ба ҷойгиркунӣ ва намоиши молҳо дар толори фурӯш дохил мешаванд. Ин амалиётҳо ҷузъиёти илми муосири мерчендайзинг мебошад, ки чаканафурӯшони ҷаҳон васеъ истифода мебаранд [3].

Ҷойгиркунии молҳо ин яке аз самараноктарин фишангҳои идораи фурӯш дар толори фурӯши корхонаҳои савдои чакана мебошад. Мақсади асосии ҷойгиркунии молҳо, ин тавассути чорабиниҳои гуногун идора намудани идроку рафтори харидорони имконпазир мебошад. Барои ташаккули тарзҳои ҷойгиркунии молҳо, аввало бояд консепсияи муаррифи мол коркард карда шавад. Дар шароити имрӯза якчанд намуди консепсия мавҷуд аст.

*Муаррифии ғоявӣ,* яъне муррифӣ бояд дар асоси ягон идея ё имиҷи корхонаи савдо ташкил карда шавад. Мисол: “Лавозимот барои ошхонаи муосири Шумо” дар масоҳати намоишии толори фурӯш таҷҳизот, зарф ва лавозимоти ҳозиразамони техникиро чуноне, ки дар ошхона ҷойгир мекунанд, гузоштан мумкин аст. Инчунин дар мағозаи мебел, ки фурӯш аз рӯи намуна аст, молҳоро ҳамчун “ҳуҷраи нишаст”, “ҳуҷраи хоб” ва ғ. оро медиҳанд.

*Муаррифии гурӯҳҳӣ* - бештар ҷойгиркунии гурӯҳӣ дар дохили номгӯи молии як молтаъминкунанда ё дохили як тамғаи молӣ ташкил мешавад. Умуман ҷойгиркунии гурӯҳии гуногун истифода шуданаш мумкин аст: шарбатҳои 100% дар якҷо, дар бараш шарбатҳои омехта; равғани маска дар як раф, маргаринҳо дар дигар. Ё дар як раф ҳамаи тамғҳои молии як намуди мол, дар дигар раф, дигар мол (дар як раф майонезҳо, дар дигар кетчуп). **Х**аридор аз байни тамғаҳои гуногун моли даркориро интихоб менамояд, барои ӯ фаҳмо аст, ки бо кадом хусусиятҳо молҳо гурӯҳбандӣ шудаанд.

*Муаррифии молҳо аз рӯи нарх* - ҷойгиркунии молҳо дар рафҳо аз рӯи нархҳо ташаккул дода шудааст. Молҳоро аз рӯи сатҳи нархҳояшон дар рафҳо ҷойгир менамоянд (дар як раф молҳо бо нархи арзонтарин, дар дигаре, каме қимматар, дар дигаре боз қимматар, ё ин ки дар як тараф ҳама молҳо бо нархи арзон, дар дигар тараф молҳо бо нархи қиммат). Ин тарзи ҷойгиркунӣ барои харидорони даромади паст дошта, қуллай аст.

*Муаррифӣ аз рӯи ранг* – ин намуди ҷоқгиркунии молҳо асосан барои молҳои ғайрихӯрока истифода мешавад. Либосҳо, пойафзол, кулоҳҳо, чатр, сумка, айнакҳо бо рангҳо ҷудо карда шудаанд.

*Муаррифии махсусгардонида* – барои ҷойгиркунии молҳои камёфт ва яккачин пешбинӣ шудааст. Ин тарзи муаррифӣ асосан ҳашамату гуногунии молҳои пешкашшударо, ки аз тамоми дунё оварда шудаанд, нишон медиҳад. Мисол: қаҳваро вобаста аз навъ ва мамлакати истеҳсолкунанда ҷойгир менамоянд, шаробҳоро инчунин.

*Муаррифии корпоративӣ* – ҷойгиркунии молҳо аз рӯи як тамғаи молӣ (маҳсулоти ширии ширкати “Шири Душанбе”). Ин намуди муаррифӣ бештар барои он молҳое, ки

ҳиссаи зиёде дар ҳаҷми фурӯши умумӣ доранд, истифода мешаванд. Инчунин ширкатҳое, ки брендҳои машҳур ва дорои умури мерчендайзинги рушдёфта ҳастанд, маҷмӯаҳои корпоративии худро дар толори фурӯш алоҳида мемонанд.

Маҷмӯаи корпоративӣ – ин ҷой дар рафҳо, ки барои ҷойгиркунии молҳои истеҳсолкунандаи муайян муқарар шудааст. Исбот шудааст, ки ҷойгиркунии молҳо бо маҷмӯа (блок) ба ҳаҷми фурӯш таъсир мерасонад, диққати харидорро бо принсипҳои возеҳиву рангорангӣ ҷалб намуда, вақти ташрифи харидоронро дар шӯъбаи муайяни мағоза зиёд менамояд. Аз ин лиҳоз ҷойгиркунии корпоративӣ ҳам ба истеҳсолкунанда, ва ҳам ба чаканафурӯш манфиатовар аст.

Аксари корхонаҳои савдои чакана барои ҷойгиркунии молҳо планограмма тартиб медиҳанд. Планограмма ин сурат, нақшаи ҷойгиркунии молҳо дар толори фурӯш мебошад[1].

Унсури асосии муаррифии молҳо дар корхонаҳои савдои чакана ҷойгиркунии молҳо дар толори фурӯш мебошад. Ҷойгиркунии самараноки таҷҳизот ва молҳо дар толори фурӯш анбӯҳи харидоронро дуруст ташкил карда, вақти хизматрасонӣ ба онҳо сарфа карда мешавад.

*Ҷойгиркунии молҳо* – ин усулҳои пешкаши мол дар толори фурӯш мебошад, ки истеъмолкунандаро барои харид водор месозад.

Мақсади ҷобаҷогузории молҳо – ба воситаи усулҳои гуногуни таъсиррас, идораи рафтору идроки харидорони имконпазир дар толори фурӯш мебошад.

Ташкили ҷобаҷогузории молҳо аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

- аз тарзи фурӯш ва хизматрасонӣ;
- аз андозаҳои мол;
- аз хусусиятҳои физикавию химиявии мол;
- зарурияти нигоҳ доштани реҷаи ҳароратии муайян;
- аз намуду хусусияти борҷома;
- аз намуду сохти таҷҳизот (баландӣ, ҳаҷм, васегӣ ва ғ.)
- аз нархи мол;
- аз хусусияти тақозо ба мол;

Ҷойгиркунии молҳо дар корхонаҳои савдои чакана бо ду тарз ташкил карда мешавад:

*Ҷойгиркунии молҳо дар толори фурӯш* – ин тақсимоти мол дар масоҳати толори фурӯш мувофиқи лоиҳаи корхона мебошад. Ин амалиёт барои муайян намудани самти анбӯҳи харидорон, сарфаи вақти хизматрасонӣ ба онҳо ва баланд бардоштани самаранокии амалиётҳои технологӣ, ҳангоми ҷобаҷокунии молҳо дар толори фурӯш мусоидат менамояд; инчунин мизоҷони доимӣ дар куҷо кадом мол ҷойгир шуданашро доништа, зуд онро меёбанд;

*Ҷобаҷогузории молҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ* – ин амалиётҳои технологӣ оид ба намоиш ва ҷойгиркунии молҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ мебошад. Ҷойгиркунии моҳиронаи молҳо дар таҷҳизот диққати истеъмолкунандаро ҷалб менамояд ва ба корхонаи савдои чакана фоидаи даркориро таъмин месозад.

Ҷобаҷогузории молҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ амалиётҳои зеринро дарбар мегирад:

- гузоштани молҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ вобаста аз намуди корхонаи савдои чакана ва мавқеи мол дар толори фурӯш;
- назорати ҳаҷми муайян ва номгӯи молӣ, захираҳои молӣ;
- ҷобаҷогузории уфуқию амудии маҷмӯи молҳо дар таҷҳизот;
- ҷойгиркунии молҳо дар назди молҳои номдор;
- ҷойивазкунии молҳо вобаста аз мӯҳлати истифодабарии молҳо.

Ҳангоми ҷойгиркунии молҳо дар корхонаҳои савдои чакана қоидаҳои зерини мерчендайзериро риоя намудан лозим аст:

- ҳар чӣ бештар чаканафурӯш молҳоро фурӯшад, инчунин бавоситаи ҷойгиркунии оқилонаи молҳо, ҳамон қадар истеҳсолкунанда ё яклухтфурӯш молҳои худро ба онҳо пешкаш менамояд;
- ҷойгиркунии оқилонаи молҳо, диққати харидоронро ҷалб намуда мизоҷони доимиро пайдо менамояд;
- ҷойгиркунии оқилонаи молҳо барои нигоҳ доштан ва беҳ намудани муносибат бо харидорон мусоидат менамояд;
- ба рақибон барои гирифтани мавқеи хуб халал мерасонад.

Ҷойгиркунии молу маҳсулот дар нуқтаи фурӯш аҳамияти авалиндараҷа дорад, чун яке аз шартҳои асосии он, ин вуҷуд доштани мол дар рафҳо ва дастрас будани он ба харидор мебошад.

Дар таҷрибаи фурӯши чакана намудҳои гунгуни ҷобаҷогузории молҳо вуҷуд дорад: дар рафҳо, дар пештахта, дар рӯи борҷомаҳо ва боркуттиҳои молҳо, лавҳаҳои (стендҳои) алоҳидаистода, намоишгоҳҳои махсус, ҷойгиркунӣ дар зерзарфҳо, ҷойгиркунӣ дар сабатҳои симин, дар яхдонҳои тиҷоратӣ, дар дохили автоматҳои тиҷоратӣ ва ғ.

Принсипи асосии ҷойгиркунии (ҷобаҷогузории) молҳо ин осон гардонидани раванди интихоб ва хариди мол бо истеъмолкунандаҳо мебошад. Барои осон гардонидани раванди ёфтани мол дар толори фурӯш ва дар таҷҳизоти тиҷоратӣ бо харидор, принсип ва қоидаҳои муайян бояд риоя карда шавад.

*Принсипи ҷобаҷокунии молҳо* - ин қонуниятҳое, ки ҷойгиркунӣ ва ҷобаҷокунии молҳо дар толори фурӯш, асос ёфтааст [2].




**Нақшаи 1. Принсипҳои ҷойгиркунии молҳо дар рафҳо**.

Тарзҳои ҷобаҷогузории молҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ аз омилҳои бисёр вобастагӣ дорад: лоиҳа ва андозаи толори фурӯш, намуди мол, борҷомаи он, фоидаи аз мол ба дастовардашуда, имиҷи мағоза, ва ғ.

Тарзҳои гуногуни ҷобаҷогузории молҳо дар рафҳо вуҷуд дорад: уфуқӣ, амудӣ, рехта ва иловагӣ.

Дар *ҷобаҷогузории уфуқӣ* гурӯҳҳои молӣ ба дарозии рафҳо гузошта мешаванд. Асосан ин тарз барои молҳои борҷомааш нисбатан калон ё молҳои хурде, ки дар қуттиҳои махсус (кассетаҳо) ҷойгиранд, истифода мешавад. Молҳоро аз тарафи чап ба рост бо андозаи бузург то ба хурд ҷойгир мекунанд.

Дар рафҳои поёнтарин молҳои калонҷусса ё молҳои арзони талаботи ҳаррӯзадоштаро ҷойгир мекунанд. Молҳои машҳуре, ки рақобатпазириашон баланд аст дар аввал ва охири раф ва молҳое, ки мавқеашон дар бозор паст аст дар мобайн ҷойгир мешаванд. Чунин ҷойгиркунии молҳоро дар мерчендайзинг қоидаи «истифодаи обрӯю эътибор» меноманд. Дар ҷобаҷокунии уфуқӣ таҷҳизоти тиҷоратиро ба самти ҳаракати анбӯҳи харидорон паралел мегузоранд.

Дар *ҷобаҷогузории амудӣ* гурӯҳҳои молӣ дар рафҳо аз боло ба поён гузошта мешаванд. Ин тарз барои харидорони қадҳояшон гуногун қуллай аст, барои ҳамин онро самараноктар меҳисобанд. Барои он, ки молҳои даркориро харидорон зуд пайдо намоянд, аз тамғаҳои молии муайян маҷмӯҳо (блокҳо) месозанд.

Дар *ҷобаҷогузории иловагӣ* молҳо дар таҷҳизоти алоҳида (дисплейҳо) аз нуқтаи асосии фурӯш дуртар ҷойгир карда мешаванд.

Дар *ҷобаҷогузории "рехта"* молҳо дар таҷҳизоти гуногуни ба монанди сабатҳо, қуттиҳо, аробачаҳо ё дар рӯи миз бетартиб рехта мемонанд.

Дар *ҷобаҷогузории фронталӣ* як намунаи мол рӯ ба харидор гузошта шуда, молҳои дигаре, ки аз қафо гузошта шудаанд намоен нестанд, ё қисман намоёнанд.

Дар таҷриба бештар ҷобаҷогузории омехта (уфуқию амуди ҳамҷоя шудаанд) истифода мешавад. Барои гурӯҳҳои молие, ки номгӯи маҳдуд доранд, ҷойгиркунии амудӣ ва барои номгӯи васеъ, ҷойгиркунии уфуқӣ ё омехта истифода мешавад.

Ҷобаҷогузории молҳо бо мафҳуми *нуқтаи фурӯш* зич алоқаманд аст.

***Нуқтаи фурӯш*** — ҷой дар толори фурӯш мебошад, ки истеъмолкунанда имконияти дидану, қабули қарори интихобу хариди молро дорад, яъне таҷҳизоти тиҷоратие, ки дар он мол барои намоиш ва фурӯш ҷойгир шудааст (рафҳои як ва дутарафа, пештахта, пешдӯкон, овезаҳо, ҷевонҳо, дисплейҳои рӯифарши, таҷҳизоти гуногуни яхдонӣ ва ғ.) Нуқтаи фурӯши асосӣ ин ҷоест, ки ҳамаи номгӯи молии гурӯҳи моли муайян ҷойгир шудааст [4].

Нуқтаи фурӯши иловагӣ ин ҷоест, ки молҳо аз нуқтаи асосӣ алоҳида гузошта мешаванд (рафҳои алоҳидаистода, стенд, дисплей ва ғ.).

Нуқтаи фурӯши иловагӣ, асосан барои молҳои сатҳи фурӯши баланддошта ва молҳои талаботи ғайриихтиёридошта ташкил карда мешавад.

Ҷойгиркунии молҳо дар толори фурӯш аз нуқтаи назари мавқеъ ва намуд - молӣ ва ороишӣ (муаррифӣ, экспозитсионӣ ) мешаванд.

Ҷойгиркунии молӣ дар мағозаҳои худхизматрасонӣ, ҳангоми фурӯш ва намоиши молҳо истифода мешавад.

Ҷойгиркунии ороишӣ барои ороиши пешдӯкону рафҳои мағозаҳо ё шуъбаҳои фурӯши муқаррарӣ дошта (аз пештахта) истифода мешавад. Бо ин тарзи ҷойгиркардани молҳо, ки вазифаи ороишӣ дорад, таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагонро ҷалб менамоянд. Дар мағозаҳои худхизматрасонӣ истифодаи ин тарз ноқуллай аст, чун агар қисми молҳо харидорӣ карда шавад, аз композитсия нишоне намемонад.

Пешдӯконҳо (витринаҳо) яке аз воситаи асосии муарифӣ ва рекламаи молӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи асоии пешдӯконҳо ҳамчун унсури функсионалии мағоза чунин мебошад:

- шинос намудан бо номгӯи молҳое, ки дар фурӯш мавҷуданд; аз фаророасии мавсимҳо маълумот додан;
- рекламаи молҳои нав, самтҳои нави мӯдро инъикос намудан;
- оид ба тарзҳои фурӯш ва хизматрасониҳои махсусе, ки дар мағоза мавҷуданд маълумот додан.

Пешдӯконҳо бағайр аз аҳамияти рекламавӣ, низ нақши муҳими тарбиявӣ ҳам доранд, чун ҳама вақт намошгоҳи доимамалкунандаи молҳои талаботи ҳаррӯза доштаро, ифода мекунанд ва дар бораи истеҳсоли молҳои хӯрока ва ғайрихӯрока, тарзи зист, расму оинҳои миллӣ, маданияти халқҳо маълумот медиҳанд.

Пешдӯконҳо инчунин тарғибгари маданияти либоспӯшӣ ва эстетикаи рӯзғор мебошанд. Пешдӯконҳои моҳирона ородода мардумро бо самтҳои нави мӯд, интихоби дурусти хелҳои маҷмӯи либос, тарзи ороиши дастархон ва ороиши хона таълим медиҳанд.

Бағайр аз ин пешдӯконҳо унсури асосии ороиши кӯчаю хиёбонҳои муосир мебошанд.

Вобаста аз истифодабарӣ пешдӯконҳо : тирезагӣ ва таҷҳизотӣ мешаванд.

Пешдӯконҳоро вобаста аз сохт ва мувофиқати онҳо бо ороиши дохилаи (интерери) мағоза ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- Пешдӯконҳое, ки бо интерери мағоза ҳамҷоя ҳастанд; (яъне девори берунаи мағоза пурра шишагӣ аст). Асосан барои намоиши дохили мағоза аз берун, истифода мешаванд;
- Пешдӯконҳои тасмашакл, аз толори фурӯш бо девори шишагӣ ҷудо карда шудаанд ва аз фарши толор баландтаранд. Ин масоҳати алоҳидае, ки барои намоиши молҳо пешбинӣ шудааст.
- Пешдӯконҳое, ки аз ҳамдигар бо деворҳои шишагин ҷудо карда шудаанд (дар мағозаҳои сохти меъмории куҳна дошта).

Вазифаи рекламавии ҳамаи пешдӯконҳо ин пешкаши маълумот дар бораи молҳо ва пешбарии онҳо барои харид мебошад.

Харидорро ҷолибият ва мушаххасии пешдӯкон, нисбати дигар мағозаҳо ҷалб менамояд.

Пешдӯконҳои тирезагии мағозаҳоро аз рӯи намуди мол, мазмун ва тарзҳои ороиш тасниф кардан мумкин аст.

Аз рӯи *нишонаҳои молӣ* пешдӯконҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоянд:

*Мураккаб* - якчанд номгӯи молиро реклама мекунад, ки бо ягон хусусияти ягона алоқамананд. Мисол дар мағозаи «Либосҳо» дар пешдӯкон намоиши маҷмӯи либосҳои мардона, занона ва кӯдакона ҷойгир шудааст;

*Махсусгардонидашуда* барои муаррифии як гурӯҳи молӣ муайян шудааст. Мисол дар мағозаи фурӯши асбобҳои барқию маишӣ, намоиши алоҳидаи асбобҳои барқию равшанидиҳӣ, мошинаҳои ҷомашӯӣ, чангкашакҳо ва яхдонҳо ташкил карда мешаванд;

*Махсусгардонии маҳдуд* қисме аз гурӯҳи молиро намоиш медиҳад (масалан: пойафзоли кӯдакона, соат, куртаи мардона);

*Омехта* – молҳои гуногуне, ки ба ҳамдигар алоқаманди надоранд муаррифӣ карда мешавад.

Аз *ҷиҳати ороиш* пешдӯконҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- *Молӣ* – дар ин пешдӯкон танҳо мол, бе унсурҳои ороишӣ гузошта мешавад.
- *Молию ороишӣ* – бағайр аз мол боз унсурҳои ороишӣ истифода мешаванд.
- *Сюжетӣ* – пешдӯконҳо аз рӯи сюжети ягон афсона, мультфилм, саҳнача оро дода мешаванд.
- *Мазмунӣ* - пешдӯконҳо ба муносибати идҳо, ҷашнҳо оро дода мешаванд. Бештар матн, сурат, рамз, плакатҳо истифода мешавад. Намоиши молҳо бояд диққатҷалбкунанда бошанд.

Аз рӯи воситаҳои техникии ороишӣ пешдӯконҳоро ба беҳаракат (статикӣ), ҳаракаткунанда (динамикӣ) ва омехта ҷудо менамоянд.

Нисбати пешдӯконҳо талботҳои асосии зерин мавҷуданд:

- Пешдӯконҳои тирезагӣ бояд дутарафа бошанд, барои он, ки молҳои намоишшуда ҳам ба харидорони дохили толори фурӯш ва ҳам ба роҳгузарони беруни мағоза намоён бошанд.
- Дар пешдӯконҳо танҳо молҳое гузошта мешаванд, ки дар фурӯш мавҷуданд.
- Дар пешдӯконҳо танҳо номгӯи аслӣ гузошта мешавад. Дар пешдӯконҳо гузоштани молҳо ба монанди мулӯҳ (муляж), чизҳои сохта қатъиян манъ аст.
- Хуб мебуд агар баробари молҳо дар пешдӯконҳо воситаҳои рекламавие, ки хусусиятҳои истеъмолии молҳоро тавсиф медиҳанд пешкаш мешуданд. Хусусан молҳое, ки бори аввал ба бозор ворид шудаанд, ё молҳое, ки дар байни мардум машҳур нестанд. Молҳои намоишшуда бояд бо нархномаҳо таъмин бошанд. Нархнома ин натанҳо воситаи маълумотдиҳӣ дар бораи нарх, балки як унсури ороишӣ шуда метавонад.
- Ҳамаи ороиши пешдӯкон, бо мақсади таъмин намудани толори фурӯш бо рӯшноии табиӣ бояд 50% шишаи онро ишғол намояд.
- Асбобу анҷомҳои истифодашуда бояд намоён набошанд, чун диққати харидорро аз мол дур нанамоянд.
- Молҳо дар пешдӯкон бояд бо назардошти мавсим (фасли сол) намоиш дода шаванд.

• Мувофиқи қоида молҳо дар як моҳ накам аз ду маротиба иваз карда шаванд. Пешдӯконҳое, ки сохти ҳаракаткунанда доранд ё мавсимианд, дар се моҳ як маротиба иваз мешаванд. Молҳое, ки зери таъсири шуъои офтоб ва равшанӣ рангпарида мешаванд зудтар иваз карда мешаванд.

Барои муайян намудани омилҳое, ки ба қарори хариди истеъмолгарон таъсир мерасонанд, назарсанҷии истеъмолкунандагон гузаронида шуд. Дар назарсанҷӣ 656 нафар истеъмолкунандагон иштирок намуданд. Натиҷаи таҳқиқоти ҷавобҳои пурсиш, оид ба сабабҳои хариди истеъмолкунандагон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали-1. Натиҷаи назарсанҷӣ, оид ба сабабҳои хариди истеъмолкунандагон

| № | Омилҳо | Миқдори респондентҳо | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 1. | **Кадом омил Шуморо ба харид водор месозад?** | | |
| | васегии номгӯи молҳо ва нархҳои онҳо | 214 | 34,6 % |
| | ҷойгиркунии оқилонаи молҳо дар толори фурӯш | 190 | 26,9% |
| | дастрасии мол, иттилоотонии харидорон | 146 | 22,3% |
| | маданияти хизматрасонӣ | 106 | 16,3% |
| 2. | **Барои интихоби мол кадом иттилоот ба Шумо ёри мерасонад?** | | |
| | ҷойгиршавии мол дар толори фурӯш | 212 | 32,4% |
| | нархномаҳо | 160 | 24,4% |
| | воситаҳои рекламавӣ | 114 | 17,4% |
| | борҷомаи зебо | 114 | 17,3% |
| | номи истеҳсолкунанда (бренд) | 56 | 8,5% |
| 3. | **Барои муаррифии молҳо кадом воситаи рекламавӣ ба қарори хариди Шумо таъсир мерасонад?** | | |
| | реклама дар ҷои фурӯш | 396 | 60,3% |
| | рекламаи телевизионӣ | 165 | 25,1% |
| | рекламаи беруна | 58 | 8,9% |
| | дигар воситаҳои рекламавӣ | 37 | 5,7% |

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки омили асосие, ки барои хариди истеъмолгарон таъсир мерасонад - васегии номгӯи молӣ (34,6%) ва ҷойгиркунии оқилонаи молҳо дар толори фурӯш (26,9%) мебошад. Иттилооте, ки барои интихоби мол кӯмак мерасонд низ ҷойгиршавии мол дар толори фурӯш (32,4%) мебошад. Яке аз воситаҳои рекламавие, ки бештар ба қарори хариди мол таъсир мерасонад – инчунин реклама дар ҷои фурӯш (60,3%) мебошад.

Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки муарифӣ ва ҷойгиркунии оқилонаи молҳо дар толори фурӯш ва ҷобаҷогузории онҳо дар таҷҳизоти тиҷоратӣ яке аз роҳҳои асосии ҷалби харидорон ба мағоза ва баланд бардоштани сатҳи фурӯш дар корхонаҳои савдои чакана мебошад. Ҷойгиркунии дурусти молҳо дар толори фурӯш ба сифати хизматрасонӣ ва ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана таъсир мерасонад.

## АДАБИЁТ

1. Сёмин О.А., Сайдашева В.А., Панюкова В.В. Искуство торговать или секреты мерчендайзинга:-М.:Издательство «Дело и Сервис», 2007, с. 35.
2. Снегирева В. Книга мерчендайзера.-СПб.:Питер, 2007, с. 48.
3. Урунова С.А. Исследование теоретических аспектов мерчендайзинга Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, № 4/ 2013, Душанбе: ДДТТ, 2013. - С. 46-51.
4. Таборова Л.Г. Умный мерчендайзинг, М., «Дашков и Ко», 2013, с. 17.

**УДК – 332.146.2**

**Файзиева Д.И.**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ САНОАТӢ

Дар мақола асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти иқтидори саноатии минтақа таҳлил карда шудааст. Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти иқтидори саноатиро назарияи ҷамъияти саноатӣ, назарияи ҷойгиршавии истеҳсолот, назарияи ҷойгиршавии истеҳсолоти минтақавӣ ташкил медиҳад. Пайдоиши мафҳуми "Ҷамъияти саноатӣ", "Иқтисодиёти саноатӣ" ва "Иқтидори саноатӣ" таҳлил карда шудааст. Мураттаб намудани асоси саноатикунонии иқтисодиёти минтақа имконияти амиқи мафҳуми иқтидори саноатиро дод. Сохтор ва таркиби қисмҳои иқтидори саноатии минтақа ошкор ва таҳлил карда шуд. Усулҳои баҳодиҳии иқтидори санотӣ муайян шуда, истифодаи методи интегралӣ асоснок карда шудааст, ки ба хусусияти он таалуқ дорад ва дар нишондиҳандаҳои ҷузъҳои иқтидори саноатии вилояти Суғд инъикос гаштааст.

**Вожаҳои калидӣ:** саноат, инноватсия, иқтидори саноатӣ, захираҳои истеҳсолӣ, иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, иқтисодиёти саноатӣ.

**Файзиева Д.И.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО ПОТЕНЦИАЛА

В статье раскрываются теоретико-методические основы исследования промышленного потенциала региона. Теоретическую и методическую основу исследования промышленного потенциала составляют теория индустриального (промышленного) общества, теория размещения производства, теория размещения регионального производства. Раскрывается генезис термина «промышленное общество» «промышленная экономика» и «промышленный потенциал». Систематизация теоретических основ индустриализации экономики региона дало возможность внесению ясности к понятию промышленного потенциала. Выявлены и анализированы структура и состав (части) промышленного потенциала региона. Раскрыты методы оценки промышленного потенциала, обосновывается использование интегрального метода, что соответствует специфике и отражается на показателях составных частей промышленного потенциала Согдийской области.

**Ключевые слова:** промышленность, инновация, промышленный потенциал, производственные ресурсы, индустриально-аграрная экономика, промышленная экономика.

**Fayzieva D.I**

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASIS OF INDUSTRIAL POTENTIAL RESEARCH

The article reveals the theoretical and methodological basis of industrial potential research of the region. The theoretical and methodological basis of industrial potential research is the theory of industrial society, the theory of production location, and the theory of regional production location. The genesis of the term "industrial society", "industrial economy" and "industrial potential" is revealed. Systematization of the theoretical foundations of industrialization of the region's economy made it possible to clarify the concept of industrial potential. The structure and composition (parts) of the industrial potential of the region have been identified and analyzed.

Industrial potential assessment methods are revealed, the use of the integral method is justified, which corresponds to the specifics and is reflected in the indicators of the components of the industrial potential of the Sughd region.

**Key words:** industry, innovation, industrial potential, production resources, industrial-agrarian economy, industrial economy.

Ташаккулёбии иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудаи иқтидори саноатии минтақаҳои он вобастагии зиёд дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба иқтидори саноатии минтақаи Суғд чунин баҳо доданд: "Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтидори саноативу кишоварзӣ бузурги Тоҷикистон буда, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат рушди бомароми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии он таъмин шуда истодааст".[1]

Бо назардошти аҳамияти муҳими соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти давлат Пешвои миллат дар паёми худ аз 21 декабри соли 2021 пешниҳод карданд: "Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон "Солҳои рушди саноат" эълон карда шавад".[2]

Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи иқтидори саноатиро назарияи ҷомеаи саноатӣ, назарияи саноат, назарияи ҷойгиркунии истеҳсолоти минтақавӣ ташкил менамояд. Истилоҳи «ҷомеаи саноатӣ»-ро чун заминаи ташкилёбии иқтидори саноатӣ ба муомилоти илмӣ файласуфи фаронсавӣ, ҷамъиятшинос Анри Сен–Симон ворид намуд. Мутаносибан ба ин мафҳуми «иқтисодиёти саноатӣ» ва «иқтидори саноатӣ» ба миён омад. Оид ба мазмуни иқтидори саноатӣ дар илми иқтисодӣ андешаҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Мафҳум ва моҳияти иқтидори саноатии минтақа**

| *Сарчашма (бо забони аслӣ)* | *Таърифи мӯҳтавои "иқтидори саноатии минтақа"* |
|---|---|
| Смирнова Т.Г. Оценка промышленного потенциала региона (на примере вологодской области). // Современные научные исследования и инновации. 2012. № 12 [Электронный ресурс]. URL: https://web.snauka.ru/issues/2012/12/19140 (режим доступа): 18.06.2021). | Иқтидори саноатии минтақа ин маҷмӯи захираҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, инсонӣ, ки имкониятҳои инфрасохторӣ, омодагии худро ба татбиқи навтарин дастовардҳои илм ва техника ва технология муайян менамояд, татбиқи тағироти таркибии пешқадам ва табдилдиҳии инстутсионалӣ, ки ба афзоиши самаранокии иқтисодиёти минтақа ва таъмини рушди саноати минтақа равона гардидааст, ба шумор меравад. |
| Уильямсон О. Частная собственность и рынок капитала // ЭКО. – 1993. – №5.- С.45. | Иқтидори саноатӣ ин истеҳсол, мубодила ва истеъмоли молҳои саноати мебошад. |
| Маевский В.И. Эволюционная теория и макроэкономика // Вопросы экономики. 1997. № 3. -С. 27-41. | Иқтидори саноатӣ ин ҷанбаи захиравӣ-технологии роҳҳои якҷоякунии захираҳоро барои истеҳсоли маҳсулот тавсиф мекунад, пас ҷанбаи иқтидори саноатӣ (институтсионалӣ) муносибатҳоеро, ки бо фармоиши иҷтимоии равандҳои иқтисодӣ алоқаманданд, инъикос мекунад. |

| | |
|---|---|
| Ларионов, А.О. Оценка промышленного потенциала региона / А.О. Ларионов // Проблемы развития территории, 2015 №2 (76)-С. 45-61. | Иқтидори индустриалӣ ин маҷмӯи қобилияти қувваги ва имкониятҳои ҳудудии корхонаҳо мебошад, ки метавон дар мавҷуд будани захираҳо, амалӣ шаванд. |
| Баканач, О. В., Гаус К.В. Типология регионов РФ по уровню развития промышленного потенциала [Текст] /О. В. Баканач, К. В. Гаус // Проблемы совершенствования организации производства и управления промышленными предприятиями: межвузовский сборник научных трудов. – 2012. – № 1. – С. 15–21. | Иқтидори саноатии минтақа, ки маҷмӯи имкониятҳои корхонаи минтақа, ташкил ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро дорад, имконияти равона кардани он дар бозор, бо фоида онро фурухтан ва таъмини сатҳи баланди хизматрасонӣ мебошад. |
| Цогоев, И. Х. Роль государства в формировании и реализации промышленной политики в Северо-Кавказком федеральном округе [Текст]: автореф. дис. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук: 08.00.05 /И. Х. Цогоев. – М, 2012. – 29 с. | Иқтидори саноатии минтақа ин арзёбии миқдории имкониятҳои натиҷадиҳии истифодабари захираҳои саноатӣ мебошад. |
| Беломестнов, В.Г., Ябжанова, Т.Г. Потенциал развития экономики региона / В.Г. Беломестнов, Т.Г. Ябжанова // Вестник БГУ. Серия “Экономика и право”.—2015.-№2. -С.76 | Иқтидори саноатӣ – ин имкониятҳои минтақа аз рӯи ташкили фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи саноатӣ, аз рӯи навкунӣ (модернизатсия) ва рушди инноватсионии соҳаҳо ва ташкилотҳо, ки барои зиёд кардани ҳиссаи саноатӣ дар рушди иқтисоди минтақа равона гардидааст. |
| **Пешниҳоди муаллиф** | |
| Иқтидори саноатии минтақавӣ – ин маҷмӯи захираҳои истеҳсолӣ, табиӣ, молиявӣ, инсонӣ, иншооти инфрасохторӣ, институтсионалӣ, инноватсионӣ ва омодагии онҳо, ки барои таъмини рушди соҳаи саноатӣ нигаронида шуда, дар баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодии ҳудуди алоҳидаи маъмурии маконӣ нақш мегузорад, мебошад. | |

*Сарчашма: аз рӯйи маводҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Таҳлили мундариҷаи мафҳуми иқтидори саноатии минтақа ба мо имконияти нишон додани ҷузъҳои таркибии онро медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур, ҷузъҳои сохтори иқтидори саноатиро муайян намудем, ки аз имконияти захиравии истеҳсолии саноатӣ, имконияти инноватсионӣ, имконияти идоракунӣ иборат мебошад.

Таснифоти ҷузъҳои таркибии иқтидори саноатӣ:

1. Имконияти захиравии истеҳсолӣ (шумораи корхонаҳои саноатӣ дар минтақа, сарчашмаҳои ашёи хоми саноатӣ, таъминнокӣ бо кадрҳои муҳандисӣ).
2. Имконияти инноватсионӣ (аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ ҷудо намудани хароҷот барои технологияи пешқадам, истеҳсоли молҳои нав, техникаи инноватсионӣ, ташкили корхонаҳои инноватсионӣ).
3. Имконияти идоракунӣ (тайёрӣ ва таҳияи механизмҳои нави ташкилию идоракунӣ, усулҳои нави идоракунӣ, тайёр намудани мутахассисони ба талабот ҷавобгӯ). [3]

Ба фикри мо, самаранокии иқтидори саноатии минтақа дар шароити муосир аз мавҷудият ва ҳамоҳангии ин ҷузъҳо вобаста аст.

Ин фишурдаро мантиқан чунин исбот намудан мумкин аст: бе мавҷудияти заминаи истеҳсолӣ, яъне корхонаҳо ва дигар шаклҳои истеҳсолот дар минтақа, умуман ташкил

кардани фаъолияти иқтисодӣ ғайри имкон мебошад.

Олимони соҳа дақиқ намудаанд, ки ҳарчанде истеҳсолот мавҷуд бошад, аммо корҳои ташкилии он дуруст ба роҳ монда набошад ҳам, самаранокии он паст мешавад, зеро такрористеҳсолоти васеъро ҷорӣ кардан мумкин нест.

Дар фаъолияти иқтисодӣ истифодабарии таҷҳизотҳои кӯҳна, аз нуқтаи назари маънавӣ, дар шароити муосир рақобатпазирии истеҳсолотро таъмин кардан душвор мебошад.

Ҳамин тавр, ба фикри мо, иқтидори саноатии минтақа бо ҷузъҳои ҷудонашавандаи худ аҳамияти хоса дорад ва барои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа имконият медиҳад.

Таъсири омилҳои эндогенӣ ва экзогениро ҳамоҳангии ин ҷузъҳо бартараф менамояд.

Дар навбати худ ҷузъҳои сохтори иқтидори саноатии минтақа аз 3 самти фаъолият иборат мебошад:

- ҷузъи якуми қобилияти муосири истеҳсолии саноатии минтақаро дар самти арзёбии ҳолат, рушд ва таҷдиди соҳаи саноатии иқтисодиётро мефаҳмонад, ки имрӯз дар минтақаҳо ташаккул ёфтааст, аз ҷумла мавҷудияти ашёи хоми саноатӣ, таъминоти кадрӣ ва ғайра.
- ҷузъи дуюми иқтидори инноватсионии минтақа - имконияти ворид намудани инноватсия ва ҷалби сармоягузории беруна ба шумор меравад.
- ҷузъи сеюми иқтидори идоракунии минтақа - ин идоракардани истеҳсоли инноватсионии саноатӣ дар асоси хусусиятҳои хоси саноатии муосир мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоти мазмуни иҷтимоию иқтисодии иқтидори саноатии минтақа ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар ҷумҳурӣ ва минтақа мусоидат хоҳанд намуд.

Барои арзёбии иқтидори саноатии минтақа, мо аз методи Беломестов В.Г, Бабалян Э.Б, Хатукай С.А ва Литвинова В.В истифода бурданро лозим шуморидем. Барои арзёбии иқтидори саноатии вилояти Суғд истифодаи усули интегралӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки нишондиҳандаҳои андозагирии ҷузъҳои таркибии иқтидори саноатиро инъикос менамояд: - имкониятҳои захиравии истеҳсолӣ (ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазир); имкониятҳои инноватсионӣ (маҳсулотҳои экологӣ ва каммасраф) ва имкониятҳои идоракунӣ (паст кардани хароҷотҳои маъмурӣ). [4]

Ҳадафи асосии арзёбии иқтидори саноатӣ - ин таҳлили имкониятҳои он ҳамчун омили рушди устувори минтақа мебошад.

Мавриди таъкид аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аҳолии вилояти Суғд низ бояд саҳми арзандаи хешро дар баробари сокинони дигари кишвар гузоранд. Зеро дар вилояти Суғд аз иқтисодиёти пешинаи маъмурӣ-фармонфармои мероси муайяни иқтидори истеҳсолии саноатӣ боқӣ мондааст ва дар баробари ин истифода аз имкониятҳо амри зарурӣ ва муҳим methodista мешавад.

Маълум аст, ки дар ҳудуди вилоят, чун натиҷаи тақсимоти меҳнати шӯравӣ дар миқёси ҷумҳурӣ, маҷмӯаҳои иқтидори саноати кӯҳӣ, саноати сабук, саноати коркард ташаккул ёфта буд.

Дар қаламрави вилояти Суғд саноати нассоҷӣ низ мавқеи муайян дошт. Вале дар оғози ислоҳоти бозорӣ, хусусан даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи саноати вилояти Суғд низ талафоти зиёд бардошта, иқтидорҳои муайян аз гардиш берун монданд. Вале аз оғози ҳазорсолаи нав дар кулли минтақаҳои ҷумҳурӣ, алалхусус дар вилояти Суғд марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ бо нерӯи нав оғоз гардид.

Дар натиҷа аз соли 2000 инҷониб то ҳол ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд тамоюли устувори афзоишро ба таври мутлақ ва нисбӣ соҳиб гардид, ки ҳиссаи онро дар маҳсулоти умумии минтақавӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд менамояд. Ин ҳолат бо фаъолияти босамари корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад, ки қисми зиёди аҳолиро бо кор таъмин менамояд.

Аммо, новобаста аз натиҷаи мусбии нишондиҳандаи иқтисодии минтақа, афзоиши иқтидори саноатӣ, баланд шудани маҳсулнокии меҳнат, соҳаи саноати вилояти Суғд

ҳарчанд имкониятҳои бузургро доро мебошад, аммо дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор нагирифтааст. Дар ин самт мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ба таври муайян истифода нашудани қувваи истеҳсолии корхонаҳои саноатии ватанӣ, ба таври кофӣ ташкил нашудани ҷойҳои корӣ дар соҳаи саноат, норасоӣ дар сармоягузории бахши мазкур, ба гардиш ворид нагаштани захираҳои истеҳсолии саноатӣ, рушд наёфтани соҳаи саноатие, ки ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ асос ёфтааст, инчунин рақобатпазир набудани маҳсулоти саноатӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва ғайра ба шумор меравaнд.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва истифодабарии иқтидории саноатӣ омили калидии рушди иқтисодиёти минтақа мебошад. Иқтидори саноатии минтақа дар муайян намудан ва тавсеаи робитаҳо байни истеҳсолот ва технологияҳо, иттиҳодияи сармоя, дар ҳамкорӣ мавриди истифода қарор додани захираҳои муайян, рафъи монеаҳои мутақобила барои фароҳам овардани шароити мутақобилан судманд ва фаъолияти минбаъдаи иқтисодию молиявӣ мебошад.

Ташаккул ва мавриди истифода қарор додани иқтидори саноатии минтақа дар чаҳорчӯбаи амалишавии ҳадафи 4-уми стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Саноатикунонии босуръат равона карда шуда, бо “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”: банди1.,1.2, банди 2., 2.10, 2.12, 2.13, 2.16. "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030": боби 1., зербоби 1.3., зербоби 1.4.3, боби 3., зербоби 3.2., "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025" алоқаманд буда, бо масъалаи муҳими табдил додани иқтисодиёти мамлакат аз аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ иртибот дорад ва омили асосии амалгардонии онҳо ба шумор меравад.

Иқтидори саноатӣ маҷмӯи тамоми захираҳои соҳаҳои саноатӣ ва иқтидори бозории минтақа, ки рушди устувори саноатиро таъмин намуда аз се имконияти ба ҳам алоқамандро (захиравӣ-истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва идоракунӣ) таркиб ёфтааст. Истифодабарии мутаносиб ва босамари иқтидори саноатӣ танҳо ҳангоми мутаносибӣ ва баробарии сохтор ва таркиби он имконпазир аст. [5]

Мутаносибӣ ва самаранокии истифодабарии он аз имкониятҳои мавриди истифода қарор додани он, дастовардҳои инқилоби саноатӣ, технологияҳои мавҷуда дар иқтисодиёт, бузургии иқтидори саноатӣ ва дараҷаи рушди бахши саноатии минтақа вобаста аст.

Ҳамин тариқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти иқтидори саноатӣ бояд ба назария ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва истифодаи иқтидори саноатӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа асос ёбад. Дар навбати хеш, самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа некӯаҳволии кишварро ҳамчун мақсаду мароми ташаккулёбии модели рушди саноатӣ-аграрии минтақа ва ҷумҳурӣ таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд 29.06.2018, шаҳри Хуҷанд, 2018. // [Захираи электронӣ]. URL: https://sugd.tj/index.php/tj/prezident/10872-muloqot-sugd/ (санаи истифодабарӣ: 15.10.2019).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, [захираи электронӣ]. – URL: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=45671_(санаи истифодабарӣ: 23.12.2021).
3. **Файзиева Д.И.** К вопросу развития теорий индустриализации (Текст)/ Д.И. Файзиева/ М.М. Исмоилов // Областная научно – практическая конференция «Процесс индустриализации страны: история и современное состояние». – г. Худжанд 2019. - С.38-42.
4. Бабалян Э.Б, Хатукай С.А. Оценка устойчивости социально-экономического развития республики Адыгея.Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: экономика. Издательство: адыгейский государственный университет (майкоп). 2018г. С. 15-22.

5. Файзиева Д.И. Проблемы индустриализации экономики Согдийской области (Текст)/ Д.И. Файзиева / М.М. Исмоилов // Областная научно – практическая конференция «Процесс индустриализации страны: история и современное состояние». – г. Худжанд 2019. - С.129-133.

**УДК 338:378 (575.3)**

**Файзулло М.Қ., Сафаров З.А.**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллифон таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутараққӣ оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дармуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Махсусан дар ин мақолаи муаллифон роҳу усулҳои расидан ба муваффақиятҳои беназир дар ин соҳаро дар он давлатҳо бо таври мухтассаран баён намудаанд. Дар мақола хеле хуб оварда шудааст, ки дар кадом давлатҳои пешрафта рушди фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо кадом роҳу восита ҷорӣ ва татбиқ карда шудаанд. Инчунин муаллифон дар мақола пешниҳод месозанд, ки ин таҷрибаи пешрафта дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имконоти молиявӣ марҳила ба марҳила татбиқ карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, иқтидори инноватсионӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, технопарк, технополис, бизнес – инкубатор.

**Файзулло М.К., Сафаров З.А.**

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ

В данной статье авторы проанализировали передовой опыт развивающихся стран в развитии инновационной деятельности в учреждениях высшего профессионального образования. В частности, в данной статье авторы кратко описали пути и методы достижения уникальных успехов в этой области в этих странах. В статье очень хорошо представлено, в каких развитых странах внедрялось развитие инновационной деятельности в учреждениях высшего профессионального образования. Также авторы статьи предлагают поэтапно внедрять этот передовой опыт в учреждениях высшего профессионального образования Республики Таджикистан в зависимости от финансовых возможностей.

**Ключевые слова:** инновации, инновационный потенциал, образовательное учреждение высшего профессионального образования, технопарк, технополис, бизнес-инкубатор.

**Fayzullo M.K., Safarov Z.A.**

## FOREIGN EXPERIENCE IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ACTIVITIES IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In this article, the authors analyzed the best practices of developing countries in the development of innovation in institutions of higher professional education. In particular, in this article, the authors briefly described the ways and methods of achieving unique success in this area in these countries. The article is very well presented in which developed countries the development

of innovative activity in institutions of higher professional education was introduced and implemented. Also, the authors of the article propose to gradually introduce this best practice in institutions of higher professional education of the Republic of Tajikistan, depending on financial capabilities.

**Key words**: innovations, innovative potential, educational institution of higher professional education, technopark, technopolis, business incubator.

Таҷрибаи ҷаҳонии ҳозира нишон медиҳад, ки дар ҳоли имрӯз аз ҳама роҳи самараноки ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ дар давлат ин гузаштан ба роҳи иқтисодиёти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар иқтисодиёти инноватсионӣ қувваи пешбарандаи рушд, сохтан (тавлид) ва истифодаи донишҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин асно МТОК, ки ба самти дастовардҳои баландтарин дар соҳаи ташаккули донишҳо равона карда шудаанд, ба тамоми равандҳои иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз ин рӯ, фаъолияти МТОК дар иқтисоди инноватсионӣ бо он муайян карда мешавад, ки онҳо ҳамзамон ҳамчун манбаи донишҳои инноватсионӣ, сармояи инсонӣ ва платформаҳои таҳия ва пешбурди инноватсияҳо (навовариҳо) амал мекунанд.

Дар ин замина Тоҷикистон бояд роҳеро интихоб намояд, ки рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба донишҳо асос ёбад ва, албатта, ин роҳ рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин Тоҷикистонро мебояд ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсиониро дар МТОК-и худ ба таҷрибаи пешқадам ва назарраси МТОК-и давлатҳои хориҷӣ қиёс ва вобаста ба имконоти мавҷуда марҳила ба марҳила мутобиқ созад. Зеро онҳо имкон медиҳанд, ки бо ин роҳ муваффақиятҳои онҳо дар ин самт муайян карда шуда, МТОК-и ҷумҳурӣ бо кадом роҳ, бо истифода аз кадом захира, пешбурди кадом фаъолият метавонад ба он муваффақиятҳо ноил гардад. Аз маълумотҳои бадастомада ва таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт мо маълум намудем, ки дар аксари МТОК-и давлатҳои хориҷӣ ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионӣ бевосита бо дастгириҳои давлатӣ (қариб 60-70%) ва бахши хусусӣ (30-40%) амалӣ гардонида мешаванд.

Дар айни замон дар кишварҳои хориҷӣ оид ба ташаккулдиҳӣ ва самаранок истифодабарии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК таҷрибаҳои зиёди назаррас мавҷуд аст. Аз нуқтаи назари муҳаққиқ А. Рат «аз ҳама зиёдтар иқтидори инноватсионӣ дар Водии Силикон (ИМА), Бангалор (Ҳиндустон), Синчу (Тайван), Софи Антиполис (Фаронса), Кембриҷ (Англия), Чисте ва Твенте (Аврупо), Сукубе (Ҷопон), технопаркҳои Сингапур ва ғ. ҷамъ шудаанд» [15, с.59].

Имрӯзҳо, МТОК-и аксари кишварҳои Аврупо, Амрико, Ҷопон, Чин, Сингапур, Исроил, Австралия ва як қатор кишварҳои дигар бо рушди инноватсионии таҳсилот ва алалхусус таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ хосанд. Барои кишварҳои ғарбӣ, таҳсилоти олӣ «силоҳи махфӣ» аст, ки дар он онҳо маблағҳои бузургро сармоягузорӣ мекунанд, технологияҳои навро бодиққат таҳия ва пайваста ҷорӣ мекунанд ва инчунин рақобатпазирии онро бо ҳасад назорат менамоянд. Натиҷаи ҳамаи ин, фаъолияти пурсамари иқтисоди инноватсионӣ дар ин кишварҳо, ташкили системаҳои инноватсионии миллӣ ва сатҳи баланди зиндагӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар ин МТОК моделҳои гуногуни рушди фаъолияти инноватсионӣ истифода мешаванд, ба монанди: донишгоҳи соҳибкорӣ, донишгоҳ-технополис, кластери донишгоҳӣ, донишгоҳҳои амудӣ ва матритсавӣ, моделҳои рушди инноватсионии навъи фаронсавӣ, шведӣ, даниягӣ, чинӣ, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра [11, с.9].

Дар кишварҳои гуногун рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ дар МТОК бо самаранокии гуногун ба амал меоянд. Ба сатҳи рушди фаъолияти инноватсионӣ, ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и онҳо омилҳои гуногун ба монанди: омилҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто ҷуғрофӣ ва дар самти фаъолият бошад омилҳои микро-сатҳ ва макро-сатҳ таъсир мерасонанд. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии дар ин самт иҷронамудаи аксари олимону муҳаққиқон исбот намуданд, ки

хусусияти асосии барои ҳамаи МТОК-и кишварҳои хориҷӣ фарққунанда дар самти рушди фаъолияти инноватсионӣ инҳо ба ҳисоб мераванд [12]:

- кӯшиши мухторият ва мустақилияти МТОК;
- рушди бодиққати моделҳои инноватсионии ташкилии МТОК;
- мувофиқати самти омодасозии кадрҳои ба ҷамъият лозима ва равандҳои илмӣ-технологӣ, ки аз ҷониби МТОК пешниҳод мешаванд;
- татбиқи сегонаи «илм-таълим-истеҳсолот» дар муассиса;
- наздикшавии МТОК бо бахши воқеии иқтисодиёт, яъне бо корхонаҳои саноатӣ ва тиҷорат;
- ташкили кластерҳои инноватсионӣ;
- ташкили марказҳои байнидонишгоҳӣ барои истифодаи коллективонаи таҷҳизотҳо ва ғ.

Барои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ барои ҳамаи МТОК-и пешрафтаи ҷаҳон хусусиятҳои технологияҳои ташкилӣ ва таълимии пешрафта, инфрасохтори васеъ ва технологияи баланддошта, ҳиссаи баланди татбиқи таҳқиқотҳои илмии аспирантон, унвонҷӯён, магистрантон, докторантон (доктор PhD), донишҷӯён ва дигар кормандони МТОК дар истеҳсолот ва иқтисодиёт тавсиф карда мешаванд.

Ҷиҳати рушди фаъолияти инноватсионӣ ва таҳким бахшидани иқтидори инноватсионӣ аксари МТОК-и кишварҳои хориҷа дар зертобеи худ воҳидҳои махсус-марказҳои инноватсионӣ, ки дар худ гурӯҳҳои гуногунсоҳаи ба таҳқиқот ва татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратӣ дар ҳама соҳаҳои илм ва техника машғуланд, доранд.

Бе шубҳа дар ҳоли ҳозир ИМА дар байни дигар давлатҳои хориҷӣ аз рӯи истеҳсоли маҳсулотҳои илмиасос яке аз кишварҳои пешрафта ба ҳисоб меравад. Дар чаҳорчубаи ташаккулдиҳӣ ва рушд додани иқтидори инноватсионии минтақавӣ дар ИМА диққати махсус ба рушди илмҳои донишгоҳӣ, коркард ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии ташкилотҳои хурди инноватсионӣ, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои ҳамгироии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ (давлат, МТОК, сохторҳои соҳибкорӣ) ва ҳамкориҳои инноватсионӣ дода мешавад. Дар заминаи ташкили кластерҳои минтақавии инноватсионӣ дар ИМА инчунин диққати махсус ба рушди сохтори технопаркҳо нигаронида шудаанд. Аз рӯи арзёбии мутахассисон дар ҳоли имрӯз дар ИМА аз 80 то 150 паркҳои технологӣ фаъолият менамоянд, ки дар он 150 ҳазор кормандон ва 45 ҳазор олимон кору фаъолият менамоянд [6, с.12].

Дар ин технопаркҳо асоси истеҳсолоти маҳсулотҳои илмиасос нигаронида шудааст ва дар ин замина тиҷоратикунонии НФИТ-и МТОК-и ба тамоми ҷаҳон хеле хуб ташкил ва ба роҳ монда шудааст. Дар байни технопаркҳои мавҷудбуда дар ИМА 3 адад технопарки номдорро аз дигар технопаркҳо бо фарқиятҳои назаррас ҷудо намудан мумкин аст, ки инҳо: «Водии Силикон», «Масири Бостон 128», «Парки секунҷаи Королинаи Шимолӣ» ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд кард, ки муваффақияти ИМА дар самти ташкили марказҳои минтақавии технологияҳои олӣ пеш аз ҳама бо рушди илми МТОК алоқаманд аст. Дар Иёлоти Мутаҳидаи Америко МТОК яке аз субъктҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, инчунин яке аз элементҳои асосии системаи миллии инноватсионӣ ҳисобида мешаванд. Дар ҳоли имрӯз дар ИМА зиёда аз 150 адад МТОК фаъолият менамоянд, ки қисми зиёди онҳо дар бахши рушд, ташаккулдиҳӣ ва самаранок истифодабарии иқтидори инноватсионӣ дар ҷаҳон байни дигар МТОК мавқеи пешрафтаро касб менамоянд. Маҳз дар МТОК-и ИМА қисми асосии таҳқиқот дар соҳаи илми фундаменталӣ ва қисми муҳими таҳқиқоти амалӣ ҷамъ оварда шудаанд [7, с.252]. Байни штатҳои Америко дар бахши рушди иқтидори инноватсионӣ дар МТОК штатҳои Флорида, Техас, Калифорния, Аляска, Аризона, Мэриленд мавқеи махсусро соҳибанд [3]. Махсусан дар ҳудуди штати Флорида 13 адад МТОК, 29 адад МТМК (коллеҷҳо) мавҷуд буда, ҳамасола зиёда аз 7 млрд. доллар барои коркардҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ сарф карда мешаванд. Худи штати Флорида ба МТОК имтиёзҳои андозӣ, инчунин грантҳо барои барномаҳои «Small Business Innovation Research (SBIR)» ва «Small Business Technology Transfer (STTR)» пешниҳод менамояд.

Дар МТОК-и ИМА барои рушди иқтидори кадрӣ ҳамасола аз ҳисоби буҷети федеративӣ (дар баъзе штатҳо аз ҳисоби буҷетҳои худи штат) зиёда аз 20 млрд. доллар ҷудо карда мешаванд. Тамоми ҲПО-и МТОК дар 3 сол 1 маротиба бо таври ҳатмӣ аз курси такмили ихтисос гузашта, баъзе МТОК аз ҳисоби маблағҳои худӣ қариб ҳар сол кормандони худро ба такмили ихтисос сафарбар намуда, ба дигар МТОК барои мубодилаи таҷриба равона месозанд. Ҳамасола миқдори кормандони МТОК, ки дараҷаи илмӣ (номзадӣ ва докторӣ ва дар ИМА бошад доктори фалсафа ва доктор PhD) ҳимоя менамоянд аз ҷамъи умумии кормандон 30-35%-ро ташкил медиҳад, ки байни тамоми МТОК дар ҷаҳон мавқеи аввалро касб менамояд. Ғайр аз ин аз рӯи барномаҳои махсуси давлатии дар самти фаъолияти инноватсионии МТОК қабулгардида, кормандони донишгоҳу донишкадаҳо ва ҳатто коллеҷҳо (то 25% аз ҷамъи умумии кормандони тамоми МТОК) ба давлатҳои Аврупо (Олмон, Фаронса, Англия, Финландия, Швейтсария ва ғ.) ва Ҷопон барои мубодилаи таҷриба ва такмили дониш ва ихтисос сафарбар карда мешаванд [2]. Ҷиҳати дастгириҳои КИТТК ва рушди ду адад аз ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ (иқтидори молиявӣ ва моддӣ-техникӣ) ҳамасола барои рушди илму техника 2,77% аз ҷамъи умумии маблағҳои ММД (511,1 млрд. доллар) хароҷот карда мешаванд, ки дар ин бахш ИМА дар ҷаҳон мавқеи 1-умро соҳиб мебошад (ниг. ба ҷадвали 1.).

Қойдаҳои асосии танзими фаъолияти инноватсиониро (инҷо дар бахши МТОК) дар ИМА қабули 2 қонуни асосӣ: қонуни «Бей-Доул» [10, с.200] дар соли 1980 қабулшуда ва қонуни «Стевенсон Уайдлер» [9, с.96] танзим менамояд.

Қонуни «Бей-Доул» дар МТОК ҳуқуқ ба моликияти зеҳниро, (иқтидори зеҳнӣ) ки аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ба даст омадаанд, танзим менамояд. Бори аввал, ин қонун ба гирандагони маблағгузории давлат (МТОК) ҳуқуқ дод, ки ихтирооти худро мустақилона патент кунанд ва ба дигарон иҷозатнома диҳанд.

**Ҷадвали 1. - Ҳаҷми хароҷотҳо барои корҳои илмӣ – таҳқиқотии МТОК ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатҳои хориҷӣ (млрд.доллар)**

| № | Номгӯи давлатҳо | Ҳаҷми маблағи хароҷотгардида | Ҳаҷми хароҷот барои 1 таҳқиқотчӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | 511,1 млрд $ | 359,9 ҳаз. $ |
| 2 | Ҷумҳурии Халқии Хитой | 451,2 млрд $ | 266,6 ҳаз. $ |
| 3 | Ҷопон | 168,5 млрд $ | 157 ҳаз. $ |
| 4 | Олмон | 118,5 млрд $ | 143 ҳаз. $ |
| 5 | Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ | 79,4 млрд $ | 139 ҳаз. $ |
| 6 | Фаронса | 62,2 млрд $ | 132 ҳаз. $ |
| 7 | Ҳиндустон | 50,1 млрд $ | 126 ҳаз. $ |
| 8 | Британияи Кабир | 47,2 млрд $ | 119,5 ҳаз. $ |
| 9 | Бразилия | 41,1 млрд $ | 112 ҳаз. $ |
| 10 | Россия | 39,9 млрд $ | 93 ҳаз. $ |

**Сарчашма:** аз рӯйи маълумотҳои Институти таҳқиқоти оморӣ ва иқтисодиёти дониши Донишгоҳи миллии таҳқиқотии мактаби олии иқтисодии Русия ва ҳисобкуниҳои муаллифон тартиб дода шудааст.

Барои рушди иқтидори инфрасохтори МТОК (инфрасохтори инноватсионӣ) дар ИМА қонунҳо ва барномаҳои зиёде ба монанди қонуни «The Small Business Innovation Development Act of 1982-P.L. 102-567, and 1992-P.L. 102-564» ва «Барномаи таҳқиқоти

инноватсионии тиҷорати хурд» қабул карда шудаанд, ки ба рушд ва ташаккулёбии иқтидори инноватсионии МТОК таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар бораи таҷрибаи ИМА сухан ронда, наметавонем нақши ширкатҳои сармояи таваккалиро (ширкатҳои венчурӣ) дар ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии МТОК қайд накунем. Ғайр аз ин дар ҷодаи рушди КИТТК дар МТОК нақши давлат ва бахши хусусӣ хеле назаррас аст. Системаи хуб таҳияшудаи маблағгузории венчурӣ ба афзоиши босуръати иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и ИМА мусоидат мекунад. Дар рушди соҳаи сармояи венчурӣ нақши муҳим ба давлат тааллуқ дорад, ки вазифаи асосии он ташкили фондҳои венчурӣ ва ба ин васила ҷалб намудани сармояи венчурӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии МТОК мебошад [8, с.164].

Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи даҳсолаи охир рушди соҳаи КИТТК дар МТОК-и кишварҳои Ҷанубу-Шарқии Осиё ба сатҳи хеле назаррас расидааст. Яке аз намояндагони давлатҳои Ҷанубу–Шарқии Осиё, ки МТОК-и он дорои иқтидори баланди илмӣ–техникӣ, кадрӣ, молиявӣ, молиявӣ ва инфрасохториву нуфузӣ мебошад, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Мардумии Чин анқариб 34% тамоми маҳсулотҳои инноватсионии ҷаҳониро истеҳсол намуда, ҳиссаи хароҷотҳо ба КИТТК 69,1%-ро ташкил медиҳад. Аз нуқтаи назари коршиносон иқтисодиёти Ҷумҳурии Халқии Хитой бештар ба маҳсулотҳои илмиасос такя менамояд ва рушди инноватсионӣ яке аз омилҳои калидии таъмини устувор ва муътадили иқтисодиёти он ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин нишон медиҳанд, ки маҳаки асосии рушди системаи миллии инноватсионӣ ин илм ба ҳисоб меравад. Солҳои охир баҳри рушди соҳаи илм ва ҳавасмандгардонии иқтидори илмии МТОК барномаҳои зиёди давлатӣ ба монанди [13,с.123]: «Азхудкунии қуллаҳои илмӣ-техникӣ (татбиқ аз соли 1982)», «Барномаи 863 (татбиқ аз соли 1986)», «Барномаи 973 (татбиқ аз соли 1988)», «Барномаи Машъал (татбиқ аз соли 1988)», «Барномаи Шаррора (татбиқ аз соли 1986)» дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қабул ва амалӣ гашта истодаанд.

Дар ҳоли имрӯз ҷиҳати рушди иқтидори кадрӣ дар МТОК Ҷумҳурии Мардумии Чин корҳое зиёди манфиатборро ба сомон расонидааст. Сар карда аз соли 1986 ҷиҳати дастгирии иқтидори кадрӣ Фонди илмии Хитой таъсис ёфта буд, ки барои рушди он зиёда аз 80 млн юан аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ хароҷот карда мешуданд. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 24,8 млрд юан расидааст, ки назар ба соли 1986-ум 300 маротиба зиёд аст. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз 2852 МТОК амал намуда, дар он зиёда аз 36,4 млн донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд [14, с.7]. Дар соли 2020-ум дар Ҷумҳурии Мардумии Чин анқариб зиёда аз 50% ҷавонони кишвар барои таҳсилоти олии касбӣ дар МТОК ҷалб карда шудаанд.

Дар шароити имрӯза ҷиҳати рушди иқтидори зеҳнӣ дар МТОК аз рӯи ҳаҷми маҳсулотҳои илмӣ олимони чинӣ 18% миқдори умумиҷаҳонии нашрияҳои илмиро истеҳсол менамоянд. Инчунин аз рӯи маълумотҳои охирин, олимони чинӣ аз рӯи нишондиҳандаи истинодӣ дар ҷаҳон ба ҷои дуюм баромада, дар ин самт Британияи Кабир ва Олмонро гузаштанд. Тайи солҳои 2007-2017 дар мақолаҳои ҷаҳонии олимони чинӣ (соҳаи илмӣ-техникӣ) зиёда аз 19 млн 350 ҳазор истинодҳо ба қайд гирифта шуданд. Ҷумҳурии Мардумии Чин аз рӯи нишондиҳандаҳои патенткунонӣ дар ҷаҳон ҷои 1-умро ишғол менамояд, ки мувофиқи «Ҳисоботи илмӣ: роҳ ба сӯи соли 2030»-и ЮНЕСКО тӯли солҳои 2019–2020 ба идораҳои оид ба танзими моликияти зеҳнии ин кишвар зиёда аз ним миллион (500 ҳазор) дархостҳо ҷиҳати гирифтани патент барои ихтироотҳо ворид гардидааст [4].

Вобаста ба масъалаи рушди иқтидори инфрасохторӣ ва тиҷоратикунонии НФИТ-и дар МТОК дар Ҷумҳурии Мардумии Чин корҳо аз рӯи модели «спирали сегона» ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи ин модел МТОК се имконоти тиҷоратикунонии донишро доранд:

- патенткунонӣ ва иҷозатномадиҳии технологияҳои инноватсионӣ;
- ҳамкориҳои мустақим бо корхонаҳо;

- гирифтани имтиёзҳои иловагӣ барои ҳамаи иштирокчиёни модели инноватсионии рушд (давлат, МТОК ва тиҷорат).

Вобаста ба масъалаи рушди фаъолияти инноватсионӣ, ташаккулдиҳӣ ва равнақи иқтидори инноватсионӣ дар МТОК дар Ҷумҳурии Мардумии Чин барномаҳои зиёди давлатӣ қабул ва амалӣ гашта истодаанд, ки аз онҳо 2 барнома бо хусусиятҳои фарқкунандаи худ тафовут доранд. Инҳо «барномаи 211», ки аз соли 1995 татбиқ гашта истодааст ва он ба самти ташкили садҳо МТОК-и пешрафта дар кишвар (дар ҳоли ҳозир 112-то мавҷуд аст) нигаронида шудааст. Барномаи дигар ин «барномаи 985» мебошад, ки аз соли 1998 татбиқ гашта истодааст ва мақсади ин барнома баровардани даҳҳо МТОК-и Ҷумҳурии Мардумии Чин (айни ҳол 39 МТОК-ро дар бар мегирад) ба сатҳи ҷаҳонӣ ва дохил шудан дар садгонаи аввали рейтинги ҷаҳонӣ, ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва таҳкими иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ тайи даҳсолаҳои охир диққати аксари олимон ва муҳаққиқони сатҳи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда истодааст. Имрӯзҳо аксарияти МТОК-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ аз вазифаҳои анъанавии худ, яъне танҳо додани таълим берун баромадаанд. Бисёре аз онҳо дар масъалаи тиҷоратикунонии НФИТ кору фаъолиятро пеш бурда, аксари дигар МТОК дар фаъолияти худ тиҷорати инноватсиониро рушд дода истодаанд. Рушди ин равандҳо диққати аксари ташкилотҳои молиявӣ ва ширкатҳои машваратиро (консалтинги) ба худ ҷалб намуда, онҳо аллакай дар раванди тиҷоратикунонии НФИТ пайваст гардиданд.

Дар солҳои 90-ум диққати пешбурди илм ва технология ба бахши хусусӣ гузашт. То 80%-и маблағгузорӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотии МТОК ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ маҳз ба ташкилотҳои молиявӣ ва бахши хусусӣ рост меомаданд. Агар дар соли 1981 ҳамагӣ 46 МТОК ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз маблағгузориҳои ин ташкилотҳо вобастагӣ доштанд, пас дар соли 1991 он ба 1000 адад ва дар соли 1999 ба 4810 адад расиданд. Ҷиҳати пурқуватсозии иқтидори кадрӣ дар МТОК Ҳукумати Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ сиёсати ҷалби олимон ва мутахассисони кореягӣ, ки дар хориҷа кору фаъолият менамуданд, амалӣ сохтанд. Тайи 20-30 соли охир ҳазорҳо олимон ва мутахассисон бо таври доимӣ ё муваққатӣ ба ватан баргаштанд, ки ин як муваффақияти беназир дар рушди иқтидори кадрӣ дар МТОК ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷа ҳамасола Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ бо таври доимӣ ҳаҷми хароҷотҳоро оид ба илм ва амалисозии фаъолияти инноватсионӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва махсусан МТОК ва ҳиссаи он аз ҳисоби ММД-ро афзоиш дода истодааст, ки аз ҳисоби ҳиссаи ММД (4,24 %) баробар ба 79,4 млрд доллар барои рушди илм дар дунё ҷои 2-юмро ишғол менамояд. Аз рӯи ин хароҷотҳо бахши давлатӣ 24,5%-ро ташкил дода, боқимонда 75,1% аз ҳисоби бахши хусусӣ ва 0,4% аз ҳисоби маблағҳои хориҷӣ ташкил доданд. Ҳиссаи маблағгузориҳо аз ҳисоби манбаҳо ва сарчашмаҳои хориҷӣ барои рушди илм ва КИТТК дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар сатҳи хеле паст (0,4%) қарор дорад, ки ин назар ба Фаронса (7,2%) ва Британияи Кабир (20,5%) камтар аст. Аз рӯи ин маълумотҳо ба назари мо КИТТК ва корҳои имлмиро бештар давлат ва бахши хусусӣ дастгирӣ менамоян ва бо ин васила давлат вобастагии худро аз манбаҳо ва сарчашмаҳои хориҷӣ камтар менамояд [16, с.364].

Вобаста ба масъалаи рушди иқтидори инфрасохторӣ дар МТОК-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ корҳои назаррас ва муваффақро дар ин ҷода ба роҳ мондааст. Фаъолияти инкубаторҳои кореягӣ аз соли 1991 (дар асоси таҷрибаҳои инкубаторҳои технологии Давлати Исроил) оғоз гардидааст. Аввалин инкубатори хусусӣ (Jungbu Industrial Consulting Inc) дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ соли 1993 таъсис гардида, дар ин замина низ аввалин инкубатори халқӣ (Ansan Business Incubator) таъсис ёфт. Новобаста аз бuҳрони дар соли 1997 сарзада ин икубаторҳо ба рушди системаи миллии инноватсионӣ саҳми назарраси хешро гузоштанд. Дар оянда ҷиҳати рушди иқтидори инфрасохторӣ дар МТОК Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ соли 1997 (аз рӯи таҷрибаи Водии Силикон) лоиҳаи рушди технопаркҳоро оғоз намуда, соли 1998 Ассосиятсияи технопаркҳои Кореа ҳамчун сохтори идоракунандаи

равандҳои инноватсионӣ ва амал ташкил карда шуд. Барномаҳои асосӣ дар он замон барномаҳои таъсиси инфрасохторҳо барои МТОК ва ташкилотҳои стартап дар асоси технологияҳои баланд, барномаҳои махсус барои озмоишгоҳҳо, барномаи рушди ғояҳо (идеяҳо), барномаҳои ояндадори рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Сар карда аз соли 2012 то соли 2014 дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ зиёда аз 130 санадҳо ва қонунҳои гуногун ҷиҳати рушди фаъолияти инноватсионӣ қабул гардидааст, ки аксарияти онҳо ба фаъолияти МТОК тааллуқ доранд. Масалан қонуни оид ба моликияти зеҳнӣ (соли 2014), санади махсус оид ба дастгирии рушди соҳаҳои илмӣ (соли 2013) аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд.

Қонуни асосӣ «Дар бораи илм ва технология» (Framework Act on Science and Technology), ки соли 2001 қабул шудааст, воситаҳои асосии рушди илм ва технологияро муайян кард. Дар асоси ин қонун дар ин мамлакат нақшаҳои асосии илм ва технология (Basic Plan for Science and Technology) татбиқ гашта истодааст, ки инҳо [1]:

- нақшаи 1-ум солҳои 2002-2006 (соли 2003 ба солҳои 2003-2007 нигаронида шуд);
- нақшаи 2-юм солҳои 2008-2013;
- нақшаи 3-юм солҳои 2013-2017;
- нақшаи 4-ум солҳои 2018-2022.

Оид ба рушди иқтидори зеҳнӣ дар МТОК ва умуман дар кишвар таҷрибаи Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ боиси таҳсин аст. Аз рӯи рейтинги Ташкилоти байналмиллалии моликияти зеҳнӣ (WIPO) аз рӯи додани дархостҳо барои дастрасии патент Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ соли 2017-ум дар ҷаҳон ҷои 4-ум ва патенткунонии намунаҳои саноатӣ ҷои 3-юмро ишғол намуд. Аз рӯи арзёбиҳои байналмиллалӣ Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дорои системаи пурқудрати патентӣ буда, қонуни амалкунанда дар ин самт «Оид ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ» соли 2011 қабул карда шудааст. Дар соли 2010 дар Донишгоҳи Ҳонҷик (Hongik) омодасозии зинаи магиструтура аз рӯи ихтисоси «Моликияти зеҳнӣ (Master of IP)» ташкил карда шуд. Дар барномаи омӯзишии он самтҳои нав ба монанди мағзи маслуӣ ё зиёии сунъӣ (искусственный интеллект), маълумотҳои зиёд, биотехнология пайваст карда шуданд. Дар соли 2018-ум ба барномаи мазкур Донишгоҳҳои Данкук (Dankook) ва Донгкук (Dongkook) ҳамроҳ шуданд. Донишгоҳи Йонсей (Yonsei) ва Донишгоҳи миллии Сеул аз рӯи дархостҳо барои дастрасии патент дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол менамоянд [5]. Инчунин 18 МТОК-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар Ҷамъияти таҳқиқотии байналмиллалӣ, ки соли 2011 дар атрофи шаҳри Дайҷон (Daejeon) таъсис ёфтааст, иштирок мекунанд ва дар он ҷо озмоишгоҳи (лабораторияи) тадқиқотии бисёрфунксионалии RAON (Лабораторияи Кореяи Ҷанубӣ оид ба физикаи заррахо) амал менамояд.

Таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и Иттиҳоди Аврупо низ хеле назаррас аст. Давлатҳои Аврупо вобаста ба ин масъала аз рӯи стратегияи даҳсолаи «Аврупо-2020», ки моҳи июни соли 2010 қабул гардидааст бояд ҷиҳати рушди фаъолияти инноватсионӣ ва зиёд намудани маблағгузорӣ ба соҳаи илм ҳаҷми хароҷотҳоро барои КИТТК аз 1% то 3%-и ММД расонанд. Албатта, дар ин самт баъзе давдатҳо ба монанди Дания, Шветсия ва Финландия ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд, ки аллакай то 3% аз ҳаҷми ММД барои КИТТК хароҷот менамоянд. Дар ҷадвали иншондиҳандаҳо дар соли 2020 то ба ҳол фарқиятҳо мавҷуд ҳастанд, ки ба ин монанд давлатҳои Финляндия ва Шветсия мехоҳанд ҳаҷми хароҷотҳоро аз рӯи ММД ба 4% расонанд ҳол он, ки баъзе давлатҳои Аврупо ба монанди Юнон, Кипр, Малта то ҳол 1% аз ҳаҷми умумии ММД барои КИТТК хароҷот менамоянд. Аз рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ дар МТОК нишондиҳандаҳои давлатҳои Финляндия, Шветсия, Олмон, Британияи Кабир, Дания аз дигар давлатҳои Аврупо ба куллӣ фарқ менамоянд.

Финляндия дар ин самт яке аз аввалин давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки консепсияи системаи милли инноватсиониро ҳамчун яке аз элементҳои асосии сиёсат дар соҳаи илм ва технология қабул намудааст. Дар амалия ин маънои зиёдшавии миқдори корхонаҳое, ки асоси фаъолияти онҳо аз инноватсия ва ноу-хау ташкил ёфтааст, инчунин ташкилотҳое, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд, мефаҳмонад. Нақши асосиро дар системаи

маблағгузории инноватсионии финнӣ фондҳои давлатии дастгирии илм ва коркардҳои технологӣ мебозанд.

Молиякунонии илмҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бо воситаи Академияи Финляндия, ки аз тарафи Вазорати маориф назорат карда мешавад, амалӣ мегардад. Дар натиҷа МТОК бомуваффақона корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд, маълумотҳои асосӣ (касбӣ) ва баъдидипломӣ медиҳанд.

Донишгоҳҳои политехникӣ, ки донишгоҳҳои гуногунсоҳаи минтақавиро намояндагӣ мекунанд, асосан ба таҳқиқоти амалӣ тамаркуз мекунанд. Системаи инноватсионии Финляндия шумораи зиёди ташкилотҳоро дар бар мегирад, ки дар онҳо паркҳои технологӣ (STP) ва бизнес-инкубаторҳо (BICs) муҳаррикҳои рушди инноватсионӣ мебошанд. Онҳо кадрҳои илмӣ, ки интиқолдиҳандагони ғояҳои зарурӣ ва онҳое ҳастанд, ки метавонанд маҳсулоти инноватсиониро бомуваффақият офаранд, ба воя мерасонанд. Барои МТОК-ин сарчашмаи иловагии маблағгузорӣ ва рушд ва барои технопарк бошад содда кардани интихоб ва воридсозии корманди нав, нигоҳдории кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо ба ҳисоб меравад.

Қариб аз 3/2 ҳиссаи технопаркҳои Финляндия ба ширкати «Технополис» тааллуқ доранд. Ташкилкунандагони «Технополис» ҳамчун ширкат дар аввал мақомотҳои давлатӣ ва мунитсипиалӣ ба ҳисоб мерафтанд ва 70% ширкати «Технополис» ба давлат таалуқ дошт. Бо мурури замон дар ин бахш тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд ва дар ҳоли ҳозир ширкати «Технополис» ширкати хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Дар МТОК Олмон бошад, вобаста ба маълумотҳои соли 2020 зиёда аз 350 технопаркҳо фаъолият менамоянд, ки дар пойгоҳи онҳо 12 ҳазор ширкатҳои инноватсионӣ ва 90 ҳазор кормандон фаъолият менамоянд. Дар муддати 35 сола фаъолияти ин технопаркҳо бошад дар зертобеи онҳо 45 ҳазор корхонаҳои инноватсионӣ таъсис ёфтаанд, ки фаъолияти самараноки онҳо 99%-ро ташкил медиҳад ва ин нишондиҳандаи баландтарин дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ба инҳо метавон технопаркҳои Донишгоҳи Адлерсхофи шаҳри Берлин ва Маркази технологии шаҳри Дормунтро номбар намуд. Фаъолияти самараноки технопаркҳо ба рушд ва ташаккулёбии иқтидори инноватсионии МТОК (иқтидори инфрасохторӣ) ва тараққӣ ёфтани фаъолияти инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои соҳибтахассус (иқтидори кадрӣ) ва донишҷӯён дар пойгоҳи корхонаҳои ба самти инноватсия нигаронидашуда (корхонаҳои хурди инноватсионӣ), рушди иқтидори молиявӣ (ташкили манбаҳои нави молиявии ғайрибуҷетӣ) аз ҳисоби тиҷоратикунонии НФИТ таъсири мусбӣ расонад.

Дар маҷмуъ, фаъолияти самараноки технопаркҳои МТОК-и давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба монанди технопарки «Левен-ла- Нев»-и Белгия, «София Антиполис»-и Фаронса, «Великополска Бизнес Инновэйшн Сентер, Инк»-и Полша, технопаркҳои МТОК-и Британияи Кабир, технопаркҳои «Сукуба» ва «Хамаматсу»-и Ҷопон ва дигар технопаркҳои Сингапур, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун муҳаррики рушди иқтидори инноватсионӣ (кадрӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ, инфрасохторӣ ва нуфузӣ) ба ҳисоб меравaнд. Технопаркҳои МТОК аз таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ, марказҳои инноватсионӣ, бизнес-инкубаторҳо, маркази трансфери (тиҷорати) технологияҳо, тиҷоратикунонии НФИТ маблағҳои зиёд ба даст оварда, вазъи молиявии муассисаро беҳтар мегардонанд ва тавре мо дар таҳқиқоти хеш маълум намудем, маҳз маблағҳои зиёд метавонад ба рушд ва ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ аввалиндараҷа таъсир расонанд ва тавре маълум аст, татбиқи инноватсия дар муассиса маблағи калонро талаб менамояд. Таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ дар МТОК-и хориҷа бисёрсоҳа буда дар ҳар як давлат хосияти хоси худро дорад.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷа (МТОК) дар бахши рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионӣ ба муваффақиятҳои зиёде ноил гардидаанд, ки ба онҳо метавон дохил кард [14, с.364]:

- сатҳи баланди таълим, ки ба онҳо имкон медиҳад мутахассисон ва кадрҳои рақобатпазир ва баландихтисосро дар соҳаҳои гуногуни илм, техника, технологияҳои баланд, иқтисодиёт, истеҳсолот, тиҷорат, тиб, биология, дорусозӣ ва ғ. омода намоянд;

- ҳолати сармояи инсонии дар натиҷаи сатҳи баланди таълим бадастомада имкони самаранок фаъолият намудани иқтисодиёти инноватсиониро дар ин давлатҳо медиҳад;

- таҳқиқотҳои илмӣ-амалии дар МТОК-и хориҷа гузаронидашуда, бевосита татбиқ гардонида мешаванд ва сари вақт дар соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ истифода мегардад, ки ин давлатҳоро ба самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию продуктивӣ пеш мебарад.

Дар хотима инро бояд қайд созем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд ин таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионии МТОК-и давлатҳои хориҷаро аввалин мавриди омӯзиш қарор дода, баъдан бо таври таҷрибавӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ таҷриба созад ва вобаста ба вазъи молиявӣ, дигар имконоти мавҷуда онҳоро марҳила ба марҳила татбиқ созад.

## АДАБИЁТ

1. «Управление инновациями в Южной Корее» Дирекция по инновациям ФГБУ «РЭА» Минэнерго России 2019 г.
2. Department for Business Innovation & Skills. Официальный сайт. [Электронный ресурс] URL: http://www.dius.gov.uk/policy/innovation.html (дата обращения 23.06.2014)
3. The United States of Innovation: Ranking the States (And a District) For Innovation. Available at:http://www.fastcompany.com/3007772/united-states-innovation-ranking-states-and districtinnovation. (accessed 23.06.2014)
4. UNESCO Science Report: Towards 2030. Research and Development, 2016 [Electronic resource]. – Available at: http: // uis.unesco.org / sites/default/files / documents / unesco-science-report-towards2030-part2.pdf
5. World Intellectual Property Indicators 2018. WIPO (World Intellectual Property Organization). 2018.
6. Барышева Г.А., Арефьев П.В. Институциональные различия становления инновационной инфраструктуры в мире и особенности ее формирования в России//Известия Томского политехнического университета. Инжиниринг георесурсов. Серия: Социальные процессы и изменения. Социальное развитие - Томск, 2009. - № 6(314). -С.5-12.
7. Бесчастнова О. В. Райская М. В. Управление инновационной инфраструктурой в рамках действия сетевого механизма «тройной спирали» на мезо и макроуровне //Вестник Казанского технологического университета. Серия: Экономика и экономические науки. - Казань, 2012. - № 18. - С.252 -257
8. Гавловская Г.В. Национальные инновационные системы: зарубежный опыт//Бизнес в экономике. Экономико-юридический журнал. Серия: Экономика и экономические науки. - М.: «Юр-ВАК», 2013. - № 3. - С.164-168.
9. Закон «О технологических инновациях» («Technology Innovation Act») или так называемый Закон «Стивенсона-Уайдлера» (The «Stevenson-Wydler Act») (Public Law 96-480)
10. Закон «Об Университетах и Процедуре патентования для малого бизнеса» («University and Small Business Patent Procedures Act») или так называемый Закон «Бей-Доула» (The «Bayh-Dole Act») (35 U.S.C § 200-212).
11. Калятин В. О., Наумов В. Б., Никифорова Т. С.Опыт Европы, США и Индии в сфере государственной поддержки инноваций // Российский юридический журнал. 2011. № 1 (76). С. 8-9.
12. Корпоративный портал Томского политехнического университета. Анализ зарубежного опыта становления и развития инновационных университетов [Электронный ресурс]. URL: http://portal.tpu.ru/portal/page/portal/www (дата обращения: 08.09.2013).

13. Мальцева А.А. Ключевые особенности развития инновационной экономики: «китайское чудо» через призму мировой статистики//Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. - Тула, 2013. - № 2(1). - С.123-132
14. Общее положение о развитии системы образования КНР. Департамент по международному сотрудничеству и обмену Министерства образования КНР. Пекин, Б.г., 16 стр.
15. Рац А. Место регионов и муниципалитетов в национальной инновационной системе России//Федерализм. – Дубна, 2011. - № 3. – С.59-66.
16. Фиговский О. Опыт инновационного развития за рубежом. М., 2013. 364 с.

**УДК 339.543**

**Факеров Х.Н., Раджабова Н.Р.**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ИНФРАСТРУКТУРНОГО ПОТЕНЦИАЛА ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассмотрены вопросы совершенстования инфраструктурного потенциала таможенных органов. Установлен, что неразвитая таможенная инфраструктура является противоречием для учета возрастающей сложностью и разнообразием задач внешнеэкономической деятельности, существенно влияет на качестве и оперативности таможенного обслуживания, вызывает проблемы в выполнении заданий по наполнению доходной части государственного бюджета, ведет к потере бюджетных средств, создает предпосылки для нарушения таможенных правил и роста числа преступлений. Для эффективного выполнения возложенных задач перед таможенными органами необходим принципиально иной уровень развития таможенной инфраструктуры. Это относится ко всем основным составляющим элементам инфраструктуры, которые должны создавать условия для функционирования таможенных органов; обеспечивать выполнение таможенных процедур и обработку информации о ходе их выполнения, а также обеспечивать приемлемые социальные условия деятельности сотрудников таможенных органов. Выявлено, что недооценка таможенной инфраструктуры влияет на повышении экономической эффективности деятельности таможенных органов, а учет и реализация рассмотренных подходов позволяет разработать эффективную систему управления инфраструктурным потенциалом таможенных органов в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** совершенствование, механизм, инфраструктура, потенциал, таможенные органы, таможенное обслуживание, доходы бюджета, эффективность

**Фақеров Ҳ.Н., Раҷабова Н.Р.**

## МЕХАНИЗМИ ТАКМИЛИ ИДОРАИ ИҚТИДОРИ ИНФРАСОХТОРИИ МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои беҳтар намудани иқтидори инфрасохтории мақомоти гумрук баррасӣ мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки инфрасохтори гумрукӣ рушд наёфта хилофи ба инобат гирифтани мураккабӣ ва гуногунии вазифаҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ мебошад, ба сифат ва самаранокии хизматрасонии гумрукӣ таъсири назаррас расонида, дар иҷрои вазифаҳои пур кардани қисми даромади буҷет мушкилот ба вуҷуд меорад. Буҷети давлатӣ боиси талаф шудани маблағҳои буҷетӣ аз сабаби вайронкунии

қоидаҳои гумрукӣ ва афзудани шумораи ҷиноятҳо ба амал меояд. Барои бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои дар пеш гузошташуда, мақомоти гумрук дараҷаи куллан дигари инкишофи инфрасохтори гумрукиро талаб мекунад. Ин ба тамоми ҷузъҳои асосии инфрасохтор дахл дорад, ки бояд барои фаъолияти мақомоти гумрук шароит фароҳам оваранд, иҷрои расмиёти гумрукӣ ва коркарди маълумотро дар бораи рафти иҷрои онҳо таъмин намояд, инчунин шароити мақбули иҷтимоии фаъолияти кормандони гумрукро таъмин намояд. Муайян карда шудааст, ки баҳо надодани инфрасохтори гумрукӣ ба афзоиши самаранокии иқтисодии мақомоти гумрук таъсир расонида, дар асоси татбиқи равишҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки низоми муассири идоракунии иқтидори инфрасохтори мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

**Калидвожаҳо**: такмил, механизм, инфрасохтор, иқтидор, мақомоти гумрук, хизматрасонии гумрукӣ, даромади буҷет, самаранокӣ

**Fakerov H.N., Rajabova N.R.**

## IMPROVING THE MANAGEMENT MECHANISM INFRASTRUCTURE CAPACITY OF CUSTOMS AUTHORITIES OF TAJIKISTAN

The article discusses issues of improving the infrastructural potential of customs authorities. It has been established that an undeveloped customs infrastructure is a contradiction to take into account the increasing complexity and variety of tasks of foreign economic activity, significantly affects the quality and efficiency of customs services, causes problems in fulfilling tasks to fill the revenue side of the state budget, leads to loss of budget funds, creates preconditions for violation of customs rules and an increase in the number of crimes. To effectively carry out assigned tasks before customs authorities require a fundamentally different level of development of customs infrastructure. This applies to all the main components of the infrastructure, which should create conditions for the functioning of customs authorities; ensure the implementation of customs procedures and the processing of information about the progress of their implementation, as well as ensure acceptable social conditions for the activities of customs officers. It was revealed that underestimation of customs infrastructure affects the increase in economic efficiency of customs authorities, and taking into account and implementing the considered approaches makes it possible to develop an effective system for managing the infrastructure potential of customs authorities in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** improvement, mechanism, infrastructure, potential, customs authorities, customs services, budget revenues, efficiency

Дар шароити муосир инфрасохтори гумрукӣ начандон рушдёфта буда, ҳангоми пешбурди хизматрасониҳои гумрукӣ, пешгирии қонунвайронкунӣ, зиёд шудани ҷиноятҳо дар ин соҳа, пур кардани қисми даромади буҷет аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ шароити мусоид муҳайё намесозад. Аз ин лиҳоз таъмини рушди инфрасохтори гумрукиро зарур мешуморем ва танҳо дар асоси таҳлили пурра ва мақсаднок арзёбии муайян намудани мавқеи инфрасохтори гумрукии ҳама воҳидҳоро ҳангоми бардоштани самаранокии иқтисодии нақши гумрук дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ аввалиндараҷа шумоϱидан мувофиқи мақсад аст.

Дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ иҷрои вазифаҳои ба гумрук ва инфрасохтори он гузошташуда шароиту манбаъҳои заруриро дар асоси амали намудани сиёсати кадрӣ, маблағгузории асосӣ ба фондҳои асосӣ ва ҷорӣ намудани инфрасохтори ҳозиразамонро тақозо мекунад.

Таснифи объектҳои инфрасохтори гумрукӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз биноҳои маъмурию маишӣ ва биноҳои истеҳсолӣ, иншоотҳои бозрасӣ, инфрасохтори муҳандисӣ, иншоотҳо оид ба таъмир ва истифодаи нақлиёти автомобилӣ, анборҳо, объектҳои маданию маишӣ, таҳсилотию тармимӣ ва варзишӣ, айвонҳо, майдончаҳо ва дигарҳо дохил мешаванд.

Аз таҳлили фаъолияти мақомоти гумруки Тоҷикистон бар меяд, ки инфрасохтори он ҳангоми амали шудани низомҳои гумрукӣ, интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, гузаронидани экспертизаи гумрукӣ нақши асосиро бозида, дорои талабот ба захираҳои моддию меҳнатӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ мебошад. Дар ин раванд нигоҳдорӣ ва танзими фаъолияти инфрасохтори гумрукӣ ба омили инсонӣ ниёз дошта самаранок истифода намудани онҳо мувофиқи мақсад аст.

Аз таҳлил бар меояд, ки барои мукаммалгардонии инфрасохтори гумрукӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 140 млн.доллари ИМА ва пурра таъмин намудани таҷҳизоти техникӣ бошад 160 млн. доллари ИМА лозим аст, ки барои таъмини барномати рушди гумрук дар назар дошта шудааст. Аз тарафи дигар ин дарёфти самтҳои алтернативиро бо назардошти таҳқиқи хароҷоту идораи низоми хатарҳо ва беҳдоши амалиётҳои воридотию содиротӣ тақозо мекунад.

Аз баррасии таҷрибаи хориҷӣ бар меояд, ки ҳангоми барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ системаи ягонаи автоматикунонидаро истифода мекунанд ва танҳо соли 2018 дар Тоҷикистон ба ин система гузаштанд.

Аз баррасии маводҳои [1,2,4] бар меояд, ки зарурияти такмили механизми банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва натиҷагирии инфрасохтори гумрукӣ зарур мебошад. Аз тарафи дигар рушди босуботи унсурҳои асоси инфрасохтори гумрукӣ ба самаранокии пешбурди хизматрасониҳои гумрукӣ таъсири назаррас расонида на танҳо фаъолияти асосии гумрукро бо истифода аз воситаҳои техникии назорати гумрукӣ, равандҳои технологӣ, кори босуботи терминалҳои логистикию гумрукӣ, фаъолияти анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, хизматрасониҳои туристӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва долонҳои нақлиётӣ вобаста аст.

Аз баррасии [2,4,5,6] бар меояд, ки дар ин раванд арзёбии дастгирии мақомоти гумрук зарур буда, ҳаҷми кори умумӣ, иҷрои супоришҳои ташкилотҳои болоӣ; сарфи назар кардани хатогиҳо, баҳодиҳии сарбории ҳар як корманд, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқро тақозо мекунад ва аз миқдори онҳо вобастагӣ дорад. Шумораи кормандони мақомоти гумрук аз рӯи маънои худ барои ҳар як мақоми гумрук андозаи нисбатан якхела муайян гардидааст. Бо назардошти дастггирии ақидаи муаллифони [1,2,5] зарур аст, ки баҳодиҳии и тағйирёбии миқдори декларатсияҳои гумрукии бори воридотӣ ва ҳаҷми умумии воридот омӯхта, ҳосилнокии кори кормандон муайян ва баҳо дода шавад. Дар ин раванд истифодаи усули муқоисавӣ, назоратӣ ва таҳлили иқтидори ташкилотҳои гумрукӣ, иҷро накардани нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ гузаронида шавад. Инчунин дар раванди идораи мақомоти гумрукӣ истифодаи усули натиҷагирӣ бамаврид аст [3,7].

Ба ақидаи мо, ҳангоми баррасии нақши гумрук зарур аст, ки имкониятҳо ва натиҷаи фаъолияти он баҳо дода шавад. Аммо дар айни замон сохтор ва фаъолияти аксари мақомотҳои гумрукӣ усули асосиро «озмоиш ва хатоҳо»-ро истифода мекунад. Бояд раёсати минтақавии гумрукӣ нисбати арзёбии самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатии мақомоти гумрук, муайян намудани ҳаҷм ва сабабҳои талафот дар ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ, баҳодиҳии нақши терминалҳои логистикию гумрукӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ, сари вакт гузаронидани экспертизаи гумрукӣ, муайян намудани робитаҳои ғайримантиқӣ дар сохтори ташкилии фаъолияти гумрукӣ корҳои зиёдеро анҷом диҳад. Аз тарафи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Раёсати минтақавии гумруки шаҳри Душанбе барои муайян кардани шиддатнокии кор дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ методологияи муосир коркард ва истифода бурда шуд. Методика дар асоси таҳлили натиҷаҳои кори дидбонгоҳи гумрукӣ, хисоб кардани нишондихандахои шиддати меъёрӣ ва индекси умумии шиддат асос ёфтааст. Ҳангоми ҷамъоварии боҷҳои гумрукӣ ва дигар даромадҳо шиддатнокии фаъолияти гумрук дар минтақаи муайян ба назар гирифта шавад.

Инчунин бояд ҳисоби нишондиҳандаҳои номутаносибии пур кардани даромади буҷет аз ҳисоби боҷҳои гумрукӣ бо назардошти таъсири омилҳои беруна гузаронида шавад. Аз тарафи дигар ҳангоми барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ

ин омилҳо имконият намедиҳанд, ки натиҷаи зарурӣ ба даст оварда шуда, ихтилофҳо бартараф карда шуда, аз таҷрибаи мақомоти гумруки кишварҳои хориҷиро истифода намуда, арзёбии баланд бардоштани хизматрасониҳои гумрукӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Дар доираи захираҳои молиявие, ки мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои мушаххас ҷудо мекунанд, барои арзёбии хатар меъёрҳо ва андозаҳои зарурииро талаб мекунад.

Арзёбии баҳодиҳии нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрукӣ нишон медеҳад, ки сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтор пурра ба назар гирифта намешавад. Зарур аст, ки чунин омилҳои таъсиррасонро ба фаъолияти мақомоти гумрук баррасӣ намоем. Пеш аз ҳама ҳолати муосири сиёсӣ ва иқтисодии минтақа, муайянкунии хусусияти инфрасохтории минтақа, консентратсия ва махсусгардонӣ дар минтақа, иқтидори бозорҳои истеъмолӣ, низоми алоқа, андозаи гардиши савдои байналмилалӣ, нақши нақлиёт дар воридоту содироти молҳо, ҷойгиршавии озмоишгоҳҳои гумрукӣ, мавҷудияти гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва долонҳои нақлиётию ғайра. Инчунин арзёбии омилҳои дохилии сохторӣ, ҳайати шахсӣ ва касбияти кормандон, истифодаи технологияи муосири идоракунӣ ва пешбурди барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ, имкониятҳои инфраструктураи минтақавӣ ва ғайра вобаста аст.

Баҳисобгирии ин омилҳо имконият медиҳад, ки пуркардани қисми даромади буҷет аз ҳисоби ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба назар гирифта шуда, таҳлили муқоисавии самаранокии фаъолияти ташкилотҳои гумрукӣ дар асоси хусусиятҳои мавҷуда ва тағйиротҳо дар тамоми қаламрави гумрукӣ сурат ва натиҷагирӣ шавад.

Дар баъзе аз адабиётҳо [3,4] нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрукро муаллифон танҳо барои таҳлили ташаккули даромади буҷет истифода намуда сатҳи андозбандии гумрукро дар асоси арзёбии воқеияти маблағи бо̄ҷҳою пардохтҳои ситонидашуда баҳо медиҳанд. Мутаассифона, онҳо механизми чунин ҳисобро таъмин накарда асоснок кардани он дар мавриди таҳлили кори макомоти гумрук бо ҳодисаҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва таснифи онҳо аз рӯи дараҷаи мураккабӣ истифода мешаванд.

Бо ин мақсад истифодаи коэффитсиенти мураккабӣ барои баҳодиҳии кори интенсивии кормандони гумрук зарур аст. Баъзе аз муаллифон [1,2,3,7] мушкилоти таҳлилро қайд намуда, баҳодиҳии натиҷаҳоро дар асоси истифодаи воҳидҳои миқдорӣ, сарборӣ ва самаранокии фаъолият пешкаш менамоянд. Хаҷми боркашонӣ ва нишондиҳандаи «шиддати муқоисавии фаъолият», муайян карда мешавад, ки намудҳои муосири фаъолияти молиявии дидбонгоҳҳои гумрукӣ, самаранокии иқтисодӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро дар онҳо дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ истифодаи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо ҷудогонаи баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои гумрукӣ аз рӯйи андозаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, танҳо як қисми фаъолияти гумрукро дар бар мегирад. Аз ин рӯ такмили методология арзёбии натиҷаи кори ҳар як корманди ташкилотҳои гумрукӣ дар асоси баҳисобгирии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи воситаҳои техникӣ ва гузаронидани экспертизаи гумрукиро аз тарафи онҳоро талаб мекунад.

Ҳамчун асос барои арзёбии фаъолияти мақомоти гумрук, мо модели стандартҳои динамикиро пешниҳод менамоем, ки аз шумораи кормандон ва андозаи натиҷаи фаъолияти онҳою миқдори пардохтҳои гумрукии ситонидашуда вобаста аст, инчунин дигар ҷабҳаҳои таъмини амнияти иқтисодиро дар кишвар ва минтақаҳои он дар бар мегирад.

Дар раванди баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои гумрукӣ баррасии механизми ташкилию иқтисодии идораи иқтидори инфрасохтори онҳо зарур аст, ки камбудиҳоро муяйян намоем.

Пеш аз ҳама зарур аст, ки консепсия ва стратегия рушди инфрасохторро мутобиқи муайян намудани шаклҳо, нишондиҳандаҳои идора ва идораи иқтидори онро ба роҳ монда, баъдан асосҳои мақсадноки дурнамои ҳамгироӣ, пешниҳоди алтернативаҳо, шартҳои синергетикӣ, гузаронидани экспертизаи гумрукӣ, эътимоднокии маълумоти аввала ва

нишондиҳандаҳои баҳодиҳии лоиҳаҳои перспективӣ зарур аст.

Дар хотима арзёбии механизми ташкилию протсессуалиро бо иштироки роҳбарияти мақомоти гумрук ҳангоми лоиҳакашӣ ва алгоритми қабули қарорҳои ниҳоиро ҳангоми реструктуризатсия, ҳавасмандгардонии кормандони алоҳида ва такмили инфрасохтори гумрукӣ зарур дониста мешавад.

Аз тарафи дигар пеш аз ҳама барои ҳалли масоили муайяншуда, арзёбии хусусиятҳои банақшагирии стратегиро, ҳамчун дар раванди қабули қарор оид ба модернизатсияи сохтори мавҷудаи мақомоти гумрукӣ зарур мешуморем. Дар раванди тарҳрезӣ муҳим аст, ки таҳияи консепсияи умумии инфрасохтори ояндаи мақомоти гумрук; ташаккули стратегияи фаъолият ва рушди он бо танзими миқдоран муайяншудаи марҳалаҳои мақсадноки дарозмуддат оид ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва эҳтиёҷоти молиявӣ; тайёр кардани вариантҳои алтернативӣ, ки ҳайати иштироккунандагонро тағйир медиҳанд, схемаи муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамчун воситаи таъмини иҷрои консепсия ва стратегия ба сомон расонида шавад. Инчунин баҳодиҳии дақиқи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба идораи самараноки ташкилотҳои гумрукии таъсисшаванда диққати асосӣ дода шавад.

Дар баробари ин архёбии дурусти омилҳо, ба ҳисобгирифтани таҳдидҳои дохилию берунии идоракунии самараноки мақомоти гумрукро бо назардошти созмон додани механизми муосири идоракунӣ; ба ҳисоб гирифтани таъсири синергетикӣ аз фаъолияти муштараки ҳамоҳангшудаи иштирокчиёни он; рушди корхонаҳои соҳаҳои истеҳсолӣ; ба назар гирифтани таҳдидҳои мавҷуда; мустаҳкам намудани низоми таҳсилоти мавҷуда ва тайёр кардани кадрҳо, бо назардошти арзёбии аҳаммияти нигоҳ доштани қисмҳои мавҷудаи таъсири синергетикӣ ва ҳамзамон пурзӯр намудани нерӯи ҳар кадоми онҳо дар асоси азнавташкилдиҳии робитаҳои мавҷуда ё дигар фаъолият; истифодаи захираҳои рақобатпазирии субъектҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ амалӣ кардан зарур аст.

Дар маҷмӯ, имрӯз усулҳои истифодашаванда ба тариқи пурра принсипҳои муттасилию ягонагии идоракунии инфрасохтори мақомоти гумрукро дар бар намегиранд. Аз ин лиҳоз механизми такмили идораи иқтидори инфрасохтории мақомоти гумруки Тоҷикистон дар асоси моделҳои оптимизатсионӣ, аниқ намудани ҳамгироиҳои байналмилалӣ, пурзур кардани пояи моддию техникии мақомоти гумрукӣ ва инфрасохтори он, истифодаи рақамикунонӣ, тайёр ва бозомӯзии ҳайати кормандон, ҷудо кардани маблағхо аз якчанд манбаъҳо, механизми шарикию давлатии бахши хусусӣ ва ғайра мувофиқи мақсад мебошад.

Дар асоси истифодаи оқилонаи механизми такмили идораи иқтидори инфрасохтории мақомоти гумрук дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он татбиқи рушди мақомоти гумрук барои солҳои 2020-2024 ба роҳ монда шуда барои амали шудани самтҳои СМР-2030 аз ҳамаи имкониятҳо истифода намуда сатҳи хизматрасониҳои гумрукиро мувофиқи талаботҳои стандатҳои байналмилалӣ ташкил намуда қисми даромади буҷетро аз ҳисоби афзудани пардохтҳои гумрукӣ пурра таъмин намоем.

**АДАБИЁТ**

1. Зарипов Р.Ф. Основные функции и организация таможенной системы Российской Федерации как объекта управления // Актуальные проблемы социально-экономического развития России. Сб. научн. трудов. Вып. 7. -М.: ИТК «Дашков и К», 2007. –с.56-72.
2. Ершов А.Д. Основы управления и организации в таможенном деле.- СПб.: СПбИВСЭП, Санкт-Петербургский имени В.Б.Бобкова филиал РТА, О-во «Знание», 1999.-322 с.
3. Нидоев П.Ф., Шоҳназари Х.Ғ. Мақсад ва вазифаҳои равзанаи ягонаи мақомоти гумрук ва тартиби истифодабарии он аз аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ //Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзӯи «Саҳми мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ДССХ - Душанбе, 2020. -С. 53-58.
4. Раджабов Р.К., Алиев М.Б. Совершенствование таможенного обслуживания с учетом

перспектив ее развития в Республике Таджикистан//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Материалы V межд. науч. практ. конф. (2-3 июня 2017г., г. Душанбе). -Душанбе: «Сумани Кудрат», 2017. -С.241-246.
5. Раҷабов Р.К., Қудратов Р.Р., Раҷабова Н.Р. Экспертизаи гумрукӣ ва масоили он дар раванди гузаронидани назорати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. №1(35)-2021-С.7-12.
6. Шохназари Х.Г. Таможенный тариф как государственный регулятор внешнеэкономической деятельности/ Х.Ғ. Шоҳназари, П.Ф. Нидоев // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе «Сино», 2012. -№2/5 (92) С. 146 -151.
7. Ҳикматов С.И., Раҷабов Р.К., Раҷабова З.Ҷ. Нақши терминалҳои логистикию гумрукӣ дар баландбардоштани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ//Рушди мақомоти гумрук дар 30 -соли таъсисёбии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумрук, 2022. -187с.-С.5-9.

**УДК 657.471.6**

**Ҳакимова М.А., Гулзода Ш.А.**

## ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ ВА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР САНОАТ

Дар мақола ҷанбаҳои консептуалии баҳисобгирии идоракунӣ ва зарурияти ташкили он дар корҳонаҳои саноати барраси гардида, шартҳои зурурии ташкили самаранокӣ он ошкор шудааст. Инчунин нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар таъминоти иттилоотии корхонаҳо бо ақидаи олимони соҳа асоснок гардонида шудааст. Фарқияти мафҳумҳои хароҷот ва масраф бо истифодаи маъхазҳои илмӣ ошкор ва асоснок карда шудааст. Ба замми ин гурӯҳбандии хароҷот ва марҳилаҳои идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Баҳисобгирии идоракунӣ, хароҷот, иттиллоот, саноат, қарорҳои идоракунӣ, идоракунии хароҷот.

**Хакимова М.А., Гулзода Ш.А.**

## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ И ОРГАНИЗАЦИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В статье рассматриваются концептуальные аспекты управленческого учета и необходимость его организации на промышленных предприятиях, а также раскрываются необходимые условия для его эффективной организации. Также обоснована точка зрения ученых отрасли, роль управленческого учета в информационном обеспечении предприятий. С использованием научных источников выявлено и обосновано различие понятий затрат и расходы. Кроме того, предложена группировка затрат и этапы ее управления на промышленных предприятиях.

**Ключевые слова:** Управленческий учет, затраты, информация, промышленность, управленческие решения, управление затратами.

**Hakimova M. A., Gulzoda S.A.**

**CONCEPTUAL ASPECTS AND ORGANIZATION OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN INDUSTRY**

The article discusses the conceptual aspects of management accounting and the need for its organization in industrial enterprises, and also reveals the necessary conditions for its effective organization. The point of view of industry scientists and the role of management accounting in information support of enterprises are also substantiated. Using scientific sources, the difference between the concepts of costs and expenses is identified and justified. In addition, a grouping of costs and stages of its management in industrial enterprises are proposed.

**Key words:** Management accounting, costs, information, industry, management decisions, cost management.

Аз таҳлили ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳои шакли ташкилию - ҳуқуқиашон гуногун ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ҷорикунонии низоми самараноки баҳисобгирии идоракунӣ маҷмӯӣ пурраи шартҳои консептуалӣ дар шакли блоксхемаи умумиимушкилотҳои консептуалӣ - методологияи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ба низом даровaрда шуда, пешниҳод карда шавад. Ҳамин тариқ, ба шартҳои зарурии ташкили баҳисобгирии самараноки идоракунӣ инҳо дохил мешаванд:

- ҳавасмандӣ ва иқдоми роҳбарияти зинаҳои идоракунӣ дар корхона;
- мавҷудияти мутахассисони соҳибхтисоси малакаи касбидошта оиди ҷорикунии чунин шакли баҳисобгирӣ;
- методикаи мутобиқшавӣ ба соҳаҳои алоҳидаи саноат;
- таъминоти иттилоотӣ;
- идеологияи коллектив;
- низоми муносиби баҳисобгирӣ дар корхона;
- такмили сохтори ташкилию - молиявии корхона ва усулҳои идоракунии он.

Чуноне, ки аз таҳқиқоти илмӣ бар меояд, дар корхонаҳои ватании мо аксарият роҳбарони зинаҳои идоракунӣ афзалиятҳое, ки ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот фароҳам меорад, дарк накардаанд. Онҳо бештар фикри худро бо дигар масъалаҳо равона месозанд. Ба монанди васеъкунии доираи фаъолияти худ, пасткунии сарбории андоз ва ғайраҳо. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ имконият медиҳад, ки бо унсурҳои таркибии худ ба монанди банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати хароҷот барои беҳтаршавии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхона воситаи таъсиррасон бошад. “Баҳисобгирии идоракунӣ низоми мунтазам рушдёбандаи банақшагирӣ, таҳлил, баҳисобгирӣ, назорат ваояндабинии хароҷоти тағйирёбанда ва доимии истеҳсолот буда, ба таъминоти иттилоотии равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ нигаронида шудааст” [2, с 10]. Баҳисобгирии идоракунӣ низоми ҳамгироии бо ҳам алоқаманде мебошад, ки унсурҳои (зернизомҳои) муташаккили ба худ хосро доро буда, ҷараёни табдилёбии иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва проблемавии идоракунӣ таъмин менамояд, ки ба менеҷерон ҷиҳати иҷроишии функсияҳояшон зарур аст[1, с15]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ таъминкунандаи иттиллоот барои қабули қароҳои идоракунӣ оид ҳама ҷанбаҳои фаъолият мебошад ва чунин вазифаҳоро вобаста ба амалишавии мақсад иҷро мекнад:

- ҷамъоварии иттилоот оиди равандҳо, натиҷаи фаъолияти он ва пешкаш намудани маълумот ба роҳбарияти зинаҳои идоракунии корхона бахри таҳияи ҳисоботи идоракунӣ;
- банақшагирӣ, таҳлил ва яндабинии фаъолияти манфиатнокӣ корхона;
- оъективона ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат) ва муайянкунии тағйирёбии нишондиҳандаҳои дар нақша пешбинишуда;

- фароҳам овардани иттилооти мукаммал барои гузаронидани таҳлил ва ченкунии таъсири омилҳо ба тағйирёбии бузургии нишондиҳандаи натиҷавӣ.

Дар корхонаҳои ватанӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда аслан баҳисобгирии молиявӣ ва андоз асосан барои истифодабарандагони беруна пешбинӣ шудааст. Аммо мақсади асосии баҳисобгирии идоракунӣ чун зернизоми баҳисобгирии муҳосибӣ аз он иборат аст, ки ба менеҷерон ва соҳибмулкон маълумоти мукаммал барои идоракунии тиҷорат заруриро таъмин намояд. То ин, ки дар асоси ин маълумотҳо қарорҳои дахлдорӣ идоракунӣ қабул карда шавад.

Ҷанбаҳои консептуалии низоми баҳисобгирии ҳамгирошудаи идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаҳои гуногун дар асоси мақсадҳо, вазифаҳо, предмет ва объекти баҳисобгирии комплексии идоракунӣ сохта мешаванд. Муайян кардани асосҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаҳо, хоса саноат барои он мақсадҳое равона карда мешавад, ки имконият медиҳад:

- оиди арзиши аслии маҳсулоти корхона маълумоти объективӣ ба даст ояд;
- номувофиқатӣ ва дуршавии натиҷаҳои воқеиро аз натиҷаҳои пешбинишуда бо мақсади ислоҳи минбаъда бо ошкорсозии омилҳои таъсиррасон таҳлил карда шавад;
- назорати идоракуниро аз болои мавҷудият ва истифодаи захирахо таъмин намояд;
- ташкили низоми тағйирпазири нархгузорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот;
- дар натиҷа метавонад, ки иттилооти воқеиро барои қабули қарорҳои идоракунии самаранок таъмин намояд.

Барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба роҳбарияти корхонаҳо иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ дар бораи хароҷот ва ҷараёнҳои фаъолияти корхона зарур аст. Ин гуна иттилоот дар низоми идоракунии корхонаҳо тавассути истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент: баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, таҳлил ва назорат ба даст оварда мешавад. Пойгоҳи иттилоотии ҷараёни қабули қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Баҳисобгирии идоракунӣ «ҳамаи иттилооти баҳисобгириро, ки барои идоракунӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ зарур аст, дар худ инъикос менамояд» [10, с15]. Бояд қайд кард, ки дар байни қарорҳои идоракунӣ, ки базаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ба се намуд ҷудо мешаванд[6].

- иттилооти фаврӣ - бо банақшагирӣ ва назорати фаъолияти молиявӣ – иқтисодии кохона алоқаманд аст;
- иттилооти ҷорӣ, масалан, хангоми муайян кардани даромаднокии хариди худӣ ё истеҳсоли худӣ ресурсҳои муайян;
- иттилооти стратегӣ - чун қоида дар асоси базаи маълумотҳои корхона барои фоиданокии тахминии корхона.

Ҳамаи иттилоотҳои мақсадноки дар боло зикршуда, ки бо ёрии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба даст оварда мешаванд, бо объекти баҳисобгирии муҳосибӣ - пеш аз ҳама, хароҷоти корхона, натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона, нархгузорӣ, буҷетикунонӣ ва ҳисоботдиҳии дохилӣ алоқаманданд.

Ҳамин тавр мо дар навбати аввал асосҳои баҳисобгирии идоракуниро дар саноат бо таҳлили низом ва сохтори хароҷот асоснок мешуморем. Барои ин бояд қайд кард, ки ба хотири фаҳми дурусти мафҳуми “таҳлили хароҷот” баъзе маънидодкуниҳои дар адабиёт маъмулро баррасӣ намоем.

Аз омӯзиши адабиёти соҳаи иқтисодии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин, ки мафҳуми “хароҷот” бо мафҳуми “масрафҳо” ҳаммаъно ба кор бурда мешаванд. Дар баъзе адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ чунин ҳолат ба назар мерасад. Дар доираи таҳқиқоти худ мо ба хулосае омадаем, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ ин ду мафҳум аз ҳам тафовут мекунанд.

Ба фарҳанги забони тоҷикӣ назар афканем сарф шудан ва харҷ шудан чун мафҳумҳои ҳаммаъно шарҳ дода шудаанд - "масраф" чун "он чи сарфу харҷ мешавад; сарф, истифода; истифода бурдани чизе барои коре" [8, с. 804]; "хароҷот" бошад, - чун "харҷ, баромад; муқобили даромад ва дахл" [9, с. 443]. Яъне чизе то он ки сарфу харҷ шавад, бояд пешакӣ масраф бошад [9, с. 222].

Б.Ҳ. Каримов дуруст қайд менамояд, ки масрафҳо арзиши захираҳои барои ягон мақсад харидашуда, вале харҷнашуда буда, хароҷот - масрафҳоеанд, ки аллакай харҷ шудаанд [4, с. 36]. Ин ақидаро муаллифон Г.Т. Қодирова, Ф.А. Қаюмова ва Ҳ.А. Акрамова низ ҷонибдорӣ кардаанд [5, с. 31].

Масрафҳо дар лаҳзаи харид кардани молҳо ва қабул кардани хизматрасониҳо пайдо мешаванд. Онҳо бо роҳи пардохт кардани маблағҳои пулӣ, пайдо шудани қарздорӣ (масалан, ҳисобҳо барои пардохт) ва дигар роҳҳо ба ҷо оварда мешаванд. Ин масрафҳо метавонанд ё ба дороиҳо, ё ба хароҷот мансуб дониста шаванд [3, с. 34].

Хароҷот масрафҳоеро дар бар мегиранд, ки дар рафти фаъолияти муқаррарии корхона ба миён меояд. Онҳо дар шакли хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо баромад менамоянд. Хароҷот дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар дар асоси ҳамбастагии бевоситаи байни масрафҳои харҷшуда ва воридшавиҳою унсурҳои муайяни даромадҳо эътироф карда мешаванд. Чунин муносибат мувофиқати хароҷот ва даромадҳо номида мешавад, яъне ҳамаи даромадҳо бо масрафҳои дахлдори барои гирифтани онҳо харҷшуда, ки хароҷот номида мешаванд, бояд муносиб бошанд.

Дар баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ё технологияи пешбурди баҳисобгирӣ масрафҳо то лаҳзаи харҷ шуданашон дар ҳисобҳои баҳисобгирии захираҳои моддӣ - молӣ - 10720 "Ашёи хом ва мавод", 10730 "Истеҳсолоти нотамом", 10740 "Маҳсулоти тайёр" ғун карда шуда, дар лаҳзаи фурӯши маҳсулоти бо онҳо алоқаманд, дар ҳисоби 44010 "Даромад аз фурӯш" ба ҳисоби хароҷот - 55010 "Арзиши аслии фурӯш" соқит карда мешаванд. Ин гуна методикаи ҳисобгирӣ бештар дар қоидаҳои пешбурди баҳисогирии молиявӣ ба таври куллӣ тавсия дода мешавад. Дар баҳисобгирии идоракунӣ бошад барои содагардонии ахборот метавонад ин ҳисобҳо бо зерҳисобҳо ҷудо шаванд. Масалан 10730, 10730.1, 10730.1.1, 10730.1.2 ва ғайра.

Дар баҳисобгирии идоракунӣ масрафҳо гуфта, ифодаи арзишии захираҳои дар ҷараёни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот харҷшуда ё харҷшаванда фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, ҷиҳати истифодаи мафҳумҳои "хароҷот" ва "масрафҳо" дар баҳисобгирии идоракунӣ бар он ақидаем, ки масрафҳо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳои дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) истеъмолшуда мебошанд, ки дар тавозуни муҳосибӣ бо ифодаи пулӣ инъикос гардида, то он вақте даромади бо онҳо алоқаманд эътироф карда нашавад (дар кредити ҳисоби 44010 "Даромад аз фурӯш"), аз тавозун соқит карда намешаванд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи мафҳуми "масрафҳо" ишорат нашудааст ва мо дар давоми матн аз истифодаи мафҳуми "масрафҳо" худдорӣ менамоем.

Дар маъхазҳои илмӣ таснифоти зиёди хароҷот аз рӯи хусусиятҳо ва меъёрҳои гуногун мавҷуданд. Дар таҳқиқ мо фақат ба он таснифотҳое, ки аз нуктаи назари мо дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар саноат бештар истифода мешаванд, таваққуф хоҳем кард.

Гуруҳбандии хароҷот дар корхонаҳои саноати метавонад, ки чунин бошад:

- вобаста ба раванди технологӣ: асосӣ (вобаста ба истеҳсолот) ва хароҷоти доимӣ (бо ташкили истеҳсолот ва идоракунии он алоқаманд).
- бо усули арзиши аслии маҳсулот дохил кардан: хароҷоти бевосита ва бавосита. Хароҷоти бевосита метавонад, мустақим ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ба як навъи мушаххаси маҳсулот ё ба як гурӯҳи мушаххаси маҳсулот (корҳои иҷрошуда ё хидматҳои пешниҳодшуда) мансуб бошанд. Хароҷоти ғайримустақим бавосита барои якчанд намуди

маҳсулот тавлид мешаванд. Чун қоида, ба инҳо хароҷоти изофии истеҳсолӣ дохил мешаванд, ки онҳоро мустақиман ба як намуди муайяни маҳсулот тақсим кардан мумкин нест, бинобар ин маблағи умумии хароҷот ба маҳсулот дар асоси меъёрҳои махсус тақсим карда мешавад.

- аз рӯи давраҳои пайдоиш: доимӣ. Хароҷоти доимӣ хароҷоте мебошанд, ки арзиши онҳо аз ҳаҷми истеҳсолот вобаста нест.
- аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ - хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ, фарсудашавӣ, ҳиссаҷудокунӣ ва дигар хароҷот.
- нисбат ба маҳсулоти тайёр: маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом (вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ).
- аз рӯи нақш дар раванди истеҳсолот: истеҳсолӣ ғайриистеҳсолӣ.

Дар хотимаи гурӯҳбандии хароҷот бояд қайд кард, ки истеҳсоли ҳар гуна маҳсулот дар корхонаҳои саноати истифодаи навъҳои гуногуни захираҳоро дарбар мегирад, ки ба хароҷот ҳамроҳ карда шаванд. Ҳамин тариқ, гурӯҳбандии мақсадноки хароҷот дар корхонаҳои саноати имкон медиҳад, ки низоми назорат ва идоракунии хароҷот ташкил карда шавад.

Идоракунии хароҷот – ин раванди ташаккули мақсадноки хароҷот аз рӯи намудҳо, маконҳои пайдоиш бо назорати доимӣ ва кам кардани ҳиссаи онҳо дар таркиби арзиши аслии маҳсулот бо истифодаи роҳҳо ва усулҳои муоссир мебошад.

Барои кам кардани хароҷот на танҳо усулҳои маъруфи солҳои пеш таҳияшуда, балки воситаҳои муосири стратегӣ ва идоракунии хароҷоти амалиётӣ, воситаҳои назорат, чун баҳисобгирӣ,банақшагирӣ, таҳлил бояд истифодашаванд. Марҳилаҳои идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати метавонад, ки чунин сурат гирад. Расми 1.




**Расми 1. Марҳилаҳои идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ**
Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси омӯзиши адабиёт

Ҳамаи ин марҳилаҳои дар расми 1 оварда шуда имконият фароҳам меоранд, ки идоракунии хароҷот объективона ба амал баровардашуда аз раванди банақшагирӣ то ба таҳлили фарқиятҳо барои мақсадҳои дар пешгузошташуда иттилооти зарурира фароҳам орад.

Ҳамин тавр барои рушди дарозмуддати низоми баҳисобгирии идоракунӣ зарур аст, ки эҳтиёҷоти идоракунии корхонаҳои саноати муайян карда шавад, ба роҳбарияти зинаҳои идоракунӣ маълумоти объективӣ ва босифат дар шакли ҳисоботи идоракунӣ омода ва пешниҳод карда шавад то ин, ки барои ҳадафҳои гузоштаи онҳо заминаи иттилооти фароҳам оварда шавад.

## АДАБИЁТ

1. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. С. Ф. Низомов, А.А Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов.Душанбе: Ирфон, 2017 – 324 саҳ.

2. Ғаниев У. Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳлили идорпакунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – баҳисобгири муҳосибӣ ва аудит, Душанбе – 2023.
3. Каримов, Б.Х., Каримиён, М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Монография [Текст] / Б.Х.
4. Каримов, М.Б. Каримиён. - Душанбе: ИПС, 2018. - 350 с. 72. Каримов, Б.Ҳ., Каримиён, М.Б., Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. - Душанбе: Ирфон, 2020. - 444 с.
5. Қодирова, Г.Т., Қаюмова, Ф.А., Акрамова, Ҳ.А. Баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова, Ф.А. Қаюмова, Ҳ.А. Акрамова. - Душанбе: ДСХ, 2017. - 252 с.
6. Николаева О.Е. Стратегический управленческий учет [Текст] / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. – М.: УРСС, 2003.
7. Нозомов С. Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика[текст]: монография / С.Ф Низомов Душанбе: изд-во «Сохибкор», 2013 – 272с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1 [Матн] / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. - Душанбе. 2010. - 996 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 [Матн] / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. - Душанбе. 2010. - 1095 с.
10. *Шеремет, А.Д. Управленческий учет*: учебник [Текст] */ А.Д. Шеремет,* О.Е. Николаева, С.И. Полякова / Под *ред. А. Д. Шеремета.* - 4-е изд., перераб. и доп. – Москва: ИНФРА-М, 2009, - 429 с.

**УДК 339.371.2**

**Хубони Сорбон**

# ИНФРАСОХТОРИ МИНТАҚАҲОИ СОҲИЛӢ ҲАМЧУН ДОЛОНИ САБЗ ДАР КОРХОНАҲОИ ТАРАБХОНАГӢ

Коридорҳои сабз ё долонҳои гуногунии биологӣ минтақаҳои бузурги замин мебошанд, ки дар онҳо барои ҳифзи гуногунии биологӣ амалҳои ҳамоҳангшуда андешида мешаванд. Мувофиқи амали Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳо минтақаҳои муҳофизатшавандаро мустаҳкам ва мепайвандад, ки истифодаи камтаъсирро тавассути татбиқи алтернативаи бештар ҳамгирошуда, ғайримарказонидашуда ва иштироки ҳифзи табиат ҳавасманд мекунанд. Дар маҷмӯъ, долонҳои сабз порчаҳои ҷангал ё воҳидҳои муҳофизатиро, ки бо дахолати инсон ҷудо шудаанд, ба монанди шаҳрҳо, роҳҳо, зироатҳо ё дарахтбурӣ мепайвандад. Долони сабз марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар маҷмуъ, ба иқтисоди сабз ва технология тоза ё «сабз» асос ёфтааст. Долони сабз соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз қабили нигаҳдории тандурустӣ, маориф, маданият, савдо ва хӯроки умумӣ, истироҳат ва ғайраро дарбар мегирад. Дар байни соҳаҳои соҳаи хоҷагии халқ истироҳати фаъолонаи аҳолӣ ва истеъмол намудани хӯроки болаззат, яъне муассисаҳои хӯроки умумӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад.

**Вожаҳои калидӣ**: долони сабз, иқтисоди сабз, хизмати рекреасионӣ, гуруҳбандии минтақаҳои наздисоҳилӣ, стратегияҳои рушди наздисоҳилҳо, тарабхонаҳои замонавии наздисоҳилӣ

**Хубони Сорбон**

## ИНФРАСТРУКТУРА ПРИБРЕЖНЫХ РАЙОНОВ КАК ЗЕЛЕНЫЙ КОРИДОР В РЕСТОРАННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Зеленые коридоры или коридоры биоразнообразия – это большие территории Земли, где используется скоординированный подход на благо разных видов. Согласно действиям Комитета охраны окружающей среды, при Правительстве Республики Таджикистан, они укрепляют и объединяют охраняемые территории, которые способствуют использованию с низким уровнем воздействия, посредством реализации более интегрированной, децентрализованной и коллективной альтернативы охране природы. Как правило, зеленые коридоры соединяют фрагменты леса или природоохранные объекты, разделенные вмешательством человека, такие как города, дороги, посевы или лесозаготовки. Зеленый коридор – это новый переходный этап развития, основная цель которого – производство экологически чистой продукции. В целом, оно основано на зеленой экономике и чистых или «зеленых» технологиях. Зеленый коридор включает в себя различные отрасли национальной экономики, такие как здравоохранение, образование, культура, торговля и общее питание, отдых и т.д. Активный отдых населения и потребление вкусной еды, то есть предприятия общественного питания, занимают важное место среди сфер народного хозяйства.

**Ключевые слова:** зеленый коридор, зеленая экономика, рекреационные услуги, кластеризация прибрежных территорий, стратегии развития побережья, современные прибрежные рестораны.

**Khuboni Sorbon**

## INFRASTRUCTURE OF COASTAL AREAS AS A GREEN CORRIDOR IN PUBLIC FOOD ENTERPRISES

According to the actions of the Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan, they are strengthening and consolidating protected areas that promote low-impact uses through the implementation of a more integrated, decentralized and participatory alternative to nature conservation. Typically, green corridors connect fragments of forest or conservation areas separated by human intervention, such as towns, roads, crops or logging. The green corridor is a new transitional stage of development, the main goal of which is the production of environmentally friendly products. In general, it is based on the green economy and clean or green technologies. The green corridor includes various sectors of the national economy, such as healthcare, education, culture, trade and general nutrition, recreation, etc. Active recreation of the population and consumption of delicious food, that is, public catering establishments, occupy an important place among the spheres of the national economy.

**Keywords:** green corridor, green economy, recreational services, clustering of coastal areas, coastal development strategies, modern coastal restaurants

Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварро бо такя ба асноди саҳеҳу муътамад мавриди таҳлили амиқ қарор дода, таъкид бар он доштанд, ки “Вобаста ба таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти муқовимат ба таҳдиду буҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмин намудани гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ, дастрасии молиявию дастгирии соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар, омодагӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва гузариш ба иқтисоди “сабз” тақвияти бештар бахшад. Яъне дар

шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем” [1].

Долони сабз самти муосири илми иқтисодро дар бар гирифта, ба арсаи илм ворид гардидааст. Дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ, солҳои охир ибораи долони сабз вирди забони олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва ҳоказо мегардад. Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи улуми иқтисодӣ ва фалсафӣ, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, постмодернистӣ, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, анархияи сабз, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад. Долони сабз марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба муҳити атроф зарарнаоваранда аст. Дар маҷмуъ, долони сабз ба иқтисоди сабз ва технология нав ё «сабз» асос ёфтааст.

Долони сабз соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро, аз қабили нигаҳдории тандурустӣ, маориф, маданият, савдо ва хӯроки умумӣ, истироҳат ва ғайраро дарбар мегирад. Дар байни соҳаҳои соҳаи хоҷагии халқ истироҳати фаъолонаи аҳолӣ ва истеъмол намудани хӯроки болаззат, яъне тарабхонаҳо ҷои муҳимро ишғол мекунад. Истироҳат бо истеъмоли хӯроки болаззат на танҳо ба нигоҳ доштани саломатӣ ва қобилияти корӣ, балки ба қонеъ гардонидани талаботи фарҳангию маърифатии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Минтақаҳои соҳилӣ ба ҷойҳои ҷамъиятӣ тааллуқ доранд, зеро онҳо потенсиали баланд барои ҷойи фароғати маишӣ доранд. Таъсири мутақобилаи об бо одам асоси принсипҳои ташаккули фазоро ташкил медиҳад. Ҳудуди назди об ҳамеша як нуқтаи ҷалби гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ буд. Омӯхтани территорияҳои баҳр ва соҳили обҳои шаҳрҳои Хуҷанд, Норак, дараҳои Варзоб, Ромит, Алмосӣ, Ҳафткӯл аҳамияти хеле калон дорад. Ин пеш аз ҳама - инфрасохтори марказҳои ҷамъиятӣ ва ҷойҳои фароғатии ин ҷоййҳоро хеле ба сатҳи балан мебардорад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти мутлақ бо ташабуссҳои бевоситаи Ассогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои барқарор намудани минтақахои вайроншуда (ба монанди сарбанди Варзоб, Ромит, Норак) корҳои барқарор ва азнавсозии бурда шуда ободгардиданд.

Агар, аз як тараф, ин барои ҷалби саёҳон ба кишвари азизамон бошад аз дигар тараф, захираҳои ҳудудӣ ва табиии ҳудудҳои соҳилҳо метавонанд як қатор мушкилоти шаҳрсозиро ҳал кунанд, чаҳорчӯбаи иҷтимоиро аз нав барқарор ва такмил диҳанд ва долони сабзи шаҳрро барқарор кунанд.

Ба вуҷуд овардани муҳити ободу зебо ва гуногуншакл одамонро ба худ ҷалб мекунад ва аз ин рӯй иқтидори иқтисодии ин гуна ҷойҳо хеле меафзояд. Ба ин система ҷалб намудани минтақаҳои соҳилӣ ба пешрафти шаҳр таконе мебахшад. Бинобар ин рушди системаи марказҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти рушди инфрасохтори сабз барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии нави шаҳр имконият фароҳам меорад, дарки равонӣ ва эмотсионалии шаҳрро ҳамчун муҳити зист афзоиш медиҳад. Барои сокинони доимӣ ва муваққатии шаҳру ноҳияҳо сатҳи бароҳатиро баланд мебардорад, барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва фаъолияти байналмилалии шахр замина фароҳам меорад. Яке аз роҳҳои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба хизмати рекреатсионӣ ташкил намудани комплексҳои рекреатсионӣ мебошад. Ин комплексҳо сохтори мураккаби гуногунсоҳа ва бисёрзинаро ифода мекунанд. Маҷмааи фароғатӣ системаи ягонаи зерсистемаҳои табиӣ, варзишӣ-туристӣ, солимгардонӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки бо алоқаи функсионалӣ ва якпорчагии территориявӣ хос аст.

Ҳудуди соҳили дарёи Варзоб дар шаҳри Душанбе аз ҷиҳати функсионалӣ муттаҳид шуда, бо шаҳр дар ин ё он самт дар заминаи сохтори банақшагирии мавҷуда, вазъияти экологӣ ва функсионалӣ алоқаманд аст. Консепсияи рушди шаҳрсозии ҳудудҳои дарё ҳамчун системаи оқилонаи пешниҳодҳо оид ба оптимизатсияи ҳудудҳо мебошад. Шаҳрҳо

ва сохтори функсионалӣ ва фазоии онҳо бояд доимо тағйир ёфта, ба талаботи таҳаввулоти аҳолӣ ва тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаррӯзаи ҷомеа мутобиқ шаванд. Бешубҳа, сохтмонҳои биноҳои баландошёна ва шаҳрсозии фазоӣ роҳи воқеии муосири рушди шаҳрҳои калон мебошанд. Аммо дар ин пайроҳаҳо бояд мероси шаҳриеро ҳифз карда тавонем, ки хусусияти фардии шаҳрро ташкил медиҳад, рамзи генетикии беназири онро ташкил медиҳад [2, с.15]. Дар тӯли даҳсолаҳои охир дар бисёр шаҳрҳо рушди соҳаҳои гуногуни функсионалӣ мушоҳида карда мешавад ва тааҷҷубовар нест, ки ҳудудҳои наздисоҳилӣ дар баробари тағйирот дар ҷомеа, вазъи иқтисодӣ ва сиёсии онҳо тағироти куллӣ доранд. Дарёҳо ва наздисоҳилҳо, ҳамчун ҳудудҳои аз ҷиҳати таърихӣ барои саноат ва истироҳат ҷолибанд, бинобар индустриализатсияи бисёре аз шаҳрҳои ҷаҳон ва аз нав самтгирии консепсияҳои шаҳрсозӣ ба принсипҳои кабудизоркунии муҳити зист тағироти назаррасро аз сар мегузаронанд. Дар ин замина як қатор фаъолиятҳое мавҷуданд, ки ба бунёди фазоҳои ҷамъиятӣ, истиқоматӣ ва фароғатӣ нигаронида шудаанд, ки онҳоро аз рӯи омилҳои гуногун метавон ба усулу принсипҳо ба низом даровард [3, с.35].

Омилҳое, ки ба қаламрави наздисоҳилӣ таъсир мерасонанд, метавонанд аз рӯи принсипҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда шаванд, зеро онҳо, ба монанди ҳар як қаламрав, зери таъсири ҳар як ҷанбаи ҳаёти ҷомеа ва шаҳр мебошанд. Аз ин рӯ тартиби соддагардонӣ ва додани иҷозат барои додани қитъаҳои замин бо мақсади сохтани айвонҳо ва қаҳвахонаҳои тобистонаи наздисоҳилӣ иҷораи имтиёзнок муқаррар кардан айни муддаост.

Аммо аз таҳлили намунаҳои ҷаҳонӣ маълум шуд, ки баъзе аз принсипҳои фаъолияти онҳо барои ҳама қабул шуда метавонанд. Чунин хусусиятҳо ҳамчун параметрҳои статикӣ муайян карда шуданд, ки инҳо шуда метавонанд: ҷойгиршавӣ дар дохили шаҳр, шароити табиӣ, таърих. Ин се омил бо ҳам зич алоқамананданд, аммо онҳо шартҳои зарурии рушданд ва бояд дар ин ё он стратегия ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тариқ, ҷойгиршавии дохили шаҳр барои ҳама мисолҳо якхела аст - дарё шаҳрро ба ду қисм тақсим мекунад яке аз онҳо бинобар рушди таърихӣ, ҳудудҳои наздисоҳилӣ ҳам дар маркази ҷуғрофии шаҳр ва ҳам дар канори ҷойгир буда, пайванди байни ду соҳил мебошанд, яъне дарёи Варзоб ва руди Зарафшон. Шароити табиӣ дар ҳама мавридҳо каме фарқ мекунад, вале бо вуҷуди ин дар ҳамаи мисолҳо як қисми территорияҳо зери об монда, заминҳо асосан барои биноҳои истиқоматӣ ва сохтмони оммавӣ номусоид мебошанд. Аммо сарфи назар аз як қатор омилҳо, технологияҳои муосири сохтмон имкон медиҳанд, ки ҳама гуна камбудиҳои ҳудудҳоро бартараф карда, онҳоро барои ҳама гуна мақсадҳо истифода баранд: устувор кардани хок, таҳкурсии чӯбӣ, дренаж, мубориза бо обхезӣ, биоинженерӣ ва ғайра.

Дар мавриди таърих, ин омил натиҷаи мантиқии дуи аввал аст: аз сабаби сатҳи обхезӣ, ҳудудҳо ба манзил табдил наёфтанд, балки аз сабаби ҷойгиршавии марказӣ онҳо моликияти рекреатсионӣ пайдо карданд. Дар баъзеи онҳо минтақаҳои ҷамъиятӣ қисман инкишоф ёфта буданд, вале ҳудудҳо то солҳои 90-уми асри XX ободии оммавӣ надоштанд [4, с. 49–52].

Агар дар саросари ҷаҳон сухан гӯем, стратегияҳои рушди наздисоҳилҳо ба ду самт асос ёфтаанд. Якум ба рушди иқтисодии шаҳр нигаронида шудааст, дуюм ба барқарорсозии муҳити табиӣ ва устувории мусбати экологӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, мисоли руду дарёҳо нишон медиҳад, ки ба чаҳорчӯбаи ҷамъиятӣ ва тиҷоратии шаҳр дохил шуда, маконҳои сохтмони марказҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ мебошанд. Ин боиси рушди шабакаи кӯчаву роҳҳо мегардад, ба сохтори шаҳр таъсири мусбӣ мерасонад, маркази тиҷорат ва кӯчаҳои асосиро аз ҳаракати нақлиёт холӣ мекунад.

Таҳияи лоиҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар, аз қабили тарабхонаҳои замонавии наздисоҳилӣ ба вазъи иқтисодии шаҳр таъсир расонида, имкониятҳои рушдро фароҳам меорад. Вазъияти дигар дар қаторкуҳҳои Ҳисор то Масчоҳи куҳӣ ба амал омад, ки дар он ҷо минтақаҳои истироҳатии таърихӣ хеле ҷолибанд. Ҷараёни одамон ба Масчоҳи куҳӣ ва ҷараёни мошинҳо дар замони истиқлолият хеле осонгузар шудааст. Дар ин мавридхо мо

нафъи иқтисодӣ ва фоидаро мисли мисолҳои пештара зуд дида метавонем ва як қатор афзалиятҳои дигар низ ҳастанд.

Аввалан, ин азнавсозии долони сабзи шаҳр (ки пеш аз ҳама дарё аст) ва беҳбуди экологияи шаҳр дар маҷмӯъ мебошад. Ин ҳам ба таври ғайримустақим ба ҷанбаи иҷтимоӣ таъсир мерасонад: дарки психологии мусбат дар бораи шаҳр пайдо мешавад, ки Ян Гейл дар асарҳои худ мегӯяд: "Шаҳр зинда мешавад, ҳангоме,ки одамон пиёда ҳаракат кара, аз дучарха истифода кунанд ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ вақт гузаронанд". Сониян, азхудкунии чунин ҳудудҳо гарчанде фоидаи зиёд намеоварад, сармояи калонро талаб намекунад ва ҳамчунон макони ҷолиб барои сайёҳон ва пеш аз ҳама шаҳрвандон мебошад. Ин ҷихатҳо, албатта, он кадар якхела нестанд. Дар шаҳрҳое, ки дар саросари ҷаҳон фикр мекунанд, онҳо на танҳо барои фоидаи иқтисодӣ ё эҳёи муҳити табиӣ талош мекунанд.

Дастгирии хаматарафа ва бисьёртарафаи территория зарур аст. Агар қарор дода шавад, ки территорияҳои руду дарёҳо барои минтақаи корхонаҳои тарабхонагӣ дода шавад, пас ҷиҳати экологиро ҳам дар назар доштан лозим аст - кам кардани ифлосшавӣ, зиёд кардани майдонҳои ҷамъиятӣ ва истироҳат дар дигар қитъаҳои шаҳр. Агар мо роҳи устувории экологиро пеш гирем, пас дар бораи асосҳои иқтисодии чунин лоиҳаҳо фикр кардан лозим аст: имрӯз бе маблағгузориҳои асосӣ ба кор андохтани чунин механизми умумиҷаҳонӣ монанди барқарор намудани экология имконнопазир аст. Маълум ва равшан аст, ки дар ҳар як мисол ба ғайр аз равияҳои умумӣ як қатор нозукиҳои хоси ҳар як шаҳр мавҷуданд.

Қобили қайд аст, ки онҳо дар тарҳрезии як қаламрави муайян ҳалкунанда мебошанд. Бинобар ин муносибат ба азхудкунии территорияҳои наздисоҳилӣ дар шаҳри Душанбе аз нуқтаи назар ҷолиб аст. Тамоюлҳои имрӯза нишон медиҳанд, ки фоизи зиёди сохторҳои урбанизатсияшуда дар минтақаҳои соҳилии шаҳрҳо ташаккул меёбанд, ки бо муҳити рекреатсионӣ ва табиӣ робита надоранд. Дар натиҷа, камшавии босуръати минтақаҳои истироҳат ва аз байн рафтани майдонҳои сабз дар бахши соҳил ба назар мерасад. Дар доираи аҳамияти иҷтимоию фарҳангии ин соҳа тамоми захираҳои мавҷударо барои зиёд намудани фоизи ин сарватҳои табиӣ дар он ва истироҳату фароғат истифода бурдан зарур аст. Омӯзиши принсипҳои рекреатсионӣ, вариантҳои методологии ҳамгироии онҳо ба фазои дарёӣ метавонад робитаи салоҳиятдорро таъмин намуда, симбиозҳои иловагии қабатҳои урбанизатсия ва рекреатсионӣ ташкил кунад.

Ҳудудҳои наздисоҳилиҳои соҳилӣ дар шаҳри муосир яке аз фишангҳои муҳимтарини таъсир ба рушди фазои бароҳати урбанизатсияшуда мебошанд. Маҳз ҳамин ҳудудҳо барои рушди минтақаҳои ҷамъиятӣ ва фароғатӣ заминаҳои зарурӣ доранд, ки ба стратегияи ҳифзи долони сабзи шаҳр, ки аз водии дарё мегузарад, бомуваффақият мувофиқат мекунанд. Бунёди тарабхонаҳо ва майдонҳои ҷамъиятӣ дар амалияи муосири хориҷӣ масъалаи ниҳоят муҳим аст. Ин омили бевоситаест, ки ба сатҳи бароҳат таъсир мерасонад, як навъ халалдоркунандаи байни табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯй муттаҳидсозии системаи марказҳои ҷамъиятӣ яке аз самтҳои афзалиятноки минтақаҳои соҳилӣ ва наздисоҳилӣ мебошад. Ғайр аз ин, инкишофи онҳо ташкили ҳаракати дарёӣӣ ва велосипедро дар назар дорад, ки проблемаи нақлиёти шаҳрро қисман ҳал карда метавонад. Бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ принсипҳои бунёдии тағйир додан ва азнавташкилдиҳии ҳудудҳои наздисоҳилӣ муайян карда шуданд ва як қатор усулҳое муайян карда шуданд, ки воситаҳои табдил додани он мебошанд. Стратегия ва усулҳои муайяншударо ҳангоми таҳияи лоиҳаи азхудкунии минтақаҳои наздисоҳилӣ ва соҳилии шаҳри Душанбе истифода бурдан хеле ба маврид аст, ки таҳлили пешакии ҳамаҷонибаи қитъаҳои пешбинишуда ва муайян кардани имкониятҳои азхудкунии минтақаҳоро талаб мекунад.

Мақсади асосии онҳо имкон додани ҳаракати озоди одамон мебошад. Қоидаҳо дар асоси омӯзиши амиқи ҳаракати намудҳои мошинҳо идоракунии таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист муқаррар карда мешаванд. Дар ин замина, меъморӣ ва тарроҳии шаҳр василаи олиҷаноб барои эҷоди долонҳои сабз мебошанд, ки ба ҳамкории солим ва устувори

байни одамон ва табиат, баланд бардоштани огоҳии экологӣ имкон медиҳанд. Тавассути онҳо меъмории ландшафтӣ ба осори эстетикӣ ва ҳассосии муттаҳидшавии тамоми организмҳои зинда табдил меёбад, ки воситаи рушди устувор дар сенарияи муосир, ки табиат ҳамчун объект ҳисобида мешавад, мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021. – president.tj
2. Михайлов Е. с. Ландшафтно-архитектурный анализ улиц на примере туристического маршрута. // Научный журнал КубГАУ. - 2015. - № 109 (05). - С. 15-25.
3. М. В. Сидоренко, А.Д. Никончик. Новые подходы к проектированию и реконструкции парковых территорий в крупных городах. - Минск: БГТУ, 2006. - 185 с.
4. Цитман Т. О., Тутаринова М.В. Городской остров как элемент развития рекреационного пространства. // Инженерно-строительный вестник Прикаспия: научно-технический журнал.— 2017.— № 2 (20). - С. 49-52.

**УКД 330**

**Ҳабибуллозода М.Ҳ.**

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

Шарҳи мухтасар. Дар мақола ҷанбаҳои методологии баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити бозор мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки новобаста аз мавҷудияти методологияҳои ба қадри кофӣ пешрафтаи сифати хизматрасониҳо дар адабиёти иқтисодӣ дар умум, методологияи ягонаи арзёбии сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ вуҷуд надорад. Дар мақола ташаккули методологияи сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси системаҳои нишондиҳандаҳои фаъолият ва принсипҳои таваҷҷӯҳи муштариён яке аз дастовардҳои муҳим дар соҳаи таҳияи методологияи сифати хизматрасониҳои давлатӣ дониста мешавад. Афзалиятҳо ва нуқсонҳои усулҳои маъмултарини арзёбии сифати хизматрасонӣ ҳангоми автоматикунонии он нишон дода шудаанд. Аз тарафи муаллиф модификатсияи методологияи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ дар асоси нишондиҳандаҳои интегралӣ вобаста ба гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** бахши хизматрасонӣ, хадамоти давлатӣ, хадамоти электронии давлатӣ, бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ, сифати хизматрасонӣ, арзёбии нишондиҳандаҳои сифат

**Хабибуллозода М.Х.**

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ЭЛЕКТРОННЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ УСЛУГ В РЫНОЧНЫХ УСЛОВИЯХ

В статье исследуются методологические аспекты оценки качества электронных государственных услуг в условиях рынка. Анализ показал, что независимо от наличия достаточно продвинутых методологий качества услуг, в экономической литературе

отсутствует единая методология оценки качества государственных электронных услуг. В статье формирование методологии качества государственных услуг на основе систем показателей эффективности и принципах клиентоориентированности рассматривается как один из наиболее важных достижений в области развития методологии качества государственных услуг. Выделяются преимущество и недостатки наиболее популярных методов оценки качества услуг при ее автоматизации. Предлагается модификационная методология оценки качества государственных электронных услуг на основе интегрированных показателей в зависимости от перехода на цифровую экономику.

**Ключевые слова:** сфера услуг государственные услуги, электронные государственные услуги, рынок электронных государственных услуг, качество услуг, оценка показателей качества

**Khabibullozoda M.Kh.**

**METHODOLOGICAL ASPECTS OF ASSESSING THE QUALITY OF ELECTRONIC PUBLIC SERVICES IN MARKET CONDITIONS**

The article examines the methodological aspects of assessing the quality of electronic government services in market conditions. The analysis showed that, regardless of the availability of sufficiently advanced service quality methodologies, there is no unified methodology for assessing the quality of government electronic services in the economic literature. In the article, the formation of a methodology for the quality of public services based on systems of performance indicators and the principles of customer focus is considered as one of the most important achievements in the field of development of a methodology for the quality of public services. The advantages and disadvantages of the most popular methods for assessing the quality of services during its automation are highlighted. A modified methodology for assessing the quality of government electronic services based on integrated indicators depending on the transition to the digital economy is proposed.

**Key words:** service sector, public services, electronic government services, market for electronic government services, quality of services, assessment of quality indicators

Солҳои охир оид ба методология, усулҳо ва тамсилаҳои арзёбӣ ва мониторинги сифати хизматрасониҳо тадқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронида шуда, робитаи байни сифати хизматрасонӣ ва самаранокии пешбурди истеҳсолот ва истеъмолот муайян карда шуданд. Омӯзишҳо нишон доданд, ки дараҷи қаноатмандии мизоҷ дар бораи хизматрасониҳое, ки ба ӯ пешниҳод мешавад, барои арзёбӣ кардани сифати хизматрасониҳо муҳим аст. Ин, дар навбати худ, аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати хизматрасонӣ ва дараҷаи натиҷавии қаноатмандии истеъмолкунанда қобилияти ӯро барои такроран харидорӣ намудани хизматрасониҳо ва нигоҳ доштани муносибатҳои дарозмуддат бо пешкашкунандагони хизматрасониҳои муайян мекунад.

Новобаста аз он, ки таҳқиқот оид ба арзёбии сифати хизматрасониҳо дар умум аз солҳои 1980 оғоз ёфтааст, танҳо шумораи маҳдуди тадқиқотҳо ба таҳқиқи методологияи арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатӣ, чӣ дар шакли электронӣ ва чи дар шакли анъанавӣ бахшида шудаанд. Барои таҳқиқи методологияи арзёбии самти хизматрасониҳои давалтӣ зарур мешуморем, сараввал мафҳуми сифатро вобаста ба хусусиятҳои чунин хизматрасониҳо шарҳ дода усули арзёбии мувофиқи онро пешниҳод намоем.

Дар шарҳи мафҳуми «сифати хизматрасонӣ» равишҳои гуногун вуҷуд доранд. Таърифи маъмултарин ин аст, ки дар стандарти байналмилалии ISO 8402-94 «Идоракунии сифат ва кафолати сифат» дода шудааст. Сифати хизматрасонӣ маҷмӯи хусусиятҳои хидматрасониест, ки ба он қобилияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зикршуда ё пешбинишавандаро медиҳад.

Дар умум зери мафҳуми сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ таркиб ва хусусиятҳои хизматҳо, инчунин мавҷуд набудани камбудиҳо фаҳмида мешавад, ки боиси каноатмандии корхонаҳо, ташкилотҳо ва шахсони воқеии харидорикунандаи он гашта, таассуроти ризоияти чунин истеъмолкунандагонро баланд мебардорад. Фаъолият ва ҳамкории самарабахши ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ муҳимтарин вазифаи ташкилии баланд бардоштани сифати хидматрасонии давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ баҳо додан ба самаранокӣ ва самарабахшии хизматҳои давлатӣ мебошад. Луғати муосири иқтисодӣ самаранокиро ҳамчун таъсири нисбӣ, самаранокии раванд (амал, лоиҳа), шарҳ медиҳад ки ҳамчун таносубияти таъсир, натиҷагирӣ аз хароҷот ва маблағе, ки барои азхуд кардани он сарф мешавад таъмин мекунад. Ба маънои классикӣ, самаранокӣ категорияест, ки таносуби натиҷаи иҷрои вазифаи мақсадноки низомро ба хароҷоти татбиқи он тавсиф мекунад. Ба фикри мо, ин тафсир танҳо ҷиҳати иқтисодии ин категорияро ба назар мегирад. Дар марҳалаи кунунӣ низоми ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ бисёрҷанба буда, ҷузъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологиро ҳам дар бар мегирад[12 с. 316].

Тадқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сифати хизматрасониро метавон аз рӯи принсипҳои зерин таҳлил кард:

1) сатҳи мувофиқат ба талабот ва стандартҳои муқарраршуда;

2) сатҳи қонеъ гардонидани интизориҳои истеъмолкунандагон;

3) мувофиқати хизматрасониҳо ба нархи онҳо;

4) маҷмӯи хусусиятҳои ташкилӣ, техникӣ, технологӣ ва истифодабарии хизматрасонӣ, ки ба талаботи истеъмолкунанда ҷавобгӯ мебошад.

Шарти муҳими пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо сифати баланд барои аҳолӣ ва соҳибкорон стандартикунонии раванди пешниҳоди хизматрасониҳо пешниҳоди натиҷаҳои асосӣ он дар доираи меъёрҳои банақшагирифташуда мебошад. Барои таъмини сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар сатҳи зарурӣ мониторинги объектҳои он муҳим мебошад. Ба объектҳои мониторинг дар ин раванд худи хизматрасонии электронии давлатӣ, ки маълумот дар бораи он дар портали ҳукумати электронӣ ва дастгирии иттилооти ин раванд, махсусан ҳуҷраҳои иттилоотӣ ва истифодаи воситаҳои махсуси мушаххаскунии шахсият ба шумор меравад.

Ин методология аз усулҳои мавҷуда бо он фарқ мекунад, ки ҳамчун меъёр арзёбии ҳамаҷонибаи ҷузъҳои ташкилкунандаи низоми сифатро истифода мебарад:

1). миқдори захираҳое, ки истеъмолкунанда бояд барои ба даст овардани он сарф кунад;

2) сифати гирифтани хизматрасониҳои электронии давлатӣ дар асоси бароҳатӣ ва дастрасии шароити пешниҳоди он;

3) сифати мундариҷаи натиҷаи ниҳоии хизматрасонии давлатии электронии пешниҳодшуда.

Дар умум муҳаққиқон усулҳо ва методологияҳои гуногунро барои арзёбӣ ва чен кардани сифати хизматрасониҳо таҳия кардаанд. Аксари тадқиқотҳо дар самти андозагирии сифати хизматрасониҳои хусусияти истеъмолидошта бо истифода аз методологияи SERVQUAL ба роҳ монда мешавад, ки аз ҷониби Парасураман А.таҳия ва баъдан мукаммал карда шудааст[2].

Сарфи назар аз он, ки методологияи мазкур дар бахши хизматрасониҳои истеъмолӣ васеъ истифода мешавад, вай барои муайян кардани сифати хидматрасониҳои давлатӣ махсусан дар шакли электронӣ пурра мувофиқ нест. Дар асоси ин, ҷанбаҳои методологии таъмини сифати хидматрасониҳои давлатии электронӣ тавассути ченкунии сифати даркшудаи хизматрасониҳо гузаронидани таҳқиқоти иловагиро тақозо мекунад.

Арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар бахши иқтисодиёт масъалаи мураккаб аст, зеро он на танҳо ба фаъолияти мақоматои давлатии пешкаркунандагони хизматрасониҳои электрониро арзёби менамояд, балки ба сифати истифодаи хизматрасониҳои расонидашударо аз тарафи истеъмолкунанда дар назди дигар муассисаҳо низ ифода менамояд. Масалан, иҷро намудани ӯҳдадориҳои пешкашкунандаи

хизматрасониҳои давлатӣ аз тарафи ягон сохтори хадамоти давлатӣ на танҳо ба шаъну шарафи амалдори масъул, балки ба обрӯи чунин мақомот дар умум оқибати ҷиддии манфӣ дорад. Ин амал метавонад боиси афзоиши ноқаноатмандӣ дар ҷомеа нисбат ба пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ гардад.

Ҳаноми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли давлат-корхона онро корхонаю ташкилотҳое мехаранд, ки дар онҳо мутахассисони сохибихтисос фаъолият менамоянд, ва донишу малакаи онҳо унсурҳои асосии сифати хизматрасониҳо ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамкории наздик бо мақомоти давлатии пешкашкуннадаи хизматрасониҳои давлатӣ тарафҳо аксар вакт бо ҳам вохӯрда, унсурҳои дахлдори сифати хизматҳои пешниҳодшударо баррасӣ мекунанд. Илова бар ин, раванди расонидани хизматрасониҳои давлатӣ назар ба дигар хизматрасониҳо мураккабтар аст, ҳуҷҷатгузориҳои зарурӣро тақозо менамояд, ки зарурати идоракунии босифати гурӯҳи калони нишондиҳандаҳо ва равандҳои бенуқсони хизматрасониро пеш меорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ дар байни методологияҳои ҷойдошта се усули арзёбии хизматраониҳоро ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ низ истифода карда шуданашон мумкин аст: - модели холигиҳо (модели Gap), методология SERVQUAL ва консепсияи минтақаи таҳаммулпазирӣ[18 с.92].

«Тибқи методологияи Gap, сифати хизматрасонӣ дар асоси муайян кардани андозаи холигии (номувофиқатиҳо) байни хизматҳое, ки истеъмолкунанда интизор аст ва дарки хадамот пас аз пешниҳоди он баҳо дода шуда, холигоҳо ҳамчун зиёда аз интизориҳои истеъмолкунандагон нисбат ба хизмати ба таври воқеӣ пешниҳодшуда шарҳ дода мешавад»[6 с.261].

Усули арзёбии сифати хидматрасониҳои давлатӣ бо роҳи «муайян кардани нишондиҳандаи интегралии сифат», муайян кардани таносуби таъсири судманди аз хизмат ба даст овардашуда ба арзиши гирифтани ин хизматҳоро дар бар мегирад, яъне, дар ин ҷо ба сифати як меъёри муҳими арзёбии сифат самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки баҳодиҳии самараи иқтисодии пешниҳоди хизматҳои давлатиро на танҳо аз хароҷоти харидор, балки аз қобилияти истифодаи дурусти «ҳалли бадастомада» дар фаъолияти худ вобаста аст.

Баъзе таҳиқотҳо дар соҳаи сифати хизматрасонӣ инчунин нишон доданд, ки интизориҳо дар тамоми намудҳои хизматрасонӣ ба сифати даркшудаи хизматҳо таъсири зиёд надоранд, тавре ки таърифи сифати хизматрасонӣ пешниҳод мекунад. Ҳангоми истеъмоли доимии хизматҳои муайян интизориҳо дар бораи сифати онҳо ба дарки он баробар мешаванд. Баъзе таҳқиқотчиён инчунин муайян карданд, ки маҳсулнокӣ сифати хизматро беҳтар мефаҳмонад.

Муносибати умумӣ ба арзёбии самаранокии сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси арзёбии меъёрҳои самаранокии ба нақша гирифташудаи барномаи давлатӣ муқарар карда мешавад, ки он ба меъёрҳои самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад[19 с.65]. Методологияи арзёбии самаранокии барномаи давлатӣ зарурати гузаронидани баҳодиҳиро аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо тақозо менамояд:

1) сатҳи ноил гардидан ба мақсадҳо ва вазифаҳои барномаҳоҳои соҳавӣ ва давлатӣ;

2) дараҷаи мувофиқати сатҳи пешбинишудаи хароҷот ва самаранокии истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ;

3) сатҳу сифати иҷрои чорабиниҳо.

Ҳамин тариқ, ҳангоми арзёбии самаранокии барномаҳои давлатӣ равиши мақсаднокӣ ҳамчун равиши асосии ченкунии самаранокӣ қабул шудааст, ки имкон медиҳад ҷузъи иҷтимоию иқтисодии он арзёбӣ карда шавад.

Ба сифати усули якум, барои муқоиса, методологияи таҳиякардаи А.Н. Лунев ва Н. Пугачёваро мавриди баррасӣ қарор медиҳем[15]. Мақсади методологияи мазкур муайян намудани самаранокии ин тадбирҳо ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҷмӯи хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ва шӯъбаҳои онҳо,

аз ҷумла дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд. Меъёрҳои асосии арзёбии сифат тибқи ин методология чунинанд:

1) сатҳи сифати хизматрасониҳои давлатӣ, ки аз рӯи маҳакҳои "сарибвақтӣ" ва "самаранокӣ"-и пешниҳоди онҳо, риояи стандартҳои муайяни хизматрасонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дархости муроҷиаткунандаро тавсиф мекунад («Q1»);

2) сатҳи дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, ки ҷанбаҳои "бароҳатӣ" ҳангоми муроҷиат ва дасраскунии хизматрасониҳо, соддагии истифодаи портали хизматрасониҳои давлатӣ, хусусияти мутақобила, ратсионалӣ ва шаффоф будани раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва самаранокии онро таҷассум мекунад («Q2»);

3) дараҷаи эътимоди истеъмолкунандагон ба мақомоти пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ («Q3»)[19 с.63].

Арзёбӣ бо истифода аз меъёрҳои дар боло зикршуда бо истифода аз нишондиҳандаи мураккаб дар шакли зерин гузаронида мешавад:

$Q = Q1 + Q2 + Q3$,

Натиҷа дар ниҳоят аз рӯи холҳо ҳисоб карда мешавад. Ҳамаи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои дар боло зикршуда дар ниҳоят ба арзиши умумӣ аз нав ҳисоб карда мешаванд ва бо истифода аз низоми баҳодиҳии бо ин методология муқарраршуда ба шакли коэффисиентҳое, ки сатҳи сифати раванди расонидани хизматрасониҳои давлатиро ҳамаҷониба ва алоҳида барои ҳар як нишондиҳанда ё меъёр нишон медиҳанд, гузаронида мешаванд.

Методологияи баррасишавандаро метавон ҳамчун нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ бо дарназардошти аксари нишондиҳандаҳои асосӣ тавсиф кард, ки имкон медиҳад дар айни замон на танҳо сифат ва самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ, балки дараҷаи пешгӯиҳои имконпазир дар асоси натиҷаҳое баҳо дода шаванд, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ заруранд.

Барои пешгӯии нишондиҳандаҳо усули баҳодиҳии экспертии унсурҳои таркибии ҳам сифат ва ҳам дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешавад. Баҳогузории коршиносӣ, ки дар натиҷаи арзёбӣ ба даст меоянд, арзиши ҳар як унсурро нишон медиҳанд, ки сатҳро барои меъёри муайян тавсиф мекунанд. Ин арзишҳо ба арзишҳои доимӣ дахл доранд, ки арзиши максималии аз ҷониби ҳар як унсури меъёри арзёбишавандаро миқдоран муайян мекунанд. Тағйирёбандаҳо бо коэффисиентҳои истифодаи унсурҳои меъёре, ки ба онҳо дохил карда шудаанд, ифода мешаванд. Ба ин коэфффитсенҳо дохил намудан мумкин аст: шумораи дархостҳо, ҳолатҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, теъдоди истеъмолкунандагон, намудҳои хидматрасонӣ, шикоятҳо, эътирозҳо).

Методологияи баррасишавандаро метавон ҳамчун усули ҳамаҷониба бо дарназардошти аксари нишондиҳандаҳои асосӣ тавсиф кард, ки имкон медиҳад на танҳо сифат ва самаранокии хизматрасонии давлатиро дар айни замон, балки дараҷаи пешгӯиҳои имконпазир дар асоси натиҷаҳое, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлати заруранд, арзёбӣ карда шавад.

Аз тарафи дигар, таҳиякардаи Лунев А.Н. ва Пугачёва Н.як қатор камбудиҳои ҷиддӣ дорад:

• набудани нишондиҳандаҳои самараноки молиявӣ (буҷетӣ);

• ин методология имкон намедиҳад, ки сифати хизматрасонӣ дар шакли электронӣ пурра баҳо дода шавад;

• набудани меъёрҳо бо назардошти хароҷоти пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳо.

Вобаста ба сабабҳои дар боло зикршуда модели баҳодиҳии хидматрасониҳои давлатиро баррасӣ менамоем. Ин имкон медиҳад мусоидгардонии автоматии вақти барои пешниҳоди хизматрасонӣ сарф шаванда, инчунин дар шакли электронӣ ба роҳ монда шавад. Методологияи мазкур аз ҷониби Алексеева Ю.А. коркард шудааст[5 с.20]. Барои татбиқи ин модел меъёрҳоеиистифода мешаванд, ки шартан ба ду намуд тақсим мешаванд: аз мавқеи истеъмолкунанда ва аз мавқеи давлат, ки аз ҷумла, портали электронии

хизматрасониҳои давлатиро дар назар дорад. Ҳамин тариқ, барои арзёбии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои алоҳидаи давлатӣ ба истеъмолкунандаи мушаххас меъёрҳои арзёбии экспертӣ ва объективӣ истифода карда мешаванд.

Ҳангоми гузаштан ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар шакли электронӣ вазифаи аввалиндараҷа кам кардани вақт барои қабул ва пешниҳоди хизматҳо барои ҳам муроҷиаткунанда ва ҳам пешниҳодкунанда мебошад. Натиҷаҳои бадастомада аз нуқтаи назари хароҷоти вақт бо он шарҳ дода мешаванд, ки гузариши пешниҳодшуда аз сабаби ба қадри кофӣ инкишоф наёфтани низоми ҳамкории электронии байниидоравӣ ва муомилоти электронӣ ҳуҷҷатгузорӣ пурра амалӣ карда намешавад. Ҳамин тавр, пешниҳод мешавад, ки ба методологияи мавҷуда нишондиҳандаҳои зерин илова карда шаванд:

1. Баҳодиҳии интегралии сифати хизматрасониҳои давлатӣ.
2. Миқдори холҳое, ки аз рӯи меъёри і-и арзёбӣ ҳисоб карда шудаанд.
3. Хароҷоти пешниҳоди воҳиди хизматрасонӣ аз ҷониби муассиса.
4. Самаранокии хароҷоти муассиса барои пешниҳоди ҳар як воҳид хизматрасонии давлатӣ.
5. Маблағи хароҷот барои музди меҳнати коргарони кироя.

Ворид намудани нишондиҳандаҳои дар боло зикргардида ба методология бо зарурати баҳодиҳии ҳамаҷониба шарҳ дода мешавад, ки он ҳангоми истифодаи низоми рейтингӣ бо холҳо ҳангоми ҳисоб кардани арзёбии интегралии сифати хизматрасонӣ имконпазир аст. Инчунин, равиши амиқтар ба арзёбӣ тавассути ҳисоб кардани арзиши пешниҳоди воҳиди хизматрасонӣ таъмин карда мешавад, зеро гузаштан ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар шакли электронӣ аз нав ҳисоб кардани маблағҳои пешбинишудаи буҷетро барои иҷрои супориши давлатӣ ҷудошударо тақозо мекунад. Пас аз ҳисоб кардани ин нишондиҳанда маълум мешавад, ки баҳодиҳии самаранокии хароҷоти муассиса барои пешниҳоди воҳиди хизматрасии давлатӣ то чи андоза зарур аст. Бартараф намудани мушкилоте, ки дар амалисозии таъминоти иттилоотию коммуникатсионии фаъолияти идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи мақомоти давлатӣ ба миён меояд, баланд бардоштани сифат ва самаранокии он яке аз меъёрҳои асосии рушди стратегии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҷмӯъ мегардад.

Пономарева Т.А. ва Супрягина М.С. мисли дигарон усули муқоисавиро истифода мебаранд ва чунин мешуморанд, ки арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатӣ муқоисаи дараҷаи мутобиқати амалияи мавҷудаи пешниҳоди хизматрасонии давлатиро бо нишондиҳандаҳои муайян дар бар мегирад. Масалан, нишондиҳандаҳои фазоӣ «сифати муҳити» хизматрасонӣ ё шароити пешниҳоди онро тавсиф мекунанд. Инҳо тарҳи берунӣ ва дохилии бино, инчунин тарҳи иттилоотӣ – мавҷуд будани аломатҳо, нишонаҳо ва ғайра мебошанд. Нишондиҳандаҳои иттилоотие, ки амнияти иттилоотии муштариёнро тавсиф мекунанд, имкон медиҳанд, ки сифати дастгирии иттилоотӣ арзёбӣ карда шавад [17].

Мутахассисони хориҷӣ ҳангоми арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ таваҷҷӯҳи махсусро ба хусусяти ба роҳ мондани ҳамкориҳои маркетингӣ байни пешкашкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасонӣ, ҳамчунин донишҳои маркетингии кормандни мақомоти давлатӣ зоҳир менамоянд[1 с.358]. Аз рӯи ин методологияи идоракунии муносибатҳои муштариён на танҳо барои ширкатҳои хусусӣ, балки дар пешбурди фаъолияти муассисаҳои давлатӣ низ нақши беназир дорад[3].

Ҳамин тавр, хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки методологияе, ки барои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатӣ аз рӯи консепсияи маркетинг асос ёфтааст, барои рушди устувори рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ бартариҳои муайян медиҳад[8, с. 153].

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои тадқиқот ба мо имкон медиҳанд, собит кунем, ки дар маҷмӯъ методологияи арзёбии сифат, ки ба консепсияи маркетинг мутобиқ карда шуда аст, ҳангоми банақшагирӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ, ҳам аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ва ҳам порталҳои электронии пешниҳоди чунин хизматрасониҳо ба таври васеъ

истифода карда шуданаш мумкин аст. Дараҷаи қаноатмандии шаҳрвандон ба сифати ин намуди хизматрасонӣ хеле баланд аст. Аммо бо вуҷуди ин, дар фаъолияти субъектҳои пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ махсусан дар самти пешбурди сиёсати иҷтимоӣ баъзе мушкилиҳо мавҷуд аст, ки асосан хусусияти ташкилӣ, идоракунӣ ва молиявӣ доранд. Ҳалли онҳо на танҳо сифати хизматрасониро беҳтар мекунад, балки ба арзёбии сифат ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон низ таъсири мусбат мерасонад [7, с. 52].

Равандҳои рақамикунонӣ зарурати ҷустуҷӯи усулҳои нави арзёбии сифатро тақозо мекунад, ки қодир аст раванди мураккаби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро аз нуқтаи назари робитаи ногусастанӣ бо ҷузъҳои он баррасӣ намояд.

Арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ тибқи меъёрҳои равандӣ ва самараноки дар ҷадвали 1 оварда шдааст:

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

| Меъёрҳо | Тавзеҳот |
|---|---|
| меъёрҳои равандӣ | – тартиби расонидани хизматрасониҳои электронии давлатӣ;<br>– шумораи хидматрасониҳои давлатӣ, ки тариқи электронӣ пешниҳод карда мешаванд;<br>– пайгирии рафти расонидани хизматрасониҳои электронии давлатӣ;<br>– гузаронидани онлайн пурсишҳо оид ба мукаммалгардонии хизматрасониҳои электронии давлатӣ;<br>– воситаи баҳодиҳии натиҷаҳои гирифтани хизматрасониҳои электронии давлатӣ;<br>– дараҷаи самаранокии и хизматрасониҳои давлатӣ;<br>– дараҷаи автоматикунонии хизматрасониҳои давлатӣ. |
| меъёрҳои самаранокӣ: | – риояи мӯҳлатҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ;<br>– дараҷаи қонеияти аҳолӣ ва корхонаҳо аз хариди хизматрасониҳои давлатии электронӣ;<br>– ҳиссаи истифодабарандагони хизматрасониҳои давлатии электронӣ;<br>– ҳиссаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ки дар портаи ҳукумати электронӣ ба қайд гирифта шудаанд;<br>– вазни қиёсии ҳамаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ. |

Сарчашма Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Зайнашева Г. ва Мешкова Н.Г. методологияи арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электрониро дар асоси меъёрҳои равандӣ ва самаранокӣ дар асоси муқарарар намудани холҳо ба ҳар як нишондиҳанда дар чунин шаклҳо пешниҳод менамояд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Методологияи арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электрониро дар асоси меъёрҳои равандӣ ва самаранокӣ**

| № | Нишондиҳанда | Вазни қиёсии Нишон-диҳанда% |
|---|---|---|
| | 1. Меъёрҳои равандӣ | 60 |
| 1.1 | Тартиби пешниҳоди хидматрасониҳои давлатии электронӣ | 5 |
| 1.2 | Ба феҳратсти ягона ворид намудани хидматрасониҳои нави давлатии электронӣ | 5 |
| 1.3 | Мониторинги рафти пешниҳоди хидматрасониҳои давлатии электронӣ | 5 |
| 1.4 | Гузаронидани пурсишҳои онлайнӣ ҷиҳати беҳтар намудани хидматрасониҳои давлатии электронӣ | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 1.5 | Мавҷудияти воситаи арзёбии натиҷаи хариди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷониби аҳолӣ ва корхонаҳо | 5 |
| 1.6 | Дараҷаи беҳинасозии хидматрасониҳои давлатӣ | 15 |
| 1.7 | Дараҷаи автоматикунонии хизмати давлатӣ | 15 |
| 1.8 | Дараҷаи камолоти хизмати давлатӣ | 8 |
| | 2. Меъёрҳои самаранокӣ | 40 |
| 2.1 | Риояи мӯҳлатҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ | 20 |
| 2.2 | Қаноатмандӣ аз гирифтани хизматрасониҳои давлатии электронӣ | 10 |
| 2.3 | Ҳиссаи дархостҳо барои хизматрасонии электронии давлатӣ | 6 |
| 2.4 | Ҳиссаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ки дар феҳристи ягона ба қайд гирифта шудаанд | 3 |
| 2.5 | Вазни қиёсии (мушаххасоти) ҳамаи хидматрасониҳои давлатии электронӣ байни мақомоти давлатӣ | 1 |
| | Ҳамагӣ | 100 |

Сарчашма: Методика оценки качества оказания электронных государственных услуг органов государственного и хозяйственного управления, органов государственной власти на местах и иных организаций. Электронны ресурс: https://buxgalter.uz/

Вобаста ба маълумотҳои ҷадвали 2 усули арзёбӣ формулаи зеринро касб менамояд.

$$К_{тас} = (\sum_{i}^{n} Y)$$

Ҳангоме, ки:

$К_{тас}$ – коэффисиенти мавҷудияти меъёрҳои тасдиқшудаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ;

n – шумораи тамоми хидматрасониҳои давлатии электронӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешаванд;

i –рақами тартибии хизматрасониҳо (аз 1 то n);

Y – вазни қиёсии нишондиҳанда.

Таҷриба нишон медиҳад, ки сифати хизматрасониҳоро аз мавқеъҳои зерин баррасӣ кардан мумкин аст:

1) ҳамчун дараҷаи қонеъ гардонидани интизориҳои истеъмолкунандагон;

2) ҳамчун дараҷаи мувофиқат ба талабот ва стандартҳои муқарраршуда;

3) аз нуқтаи назари мувофиқати хизматрасонӣ ба арзиши онҳо;

4) ҳамчун маҷмӯи умумии хусусиятҳои техникӣ, технологӣ ва истифодабарӣ, ки тавассути онҳо хизматрасонӣ талаботи истеъмолкунандаро қонеъ мегардонад.

Аз рӯи равиши ба мизоҷнигаронидашуда бо мақсади мушаххас намудани меъёрҳои сифат ва дастрасии хизматрасонии давлатӣ дар асоси принсипҳои таваҷҷӯҳи муштариён ва фароҳам овардани шароит барои пешниҳоди муштараки хизматрасониҳои давлатӣ низоми эҳтиёҷоти муштариён вобаста ба сифат ва дастрасии хизматрасониҳои гирифташуда, аз ҷумла гурӯҳҳои ниёзҳои иттилоотӣ, функсионалӣ ва эмотсионалӣ баҳо дода мешавад [11]. Дар ин ҳолат, дар зери мафҳуми сифати хизматрасониҳои давалтӣ арзёбии шароите фаҳмида шавад, ки дар он дар доираи он хизматрасонӣ пешниҳод карда мешавад ва захираҳои муайян аз тарафи истеъмолкунанда барои барои азхудкунии он сарф карда мешавад. Ҳамин тариқ, меъёрҳои сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд андозагирӣ карда шаванд.

**Ҷадвали 3. Низомбандии талаботи мизоҷ нисбати сифат дастрасии хизматрасониҳои давлатии электоронӣ.**

| Шаклҳои талабот | Нишондиҳандаҳои талабот | Сифати нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| Талаботи иттилоотӣ | Махфият | Бехатар, боэътимод |
| | Алоқаи мутақобила | Алоқа бо муштарӣ, ҳалли масъала, ҳалли эътироз |
| | Таркиби иттилоот | Пурра, саҳеҳ, даркшаванда |
| Талаботи эмотсионалӣ | Қонеъияти мизоҷ, | Дуруст, саҳеҳ |
| Талаботи функсионал и | Ҷой | Мавқеи муассиса |
| | Вақт | Хусусияти идора |
| | Усули пешниҳод | Тариқи як равзана<br>Тариқи якчанд равзана<br>Имконияти хариби виртуалӣ. |

Сарчашма: Зайнашева. З. Г. Мешкова Н. Г., Современные критерии оценки качества и доступности предоставления государственных услуг /// Экономика качества №1 (9) 2015. Электронный журнал: –http://eq-journal.ru

Ҷорӣ намудани низоми арзёбии сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон усули муассири омӯзиши вазъи кунунии хизматрасонӣ ва таҳияи роҳҳои такмили минбаъдаи ин хизматрасониҳо бо дарназардошти талабот ва интизориҳои аҳолӣ ва корхонаҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҷанбаҳои методологии арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии он нишон медиҳад, ки дар аксари усулҳои мавҷудаи арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба мавҷудияти унсурҳои навоварӣ дар марҳилаи банақшагирии фаъолият дар ҷараёни пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва пас аз анҷоми хазматрасонӣ аҳамияти кам дода мешавад.

Яке аз методологияи наве, ки ҳангоми арзёбии сифати хизматрасониҳо истифода карда мешавад арзёбии сифати натиҷаи хизматрасонӣ бо дар назардошти шиддатнокии дониши ба шумор меравад. Ин усул аз тарафи Ҷумъаев Б.М. ҳангоми арзёбии сифати бизнес-хизматрасониҳо таҳия гардидааст, ки онро ҳангоми арзёбии сифтати хизматрасониҳои давлатии электронӣ низ истифода намудан мумкин аст. Дар ин методология мавҷудияти унсурҳои навоварӣ дар ҷузъҳои хизматрасониҳои тиҷоратӣ аз ҷониби корхонаҳои ин соҳа барои эҷоди бартарии рақобат ба таври васеъ истифода мешавад[10, с. 117].

Дар асоси ин, ҳангоми баҳо додан ба сифати хизматрасониҳо ҳиссаи навоварӣ дар хароҷоти умумии корхона дар ҳамаи марҳалаҳои хизматрасонӣ афзалияти махсус дода мешавад (формули 1, 2):

$$QBS = \frac{\alpha \sum_{i=1}^{n} X_i + \beta \sum_{j=1}^{m} X_j + \gamma \sum_{k=0}^{o} X_k^P}{nmo}, (1)$$

ё

$$QBS = \frac{\alpha \sum_{i=1}^{n} X_i + \beta \sum_{j=1}^{m} X_j}{nm} + \frac{\gamma \sum_{k=0}^{o} X_k + \delta \sum_{l=0}^{p} X_l^R}{op}, (2)$$

Ҳангоме, ки

QBS- сифати бизнес-хидматрасониҳо;

α, β, γ, δ – саҳми инноватсия дар унсурҳои дахлдори сифати хизматрасониҳо;

$X_i$ – вазни миёнаи i хусусиятҳои функсионалӣ ва ғайрифунксионалии сифати эҳтимолии хидматрасониҳо;

$X_j$- вазни миёнаи j-хусусиятҳои функсионалӣ ва ғайрифунксионалии сифати раванди пешниҳоди хизматрасониҳо;

$X_k$- вазни миёнаи к-хусусиятҳои функсионалӣ ва ғайрифунксионалии сифати натиҷаи хизматрасониҳо;

$X_l$- вазни миёнаи l-хусусиятҳои функсионалӣ ва ғайрифунксионалии сифати муносибатҳо дар ҳама марҳилаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо;

R- бахши афзалиятнок[10, с. 120].

Да андешаи мо чунин методологияро ҳангоми арзёбиии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ низ пурра истифода намудан мумкин аст. Танҳо барои ба даст овардани саҳеҳияти нишондиҳандаҳо зарур мешуморем нишондиҳандаҳои α, β, γ, δ – саҳми инноватсия дар унсурҳои дахлдори сифати хидматрасониҳо ба саҳми технологияи рақами иттилоотӣ табдил диҳем.

Ҳамин тавр, модификатсияи методологияи пешниҳоднамудаи Ҷумъаев Б.М. ба мо имкон медиҳад, сифати хидматрасониҳоҳои давлатиро бо назардошти мавҷудияти элементҳои технологияҳои рақамӣ дар марҳилаи пешниҳоди хизматрасониҳо баҳо дода шавад. Азбаски муносибатҳои истеъмолкунандагон бо пешкашкунандагони хизматрасониҳои давлатӣ, пайдарпайии иҷрои амалиётҳои электрониро тақозо менамояд ва дастрасии ҳарду тарафро ба технологияи рақамӣ зарур медонад, хусусияти автоматишудаи раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро таҷассум менамояд. Тибқи методологияи мазкур, вобаста ба намудҳои хизматрасониҳои давлатӣ нишондиҳандаҳое, ки истифодаи технологияи рақамиро дар ҷузъҳои умумии хизматрасониҳои давлатӣ муайян мекунанд, дар марҳилаҳои гуногуни пешниҳоди хизматрасониҳо вобаста ба талаботи гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагони ин хидматҳо ба тарзи инфиродӣ таъсис дода мешаванд.

Ҳамин тавр натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани хизматрасониҳои давлати тариқи технологияҳои рақамӣ ба шаҳрвандон ва корхонаҳо имкон медиҳад, ки ба хизматрасониҳои давлатӣ бештар ва беҳтар дастрасӣ ёбанд ва ҳамзамон хароҷоти худро ба маротиб кам мекунад.

Таҳлили таъминоти методологии масъалаи баррасишаанда дар адабиёти иқтисодӣ нишон дод, ки сарфи назар аз аҳамияти ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сифат ва дастрасии онҳо, методологияи ягонаи баҳодиҳии маҷмӯии хизматрасониҳои электронии давлатӣ то ҳол таҳия нашудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ барои аҳолӣ ва корхонаҳо як раванди мураккаби бисёрҷанбаест, ки назорати оперативии он имкон медиҳад, дар навбати аввал баҳодиҳии пурра ва боэътимоди сифати натиҷаҳо ва самаранокӣ сари вақт гирифта шавад ва дуюм, истифода бурдани механизмҳои дахлдори идоракуниро, ки бо истифода аз ин баҳодиҳӣ ташаккул ёфтаанд ва имкон медиҳанд, низоми тадбирҳо барои ислоҳи пешрафти он амалӣ карда шаванд [14].

Пешниҳоди хизматрасониҳои давлати электронӣ барои аҳолӣ ва кохонаҳо ба равандҳои мақсаднок мансуб аст, ки таҳлили онҳо ба арзёбии натиҷаҳое, ки дар давраҳои мухталиф ба даст оварда шудаанд, асос ёфтаанд, аз ин рӯ ҳалли ин мушкилот таҳияи меъёрҳои мувофиқи сифат ва самаранокиро тақозо мекунад. Таҳлили таҳқиқотҳои ҷойдошта дар ин самт нишон медиҳад, ки арзёбии сифат ва самаранокии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бояд бо истифода аз нишондиҳандаҳои интегралӣ ва ҷузъӣ сурат гирад. Талабот ба таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии самаранокӣ ва сифати пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар он аст, ки рушди ҳукумати электронӣ ҷалби захираҳои назарраси сармоягузориро дар назар дорад, ки на танҳо азхуд кардан, балки аз маблағгузориашон натиҷаи даркорӣ ба даст овардан лозим аст. Таҳлили сифати хидматрасониҳои электронии давлатӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста анҷом дода мешавад, ки онро робитаҳои ҳақиқатан мавҷудаи байни воқеаҳои иқтисодие, ки онҳо тасвир мекунанд, тасдиқ мекунад [4, с. 573].

Омӯзиши ҳамаҷонибаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ барои аҳолӣ ба низом даровардани нишондиҳандаҳоро дар назар дорад, зеро маҷмӯияти онҳо, новобаста аз он ки он то чӣ андоза пурра бошад, бидуни ба назар гирифтани тобеият ва пайвастагии онҳо имкон намедиҳад, ки тасаввуроти воқеии самаранокӣ ва сифат ба даст оварда шавад. Маълумоти мушаххас оид ба тамоюлҳои гуногуни муносибатҳо ба

хизматрасониҳои давлатии электронӣ бояд дар як низоми ҳамаҷониба ба таври пайдарҳам пайваст карда шаванд. Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ ва сифати хизматрасонии давлатии электронӣ бояд на танҳо дар асоси низомсозии ҳисоботи омории мавҷуда, балки бо назардошти омӯзиши муфассали эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои хусусӣ ва аҳолӣ, ба мақсаду вазифаҳои тараққиёти маҷмӯии иҷтимоию иқтисодӣ таҳия карда шавад. Инчунин бояд низоми нишондиҳандаҳое, ки самаранокӣ ва сифати пешниҳоди хизматрасониҳои электронии давлатӣ, инчунин таркиби манбаъҳои ҷамъоварии маълумоти ибтидоиро тавсиф мекунанд, муайян карда шавад. Низоми мазкур бояд хусусиятҳои соҳаи фаъолияти таҳлилшавандаро ба назар гирад ва инъикос намояд.

Нишондиҳандаҳо бояд возеҳу оддӣ бошанд ва ба амалӣ намудани ҳисобҳо ва арзёбии боэътимод имкон диҳанд. Талаботи навбатии чунин низом зарурати таъмини муқоисаи пурра ва мувофиқати нишондиҳандаҳо барои шароитҳои гуногуни арзёбии онҳо мебошад.

Хулоса, ин низом бояд нисбат ба шароити гузаронидани арзёбӣ ва объектҳои тадқиқшаванда мустақил бошад. Низоми нишондиҳандаҳоро танҳо дар сурати якҷоя иҷро кардани ин ду талабот ба вуҷуд овардан мумкин аст, ки ба мутахассисон имкони ба даст овардани тавсифи миқдории хизматрасонии давлатии электрониро барои баҳодиҳии объективии он фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки онро дар миқёси давлатӣ истифода баранд. Ба низом даровардани равишҳои назариявӣ ва методологии мавҷуда дар ин самт имкон дод, ки модели нави мукаммали арзёбии самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо таҳия карда шавад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ оид ба масъалаҳои рушд ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ нишон медиҳад, ки аксари олимон дар бораи истилоҳот ва муқаррароти асосии лоиҳаҳои ҳукумати электронӣ фаҳмиши ягона ва мувофиқа надоранд.

**АДАБИЁТ**


1. Ballantyne D., Creating value-in-use through marketing interaction: The exchange logic of relating, communicating and knowing / D. Ballantyne, R. J. Varey // Marketing Theory. 2006. № 6 (3). P. 335-348. DOI: 10.1177/1470593106066795
2. Parasuraman A. A conceptual model of service quality and its implications for future research / A. Parasuraman, V.A. Zeithaml, L.L. Berry // Journal of Marketing, Vol. 49 № 4, – P. 41.
3. Silva da R. Boosting government reputation through CRM (2007) / R. Silva da, L. Batista // International Journal of Public Sector Management. 2007. № 20 (7). P. 588-607. DOI: 10.1108/09513550710823506
4. Абламейко, С.В. Развитие информационных технологий для отраслей народного хозяйства Республики Беларусь / С.В. Абламейко, В.В. Анищенко, С.В. Медведев, А.В. Тузиков // Первый съезд ученых Республики Беларусь: сб. материалов, Минск, 1–2 нояб. 2007 г. / редкол.: А.Н.Косинец и [др.]. – Мн.: Белорус. наука, 2007. – С. 571–577.
5. Алексеева Ю.А. Исследование эффективности и качества оказания государственных и муниципальных услуг (функций) в электронном виде: автореф. дис.… канд. техн. наук:05.13.10. – Астрахань: Изд-во «Астраханский государственный университет, 2011. – 20с.»
6. Белый Е.М. Основные подходы к оценке качества консалтинговых услуг / Е.М.Белый, Д.И.Романов // Современные проблемы науки и образования. - Пенза: Издательский Дом "Академия Естествознания", 2013. –№1. –С. 261.
7. Воронина Л. И. Оценка качества государственных услуг в сфере социальной политики: анализ проблем и пути их решения / Л. И. Воронина, А.И. Ахаимова // Стратегии развития социальных общностей, институтов и территорий: материалы V Международной научно-практической конференции, Екатеринбург, 22-23 апреля 2019 г.: в 2-х т. — Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2019. — Т. 1. — С. 51-55.

8. Воронина Л.И. Теоретические аспекты применения маркетингового подхода в публичном управлении / Л.И. Воронина // Вестник ЮУрГУ. Серия «Экономика и менеджмент». 2018. Т. 12. № 1. с. 153. DOI: 10.14529/em180118

9. Воронина Л.И., Ахаимова А.И. Оценка качества государственных услуг в сфере социальной политики: анализ проблем и пути их решения 2019 –С. 51-55

10. Джумъаев Б.М. Методологические аспекты оценки качества бизнес - услуг в условиях рынка /Б.М. Джумъаев // Аудит и финансовый анализ. – Москва: «ДСМ-ПРЕСС», 2020. - № 2. - С.116-123.

11. Зайнашева З.Г. Мешкова Н.Г., Современные критерии оценки качества и доступности предоставления государственных услуг /// Экономика качества №1 (9) 2015

12. Исследование состояния организации и развития информационного обеспечения в сфере оказания государственных услуг // Государственные и муниципальные услуги: организационно – правовой и финансово – экономический аспекты: коллективная монография / подред. Ребровой Н.П. – Омск: ФГОБУ ВПО «ГУМФ РФ», 2012. – С.316.

13. Козлов Ю. Алгоритм оценки качества государственной услуги // Государственная служба, 2015, №4 (96). -С.105-111

14. Марушко Д.А. К Вопросу о разработке критериев оценки качества предоставления государственных электронных услуг для бизнеса / Марушко Д.А., Абламейко М.С., Ващило А.А., // Тенденции экономического развития в XXI веке: мат. IV Меж... науч. - практ. конф. – Минск: БГУ, 2022. С.565-568

15. Об итогах ежегодного социологического исследования уровня удовлетворенности граждан качеством государственных и муниципальных услуг, предоставляемых органами государственной власти и местного самоуправления в 2017 году // Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Россиидекабрь 2017 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://ar.gov.ru/ru/gos_uslugi/index.html;

16. Панова А.Г. Совершенствование организации предоставления муниципальных услуг бюджетными учреждениями: дис…канд. эконом. наук: 08.00.05 / А. Г. Панова. Москва, 2012. 188 с.

17. Пономарева Т. А. Качество услуг: качественные параметры оценки / Т. А. Пономарева, М. С. Супрягина // Маркетинг в России и за рубежом. 2005. № 1 (45). С. 47-49 [Электронный ресурс]. Режим доступа: www.mavriz.ru / articles / 2005 / 1 / 3539.html (дата обращения: 07.03.2019).

18. Предводителева М.Д. Подходы к управлению качеством услуг: фокус на потребителе / М.Д.Предводителева, О.Н.Балаева // Менеджмент в России и за рубежом. – М.: 2005. – № 2. – С. 92. – С. 90–100.

19. Родионов М.Г. Методики оценки качества предоставления государственных и муниципальных услуг // Вестник Сибирского института бизнеса и информационных технологий № 1 (25) 2018. –с.63 –С.62-66.

**УДК 334**

**Ҳусейнова Ш.З., Саторова Ш.И.**

## СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ВА НАҚШИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОН

Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки соҳаи энергетика дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Инкишофи соҳаи саноат дар навбати аввал аз истеҳсоли нерӯи барқ вобастагии калон дорад. Ба истеҳсоли нерӯи барқи обӣ, ки мамлакати мо барои он имкониятҳои бузург дорад, аҳамияти

махсус дода мешавад. Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки рушди босуръати соҳаи энергетика таъмин карда шавад.

**Калидвожаҳо:** соҳаи энергетика, соҳибкорӣ, соҳибкории саноатӣ, нерӯи барқ, рушд, иқтисоди миллӣ, истиқлолияти энергетикӣ, саноат.

**Хусейнова Ш.З., Саторова Ш.И.**

## ПРОМЫШЛЕННОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И РОЛЬ ЭНЕРГЕТИКИ В ЕГО ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье отмечается, что энергетическая отрасль является одной из ключевых отраслей во всех странах мира, в том числе и в Республике Таджикистан. Развитие отрасли в первую очередь зависит от производства электроэнергии. Особое внимание уделяется производству гидроэнергетики, для которого наша страна имеет большой потенциал. Учитывая это, Правительство Республики Таджикистан постоянно пытается обеспечить опережающее развитие энергетической отрасли.

**Ключевые слова:** энергетика, предпринимательство, промышленное предпринимательство, электроэнергетика, развитие, национальная экономика, энергетическая независимость, промышленность.

**Khuseynova Sh.Z., Satorova Sh.I.**

## INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP AND THE ROLE OF ENERGY IN ITS ACTIVITY

This article notes that the energy industry is one of the key industries in all countries of the world, including in the Republic of Tajikistan. The development of the industry primarily depends on the production of electricity. Particular attention is paid to the production of hydropower, for which our country has great potential. Taking this into account, the Government of the Republic of Tajikistan is constantly trying to ensure rapid development of the energy industry.

**Key words:** energy, entrepreneurship, industrial entrepreneurship, electric power industry, development, national economy, energy independence, industry.

«Рушди иқтидори гидроэнергетикии кишварамон ба дараҷаи баландтарин бояд бардошта шавад, ки сатҳи зист ва некӯаҳволии ҳар яки мо аз он вобаста аст».
Эмомалӣ Раҳмон

Рушди соҳаи энергетика ба рушди иқтисоди миллӣ, хусусан, дар самти саноатикунонии мамлакат нақши муҳим дорад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини истиқлолияти энергетикии мамлакатро яке аз ҳадафҳои стратегии худ интихоб намудааст ва барои расидан ба он тамоми малакаву имкониятҳоро амалӣ карда истодааст.

Соҳаи энергетика дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои калидӣ ҳисоб мешавад. Пешрафти соҳаи саноат дар навбати аввал аз истеҳсоли нерӯи барқ вобастагии калон дорад [4].

Имрӯз гидроэнергетика манбаи асосии энергияи кишвар мебошад. Имкониятҳои асосии захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон ҷамъ шудаанд.

Дар даҳсолаҳои охир аз нерӯи обҳои гарми зеризаминӣ, нерӯи шамол ва офтоб низ нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 99%-и нерӯи барқ аз ҳисоби об гирифта мешавад, зеро ҷумҳурӣ аз шабакаи дарёҳо хеле бой буда, захираи гидроэнергетикии мамлакат 527млрд кВт/с ва техникӣ 317 миллиард кВт/с – ро ташкил медиҳад. Барои муқоиса масалан, дар охири соли 2022 дар мамлакат 21 миллиард кВт/соат

неруи барқ истеҳсол карда шуд, ки ин дар тамоми таърих аз замони соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ нишондоди рекордӣ буд. Ҳукумати мамлакат ният дорад, ки то соли 2030 истихроҷро ба 40,7-45 миллиард кВт/соат расонад, дар ҳоле ки нерӯгоҳҳои барқи обӣ бояд аз 37,6-41,6 миллиард кВт/соат (тақрибан 92,4%-и ҳаҷми умумии истеҳсол) тавлид намоянд.

Иқтидори системаи энергетикии мамлакати мо 5190 МВт-ро ташкил медиҳад ва аз ин ҳиссаи энергияи барқи обӣ 93,9% - и тамоми иқтидорҳои муайяншударо дар бар мегирад. Ҳиссаи шабакаҳои гармидиҳӣ 318 мгВт буда, ҳамагӣ 6.1% - ро ташкил медиҳад. Дар ин самт мамлакати мо дар байни собиқ давлатҳои Иттифоқи Шӯравӣ дар ҷои 2-юм пас аз Федератсияи Россия ва дар ҷаҳон ҷои 8-умро ишғол мекунад [2].

Дар энергосистемаи ҷумҳурӣ истеҳсоли миёнаи солонаи энергияи барқӣ 16,5 млрд. кВт/соат мебошад, ки асосан аз ҳисоби истгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад. Қобили қайд аст, ки беш аз 98% и энергияи барқӣ, ки дар мамлакати мо истеҳсол мешавад, аз ҳисоби НБО буда, аз ҷумла 97%-и он аз неругоҳҳои бузургу миёна ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар фасли зимистон мамлакат мутасифона дучори норасоии зиёди энергияи барқӣ (2.2-2.5 млрд. кВт/соат) мешавад ва маҷбур аст маҳдудияти додани баркро роҳандозӣ намояд, ки он махсусан ба аҳолии деҳот, ки беш аз 70% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамасола нобудшавии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат бо сабаби маҳдудияти энергияи барқӣ ба 30% баробар мегардад. Дар фасли тобистон баръакс, таъмини энергияи обии барқӣ бо шарофати он, ки дар ин фасли сол истеҳсоли барзиёди барқи обӣ ба миқдори 3-5 млрд. кВт/соат – ро ташкил медиҳад, ба маром бармегардад. Мутасифона, барзиёдии об боиси масрафи бефоидаи он мегардад, ки он мутаносибан ба нобудшавии миқдори зиёди энергияи барқи обӣ сабаб мегардад. Ногуфта намонад, ки дар ҷумҳурӣ вобаста ба шароити обу ҳавои сол зарари иқтисодӣ аз 90 то 225 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Мушкилоти дигар ин фарсудашавии инфрасохтори гидроэнергетикӣ ва шабакаҳои барқӣ мебошад. Аксари неругоҳҳои барқи обии дар мамлакат фаъолияткунанда дар замони шӯравӣ ба кор андохта шуда буданд ва имрӯз бозсозии онҳо бояд ба роҳ мондан шавад. Воридшавии нокифояи сармоягузорӣ ва маблағгузории нокофии лоиҳаҳо аз баланд бардоштани эътимоднокии системаи энергетикӣ да мамлакат бозмедорад. Яке аз сабабҳои асосӣ ин паст будани тарифҳои нерӯи барқ ва кам будани даромаднокии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетикӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи захираҳои обу энергетикии кишвар, гузаронидани тадқиқотҳои муфассали гидрогеологӣ бо мақсади баландбардории самаранокии нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар оянда ва таъмини амнияти онҳо барои аҳолии маҳаллӣ ва экосистемаро тақозо мекунад.

Проблемаҳои дар боло зикршударо аз бисёр ҷиҳат бо роҳи мустаҳкам намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалб намудани сармояи иловагӣ ба саноат ҳал кардан мумкин аст.

Тоҷикистон ба рушд ва таҳкими соҳаи гидроэнергетика аҳамияти зарурӣ зоҳир мекунад. Аз ҷониби ҳукумату давлат дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (“Стратегияи 2030”) на танҳо навсозии техникии иншооти инфрасохтори гидроэнергетикӣ, балки хубтар намудани фазои соҳибкорӣ низ пешбинӣ шудааст, дар ин радиф ба роҳ мондани ислоҳоте, ки ба такмили механизми бозор, фароҳам овардани муҳити рақобати комил, афзоиши фоидаи корхонаҳои сӯзишворию энергетикӣ дар назар аст.

Давлат бо мақсади ҷалби сармоягузорон ба ин соҳаи ҳаётан муҳим сармоягузоронро аз андоз аз даромад озод мекунад (дар давраҳои гуногун вобаста ба ҳаҷми маблағҳои сармоягузорӣ), имтиёзҳои гумрукӣ дода, ба онҳо мақоми махсуси ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд ва ҳифзи сармоягузориро кафолат медиҳад.

Муҳимтарин тарҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар дарёи Вахш аст. Шаш гидроагрегат бо иқтидори умумии 3600 МВт ба назар гирифта шудааст, ки истеҳсоли миёнаи солона онҳо 13,8 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад.

Дар мамлакат имрӯз 11 НБО-и бузургу миёна ва тақрибан ҳудуди 300 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 131 МВт фаъолият мекунанд. Инчунин, дар соли 2009 барномаи нав доир ба роҳандозии сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд қабул шуда буд. Дар пояи ин барнома сохтмони 189 НБО-ҳои хурд бо иқтидори 103,6 МВт ба назар гирифта шуданд ва дар тӯли солҳои 2010-2011 беш аз 60 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 47 МВт бунёд гардиданд, хушбахтона ин анъана то имрӯз идома дорад.

Тибқи баҳодиҳиҳои пешакии коршиносон дар маҷрои дарёҳо дар қисматҳои кӯҳии мамлакат, ки аз лиҳози техникӣ имконпазир ва аз лиҳози иқтисодӣ мувофиқ мебошанд, беш аз 900 неругоҳҳои обии барқии хурд бо иқтидори аз 100 то 3000 киловатт бунёд шудаанд. Ба ақидаи коршиносон, истифодабарии энергияи дарёҳои хурд метавонад 500-600 ҳазор инсонро бо энергияи обии барқӣ таъмин намоянд. Имрӯз дар мамлакати мо 98% - и нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол шуда, аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистон шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад. Ногуфта намонад, ки дар ин самт, ҳоло дар ҷумҳурӣ лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ роҳандозӣ шуда истодаанд ва дар назар аст, ки дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт зиёд мегардад.

Ҳукумати мамлакат захираҳои гидроэнергетикиро сарвати миллӣ ҳисобида, бинобар ин, рушди соҳаҳои энергетикаи обиро яке аз самтҳои муҳими фаъолияти худ муқарар намудааст ва таъмиру навсозӣ ва сохтмони иншооти энергетикиро дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ давом дода истодааст.

Маълум аст, ки соҳаи энергетика асоси хоҷагии халқи ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода, қадами нахустин дар азхудкунии захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ пеш аз ҳама сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқии Варзоб – 1 дониста мешавад, ки сохтмони он соли 1931 оғоз шуда, моҳи декабри соли 1936 ба анҷом расид, ки иқтидораш 7,15 мВт/с ташкил медаҳад. Соли ба кор даромадани НБО-и Варзоб - 1 ҳамчун соли тавлиди энергетикаи мамлакат қайд мегардад. Баъдан сохтмону ба истифода додани нерӯгоҳҳои обии барқӣ босуръат роҳандозӣ шудаанд. Минбаъд соли 1949 нерӯгоҳи обии барқии Варзоб - 2 бо иқтидори 14,76 мВт, соли 1958 нерӯгоҳи Варзоб - 3 бо иқтидори 3,52 мВт ва соли 1956 НБО-и Қайроққум бо иқтидори 126 мВт ба истифода дода шуданд [2].

Тақрибан 54% - и захираҳои эҳтимолии обии Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ҷойгир аст. тибқи ақидаи коршиносон дар ҳолати ба қадри кофӣ ба кор андохтани потенсиали техникӣ ва амалӣ намудани нақшаҳои нав кардани хатҳои электрикӣ, ҷумҳурӣ содироти қувваи электрикиро ба мамлакатҳои ҳамсоя, ҳамчунин ба давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ метавонад хеле афзоиш диҳад.

Барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои таҳкими амнияти энергетикии кишвари худ ва афзоиши даромад аз ҳисоби фурӯши нерӯи барқ хеле самарабахш мебошанд. Дар ин радиф, минбаъд низ дастгирии соҳаи гидроэнергетика, ҷалби сармоя, ҷалби шарикони хориҷӣ ва таҷрибаи технологӣ муҳимтарин вазифаи роҳбарияти давлат мебошад.

Мамлакат ҳар қадар бештар энергия истеҳсолу истеъмол намояд, ҳамон қадар зиёдтар маҳсулоти гуногун истеҳсол мекунад ва дараҷаи рушди иқтисодии он низ бештару хубтар хоҳад гашт. Ҷойгиршавии хоҷагӣ ба рушди энергетика вобаста аст. Дар наздикии манбаъҳои бузурги энергия ноҳияҳои калони саноатӣ бунёд мешаванд. Прогресси илмӣ – техникӣ имконият медиҳад, ки энергияи электрикӣ, яъне нерӯи барқ ба воситаи симҳои электрикӣ ба масофаҳои дур интиқол дода шавад. Ин ба оқилона ҷойгир намудани истеҳсолот ва ба рушди он дар ноҳияҳо мусоидат мекунад [1].

Соҳаи саноат дар сохтори истеъмолӣ ҷои якумро ишғол карда, истеъмолкунандаи қариб нисфи маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи энергетика мебошад.

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, саноати энергетикӣ маҳаки асосии соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Зеро қувваи барқ барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ омили асосӣ мебошад.

Имрӯз ҳалкунандатарин омили рушди навои кӯҳистони тоҷик мавҷудияти захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад. Ин захираҳои беинтиҳо на танҳо дар рудҳои пуртуғён, балки дар шохобҳои калону хурди онҳо нуҳуфтаанд. Аз ҳар дараҳои ин мавзеъ дарёҳои хурду миёна ҷorианд, ки онҳо на танҳо дар фаровонии обҳояшон, инчунин боз дар сарозер шуданашон бо шиддати баланд аз фаррози кӯҳҳо ифода меёбанд. Дар мавриди баҳрабардорӣ аз нерӯи ниҳонии ин обҳо сохтмони сарбандҳо на ҳамеша зарурият доранд, балки дар бисёр ҷойҳо бо лӯлакашӣ ин обҳоро аз масофаҳои муайян ба чархи мошини тавлиди барқ равона кардан кофист, ки соли дароз нерӯи барқ тавлид гардад. [3]
Дар мавзеъҳои кӯҳистон гидроэнергетикаи хурд асоси рушди саноат ва беҳрӯзии мардум ва ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад. Таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ истифодаи ҳезуми дарахтонро барои сӯзишворӣ хеле коҳиш медиҳад ва дар навбати худ олами растаниёти кишвар, аз ҷумла дарахтону буттаҳоро эмин нигоҳ медорад. Агар ҳамаи захираҳои мавҷуда пурра ба кор андохта шавад, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бо қувваи барқу гармӣ таъмин мегарданд. Мо ҳамаи ин омилҳоро ба инобат гирифта, бо бовариии комил гуфта метавонем, ки солҳои наздик ба истиқлолияти энергетикӣ ноил хоҳем шуд. Дар ин самт садҳо нақшаҳо амалӣ шуда истодаанд. Ҳоло ҳадафи асосии расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ин ҳарчи бештар бунёди нерӯгоҳои хурду миёна дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Он якчанд ҷиҳатҳои хуби иқтисодии худро дорад:
• Барои бунёди нерӯгоҳҳои хурд ва миёна маблағҳои зиёд лозим нест;
• Агар дар худи маҳаллаҳо онҳо бунёд ёбанд, интиқоли барқ наздик ва камхарҷ мешавад;
• Бунёди ин нерӯгоҳҳо аз ҷиҳати экологӣ тозаанд ва ҳавои атроф ҳеҷ зарар намебинад;
• Онҳо метавонанд ба шабакаи ягонаи ҷумҳурӣ пайваст нашуда, фаъолият намоянд;
• Дарёҳои хурду калон, наҳрҳои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди НБО-и хурд ва миёна хеле қулай мебошад.

Ба истеҳсоли нерӯи барқи обӣ, ки мамлакати мо барои он имкониятҳои хеле бузург дорад, аҳамияти хоса зоҳир мегардад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумат доимо барои таъмини рушди босуръати соҳаи энергетика кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аз ҷумла, танҳо дар тӯли ҳафт соли охир, барои бунёди иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ, таҷдиду барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда ва дар умум рушди соҳаи электроэнергетикаи дар ҷумҳурӣ 13 лоиҳаҳои сармоягузорӣ татбиқ гардиданд, ки маблағи умумии онҳо зиёда аз 12 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Дар ин самт айни замон, татбиқи 10 лоиҳа бо арзиши умумии 6 млрд. сомонӣ идома дорад [5].

Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, мамлакат дорои захираҳои бузурги оби ошомиданӣ мебошад. Захираҳои об дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим ва ҳалкунанда доранд.

Захираҳои об манбаи асосии истеҳсоли нерӯи барқ ҳисоб шуда, 95 дарсади нерӯи барқ дар кишвар дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад. Зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Миёна дар ҳудуди ҷумҳурӣ ташкил карда шудааст.

Дар ҷумҳурӣ тақрибан 947 дарё мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо 28 ҳазору 500 километрро ташкил медиҳад. Амударьё ва Сирдарьё калонтарин ва асоситарини дарёҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳавзаи Амударё аз омезиши обҳои дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Сурхоб ба вуҷуд омадааст. Дар тамоми дарёҳои кишвар зиёда аз 350 неругоҳи барқи обӣ мавҷуд аст, ки ин нишондиҳандаи мавҷудияти иқтидори ғании манобеъи барқароршавандаи энергия дар Тоҷикистон мебошад. Вобаста аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи СММ оид ба «Энергияи устувор барои ҳама» ҳамчун мамлакати озмоишӣ эътироф гардидааст.

«Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқ ба таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии на танҳо мардуми Тоҷикистон, балки тамоми минтақа мусоидат мекунад», - таъкид доштанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии

худ дар Форуми сатҳи баланди кишварҳои рӯ ба хушксолӣ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар моҳи сентябри соли 2015 [2].

Дар 32 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика амалӣ шуда, 2 миллиарду 400 миллион доллари амрикоӣ ҷалб гардидааст, ки дар ин самт натиҷаҳои мусбат ба даст оварда шуда, корҳо дар ин раванд идома доранд. Муваффақиятҳои назарраси минтақа дар ин самт ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолии нерӯи барқ, аз ҷумла, неругоҳи барқи обии Сангтӯда 1 (670 МВт), Сангтӯда-2 (220 МВт), Нерӯгоҳи барқи обии Душанбе-2 (400 МВт) ва станцияҳои хурди электрикии обӣ бо иқтидори 1320 МВт, сохтмони станцияхои электрикии 500 кВ «Душанбе-500», «Суғд-500», «Аппарати гази изолятсионии 500 кВ дар станцияи электрикии обии Норак», хати интиқоли барқи 500 кВ. «Ҷануб-Шимол», ду хати интиқоли барқи 500 кВ аз НБО-и Роғун ба зеристгоҳи Душанбе -500, зеристгоҳҳои барқии 220 кВ «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», « Геран-2», «Аппарати 220 кВ пушидаи газизоляционӣ дар ГЭС-и Норак» ва нерӯгоҳи барқи обии «Қайроқум», хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор — Хатлон», «Тоҷикистон — Афғонистон», «Хуҷанд — Айнӣ», «Қайроққум-Ашт», «Геран-Румӣ», «Қайроққум-Суғд» ва «Айнй — Рудакӣ» ба ҳисоб мераванд.

Тибқи пешгӯии Стратегияи миллии рушд, Тоҷикистон мақсад дорад то соли 2030 иқтидори энергетикии мамлакатро ба 10 ҳазор мегаватт расонад. Ин тадбирҳо на танҳо ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба беҳбуди таъмини нерӯи барқи минтақа низ аз аҳмият холи нест.

Дар баробари он, ки дарёҳои мамлакат асоси иқтидори гидроэнергетикии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ва ногуфта намонад, ки яке аз хусусиятҳои хоси онҳо дар он аст, ки обҳои ҳамаи дарёҳо тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун оби ошомиданӣ эътироф гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои Ҳаёт”, 2013 “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” ва ниҳоят солҳои 2018-2028 – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” қабул гардид.

Ҳадафҳои асосии давлату ҳукумат дар соҳаи энергетика аз инҳо таркиб ёфтааст:

1. Таъмини саривақтиву босифати маҳсулоти энергетикӣ тибқи эҳтиёҷоти кишвар ба захираҳои энергетикӣ ва дар ин радиф кафолати амнияти энергетикии мамлакат;
2. Ба минимум расонидани таъсири зараровари фаъолияти соҳаи энергетика ва таъмин намудани ҳифзи муҳити зист ва аҳолӣ;
3. Муҳайё намудани шароити зарурӣ барои пай дар пай гузаштани соҳаи энергетика ба муносибатҳои бозоргонӣ, ҷалби самараноки сармоягузории ватаниву хориҷӣ ба ин соҳа;
4. Ба роҳ мондани технологияҳои пешқадам, ҷорӣ намудани сарфаҷӯии энергия ва дар пояиасоси он афзоиш додани самаранокии фаъолияти соҳаи энергетика, ҷустуҷӯ ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам намудани хароҷоти захираҳои энергетикӣ дар истеҳсоли маҳсулоти умумии миллӣ.

Дар баробари бунёди манбаъҳои ҷадиди энергетикӣ, дар Стратегияи рушди соҳаи энергетикаи мамлакат ба сарфаҷӯии нерӯи барқ низ аҳамияти махсус дода шудааст. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул гардида, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба сарфакорона истифода бурдани энергия» ба имзо расидаст. Бо мақсади татбиқи талаботи қонуни дар боло зикр гардида «Барномаи стандартизатсия дар соҳаи сарфаи энергия ва самаранокии энергия барои солҳои 2010-2012» низ қабул гардида буд. Ногуфта намонад, инчунин, дар асоси дастуру стандартҳои Иттиҳоди Аврупо, Русия, Украина ва Қазоқистон 8 стандарт дар соҳаи сарфаи энергия ва манбаъҳои барқароршавандаи энергияи барқ таҳия карда шуданд.

Дар соҳаи энергетика усулҳои танзими давлатӣ аз қабили таъмини ҳуқуқӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозситонӣ, қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, таъмини сиёсати сармоягузорӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва назорати иҷроиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ истифода мешаванд.

Дар соҳаи энергетика дастгирии давлатӣ дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:
- мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ;
- мусоидат ба тарҳрезӣ ва истифодаи технологияҳои муосир;
- маблағгузории барномаҳои мақсадноки давлатӣ;
- мусоидат ба таъмини фаъолияти иттилоотӣ;
- мусоидат барои ташкил ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию технологӣ;
- самтҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Энергетика яке аз неруҳои пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва татбиқи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 буда, дар коҳиш додани тағирёбии иқлим нақши бузург дорад. Эътироф кардани нақше, ки энергетика дар ҷомеаи муосир мебозад, муҳим аст, аммо байни ҳадафҳои мувофиқашудаи энергетикӣ ва иқлим ва равишҳое, ки ҳоло барои ноил шудан ба онҳо андешида мешаванд, тафовути ҷиддӣ вуҷуд дорад. Танҳо ҳамкории байналмилалӣ ва навоварӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои зудтар ва самараноктар таҳия карда шаванд. Барои пур кардани камбудиҳои мавҷуда барои ноил шудан ба Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 бояд сиёсати дуруст таҳия карда шаванд.

Агар камбудиҳои мавҷуда ба таври фаврӣ бартараф карда нашаванд, барои пешгирии оқибатҳои шадид ва эҳтимолан ҷубронннопазири иҷтимоӣ, ки бо талошҳои кишварҳо барои мубориза бо тағйирёбии иқлим алоқаманданд, чораҳои шадидтар ва гаронарзиш лозим хоҳанд шуд.

Ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ омили муҳими ноил шудан ба энергияи устувор мебошад. Роҳандозии устувории энергетикӣ як мушкилоти мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Хулоса, энергияи дастрас, устувор ва боэътимод унсури муҳими рушди устувор мебошад. Вай дар гузаштан ба ҷамъияти рушдёфта нақши калидӣ дорад. Соҳаи энергетика барои некӯаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз байн бурдани камбизоатӣ, тарзи ҳаёти солим ва беҳтар шудани сифати зиндагӣ муҳим боқӣ мемонад. Роҳандозии системаи энергетикии оянда истифодаи устувори захираҳои табиӣ, шаклҳои инноватсионии истеҳсолот ва истеъмол ва индустриализатсияи устуворро, ки рушди минбаъдаи инфрасохтори нерӯи барқро дастгирӣ мекунад ва инчунин банақшагирии мувофиқ ва ҳамоҳангшудаи рушди тамоми системаро талаб мекунад.

Умуман, умед аст, ки ояндаи саноати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурахшон буда, он метавонад мамлакатамонро ба яке аз давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон табдил диҳад.

Сарвари давлат дар баромадҳояшон борҳо қайд кардаанд, ки рушди иқтисодиёти мамлакат бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳои халқ бо нерӯи барқ ғайриимкон аст.

Соҳаи энергетика яке аз заминаҳои муҳими рушди иқтисодии кишвар ҳисобида мешавад. Бинобар ин, барои истифодаи имкониятҳои дохиливу берунӣ барои рушди ин соҳаи муҳим, бояд кӯшиш кард.

**АДАБИЁТ:**

1. Бегентаев М.М. Экономика промышленности: учебное пособие для студентов экономических специальностей - Павлодар. Кереку, 2008-137 с.
2. Маълумотҳо аз матбуоти даврӣ.
3. Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия. Монография (бо забони русӣ): зери таҳрири академики АИ ҶТ Қаюмов Н.Қ. – Душанбе, 2017с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 22 декабри соли 2016

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 23 декабри соли 2022

**УДК 336.2**

**Шамсов И.С.**

## АҲАМИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Истифодаи технологияҳои иттилотӣ барои мақомоти андоз ва истеъмолкунандагон манфиатҳои зиёдро ба вуҷуд меорад. Инқилоби рақамӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ворид мешавад. Фаъолияти мақомоти андоз аз ин дур нест, зеро табдил ёфтани шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз ҳамчун мақомоти маркази хизматрасон барои қонеъ гардонидани манфиатҳои андозсупорандагон нигаронида мешавад. Дар робита ба ин масъала, барои мақомоти андоз зарур аст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар кишвар васеъ намуда, расмиёти ташкили идоракунии андозро содда намояд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ омили асосии ислоҳоти низоми андоз дар кишвари мо гардида истодааст. Пешниҳоди хизматрасониҳо тавассути барномаҳои инноватсионӣ ва воситаҳои техникӣ дигаргуниҳои куллии робитаҳои мавҷудбудаи объектҳо ва субъектҳои андозбандиро таъмин намуда, дар ниҳояти кор боиси хеле баланд шудани самаранокии маъмурикунонии андоз мегардад. Дар мақола муайян гардидааст, ки мақомоти андоз дар айни замон яке аз таъминкунандагони асосии коркард, таҳлил ва интиқоли маълумотҳо мебошад, ки тавассути хизматрасониҳои давлатӣ байни шуъбаҳо дар вебсайти Кумитаи андоз шумораи зиёди хизматрасониҳои интерактивӣ пешниҳод мегарданд, ки ба андозсупорандагон имконят медиҳанд, ки онҳо дар соҳаи андозбандӣ маълумоти зарурии замонавиро ба даст оранд, ба маъмурикунонии андоз таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, хизматрасониҳои электронӣ, технологияҳои рақамӣ, сиёсати андоз, низоми андоз, шабакаи ягонаи иттилоотӣ, маъмурикунонии андоз, назорати андоз.

**Шамсов И.С.**

## ЗНАЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НАЛОГОВЫХ ОРГАНОВ

Использование информационных технологий создает множество преимуществ для налоговых органов и потребителей. Цифровая революция входит во все сферы нашей жизни. Деятельность налоговых органов недалеко от этого, поскольку прозрачность деятельности налоговых органов как центрального обслуживающего органа направлена на удовлетворение интересов налогоплательщиков. В связи с этим вопросом налоговым органам необходимо расширить использование информационных технологий в стране и упростить

процедуры организации налогового администрирования. Использование информационных технологий становится основным фактором реформирования налоговой системы в нашей стране. Оказание услуг посредством инновационных программ и технических инструментов обеспечивает радикальные изменения в существующих взаимоотношениях объектов и субъектов налогообложения, что в конечном итоге приводит к значительному повышению эффективности налогового администрирования. В статье определено, что налоговые органы в настоящее время являются одними из основных поставщиков обработки, анализа и передачи данных, посредством государственных сервисов между ведомствами, на сайте Налогового комитета предлагается большое количество интерактивных сервисов, которые позволяют налогоплательщикам чтобы быть в сфере получения необходимой актуальной информации по налогообложению, обратите внимание на налоговое администрирование.

**Ключевые слова:** информационные технологии, электронные услуги, цифровые технологии, налоговая политика, налоговая система, единая информационная сеть, налоговое администрирование, налоговый контроль.

**Shamsov I.S.**

**THE IMPORTANCE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE DEVELOPMENT OF THE ACTIVITIES OF TAX AUTHORITIES**

The use of information technology creates many benefits for tax authorities and consumers. The digital revolution is entering all areas of our lives. The activities of the tax authorities are not far from this, since the transparency of the activities of the tax authorities as a central service body is aimed at satisfying the interests of taxpayers. In connection with this issue, tax authorities need to expand the use of information technology in the country and simplify the procedures for organizing tax administration. The use of information technology is becoming the main factor in reforming the tax system in our country. The provision of services through innovative programs and technical tools ensures radical changes in the existing relationships between objects and subjects of taxation, which ultimately leads to a significant increase in the efficiency of tax administration. The article determines that tax authorities are currently one of the main providers of data processing, analysis and transmission, through government services between departments, the Tax Committee website offers a large number of interactive services that allow taxpayers to be in the field of obtaining the necessary up-to-date information on taxation, pay attention to tax administration.

**Key words:** information technologies, electronic services, digital technologies, tax policy, tax system, unified information network, tax administration, tax control.

Вазъи муосири рушди низоми муносибатҳои андозбандӣ дар шароити ниҳоят вазнин ва ҳассоси иқтисодиёти бозорӣ, ба тақвият гирифтани равандҳои ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ дар низоми андозбандӣ, ки яке аз фишангҳои асосии танзими равандҳои иқтисодию иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад, дар таъмини амнияти иқтисодӣ баҳисоб меравад.

Андоз, ҳамчун манбаи асосии даромади буҷети давлат баҳисоб меравад, бо ин мақсад мақомоти андоз ҷиҳати таъмини он тадбирҳои зарурииро амалӣ намояд. Андешидани чораҳои маъмурӣ бо мақсади риояи талаботҳои Кодекси андоз ва дигар сандадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар марҳалаҳои муайян бо қабули як қатор барномаҳо ва қарорҳои идоракунӣ заминаҳои рушди фаъолияти мақомоти

андозро таъмин намуда, дар ин замина маблағгузории хароҷотҳои буҷетӣ саривақт ҳалли худро пайдо хоҳанд кард. Такмили низоми андоз, паст кардани меъёри андоз ва муттаҳидсозии онҳо боиси ворид шудани сармоя, рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт гардида, роҳи инноватсионии рушди давлатро таъмин менамояд[3, с 18]. Ҳамеша мақомоти андоз бо мақсади татбиқи сиёсати андоз ба қонунгузории андоз такя намуда, шаклу усулҳои муосири ташкили раванди андозбандиро, ки шароитиҳои иқттисоди бозорӣ мутобиқ аст, чораҷӯи менамояд.

Ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои фаъолияти мақомоти андоз бояд омилҳои асосии рушди минтақаро дар шароити рақамикунонӣ ба инобат гирифт, зеро масъалаи рушди фаъолияти мақомотҳои андоз дар минтақаҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии дар ин самт равонагрдида аз ҷумла, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои соҳаи андоз дар пайдо намудани усулҳои муосири истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳон арзёбӣ мегардад. Ҳанӯз 30 апрели соли 2007 Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоднамуда, дар масъалаи зарур шуморидани андозбандии субъектҳои хоҷагидорӣ, бахусус дар соҳаи савдо ва дигар намудҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки бо усули патентӣ ё дигар низоми соддакардашуда андозбандӣ мешаванд, баррасӣ гардида, дар ҳолати зарурӣ ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешниҳодоти мушаххас манзур карда шаванд.Инчунин ҷиҳати ташкили шабакаи ягонаи иттилоотӣ ва таъмини мубодилаи маълумоти электронӣ дар мақомоти гумрук, андоз ва молияи кишвар чораҳои зарурӣ андешида шаванд[9].

Солҳои зиёд аст, ки мақомоти андоз ҷиҳати амалинамоии вазифаҳои асосии стратегӣ, аз ҷумла муваффақ гардидан ба хизматрасонии системаҳои иттилоотии андоз, ки он ҳамчун вазифаи асоси барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, тартиби ҷамъоварии маблағи андоз ва инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дигари мақомотҳои андоз мебошад, кӯшиш намуда истодааст. Бо мақсади риояи яке аз талаботҳои моддаи 168 Кодекси андоз, муносиб гардонидани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ барои андозсупорандагон мунтазам намудҳои муосири хизматрасониҳои электрониро ҷорӣ намояд[5, с 148]. Бо вуҷуди ин, рушди технологияҳои рақамӣ ва афзудани талабот оид ба мубодилаи иттилоот байни мақомоти андоз, дигар мақомотҳо ва андозсупорандагон зарурати таҳияи модулҳои зиёди хизматрасониҳои иттилоотиро ба вуҷуд овардааст, ки тавассути истифодаи технологияҳои нав, таҳияи баномаҳои махсус хизматрасониҳои электрониро ба роҳ мондан мебошад. Ҳамчунин, дар вебсайти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои гуногуни хизматрасонӣ барои пешниҳоди маълумот бо модулҳои нави дар асоси барномаҳои махсус амалкунанда ҷойгир гардидаанд, номгӯи онҳо ба 80 адад расидааст, ки вазифаи онҳо таъмини ҳуҷҷатҳои байни идоравӣ бо андозсупорандагон мебошад.

Дар баробари ин, талаботи асосӣ дар СИАЯ мебошад, ки маълумотро аз феҳристҳои давлатӣ истифода мебарад. (Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ, Феҳристи ягонаи давлатӣ андозсупорандагон). Бақйдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ инҳоро пешниҳод менамояд:

- бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ҳамчунин соҳибкорони инфиродӣ;
- иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият;
- таъминоти иҷтимоӣ ва молу мулки шахсӣ;

- назорати бақайдгирӣ ва истифодаи таҷҳизоти хазинавӣ;
- тартиби риояи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ;
- додани ҳама гуна шаҳодатномаҳо ба андозсупорандагон.

Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ зарурияти объективӣ пайдо намуда, ҷиҳати мусоидат намудан ба сифат ва самаранокии идоракунии мақомоти андоз бо мақсади устувории таъмини афзоиши воридотҳои андоз дар низоми буҷет ва беҳтар гардидани раванди хизматрасониҳо ба андозсупорандагон мебошад. Ҳадафи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии андоз дар шакли электронӣ фароҳам овардани шароитест, ки расмиёти андоз, шакл ва усулҳои маъмурикунии андозро содда гардонида, боиси зиёд шудани шумораи андозсупорандагоне, ки ӯҳдадориҳои худро оид ба пардохти андозҳо ба таври ихтиёран иҷро мекунанд [4, с 141].

Мавҷудияти хизматрасониҳои электронӣ аз он иборат аст, ки маълумотҳои заруриро дар ҳар лаҳза вобаста ба вақти кории нозироти андоз, суроғаи онҳо, дар бораи усулҳо ва имкони қабули таъинот, дар бораи ҳисоб кардани пардохтҳои андоз, дар бораи амалиётҳои ғайриқонунӣ, инчунин бо реестрҳо ба қайд гирифтани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродиро мубодила менамояд. Рақамикунонӣ дар шароти имрӯза яке аз масъалаҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳо ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мавриди амал қарор доранд[8, с 192]. Дар мавзӯъ бештар ҳолати имрузаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва рушди рақамикунонӣ дар мақомоти андоз муайян гардидааст.

Дар заминаи татбиқи амалии «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018 – 2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз қабул гардидааст [1].

Вобаста ба қабул ва амалӣ гардидани консепсияҳо, баномаҳо ва қарорҳои дахлдор дар самти беҳтар намудани рақамикунонӣ ва хизматрасониҳои электронӣ, Кумитаи андоз ҳамчун мақомоти ваколатдори пешбурди сиёсати андоз тадбирҳои зарурирo бо мақсади таъмини иҷроиши воридотҳои андоз ба буҷети давлатӣ, коркарди маълумотҳо дар асоси истифодаи технологияи рақамӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мутобиқ ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон, самаранокии додугирифти маълумотҳо, аз ҷумла беасос халалдор сохтани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ба роҳ мондани пешниҳоди электронии эъломия ва ҳисоботи андоз, ҳамзамон дар асоси маълумоти барномаҳои ҳисоботиву назоратӣ анҷом додани корҳои таҳлилиро роҳандозӣ намудаанд.

Корҳои ташкили рақамикунонии муносибатҳои иқтисодӣ дар таъмини рушди низоми андозбандии миллӣ самти афзалиятнок арзёбӣ гардида, андешидани тадбирҳо оиди амалӣ намудани он танҳо аз ҷониби Кумитаи андози ва дигар мақомотҳои ваколатдори ҷамъоварии андозҳо вобастагӣ надошта, балки аз иштирокчиёни раванди муносибатҳои андозӣ, субъектҳои мақомоти андоз, андозсупорандагон бонкҳои хизматрасон низ алоқамандии зич дорад.

Бояд қайд намуд, ки расмиёти соддагардонӣ ҳоло дар назди Кумитаи андоз аз ҷониби шуъбаи иттилоот ва коркарди муроҷиатҳои электронии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фаъолият менамояд, ки ин шуъба тамоми масъалаҳои вобаста ба муроҷиатҳои дар шакли электронӣ ба даст овардашударо дар доираи мусоидат танзим менамояд. Масалан, дар ҷамъбасти соли 2023 аз рӯи натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти андоз шумораи муроҷиатҳое, ки тавассути рақами соддакардашудаи “151” ва “152” дар шакли

электронӣ ба қайд гирифта шудааст 23270 муроҷиатро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 2,4 фоиз кам аст.

Муроҷиатҳои қабулгардида дар давраи соли 2023 бештар ба масъалаҳои зерин дахл доштанд:

- пайвастшавӣ ба хизматрасонии электронӣ, пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ (23,2 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- тартиби ҳисобу пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва ҳисобнома-фактураҳо дар анбори электронӣ (10,8 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- тартиби ҳисобкунии андози объекти ғайриманқул ва ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул (8,2 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ (7,3 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- эъломияҳои электронии хизматчиёни давлатӣ (4,7 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- тартиби бақайдгирӣ ва азқайдбарории дастгоҳи назорати хазинавӣ (ДНХ) ва POS-терминалҳо (4,6 фоизи маҷмӯи муроҷиатҳо);
- андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (4,4 фоизи муроҷиатҳо);
- андоз аз даромад (4,5 фоизи муроҷиатҳо);
- тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолият (3,7 фоизи муроҷиатҳо);
- тартиби пур намудани эъломияи андоз аз даромад (фоида) аз шахсони ҳуқуқӣ, суди саҳмия ва тавозуни солонаи муҳосибӣ (3,5 фоизи муроҷиатҳо);
- андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (3,2 фоизи муроҷиатҳо);
- таҳияи дурусти санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ (3,2 фоизи муроҷиатҳо);
- тартиби супоридани андози иҷтимоӣ (1,2 фоизи муроҷиатҳо);
- пешбурди корҳои назоратӣ (0,9 фоизи муроҷиатҳо);
- истифодаи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи андозҳои ҳисобшаванда (1,1 фоизи муроҷиатҳо);
- андозҳо барои захираҳои табиӣ (0,8 фоизи муроҷиатҳо) ва ғайраҳо.

Таҳлили муроҷиатҳои иҷрогардида аз он гувоҳӣ медиҳад, корҳои амалишаванда дар самти густариши ҳамкориҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон ҷиҳати вусъатдиҳии раванди татбиқи хизматрасониҳои электронӣ беҳтар гардида, чунин тадбирҳо дар оянда барои боз ҳам соддатар гардидани масъалаҳои пайвастшавӣ ба низоми электронӣ, пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ боқӣ мемонад.

Ёдовар шудан бо маврид аст, ки Кумитаи андоз бешак ба ҳама паҳлуҳои сиёсати андоз бо мақсади тақвият бахшидан ва ҷоннок гардонидани низоми муносибатҳои андозбандӣ дар саросари мамлакат чораҳои маъмуриро андешида, дар ин самт барои расидан ба афзалият ва мақоми марказӣ роҳандозӣ гардидани корҳои зиёде марҳила ба марҳила аз манфиат холӣ нест. Инчунин қайд карда мешавад, ки омӯзиши низоми маъмурикунонии андоз муайян намудани омилҳои сади роҳи пешрафти он гардида ва бартараф намудани онҳо, барои татбиқи амалии сиёсати андозии кишвар, суботи молиявӣ ва ояндабинии истифодаи иқтидори андозии кишвар заминаҳои мусоид фароҳам меорад [13, с 179]. Айнм ҳол марҳилаи сеюми татбиқи чораҳои маъмурикунонӣ барои солҳои 2020 -2025 идома дорад, ки воқеан марҳилаҳои мазкур беҳтар намудани сифати корҳоро дар самти андешидани воридоти андозҳо, шаклу услҳои назорати андоз ва дар ин замина рушди ҳамкориҳои фосилавиро дар назар дорад. Айни ҳол якчанд нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти мақомоти андозро, ки вазъи имрӯзаи ҳолати молиявии иқтисодиёти мамлакатро ташкил медиҳад дар ҷадвали 1 дида мебароем.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз барои солҳои 2018-2022**

| | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | млн | 68844,9 | 77354,7 | 82543,0 | 98910,7 | 115739,4 |
| 2 | Даромади умуми Буҷети давлати (нақша) | млн | 16957,1 | 17930,7 | 18486,4 | 20543,0 | 23820,6 |
| 3 | Даромади умуми Буҷети давлати (иҷроиш) | млн | 16885,9 | 17787,4 | 18376,1 | 21545,0 | 25255,1 |
| 4 | Нақшаи андозҳо (мақомоти андоз) | млн | 10460,7 | 11571,1 | 11343,5 | 13621,2 | 14851,0 |
| 5 | Воридоти андозҳо (мақомоти андоз) | млн | 10523,3 | 11115,7 | 10636,8 | 13722,7 | 15388,0 |
| 6 | Ҳиссаи андозҳо дар даромади буҷет (нақша) | % | 61,7 | 64,5 | 61,4 | 66,3 | 62,3 |
| 7 | Ҳиссаи андозҳо дар даромади буҷет (иҷроиш) | % | 62,3 | 62,5 | 57,9 | 63,7 | 60,9 |
| 8 | Ҳиссаи андозҳо дар ММД | % | 15,3 | 14,4 | 12,9 | 13,9 | 13,3 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҷамъбастии фаъолияти Кумитаи андоз: https://andoz.tj/

Мавҷудияти нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомоти андоз дар ҷадвали мазкур бармеояд, ки ҳиссаи андозҳои иҷрошаванда ҳудудан нисбат ба ММД ва ҳаҷми умуми даромади буҷети давлатӣ ҳама сола мавқеи баробарро ишғол менамоянд. Ибораи асоси аз он бар меояд, ки пас ҳамасола дар баробари зиёд ба нақша гирифтани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ ва зиёд гардидани ММД дар мамлакат, мақомоти андозро вазифадор менамояд, ки мутанолсибан ба нишондиҳандаҳои зиёдгардида амал намояд. Тавре дар ҷадвал дида мешавад, ҳамасола банақшагирии ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ ва зиёдшавии ММД ба назар мерасад.

Аҳамияти технологияҳои иттиллотӣ дар он мебошад, ки новобаста аз пешравиҳои бадастомада дар иқтисодиёт, мақомоти андоз дастовардҳои зиёдеро дар ҷустуҷӯи усулҳои муосири истифодаи технолигияҳо, таҳия ва татбиқи барномаҳои компютерӣ дар самти баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ соҳиб гардидааст, ҳоло ҳам чораҳои амалишуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд нокифоя буда, айни ҳол дар ин самт мушкилотҳои зерин мавҷуд мебошанд:

- то ҳол дар раванди ташкили андобандӣ истифодаи усулҳои анъанавӣ оиди пинҳонкунӣ ва камкунии манбаҳои андозбандӣ ба назар мерасанд;
- пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз дар асоси истифодаи хизматрасониҳои электронӣ;
- риоя нагардидани пардохти андоз ба буҷет дар муҳлати муайянгардида;
- то ҳол аз саркаши нисбати андозсупорӣ дида мешавад;
- мавҷуд будани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз боиси афзоиши бақияпулиҳои андоз гардида истодаанд;
- дар самти амалӣ намудани муомилоти ғайринақдӣ то ҳол маблағи ҳисобшудаи андозҳо ба таври нақдӣ пардохт мегарданд;

- мавҷуд будани ташрифи зиёди кормандони мақомоти андоз ба корхонаҳо ва ҷойҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба пардохти андозҳои ҳисобшуда, таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи буҷети давлатӣ;
- дар сатҳи зарурӣ шинос нагардидан ба истифодаи воситаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ оид ба маъмурикунонии андоз дар раванди истифодаи самараноки технологияи рақамӣ

Ҳолати мавҷуд будани мушкилотҳо боиси тарҳрезӣ гардидани нақша чорабиниҳо вобаста ба таъмини рушди иқтисодиёти рақамӣ, дар сатҳи зарурӣ андешидани тадбирҳо амалишавандаи нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ, шароит фароҳам овардани заминаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотии инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ талаботи замони муосир буда, андешидани чунин тадбирҳо аз ҷониби мақомоти андоз дар пешбурди сиёсати рақамикунонии андоз тақозо замон мебошад.

Яке аз мушкилотҳои дигар аз таҳлилҳо бамеояд ташрифҳои зиёди кормандони андоз ба макони ҷойгиршавии корхонаю ташкилотҳо ва соҳибкорни инфиродӣ, пеш аз ҳама боиси халадор будани пешбурди фаъолияти онҳо арзёбӣ мегардад, албатта бо сабаби андешидани тадбирҳои корӣ зарурӣ шуморида мешавад, зеро сабаби он таъмин нагардидани саривақтии иҷроиши уҳдадориҳои андозӣ, ҳисоб ва пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ, тибқи муқаррароти Кодекси андоз ба мақомоти ҳудудӣ мебошад. Чунин робитаҳо вақти зиёдро талаб менамояд, ки ин боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми корҳои амалишавандаи истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва фурӯши маҳсулоҳо дар фаъолияти андозсупорандагон мегардад. Зарурати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ тақозои замон буда, барои дахолати иҷрои ӯҳдадории андоз аз утоқҳои корӣ бо тариқи барномаҳои компютерӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда мешавад, ки: «Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ чорабинӣ карда шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки ба мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияи рақамӣ дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад» [10].

Сарвари давлат дар мулоқоти худ бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо моҳи майи соли 2019 ҷиҳати таҳия намудани таҳрири нави Кодекси андоз дар радифи соддаву такмили қонунгузории андоз, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дастуру супоришҳо доданд [12].

Хулоса, маҷмӯи чораҳои амалишавандае, ки ҷиҳати беҳтар гардидани маъмурикунонии андоз анҷом дода мешавад, аз ҷониби дигар ба он далолат менамоянд, ки минбаъд чунин корҳо ҷиҳати сифатан боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз тақвият дода шавад. Маҳз, дар сатҳи минтақаҳо норасоиҳо дар ҷодаи банақшагирӣ ва пешбинии ҷамъоварии андоз ба назар мерасанд, ки сабабҳои он интихоби услубҳои номукаммал, номутобиқатии нишондиҳандаҳои оморӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

## АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018 – 2020, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018

2. Гулов, Ш. М. Состояние и перспективы администрирование налогов в Республике Таджикистан / Ш. М. Гулов // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 02 мая 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 178-182. – EDN OEPHSX.
3. Давлатов, Д. С. Роль налоговой политики государства в регулировании экономических процессов / Д. С. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/6(120). – С. 18-20. – EDN VNWBGV.
4. Ефремова Т.В., Ефремова Л.И. Развитие системы оказания государственных услуг налоговыми органами физическими юридическим лицам на основе информационных технологий // Экономика. Налоги. Право. 2015. № 1. С. 139-143.
5. Кодекси андози ҶТ дар таҳрири нав бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 13.11.2023, №2000
6 . Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст.
7 . Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2019, №642.
8. Исматов, А. Ф. Цифровизация и использование цифровых технологий в налоговых органах / А. Ф. Исматов // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики: Материалы международной научно-практической конференци, Душанбе, Таджикистан, 10 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 192-200. – EDN IMDYTM.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2007, шаҳри Душанбе
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе
11. Стратегияи миллирушд барои солҳои то 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636
12. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар 10.05.2019 11:56, шаҳри Душанбе
13. Шамсов, И. С. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз / И. С. Шамсов, А. Ф. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 91-97. – EDN WGSQRK.

**УДК 330**

**Шамсов Ф.Т.**

## МОҲИЯТ НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар мақола муаллиф асосҳои назариявӣ - методии бозори молҳои озуқавориро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Бозори озуқаворӣ дар шароити муосир низоми муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои бозор оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, муомилоти ашёи хом ва маҳсулоти озуқаи кишоварзӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҳаҷми зарурии маҳсулоти ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсоли ватанӣ ва воридот мебошад, ки таҳти сиёсати аграрии давлат ва

равандҳои ҳамгироии байналхалқӣ ташаккул меёбад. Муаллиф қайд намудааст, ки бахши озуқаворechoии иқтисоди муосир низоми мураккаби ба қисмҳо ҷудокардашудаи мубодилаи молӣ буда, бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ алоқаманд буда, пешбурди онро аз истеҳсолкунандагон то ба истеъмолкунандагон дарбар мегирад.

**Вожаҳои калидӣ:** бозор, бозори озуқаворӣ, молҳои озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, бозори истеъмолӣ.

**Шамсов Ф.Т.**

## СУЩНОСТЬ РОЛЬ И ФУНКЦИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА

В статье автор изучил и исследовал теоретико-методические основы продовольственного рынка. Продовольственный рынок в современных условиях представляет собой систему взаимоотношений между субъектами рынка по производству, хранению, торговле сырьем и сельскохозяйственной продукцией, обеспечивающую население необходимым количеством продовольственных товаров за счет внутреннего производства и импорта, которая формируется в условиях аграрной политики государства и процессов международной интеграции. Автор отметил, что продовольственный сектор современной экономики представляет собой сложную систему товарного обмена, разделенную на части, связанные с производством сельскохозяйственной и пищевой продукции, и включает ее продвижение от производителей к потребителям.

**Ключевые слова**: рынок, продовольственный рынок, продовольственные товары, продовольственная безопасность, сельскохозяйственная продукция, агропромышленный комплекс, потребительский рынок.

**Shamsov F.T.**

## ESSENCE ROLE AND FUNCTIONS OF THE FOOD MARKET

In the article, the author studied and explored the theoretical and methodological foundations of the food market. The food market in modern conditions is a system of relationships between market entities for the production, storage, trade of raw materials and agricultural products, providing the population with the necessary amount of food products through domestic production and imports, which is formed under the conditions of the state's agricultural policy and international integration processes. The author noted that the food sector of the modern economy is a complex system of commodity exchange, divided into parts related to the production of agricultural and food products, and includes its promotion from producers to consumers.

**Key words**: market, food market, food products, food security, agricultural products, agro-industrial complex, consumer market.

Дар шароити муосир бозори озуқаворӣ низоми муносибатҳои тарафайни субъектҳои бозор доир ба истеҳсол, нигаҳдорӣ, мубодилаи ашёи хом ва маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо ҳаҷми имконпазири маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ ва воридот аст, ки зери сиёсати кишоварзии давлат ва равандҳои ҳамгироии байналхалқӣ ташаккул дода мешавад.

Бахши озуқавории иқтисодиёти муосир маҷмӯи бисёрсоҳаи мураккаби иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва иттилоотию инфрасохторӣ аст. Бозори озуқаворӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар он молҳое фурӯхта мешаванд, ки фаъолияти ҳаёти инсонро таъмин карда, ба молҳои ниёзи аввалия шомиланд. Бозори молҳои озуқаворӣ низоми мураккаби ба қисмҳо ҷудошудаи мубодилаи молӣ аст, ки ба истеҳсолоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ алоқамандии зич дорад ва пеш бурдани онро аз истеҳсолкунандагон то ба истеъмолкунандагон фаро мегирад.

Моҳияти алоқаҳои иқтисодӣ дар бозори озуқаворӣ аз як тараф ин зарурати рупӯш намудани хароҷотҳо бошад, аз тарафи дигар ин қонеъ кардани талабот дар асоси мубодилаи баробарӣ, ки муайянкунандаи он қонуни арзиш ё қонуни асосии фаъолияти бозори озуқаворӣ аст.

Рушди бозори молҳои озуқаворӣ бо самаранокии истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ, рақобатпазир будани он, зиёд шудани даромади мардум, яъне бо дигар омилҳое, ки вазъ ва тағйирёбии механизми унсурҳои бозориро муайян мекунад, робитаи зич дорад.

Бозори молҳои озуқаворӣ нақши махсусро дар байни афзалиятҳои иҷтимоии ҷомеа дошта, бевосита бо таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳаёти инсонҳо вобаста аст. Дар намуди умумӣ бозори молҳои озуқаворӣ унсури пайвасткунандаи байни истеҳсол ва истеъмол буда, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиро оид ба фурӯши молҳои озуқаворӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ ба маҳсулоти хӯроквориро дарбар мегирад. Муносибатҳои иқтисодӣ байни фурӯшандагон ва харидорони молҳои озуқаворӣ бевосита дар ҳамбастагии тақозо ва пешниҳодот дар бозор ва ба тариқи обективӣ ба мувозинатии онҳо такия мекунад.

Муаммоҳои таъмин намудани аҳолӣ бо молҳои озуқаворӣ ҳамеша дар назари ҳукумати кишвар дар мадди аввал қарор дошта, дар се даҳсолаи ахир яке аз масъалаҳои муҳим дар байни муаммоҳои дигари ҷаҳонӣ гардидааст. Чунин назарияҳо мавҷуд аст, ки онро дар қатори муаммоҳои кам шудани захираҳои тамомшаванда ва ифлосшавии муҳити атроф ба масъалаҳои якумдараҷа дохил мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ таъкид намуданд: “...тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаврии кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем” [3]

Муаммоҳои таъмини бозори озуқаворӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ дар даҳсолаи охир аз мушкилоти хароб шудани қабати замин ва паст шудани ҳосилнокӣ, ифлосшавии захираҳои об, пастшавии ҳосилнокии зироатҳо вобастагии калон дорад. Ғайр аз ин, дар кураи замин шумораи аҳолӣ рӯз аз рӯз афзуда, боиси мураккаб гардидани таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ шудаистодааст.

Дар марҳилаи муосири рушди илми иқтисодӣ ягон равиши ягона оид ба таърифи мафҳуми бозори озуқаворӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуд нест. Худи мафҳуми бозор бошад аз ҷониби олимони иқтисоддони машҳур ба тариқи гуногун тафсир карда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Тафсири мафҳуми бозори озуқаворӣ**

| Муаллиф | Тавсифи мафҳум |
|---|---|
| Л.А. Алиева | “Бозори озуқаворӣ ин миёнарав байни хоҷагии қишлоқ ва соҳаи коркард, миёни онҳо ва истеъмолкунандаи молҳои озуқаворӣ мебошад” [4] |
| П.Т. Бурдуков | “Бозори озуқаворӣ ин маҷмӯи аҳдномае мебошад, ки дар кишвар оид ба фурӯши ашёи хоми озуқавории кишоварзӣ ва маҳсулоти тайёр, амалиётҳои содиротию воридотӣ, инчунин муносибатҳои ба онҳо алоқаманди иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ карда мешавад”[5] |
| В.Д. Гончаров | “Бозори озуқаворӣ ин низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди истеҳсолот, муомилот ва тақсимоти маҳсулоти озуқа пайдо гардида, субъектҳои хоҷагидори озодро дар интихоби харидорон ва фурӯшандагон, муайянкунии нарх ва ташаккули захираҳо тавсиф медиҳад” [1] |
| И. Аминов | “Бозори озуқаворӣ ин низом ва равандҳои иқтисодие мебошад, ки ҳама марҳилаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятиро байни субъектҳои хоҷагидор |

| | |
|---|---|
| | ва харидорон оид ба хариду фурӯши молҳои озуқа дар миқёси ҳудуди муайян дарбар мегирад [8] |
| И.А. Сатторов | “Бозори озуқаворӣ ин маҷмӯи алоқаҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ байни иштирокдорони раванди такрористеҳсол, инфрасохтор оид ба таъмини талаботҳои аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ бо номгӯи васеъ ва сифати баланд, захираҳои озуқавории субъектҳои бозори истеъмолӣ ва таъмини бехатарии озуқавории кишвар мебошад” [9] |
| Пешниҳоди муаллиф | “Бозори молҳои озуқаворӣ ин маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои бозор оид ба истеҳсол, мубодилаи молу маҳсулоти озуқавории хушсифат, қонеъ гардонидани талаботҳои истеъмолгарон ва гирифтани фоидаи имконпазир бо назардошти амнияти озуқаворӣ мебошад. |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Дар бештари таърифҳое, ки мо дар боло баррасӣ ва таҳлил намудем, аксари муаллифон бозори озуқавориро ҳамчун субъектҳои инфрасохтори бозорӣ ва пешниҳодоту тақозо ба молҳои озуқаворӣ, ҳамчун миёнарав, низоми динамикӣ, равиши низомӣ, тағйоти модели савдои байналмилалӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ, марҳилаҳои такрористеҳсолиро миёни субъектҳои хоҷагидорӣ ва харидорон, беҳтар намудани сифат ва таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ ва ғайра баррасӣ намудаанд.

Мо чунин мешуморем, ки бозори молҳои озуқаворӣ ин маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои бозор оид ба истеҳсол, мубодилаи молу маҳсулоти озуқавории хушсифат, қонеъ гардонидани талаботҳои истеъмолгарон ва гирифтани фоидаи имконпазир бо назардошти амнияти озуқаворӣ мебошад.

Ба андешаи мо барои саривақт таъмин намудани бозори истеъмоли бо молу маҳсулоти хушсифат аз фаъолнокӣ ва рушди соҳаи кишоварзии кишвар вобастагии калон дорад. Зеро таъмини бозори озуқавориро бо маҳсулоти хушсифат маҳз соҳаи кишоварзӣ ба дӯш дорад. Бо баробари рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бозори озуқаворӣ саривақт бо маҳсулоти хушсифат таъмин гардида, талабот ва эҳтиёҷоти аҳолӣ қонеъ карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити рақобати ширкатҳои машҳури истеҳсолии ҷаҳонӣ масъалаи таъмин намудани корхонаҳо бо техника ва технологияи муосири навин ва ашёи хоми баландсифат яке аз омилҳои асосии рақобатпазирии маҳсулоти корхона ба ҳисоб меравад.

Тибқи ақидаи Ф. Котлер: “бозор маҷмӯи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар самти мубодила буда, ба воситаи он хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо сурат мегирад” [6]. Дар кишварҳои рушдёфтаи иқтисоди бозорӣ дар самти истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти истеъмолӣ ба чунин тарафҳои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон, намуди зебо ва ороиши зоҳирӣ, сода кардани истифодабарӣ, машҳур намудани тамғаи молӣ ва истеҳсолкунандагон, муҳлати кафолат, таъмин намудани муназзами қисмҳои эҳтиётӣ, таъмири саривқтӣ ва нисбатан арзон кардан, хизматрасонии босифат, нархҳои нисбатанарзон ва ғайра. диққати махсус медиҳанд.

Ташаккул ва рушди бозор бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат алоқаманд аст. Дар низоми маркетинг бозор бояд ҳамеша мушаххас гардида, тавсифи муайян аз ҷумла, мавқеи ҷутрофӣ, талаботи харидорон, тақозо ба молу хизматрасонӣ, ҳаҷми бозор ва ғайра дошта бошад.

Бозор дорои вазифаҳои танзимкунанда, нахгузорӣ, ҳавасмандкунанда, назоратӣ, иттилоотӣ, миёнаравӣ ва интегралӣ мебошад, ки дар ҷадвали 2. шарҳи пурраи он оварда шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Вазифаҳои асосии бозор**

| № | Вазифаҳо | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | **Танзимкунӣ** | Ин вазифаи асосӣ буда, таъсири бозорро ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад. Бозор барои истеъмолкунандагон ва харидорон тарозуи хос аст. Бо қонуни талабот бозор шартҳои худро муайян мекунад, ки чӣ ва ба кадом миқдор бояд истеҳсол карда шавад. Агар талабот ба мол зиёд шавад, истеҳсолкунанда бояд истеҳсолотро зиёд кунад. Агар талабот ба мол ё хидматрасонӣ коҳиш ёбад, беҳтараш истеҳсоли зиёдатиро кам кунед. |
| 2 | **Нархгузорӣ** | Дар ин ҷо қонуни талабот дубора эътибор пайдо карда, нарх ифодаи арзиши меҳнат дар эквиваленти пулӣ мегардад. Бо болоравии нарх, талабот ба харидорони эҳтимолӣ коҳиш ёфта, дар натиҷа, нархи бозории молҳо аз рӯи арзиши мавод ва меҳнат муқаррар карда мешавад. |
| 3 | **Ҳавасмандкунанда** | Ҳар як фурӯшанда дар муносибатҳои бозорӣ барои афзоиши фоида саъй мекунад. Бо баланд шудани нарх ба ин ҳадаф расидан мумкин аст. Аммо, бо афзоиши беасоси нархҳо харидорон таваҷҷӯҳи худро ба мол гум мекунанд. Роҳи дуюм – кам кардани хароҷот тавассути такмили технологияи истеҳсолот мантиқтар аст. |
| 4 | **Назоратӣ** | Молҳои пастсифат наметавонанд дар мавқеъҳои пешсаф муддати дуру дароз истодагарӣ кунанд, бозор фурӯшандагони молҳои пастсифатро бо мурури замон худ аз байн мебарад. |
| 5 | **Иттилоотӣ** | Барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, зарур аст, ки доимо дар бораи технологияҳои нав, ниёзҳои тағйирёбандаи одамон маълумот пайдо кунем. Бозор имрӯз як компютери бузург аст, ки ҳар дақиқа маълумоти зиёдеро дар бораи нархҳо, пешниҳодҳои рақибон, қарзҳои бонкии муосир ва ғайра коркард мекунад. |
| 6 | **Миёнаравӣ** | Хоҷагиҳои табиӣ дар гузашта боқӣ мондаанд, нақши онҳо дар иқтисодиёт ҳадди ақал аст. Дар шароити бозор касе зинда мемонад, ки шарики хуб – таъминкунандаи ашёи хоми арзон, мутахассиси баландихтисос ва ғайра пайдо кардааст. |
| 7 | **Интегралӣ** | Истеҳсолкунандагон, харидорон ва инчунин миёнаравҳо ба таври органикӣ ба фазои бозор ворид карда мешаванд. |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Механизми муосири бозор ин низоми мураккаби муносибатҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки қодир аст доираи васеи вазифаҳои ҳаётан муҳимро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, мубодила ва тақсимот ҳал кунад. Шартҳои асосии бомуваффақият фаъолият кардани бозор ин имконияти пайдоиши моликияти хусусӣ, рақобат, нархҳои озод мебошад. Барои он ки бозор фаъолияти хуб дошта бошад, он бояд вазифаҳои муайянро иҷро кунад.

Ҳамин тариқ, бозор ба баланд кардани сифати мол ва ҳосилнокии меҳнат сабаб мегардад. Шартҳои асосии амали бозор пеш аз ҳама ин озодии комили истеҳсолкунанда ё фурӯшанда, истеъмолкунанда ва ё харидор ва нархгузории озод мебошад. Озодии пурраи иқтисодии истеҳсолкунандаи мол ва хизматрасонӣ дар он зоҳир мешавад, ки он ҳуқуқи мустақилона истеҳсол ва азони худ кардани моли истеҳсолкарда, нархгузории озод ва гирифтани фоидаи имконпазирро низ тавонад, ки харидор дар бозор моли дилхоҳро бо

нархи муайян харида тавонад. Ҳамзамон, қобилияти харидории истеъмолкунанда низ шарти зарурӣ мебошад.

Моҳият ва нақши иқтисодии бозори молҳои озуқаворӣ дар вазифаҳои он ошкор мегардад, ки дар расми 1. оварда шудааст.




**Расми 1. Вазифаҳои асосии бозори озуқаворӣ**

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Ғайр аз вазифаҳои асосии бозори озуқаворӣ ҳамзамон, он вазифаҳои нигаҳдорӣ, боркашонӣ ва коркарди ашёи хомро низ иҷро мекунад.

Ба андешаи мо, дар баробари ин, дар раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ таъмини сифати баланд ва бехатарии маҳсулот бояд дар мадди аввал гузошта шуда, амнияти истеъмолгарон таъмин карда шавад. Айни замон, омӯзиши бозори молҳои озуқаворӣ ва муайян намудани эҳтиёҷот ва талаботи истеъмолгарон яке аз масалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар бозори истеъмолӣ ҳар як истеъмолкунанда ба худ табъу завқи гуногун дорад. Ширкату корхона ва тоҷирону соҳибкорон бояд сараввал эҳтиёҷоту талаботи истеъмолгаронро омӯхта, баъдан ба онҳо молу маҳсулот пешниҳод намоянд. Дар бисёр мавридҳо яке аз мушкилоти асосии қонеъ карда натавонистани истеъмолгарон ин наомӯхтани эҳтиёҷот ва талаботи аҳолӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи назария маълум аст, ки бештари молҳои озуқаворӣ ба маҳсулоти талаботи ниёзи авалия ё талаботи ҳаррӯза дохил мешаванд, вале масъалаи сифат, бехатарӣ ва дараҷаи қонеъгардонии истеъмолгарон бояд дар ҷои аввал гузошта шавад.

Ҳамин тариқ, бозори молҳои озуқаворӣ дар иқтисодӣ миллӣ нақши муҳим дошта, ташаккули он аз рушди соҳаҳои кишоварзӣ, афзоиши ашёи хоми ватанӣ, воридотивазкунӣ, саноти хӯрокворӣ ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии бозорӣ вобастагии калон дорад.

## АДАБИЁТ

1. В.Д. Гончаров /Формирование продовольственного рынка / В.Д. Гончаров // АПК: экономика, управление. – 1996. – № 4. – С. 51.

2. Г.Н. Зинчук/Развитие продовольственного рынка: теория, методология, практика./Дисс. д.э.н. Иошкар - Ола, 2008. С. – 34.

3. Эмомалӣ Раҳмон/Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”// ш. Душанбе, 2023.
4. Л. Алиева//Инновационная система развития агропродовольственного рынка / Л. Алиева, Т. Светлорусова // АПК: экономика, управление. – 2007. – № 4. – С. 50 – 52.
5. П. Т. Бурдуков Россия в системе глобальной продовольственной безопасности [Электронный ресурс] / П. Т. Бурдуков, Р. З. Саетгалиев. – Режим доступа: http://www.duel.ru/publish/burdukov/glob.html.
6. Ф. Котлер / Маркетинг от А до Я. 80 концепций, которые должен знать каждый менеджер - пер. с англ. – Санкт - Пербург: Нева, 2003. - 15 стр.
7. Ф. Котлер / Основы маркетинга Краткий курс Пер. с англ – М Издательский дом "Вильяме", 2007 – С. – 27.
8. И.А. /Аминов Проблемы повышения эффективности розничной торговле. Душанбе, Ирфон, 2004. – С.95
9. И.А. Сатторов / Продовольственный рынок: состояние и перспективы развития в условиях формирования инновационной экономики. / Дисс.. к.э.н. Душанбе, 2021. С. - 18.

**УДК: 338.2 (575.3)**

**Эсанов М.Д.**

## ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАҲОИ ХОРИҶӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

Дар мақолаи мазкур омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ оварда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мувофиқ ба таҷрибаи хориҷии истифодабарии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ аз истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ вобаста мебошад. Мувофиқи маълумотҳои омории ҷаҳонӣ, сайёҳӣ яке аз калонтарин соҳаҳои даромаднок ва серталаботтарин буда, танҳо баъд аз саноати нафт ва саноати мошинсозӣ дар ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Иҷрокунандаи ин намуди хизматрасонӣ бошад аз тарафи худ маҳдудияти аниқу дақиқи марзии хизматҳоро гузошта, фаъолиятро роҳбарӣ менамояд ва онро ҳатман бо истеъмолкунандаи худ мувофиқа карда, созишнома ва шартнома мебандад.
**Калимавожаҳо:** иқтидори меҳнатӣ, ҳавасмандгардонӣ, таҷрибаҳо, менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ, хизматрасонӣ, истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, рушди иқтисод, баҳогузорӣ.

**Эсанов М.Д.**

## ИЗУЧЕНИЯ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СТИМУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В МЕНЕДЖМЕНТЕ ТУРИСТИЧЕСКИМИ КОМПАНИЯМИ

В данной статье представлена оценка зарубежного опыта и использования стимулирования трудовой потенциал в управлении туристическими компаниями. Автор отмечает, что согласно зарубежному опыту использование трудовой потенциал туристических компаний зависит от потребителя туристических услуг. По данным мировой статистики, туризм является одной из крупнейших прибыльных и наиболее востребованных отраслей и занимает третье место в мире после нефтяной промышленности и автомобилестроения. Поставщик данного вида услуг со своей стороны устанавливает

четкие границы оказания услуг, управляет деятельностью и должен согласовывать ее с потребителем, заключая соглашения и договоры.

**Ключевые слова:** трудовой потенциал, мотивация, опыт, управление туристическими компаниями, услуги, использование трудовой потенциал, экономическое развитие, оценка.

**Esanov M.D.**

**STUDYING FOREIGN EXPERIENCE AND USE OF STIMULATING LABOR POTENTIAL IN THE MANAGEMENT OF TOURISM COMPANIES**

This article presents an assessment of foreign experience and the use of incentives for labor potential in the management of tourism companies. The author notes that, according to foreign experience, the use of the labor potential of tourism companies depends on the consumer of tourism services. According to world statistics, tourism is one of the largest profitable and most demanding industries, and occupies the third place in the world after the oil industry and the automotive industry. The provider of this type of service, for its part, sets clear boundaries for the provision of services, manages the activities and must coordinate them with the consumer by concluding agreements and contracts.

**Key words:** labor potential, motivation, experience, management of travel companies, services, use of labor potential, economic development, assessment.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандон муҳим аст. Зеро усулҳои ғайриоддӣ ва ғайристандартии ҳавасмандкунии хориҷӣ на танҳо кормандони расмии корхонаҳоро ҳавасманд мекунанд, балки як резонансеро ба вуҷуд меоранд, ки истеъмолкунандагон ё ин ки истифодабарандагони молу маҳсулотҳоро низ ҳавасманд менамоянд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ягон фаъолияти идоракуниро бе мақсад ва дарки шароити татбиқи он амалӣ кардан ғайриимкон аст. Даромад ва рушду инкишофёбии фаъолияти идоракунӣ комилан ба он вобаста аст, ки кормандон вазифаҳои худро чӣ гуна, бо кадом усулу методҳои кордонӣ иҷро мекунанд ва ин бевосита ба мотиватсия ва ҳавасмандии кормандон марбут аст.

Имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳони мутамаддин рушду инкишофёбии соҳаи сайёҳӣ ва сармоягузорӣ намудан ба ин соҳаи муҳими ҷамъиятӣ, ҷараён дорад. Сайёҳӣ дар хориҷа яке аз соҳаҳои пуриқтидорест, ки дар байни дигар бахшҳои иқтисодиёт бо самаранокии баланд ва рушди устувори худ фарқ мекунад. Имрӯзҳо зарурате ба миён омадааст, ки ҳадафҳои стратегии рушд, принсипҳо, усулҳо ва технологияҳои идоракунии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ муайян карда шаванд. Зарурати дур шудан аз усулҳои фармондиҳии идоракунӣ, аз як намуди ҳалли стандартикунонидашуда, ҷорӣ намудани равишҳои навоварона дар идоракунии корхонаҳо омӯзиши муаммоҳои ташаккули идоракуниро дар корхонаҳои саноатии сайёҳӣ фаъол мегардонад [11]. Дар шароити ҷаҳонишавии рақобат барои ин корхонаҳои сайёҳӣ муҳим аст, ки имрӯз на танҳо стандартҳои идоракунии муосирро аз худ кунанд, балки ба пеш ҳаракат намуда, моделҳои инноватсионӣ ва рақобатпазирии идоракуниро дар соҳаи сайёҳӣ эҷод кунанд.

Дар асри XXI сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва сердаромадӣ корпаратсияҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, ба як падидаи амиқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст, ки ба иқтисодиёти бисёр кишварҳо ва тамоми минтақаҳо таъсири назаррас мерасонад. Мувофиқи маълумотҳои омории ҷаҳонӣ, сайёҳӣ яке аз калонтарин соҳаҳои даромаднок ва серталаботтарин буда, танҳо баъд аз саноати нафт ва саноати мошинсозӣ дар ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Сайёҳӣ, тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, то 10%-и гардиши бозори истеҳсол ва хидматрасонии ҷаҳониро таъмин мекунад [13].

Ба ақидаи Аширов Д.А. дар давоми ду даҳсолаи охир рушди сайёҳии байналмилалӣ аз суръати афзоиш нисбат ба содироти ҷаҳонии мол ва хидматҳо хос ба ҳисоб меравад.

Чунон, ки дар солҳои охир саҳми хизматрасониҳои сайёҳӣ дар содироти ҷаҳонӣ мунтазам афзоиш ёфта, то имрӯз тақрибан ба 8%-и ҳаҷми умумии содироти ҷаҳонӣ ва 30-40%-и савдои хизматрасонии ҷаҳонро ташкил медиҳад [1].

Чунон, ки аз маълумотҳои омории ҷаҳонӣ бармеояд, дар соли 2023 беш аз 9,5 миллиард нафар дар саросари ҷаҳон ба хотири сайёҳӣ сафар карданд, ки беш аз нисфи гардиши умумии сайёҳон, яъне 60%-и сайёҳон ба бист кишвари беҳтарин ташриф намудаанд. Дар мавриди Тоҷикистон бошад, аз рӯи натиҷаҳои соли 2023 тақрибан 1,25 миллион нафар аз Тоҷикистон дидан кардаанд - ин 110-ум дар байни ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аст. Афзоиши баландтаринро дар миёни ҳамаи кишварҳо аз рӯи ҳузур дар охири сол Тоҷикистон 190% ва гардиши сайёҳон ба Эквадор (51%), Миср (37%), Тувалу (35%) ва Уганда (32%) нишон додааст. Шумораи сайёҳон дар Туркия ба таври қобили мулоҳиза (21,7%) афзоиш ёфт, ки ба шарофати ин кишвари Туркия дар раддабандии ҷаҳонии ҳузури сайёҳон мавқеи 6-умро ишғол намуд [10]. Рейтинги пурраи кишварҳои ҷаҳон аз рӯи ҳузури сайёҳон дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

Рушди тиҷорати байналхалқӣ на танҳо байни кишварҳо ва давлатҳои алоҳида, балки байни минтақаҳои Иттиҳоди ҷаҳонии иқтисодӣ (RWEU) муносибатҳо ва шаклҳои нави сайёҳии байналхалқии муосирро дар ҷаҳон ташаккул медиҳад[2].

**Ҷадвали 1. Рейтинги пурраи кишварҳои ҷаҳон аз рӯи ҳузури сайёҳон дар охири соли 2023**

| **№** | **Номи кишварҳо** | **Сайёҳон, млн** |
|---|---|---|
| **1** | Фаронса | 89.4 |
| **2** | Испания | 83.7 |
| **3** | ИМА | 79.3 |
| **4** | Чин | 65,7 |
| **5** | Италия | 64,5 |
| **6** | Туркия | 51,2 |
| **7** | Мексика | 41.4 |
| **8** | Олмон | 38.9 |
| **9** | Тайланд | 38.3 |
| **10** | Британияи Кабир | 36.3 |
| **11** | Ҷопон | 31.2 |
| **12** | Австрия | 30.8 |
| **13** | Юнон | 30.1 |
| **14** | Гонконг | 29.3 |
| **15** | Малайзия | 25.8 |
| **16** | Россия | 24.6 |
| **17** | Португалия | 22.8 |
| **18** | Канада | 21.1 |
| **19** | Лаҳистон | 19.6 |
| **20** | Нидерландия | 19 |
| **31** | Украина | 14.2 |
| **56** | Қазоқистон | 5.5 |
| **61** | Қирғизистон | 4.5 |
| **81** | Озарбойҷон | 2.6 |
| **90** | Беларус | 2.1 |
| **101** | Арманистон | 1.6 |
| **110** | Тоҷикистон | 1.25 |

**Сарчашма:** Самые посещаемые страны в 2023 году/ https://dzen.ru/a/ZXBo8nugL016s9Xl, Самые посещаемые туристами страны в мире 2023: на каком месте в рейтинге Россия? https://redfox-club.ru/pro-puteshestviya/populyarnye-strany.html

Бахусус шаклҳои нави сайёҳӣ дар ҷаҳон, дар ширкатҳои абарқудрати сайёҳӣ тавонистаанд, қисми зиёди сайёҳонро ба худ ҷалб намоянд. Ба таври мисол ширкатҳои сайёҳии Туркия дар солҳои охир тавонистаанд, шаклҳои нави сайёҳӣ - сайёҳии табобатӣ, сайёҳи сармоягузорӣ ва дигар намудҳоро ба роҳ монда, бештари сайёҳонро ҷалб намоянд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки кормандони ширкатҳои ҷаҳонии сайёҳӣ бояд дорои мутахассисони баландихтисоси соҳа буда, қонеъкунандаи талаботҳои асосии истеъмолии сайёҳон бошанд.

Аҳамияти идоракунии кадрҳо ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти идоракунӣ вақтҳои охир дар саноати ҷаҳонии сайёҳӣ авҷи воқеиро аз сар гузаронида истодааст. Тавре ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, муҳимтарин омили муваффақияти дарозмуддати корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, интихоб, ҳифз ва рушди истеъдоди инсонӣ, иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии кормандон ва мутахассисони онҳо мебошанд.

Имрӯз бисёр корхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳии Ғарб барои омодасозии ҳамаҷонибаи кадрҳои соҳибихтисос ва менеҷерон, кӯшиш ва хароҷотҳои зиёд намуда, талош менамоянд, ки кадрҳоеро омода намоянд, ки донишу малакаҳои тахассусиро доро бошанд ва барои онҳо фоидаи дучандро пешкаш намояд.

Бешубҳа, дар шароити муосир захираҳои инсонӣ, дониш, истеъдоди касбӣ, малака ва маҳорати онҳо муваффақияти ҳар як ширкат, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад[4].

Ҳаводисҳои имрӯзаи иқтисодиёт, ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳонии сайёҳиро ба он водор намуда истодааст, ки барои рақобатпазирӣ дар бозори хидматрасонии сайёҳӣ бояд дорои коргарони баландихтисос бошанд ва системаи ҳавасмандгардонии меҳнатро мунтазам такмил диҳанд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳавасмандгардонии кормандон барои самаранокии фаъолият ва хароҷотҳои сарфшуда, хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Ин муҳимиятро ба инобат гирифта, мо бо мақсади фаҳмидани системаи идоракунии ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ, ва таҷрибаи онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Дар ширкатҳои сайёҳии ҷопонӣ, ҳосилнокии меҳнат нисбат ба сатҳи зиндагӣ хеле баландтар аст, зеро дар ин кишвар технологияҳои навтарин истифода мешаванд, ки мавҷудият ва рушди онро таъмин мекунанд. Яъне, мардум барои нигоҳ доштани ҳаёт аз корҳое, ки лозим аст, чандин маротиба бештар фаъолият мекунанд. Меҳнаткашони Ҷопон ба давлати худ содиқанд, ба онҳо таълим медиҳанд, ки манфиати кишвар аз манфиати худи онҳо боло меистад.

Ғайр аз он, дар Ҷопон низоми дигари пардохт ҳамчун шаклҳои ҳавасмандӣ мавҷуд аст, ки дар он се омил ба назар гирифта мешавад - синну сол, собиқаи корӣ ва малакаи касбӣ.

Ин нишондиҳандаҳо ҳар қадар баланд бошанд, маоши корманд ҳамон қадар баландтар ҳисоб карда мешавад, аз ин рӯ ҳавасмандии асосии онҳо афзоиши музди меҳнат (аз ҳисоби афзоиши собиқадорӣ ва малака), рӯҳияи корпоративӣ ва кор барои натиҷаҳо мебошанд. Ҳамаи ин дар ширкатҳои сайёҳии Ҷопон низ пешбинӣ ва барномарезӣ шудааст.

Ширкатҳои сайёҳии Ҷопонӣ барои кормандони худ шуғли доимии ҳаёт ва муносибатҳои кооперативии кадрҳои истеҳсолии худро ба вуҷуд овардаанд. Хусусияти асосии идоракунии захираҳои инсонии ин ширкатҳо дар доими будани вазифаҳояшон ва системаи пардохти музди меҳнат бошад, дар асоси собиқаи корӣ мебошад. Баробари зиёд шудани музди кор аз рӯи собиқаи корӣ, дар корхона дараҷаи маҳорати коргарон тадриҷан баланд бардошта мешавад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико роҳбарияти ширкатҳои сайёҳӣ озодии коргарон ва навовариҳои онҳоро қадр мекунанд. Кормандоне, ки ҳадди аққал як навовариро пешниҳод кардаанд, аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд карда мешаванд. Системаи мукофотпулӣ дар ИМА васеъ паҳн шудааст. Ҳар қадаре ки корманд барои эътибори ширкат кор кунад, ҳамон қадар мукофотпулӣ мегирад. Бо тафовут аз Ҷопон, онҳо ба синну сол, собиқаи корӣ ва тахассус чандон аҳамият намедиҳанд.

Ҷузъи дигари муҳими модели ҳавасмандгардонии амрикоӣ барои ширкатҳои сайёҳӣ "фоизи фурӯш" мебошад. Вақте ки корманд миқдори зиёди мол ё хидматҳоро фурӯхтааст, аз ӯ фоизи баландтари фурӯш ситонида мешавад, ки ин дар баъзе ширкатҳо то 40%-ро ташкил медиҳад.

Системаи амрикоии мотиватсионии фаъолияти меҳнатӣ бо ҳавасманднамоии ҳадди аксари соҳибкорон, ки бештар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ба ҷойҳои кор банд менамояд, нигаронида шудааст. Ин модел бештар ба майлу хоҳиши шаҳрвандон, ба беҳбудии шахсӣ ва ба рушду инкишофёбии иқтисодиёти кишвар асос ёфтааст. Дар ин ҷо барои муайян кардани арзиши тарифии меҳнат, асосан номгӯи касбҳо ва сатҳи аниқ муайяншудаи тахассуси коргароне мебошад, ки корфармо онро талаб мекунад[12].

Мисоли бомуваффақияти мотиватсия ва ҳавасмандкунии кормандон дар ин кишвар ширкати амрикоии McDonald's мебошад. Тарабхонаҳои ин ширкат аз рӯи як модели тиҷоратӣ фаъолият мекунанд ва ташкили соддаву муассири фаъолият ба кормандони ҷавону камтаҷриба имкон медиҳад, ки дар дастаи меҳнатӣ мавқеи худро зуд пайдо кунанд.

Ширкати сайёҳии Амрикоӣ кормандони худро арзишмандтарин дороии худ медонад. Дар солҳои охир шумораи коргарони ин ширкатҳо зиёд гаштаистодааст. Фаъолият намудан дар ширкатҳо нисбат ба дигар ширкатҳо як қатор бартариятҳоро дорад, ба монанди: барномаҳое, ки мақсади хайрхоҳӣ доранд ва кормандоне, ки ихтисосашонро такмил додан мехоҳанд дастгирӣ мекунанд, инчунин дастгириҳои корпоративӣ барои харидан ва ҷой кардани кормандон дар минтақаҳои муайяни сайёҳӣ баҳри пешрафт ва рушд додани соҳаи мазкур.

Ширкатҳои сайёҳии Фаронса низ дар ҷаҳон яке аз ширкатҳои муваффақ дониста шудаанд. Сарфи назар аз он, ки Фаронса нисбат ба Ҷопон ва ИМА иқтисодиёташ ба таври назаррас заифтар аст, вале аз ҳисоби радабандии ҳосилнокии меҳнат Фаронса дар ҷаҳон ҳанӯз ҳам мавқеи ишғол менамояд. Молу маҳсулотҳо дар асоси хароҷотҳои зиёде сохта мешаванд ва ин маҳсулотҳо ба ҳама намуди рақобатҳо бояд ҷавобгу бошанд.

Дар Фаронса тибқи нақша ва барномаҳои пешаки андешидашуда, ҳайати кормандон ҳавасманд карда мешаванд - лавҳаҳои гуногун, лавҳаҳои фахрӣ ва ғайраҳо насб карда шудаанд - ин ҳавасмандии ғайримоддиест, ки дар ширкатҳои сайёҳӣ самарабахш дониста мешавад. Аммо, ҳавасмандгардонии асосӣ ин мукофоти моддӣ мебошад. Ширкат системаи балҳоро муқаррар мекунад, аксар вақт аз 0 то 120 хол. Агар корманд дар як моҳ 100-120 хол ба даст оварда бошад, пас ба ӯ категорияи баландтарин таъин карда шуда, ба корманд музди меҳнати иловагӣ дар асоси холҳои ба дастоварда пардохт карда мешавад.

Хусусияти модели фаронсавии мотиватсия ва ҳавасмандгардонӣ дохил намудани банақшагирии стратегӣ ба механизми бозорӣ мебошад. Дар ин кишвар дар сиёсати музди меҳнат ду тамоюл мушоҳида мешавад: индексатсияи музди меҳнат вобаста ба сатҳи нарх ва арзиши зиндагӣ ва фардикунонии он. Принсипи фардикунонии музди меҳнат асосан нисбат ба кадрҳои роҳбарикунанда татбиқ карда мешавад ва бо дар назардошти дараҷаи тахассуси касбӣ, сифати кори иҷрошуда, шумораи таклифҳои навоваришуда ва дараҷаи ҳаракати коркунон ба амал бароварда мешавад. Шаклҳои фардикунонии музди меҳнат ин иштироки кормангд дар фоида, фурӯши саҳмияҳои ширкат ба кормандон, додани мукофотҳо ва ғайра ба роҳ монда шавад. Инчунин дар бисёр корхонаҳои Фаронса баҳои фаъолияти меҳнатии кормандро (аз 0 то 120 хол) аз рӯи шаш меъёр истифода мебаранд: дониши касбӣ, ҳосилнокии баланди меҳнат, сифати кор, риояи қоидаҳои бехатарӣ, этикаи истеҳсолӣ ва ташаббуси корманд [3].

Ин модели фаронсавӣ хеле самаранок дониста шудааст ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои дар пеши худ гузошташуда имконияти фароҳамро пешниҳод менамояд.

Дар Фаронса системаи омӯзиши идоракунии кадрҳо ба қадри кофӣ рушд ёфтааст, ки дар он шаклҳои муосири ҳавасмандкунӣ омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар он ҷо бисёр тренингҳои гуногун гузаронида мешаванд. Омӯзиши ҳавасмандгардонии кадрҳо яке аз маъмултарин дар ин кишвар ба шумор меравад.

Имрӯз дар Британияи Кабир, вобаста ба фоида, ду тағйирёбии системаи музди меҳнат мавҷуд аст: пули нақд ва сармояи худ, ки пардохти қисман дар шакли саҳмияҳоро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, он имконияти татбиқи системаи тағйирёбандаи музди меҳнатро, ки пурра аз фоидаи ширкат вобаста аст, пешбинӣ мекунад.

Тақсими фоида дар ширкатҳои бритониоӣ вақте ҷорӣ карда мешавад, ки мутобиқи созишномаи инфиродӣ ё дастаӣ, илова ба музди муқарраршуда, ҳиссаи дахлдори фоидаи ширкат мунтазам пардохт карда мешавад. Ҳисоб кардани маблағе, ки тавассути системаи тақсими фоида ҷудо карда мешавад, аз руи меъёрҳои муаяншуда, ҳисаи кормандон низ ҷудо карда мешавад.

Ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои Шветсия, аз ҷумла ширкатҳои сайёҳӣ сиёсати пурзӯри иҷтимоиро дар худ доранд, ки ҳадафи он коҳиши нобаробарии сарват бо роҳи аз нав тақсим кардани даромади миллӣ ба манфиати одамони камдаромад мебошад. Иттифоқҳои касабаи Шветсия ба соҳибони ширкатҳои камдаромад иҷозат намедиҳанд, ки музди меҳнатро аз сатҳи дар музокирот муқарраршуда пастар муқаррар кунанд. Ин соҳибкоронро водор мекунад, ки ё истеҳсолотро беҳтар кунанд, ё фъолияти ширкатро қатъ намоянд. Ҳамин тариқ, сиёсати музди ҳамбастагӣ ба афзоиши даромаднокии ширкатҳо мусоидат мекунад.

Дар Олмон ҳавасмандгардонии меҳнат дар ширкатҳои сайёҳӣ ба он асос ёфтааст, ки дар маркази он як корманд бо манфиатҳои худ ҳамчун як шахси озод, ки масъулияти худро дар назди ҷомеа дарк мекунад, қарор дорад. Дар ин кишвар озодӣ аз науқтаи назари иқтисодӣ маънои дарк кардани манфиатҳои ҷомеа ва пайдо кардани ҷойгоҳи худро дар системаи мазкур дониста мешавад. Дар доираи ассотсиатсияи пешбарандаи ширкатҳои сайёҳии Олмон комиссияи махсуси тарифӣ амал мекунад, ки тибқи он онҳое, ки дар тиҷорат ва фаъолиятҳои сайёҳӣ машғуланд, ба 7 гурӯҳ B, C, D, E, F, G, N. тақсим карда мешаванд.

Модели олмонии ҳавасмандгардонии меҳнат дар асоси хусусиятҳои иқтисоди муосир ташкил карда шуда, таъминоти иҷтимоиро дарбар мегирад ва ба принсипҳои адолат асос ёфтааст. Меъёрҳои тарифӣ-тахассусии кормандон ва маоши расмии онҳо ҳамчун ҳадди аққали музди кафолатнок ҳисоб карда мешаванд. Мукофотҳои гуногун, ки пештар муайян шудаанд, барои афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва комёбиҳои фардӣ-шахсӣ дода мешавад. Аксарияти корхонаҳои сайёҳии Олмон барои кормандонашон барномаҳои бузурги иҷтимоиро ҷорӣ мекунанд, ки дар асоси системаи давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст. Пардохти суғуртаи нафақа аз ҷониби корфармо ба корманд дар асоси меъёрҳои қабулшуда, баробар пардохта мешавад. Ширкатҳои калони сайёҳӣ ба ғайр аз суғуртаи тиббӣ ба кормандони худ имконият медиҳанд, ки аз китобхонаҳо истифода баранд, дар барномаҳои гуногуни фарҳангӣ иштирок кунанд ва дар курсҳои такмили ихтисос иштирок намоянд. Инчунин барои онҳо шароит фароҳам оварда шудааст, ки доимо бо варзиш машғул бошанд[6].

Мансубияти ин ё он сатҳро танҳо таҷрибаи корӣ муайян мекунад. Агентиҳои сайёҳӣ вазифадоранд, ки дар давоми сол ба кормандон 2 мукофотпулии бонусӣ супоранд: мукофоти солинавӣ (на камтар аз 90% музди моҳона) ва мукофотпулӣ барои рухсатӣ.

Омӯзиши системаи мотиватсия ва ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандони ширкатҳои сайёҳӣ дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ нишон дод, ки он бо воситаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла системаи чандири андозбандӣ, ҳавасмандгардонӣ барои фаъолиятҳои эҷодӣ, таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти нав, баланд бардоштани тахассуси кормандон ва ғайра дида мешавад. Дар аксарияти корхонаҳо ва ширкатҳои Аврупоӣ ҳаҷми фондҳои мукофотпулӣ ба зиёд шудани фӯруши махсулоти нав ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсолоти умумӣ

вобаста аст. Инчунин тамоили фардикунонии музди кор дар асоси баҳодиҳии хизматҳои мушаххаси корманд мушоҳида карда мешавад. Механизми фардикунонӣ, фарқияти шароити меҳнати корманд ва баҳодиҳии меҳнатии ӯро бевосита дар раванди фаъолияти меҳнатӣ дар бар мегирад. Дар аксари кишварҳои пешрафта моделҳои мотиватсия ва ҳавасмандгардонии кормандон дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд, ки ба шароити бозори худ нигаронида шудаанд ва хусусияти миллию фарҳангии аҳолиро ба инобат мегиранд[9].

Таҷрибаи кишварҳое, ки мо онҳоро баррасӣ намудем, бешубҳа ИМА дар идоракунии кадрҳо ва ҳавасмандгардонии онҳо пешсаф дониста мешавад. Сифати хидматрасонии кормандон дар ширкатҳои сайёҳии ИМА беҳтарин ба ҳисоб рафта, дар ҷаҳон яке аз мавқеҳои аввалро ишғол менамояд. Аксари ширкатҳои бузурги сайёҳии ИМА стандартҳои идоракунии худро барои ширкатҳои сайёҳии тамоми кишварҳои ҷаҳон татбиқ мекунанд.

Дар ИМА ҳамасола тақрибан 150 курси кӯтоҳмуддат дар мактабҳои тиҷоратӣ ва донишгоҳҳо ташкил карда мешавад, ки дар як сол то 10 000 нафарро таълим медиҳанд, онҳо асосан барои ду ё се ҳафтаи таҳсил пешбинӣ карда мешаванд, гарчанде баъзан вақт то ду сол давом меёбад. Хароҷот аз ҷониби ширкатҳо пардохта мешавад ва тақрибан дар як сол аз 10 то 16 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Барои роҳбарон ва менеҷероне, ки рӯзона имконияти таҳсил намуданро надоранд, барои онҳо курсҳои шабона ташкил карда шудаанд. Тамоми хароҷотҳо аз ҷониби ширкатҳо пардохт карда мешаванд ва ин курсҳо асосан ба тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи болоӣ ва миёна нигаронида шудааст.

Ассотсиатсияи менеҷерони амрикоӣ ҳар сол зиёда аз 2000 семинару курсҳои бозомӯзии кадрҳо мегузаронад, ки дар онҳо то 100000 менеҷерони поёнӣ ва миёна таълим мегиранд [7].

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки яке аз роҳои самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ ин дар ҳавасмандии онҳо дида мешавад. Гарчанде, ки ширкати сайёҳӣ бо беҳтарин технологияи навтарин ва шароитҳои мусоид вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар ҳолати надоштани беҳтарин мутахассиси баландихтисос ба фаъолияти баланд ноил шудан ғайриимкон аст. Маҳз мутахассисон ҳастанд, ки корҳоро иҷро намуда, фикрҳоро пешниҳод мекунанд ва ба мавҷудияти ширкат ва имиҷи он имкон медиҳанд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт омилҳои асосии рақобатпазирии ширкатҳои ҷаҳонии сайёҳӣ, ин дар доштани кормандони ботаҷриба, забондон ва мутахассис дар бахши сайёҳӣ дониста мешавад. Мувофиқ ба ақидаи иқтисоддон Егоршин А.П. кормандони ширкатҳо ягона муҳаррикеанд, ки рушд ва инкишофёбии ширкатҳои сайёҳиро пеш мебаранд. Бинобар ин, дараҷаи ҳавасмандӣ, сохторҳои ташкилӣ ва муҳайёсозии шароитҳои хуби кории онҳо дар ширкатҳо бояд хуб роҳандозӣ карда шаванд [8].

Чуноне, ки устод Ғаниев Т.Б. қайд намуданд, агар мо танҳо ба системаи таъсиркунандаи инноватсионии соҳаҳои тиҷорати байналмилалӣ назар афканем, он ҳамчун «система дар система» аз чунин пайвастагиҳову равишҳо иборат мебошад:

- системаи сиёсиву ҳуқуқии таъсиррасонӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ, системаи захиравии таъминкунандаи моделҳои тиҷорати байналмилалӣ;
- системаи ТТИИЭ ҷаҳонӣ;
- системаи нақлиёту боркашонии байналмилалӣ;
- системаи молиявию сармоягузории байалмилалӣ;
- системаи истеҳсоливу хизматсронии соҳибкорӣ ва дигар системаҳои хурду миёнае, ки менеҷменти байналмилалӣ идоракунии тамоми фаъолиятҳои касбиву ҳунарии ширкатҳоро дар ин системаи бузурги ҷаҳонӣ бояд роҳбарӣ намояд [5].

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ширкатҳои сайёҳӣ бештар он системаеро интихоб карда истоданд, ки ҳамаи намудҳои хизматрасониҳоро худашон анҷом медиҳанд.

Агар мо ба системаи навини хизматрасонии соҳибкории байналмилалӣ назар афканем, мувофиқи гурӯҳбандии комиссияи омории ширкати байналмилалии СММ ба зиёда аз 160 намуди хизматрасониҳои байналмилалии хос гурӯҳбандӣ ва раддабандӣ карда мешавад, ки асосан аз қимсатҳои зерин иборат мебошанд:

- Хизматрасониҳои коргузориҳои касбиву ҳунарӣ зиёда аз 46 намуд;
- Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва боркашонӣ зиёда аз 33 намуд;
- Хизматарсониҳои молиявию сармоягузорӣ зиёда аз 17 намуд;
- Хизматрасониҳои алоқа ва сохтмону муҳандисӣ зиёда аз 10 намуд;
- Хизматрасониҳои маориф ва ташкили варзишу фарҳанг зиёда аз 10 намуд;
- Хизматрасониҳои муҳофизати солимии аҳолӣ, муҳити атроф, иҷтимоиёт ва сайёҳӣ зиёда аз 15 намуд;
- дигар хизматрасониҳои байналмилалие, ки ҳар замон ташаккул ёфта, дигаргун шуда меистанд[5].

Вобаста аз он, ки ҳар як намуди хизматрасониҳои дар боло овардашуда бевосита талаботи худи истеъмолкунандаи имрӯзаи бозори байналмилалӣ мебошад ва ин истеъмолкунанда худаш низ дар ҳолати рушдёбандагиву пешравию тағйирёбандагӣ қарор дорад. Пас ин талаботи хизматрасониҳои байналмилалӣ низ пайваста дар ҳолати инноватсиониву навшавӣ ва тағйирёбандагиҳои баланди ҷаҳонӣ қарор дошта, аз идоракунии байналмилалӣ ҳатман хизматрасониҳои навини роҳбариро ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун талаб дорад. Яъне, дигар дар шакли карахтшудаву кӯҳнашудаи маъмурӣ идора кардани соҳибкориҳои байналмилалии хизматрасонӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ин равиши инноватсионии соҳибкориҳои байналмилалӣ муносибатҳои олии рафтории роҳбарии байни истеҳсолкунандаву истеъмолкунанда қарор дорад. Ҳамаи хоҳишҳову дархости завқи баланди дили истеъмолкунанда ва қабули бечуну чарои хизматрасонӣ, иҷрои сари вақтии талаботи истеъмолкунанда бояд таъмин карда шаванд.

Маълум мегардад, ки имрӯз истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ муайян мекунад, ки феълан ба ӯ чӣ лозим аст ва кай, дар кадом шаклу намуди хизматрасонӣ. Иҷрокунандаи ин намуди хизматрасонӣ бошад аз тарафи худ маҳдудияти аниқу дақиқи марзии хизматҳоро гузошта, фаъолиятро роҳбарӣ менамояд ва онро ҳатман бо истеъмолкунандаи худ мувофиқа карда, созишнома ва шартнома мебандад.

Ин тағйирёбандагиҳо агар аз як тараф рушди инноватсионии соҳибкориву рақобатпазирӣ бошад, аз тарафи дигар роҳҳои навини кашфиётиву эҷодии истеҳсолкунанда бо мақсади таъмини талаботи баланди истеъмолкунанда ва гирифтани фоидаи зиёд аз ҳар як фаъолияти алоҳида мебошад. Яъне ҳарду тараф ҳам пайваста талаботи худро нисбат ба рушди инноватсионӣ дигаргун карда, дар мувозинати якдигарӣ фаъолияти рушдёбандагиву рақобатпазирии худро дар бозори байналмилалии сайёҳӣ нигоҳ медоранд.

## АДАБИЁТ


1. Аширов Д.А. Управление персоналом: учебное пособие / Д.А. Аширов. - М.: МЭСИ, 2013. -303 с.
2. Базаров Т.Ю. Управление персоналом: учебник / Т.Ю. Базаров, Б.Л. Ерёмин. - М.: МЭСИ, 2011. -140 с.
3. Валова О.С., Софьина В.Н., Галченко С. Международный опыт мотивации персонала // Современное образование: содержание, технологии, качество. 2019. Т. 1. С. 605-607.
4. Виханский О.С., Наумов А.И. Менеджмент: Учебник. - М.: Высшая школа, 2014. -205 с.
5. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – Қ.12. 450с.
6. Димчевска К., Шумбор В.В. Сравнительный анализ особенностей кадрового менеджмента в Германии и Швейцарии // Вопросы управления и экономики: современное

состояние актуальных проблем. Сборник статей по материалам XLII международной научно-практической конференции. М.: ООО «Интернаука», 2020. С. 34-41.
7. Дуракова И.Б. Управление персоналом: Отбор и найм. Исследование зарубежного опыта / И.Б. Дуракова. - М.: Центр, 2014. -208 с.
8. Егоршин А.П. Управление персоналом / А.П. Егоршин. - Н. Новгород: НИМБ, 2014. - 301с.
9. Николаева И.И. Зарубежный опыт мотивации персонала // Human progress. 2018. Том 4. № 7. URL: http://progress-human.com/images/2018/Tom4_7/Nikolayeva.pdf.
10. Самые посещаемые туристами страны в мире 2023: на каком месте в рейтинге Россия? https://redfox-club.ru/pro-puteshestviya/populyarnye-strany.html
11. Томилов В.В. Культура предпринимательства. - СПб: Питер, 2011. -93с.
12. Тюрина К.А. Сравнительный анализ российского и зарубежных подходов к мотивации труда // Вектор экономики. 2020. № 4 (46). С. 88.
13. Чудновский А. Д. Менеджмент в туризме и гостиничном хозяйстве: Учебное пособие - М.: КНОРУС, 2011. - 500 с.

**УДК 330. 338.362.1.4**

**Юнусова М.М.**

## БА НАҚШАГИРӢ ВА УСУЛҲОИ ДУРНАМОИ РАВАНДИ МАКРОИҚТИСОДӢ

Мақола доир ба мавқеи банақшагирӣ ва дурнамои макроиқтисодӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими фаъолияти амалии одамон ва соҳаи донишҳои илмӣ аз нигоҳи муаллиф дида баромада шуда, дар он пайваста бо ҳам муққарароти назариявии ҷой доштаи назарияи пешгӯи, метотодологияи дурнамо ва инчунин натиҷаи таҳқиқоти равияҳои муосир дар ин самт оварда шудаанд. Таҳқиқотчиён оид ба масъалаҳое, ки ба раванди макроиқтисодӣ, аз ҷумла ба нақшагирӣ ва танзими самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ба дастгоҳи васеъи истилоҳот такя менамоянд. Ҳарчанд мафҳумҳои иқтисодӣ зиёд буда, баъзан моҳиятан як ҷараёнро ифода намоянд ҳам, вале ҳамон як мафҳум барои ифодаи ҳолатҳои гуногуни иқтисодӣ истифода карда мешаванд. Аз ин ҷо дар баёни ҳодисаҳои иқтисодӣ дар ҷомеъаи илмӣ оид ба мафҳумҳо ягонагӣ ҷой надорад. Вобаста ба ин дар мақола оид ба усулҳои таҳқиқотии ба нақшагирӣ ва дурнамоӣ макроиқтисодӣ маънидод, хусусият ва марҳалаи коркарди онҳо дар зери таъсири воқеиятҳои муосир дида баромада шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** банақшагирӣ, дурнамо, мафҳум, самти фаъолият, пешомад, донишҳои иқтисодӣ, хусусият, пешгӯи, усул, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, барнома, натиҷа, ҷараён.

**Юнусова М.М.**

## ПЛАНИРОВАНИЕ И МЕТОДЫ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ В МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ

С воззрение автора в статье рассматривается роль планирование и макроэкономическое прогнозирование как один из важнейших направлении практической деятельности и отрасль научных познании людей и последовательно изложены теоретические положения теории предвидения, методологии прогнозирования, приведены результаты современных исследований в данной области. Исследователи опираются на широком экономическом понятие и категории при изучение макроэкономических процессов и планирование регулирования социально-экономических направлении. В этом процессе

одни и те же экономические категории иногда отражают различные экономические явлении. Отсюда в научном сообществе не существует единое мнение об экономических категориях и понятиях. В зависимости от этого в статье приводится научные методы исследование планирование и макроэкономическое прогнозирование как их значения, особенности и этапы их разработки в процессе их осуществление под воздействие реальных современных явлениях.

**Ключевые слова:** Планирование, прогнозирование, понятия, направления деятельности, прогноз, экономические знания, особенности, метод, социально-экономического развития, программа, результат, процесс.

**Yunusova M.M.**

## PLANNING AND FORECASTING METHODS IN THE MACROECONOMIC PROCESS

From the author's point of view, the article examines the role of planning and macroeconomic forecasting as one of the most important areas of practical activity and a branch of scientific knowledge of people and the theoretical provisions of the theory of foresight,

**Key words:** Planning, forecasting, concepts, areas of activity, forecast, economic knowledge, features, method, socio-economic development, program, result, process.

Возеҳ аст, ки мавқеи ба нақшагирӣ ва дурнамо (пешгӯиҳои дарозмуддат) дар шароити муосири иқтисодӣ ҳам дар сатҳи микро, минтақаю давлат бузург аст. Ҳангоми дида баромадани масъалаҳое, ки бо ҷараёнҳои ба нақшагирӣ ва танзими самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманданд, олимон ва таҳқиқотчиён ба дастгоҳи васеи истилоҳот такя мекунанд. Мафҳумҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Вале дар ҷомеаи илмӣ дар муайян намудани мафҳумҳо, яъне истилоҳоти ягонагӣ нест.

Бисёр мафҳумҳо баъзан моҳиятан як ҷараёнро ифода менамоянд, вале ҳамон як мафҳум барои ифодаи ҳолатҳои гуногун истифода карда мешаванд. Қисман ин ба истифода ва тарҷумаи истилоҳҳои англисӣ ва русӣ вобастаанд (асосан дар самти намо). Мафҳумҳои асосӣ мувофиқан нақша ва ба нақшагирӣ, оянданамо (пешнамо, пешбинӣ, дурбинӣ), дурнамо ва ҳ. Зери мафҳуми пешнамо(пешбинӣ) низоми илман асоснокшудаи тассавурот оид ба вазъияти имконпазир ва самти тағйироти интихобии баъзе объктҳоро дар оянда мефаҳманд. Дурнамо бошад ҷараёни коркарди пешнаморо дорад. Нақша - ин низоми нишондиҳандаҳои ҳадафноки фаъолияти объект, низоми (масалан, иқтисодӣ) мушаххасро бо нишон додани давра ва воситаҳои ба вай расидан, тақсимоти захираҳо, натиҷаҳои пешбинишуда ва роҳҳои истифодаи онро дорад.

Банақшагирии ва дурнамои макроиқтисодӣ - ин як самти фаъолияти амалии одамон ва инчунин соҳаи донишҳои илмӣ мебошанд. Омӯзиши нақша - ин илмест оид ба нақшагирӣ, соҳаи таҳқиқот ва фаъолияти амалии одамон аст, ки ба тавлидоти донишҳои нав дар самти тартиб додан, амалӣ намудан ва санҷиши иҷроиши нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳо равона карда шудааст. Банақшагирӣ – фаъолияти фикрӣ, яъне равонӣ ва иҷтимоии одамон буда, аз қабули қарорҳо нисбати оянда нигаронида шуда, ба омодагии мунтаззам оид ба таъминоти ҳадафноки он, яъне стратегияи миллӣ, барномаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ дар давраҳои кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат ва ғ.ҳ. равона карда шудааст. Ба нақшагирӣ – ин фаъолияти мақсадноки давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ

оид ба муайян намудани пешомади инкишофи иқтисодию иҷтимоии кишвар, минтақаҳо, соҳаҳо, коргоҳҳои ҳама намуди моликият мебошад. Ба нақшагирӣ модели муосири нақшаи кории фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити бозор аст.

Дурнамо (пешнамо, пешбинӣ) – таҳқиқоти илмии махсусси пешомади мушаххаси инкишофи ягон зуҳурот мебошад. Дар донишҳои иқтисодӣ дурнамо – низоми таҳқиқоти илмии хусусияти миқдорию сифатӣ доштаест, ки барои маълум намудани тамоюли инкишофи иқтисоди миллӣ ва ё қисмҳои он (соҳаҳо, минтақаҳо, коргоҳҳо ва ғ.ҳ.) ва ҷустуҷӯи роҳҳои мусоиди ба ин мақсад расидан аст. Дурнамо бо нақшагирӣ зич алоқаманд буда, заминаи ниҳоят муҳими ҳисобкуниҳои нақшавӣ мебошад. Дурнамо дар марҳалаи пешакии коркарди қарорҳои микёсан калони хоҷагидорӣ истифода бурда мешавад. Пешгӯи – ин маҷмӯи мулоҳизаҳои асосноккардашуда нисбати параметрҳои ояндаи низоми иқтисодист, ки дар шакли сифатӣ ва миқдорӣ ифода шудааст.

Хусусиятҳои пешгӯи: 1) хусусиятҳои эҳтимолӣ ва иттиллоотӣ;

2) нишондиҳандаҳои ҳатмиро надорад:

3) суроғавӣ нест;

4) қабули қарорҳои ҳатмӣ, амал ва ё ҷавобгариро барои иҷроиши он пешниҳод наменамояд.

Хусусияти нақша: 1) шароити мушаххаси пешакӣ муайяншударо иникос менамояд;

2) хусусияти вазифавӣ дорад;

3) пеш аз он асоснокунии ҳадафҳо, ҷудо намудани захираҳо, коркарди меъёрҳои натиҷавӣ, меъёрҳои аниқ меистанд;

4) хусусияти маънавӣ ва ё тавсиявӣ надошта, фармонӣ аст;

5) он чӣ ки ба нақша гирифта шудааст, бояд ҳатман иҷро карда шаванд;

6) барои иҷро накардани нақша ҷавобгарӣ ба шахсони мушаххас гузошта мешавад [6. С.27-28].

Баъзе намудҳои пешгӯи:

- ешгӯии ҷустуҷӯӣ – дар шароити набудани таъсири давлат ба инкишофи иқтисодӣ ва ё соҳаҳои алоҳидаи вай чӣ гуна шуда метавонад. Пешгӯиҳои ҷустуҷӯӣ қодир аст он соҳаҳое иқтисоде, ки дар навбати аввал дахолат ва танзими давлатиро талаб менамоянд, ошкор созад.
- ешгӯии мақсаднок – барои муайян намудани ҳадафҳои иқтисодии давлат ва имкониятҳои таъмини захиравии онҳо ёрӣ мерасонад.

Субъектҳои банақшагирӣ ва дурнамои макроиқтисодӣ метавонад вазоратҳо ва шӯбаҳои минтақавӣ, ки ба кор карда баромадани стратегияҳои иқтисодӣ, консепсия ва пешгӯиҳои инкишофи стратегии иқтисоди миллӣ, минтақаҳо ва соҳаҳо масъуланд, мебошанд.

Ҷараёни коркарди нақшаро (бо фарогирии коркарди низоми нишондиҳандаҳо ва маҷмӯи чорабиниҳо оид ба даст овардани арзишҳои мақсадноки онҳо, инчунин дигар ҳадафҳои банақшагирӣ) банақшагирӣ меноманд. Мафҳуми нақша ва пешнамо бо ҳам зич алоқаманд буда, бо "фарзия" (гипотеза) пешбинии илмиро ба вуҷуд меоваранд. Ҳоло мо кушиш менамоем марҳалаҳои пайдарҳамии пешбиниҳои илмӣ ва татбиқи амалии онҳоро дида бароем.

Марҳалаи аввал ва ё пешбинии илмӣ ин гузориши мақсад ва ё ҳадаф мебошад. Дар ин марҳала ба шаклдароии ҳадафҳои рушди миллӣ ва асосноккунии афзалиятҳо бо ҳисоби шароитҳои дохилӣ ва берунӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ ва вазъи давраҳои иқтисодӣ ва тамюлҳои ҷаҳонӣ интихоби мутахассисон барои коркарди пешнамои мувофиқ ва нақшаҳои стратегӣ ба ҷо оварда мешавад. Вобаста аз ҳадафҳои гузошташуда ва вазифа, хусусияти объект ва сатҳи дурнамо мутахасисон усулҳои онро муаяйн менамоянд. Баъд аз ин ҷамъоварии иттиллоот ва таҳлили маълумотҳо (моделсозӣ) амалӣ карда мешавад. Пеш аз моделсозӣ фарзияҳо, яъне тахминҳо оид ба инкишофи ҷараёни таҳлилшаванда/объект, ҳолати "заминаҳои пешгӯишаванда" бо такя ба интуитсия ва таркиби назариявӣ пешниҳод карда мешаванд.

Марҳилаи оянда дурнамо мебошад. Дар ҷараёни он вазъияти имконпазири объект/низом, ки аз эҳтиёҷоти банақшагирӣ муайян карда шудаанд, ифода мегарданд. Дар навбати худ, банақшагирӣ чун ҷараёни коркарди нақша (Стратегия, Барнома, Консепсияи рушди минтақаҳо, кишвар дар умум) ба натиҷаи дурнамо такя мекунад. Пас аз он марҳалаи амалӣ намудани нақша ва пайгирии он оғоз мегардад, ки дар асоси он ҳадаф ва механизми ба даст овардани он таҳрир шуда метавонанд. Вобаста ба зарурият, ҷараён таҳрир ёфта, ҷамъоварии иттиолооти иловагӣ, таҳрири моделҳо ва пешнамо ва ғ.ҳ. ба вуҷуд меояд.

Коркарди пешбинӣ ва нақша мувофиқан дурнамо ва банақшагирӣ ном дорад. Шакли пешгӯии илмӣ раванди давра ба давраи омӯзиши вазъиояндаи объектро тавсиф менамояд. Ин ҷараён аз гипотезаи умумӣ оғоз ёфта ва коркарди усулҳои зиёди таъсиррасонӣ ба объект барои расидан ба ҳолати банақшагирифташуда мебошад. Пешгӯи дар ин маврид мавқеи муҳими пайвасткунандаи марҳалаҳои байни гузориши гипотеза ва банақшагириро иҷро мекунад.

Пешгӯи ва нақша ҳамдигарро пурра намуда. метавонанд бо шаклҳои гуногун омезиш ёбанд. Чун қоида дурнамо барои сохтани нақша замина мебошад. Вале баъд аз қабули қарори нақша дурнамои минбаъдаи оқибатҳои он ба ҷо оварда мешавад. Ба ғайр аз ин пешбинӣ метавонад вазифаи нақшаро дар сатҳҳои муайян (давлат, минтақа), ҳангоми имконнопазирии муайян намудани нишондиҳандаҳо иҷро намояд. Фарқияти байни банақшагирӣ ва дурнамо дар он аст, ки ҳангоми раванди дурнамо муқарраротии асосҳои назариявӣ барои қабули қарорҳои оянда офарида мешаванд. Ба чунин муқаррарот таҳлили тамоюлоти дар иқтисод вуҷуддошта бо ҳисоби ҳадафҳои дар пешистода ва эҳтимолияти қарори оқибатҳои он дохил мешаванд. Банақшагирӣ барои ба шаклдарории қарорҳо ва амалӣ намудани онҳо нигаронида мешавад. Дурнамои иқтисодӣ бо ҳамбастагии канданашаванда бо дурнамои рушди иҷтимоӣ, демографӣ, захиравӣ, техникӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо ба ҷо оварда мешаванд. Дурнамо бояд пешомади инкишофи объектро дар муҳлати наздик ва дарозмуддат муайян намуда, барои коркарди нақшаҳои дуруст, ки оқибатҳои дурнаморо ба эътибор мегиранд, фарогиранда бошад[5.с.11-12].

